*ISSN 2663-5534*

# ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР
ба номи НОСИРИ ХУСРАВ
(маҷаллаи илмӣ)
СИЛСИЛАИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ ВА ИҚТИСОДӢ

# ВЕСТНИК

БОХТАРСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА
имени НОСИРА ХУСРАВА
(научный журнал)
СЕРИЯ ГУМАНИТАРНЫХ И ЭКОНОМИЧЕСКИХ НАУК

# BULLETIN

OF BOKHTAR STATE UNIVERSITY
named after NOSIRI KHUSRAV
(scientific journal)
SERIES OF ECONOMIC SCIENCES AND THE HUMANITIES

**1/2 (86)**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР
ба номи НОСИРИ ХУСРАВ
МАРКАЗИ ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА

---

БОХТАРСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
имени НОСИРА ХУСРАВА
ЦЕНТР ПЕРИОДИКИ, ПУБЛИКАЦИИ И ПЕРЕВОДА

---

BOKHTAR STATE UNIVERSITY
named after NOSIRI KHUSRAV
CENTER OF PERIODICALS, PUBLISHING AND TRANSLATION

**БОХТАР – 2021**

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ

Муассиси маҷалла:
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Маҷалла соли 2008 таъсис ёфта, солҳои 2013 ва 2018 тағйири ном кардааст.
Дар як сол 4 шумора нашр мегардад

**САРМУҲАРРИР:**

Давлатзода Сайфиддин Хайриддин — узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои биологӣ, профессор, ректори МДТ«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

Абдурахимзода Қудратулло Саидович — доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

Тағоймуродов Рустам Ҳакимович — доктори илмҳои филологӣ, дотсент.

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**

Болтаев Малик Аҷикович — номзади илмҳои химия, дотсент

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***13.00.00 – Илмҳои педагогӣ***

Лутфуллоев Маҳмадулло Лутфуллоевич — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики АТТ.

Шукуров Тағойбобо Абдуалимович — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви вобастаи АТТ

Шарифов Ҷума Шарифович — доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

Сатторов Абдурасул Эшбекович — доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

Шодиён Муҳаммад Султонзода — доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

Холназаров Санг — доктори илмҳои педагогӣ, профессор.

***10.01.00 – Адабиётшиносӣ***

Икромов Искандар Икромович — доктори илмҳои филологӣ, профессор.

Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм — доктори илмҳои филологӣ, профессор.

Низомӣ Мухриддин Зайниддинзода, — доктори илмҳои филологӣ, профессор.

***08.00.00 – Иқтисодиёт***

Садриддинов Насриддин Талбакович — доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Ашӯров Ихтиёр Саидович — доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Исайнов Хисейн Раҳимович — доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

*Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия, аз 20.07.2017, бо номи «Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав» ва аз 28.12.2018 бо номи «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», инчунин Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 04.12.2020, ворид гардидааст.*

*Дар маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филология, педагогика ва иқтисодӣ барои чоп қабул карда мешаванд. Маҷалла мақолаҳои илмии муаллифонро аз рӯи ихтисосҳои зерин ба чоп қабул менамояд:*

***Филология: 10.01.03, 10.02.20***
***Педагогика: 13.00.01, 13.00.02***
***Иқтисодӣ: 08.00.05, 08.00.10, 08.00.12, 08.00.14***

*Маҷалла дар Шохиси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.*
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.bgu-vestniki.tj).*
*Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.*
*Бохтар-2021. №1/2(86)*
*ISSN 2663-5534*
*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №092/МҶ-97, аз 21.01.2019 ба қайд гирифта шудааст.*
*Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДДБ ба номи Носири Хусрав таҳия мегардад. Нишонии Марказ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.*
*Сомонаи маҷалла: www.bgu-vestniki.tj*
*E-mail: payomiddq@mail.ru*
*Тел.: (832 22) 2-44-61.*

ВЕСТНИК БОХТАРСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА
ИМЕНИ НОСИРА ХУСРАВА

Учредитель журнала:
ГОУ «Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава»
Журнал основан в 2008 году и переименован в 2013 и 2018 гг.
Издается 4 раза в год.

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**

Давлатзода Сайфиддин Хайриддин — член-корр. НАНТ, доктор биологических наук, профессор, ректор ГОУ «Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава»

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

Абдурахимзода Кудратулло Саидович — доктор педагогических наук, профессор.

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

Тагоймуродов Рустам Хакимович — доктор филологических наук, дотсент.

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:**

Болтаев Малик Ажикович — кандидат химических наук, доцент

**Члены редколегии:**

***13.00.00 – Педагогические науки***

Лутфуллоев Махмадулло Лутфуллоевич — доктор педагогических наук, профессор, академик АОТ.

Шукуров Тагойбобо Абдуалимович — доктор педагогических наук, профессор, член.-корр. АОТ

Шарифов Джума Шарифович — доктор педагогических наук, профессор.

Сатторов Абдурасул Эшбекович — доктор педагогических наук, профессор.

Шодиён Мухаммад Султонзода — доктор педагогических наук, профессор.

Холназаров Санг — доктор педагоических наук, профессор.

***10.01.00 – Филологические науки***

Икромов Искандар Икромович — доктор филологических наук, профессор.

Саломиён Мухаммаддовуд Каюм — доктор филологических наук, профессор.

Низоми Мухриддин Зайниддинзода, — доктор филологических наук, профессор.

***08.00.00 – Экономические науки***

Садриддинов Насриддин Талбакович — доктор экономических наук, профессор.

Ашуров Ихтиёр Саидович наук, — доктор экономических профессор.

Исайнов Хисейн Рахимович — доктор экономических наук, профессор.

*Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 20.07.2017 г. под названием «Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава» и от 28.12.2018 г. под названием «Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава», а также в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 04.12.2020 г.*

*Журнал принимает научные статьи по следующим отрасям науки и научным специальностям:*

***Филология: 10.01.03, 10.02.10***
***Педагогика: 13.00.01, 13.00.02***
***Экономика: 08.00.05, 08.00.10, 08.00.12, 08.00.14***

*Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).*

*Журнал печатается на таджикском и русском языках.*

*Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.bgu-vestniki.tj).*

*Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Бохтар-2021. №1/2(86)*
*ISSN 2663-5534*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство 092/МҶ-97, от 21.01.2019.*

*Журнал подготовлен к изданию в Издательском центре БГУ имени Носира Хусрава.*

*Адрес Издательского центра:*
*735140, Республика Таджикистан,*
*г. Бохтар, улица Айни, 67.*
*Сайт журнала: www.bgu-vestniki.tj*
*E-mail: payomiddq@mail.ru*
*Тел.: (832 22) 2-44-61.*

BOKHTAR STATE UNIVERSITY NAMED AFTER NOSIRI KHUSRAV

Founder of the journal:
SEI «Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav»
The journal was founded in 2008 and renamed in 2013 and 2018.
Published 4 times a year.

**CHIEF EDITOR:**

Davlatzoda Sayfiddin Khayriddin — member-corres NAST, doctor of biological sciences, professor, rector of SEI «Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav»

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

Abdurahimzoda Qudratullo Said — doctor of pedagogical sciences, professor.

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

Tagoymurodov Rustam Hakimovich — doctor of philology sciences, associate professor

**EXECUTIVE SECRETARY:**

Boltaev Malik Ajikovich — candidate of chemical sciences, associate professor.

**Members of the Editorial Board:**

***13.00.00 – Pedagogical sciences***

Lutfulloev Mahmadullo Lutfulloevich — doctor of pedagogical sciences, professor, academician AET

Shukurov Tagoybobo Abdualimovich — doctor of pedagogical sciences, professor, member-corres. AET

Sharifov Juma Sharifovich — doctor of pedagogical sciences, professor.

Sattorov Abdurasul Eshbekovich — doctor of pedagogical sciences, professor.

Shodiyon Muhammad Sultonzoda — doctor of pedagogical sciences, professor.

Kholnazarov Sang — doctor of pedagogical sciences, professor.

***10.01.00 – Philology sciences***

Ikromov Iskandar Ikromovich — doctor of philology sciences, professor.

Salomiyon Muhammaddovud Qaym — doctor of philology sciences, professor.

Nizomi Muhriddin Zayniddinzoda — doctor of philology sciences, professor.

***08.00.00 – Economic sciences***

Sadriddinov Nasriddin Talbakovich — doctor of economic sciences, professor.

Ashurov Ikhtiyor Saidovich — doctor of economic sciences, professor.

Isainov Hisain Rahimovich — doctor of economic sciences, professor.

*The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation dated July 20, 2017 under the title «Bulletin of Kurgan-Tube State University named after Nosiri Khusrav» and dated December 28, 2018 under the title «Bulletin of Bokhtar state university named after Nosiri Khusrav», as well as in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan dated 04.12.*
*The journal accepts scientific articles in the following branches of science and scientific specialties:*

***Philology: 10.01.03, 10.02.20***
***Pedagogy: 13.00.01, 13.00.02***
***Economy: 08.00.05, 08.00.10, 08.00.12, 08.00.14***

*The journal is included in the database of the Russian Science Citation Index (RSCI).*
*The journal is published in Tajik and Russian.*
*Full-text versions of published materials are available on the journal's official website (www.bgu-vestniki.tj).*
*Bulletin of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.*
*Bokhtar-2021. №1/2(86)*
*ISSN 2663-5534*
*The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.*
*Certificate №092/MJ-97, dated 21.01.2019.*
*The journal is being prepared for publication Center of the BSU named after Nosiri Khusrav.*
*Publishing Center Address:*
*735140, Republic of Tajikistan,*
*Bokhtar city, Aini street, 67.*
*Journal website: www.bgu-vestniki.tj*
*E-mail: payomiddq@mail.ru*
*Phone: (832 22) 2-44-61.*

# БОБО АФЗАЛИ КОШОНӢ ВА ВАЗЪИ ИЛМИЮ АДАБИИ ЗАМОНУ ЗОДГОҲИ Ӯ

Тағоймуродов Р.Ҳ., Маҳмадалиева М.Р.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Афзалуддини Кошонӣ, мутахаллис ва маъруф ба Бобо Афзал, орифи шоир, ҳаким ва мутафаккири асри XII-XIII мебошад, ки сухани нарму дилнишин ва мондагораш нукоту наҷвои орифонаро аз инҳисори хонақоҳу мадраса ба паҳнои шеъру адаби ҷаҳонгири форсӣ-тоҷикӣ кашидааст. Зодгоҳи Бобо Афзал – Марақ яке аз мавзеи кӯҳистонӣ ва зебоманзари минтақаи Кошон мебошад, ки айни замон оромгоҳи шоир дар ин макон ҷой гирифтааст. Шоистаи зикр аст, ки марқади Бобо Афзал ва бинои таърихии он аз тарафи Созмони миллии Ҳифозати осори бостонии Эрон, ба шумораи №373, сабт шуда [21, с. 55], яке аз мавзеъҳои туризм ва сайёҳии Кошон ба шумор меравад.

Кошон аз ҷумлаи шаҳрҳои бостонии машрқзамин аст, ки бо таърихи куҳан, мавқеи ҷуғрофӣ, иқлими хос ва мавзеъҳои дилфиреби сайёҳии худ овоза дошта, дар масири таърих адибону донишмандони зиёдеро, ба монанди Афзалуддини Кошонӣ, Абдурраззоқи Кошонӣ, Ғиёсуддин Ҷамшеди Кошонӣ, Калими Кошонӣ, Файзи Кошонӣ, Суҳайли Кошонӣ, Камолуддин Муҳташами Кошонӣ, Сапедаи Кошонӣ ва дигарон дар домони худ парвардааст.

Ба гуфтаи муаррихон, аз ҷумла Ҳомид Қироатӣ, «ин шаҳр бо пешинаи таърихӣ ва иҷтимоии ҳафтҳазорсола маҳди куҳантарин тамаддуни башарӣ дониста мешавад» [15, с. 43].

Дар ваҷҳи тасмияи Кошон назарҳои мухталифе вуҷуд доранд. Ба таъбире он аз калимаи «кайошён» ба маънои «ҷойгоҳи подшоҳон» ва ё номи қавми «косӣ» ё «косиён» ба вуҷуд омадааст, ки дар миёнаи ҳазораи дуюми пеш аз мелод дар мағриби флоти Эрон мезистаанд [22, с. 3].

Тибқи ахбори Абдурраҳим Калонтари Зарробӣ номи ин шаҳр дар бештари манобеи куҳани арабӣ ва ҳатто форсӣ «Қосон» омадааст, ки ин вожа шакли муарраби Кошон мебошад [2, с. 6]. Муаррихи мазбур муътақид аст, ки ободии ин шаҳр ба даврони пеш аз мелод мувофиқ омада, дар гузашта номи ин мавзеъ «Чиҳилҳисорон» будааст. Дар оғози даврони исломӣ Чиҳилҳисорон «қалъабандии махсусе надошта, ҳангоме ки Зубайдахотун – манкӯҳаи Ҳорунаррашид халифаи Аббосӣ – аз замини Кошон гузар кард, дар яке аз қалъаҷоти Чиҳилҳисорон манзил намуд ва чун аҳолии ин ҳудуд тоза ба дараҷаи ислом мушарраф шуда буданд, Зубайдахотунро хидмат карда маросими таъзим ва такрим ба тақдим расонданд...» [2, с. 6]. Аз навиштаҳои минбаъдаи Зарробӣ бармеояд, ки Зубайдахотун аз истиқболи гарми аҳолии ин мавзеъ хушнуд гардида, бо илтимоси онҳо ба хотири аз дузду роҳзанҳо эмин доштани ин макон «ҳазор меъморону муҳандисон ва вақф ҳукм фармуда ва бар ҳасби истеъдоду қобилият ҳамин мавзеи заминро таъйин намуда ва фармуд бо осори тӯлу арз ва вазъи ҳар биное коҳ ё гаҷ ё хокистар резанд, бунёди қалъабандии ин баландро коҳ фишонанд, лиҳозо ба Коҳфишон мавсум гашт ва ба касрати истеъмол порсиён Кошон гӯянд» [2, с. 7].

Кошон аз қадимулайём дорои иёлоту деҳаҳои обод ва марказҳои илмиву фарҳангӣ буда, аз боқимондаҳои осори бостонии он маълум мешавад, ки дар ин мавзеъ аз давраҳои қадим макотибу мадраса ва оташкадаву хонақоҳҳо вуҷуд доштааст. Аз ҷумлаи деҳоти калонтарини он Хулдобод, Натанз, Қаҳруд (айни ҳол ин деҳаҳо ҷузъи Исфаҳон аст) [2, с. 8], Абӯзайдобод, Қумсар, Марақ, Исҳоқобод, Қолҳар, Ниёсар, Нӯшобод, Ҳароскон, Нуроқ, Нашалҷӣ дорои таърихи қадима буда, баъзеи онҳо бо мурури замон аз байн рафта, қисмате то ҳол побарҷо мебошанд [2, с. 10-38].

Вайронаҳои бозмондаи оташкадаи Сосонӣ дар Ниёсар [2, с. 89; 468] бар он далолат менамояд, ки аҳолии Кошон ҳанӯз аз аҳди бостон дар ин мавзеъ сукунат доштаанд. Ногуфта намонад, ки бо вуҷуди доштани таърихи қадима, ҷуғрофиё ва арзу тӯли Кошони бостонӣ дар кутуби таърих аниқ нишон дода нашудааст, зеро он то замони Қоҷория истиқлолияти комил надошта, гоҳ ҷузъи Қум ва гоҳ тобеи Исфаҳон будааст [2, с. 404].

Муҳсин Муайянӣ қайд менамояд, ки аз лиҳози гароиши мазҳабӣ шаҳри Қум ва Кошон ҳамчун мавзеъ ва маркази ташайюъ иштиҳор дошта, баръакси Исфаҳон, ки аксари аҳолии он суннимазҳабон будаанд, аз оғози даврони исломӣ сокинони ин ду шаҳрро шииён ташкил медодааст [19, с. 11].

Бар хилофи андешаи муҳаққиқи мазбур, Муҳаммад Машҳадии Нӯшободӣ дар мақолаи «Саҳми орифони Кошон дар пайдоиши мактаби ирфонии Исфаҳон» менависад, ки пешинаи (аз оғози солшумории ҳиҷрӣ) мардуми ин минтақа аксар аҳли тасаннун буда, баъдан, махсусан дар

замони ҳукумати салотини муғул ва Сафавиён, чун соири манотиқи дигар, дар Кошон низ ташайюъ ровоҷи бештар ёфтааст. Ӯ андешаҳои худро бо қавли Ҳамдуллоҳи Муставфӣ – муаллифи «Таърихи гузида», ки сокинони вилоёти (рустоҳои) Кошонро суннимазҳаб мешуморад, тақвият бахшида, таъйид сохтани ин нуктаро дар асоси осор ва катибаҳои бозмондаи мавзеи Нӯшобод ва Чароғон дар китоби худ «Нӯшобод дар ойинаи таърих: осори таърихӣ ва фарҳанг» ишора ва таъкид менамояд [17, с. 42].

Аз таҳлили андешаҳои муҳаққиқони мазбур мантиқан гуфтан мумкин аст, ки дар гузашта миёни сокинони Кошон ихтилофи мазҳабӣ вуҷуд надошта, баъдан вобаста ба вазъи сиёсӣ ва таъсири ҳукуматдорон дар ин мавзеъ ташайюъ нуфузи бештаре пайдо кардааст.

Авзои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва муҳити зиндагии Бобо Афзали Кошонӣ ба гуфтори зиёд ниёз надорад, зеро ба ҳамагон, бахусус аҳли таҳқиқ, маълум аст, ки охири асри XII ва ибтидои асри XIII ба даврони суқути хонадони Салҷуқиёну Хоразмшоҳиён ва ҳуҷуми ваҳшатзову ҳукумати ҷабборонаи муғулҳо дар соири мамлакатҳои форснишин мувофиқ меояд. Муаллифони сарчашмаҳои адабиву таърихии асримиёнагӣ, ба монанди «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд [3], «Таърихи гузида»-и Муставфии Қазвинӣ [4], «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ [7], «Таърихи ҷаҳонкушой»-и Атомалики Ҷувайнӣ [10], «Табақоти Носирӣ»-и Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ [11] ва муаррихону адабпажӯҳоне чун Бобоҷон Ғафуров [13], Холиқ Мирзозода [18, с. 5-11], Сайид Нафисӣ [20], Расул Ҳодизода [25, с. 241-314] ин давронро аз мудҳиштарин адвори таърихи мардуми форс-тоҷик қаламдод кардаанд. Воқеан, дар таърихи мардуми форс-тоҷик шояд пурваҳшаттар аз ҳодисаи истиллои муғул ва зулму тааддии лашкариёну ҳокимонаш дида нашуда бошад, зеро эҳсос мешавад, ки бо гузашти асрҳо таъсири амиқу ҳузнангези он на танҳо дар осори хаттӣ, балки дар зеҳни мардуми таҳҷоӣ низ боқӣ мондааст.

Абдулғанихони Фаррухободӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ замони зиндагии Бобо Афзалро ба аҳди Ҳулокухон ва Оли Хоразм марбут донистааст [6, с. 12]. Ҳулокухон (ваф. 1264, набераи Чингизхон писари Тулӣ) яке аз саркардагони хунхори муғул мебошад, ки дар асри XIII дар қаламрави форсизабонон тохтутозҳои бераҳмона ва ғоратгарона доштааст.

Тибқи ахбори сарчашмаҳо, ҳангоми тохтутози сипоҳиёни Ҳулоку ба шаҳри Кошон Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ба эҳтироми ҳузури Бобо Афзал лашкари Ҳулокуро аз қатлу ғорати ин шаҳр манъ кард [1, 24; 5, 212; 8, 118; 9, 357], вале аз гузориши баъзе манобеъ бармеояд, ки Кошон дар соли 621қ. / 1225 м. бори дуюм мавриди ҳуҷуми муғулҳо қарор гирифт, ки онҳо се рӯз дар он ҷо ба қатлу ғорат машғул буданд. «Кошон ба воситаи муборизаи Султон Ҷалолуддини Хоразмшоҳ то соли 639 қ. / 1242 м., ки дар ин айём сар то сари Ироқи Аҷам дар чанги муғулҳо афтода буд, мавриди тохтутози онҳо (муғулҳо) қарор дошт» [12].

Роҷеъ ба вазъи илмиву адабӣ ва фарҳанги ин минтақа метавон гуфт, ки аз аҳди қадим Кошон чун ҳавзаи илмиву адабӣ ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи салотину донишмандон қарор доштааст. Аз ин ҷост, ки дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ борҳо роҷеъ ба аҳли илму адаби ин мавзеъ сухан рафта, дар васфи зиракиву ҳушмандии онҳо омадааст, ки «дар ҳар улуму фан, ки заҳмат бикашанд, аввалшахс мешаванд» [22, с. 437].

Лутфалибеки Озар дар тазкираи «Оташкада»-и худ ҷиҳати муаррифии бештари аҳли илму адаби ин мавзеъ бахши алоҳидаеро ба унвони «Доиратулмуъмини Кошон» ихтисос дода, таъкид менамояд, ки «уламову урафо ва арбоби камоли бисёр аз он диёри хулдосор бархостаанд» [1, с. 21].

Маликушшуаро Баҳор низ дар шеъри зерини худ ба ин маънӣ ишора намуда, дар тавсифи ин шаҳр мефармояд:

*Бод обод меҳану хиттаи Кошон, ки мудом*
*Маҳди ҳушу хираду санъату доноӣ буд.*
*Ҳар кӣ бархост зи ҳар пеша зи шаҳри Кошон,*
*Дар фанни хештанаш фарти тавоноӣ буд.*
*Лафзи Кошонаву Кошон ба луғатҳои қадим,*
*Маъбаду ҷойгаҳи ҷашну дилосоӣ буд... [16, с. 10].*

Мавҷудияти марказҳои таълиму тадрис дар Кошон бар он далолат менамояд, ки бунёди бунгоҳҳои илмиву адабӣ дар ин шаҳр собиқаи дерина доштааст. Чунончи, Муҳсин Муайянӣ зимни зикри асомӣ ва иштиғоли ашхоси номдору бузургони Кошон, аз ҷумла уламои дину ирфон, файласуфону ҳакимон, риёзидонону адибон, таърихнигорону ҳунармондон, роҷеъ ба фақеҳону муҳаддисон ва донишмандоне чун Алӣ ибни Исои Қосонӣ, Муҳаммад ибни Алии Қосонӣ, Абӯмуҳаммад Абдурраҳмон ибни Ҳасани Қосонӣ (ҳофизи ҳадис ва муҳаддиси нобино) иттилоъ додааст. Муҳаққиқи мазкур дар баробари Бобо Афзал аз чанд уламои ҳамзамони ӯ, аз

ҷумла Қутбуддинии Ровандӣ (вафот 573 қ.) – муаллифи китоби «Минҳоҷ-ул-бароат фӣ шарҳи наҳҷ-ул-балоғат», ки дар фиқҳ ва тафсири «Қуръон»-у ҳадис иштиҳор доштааст [19, с. 13] ва Наҷмуддин Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймони Ровандӣ (вафот 599 қ.) – соҳиби китоби «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур», ки илова бар худи ӯ аҳли хонаводааш низ дар улуми адабӣ, таърих ва хаттотиву ҳанармандӣ маъруф будаанд [19, с. 17], ёд намуда, доир ба орифони машҳури ин минтақа Нуруддин Абдусамад ибни Алии Натанзии Исфаҳонӣ, Камолуддин Абдурраззоқи Кошонӣ (ваф. 736 қ./1336 м.) ва Шайх Иззуддин Маҳмуд ибни Алии Кошонии Натанзӣ ( ваф. 735 қ./1335 м.) маълумот додааст [19, с. 12-14], ки илова бар улуми динӣ ба омӯзиши фалсафа ва шеъру адаб низ рағбат дошта, аз Камолуддин Абдулраззоқи Кошонӣ ва Шайх Иззуддин Маҳмуд ашъоре ба забони форсӣ низ боқӣ мондааст.

Дар иртибот ба ин масъала дар қатори донишмандони фавқуззикри кошонӣ метавон аз фаъолияти файласуфон ва орифони машҳури ин давра ба монанди Шайх Шаҳобуддин Яҳёи Суҳравардӣ (мақтул 587 қ. / 1194 м.), Ибни Рушд (вафот 595 қ./1199), Аттори Нишопурӣ (1144-1222), Ибни Арабӣ (1165-1240) ва дигарон ёд намуд, ки қавлу андешаи онҳо на танҳо дар соири мамолики мусулмонӣ, балки хориҷ аз он низ интишор ёфта, таъсири афкору эҷодиёти онҳо дар зеҳни донишмандони асрҳои мавриди назар, аз ҷумла Бобо Афзал, зиёд ба назар мерасад.

Гуфтаҳои фавқ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар асрҳои XII-XIII дар Кошон донишмандони зиёди таҳҷоӣ дар риштаҳои мухталифи илм машғули таълиму тадрис буда, дар ин ҷо шароит ва имконияти хуби таҳсил муҳайё будааст. Аҳли илму адаби Кошон бо уламову удабои гирду атроф, аз ҷумла шаҳрҳои Қуму Исфаҳон, дар робитаи наздик буда, дар макотибу мадориси он баргузор шудани маҳфилҳои илмӣ ва шеъру адаб ба ҳукми анъана даромада будаанд.

Илова бар ин, иқлими хос ва табиати кӯҳистонии деҳоти Кошон бар он боис гардидааст, ки дар ин ҷо бештар хонақоҳҳо бунёд ёфта, барои ҷалби уламову урафо ва ривоҷи дониши ақливу нақлӣ дар ин мавзеъ мусоидат намояд. Аз ҷумлаи машҳуртарин хонақоҳҳои ин шаҳр дар замони Бобо Афзал (асрҳои XII–XIII) хонақоҳи Ибни Ҳанифаи Кошонӣ мебошад, ки тибқи гуфтаи Ҳасан Нуроқӣ онро Сайидулвузаро Абулқосим Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ҳанифаи Кошонӣ («Таърихи Яминӣ» дар соли 602 қ. 1206 м. ба номи ӯ тарҷума шудааст), бино ниҳодааст. Хонақоҳи мазкур дорои маҷмааи васеи шомили китобхона, дорушшифо ва пизишку дорухона ҳам будааст [22, с. 91].

Аз баррасиҳои Муҳаммад Машҳадии Нӯшободӣ маълум мегардад, ки дар асрҳои минбаъда низ дар Кошон хонақоҳҳое ба монанди хонақоҳи Шамсуддин Муҳаммад – писари Хоҷа Рашидуддин, хонақоҳи Зайнуддини Мостарӣ аз муосирони орифи машҳур Абдурраззоқи Кошонӣ (вафот 736 қ.), хонақоҳи Имодуддин Шарвонӣ (Имодӣ) аз вузарои Ҷаҳоншоҳ Қароқӯюнлу бунёд гардидаанд, ки дорои маҷмааҳо, аз ҷумла масҷиду мадрасаҳо ва корвонсарову дорушшифо будаанд [17, с. 43-44].

Ҳамчунинин, хонақоҳи Сайидрукниддини Яздӣ низ маъмул будааст, ки онро Сайидрукниддин Муҳаммади Яздӣ (вафот 736 қ./1336 м.) - вазири Султон Абӯсайиди Элхонӣ бунёд намудааст. Ин хонақоҳ дар назди худ работе низ дошта, дар бозори мисгарҳо наздики масҷиди Имодии Кошонӣ бино карда шудааст, ки осору вайронаҳои он то замони мо мавҷуд буда, айни ҳол маҳалли он кӯчаи «Работ» ном дорад [17, с. 91-92].

Дар ин ҷо ногузир медонем, ки роҷеъ ба вазъи улуми ҳикмату фалсафа дар замони Бобо Афзал чанд сухан гуфта бошем, зеро дар ахбори сарчашмаҳо ва маълумоти аксари муҳаққиқин аз ӯ ба ҳайси файласуфи мубтакир, ҳаким ва орифи озода сухан ба миён омадааст.

Замони зиндагии Бобо Афзал ба давроне мувофиқ меояд, ки омӯзиши улуми мантиқу фалсафа рӯ ба таназзул оварда, вобаста ба талаботи замон таълими ирфону тасаввуф дар мактабу мадрасаҳо роиҷ гардида буд. Ба қавли Сайид Мустафо Шаҳройинӣ, «садаи шашумро дар таърихи фалсафаи исломии эронӣ метавон нуқтаи отифӣ ба шумор овард. Дар ин сада фалсафа бо қароияти машоии он, ки дар осори Форобӣ ва бавижа Ибни Сино сохта ва пардохта шуда буд, дар мувоҷаҳа бо интиқодоти шадиди Ғаззолӣ дучори рукуд шуд ва рафта-рафта замзамаи тафаккуроти фалсафии тозае дар қолабҳои ғайр аз низоми Арастуӣ – Ибни Синоӣ аз ҷониби касоне монанди Шайх Шаҳобуддин Яҳёи Суҳравардӣ ба гӯш мерасид» [26, с. 87].

Аз ин ҷост, ки файласуфону донишмандон, вобаста ба вазъияти сиёсиву иҷтимоии давр, байни илми фалсафа ва тасаввуф робита меандохтанд, зеро дар асрҳои XII-XIII фаъолияти олимони форс-тоҷик дар самти кашфи асрори олами моддӣ аз сабаби инқирози шароити сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ба инкишофи улуму фунуни табиатшиносӣ майл надоштани ҳокимони аз фарҳанг фарсаххо дури турку муғул рӯ ба инқироз ниҳод.

Сайид Мустафо Шаҳройинӣ дар нақли қавле аз Ибни Салоҳи Шаҳрзӯрӣ (вафот 643 қ./1246 м.) менависад: «Фалсафа пояи сафоҳат аст ва бебандуборӣ ва решаи ҳайрату гумроҳӣ аст ва доии инҳироф аз ҳақ ва майл ба зандиқа аст, аммо мантиқ мадхали фалсафа аст ва муқаддимаи он ва мадхалу муқаддимаи шар шар бошад. Подшоҳ бояд шарри ин машумонро аз мусалмонон ба дур кунад ва аз мадорис ихроҷ намояд ва аз шаҳр табъид кунад ва ба хотири таълиму тааллуми ҳикмат ба уқубат расонад ва ҳар касро, ки дар ӯ нишоне аз ақоиди фалсафа бинад, туъмаи теғи ҳалок созад, ё ба ислом даъват кунад, то он оташ хомӯш шавад ва осори фалсафа ва фалосифа маҳв гардад» [26, с. 89]. Аз ин фатвои Ибни Салоҳ маълум мегардад, ки дар замони зиндагии Бобо Афзал таассуб оташ ба решаи улуми мантиқу фалсафа андохта, омӯзиши ин улум рӯ ба таназзул овард. Аз ин хотир, вобаста ба талаботи замон ва иштиҳори ақоиди ирфонӣ таълими ирфону тасаввуф дар мактабу мадрасаҳо роиҷ гардида, аксари донишмандон бар он иштиғол намуда, рӯ ба омӯзишу тадриси назария ва амалияи он оварданд, ки фаъолияти Бобо Афзал далели ин гуфтаҳост.

Аз ҷониби дигар, истилои муғул ва қатлу куштори беамони одамон, ки аз диди донишмандону соҳибназарон на танҳо далели беқадрии насли башар, балки хилофи таълимоти диниву мазҳабии кулли башарият талаққӣ мешуд, боиси ба вуҷуд омадан ва тақвияти назарияи нави фалсафӣ, яъне ирфон, гардид. Ирфону тасаввуф ба аҳамияти инсон дар табиат ва ҷомеа мақоми бузургро қоил шуда, инсонро халқшудаи баргузида ва рӯҳи ӯро ҷузъе аз рӯҳи Илоҳӣ маънидод кард. Аз ин хотир, фаъолият дар кашфи моҳияти табиати равонии инсон, ки то ҳадде ба шароити моддиву иқтисодӣ вобаста нест, мисли пештара идома ёфта, дар ин ҷода мутафаккирони форс-тоҷик ба дастовардҳои оламшумул ноил гаштанд. Аз қабили ин гуна дастовардҳо дар қатори осори фалсафии Муҳаммад Ғаззолӣ, Шаҳобуддин Яҳёи Сухравардӣ, Муҳйиддини Арабӣ ғазалиёту рубоиёти ирфонии Ҷалолуддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Авҳадуддини Кирмонӣ ва намояндагони дигар аҳли илму тасаввуф осори фалсафӣ ва рубоиёти Бобо Афзали Кошониро низ метавон шомил намуд. Агар ба эҷодиёти Афзалуддини Кошонӣ жарфтар нигарем, пай бурдан душвор нест, ки ақоиди ӯ чун пули пайвасткунандае дар миёни ҳикмату тасаввуф қарор гирифтааст. Аз осори ӯ ҳувайдост, ки Бобо Афзал низ чун дигар инсонҳои аз вазъи иҷтимоиву сиёсии давр рӯҳан шикастхӯрда ва мусибатзада тасаллиашро дар ирфону тасаввуф ёфтааст. Чун тасаввуф дар заминаи таълимоти динӣ ва «Қуръон»-у аҳодис зуҳур намуда буд, барои Бобо Афзал василае гардид, ки афкори иҷтимоиву ахлоқии худро ба омма, аз ҷумла ба ҳокимону мансабдорон, баён намояд ва онҳоро аз оқибати аъмоли бад ҳушдор дода, то андозае бошад ҳам бахри наҷоти мазлумон саъй варзад.

Аз маълумоти фавқ бармеояд, ки дар асрҳои мавриди назар Кошон дорои шароити таълиму тадрис, ҳавзаи адабӣ ва муҳити илмии ба худ хос будааст, «аммо гузашти замон ва турктозиҳои ақвоми муҳоҷим чун Хоразмшоҳиёну Салоҷиқа ва муғулону темуриён боис шудаанд, ки қисмати азиме аз осори илмӣ ва адабии мардуми ин сарзамин ба тороҷ биравад ва нобуд гардад» [23, с. 583].

Ҳамин тариқ, аз хилоли ахбори сарчашмаҳо ва маълумоти муҳаққиқон возеҳ мегардад, ки шаҳри таърихии Кошон аз рӯзгори куҳан маҳди илму тамаддун ва ҳунару адаб будааст. Дар асрҳои XII–XIII мавҷуд будани марказҳои таълиму тадрис ва ханқоҳҳо бахри пешрафти улуми ақливу нақлӣ дар ин мавзеъ мусоидат намуда, минбаъд низ аз ин макон олимону орифон ва донишмандони зиёде дар ҳар соҳаи илму фан бархостаанд, ки дар ин миён Бобо Афзал аз ҷумлаи саромадони онҳо буда, ному осорашон зинатбахши тазкираҳову кутуби арбоби таъриху тарҷума гардидаанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Бекдилӣ, Озар. Оташкада. Бо тасҳеҳи Мирҳошими Муҳаддис. Дар ду ҷилд. Ҷ. 2 / Озари Бекдилӣ. – Теҳрон: Амири кабир, 1378. – 1151 саҳ.
2. Зарробӣ, Абдурраҳим. Таърихи Кошон. Чопи чаҳорум. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Эраҷи Афшор / Абдарраҳим Калонтари Зарробӣ. – Теҳрон, 1387. – 702 саҳ.
3. Мирхонд. Равзат-ус-сафо.Таҳзиб ва талхиси Аббоси Зарёб. Чопи аввал / Мирхонд. – Теҳрон, 1373. – 1362 саҳ.
4. Муставфии Қазвинӣ, Ҳамдуллоҳ. Таърихи гузида / Ҳамдуллоҳ ибни Абӯбакр Аҳмад Муставфии Қазвинӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 993 саҳ.
5. Табрезӣ, Муҳаммадалӣ. Райҳонат-ул-адаб. Таълифи Мирзо Муҳаммадалии Мударрис. Дар се ҷилд. Ҷилди 1 / Муҳаммадалии Табрезӣ. – Табрез: Хайём, 1346. – 452 саҳ.

6. Фаррухободӣ, Мавлоно Муҳаммад Абдулғанихон. Тазкират-уш-шуаро. Бо эҳтимоми Муҳаммад Муқтадохони Шарвонӣ / Мавлоно Муҳаммад Абдулғанихони Фаррухободӣ. – Алигарҳ, 1916. – 567 саҳ.
7. Ҳамадонӣ, Рашидуддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъ-ут-таворих. Бо тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммади Рӯшан, Мустафо Мӯсавӣ. Ҷ. 1-2 / Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. – Теҳрон, 1373. – 1345 саҳ.
8. Ҳидоят, Маҳмуд. Гулзори ҷовидон. Дар се муҷаллад. Ҷилди 1 / Маҳмуд Ҳидоят. – Теҳрон: Зебо, 1353. – 586 саҳ.
9. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. Ба кӯшиши Мазоҳири Мусаффо. Бахши аввал аз ҷилди аввал / Ризоқулихони Ҳидоят. – Теҳрон: Амири Кабир, 1381. – 726 саҳ.
10. Ҷувайнӣ, Атомалик. Таърихи ҷаҳонкушой. Дар 3 ҷилд. Бо эҳтимоми Муҳаммади Қазвинӣ. Ҷ. 3 / Атомалики Ҷувайнӣ. – Ҳоланд, 1937. – 592 саҳ.
11. Ҷузҷонӣ, Минҳоҷ Сироҷ. Табақоти Носирӣ. Бо тасҳеҳу муқобила ва таҳшияву таъliқи Абдулҳайи Ҳабибӣ. Дар ду ҷилд. Ҷ. 2 / Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ. – Кобул: Анҷумани таърихи Афғонистон, 1344. – 507 саҳ.
12. www.wikifeqh.ir/ تاریخ کاشان
13. www.maragh.ir / سایت رسمیٔ روستای مرق کاشان
14. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон. Ҷ. 1. Бобоҷон Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 701 саҳ.
15. Қироатӣ, Ҳомид. Таърихи иҷтимоии Кошон бо такя бар ёфтаҳои қабристони Мулло Муҳсин Файзи Кошонӣ (1007-1091 қ.) / Ҳомид Қироатӣ // Сухани таърих. – №7, зимистони 1388. – С. 41-57.
16. Кошонӣ, Муртазо. Бобо Афзали Кошонӣ: пажӯҳише дар аҳволу осори ҳакими комил ва орифи восил Хоҷа Афзалуддин Муҳаммад Мараqии Кошонӣ / Муртазо Қосимии Кошонӣ. – Кошон: Мурсал, 1390. – 128 саҳ.
17. Нӯшободӣ, Муҳаммад. Саҳми орифони Кошон дар пайдоиши мактаби ирфонии Исфаҳон / Муҳаммад Машҳадии Нӯшободӣ // Пажӯҳишномаи Кошон, соли дувум. – №3, баҳор ва тобистони 1385. – С. 38-54.
18. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XIII-XV. Китоби дарсӣ барои факултети филологияи тоҷики мактабҳои олии Тоҷикистон). Китоби 2 / Холиқ Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1977. – 400 саҳ.
19. Муайянӣ, Муҳсин. Нимнигоҳе ба Кошон ва бузургони он / Муҳсин Муайянӣ // Кошоншинохт, шумораи аввал, баҳори 1383. – С. 9-23.
20. Нафисӣ, Сайид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ. Дар ду китоб. Ҷилди1 / Сайид Нафисӣ. – Теҳрон: Меҳан, 1344. – 1164 саҳ.
21. Некуҳиммат, Аҳмад. Афзалуддини Кошонӣ / Аҳмади Некуҳиммат // Ваҳид, шумораи 236, нимаи дувум, тир 1357. – С. 53-56.
22. Нуроқӣ, Ҳасан. Таърихи иҷтимоии Кошон. Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1365. – 412 саҳ.
23. Отифӣ, Ҳасан. Тане чанд аз шоирони Кошон то қарни ҳаштум / Ҳасан Отифӣ // Ваҳид. – №116 (шумораи панҷум, давраи ёздаҳум), мурдод 1352. – С. 583-591.
24. Сипеҳр, Абдулҳусайн. Мухтасари ҷуғрофиёи Кошон // Фарҳанги Эронзамин (соҳибимтиёз Эраҷи Афшор). Ҷ. 22. Ба кӯшиши Ҳусайн Муддарриси Таботабоӣ / Абдулҳусайни Сипеҳр. – Теҳрон, 1356. – С. 430-458.
25. Ҳодизода, Р., Бертельс Е.Э., Бертельс А.Е., Болдырев А.Н., Усмонов М.Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV (қисми 1) / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Дониш, 1976. – 348 саҳ.
26. Шаҳройинӣ, Сайид Мустафо. Низоми фалсафии Бобо Афзал: тарҳе нав дар фалсафаи исломӣ-эронӣ / Сайид Мустафо Шаҳройинӣ // Фалсафа, Донишгоҳи Теҳрон, давраи 39. – №1, тобистон ва пойизи 1390. – С. 87-108.

## БОБО АФЗАЛИ КОШОНӢ ВА ВАЗЪИ ИЛМИЮ АДАБИИ ЗАМОНУ ЗОДГОҲИ Ӯ

Афзалуддини Кошонӣ, ки дар арсаи адабиёт бештар ба Бобо Афзал маъруфият дорад, ориф, шоир, ҳаким ва нависандаи соҳибзавқи асрҳои XII-XIII буда, аз зумраи пайравони росихи мактаби ирфон ва сарояндагони ашъори сӯфиёнаи адабиёти форсу тоҷик маҳсуб меёбад.

Дар ин мақола перомуни таърих ва вазъи илмиву адабии зодгоҳи Бобо Афзал, яъне мавзеи Кошон, сухан меравад. Муаллифон бо овардани асноди зиёди илмиву адабӣ ва таърихӣ собит месозанд, ки шаҳри таърихии Кошон аз рӯзгори куҳан маҳди илму тамаддун ва ҳунару адаб будааст.

Дар асрҳои XII-XIII мавҷуд будани марказҳои таълиму тадрис ва ханқоҳҳо баҳри пешрафти улуми ақливу нақлӣ дар ин мавзеъ мусоидат намуда, минбаъд низ аз ин макон олимону орифон ва донишмандони зиёде дар ҳар соҳаи илму фан бархостаанд, ки дар ин миён Бобо Афзал аз ҷумлаи саромадони онҳо мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Бобо Афзал, Кошон, зодгоҳ, замон, вазъи илмиву адабӣ, асрҳои XII-XIII, хуҷуму ҳукумати ҷабборонаи муғулҳо, таърих, адабиёт, фалсафа, мазҳаб, ирфон, ориф.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Тағоймуродов Рустам Ҳакимович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 987-31-55-22.

Махмадалиева Мухаббат Рахмоновна, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 918-75-20-27; e-mail: mukhabbat.makhmadalieva@mail.ru

## БОБО АФЗАЛ КОШОНИ И НАУЧНО-ЛИТЕРАТУРНОЕ СОСТОЯНИЕ ЕГО ЭПОХИ И ВОТЧИНЫ

Афзалуддин Кошони, который в литературе известен как Бобо Афзал, считается одним из маститых мистиков, поэтов, мудрецов и писателей XII-XIII веков, арым последователем мистической школы и создателем мистической поэзии в персидско-таджикской литературе.

В этой статье речь идёт об истории и научно-литературном состоянии эпохи и вотчины Бобо Афзала. Авторы, приводя обширные научно-литературные и исторические материалы, доказывают, что исторических город Кошон с древних времён был центром науки, культуры, ремёсел и литературы.

Учебные центры, существовавшие в XII-XIII вв. способствовали росту мыслительных наук в этом регионе. Впоследствии из этого региона вышло немало учёных, мистиков в каждой сфере науки, среди которых был и Бобо Афзал.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Бобо Афзал, Кошон, вотчина, научное и литературное состояние, XII-XIII вв., насильственное нападане монгольских правителей, история, литература, философия, течение, мистицизм, мистик.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Тагоймуродов Рустам Хакимович, доктор филологических наук, профессор кафедры таджикской литературы Бохтарского государственного университета имени Носира Хусравв. Тел.: (+ 992) 987-31-55-22.

Махмадалиева Мухаббат Рахмоновна, ст. преподаватель кафедры таджикской литературы Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 918-75-20-27; e-mail: mukhabbat.makhmadalieva@mail.ru

## BOBO AFZAL KOSHONI AND SCIENTIFIC AND LITERARY STATEHIS EPOCH AND WATCHES

Afzaluddin Koshoni, who is known in literature as Bobo Afzal, is considered one of the venerable mystics, poets, sages and writers of the 12th-13th centuries, an ary follower of the mystical school and the creator of mystical poetry in Persian-Tajik literature.

This article deals with the history and scientific and literary state of the era and the fiefdom of Bobo Afzal. The authors, citing extensive scientific, literary and historical materials, prove that the historical city of Cauchon has been a center of science, culture, crafts and literature since ancient times.

Educational centers that existed in the XII-XIII centuries. contributed to the growth of thought sciences in this region. Subsequently, many scientists, mystics in every field of science emerged from this region, among whom was Bobo Afzal.

**KEY WORDS:** Bobo Afzal, Koshoni, fiefdom, scientific and literary state, XII-XIII centuries, violent attack by Mongol rulers, history, literature, philosophy, current, mysticism, mystic.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Taghoymurodov Rustam Hakimovich, doctor of philology, professor of the department of Tajik literature of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 987-31-55-22.

Mahmadalieva Muhabbat Rahmonovna, art. lecturer at the department of Tajik literature of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 918-75-20-27; e-mail: mukhabbat.makhmadalieva@mail.ru

## БОЗТОБИ МУШКИЛОТИ ОБ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Маҳкамова Д.Ю.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Моликияти зеҳнии ҳар як миллат барои ворисонаш чун манбаи маълумот, тарбияи завқ ва бой гардидани ҷаҳонбинӣ хидмат мекунад. Халқи тоҷик, ки мероси бойи осори эҷодӣ - адабиёт ва санъатро дорост, бо ниёконаш ифтихор мекунад. Тоҷикон аз қадим китобдору китобхон буданд, зеро китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани аҳли ҷомеа боқӣ мемонад.

Дар радифи китобҳои бадеӣ ва илмӣ китобҳои сиёсатмадорону ходимони давлатӣ ҳамеша бозгӯкунандаи вазъи ҷомеа ҳастанд.

Олими шинохтаи соҳаи журналистика И. Усмонов дар китоби «Журналистика» василаҳои ёрирасони ахбори омма ва таблиғро муайян намуда, ба масъалаи нақши китоб, аз ҷумла китобҳои сиёсӣ, чунин ибрози андеша кардаанд: «Китобҳои сиёсӣ, таблиғотӣ дар тамоми мамлакатҳои дунё ба табъ мерасанд ва дар онҳо ақидаи ҳокимият, ҳизбҳо, динҳо баён мешаванд. Ғояи асосии чунин асарҳо таблиғ ва таъсир расондан ба фикри мардум аст. Чунин китобҳо нисбат ба асарҳои дигар маъмулан арзон мешаванд, то дастрасиашон ба гирандаҳо осонтар гардад» [5, с. 112].

Бояд зикр кард, ки ходимони давлатию сиёсӣ ба публитсистика бештар рӯ меоранд. Профессор А. Саъдуллоев чунин ҳисобидаанд, ки «... воқеияти аслӣ ин худи асарҳои публитсистӣ буда, ба воситаи онҳо рӯйдодҳои замон, анъана, маросим, тарзи сиёсатмадорӣ ба дараҷаи маърифату маданияти замон эҳсос мешавад» [7, с. 39]. Муҳаққиқ мавқеи осори публитсистиро дар таҳрики афкори ҷомеа илман дуруст муайян намуда, таъкид намудаанд: «Нуқтаи назари публитсист – нуқтаи назари ҷамъият аст, ба ибораи дигар, вазифаи публитсист чун қувваи иҷтимоиву сотсиалӣ он аст, ки ба ҳар як одам вазъияти реалии муҳити атрофро фаҳмонда диҳад, мавқеи шахс ва роли онро дар ҷамъият муайян кунад, то ки ба протсесси инкишофи таърихӣ мусоидат намояд. Публитсистика чун воситаи махсуси робитаи инсонӣ, муносибати синфҳо, алоқачии байни одамони алоҳида ва омма роли ахборотчии иҷтимоиро низ иҷро мекунад, дар дарки моҳияти кор дар ҷамъият кумак мерасонад» [7, с. 7].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш маҳз зарурати омӯзиши китобҳои сиёсиро таъкид намудаанд: «Таърихи пурифтихори тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба онҳо арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем» [3].

Дар радифи китобҳои арбобони сиёсӣ дар бораи давлатдорӣ ва сиёсат осори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Раҳмон хонандагони зиёд дорад. Китобҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Аз Ориён то Сомониён», «Забони миллат - ҳастии миллат», «Чеҳраҳои мондагор», «Тоҷикон дар оинаи таърих» бозгӯкунандаи таърихи миллати тоҷик буда, мутолиаи онҳо ба хонанда дониши васеъ медиҳад, диди ӯро нисбат ба сарнавишти тоҷикон тавсеа мебахшад. «Уфуқҳои Истиқлол» яке аз он китобҳои пурмуҳтаво мебошад.

Дар сомонаи Китобхонаи миллии Тоҷикистон доир ба китоби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Уфуқҳои Истиқлол» чунин маълумоти муфассалеро дарёфтем: Китоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Уфуқҳои Истиқлол» 2018-12-07 нашр шуд. Дар сарсухан омадааст: «... вақте сухан аз Истиқлолияти давлатӣ меравад, он на санаи бори аввал соҳибдавлат шудани тоҷикон, балки санаи эҳёи Истиқлолияти давлати Тоҷикистон мебошад, яъне миллати куҳанбунёду соҳибдавлати тоҷик бори дигар соҳиби давлатдории миллии мустақили худ гардид. Ин аст, ки зимни андешаронӣ аз сарнавишти дирӯзу имрӯзи миллату давлати худ мо маҳз ибораи пурмазмуни «миллати куҳан ва давлати ҷавон»-ро ба кор мебарем, зеро достони ҳастии мо, ҳақиқати сарнавишти мо ва вазъияти имрӯзи мо ҳамин аст» [3].

Китоби «Уфуқҳои Истиқлол» аз сарсухан, панҷ боб ва охирсухан иборат аст. Боби аввали китоб «Истиқлолияти давлатӣ - марҳалаи эҳё ва барқарорсозии давлати миллии тоҷикон» ном дорад ва дар он бештар дар бораи зина ба зина ва марҳала ба марҳала эҳё шудани давлати миллӣ ва таҳкими он сухан меравад.

Боби дуюм «Рушди иқтисоди Тоҷикистон ва дурнамои стратегии он» номида шудааст ва бештар роҷеъ ба масоили иқтисодӣ, стратегияи ояндаи он баҳс шудааст.

Дар боби сеюм масъалаи сиёсати иҷтимоӣ ва натиҷаҳои он мавриди таҳлил қарор гирифтааст ва Пешвои миллат дар ин боб бештар аз дастовардҳои илм, маориф, тандурустӣ, муҳоҷират ва танзими он сухан рондаанд.

Дар боби чаҳорум суҳбат аз ваҳдати миллӣ ва суботи иҷтимоист, ки дар меҳвари сиёсати дохилии давлат қарор гирифтааст. Дар ин боб бештар оид ба фарҳанг, забони давлатӣ, идораи давлатии замони Истиқлолият, мақоми зан дар ҷомеа, озодии виҷдон, танзими анъанаҳои миллӣ, озодии баён ва рушди матбуоти миллӣ, таъмини амнияти миллӣ сухан рафтааст.

Боби панҷум дарбаргирандаи масъалаи манфиатҳои миллӣ ва сиёсати хориҷӣ, мақом ва ҷойгоҳи Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир аст [9].

Ҳадафи мо, ки баррасии мушкилоти об дар китоби «Уфуқҳои Истиқлол» ва Паёмҳои Президенти кишвар ба Маҷлиси Олист, ба ташаббусҳои Тоҷикистон дар ҳалли ин мушкилоти глобалӣ таваҷҷуҳ намудем. Дар санаи 29-уми сентябри соли 1993 дар нахустин суханронии худ ба ҳайси Сарвари соҳибистиқлоли тоҷикон аз минбари СММ нақшаҳои бунёдкорона, ҳадафҳои сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неки давлати тозаистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун субъекти мустақили робитаҳои байналмилалӣ ба тамоми аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ кардани Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеаи муҳим ба шумор мерафт. Ташаббусҳои Тоҷикистон дар масъалаи об дар сатҳи ҷаҳонӣ хеле назаррас мебошад.

Дар китоби «Уфуқҳои истиқлол»-и Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боби махсусе ҳаст, ки «Манфиатҳои миллӣ ва сиёсати хориҷӣ: Мақоми Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир» ном дорад. Дар он дурнамои фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон оид ба масъалаи об баррасӣ шудааст:

Дар бахши дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об бояд зикр кард, ки бинобар афзоиши аҳолӣ васеъ кардани заминҳои кишоварзӣ, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим ва мушкилоти муҳити зист, масъалаи норасоии оби тоза, баҳрабардорӣ аз рӯдҳои хурду бузурги фаромарзӣ ва дигар масълаҳои вобаста ба об ва омилҳои таъсиргузор ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд.

Дар ин самт Осиёи Марказӣ аз минтақаҳои ҳассос ба шумор меравад. Тоҷикистон чун кишвари дорои захираҳои фаровони об ҷонибдори истифодаи одилона ва оқилонаи ин захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ буда, татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад. Дар сатҳи минтақавӣ идомаи ҳамкориҳои созанда дар доираи бунёди байналмилали наҷоти Арал муҳим арзёбӣ мегардад.

Мо тибқи оинномаи СММ ва муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ барои истифодаи сарватҳои табиии худ, аз ҷумла захираҳои обии қаламрав, ҷиҳати рушди устувори кишвар ва таъмини зиндагии шоистаи мардум ҳуқуқи комил дорем. Ин ҳуқуқи худро дар мавриди истифодаи захираҳои обӣ мо бо дарназардошти манфиатҳои муштараки минтақавӣ ва бар пояи принсипҳои неки ҳамсоягӣ, эҳтиром ва дарки воқеии манфиатҳои мутақобила, муколама ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷуда амалӣ менамоем ва чун кишвари болооб ва манбаи асосии ташаккули захираҳои обии Осиёи Марказӣ ҳеҷ гоҳ барои таъмини минтақа бо об монеа эҷод намекунем.

Бо дарназардошти ин мавқеи усулӣ, яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии мо мусоидат ба истиқлолияти энергетикии кишвар ва саъю талош ҷиҳати ҳалли мушкилот дар ин самт, дар рӯҳияи ҳамкорию мушорикати баробарнафъи минтақавӣ, ба шумор меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии густурдаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро дар сатҳи ҷаҳонӣ пайгирӣ мекунад. Дар доираи ин дипломатия ва пайравӣ аз ташаббусҳои созандаи марбут ба об «Соли байналмилалии оби тоза», соли 2003 даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» 2005-2015, «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об соли 2013», ки мавриди истиқболи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтаанд, амалӣ намудани ибтикороти тоза дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, қабл аз ҳама, СММ, пешбинӣ мешавад. Ҳадаф аз ин ташаббусҳои муҳим таъкиди зарурати ҳамкории созанда дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об ҷиҳати бақои ҳаёт ва рушди устувори инсоният аст. Вобаста ба ин, яке аз ҳадафҳои мо таъмини нақши созандаи кишвар дар масъалаҳои марбут ба об дар минтақа ва дар арсаи байналмилалӣ мебошад, ҳам ба манфиатҳои миллӣ ва ҳам ба нафъи ҷомеаи ҷаҳонӣ созгор аст» [1, с. 412-414].

Дар китоби «Уфуқҳои Истиқлол» Роҳбари давлати тоҷикон оид ба ҳалли мушкилоти об дар олам ва қабул гардидани қарорҳои марбут ба он ибрози андеша кардаанд: Бо такя ба сиёсати «дарҳои кушода» давлати мо равиши хоси дипломатии худро дарёфт намуда, имрӯз дар ҳалли масоили минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фаъолона иштирок менамояд ва дар арсаи байналмилалӣ ба ҳайси як кишвари хостгори таъмину таҳкими сулҳу суботи сартосарӣ шинохта шудааст, - навиштаанд Пешвои миллат. Ҳамин буд, ки дар оғози соли 2016 бо ташаббуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва президенти Бонки Ҷаҳонӣ бо иштироки роҳбарони даҳ кишвари узви СММ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об таъсис ёфта, ба фаъолият шурӯъ кард. Ҳамзамон, бо мақсади идомаи талошҳои байналмилалӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба обу беҳдошт мо таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ташаббуси нав – эълон кардани даҳсолаи байналмилалӣ таҳти шиори «Об ба хотири рушди устувор» ҷалб намудем. Боиси хушнудист, ки ин иқдоми тозаи Тоҷикистон, ки дар форуми 7-уми умумиҷаҳонии об моҳи апрели соли 2015 дар шаҳри Тейгуи Ҷумҳурии Кореа муаррифӣ гардид, мавриди дастгирии рӯзафзун қарор дорад. Мутобиқи қатъномаи мазкур дар бораи солҳои 2018-2028 ҳамчун даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», ки он аз 22 марти соли 2018 шурӯъ шуда, 22 марти соли 2028 ба анҷом мерасад. Мувофиқи қатъномаи Маҷмааи умумии СММ ҳадафҳои даҳсола масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- рушди устувор ва мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва муҳити зист;
- роҳандозӣ ва пешбарии барнома ва лоиҳаҳои дахлдор;

- густариши ҳамкорӣ дар ҳамаи сатҳҳо барои мусоидат ба татбиқи вазифа ва ҳадафҳои марбут ба захираҳои об, ки дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқа шудаанд, аз ҷумла ҳадафҳои рушди устувор.

Ғайр аз ин, қатъномa аҳамияти рушди истифодаи оқилонаи обро бо дарназардошти робитаи мутақобилаи захираҳои об бо маводи ғизо, энергетика ва муҳити зист дар ҳама сатҳҳо таъкид мекунад» [1, с. 419-420].

Муҳаққиқ Исупова Х. истифодаи захираҳои обӣ ва ҳамбастагии онро дар соҳаи энергетика ва кишоварзии Тоҷикистон таҳлил намуда, танзими ҳуқуқии онро ба як қатор санадҳои ҳуқуқию меъёрии қабулшуда вобаста медонад. Тибқи иқдому дастурҳои Президенти кишвар ба тасвиб расидани ҳуҷҷатҳои мазкур далели қадамҳои устуворонаи Тоҷикистон дар татбиқи барномаҳо доир ба об мебошад. Мисол:

1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 декабри соли 2015, №791 «Дар бораи барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025»;

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Ассотсиатсияи истифодабарандагони об», аз 8 ноябри соли 2006, №387.

Дар ин ҳуҷҷатҳо принсипҳои муқаррар намудани талаботи нави байнидавлатии тақсими об ва механизмҳои иқтисодии обистифодабарӣ ҳамчун асоси ҳалли вазифаҳои хоҷагии об ва экологӣ дар минтақа дарҷ карда шудааст.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иншооти гидротехникӣ», аз 10 марти соли 2010, №565;

4. Барномаҳои миллии «Оид ба тозагӣ ва ҳифзи муҳити зист» ва «Оби тоза ва беҳдоштӣ дар Тоҷикистон» барқарорсозии марҳалавии иншооти тозакунии обҳо ва ба итмомрасонии сохтмони оғозгардида ва норасоиҳои иншооти тозакуниро пешбинӣ менамоянд» [6].

Ҳукумати Тоҷикистон барои амалӣ кардани барномаҳои марбут ба об чораандешӣ намуда, на танҳо дар дохили кишвар, балки барои ҳалли мушкилоти таъмин будани аҳолии минтақа ва бахусус сокинони тамоми олам бо оби ошомиданӣ, сарфакорона истифода намудани захираҳои обӣ мусоидат намуда истодааст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26.12.2018» ба масъалаи об таваҷҷуҳ шуда, қайд гардид, ки: «Аз 22 марти соли 2018 оғоз гардидани ... татбиқи ташаббуси чоруми ҷаҳонии мо дар соҳаи об «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» аз пазируфта шудан ва масъулияти баланд доштан дар арсаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад [2].

Боиси қаноатмандист, ки чорабиниҳои байналмилалии ҷониби мо доир ба захираҳои об миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳти унвони «Раванди Душанбе дар соҳаи об» эътибор пайдо кардааст, - таъкид доштанд Президенти кишвар дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар.

Дар ин радиф, мо тасмим гирифтем, ки соли оянда ҷиҳати идомаи раванди мазкур ва татбиқи ташаббуси чоруми глобалии Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об – барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028» дар пойтахти кишварамон Конфронси байналмилалии сатҳи баландро баргузор намоем [3].

Маводи таҳлилии С. Ятимов, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди давлат» (ин мавод дар нашрияи «Ҷумҳурият» 29.01.2019 таҳти № 21-22 (23 624-625) ба табъ расидааст) дар қатори масъалаҳои дигари дар Паём баррасишуда ба нақши Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти об таваҷҷуҳ карда, андешаҳояшро баён доштааст: «Ин ташаббуси чоруми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи ҳифз ва самаранок истифода кардани захираи ҳаётбахши табиӣ – об дар миқёси олам мебошад. Тоҷикистон, ки дар қаламрави он зиёда аз 60% захираҳои обии Осиёи Марказӣ таъкид мегардад, на танҳо ҳамчун сарчашмаи асосии ба маводи ҳаётан муҳим таъминкунандаи яке аз минтақаҳои сернуфузи олам, балки ташаббускори истифодаи сарфакоронаи ин неъмати бебаҳо ба мақсади тараққӣ ва пешрафти мардумони сайёра мебошад. Ташаббусҳои Пешвои миллати тоҷик дар самти истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун рамзи эътирофи сиёсати хирадмандонаи сарвари давлат ва эътибори давлатдории тоҷикон боиси ифтихор, сарафрозӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллии мост» [10].

Дар рӯзномаи «Садои мардум» №24 (3974), 2.03.2019. Ш. Бӯриева, аспиранти институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии Академияи илмҳо доир ба интишори китоби Пешвои миллат «Уфуқҳои Истиқлол» чунин ибрози андеша кардааст: Китоби арзишманди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон «Уфуққои Истиқлол» ба бурду бохт ва комёбиву дастовардҳои кишвар дар чаҳоряк асри Истиқлолияти давлатӣ, марҳалаи эҳё ва барқарорсозии давлати миллии тоҷикон, ваҳдати миллӣ ва суботи иҷтимоӣ ва фардои дурахшон бахшида шуда, аз сарсухан, 5 боб, 21 фасл ва охирсухан иборат аст.

Дар «Уфуққои Истиқлол» дастовардҳои бузурги 25 соли Истиқлолият ва зина ба зина ба онҳо ноил гардидан қайд шуда, хонанда пас аз мутолиа намудан бештар огоҳӣ пайдо намуда, ҳисси ватандӯстию хештаншиносӣ, арзишҳои миллӣ, сулҳу субот ва ҳувияти миллӣ дар замираш тақвият меёбад» [4]. Дар охирсухани китоб Эмомалӣ Раҳмон ба фардои дурахшони кишвари маҳбуб назар андохтаву навиштаанд: «Акнун давраи гузариш ба анҷом расид ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марҳалаи эҳёву барқарорсозӣ ба марҳалаи рушди устувор қадам гузоштааст. Албатта, дар ин марҳала низ мушкилоти ҷиддие пешорӯи мо хоҳад буд, вале бо вуҷуди ин мо тамоми шароит ва имкониятро барои ҳаракат ба сӯйи рушди устувор дорем. Муҳимтар аз ҳама, барои оғози чунин марҳалаи тақдирсоз ба бовар, эътимод ва иродаи қавии мардуми шарифи Тоҷикистони азиз такя менамоем» [1, с. 420].

Публитсистика неруи бузургест, ки «мақсади аслияшро баррасии масъалаҳои муҳимми иҷтимоии давру замони муайян ташкил медиҳанд. Асарҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодиву фарҳангӣ, ки дар мавзӯъҳои муҳимми рӯз эҷод шудаанд» [8, с. 103].

«Уфуққои Истиқлол» намои тамоми масир ба соҳибихтиёрӣ расидани мардуми тоҷик буда, барои наслҳои имрӯзу фардо сабақу дастовардҳои Истиқлолиятро муаррифӣ менамояд ва роҳи рушди кишварро муайян мекунад. Мутолиаи китобҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, баромаду суханрониҳо, Паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, бахусус ҷавонон, дар тарбияи эҳсоси худшиносӣ, ватандорӣ, саҳмгузорӣ барои ободии Ватан нақши муҳим доранд. Публитсистикаи сиёсӣ на танҳо оид ба ҳадафҳои давлату сиёсатмадорон иттилоъ пешниҳод менамояду маърифати сиёсиро такмил медиҳад, балки барои раҳнамун сохтани омма ба корҳои созанда ва ҳалли мушкилоти ҷомеа нақши муҳим мебозад.

### АДАБИЁТ:


1. Раҳмон Э. Уфуққои Истиқлол. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 436 с.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2019.
4. Бӯриева Ш. Уфуққои истиқлол // Садои мардум. – №24 (3974) 2.03.2019.
5. Усмонов, И.К. Журналистика (Ҷилди 4). – Душанбе, 2011. – С. 475.
6. Исупова, Х. Маводҳои конференсияи илмӣ таҳти унвони «Занон ва рушди илми муосир» бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм. – Бохтар: Ношир, 2019.
7. Саъдуллоев А. Хосияти адабиёт. – Душанбе: Адиб, 2000. – С. 256
8. Муродов М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – С. 146.
9. kmt.tj.
10. Ятимов С. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди давлат // Ҷумҳурият. – №21-22 (23, 624-625), 29 январи 2019.


## БОЗТОБИ МУШКИЛОТИ ОБ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН


Дар мақола масъалаи инъикоси мавзӯи об дар публитсистика, аз ҷумла китоби «Уфуққои истиқлол»-и Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ шуда, нақши осори публитсистӣ дар ташаккули афкори ҷомеа муайян шудааст.

Муаллиф бозтоби ташаббусҳои Тоҷикистонро дар ҳалли мушкилоти глобалии об дар сатҳи байналмилалӣ дар мисоли Паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ ва китоби публитсистии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба риштаи таҳлил кашида, ба хулосае омадааст, ки андешаи муаллифи китоб мушаххас ва пурмуҳтаво баён шуда, инъикоси масъалаи мазкур ва ҳалли он муассир ва бо масъулиятшиносӣ сурат гирифтааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** публитсистика, истиқлол, об, афкори ҷомеа, ташаббус, глобалӣ, пурмуҳтаво, муассир, инъикос, масъулият.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Маҳкамова Дилором Юнусовна, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 918-25-95-42; e-mail: diloromjonmakhkamova@gmail.com

## ОСВЕЩЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ ВОДЫ В ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПУБЛИЦИСТИКИ ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМОНА

В данной статье рассматривается отображение проблемы воды в публицистике, в том числе в книге Лидера нации Эмомали Рахмона «Уфукхои Истиклол» и влияние публицистических произведений в формировании общественного мнения.

Автор на примере выступлений и книг Эмомали Рахмона анализирует освещение инициатив Таджикистана по решению глобальной проблемы воды на международном уровне и делает вывод, что автор книги конкретно и обоснованно высказал свое видение по этому вопросу и освещение данной темы проведено с чувством ответсвенности за её решение.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** журналистика, независимость, вода, общественное мнение, инициатива, глобальный, содержательный, впечатлительный, отражение, ответственность.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Махкамова Дилором Юнусовна, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой журналистики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 918-25-95-42; e-mail: diloromjonmakhkamova@gmail.com

## COVERING WATER IN POLITICAL PUBLICATIONS LEADER OF THE NATION EMOMALI RAHMON

This article examines the reflection of the problem of water in journalism, including in the book of the Leader of the Nation Emomali Rahmon «Ufukhoi Istiklol» and the influence of publicistic works in the formation of public opinion.

Using the example of Emomali Rahmon's speeches and books, the author analyzes the coverage of Tajikistan's initiatives to solve the global water problem at the international level and concludes that the author of the book specifically and reasonably expressed his vision on this issue and the coverage of this topic was carried out with a sense of responsibility for its solution.

**KEY WORDS:** journalism, independence, water, public opinion, initiative, global, meaningful, impressionable, reflection, responsibility.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Mahkamova Dilorom Yunusovna, candidate of philology, head of the department of journalism of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 918-25-95-42; e-mail: diloromjonmakhkamova@gmail.com

УДК: 821.112.2.19

## ОСОБЕННОСТИ ПОЭТИКИ ЭМИГРАНТСКИХ РОМАНОВ ЭРИХА МАРИИ РЕМАРКА

*(на примере романа «Возлюби ближнего своего»)*

Похаленков О.Е.
Калужский государственный университет имени К.Э. Циолковского

В западной критике выделяется несколько научно-исследовательских подходов к изучению творчества Э.М. Ремарка. При появлении первого романа писателя исследователей заинтересовал вопрос о его принадлежности к «литературе потерянного поколения», наряду с Э. Хемингуэем и Р. Олдингтоном. Много говорилось о некой творческой «зависимости» Э.М. Ремарка от Э. Хемингуэя, проводились параллели между главными героями их произведений. Дальнейшие исследования базировались во многом именно на проблематике и основных мотивах литературы «потерянного поколения» и вынужденной эмиграции Э.М. Ремарка: *война, эмиграция и послевоенное время.* Развивались в немецкоязычных работах и проблемы послевоенной потерянности и самоопределения героев Э.М. Ремарка. Т. Вестфален считает мотив фронтового товарищества одним из магистральных в таких романах, как «Der Weg zurück», «Drei Kameraden» [1, с. 313-331].

Среди крупных зарубежных монографий следует отметить книгу В. фон Штернбурга «Как будто все в последний раз. Эрих Мария Ремарк. Биография» («Als wäre alles das letzte Mal. Erich Maria Remarque. Eine Biographie» [2]). В. фон Штернбург дает очень подробную картину жизни и творчества писателя, он анализирует проблематику основных романов, делая основной упор на исследование его биографии, а романы рассматриваются в совокупности и под углом зрения разных жизненных этапов автора. Следует заметить, что исследования подобного рода помогают литературоведам подробнее изучить причины, толкнувшие Э.М. Ремарка на создание того или иного произведения.

Англоязычные работы во многом схожи с работой В. фон Штернберга. Особого внимания заслуживают исследования Б. Мердоха [3] и Г. Вагенера [4]. Оба автора придерживаются культурно-исторического метода и поэтому привлекают для исследования основные

исторические события века, анализируя и рассматривая романы Э.М. Ремарка как отражение этих событий.

Не ослабевает интерес и к личной жизни писателя. Время от времени появляются работы, которые освещают этапы его жизни, связанные с именами Марлен Дитрих [5], Полетт Годар [6], Натали Палей [7] и др. К ним относится и книга Т. Хильтона [8], которая в очень подробной форме рассказывает о личной жизни Э.М. Ремарка.

Многие советские исследования, посвященные Э.М. Ремарку, долгое время базировались на монографии литературоведа из ГДР А. Антковиака «Эрих Мария Ремарк. Жизнь и творчество» («Erich Maria Remarque. Leben und Werk» [9]). Литератрная критика ГДР тоже предпочитала рассматривать творчество Э.М. Ремарка с точки зрения его антифашисткой общественной позиции, и работа А. Антковиака – прекрасный пример такого научного подхода. В его книге отодвигаются на второй план проблемы «выживания» простого человека в условиях тоталитарного общества, в то время как поэтика самих романов попадает в поле зрения исследователя лишь эпизодически. В его труде преобладает тематический анализ, дополняемый историко-социологической интерпретацией рассматриваемых произведений.

Роман «Возлюби ближнего своего» занимает особое место в творчестве автора, так как рассказывает о поистине печальной, подчас трагичной судьбе беженцев из «III империи» и открывает цикл эмигрантских произведений. Подобно Ремарку, сотни тысяч немцев оказались лишенными родины и гражданских прав только за то, что не захотели подчиниться и стать в стройные ряды национал-социалистов во главе с фюрером или же в них оказалось недостаточно «арийской» крови.

Главными героями романа Ремарк выбирает полуеврея Людвига Керна и бежавшего из концлагеря немца Йозефа Штайнера. Они, как и другие беспаспортные эмигранты, обречены на унизительное «хождение по мукам» в Чехии, Австрии, Швейцарии, Франции. Без советов более зрелого и дальновидного Штайнера молодому Керну было бы труднее приспособиться к жизни «вне закона» на чужбине. Но в своем скитании Керн встречает первую любовь, Рут Холланд, что намного облегчает ему существование. Штайнер же, безумно любивший свою жену Марию, узнав, что она смертельно больна, возвращается назад в Германию. Там его арестовывает гестапо. Однако Штайнер после смерти жены, несмотря на то, что его охраняют, успевает выброситься из окна, увлекая за собой гестаповца Штейнбреннера. Но нельзя сказать, что роман пессимистичен. Автор уделяет много внимания процессу становления юного Керна, истории его любви, что, несмотря на общий трагический пафос, вызывает симпатию. Длительные лишения закаляют его волю и учат бороться за существование. Герой же Штайнера, несомненно, несет в себе ненависть к нацистам. Хотя мы и не можем узнать, почему он попал в концлагерь, все же, по некоторым сценам из книги, в которых Ремарк описывает отношение к евреям и людям, не признававшим нацистов, его восприятие становится понятным.

Для нас же роман интересен вопросами, которые раньше не появлялись в его книгах. В первую очередь, это изменение манеры повествования. Ремарк отказывается от характерного для него повествования от первого лица и заменяет его на третье, более нейтральное. На наш взгляд, это не следует расценивать каким-либо вызовом своему писательскому мастерству, скорее, это было желание описать жизнь в эмиграции как можно правдоподобней, объективней, а «форма повествования от третьего лица позволяет добиться объективности» [9, с. 73]. Следует также отметить, что подобная форма продиктована и требованиями структуры романа: большую часть книги герои Ремарка проводят в разных странах и городах, поэтому она и кажется предпочтительнее.

Роман «Возлюби ближнего своего» наряду с прежними, привычными мотивами (трагическое переживание Первой мировой войны, умирающая женщина, месть) открывает новые темы, которые затем получат мощное развитие и в других открыто антифашистских романах Ремарка 1940-1950-х годов: судьба личности в тоталитарном государстве, противостояние человека и государственной машины, тема личной мести. Следует отметить, что некоторые мотивы он уже пытался затрагивать (судьба человека в тоталитарном государстве была рассмотрена на примере эмигранта первой волны Орлова в книге «Три товарища»). Вот как сам Ремарк писал в неопубликованном комментарии к книге в 1940 году: «…это всего лишь человеческие взгляды, которые положены в основу данной книги. То, что в ней нередко затрагивается политика, вытекает из ее содержания. Жестокость изложения диктуется самой судьбой действующих лиц. Если книга способствует восприятию изложения событий, помогая

пережить судьбу невинных людей, ставших жертвами, то она достигла поставленной цели. Это произведение не претендует на какие-либо художественные изыски» [10, с. 21].

Концепт «враг»[1] в этом романе формируется[2] хронотопом, который оказывает влияние и на создание ассоциативного поля концепта. Спецификой эмигрантских произведений является то, что и *враждебное пространство* начинает обладать отличительными особенностями. Ретроспективно Штайнер соотносит свой фронтовой опыт со своей вынужденной эмиграцией: *«Die Wirtin sass noch im Büro. Sie fuhr zusammen, als sie Steiner erblickte. - «Sie können hier nicht wohnen», sagte sie rasch. - «Doch!» Steiner legte den Rucksack ab. - «Herr Steiner, es ist unmöglich! Die Polizei kann jeden Tag wiederkommen. Dann schliesslien sie mir die Pension!» – «Luischen», sagte Steiner ruhig, «die beste Deckung, die es im Kriege gab, war ein frisches Granatloch. Es kam fast nie vor, dass es gleich darauf noch einmal hineinschoss. Deshalb ist im Moment Ihre Bude eine der sichersten in Wien!»* [12, с. 45-46].

Постепенно мы осознаем, что истинно гибельным и вражеским для Штайнера является пространство его родины, Германии. Примечательно, что, если в более ранних (военных) романах структура ядра концепта приближалась автором к проблеме войны и послевоенной адаптации, то здесь составляющая максимально меняется. Такая смена объясняется как изменением социального статуса Ремарка, так и событиями на родине писателя, в Германии.

С самых первых страниц вместе с героями мы попадаем в Чехию, Австрию и далее. Нахождение немцев в ранее оппозиционных Германии странах (*чужое пространство*), там, где они являются «нелегалами» и где они чувствуют себя такими же чужестранцами, как до этого и в самой Германии (*свое пространство*), дает нам возможность проследить реализацию оппозиции *«свое – чужое»,* на которой строится художественное пространство произведения. Следует отметить, что отношение как к Керну, так и Штайнеру в «чужих» странах намного лучше, чем до этого было в тоталитарной, нацистской Германии. Достаточно вспомнить знаменитые сцены на границе или частое проявление жалости к тому же Керну. Все эти мелочи неслучайны и вводятся автором умышленно.

Как нам кажется, одной из сюжетных линий писателя было противопоставление пребывания героев в *чужой*, но более дружелюбной загранице пребыванию в «своей» нацистской Германии.

В основном проявление оценки того или иного явления действительности, как *«своего»,* так и *«чужого»,* выражается посредством коннотации (т.е. в самом значении слова есть созначения, например, *фашистский* – заведомо негативная оценка), что можно понять из контекста. По сюжету романа в самой Германии Штайнер был заключен в концлагерь, затем бежал и прятался у знакомых на чердаке. *«Nach seiner Flucht aus dem Konzentrationslager hatte Steiner sich eine Woche lang bei einem Freunde verbogen gehalten»* [12, с. 28]. Как видно из примера, такие лексемы, как *das Konzentrationslager (концентрационный лагерь), bei einem Freunde verbogen gehalten (прятаться у друга)* создают негативную составляющую нашей *оппозиции.*

Роман также затрагивает тему антисемитских выступлений, захлестнувших Европу того времени: «*Plötzlich, wie durch eine Eplosion hervorgetrieben, quoll ein wirrer, ineinander verfilzter Haufe von Studenten aus der Tür. Es war eine Plügelei. Kern unterschied jetzt auch die Rufe: «Juden 'raus! – Haut die Mosessöhne in die krummen Fressen! – Jagt sie nach Palästina!*» [12. с. 218]. Появление *идейных врагов* ознаменовало окончание романа «Три товарища». В этом противостоянии прослеживается продолжение изменения составляющих концепта «враг». Как видно из этого эпизода, встречаясь с представителями иного народа, люди, конечно же, имеют естественную склонность воспринимать их с позиций своей культуры – «они не такие, как мы», они ведут себя не по-нашему, странно, то есть плохо. Ремарк показывает, что немцы-евреи, давно осевшие в немецкоязычных странах, неожиданно стали восприниматься немцами-нацистами как представители чего-то чужого. Такая тенденция искусственно подогревалась в СМИ и насаждалась национал-социалистами. Именно для немецкого общества того времени мы обнаруживаем, что значение «*военный противник»* окончательно перешло на периферию, а значение «*идейный враг»* оказывается в ядре концепта. Критерием подобного изменения является связанный с ним *фрейм борьбы и преследования.*

---

[1] В своем исследовании мы будем опираться на определение, данное Д.С. Лихачевым, который использовал понятие концепт для обозначения обобщенной мыслительной единицы, которая отражает и интерпретирует явления действительности в зависимости от образования, личного опыта, профессионального и социального опыта носителя языка и, являясь своего рода обобщением различных значений слова в индивидуальных сознаниях носителей языка, позволяет общающимся преодолевать существующие между ними индивидуальные различия в понимании слов. Концепт, по Лихачеву, не возникает из значений слов, а является результатом столкновения усвоенного значения с личным жизненным опытом говорящего. Концепт в этом плане выполняет заместительную функцию в языковом общении [11, с. 3-9].

[2] В исследовании рассматривается ядерно-периферийная модель концепта два его основных значения «идейный враг» и «военный противник».

Далее мы видим, что все эмигранты стали врагами для нацистской Германии. Немцы-евреи и немцы, которые не согласились с новыми порядками, становятся врагами, а нацисты оказываются идейными врагами (уже не абстрактными) для этих эмигрантов, подобно Штайнеру. *Идейный враг* персонифицируется для героев Ремарка в образе немцев-нацистов. Примером здесь может служить гестаповец Штейнбреннер, который в конце романа выслеживает Штейнера (правда, здесь еще преобладает мотив личной мести). Особо следует отметить, что Ремарк подчеркивает негативный образ Штейнбреннера, используя эмоцианальную «неприкрытую радость», с которой он произносит слова в адрес Штайнера. Это создает определенный контраст между тем, о чем говорит гестаповец, и тем, как он это говорит (хихикает): *« – Ich habe dich nicht vergessen, Steinbrenner, erwiderte Steiner ruhig. – «Wird dir auch schwerfallen», kicherte der Mann. – «Herzlich willkommen zu Hause! Freue mich wirklich, dich wiederzusehen. Wirst ja jetzt wohl ein bißchen bei uns bleiben, was? Wir haben ein wunderschönes, neues Lager, mit allem Komfort» «...» – «Ja, die Liebe!» kicherte Steinbrenner. – «Führt die ausgekochtesten Vögel ins Nest zurück – zum Wohl des Staates und zur Freude ihrer Freunde»* [12, с. 308].

Отнесение Штейнбреннера к значению «*идейный враг*» подтверждается и на лексическом уровне. *Враждебное пространство* нарастает. Употребление лексем, которые в контексте романа приобретают дополнительную негативную коннотацию, подчеркивает это. Например, лексический оброт *ein wunderschönes, neues Lager* (чудесный, новый лагерь; имеется в виду концентрационный лагерь) дает иллюзию к прошлому Штайнера, подчеркивая его политический статус беженца. Ведь Керн был выслан из-за своего полуеврейского происхождения, а Штайнер продолжает цепочку бывших фронтовиков, которые еще в романе «Три товарища» столкнулись с этими нацистами в то время, когда они впервые появились на улицах немецких городов. Таким образом, Ремарк продолжает показывать их судьбу уже после прихода к власти нацистов.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Westphalen T. «Kameradshaft zum Tode», Nachwort zu «Der weg zurück». – Köln: Kiwi, – S. 313-331.
2. Sternburg W. «Als wäre alles das letzte Mal». Erich Maria Remarque. Eine Biographie. – Köln: KiWi, 1998. – 512 s.
3. Murdoch B. The novels of Erich Maria Remarque: sparks of life (Studies in German literature, linguistics, and culture). – Rochester, NY: Camden House, 2006. – 245 p.
4. Wagener H. Understanding Erich Maria Remarque (Understanding modern European and Latin American literature. Understanding Contemporary Modern European Writers Series). – Columbia, SC: University of South Carolina Press, 1991. – 144 p.
5. «Sag mir, daß du mich liebst ...»: Erich Maria Remarque - Marlene Dietrich: Zeugnisse einer Leidenschaft/ Erich Maria Remarque. - 1. Aufl. – Köln: KiWi, 2001. – 214 s.
6. Erich Maria Remarque und Paulette Goddard : Biographie einer Liebe / Julie Gilbert. Aus dem Amerikan. von Nikolaus Gatter. München: List, 1997. – 695 s.
7. Marton R. Mein Freund Boni: Erinnerungen an Erich Maria Remarque / Ruth Marton. Aus d. Engl. von Ruth Marton und Susan Schwarz. – Köln: KiWi, 1993. – 211 s.
8. Hilton T. Erich Maria Remarque : the last romantic. – New York: Carroll & Graf, 2003. – 240 s.
9. Antkowiak A. Erich Maria Remarque. Leben und Werk. Volk und Wissen (Schriftsteller der Gegenwart 14). – Berlin, 1983. – 163 s.
10. Remarque E.M. Ein militanter Pazifist. Texte und Interviews 1929-1968. Herausgegeben und mit einem Vorwort von Thomas F. Schneider / E.M. Remarque. – Köln: KiWi, 1998. – 160 s.
11. Лихачев Д.С. Концептосфера русского языка / Д.С. Лихачев // Известия РАН – СЛЯ. – 1993. – №1. – С. 3-9.
12. Remarque E.M. Liebe deinen Nächsten. Mit einem Nachwort von Tilman Westphalen / E.M. Remarque. – Köln: KiWi, 2004. – 340 s.


## ХУСУСИЯТҲОИ ПОЭТИКИИ РОМАНҲОИ БА МУҲОҶИРОН БАХШИДАИ ЭРИХ МАРИА РЕМАРК

*(дар мисоли романи «Наздиконатро дӯст дор»)*


Дар мақола хусусиятҳои поэтикии асарҳои ба муҳоҷирон бахшидаи нависандаи маъруфи антифашисти немис Эрих Мариа Ремарк мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлил дар асоси романи «Наздиконатро дӯст дор» сурат гирифта, хусусиятҳои амалкарди муҳити бадеӣ ва хронологии асар дар асоси муқобилгузорӣ – «худӣ-бегона» ҷудо карда, сатҳи мотиватсионӣ ва образнокии роман таҳқиқ гардидааст.

Дар таҳқиқот таҳлили сохторӣ бо нишон додани аҳамияти мазмунии консепти «душман» ва амалӣ намудани он дар асар бо маъноҳои «душмани ғоявӣ» ва «ҳарифи ҳарбӣ» мақоми махсус касб намудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** адабиёти немис, Э.М. Ремарк, образ, ҷараёни хронологӣ, мотив, муҳити бадеӣ.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Похаленков Олег Евгенйевич, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти Донишгоҳи давлатии Калуга ба номи К.Э. Сиолковский. Тел.: (+7) 960-583-16-17; e-mail: olegpokhalenkov@rambler.ru

## ОСОБЕННОСТИ ПОЭТИКИ ЭМИГРАНТСКИХ РОМАНОВ ЭРИХА МАРИИ РЕМАРКА
*(на примере романа «Возлюби ближнего своего»)*

В статье рассматривается специфика поэтики эмигрантских произведений знаменитого немецкого писателя-антифашиста Эриха Марии Ремарка. Анализ осуществляется на примере романа «Возлюби ближнего своего». Выделяются особенности функционирования художественного пространства и хронотопа произведения на основе оппозиции «свой-чужой», рассматривается мотивный и образный уровни романа.

Особое место в исследовании занимает структурный анализ с выделением смыслового значимого концепта «враг» и его реализации в тексте (в значениях «идейный враг» и «военный противник»).

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** немецкая литература, Э.М. Ремарк, образ, хронотоп, мотив, художественное пространство.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Похаленков Олег Евгеньевич, доктор филологических наук, профессор кафедры литературы Калужского государственного университета имени К.Э. Циолковского. Тел.: (+7) 960-583-16-17; e-mail: olegpokhalenkov@rambler.ru

## FEATURES OF THE POETICS OF ERICH MARIA REMARQUE'S EMIGRANT NOVELS
*(on the example of the novel «Liebe deinen nächsten»)*

The article deals with the specifics of the poetics of the emigrant works of the famous German anti-fascist writer Erich Maria Remarque. The analysis is carried out on the example of the novel «Liebe deinen Nächsten». The features of the functioning of the artistic space and the chronotope of the work on the basis of the opposition «friend-foe» are highlighted, the motif and figurative levels of the novel are considered.

A special place in the study is occupied by the structural analysis with the allocation of the semantic significant concept of «enemy» and its implementation in the text (in the meanings of «ideological enemy» and «military opponent»).

**KEY WORDS:** German literature, E.M. Remarque, image, chronotope, motif, poetic space.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Pokhalenkov Oleg Yevgenievich, doctor of philological sciences, professor department of literature of Kaluga state university named after K.E. Thiolkovski. Phone: (+7) 960-583-16-17; e-mail: olegpokhalenkov@rambler.ru

## ВИЖАГИҲОИ ТАСВИРОТИ ШОИРОНА ДАР ШЕЪРИ ҒАФФОР МИРЗО

Аҳмадов С.Г.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ғаффор Мирзо, ки аз намояндагони соҳибноми адабиёти муосири тоҷик ба шумор меравад, аслан шоири тозагӯ ва маъниофар буда, дар ҳар як навиштаи ӯ ин махсусият эҳсос мегардад. Ашъори ӯ шаҳодат медиҳад, ки дар дилхоҳ навъи шеър, новобаста аз ҳаҷм, имкони ҷо намудани сужаи марғубу дилписанд ва баён намудани мазмуни расо бо истифодаи алфози андак мавҷуд аст. Ҳамин вижагии эҷодиёти ӯро ҳанӯз дар оғози фаъолияти шоириаш суханшиносони барҷастае, амсоли Муҳаммадҷон Шакурӣ [7] ва Соҳиб Табаров [6] эътироф карда буданд ва минбаъд Юсуф Акбаров [2] бо мисолҳо ин иддаоро исбот намуд.

Чизи дигаре, ки сабабгори ҷаззобати ашъори Ғаффор Мирзо гардида, барҷастагии маониро таъмин кардааст, тасвироти зебои шоирона аст, ки мо онҳоро дар бисёре аз шеърҳои ӯ мушоҳида менамоем. Шоир ба хотири зебову дилпазир баён намудани маъниву мазмун аз восита ва тарзҳои баён ба таври фаровон истифода бурдааст. Дар ашъори ӯ санъатҳои гуногуни бадеӣ – чи лафзиву чи маънавӣ, аз қабили тавсифу ташбеҳ, маҷозу истиора, тазоду таҷнис, муродиф, ҷамъу тафриқ, суолу ҷавоб, таҷоҳули ориф, ташхису талмеҳ, тарсеу тамсил ва ғайраҳо вомехӯранд. Дар баробари истифода аз ин санъатҳои бадеӣ, Ғаффор Мирзо дар ашъори худ ба таносуби калом, яъне муносибати маъноии калимоти шеър диққати зиёде медиҳад.

Аз ҷумлаи саноеи адабие, ки дар осори манзуми Ғаффор Мирзо зиёд истифода гардидааст ва ба ҳусни гуфтору ҷаззобати ашъори ӯ афзудааст, санъати ташбеҳ мебошад. Шоир ҳангоми тасвири чизе, рӯйдоде ва ё манзарае аз ин санъат дар якҷоягӣ бо санъатҳои дигар истифода мебарад. Бояд гуфт, ки аксари ташбеҳоти шоир ниҳоят ҳунармандона гуфта шуда, бар замми наву тоза ва ногуфта будан, ақлрас ва боваркарданианд. Барои мисол, дар порчаи зерин Ғаффор Мирзо наъра задании раъдро ба якбора санг холӣ кардани мошинҳои зиёди боркаш монанд мекунад, ки ба воқеият наздикӣ дорад. Яъне, ин ду ҳодиса, новобаста аз дигаргунии мазмун ва моҳияташон, аз бисёр ҷиҳат, хусусан тарзи баргузориашон, ба ҳамдигар монананд:

*Бизад як бори дигар раъд наъра*
*Дусад дафъа баҳайбаттар зи аввал,*
*Ки гӯё санг холӣ кард ногаҳ*
*Яку якбора як милён самасвал [5, с. 21].*

Ташбеҳи дар ин порча ҷойдошта ташбеҳи мураккаб буда, байти дувум ташбеҳкунанда ва байти аввал ташбеҳшаванда мебошад ва калимаи «гӯё» ҳамчун адоти ташбеҳ ин ду байтро ба ҳамдигар вобаста гардонидааст.

Баъзан шоир ташбеҳоти маълуму машҳурро истифода кунад ҳам, ба онҳо аз худ чизи тозаву ногуфтае меафзояд. Барои мисол, монанд кардани рӯ ба кулча дар адабиёт чизи нав нест ва ифодаи «кулчарӯ» ҳам дар адабиёти шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ фаровон вомехӯрад, вале сифати «гирам-гурезам» танҳо дар шеъри Ғаффор Мирзо, хеле зебо ва бамаврид истифода шудааст:

*Зани тоҷик – кайбонуи хушбахт,*
*Ду рӯ – ду кулчаи гирам-гурезам [4, с. 291].*

Дар шеърпораи дигар шоир барои ифодаи дилкашӣ ва дилписандии зан боз аз ҳамин ташбеҳ кор гирифтааст, вале дар ин маврид низ сифатҳои «баҳавр», «гармакак» ва «нав аз тафдон кандашуда» ташбеҳи маъмулро наву тозаву ногуфта ва дилпазиру ба эҳсос корагар гардонидаанд:

*Мана, душизаҳои нав зи бистар*
*Бурунгашта бадар оянд. Ё пир,*
*Баҳавру гармакак чун кулчаҳое,*
*Ки аз тафдонашон канданд ҳозир [5, с. 24].*

Гоҳо ташбеҳоти шоир на ба зоҳири чизҳо, балки ба ҳолати онҳо вобастааст. Ба ҳамин хотир, баъзан онҳо ғайриоддӣ ва аҷиб метобанд. Барои мисол дар достони «Фарзанди ҳукумат» чунин як порчае ҷо дорад:

*Дили Асрор мисли он кучукча,*
*К-аз одам шаттаи бисёр хӯрдаст,*
*Вале донад, ҷуз одам соҳибаш нест,*
*Ба ӯ дил бастаасту тан супурдаст.*

*Зи гармии навозишҳои модар*
*Кучукча як паропар кард оғоз,*
*Ки гар сандуқи дил маҳкам намебуд,*
*Қанотак мезаду мекард парвоз [5, с. 52].*

Шояд дар назари аввал ин шабоҳат (шабоҳати кучукча ба дил) аҷиб ва ғайриоддӣ намояд ва хонанда ҳайрон шавад, ки дилро ба кучукча чӣ муносибате? Вале агар мо лаҳзае ҳолати қаҳрамони марказии достон, ҷараёни зиндагии ӯ, кӯдакиҳову дарбадарӣ ва хориву зории ӯ, ниҳоят боввариву эътимоди ӯро ба оянда ва ба одамон пеши назар орем, дар баробари ин, ба хотир дошта бошем, ки саг ҳам дар адабиёти бадеӣ ва ҳам дар тасаввури мардум тимсоли вафодорист ва ягона ҷонварест, ки бо андак навозишу дӯстдорӣ тамоми ранҷу алами аз инсон дидаашро фаромӯш мекунад, байни ин ду образ, яъне «дили бекинаи Асрор» ва «кучукча» таносуб ва наздикии бениҳояти маъноиро эҳсос менамоем. Аз тарафи дигар, тавре ки гуфтем, ин монандкунӣ ба ҳолати қаҳрамон ва ба дараҷаи фаҳмишу ҷаҳонбинии ӯ вобаста аст. Шоир метавонист, дили Асрори наврасро ба осмони пурабре, ки бо шарофати офтоб (навозиши модар) равшан ва беғубор мешавад, монанд кунад, вале ин ташбеҳ ҳам куҳнаву обшуста мебуд ва ҳам ҷаззобату аҷобати ташбеҳи пешинро намедошт ва ҳам, азбаски ба ҳолати қаҳрамон вобаста нест, сохта ва ғайритабиӣ менамуд.

Дар банди дувуми порчаи боло калимаи «кучукча» акнун на ҳамчун ташбеҳ, балки ҳамчун истиораи «дил» хизмат менамояд ва инчунин ба василаи санъати муболиға ба он сифати «парвоз кардан» низ мансуб дониста шудааст, ки ин иқдом тозагиву аҷобати фикрро як ба даҳ афзуда, порчаи шеъриро хонданбобу шуниданӣ гардонидааст.

Ғаффор Мирзо ҳамчун шоири вуқӯъгӯ ва ҳақиқатнигор ҳама вақт аз корбурди тасвиру ташбеҳоти мавҳуму хаёлӣ парҳез намуда, барои шабоҳат додани чизе ба чизе доимо аз ашё ва калимоти маълум ва ақлрас истифода менамуд. Ин амал аслан ба услуби эҷодии шоир, ба хоҳиши содаву фаҳмо сухан гуфтани ӯ вобаста аст. Ба ҳамин хотир, фикри ӯ ба зудӣ ба зеҳни хонанда расида, ӯро муассир мегардонад. Дар ҳамин ҷо як хусусияти дигари эҷодиёти Ғаффор Мирзоро гуфтан бамаврид менамояд: дар навиштаҳои ӯ аксари вақт байни гуфтори худи ӯ ва қаҳрамонони асарҳояш як тафовут ва дигаргуние ба назар мерасад. Яъне, ҳангоми тасвири бевоситаи чизе ва ё ҳодисае шоир худро нисбатан озод ҳис намуда, мувофиқи завқу салиқа ва қудрату истеъдоди худ суханварӣ менамояд, вале ҳангоми тасвири бавосита гуфтори образҳои офаридаашро мувофиқ ба синну сол, дараҷаи фаҳму идрок, тафаккуру ҷаҳонбинӣ ва ҳолату вазъияти онҳо нақл менамояд. Барои мисол дар романи манзуми «Фарзанди ҳукумат» лаҳзае нақл карда мешавад, ки Мукаррам ва додарони ӯро амаки даҳанишолӣ аз дарё гузаронида, ҳаволаи тақдир менамояд ва худ ба хонааш бармегардад. Дар назари Мукаррам, ки нисбат ба додаронаш боақлтар буд ва баду некро то андозае фарқ карда метавонист, сангҳои паҳну парешони соҳил ба ӯву додаронаш - ятимони амакафканда монанд метобиданд:

*Мукаррам лаҳзае шуд манъ. Ҳар санг*
*Намоидаш ятими бепарастор,*

*Ки онҳоро дар ин ҷо монда рафтанд*
*Амакҳои зи додарзода безор [5, с. 59].*

Тавре мушоҳида мешавад, ташбеҳи боло низ ба ҳолати қаҳрамон вобаста аст. Азбаски Мукаррам дар он вазъияте, ки худ ва додаронаш доштанд, ба чизи дигаре таваҷҷуҳ дошта наметавонист, аз ҳар як ашё ва ҳаводиси чашмрас нишонаҳои ба ҳаёти худашон монандро ҷустуҷӯ мекард ва табиист, ки сангҳои паҳну парешон афканда, ба ҳама кас нолозим ва аз имкони ба дигар ҷой рафтан маҳрум ба назари ӯ худ ва додаронашро оинадорӣ мекарданд.

Тавре ки мушоҳида мешавад, ташбеҳоти ашъори Ғаффор Мирзо мавҳуму маҷҳул набуда, ҳамагӣ фаҳмо ва ақлрасу ҳаётианд ва монандкунандаву монандшавандаҳо бо якдигар дар шаклу мазмун қаробати беназире доранд. Дар порчаи зер шоир рамаи гӯсфандони гуногунрангро, ки бегоҳӣ ба чаро бароварда шудааст, ба мошу биринҷи аз табақ резанда ва ҳамчунин ба абрпораҳои дар осмон пароканда монанд намудааст:

*Рамма чун мошу биринҷе аз табақ*
*Рехт дар домони гулгуни шафақ,*
*Осмон оина шуд, тадбир кард,*
*Раммаро бо абрҳо тасвир кард [3, с. 19].*

Нодиркорӣ ва тозагӯӣ яке аз махсусиятҳои ашъори Ғаффор Мирзо мебошад ва, тавре ки борҳо ишора намудем, дар навиштаҳои ӯ тасвирҳои тозаву бикр ва суханони нагуфта хеле зиёданд. Барои мисол, шоир дар як порчаи достони «Сесаду шасту шаш паҳлу» бунёдкориву созандагии халқи тоҷикро дар даврони шӯравӣ дар назар дошта, ба василаи санъати тазод дирӯзро бо замони худ муқоиса мекунад, вале ин муқоиса на бо суханони ҳазорон бор гуфташуда ва тасвироти обшуста, балки бо мазмунсозии наву тоза сурат мегирад:

*Як вақт буд ин сарзамин*
*чун ду кафи дасти гадо,*
*Дасте, ки он бахшиш надид*
*умре зи даргоҳи Худо.*
*Акнун чу дастархон шудаст,*
*монанди дастархони ом,*
*Овард ҳар кас, ҳар чӣ дошт,*
*бигзошт дар болои он [3, с. 26].*

Дар порчаи боло шоир сарзамини тоҷиконро (аниқтараш водиҳои навободро) дар ду давра ба ду чизи ба ҳамдигар муқобилмазмун («кафи холии дасти гадо» ва «дастархони пурнозу неъмат») монанд кардааст, яъне якчанд сол пеш ин заминҳо ба монанди кафи гадо ҳамеша холӣ буданд, вале дар даврони нав ба туфайли меҳнати якҷоя ва софдилонаи мардум ба дастархони пурнозу неъмате мубаддал гардидаанд.

Дар баробари дигар намудҳои ташбеҳ, дар навиштаҳои Ғаффор Мирзо ташбеҳи тафзилӣ (баргашта) низ мавқеи хоса дорад. Дар ин намуди ташбеҳ шоир аввал чизеро ба чизе ташбеҳ мекунад, вале баъдан ин шабоҳат гӯё ба назараш кам менамояд ва аз фикри худ баргашта, барои чизи ҳадафи тасвир ташбеҳи тозаву муносибе меорад:

*Мешитобад рӯд дар қаъри дара,*
*Рӯд не, аз пой то сар шаршара.*
*Шаршара не, чашмаи боду ҳаво,*
*Чашмаи боду ҳавои дилкушо [3, с. 12].*

Ҳамин тавр, ашъори Ғаффор Мирзо оростаи санъатҳои гуногуни бадеӣ буда, ин саноеъ ба ҳусни гуфтор ва назокату фасоҳати ашъори ӯ афзудаанд. Шоир дар навиштаҳои худ барои сухани тозаву ногуфта гуфтан кӯшиши зиёде намуда, ба ин муроду мақсади эҷодии худ комёб низ гардидааст. Аксари тасвироти шоиронаи Ғаффор Мирзо дарбаргири ибораву ифодаҳои наву тоза ва худсохти шоир буда, ӯ онҳоро дар мавридҳои муайян ва муносиб истифода бурдааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Акбаров Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 240 с.
2. Акбарзода Ю. Нигоҳе ба шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи бист // Садои Шарқ, 2011. – №1. – С. 88-114.
3. Мирзо Ғ. Сесаду шасту шаш паҳлу. Китоби 2. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 172 с.
4. Мирзо Ғ. Ашъори мунтахаб. Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 352 с.
5. Мирзо Ғ. Фарзанди ҳукумат. – Душанбе: Маориф, 1985. – 240 с.
6. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Китоби 2. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 224 с.
7. Шукуров М. Дар хусуси достони «Тоҷи давлат»-и Ғаффор Мирзо // Шарқи сурх, 1958. – №1. – С. 120-128.

## ВИЖАГИҲОИ ТАСВИРОТИ ШОИРОНА ДАР ШЕЪРИ ҒАФФОР МИРЗО

Тарзи баён ва услуби эҷодии дилхоҳ шоири тавонманд асосан тавассути корбурди ҳунармандонаи тасвироти шоирона муайяну мушаххас мегардад. Суханшиносони дирӯзу имрӯз низ аслан ба эҷодиёти суханварон аз ҳамин дидгоҳ баҳо дода, мартаба ва мақоми онониро дар миёни шоирони дигар муайян менамоянд. Дар мақолаи мазкур муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки ба василаи таҳлилу баррасии намунаҳое аз шеъри Ғаффор Мирзо дар бораи ҳунар ва маҳорати шоирии ӯ арзишдоварӣ намояд.

Ғаффор Мирзо аз ҷумлаи шоирони соҳибномии адабиёти муосири тоҷик буда, дар замони худ шеъри ӯ алоқамандон ва ҳаводорони зиёди худро дошт ва имрӯз низ хонандаи худро дорад. Вобаста ба мавҷудияти тасвироти зебои шоирона аксари ашъори ӯро метавон аз намунаҳои олии шеъри даврони шӯравии тоҷик ҳисобид.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Ғаффор Мирзо, тозагӯ, маъниофар, тасвироти шоирона, таносуби калом, маънии ногуфта, тарзи баён, фасоҳат, ташбеҳ.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Аҳмадов Сафармад Гадомадович, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

## ОСОБЕННОСТИ ПОЭТИЧЕСКОГО ИЗОБРАЖЕНИЯ В СТИХАХ ГАФОРА МИРЗО

Способ изложения и творческий стиль каждого могучего поэта в основном определяется и конкретизируется умелым использованием поэтического изображения. Литературоведы во все времена с этой позиции оценивали творчество литераторов, определяют их место среди других поэтов. В данной статье исследователь стремился посредством анализа некоторых стихов Гаффора Мирзо дать оценку его поэтическому мастерству.

Гаффор Мирзо, как один из известных поэтов современной таджикской литературы, в своё время имел немало почитателей. В связи с существованием прекрасного поэтического изображения многие его стихи могут быть высшими образцами поэзии таджикской советскй литературы.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Гаффор Мирзо, новатор, создатель смысла, поэтическое изображение, соотвествие слова, новый смысл, способ изложения, изящество, аллегория.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Ахмадов Сафармад Гадомадович, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

## FEATURES OF THE POETIC IMAGE IN THE VERSES OF GAPHOR MIRZO

The way of presentation and creative style of each powerful poet is mainly determined and concretized by the skillful use of poetic images. Literary critics at all times from this position assessed the work of writers, determine their place among other poets. In this article, the researcher strove by analyzing some of the poems of Gaffor Mirzo to assess his poetic skill.

Gaffor Mirzo, as one of the famous poets of modern Tajik literature, at one time had many admirers. Due to the existence of a beautiful poetic image, many of his poems can be the highest examples of the poetry of Tajik Soviet literature.

**KEY WORDS:** Gaffor Mirzo, innovator, creator of meaning, poetic image, word correspondence, new meaning, way of presentation, grace, allegory.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Ahmadov Safarmad Gadomadovich, candidate of philology, associate professor of the department of Tajik literature of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

## ТАШАККУЛИ РОМАНҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

*(дар мисоли романи «Куруши Кабир»-и Б. Абдураҳмон)*

Нозимова С.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Инкишофи насри пешин ин ибтидои хуби насри замони истиқлол аст. Дар заминаи фаъолияти эҷодии адибони ботаҷрибаю баркамоли тоҷик Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҷалол Икромӣ, Ӯрун Кӯҳзод, Сайф Раҳим ва амсоли инҳо насри имрӯза вусъат ёфтааст.

Муаллифони таърихномаҳо, аз ҷумла «Таърихи Табарӣ», «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров, «Таърихи тамаддуни Ориён»-и Иброҳим Умарзода, «Тоҷикон дар оинаи таърих» ва «Чеҳраҳои мондагор»-и Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар ин ақидаанд, ки тоҷиктаборон нахустқавмеанд, ки дар рӯи замин арзи ҳастӣ кардаанд. Сарчашмаҳои таърихӣ тоҷиконро аз авлоди аввалин қабилаи инсонӣ – Ёвон, писари Ёфат, набераи Нӯҳ пиндоштаанд. Дар тӯли ҳазорҳо соли давлатдории тоҷикон ҳазорҳо подшоҳон гузаштанд, лекин номи на ҳама подшоҳон мисли Куруши кабир ва Исмоли Сомонӣ ба ёдгор мондаанд. Подшоҳ ё сардори давлату қабила, ҷамъият, халқият ва дигар намояндаҳо миллати моро низ роҳбарӣ кардаанд [9, с. 3].

Дар шууру афкори адибони имрӯза воқеаҳои нангини солҳои навадум таъсири бузург гузошт. Чандин асари насрӣ, аз ҷумла «Се раҳаки се ҳизб»-и Ӯрун Кӯҳзод, «Лаблаби ҷар»-и Саттор Турсун, қиссаи «Нишони зиндагӣ»-и Кароматулло Мирзоев ва романи «Зарафшон»-и

Сорбон фарогири воқеаҳои иҷтимоии ба ҷанги шаҳрвандӣ печидани гӯруҳҳои сиёсӣ ва дар давоми ҷангҳои тӯлонӣ вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ ва пош хӯрдани он тасвир шудааст.

Боиси сарфарозист, ки насри таърихӣ низ дар замони истиқлолият ривоҷу равнақ ёфтааст. Асарҳои таърихӣ хонандаи хешро аслан ба таърихи дуру наздики халқи тоҷик, корнамоию ҷоннисориҳои фарзандони барӯманди он ошно менамояд. Аз ҷумла «Гули бодом»-и Ҷ. Икромӣ, қиссаи «Мансури Ҳаллоҷ»-и Р. Ҳодизода, достони «Писари Худо»-и Сорбон, «Куруши Кабир»-и Бароти Абдураҳмон барин асарҳо тақвияти гуфтаҳои болоянд.

Арзёбии мавқеи шахс дар таърих ин яке аз хусусиятҳои муҳимми насри даврони истиқлол ба шумор меравад. Баҳри дар рӯҳияи ватандорию ватандӯстӣ ва ифтихор кардан аз фарҳанги ниёгони гузаштаи худ тарбия намудани насли оянда ин тақозои замони нав аст, аз ин ҷиҳат, адибони мо ба шахсони таърихӣ рӯ оварда, роҷеъ ба рӯзгору корнамоиҳои фарзандони барӯманди халқи тоҷик асарҳо эҷод намуданд.

Ҳанӯз дар аҳди Сосониён романҳои таърихӣ ҳам арзи ҳастӣ кардаанд, ки ин навъ асарҳо дар сарчашмаҳо ба унвони китобҳои таърихӣ ва осори таърихии ҳамосӣ ёд шудаанд. Намунаи романҳои таърихии ин давра, ки Ибни Надим аз онҳо ёд кардааст «Баҳрому Нарсӣ», «Баҳроми Чӯбин», «Шаҳрбароз бо Парвиз», «Китоби Анӯшервон» ва амсоли инҳо мебошанд [8, с. 56-57].

Пажӯҳиши таъриху тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон, хеле барвақт оғоз гардида буд. Ин анъанаи наҷиб дар асри XX хеле ривоҷ ёфта, боиси инкишофи илмии ховаршиносӣ гардид ва ба адабиёти бадеӣ, махсусан ба насри таърихӣ, таъсири чашмрас расонид.

Яке аз донандагони хуби таъриху тамаддуни Шарқ, асосгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ аз назми оламшумул ва сарчашмаҳои беназири таърихию адабӣ истифода намуда, имконият пайдо кард, то аз саҳифаҳои пурасрори таърихи халқу миллат, аз рӯзгору осори бузургони илму адаб ва аз корномаи диловаронаи абармардоне, ки ба хотири дифои меҳан алайҳи истилогарони аҷнабӣ мубориза бурдаанд, асару мақолаҳои боэътимоди илмӣ ва бадеӣ нависад. Ин роҳи пуршарафу ибратангези устод Айниро минбаъд ҳампешагону шогирдон давом додаанд [6, с. 4].

Яке аз нависандагони маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода қайд кардааст: «Одамӣ бояд ниёгони хешро бишиносад, то бидонад, ки худи ӯ кист ва баҳри чӣ коре омадааст. Бидонад, ки некӣ чист ва бадӣ чист, одамият чист, мурувват чист. Меҳнатдӯстӣ биёмӯзад, некандешӣ ва некхоҳӣ биёмӯзад» [6, с. 3].

Дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон роман ҷои намоёнро ишғол кард. Халқи тоҷик гузаштаи таърихии худро нағз ёд дорад ва ба он арҷ мегузорад. Ба майдон омадани шоҳасари алломаи Машриқзамин Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» ва китобҳои роҳнамои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Аз Ориён то Сомониён», «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» ва «Чеҳраҳои мондагор» муҳаббати халқро ба Ватани худ шуълавар карданд, тафаккури таърихӣ ва ҳиссиёти хештаншиносии ӯро ривоҷ доданд, ҳувияти миллии ӯро баланд бардоштанд [1, с. 68].

Бароти Абдураҳмон яке аз нависандагони боистеъдод, навҷӯй ва хушсалиқаи даврони истиқлол буда, усули хоси нигоришро доро мебошад. Ӯ дар баробари навиштани асарҳои ишқӣ ва фоҷиавӣ ба мавзӯъҳои таърихӣ низ рӯ оварда, силсилақиссаи «Ҳафт муъҷизаи олам» -ро (1995) дар тавсифи аҳромҳои Мисри қадим, Боғи муаллақи Бобул, Маъбади Атемида, оромгоҳи Мавсол, муҷассамаи Зевс, Бурҷи Искандария ва Ҳайкали Родос ба қалам додааст, «Шамшер ва ишқ» (2002), «Куруши Кабир» (2006), «Биҳишти фиребо» (2007), «Рухшона» (2007), дар шакли китоби алоҳида дастраси ҳаводорони каломи бадеъ гардидаанд.

Ба қалами ӯ инчунин драмаи таърихии «Хатои Искандари Мақдунӣ» (1999), филмномаҳои «Тифли домони туам, модар» (1999), «Муъҷизаи ҳафтуми олам» (2002), «Васвасаҳои хунафшон» (2003) мансубанд. Кинороманҳои сегонаи «Куруш ва Томирис», «Искандар ва Спитамен», «Рухшона» (2007) омодаи чопанд.

Романи тозаи ӯ «Нимароҳи Аъроф» (2021) бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар 25 чузъи чопӣ, дар нашриёти «Адиб» чоп шудааст. Ин асар ба шакли китоби мукаммал соли 2021 ба нашр баромад. Мавзӯи ин асар фоҷиаи баҳманмоҳи хунин, фазои инқилобии рӯзҳои пурошӯб, талошҳои фарорасии истиқлол, рақобатҳои шадиди тарафҳои даргир ва оғози ҷанги шаҳрвандиро фаро гирифтааст.

Б. Абдураҳмон баробари романҳо ва филмномаҳои таърихӣ қиссаҳои хотирмони таърихӣ, аз ҷумла «Сомонхудот», «Абӯмуслими Хуросонӣ», «Низомулмулк», «Ангораҳои Бухоро» ва ғайраро навиштааст, ки дар онҳо симоҳои абармардони безаволро ба тасвир додааст.

Зимни суҳбат бо нависанда Бароти Абдураҳмон маълум гардид, ки барои навиштани асари таърихии «Исмоили Сомонӣ» чандин солҳо омодагӣ дидаанд. Дар бораи сулолаи Оли Сомонхудот дар се шумораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» қиссаи таърихии «Сомонхудот»-ро чоп намуд.

Дар ин қисса ӯ талошу пайкорҳои Сомонхудот ва хонадони Бармакиёнро барои поси кеши Зардуштӣ ва маъбади муҳташами «Навбаҳор» тасвир намудааст. Аз рӯи нигориши нависанда яке аз сарлашкарони араб бо номи Аҳноф ибни Қайс соли 652 зимни набардҳои шадиду фатҳи Бодғис ва ғайра дар беруни шаҳри Балх хайма зада, атрофи Шаҳристонро муҳосира мекунад.

Сомонхудот, ки ҷавони наврас буд, баъди марги падар ҳокимии Балхро ба дӯш дошт, бо маслиҳати коҳини бузурги маъбади Навбаҳор Бармак ва шаҳрбони Балх Гуроз бо Аҳноф ибни Қайс паймони сулҳу созиш мебандад. Аз рӯи ин паймони сулҳ дар як вақт 400 ҳазор дирҳам пардохта, дарвозаҳои шаҳрро мекушоянд ва гаравидани сокинонро ба ислом аз рӯи хоҳиши худашон қарор медиҳанд. Вале Аҳноф ибни Қайс аз рӯи нигориши нависанда рӯзи нахусти ворид шудан ба Балх дар маъбади Навбаҳор намоз гузорида ва рӯзи сеюм дастур медиҳад, ки дар тани девори маъбад меҳроб канда, минбари вазъгӯиву ташвиқоти диниро баробари ду қади одам бисозанд.

Сомонхудот дертар аз мақоми ҳокимӣ барканор шуда бошад ҳам, муддате пайравони кеши зардуштиро дар қатори Бармаки бузург пуштибонӣ намуда, гирифтори бадхоҳии Аҳноф ибни Қайс ва ҳамсафони ӯ мегардад.

Абӯмуслими Хуросонӣ дар тасвири нависанда ҷавони тезҳушу зиракест, ки аз ҷониби пешвои хонадони Аббосиён баҳои сазовор гирифта, ҳамчун гумоштаи хосаи онҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр фиристода мешавад. Абӯмуслим аз рӯи дастури пешвоёни ин хонадон ошӯби оммавиеро роҳандозӣ намуда, ҳокимону амалдорони Хуросону Мовароуннаҳрро барканор месозад ва бо ҷасорати бемислу монанд намояндагони Аббосиёнро ба қудрат мерасонад.

Ӯ ҳамчун сарлашкари тавоно, сиёсатмадори зирак, волии ватандӯсту меҳанпарвар дар Мовароуннаҳру Хуросон даҳҳо ҳазор арабҳои мухолифи Аббосиёнро сар мезанад ва сиёсати мустақилонаи давлатдориро пеш мебарад.

Асари таърихии машҳури Бароти Абдураҳмон «Куруши Кабир» мебошад. Романи таърихии «Куруши Кабир» (2006) аз зиндагии пурҳангома, ишқи самимона, тарҳрезии оини давлатдорию кишваркушоиҳо, муттаҳидсозии қавму қабилаҳои парокандаи ориёӣ, алалхусус ниёгони тоҷикон, дар як қаламрави воҳид ва саранҷом бунёдгузории империяи мутамаддини ҷаҳони Ҳахоманишиён нақл мекунад. Силсилароманҳои дигари ӯ ба монанди «Камбуҷия» ва «Дорои Бузург» (2013) дар партави сиёсати ваҳдатгароӣ ва башардӯстонаи Куруши Кабир эҷод шудааст ва дурахшонтарин даврони давлатсозию тамаддунофарии ниёгони ориёии Эронитабор, аз ҷумла тоҷиконро, фаро мегирад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба эҷоди ин асари нависанда баҳои баланд додаанд: «Романи таърихии «Куруши Кабир», ки нависанда Бароти Абдураҳмон иншо намудааст, кӯшишест барои нигоҳи тоза афкандан ба зиндагии пурҳангома ва шахсияти нотакрору ибратомӯзи шоҳаншоҳи аҳди қадим. Нависанда барои зиндаю боварибахш ва хотирмону барҷаста офаридани симоҳои таърихии асар, ифодаи ҳолатҳои рӯҳию дарду армонҳои ботинӣ ва таҷассуми неруи безаволи ишқу талошҳои пайгиронаи Куруш барои давлатсозию тамаддунофарӣ заҳмати зиёде кашидааст. Ҳадафи аслии нависанда на солноманигорӣ ва таҳқиқоти пайгиронаи таърихӣ, балки ба воқеияти таърих ва ҳақиқати зиндагӣ наздик тасвир намудани сарнавишти Куруши Кабир аст» [2, с. 5].

Дар ҳақиқат, «Куруши Кабир»-и Б. Абдураҳмон кӯшишест барои нигоҳи тоза афкандан ба зиндагии пурҳангома, сӯзу сози ишқ ва шахсияти нотакрору ибратомӯзи ин шоҳаншоҳи бузурги аҳди қадим, ки падари воқеии ориёиҳои қаламрави Осиё эътироф шудааст. Асари мазкур ба бузургдошти Соли тамаддуни ориёӣ табъу нашр гардидааст. Дар он роҷеъ ба ҳаёту рӯзгор, таъриху сарнавишти ориёиҳо, ки мо тоҷикон низ яке аз наслҳои асили он ҳастем, нақл карда шудааст. Яке аз ситорагони рахшони тамаддуни ориёӣ, ки ҳанӯз 2500 сол қабл аз ин ба қавли файласуфи бузурги немис Гегел ба оламиён усули мутамаддини давлатдориро эҳдо кардааст, Куруши Кабир мебошад. Худи муаллиф роҷеъ ба қаҳрамони асосии асар чунин қайд кардааст: «Куруши Кабир, ба назари ман, офтобест, ки дар фазои оғози таърих ва тамаддуни ниёкони мо тулӯъ карда, саросари қаламрави паҳновари мардуми ориётаборро равшану пуранвор намуда, ин қавму халқиятҳои парокандаро муттаҳид сохт ва зери як парчами давлатдории густарда гирд овард» [2, с. 10 -11].

Бунёди давлати Ҳахоманишиҳоро подшоҳи тоифаҳои форс Куруши II гузошт, ки пештар чун васал ба салтанати Мидӣ тобеъ буд. Дар натиҷаи муборизаҳои сахт ва дуру дароз вай на танҳо аз тобеият халос шуд, балки дар соли 550 пеш аз милод давлати Мидиро тамоман тору мор намуда, ба зери итоати худ даровард.

Куруши Кабир асосгузори нахустимперияи мутамаддини аҳди қадим буда, то замони лашкаркашию кишваркушоиҳои Искандари Мақдунӣ дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт. Вай саромадони хешро ба насаби подшоҳони наҷиб ва табори ориёӣ мансуб медонист. Мутобиқи маълумоти катибаҳои Дорои бузург ва муаррихони Юнони қадим чандин давлатҳои ҷаҳони куҳан, ба монанди Порсу Мод, Бобулу Ошӯр ва Мисру Финикия, Бохтару Суғд ва ғайра дар қаламрави 22 вилоят империяи Курушро муттаҳид намуда, дар ҳудуди се қитъаи олам – Осиё, Аврупо ва Африқо доман густардааст. Вай дуюним ҳазор сол пеш қавмҳои парокандаи ориёиро аз домани куллаҳои Ҳимолой то қаторкӯҳҳои Қафқоз ва аз канори рӯди Яксарт (Сир) то соҳилҳои баҳри Миёназамин тахти парчами худ муттаҳид сохтааст.

Нависанда аз сарчашмаҳо ва дидаву шунидаҳои хеш, бахусус зимни таҳқиқоти илмӣ, тавонистааст аз ҳар гӯшае хӯшае ҷамъоварӣ карда, як асари хуби насриву таърихӣ барои ҳаводорони эҷодиёти хеш офарида бошад ва ин шоҳаншоҳи раиятпарвару донои эрониён, (форсиёну бохтариёну суғдиёну хоразмиён), нахустин бунёдгузори шоҳаншоҳӣ дар паҳнои дарёи Уммон – халиҷи Форс, то сарҳади Чин ва нахустин муаллифи Эъломияи ҳуқуқи башарро бештару хубтар ва бо тасвири баланди бадеӣ ва ҳақиқати таърихӣ ба наслҳои ҷавон ошно намояд.

Аз он чи гуфта шуд, маълум мегардад, ки Бароти Абдураҳмон дар давоми фаъолияти эҷодии худ, асарҳои зиёдеро рӯи саҳнаи адабиёт оварда, масъалаҳои зиёди таърихиро пешкаши хонандагон гардонидааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Сайфуллоев, Атахон Уфуқҳои тозаи наср / Атахон Сайфулоев. – Душанбе: Адиб, 2002.
2. Абдураҳмон, Б. Куруши Кабир (шоҳаншоҳи тамаддуновар). Камбуҷия (пирӯзӣ ва марг) / Б. Абдураҳмон. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 3-6.
3. Расулиён, Қаҳҳор. Ду қутби тамаддун роҳи ояндаи мост / Қаҳҳори Расулиён // Адабиёт ва санъат, 8 майи соли 2008. – №19. – С. 9.
4. Ғафуров, Бобоҷон Тоҷикон / Бобоҷон Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 91-100.
5. Исоматов М. Тоҷикон дар тасвири Сотим Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 2002. – С. 3-4.
6. Маҷаллаи иттилоотӣ-фарҳангӣ, фароғатӣ ва рекламавӣ «Чеҳра». – Душанбе, 2010. – №3 – С. 3.
7. Шарифзода, Х. ва дигарон Таърихи адабиёти тоҷик / Х. Шарифзода, М. Назриқул. – Душанбе: ТоРус, 2017. – С. 56-57.


## ТАШАККУЛИ РОМАНҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

*(дар мисоли романи «Куруши Кабир»-и Б. Абдураҳмон)*


Дар ин мақола масъалаҳои рушди насри таърихӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардидааст, ки ҳадаф аз ин пажӯҳиш ошно намудани аҳли ҷомеа, бахусус ҷавонону наврасон, бо таърихи дуру наздики халқи тоҷик, корнамоию ҷоннисориҳои фарзандони барӯманди он арзёбӣ мегардад.


Ба андешаи муаллиф, дар рӯҳияи ватандорию ватандӯстӣ ва ифтихор аз фарҳангу ниёгони гузаштаи худ тарбия намудани насли оянда тақозои замон мебошад. Аз ин рӯ, адибони тоҷик ба шахсиятҳои таърихӣ рӯ оварда, аз рӯзгору корнамоиҳои фарзандони барӯманди халқи тоҷик асарҳо эҷод намудаанд.

Дар ин росто романи таърихии «Куруши Кабир»-и Бароти Абдураҳмон дар адабиёти замони истиқлолият, махсусан дар насри таърихӣ мавқеи назаррас дорад.

Бароти Абдураҳмон яке аз нависандагони боистеъдод, навҷӯй ва хушсалиқаи даврони истиқлол буда, бо усули хоси нигориш дар баробари романҳо ва филмномаҳои таърихӣ, қиссаҳои хотирмони таърихӣ навиштааст, ки дар онҳо симои абармардони арсаи сиёсат, таърих ва фарҳангро ба тасвир кашидааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба эҷоди ин асари нависанда баҳои баланд додаанд: «Нависанда барои зиндаю боварибахш ва хотирмону барҷаста офаридани симоҳои таърихии асар, ифодаи ҳолатҳои рӯҳию дарду ормонҳои ботинӣ ва таҷассуми неруи безаволи ишқу талошҳои пайгиронаи Куруш барои давлатсозию тамаддунофарӣ заҳмати зиёде кашидааст. Ҳадафи аслии нависанда на солноманигорӣ ва таҳқиқоти пайгиронаи таърихӣ, балки ба воқеияти таърих ва ҳақиқати зиндагӣ наздик тасвир намудани сарнавишти Куруши Кабир аст».

Дарвоқеъ, пайгирӣ намудани саҳми назарраси яке аз ситорагони рахшони тамаддуни ориёӣ – Куруши Кабир, ки аз асосгузорони нахустимперияи мутамаддини аҳди қадим буд ва дар таърихи тамаддуни башарӣ назире надошт, пажӯҳиши хеле муҳим ва арзишманд мебошад.


**КАЛИДВОЖАҲО:** роман, таъриху фарҳанг, давлатсозӣ, сарнавишт, нависанда, тамаддун, ватандӯстӣ, худшиносӣ



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Нозимова Саодат, ассистенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тел.: (+992) 989-13-66-00; e-mail: sharaf26@mail.ru

## ФОРМИРОВАНИЕ ИСТОРИЧЕСКИХ РОМАНОВ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

*(на примере романа Б. Абдурахмона «Куруши Кабир»)*


В статье обсуждаются вопросы развития исторической прозы в период независимости Республики Таджикистан. Цель исследования – познакомить общественность, особенно молодежь и подростков, с прошлой и новейшей историей Таджикистана, мужество и заслуги его доблестных и выдающихся личностей.

По мнению автора, роль личности в истории - одна из важнейших особенностей прозы периода независимости, и воспитание будущих поколений в духе патриотизма и гордости за древнюю культуру является обязательным требованием времени. Поэтому таджикские писатели обращались к историческим личностям и создавали произведения из жизни и достижений выдающихся исторических личностей таджикского народа.

В этой связи исторический роман Барота Абдурахмона «Великий Кир» в литературе периода независимости страны, особенно в прозе историчекой прозы занимает особое место.

Барот Абдурахмон - один из самых талантливых, новаторских и замечательных писателей периода независимости, который наряду с романами и историческими фильмами он написал исторические рассказы с уникальной манерой изображения, в которых он изобразил великих деятелей политики, истории и культуры.

Автор отмечает, что Основоположник мира и национального единства-Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон высоко оценил творчество автора: «Писатель усердно трудился за живое, убедительное и запоминающееся создание исторических образов, выражения внутренних устремлений и воплощение неукротимого потенциала усилий Великого Кира в сфере создания государства и цивилизации. Главная цель писателя - не вести хронику и изучать исторические события, а описать судьбу Кира Великого ближе к реалиям истории и реалиям жизни».

Действительно, исследование значительного вклада одной из самых ярких звезд арийской цивилизации, Кира Великого, который был одним из основателей первой цивилизованной империи, является очень важным и ценным.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** роман, история и культура, государственность, судьба, писатель, цивилизация, патриотизм, самопознание.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Нозимова Саодат, ассистент кафедры таджикской литературы и журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Тел.: (+992) 989-13-66-00; e-mail: sharaf26@mail.ru


## FORMATION OF HISTORICAL NOVELS IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE

*(on the example of B. Abdurahmon's novel «Kurushi Kabir»)*


The article discusses the development of historical prose during the period of independence of the Republic of Tajikistan. The purpose of the study is to acquaint the public, especially youth and adolescents, with the past and recent history of Tajikistan, the courage and merits of its valiant and outstanding personalities.

According to the author, the role of personality in history is one of the most important features of prose during the period of independence, and the upbringing of future generations in the spirit of patriotism and pride in ancient culture is a mandatory requirement of the time. Therefore, tajik writers turned to historical figures and created works from the life and achievements of outstanding historical figures of the tajik people.

In this regard, the historical novel by Barot Abdurahmon «Kurushi Kabir» in the literature of the period of independence of the country, especially in the prose of historical prose, occupies a special place.

Barot Abdurahmon is one of the most talented, innovative and remarkable writers of the period of independence, which, along with novels and with historical films, he wrote historical stories in a unique manner in which he portrayed the great figures of politics, history and culture.

The author notes that the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon highly appreciated the author's work: Great Cyrus in the field of state and civilization creation. The main goal of the writer is not to chronicle and study historical events, but to describe the fate of Cyrus the Great closer to the realities of history and the realities of life».

Indeed, the study of the significant contribution of one of the brightest stars of the Aryan civilization, Cyrus the Great, who was one of the founders of the first civilized empire, is very important and valuable.



**KEY WORDS:** novel, history and culture, statehood, fate, writer, civilization, patriotism, selfknowledge.



**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Nozimova Saodat, assistant of the department of Tajik literature and journalism of the Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Phone: (+992) 989-13-66-00; e-mail: sharaf26@mail.ru


## ТАСВИРҲОИ ПАРАДОКСӢ ДАР ТАРҶУМАҲОИ ФАРЗОНА


Ризобоева Н.М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров


Шоираи халқии Тоҷикистон Фарзона дар баробари он ҳама корномаҳое, ки барои рушди шеъри тоҷикӣ дар марҳалаи нави таърихӣ анҷом додаанд, силсилаи ашъори шоирони ҷаҳонро тарҷума намудааст, ки мақоми ӯро ҳамчун тарҷумони шоён бозгӯӣ мекунад. Маълум аст, ки барои анҷоми муваффақонаи тарҷумаи ашъор ҳунари шоирӣ нақши бузург дорад ва осори тарҷумашуда, пеш аз ҳама, маҳсули кор, андешаву тахайюли ҳамон шоир ба шумор меравад.

Ҳатто мавориде ҳам эҳсос мешавад, ки агар тарҷумон аз ҳунари баланди шоирӣ бархурдор бошад, тарҷумаи анҷомдодаи ӯ аз асли шеър муассир ва қобили таваҷҷуҳ сурат мегирад. Ин хусусияти ҳунарӣ ва бадеиро дар тарҷумаҳои ашъори шоирони кишварҳои олам, аз ҷумла намунаҳои ҳойкуҳои ҷопонӣ, ашъори Абай, Афанасий Вет, Ҷорҷ Байрон, Анна Ахматова ва дигарон ба мушоҳида метавон гирифт.

Тарҷумаҳои устод Фарзона аз ҳар ҷиҳат қобили таҳқиқ ва баррасӣ мебошанд, зеро то кунун дар барбари дар шакли алоҳида ба нашр расидани китоби тарҷумаи ашъори Анна Ахматова аз ҷониби Фарзона силсилаи тарҷумаҳои дигари шоира дар китобҳои «Себарга», «Найистон» ба чоп расиданд, ки бегумон ба анҷоми як таҳқиқоти алоҳида дар бораи вежагиҳои бадеии тарҷумаҳои суханвар таъкид меварзанд. Аммо мо дар ин нигоштаи хеш кӯшиш мекунем, ки бештар дар бораи ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ дар тарҷумаҳои анҷомдодаи шоира мулоҳизоти хешро баён намоем.

Мусаллам аст, ки тасвирҳои парадоксӣ дар заминаи аз ду мафҳуми мутазод офаридани маъние, ки зоҳиран маънӣ надорад, ба вуҷуд меоянд. Дар худи ашъори Фарзона ин навъ тасовир фаровон ба чашм мерасанд, ки албатта ин баҳсу баррасии ҷудогонаро хостор аст. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки мо ба чунин падидаҳои ҳунарии шеърӣ дар тарҷумаҳои Фарзона низ дучор меоем, ки, пеш аз ҳама, онҳо маҳсули таҷрибаҳои ҳунарии худи шоира мебошанд. Аз ҷумла, дар ин навъи шеърии ҳойкуи шоири ҷопонӣ Майуо Басё тасвир мешавад, ки шабпара мехоҳад дар тирамоҳ бо завқи баҳор зиндагонӣ мекунад;

*Ин шабпара тирамоҳ мехоҳад*
*Бо завқи баҳор зиндагонӣ кардан:*
*Шабнам хурда аз барги гули довудӣ [2, с. 213].*

«Дар тирамоҳ бо завқи баҳор зиндагонӣ кардан» навъе тасвири парадоксӣ аст, чун ин ҳолу ҳавои ғайриимкон аст ва аз мафоҳими дар асл зидмаъноӣ «тирамоҳ» ва «баҳор».

Дар ин шеъри Ҷорҷ Байрон, ки «Ба бонуе, ки суол медиҳад: Баҳорон чаро сафар мекунӣ? шоира зимни тарҷума тасвире меофарад, ки гузаштаи азизро дар пеши роҳи худ дидан мехоҳад, ки албатта ин ғайриимкон аст. Аммо ҳамин ормони суханвар дар тарҷумаи шеър ба шакли як тасвири парадоксӣ ба ҷилва омадааст:

*Мисли гуноҳкори зи фирдавс рондае,*
*Мебингарам ба ҷониби ояндаи сиёҳ.*

*Яхбаста аз ҳаросаму уммед мекунам,*
*То он гузаштаҳои азиз оядам зи роҳ [2, с. 219].*

Гузашта аз роҳ омадан дар таркиби худ баёне парадоксӣ дорад, зеро гузашта ҳаргиз аз роҳ намеояд, чун аллакай вай рафтааст. Аммо шоира ин ҷо барои тасвири ормони гӯянда онро ба ҳамин шакл тарҷума намудааст, ки аз назокате хос бархурдор гардидааст.

Дар ҳамин шеър ибораи «назокати тоқатситон» дар банди дигари он низ баёне парадоксӣ ба шумор меравад, зеро назокат дар асл вожаи ифодакунандаи зебоиву хубии маъшуқ аст ва бо тоқатситон омадани он зоҳиран мутазод аст, вале баёни хеле зебои парадоксӣ аст, ки дар шеваи тарҷумаи шоира ба ҷилва омадааст:

*Инак, пас аз шикасти ғамангези сарнавишт,*
*Бигрезам аз назокати тоқатситони ту.*
*То бозпас нидо накунам, фасли рафтаро,*
*Бигрезам аз фироқу ғами бебаёни ту [2, с. 219].*

Дар шеъри дигари Ҷорҷ Байрон, ки «Эй ситораи ғамгин, офтоби бехобон» унвон дорад, таъбирҳои «нури ашковар», «тирагӣ зи анвор» баёноте парадоксӣ доранд, зеро нур дар асл мояи шодиву нишот аст ва тирагӣ маҳсули бенурист, аммо ин ҷо тирагӣ зи анвор дониста мешавад:

*Эй ситораи ғамгин, офтоби бехобон,*
*Нури туст ашковар, эй мунаввару тобон.*
*Тирагӣ зи анворат, тиратар зи пешин аст,*
*Нури ту чу шодии рӯзҳои дӯшин аст [2, с. 220].*

Дар шеъри аз «Соқинома»-и шоири маъруфи олмонӣ Иоҳанн Гуте таъбирҳои «хамӯшии ширину зебо», «дар талотумхонаи андешаҳои хештан» навъе тасвирҳои парадоксиро дар худ ғунҷоиш додаанд:

*Менишам яккаву танҳо,*
*Хоҷаи хешам,*

*Бода менӯшам*
*Дар ин хомӯшии ширину зебо.*
*Не халал орам ба кас,*
*Не кас халал орад ба ман,*
*Менишинам,*
*Дар талотумхонаи андешаҳои хештан [2, с. 230].*

Дар тарҷумаи шеъри шоири олмонӣ Ҳенрих Ҳейне бошад таркиби «кайфияти ғам» истифода шудааст, ки баёне парадоксӣ мебошад. Одатан ғам барои инсонҳо ранҷу азият ато мекунад ва аз он дард мекашанд, аммо шоир барои ифодаи ҳоли худ ибораи кайфияти ғамро истифода кардааст, ки таъбире борвар аз тасвире парадоксист:

*Ҳамғуссаи ман басе зиёд аст,*
*Дар зодгаҳи хуҷастафолам.*
*Кайфияти ғам касе, ки донад,*
*Донад, ки чи гуна аст ҳолам [2, с. 234].*

Ибораи «бенафас гаштан» дар асл маънии аз олам гузаштанро дорад, вале дар ашъори шуаро барои ифодаи ранҷу азият низ ба кор меравад, ки дар ин сурат то ҷое навъе парадоксро дар худ ғунҷоиш медиҳад. Дар тарҷумаи шеъри А.С. Пушкин бо номи «Иқтидо ба Қуръон» шоира Фарзона ҳангоми тасвири раҳмгумзании биёбонгарди танҳо истифода бурдааст, ки аз таъсири сӯзи гармо бенафас мешавад, яъне ин ҷо ба маънии сӯхтани нафас дар гармо ба кор рафта, гунаи тасвире парадоксиро ба худ гирифтааст:

*Раҳнаварде хаста менолид рӯ сӯи Худо,*
*Дар суроғи қатраи обеву нахли барҳаво.*
*Се шабу се рӯз раҳгум зад биёбонгарди зор,*
*Бенафас аз сӯзи гармо, сарфурӯ зери ғубор [2, с. 241].*

Дар тарҷумаи шеъре аз шоири қазоқ Абай шоираи маҳбуби мо Фарзона таркиберо ба сурати «давандаи дармонда» эҷод кардаанд, ки воқеан аз лиҳози сохторӣ ҷолиби таваҷҷуҳ аст ва дақиқ ба умқи маънои он назар афкандан маълум месозад, қи аслан инсоне, ки дар ҳоли давидан аст, наметавонад якбора дармонда буд, чун ҳоли вай ифодакунандаи роҳ рафтан бошад. Аммо ин ҷо ҳадафи шоир тасвири ҳолатест, ки бо ҳама давандагӣ инсон дармондаи олами гузарон аст, чун олами гузарон худ доми нонамоёне ҳаст, инсон метавонад бо ҳама шитоб дар доми он дармонад:

*Домест олами гузарон, доми нонамост,*
*Эй бас каси даванда, ки дармондаи вай аст.*
*Он мурда нест он ки пас аз интиҳои умр,*
*Бар ҳар диле ҳиҷош чу ноҷии хушпай аст [2, с. 250].*

Ибораи «забони гуфтушунуфт» дар асл агар бештар ба вуҷуди ҳиссомезӣ таъкид варзад, лекин таркиби гуфтушунуфт дар асл ба худии худ як маънии дигар медиҳад. Шунидани забон, ки аз таркиби ин ибора берун меояд, ба мавҷудияти тасвире парадоксӣ дар таркиби он ишорат меварзад. Гуфтушунид дар асл ба маънии гуфтугӯ кардан ҳам истифода мешавад, вале шоир зимнан дар ҷараёни як шеъри дигаре аз шоири қазоқ Абай бо эҷоди ибораи «забони гуфтушунуфт» навъе таъбире борвар аз ифодаи парадоксӣ оофаридааст:

*Имтиҳоне агаркӣ пеш омад,*
*Ва агар кор бар мубоҳиса рафт.*
*Ту гиребон дариву хун резӣ,*
*Ки надорӣ забони гуфтушунуфт [2, с. 257].*

Дар ҷараёни тарҷумаи шеъри Анна Ахматова шоира Фарзона таъбири «рӯзи сарде буд, ёдаш шод бод» -ро ба кор гирифтааст, ки навъе баёни парадоксӣ дар он эҳсос мешавад, зеро одатан рӯзҳои сардро на ҳамеша инсонҳо ба шодӣ ёд мекунанд:

*Оваҳ андар шаҳри бемонанди Петр,*
*Рӯзи сарде буд, ёдаш шод бод.*
*Бол мезад гулхани сурхи ғуруб,*
*Тирагӣ оҳиста мафраш мекушод [1, с. 68].*

Ҳангоми муқоисаи ин порчаи шеърӣ бо гунаи аслии он маълум мешавад, ки таркиби парадоксии офарида дар тарҷумаи тоҷикии он ба чашм расида, маҳсули эҷоди шоира Фарзона мебошад. Зеро дар ин қитъаи асли русии шеъри Анна Ахматова шеваи баёни парадоксӣ дида намешавад ва танҳо шоир Фарзона муваффақ шудаанд, ки бо кӯшиши эҷоди чунин тарзи нигориши шоирона тарҷумаи тоҷикии онро ҷаззобу ҳунари шоирии хешро дар эҷоди як шеъри тарҷумашуда ба ҷилва оваранд:

*О, это был прохладный день,*
*В чудесном городе Петровом.*
*Лежал закат костром багровым,*
*Ин медленно густела тень [1, с. 16].*

Дар умум, баҳсу баррасии ҷойгоҳи парадокс дар тарҷумаҳои анҷомдодаи Фарзона аз шоирони ҷаҳон маълум месозад, ки ин шеваи баён дар сурудаҳои шоира, пеш аз ҳама, бар асоси таҷрибаҳои нодири худи ӯ ба ҷилва омадаанд, зеро ҳангоми муқоиса бо гунаҳои русиву дигар забонҳои асли ашъор маълум мешавад, ки чунин шеваи баён ва корбурди ин падидаи ҳунарии шеър бештар дар тарҷумаҳои Фарзона ба назар расида, таъкид бар он мекунад, ки онҳо маҳсули тафаккур ва тахайюли бадеии шоира мебошанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Анна Ахматова. Шеърҳо. Тарҷумаи Фарзона. – Хуҷанд: Ношир, 2001. – 112 с.
2. Фарзона. Найсон. Маҷмӯаи рубоӣ, дубайтӣ ва тарҷумаҳо. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 320 с.
3. Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён. Маҷмӯаи ашъор. Ҷилди 1. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 510 с.
4. Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён. Маҷмӯаи ашъор. Ҷилди 2. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 472 с.
5. Фарзона. Қатрае аз Мӯлиён. Маҷмӯаи ашъор. Ҷилди 3. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 378 с.
6. Фарзона. Мухри гули мино / Фарзона. – Хуҷанд: Ношир, 2006. – 400 с.


## ТАСВИРҲОИ ПАРАДОКСӢ ДАР ТАРҶУМАҲОИ ФАРЗОНА


Дар ин мақола ҷойгоҳи парадокс дар тарҷумаҳои ашъори шоирони рус ва қазоқ, ки аз ҷониби Фарзона мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар ҷараёни баррасии масоили меҳварии мақола ба натиҷае расидааст, ки вежагиҳои ҳунарии шеър, аз ҷумла тасвирҳои парадоксиро на танҳо дар ашъори шоира Фарзона, балки дар тарҷумаҳои анҷомдодаи ӯ ба мушоҳида мегирем, ки ин амр аз ҳунари шоирии вай ҳам дар шеър ва ҳам тарҷумаи муваффақона ба ҷилва мерасад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Фарзона, тарҷумаи шеър, парадокс, Анна Ахматова, Абай, ҳунари шоирӣ, сабки шеър.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Ризобоева Наргис Мамадкаримовна, унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосири тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Тел.: (+992) 927-36-93-16; e-mail:rizoboeva@bk.ru


## ПАРАДОКСИЧЕСКИЕ ОПИСАНИЯ ПЕРЕВОДОВ ФАРЗОНЫ


В ходе анализа основных вопросов автор статьи пришел к выводу, что художественные особенности стихотворения, включая парадоксальные описания, прослеживаются не только в стихотворениях поэтессы Фарзона, но и в ее переводах. Парадоксические описания встречаются в каждом стихотворном переводе поэтессы, оттуда и ее дар ощущается и в качестве переводчика, и в качестве поэта.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Фарзона, перевод поэзия, парадокс, Анна Ахматова, Абай, поэтическое мастерство, стиль поэзия



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Ризобоева Наргис Мамадкаримовна, соискатель кафедры современной таджикской литературы Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова. Тел.: (+992) 927-36-93-16; e-mail:rizoboeva@bk.ru


## PARADOXIC DESCRIPTIONS OF FARZONA'S TRANSLATIONS


During the analysis of the main questions, the author of the article came to the conclusion that the artistic features of the poem, including paradoxical descriptions, can be traced not only in the poems of the poetess Farzon, but also in her translations. Paradoxical descriptions are found in every poetic translation of the poetess, from there and her the gift is felt both as a translator and as a poet.



**KEY WORDS**: Farzona, translation, poetry, paradox, Anna Akhmatova, poetic skill, poetry stayle.



**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Rizoboeva Nargis Mamadkarimovna, applicant of the department of modern Tajik literature at Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov. Phone: (+992) 927-36-93-16; e-mail: rizoboeva@bk.ru


# АНДЕШАҲО ОИД БА ВАЗИФАҲОИ ПАЙВАНДАКИ «ВА» ДАР «ГУЛИСТОН»-И САЪДӢ


Қӯрғонов З.Д.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров


Бояд гуфт, ки дар бораи резакориҳои забонии осори ниёгон то кунун корҳои асосӣ ва ҷиддӣ сурат напазируфтааст. Кулли тадқиқоти анҷомдодашуда оид ба масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ пайванд дошта, таҳлили амиқи унсурҳои ёвари сервазифа аз дидгоҳи забоншиносон дур мондааст. Ин андеша аз ҷониби муҳаққиқи тавоно Шафеии Кадканӣ низ баён

шудааст, ки мегӯяд: «Дар таҳлили балоғии сохторҳои наҳвии забони форсӣ ҳанӯз ҳеҷ коре анҷом нагирифтааст» [4, с. 31].

Ҳоло мо барои муайян ва мушаххас кардани нишонаҳои ҳунарии Шайх Саъдӣ, ки дар корбурди пайвандаки пайвасткунандаи «ва» дар «Гулистон» мушоҳида кардем, мепардозем.

Пайвандаки «ва» дар ташаккули ҷумлаҳои мураккаби пайвасти «Гулистон» хеле назаррас буда, маҳз ба туфайли ин шеваи истифода саҷъҳои ҷолибе падид омада, ҳамчунин дар афзоиши мусиқии каломи шоир нақши боризе гузоштааст: «Борони раҳмати беҳисобаш ҳамаро расида *ва* хони неъмати бедареғаш ҳама ҷо кашида; пардаи номуси бандагон ба гуноҳи фоҳиш надарад *ва* вазифаи рӯзӣ ба хатойи мункар набурад» [8, с. 25].

Калимаҳо ва таркибҳои муқобилмаъноии ашъори Саъдӣ бештар бо пайвандаки «ва» эҷод шудаанд. Дар маводи фактологии зер тавассути ин пайвандак вожаҳое ба ҳам пайванд шудаанд, ки хусусияти тазодиро доранд: «Бахти баландат ёр буду чашми бахтат бедор, ки ба суҳбати пире уфтодӣ пухта, парварда, ҷаҳондида, орамида, гарм**у** сард чашида, нек**у** бад озмуда» [8, с. 225].

Яке аз вижагиҳои муҳимми осори Саъдӣ, бавижа «Гулистон», мусаҷҷаъ ва оҳангин будани он аст. Шоир бо шеваҳои мухталиф саъй кардааст мусиқии сухани худро афзоиш диҳад. Ӯ барои афзоиши мусиқии сухани худ аз ҳодисаи «такрор» фаровон баҳра бурдааст. Мушоҳидаи маводи зеридаст аз он далолат мекунад, ки чунин такрорҳо танҳо ба як сатҳи забон рабт надошта, аз унсурҳои хурд то воҳидҳои нисбатан мураккаби забонро фаро гирифтааст. Яке аз ин шеваҳои корбурди такрор, ки Саъдӣ истифода кардааст, пайвандаки «ва» мебошад. Оид ба шарҳи истилоҳи «такрор» дар «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ» (ФИЗ) чунин омадааст: «Такрори айни як калима ё иборае, ки дар ифодаи тобишҳои маъноии сухани гӯянда чун воситаи муассири услубӣ хизмат мекунад» [1, с. 309]. Адабиётшиноси варзида, профессор А. Сатторзода ин санъатро чунин забт кардааст: «Такрор дар луғат *вогардонидан* буда, дар истилоҳ он аст, ки *калимаҳоро дар асарҳои адабӣ бозоваранд* [6, с. 115].

Чунон ки зикраш рафт, шоир аз ин шеваи корбурд зиёд истифода карда, ба такрори як воҳиди забонӣ маҳдуд нашудааст. Дар ин намуна мо шоҳиди такрори бандаки изофӣ мешавем, ки мусиқиафзоии матн, бешубҳа, ба он рабт мегирад: «Борон*и* раҳмат*и* беҳисобаш ҳамаро расида ва хон*и* неъмат*и* бедареғаш ҳама ҷо кашида…» [8, с. 25]. Агар такрори бандаки изофӣ мусиқии байни калимаҳоро эҷод кунад, аммо такрори пайвандаки «ва» метавонад дар байни ҷумлаҳо ин ҳодисаро падид оварад. Ҷолиб аст, ки гоҳе такрори пайвандаки «ва» сохтҳоеро эҷод мекунад, ки ҳаяҷони ҳодисаро бештар ба мухотаб интиқол мекунад. Монанди: «Касе гуфт: – Писараш хамр хӯрдааст *ва* арбада кардааст *ва* хуни касе рехта*ву* худ аз миён гурехта. Падарро ба иллати ӯ силсила дар ной аст*у* банди гарон дар пой» [8, с. 243].

Дар мисолҳои боло, ки меҳвари онро «оҳанги мурочиат» ташкил кардааст, дар «ФИЗ» ин ҳодиса чунин шарҳ дода шудааст: «Оҳанги мурочиат (мухотаб) – калима ва ибораҳое, ки адресати (ба кӣ равона карда шудани) нутқро ифода мекунанд, аз сохти оҳангии қисмҳои дигари ҷумла фарқ мекунад. Вай бештар ба оҳанги калима ва ибораҳои иловагии ҷумла шабоҳат дорад» [1, с. 259].

Дар байтҳои зер Саъдӣ бо истифодаи пайвандаки «ва» калимаҳои ҳамҷинсро, ки барои ифодаи узвҳои бадани инсон, ҷойвожаҳо ва ғ. омадаанд, ба ҳам пайванд кардааст:

*Овози хуш аз ком**у** даҳон**у** лаби ширин,*
*Гар нағма кунад в-ар накунад, дил бифиребад.*
*В-ар пардайи «ушшоқ»-**у** «Хуросон»-**у** «Ҳиҷоз» аст.*
*Аз ҳанҷараи мутриби макрӯҳ назебад [8, с. 115].*

Маводи фактологии зери даст шаҳодатгари он аст, ки пайвандаки «ва» танҳо барои алоқаманд кардани калимаҳо ва ё ҷузъҳои ҷумла истифода нашуда, таҳлили амиқи коркардҳо ва маонии ин унсури ёвари сервазифа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ин пайвандак дар осори адибон бо тобишҳои зиёди маъноӣ корбаст шудааст. Аммо коркарди аслии он бештар барои алоқаманд кардани компонентҳои сатҳҳои гуногуни забон аст. Онро метавон ба чунин гурӯҳҳо дастабандӣ кард:

1. Барои алоқаи байни ду ё чанд калима: «Моро чун дигарон фазл*у* адабе нест» [8, с. 130].

2. Барои алоқаи байни ду ибораи изофӣ: «Ба юмни қадами дарвешон *ва* сидқи нафаси эшон замойими ахлоқаш ба ҳамойид мубаддал гашт» [8, с. 116].

3. Барои алоқаи байни ду ибораи изофие, ки хусусияти тавсифӣ доранд: «Имшабам толеи маймун (ахтари нек – Қ.З.) *ва* бахти ҳумоюн бад-ин буқа раҳбарӣ кард, то ба дасти ин тавба кардам, ки бақийяти зиндагонӣ гирди самоу мухолатат нагардам» [8, с. 115].

4. Барои алоқаи байни ду ибора, ки яке сода (воситаи алоқааш бандаки изофӣ) ва дигаре мураккаб (воситаи алоқааш бандаки изофӣ ва вобастагӣ): «Дареғ омадам тарбияти сутурон *ва* ойинадорӣ дар маҳаллати кӯрон…» [8, с. 106].

5. Барои алоқаи байни ду ҷумла: «Сар биниҳодам *ва* шутурбонро гуфтам: даст аз ман бидор» [8, с. 107].

Чунон ки аз маводи фактологии боло маълум аст, вазифаи асосии пайвандаки «ва» барои пайвастани унсурҳои гуногуни забонӣ омадааст.

Яке аз гунаҳои пайвандаки «ва», ки дар осори адабӣ басомади фаровоне дорад, ба маънои «дар ҳоле ки» меояд. Онро шартан бо истилоҳи «ва»-и ҳолия» ном мебаранд. Ин пайвандак бо чунин тобиш ба кӯтоҳии сухан мусоидат мекунад. Дар намунаи зер ин пайвандак ҳолати чизе ё касеро далолат кардааст: «Ҳам дар он ҳафта якеро дидам аз эшон бар бодпое равон *ва* ғуломе дар пай давон» [8, с. 160].

Маънои баъзе аз пайвандаки «ва» барои баёни «дар натиҷа» меояд. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ишораи кӯтоҳе ба маънои ин «ва» дида мешавад, ки ба нақл аз Онандроҷ дар ин бора чунин овардааст: «ва» гоҳе маънии алият ва маълулияту маътуф маътуфиллайҳро ба ҳам расонад. Чунон ки масал аст: як тиру ҷаноза. Яъне чунон як тир, ки ба сабаби он одаме соҳиби ҷаноза шавад» [3, ч. 15, с. 23010]. Дар «Гулистон», ҳар гоҳе ки ин пайвандак бо ҳамин тобиш ба кор рафта бошад, гӯё маънои «дар натиҷа» ва ё таркибҳои ба ҳамин монандро дар пай доштааст. Ба таври дигар, гӯё ин таркибҳо ҳазф шудааанду пайвандаки «ва» чунин масъулиятро ба дӯш гирифтааст. Муоинаи намунаҳои зер ин андешаро боз ҳам пурқувват мекунад: «Бародарон ҳасад бурданду заҳр дар таомаш карданд. Хоҳар аз ғурфа бидид, дарича бар ҳам зад. Писар дарёфт *ва* даст аз таом кашид» [8, с. 48-49].

Дар «Гулистон» шоҳидҳое вуҷуд доранд, ки ба маънои пешоянди «то» ба кор рафтааст. Ин коркарди пайвандаки «ва»-ро муаллифони дастурҳо «ва»-и ғоят» ном бурдаанд. Маънои ин калима чунин аст: «*ғоят а.* غايت1. ниҳоят, интиҳо, охир, поён. 2. хеле, бисёр. 3. андоза, ҳад; *аз ғояти…* аз бисёрии…; аз зӯрии…; *дар ғояти…* а) дар камоли…, дар ниҳояти…; б) аз ҳад зиёд, хеле; ***ғояташ ин (аст), ки…*** ниҳояташ ин ки…, хулоса ҳамин ки…; *то (ба) ғоят кит.* то ба ҳол, то ҳол» [7, ч. 2, с. 385]. Намунаҳои зер ин коркарди пайвандаки «ва» - ро ба исбот мерасонад: «Пиёдае сар*у* по бараҳна бо корвони Ҳиҷоз аз Куфа бадар омад» [8, с. 110].

Дар мисолҳои мазкур, бешубҳа, маънои грамматикии пайвандаки «ва» бо пешоянди «то» ҳамвазифа мебошад.

Ниҳоят, кулли вазифаҳои дарёфтаи пайвандаки «ва», ки ба таври иҷмолӣ дар заминаи матни «Гулистон»-и Саъдӣ сурат гирифт, дар асоси нусхаи тартибдода ва табъи шодравон Муҳаммадалии Фурӯғӣ (бо маънии вожаҳо ва шарҳи ҷумлаҳову байтҳои душвор). Мураттиб ва баргардони матн Обиди Шакурзода) ба даст омадааст. Аз рӯи ҳисоби мо маҳз дар ҳамин нусхаи кириллии китоб ин пайвандак барои баёни бист гунаи маъноӣ ба кор рафтааст. Басомади фаровон ва тобишҳои зиёди маъноии ин пайвандак аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир бар дӯши ин вожа беш аз дигар вожаҳои ёридиҳанда бори маъноӣ ниҳодааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Бобомуродов, Ш., Мухторов, З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2016. – 428 с.
2. Бозидов, Н. Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Н. Бозидов. – Душанбе: Маориф, 1985.
3. Деҳхудо, А. Луғатнома / А. Деҳхудо. Ҷ. 15. – Теҳрон, 1377.
4. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1372. – 731 с.
5. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик (луғатшиносӣ) / Ҳ. Маҷидов. Ҷилди 1. – Душанбе: Деваштич, 2007.
6. Сатторзода, А. Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2011. – 330 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. – Душанбе, 2008. – 945 с.
8. Шерозӣ, С. Гулистон / С. Шерозӣ. / Бар асоси тасҳеҳ ва табъи шодравон Муҳаммадалии Фурӯғӣ (бо маънии вожаҳо ва шарҳи ҷумлаҳову байтҳои душвор). Мураттиб ва баргардони матн Обиди Шакурзода. – Душанбе, 2009. – 345 с.


**АНДЕШАҲО ОИД БА ВАЗИФАҲОИ ПАЙВАНДАКИ «ВА» ДАР «ГУЛИСТОН»-И САЪДӢ**


Ин мақола ба тадқиқи мухтасари вазифаҳои пайвандаки пайвасткунандаи «ва» дар «Гулистон»-и Саъдӣ ихтисос дорад. Соҳиби мақола бо таассуф қайд мекунад, ки дар бораи резакориҳои забонии осори чунин нобиғаҳо то кунун корҳои асосӣ ва ҷиддӣ сурат напазируфтааст. Аз ин рӯ, муаллифи мақола бо такя ба дастурҳои забон кӯшиш кардааст, ки ба таври иҷмолӣ оид ба вазифаҳои пайвандаки «ва» дар заминаи матни «Гулистон» маълумоти судманд диҳад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** пайвандак, ҳиссаҳои номустақили нутқ, сабки Саъдӣ, вазифаҳои пайвандакҳо, пайвандаки пайвасткунандаи «ва».



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Қӯрғонов Зоҳид Деҳқонович, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. E-mail: suhanvar1983@mail.ru

**НЕКОТОРЫЕ МНЕНИЯ О ФУНКЦИЯХ СОЮЗА «И» В «ГУЛИСТАНЕ» СААДИ**

В данной статье автором предлагается краткий обзор функции сочинительного союза «и» в «Гулистане» Саади. Автор с сожалением отмечает, что серьезной работы по лингвистической фрагментации произведений таких гениев до сих пор не проводилось. Поэтому автор статьи, опираясь на языковые источники, попытался кратко изложить функции союза «и» в контексте «Гулистон».

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** союз, вспомогательные части речи, стиль Саади, функции союзов, союз «и».

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Кургонов Зохид Дехконович, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова. E-mail: suhanvar1983@mail.ru

**OPINIONS ON THE FUNCTIONS OF THE «AND» CONJUCTION IN SAUDI'S «GULISTAN»**

This article is a brief overview of the conjunction functions of «and» in Saadi's Guliston. The author notes with regret that no major work has been done on the linguistic fragmentation of the works of such geniuses. All research on various linguistic issues is interconnected, and an in-depth analysis of the elements of a multidisciplinary assistant is beyond the reach of linguists. Therefore, the author of the article, relying on language guidelines, has tried to provide a comprehensive overview of the functions of the conjunction «and» in the context of the text «Guliston».

**KEY WORDS:** conjunctions, non-independent parts of speech, Saadi style, functions of conjunctions, conjunctions «and».

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Qurgonov Zohid Dehqonovich, candidate of philological sciences, associate professor of the department of Tajik language of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov. E-mail: suhanvar1983@mail.ru

## ХАРАКТЕРИСТИКА ФУНКЦИЙ СИНОНИМОВ В ЯЗЫКЕ

Мамаджанова Х.К.
Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова

Глубокое и всестороннее изыскание явления синонимии показывает, что она, будучи из наиболее выразительных средств, выполняя различные функции является ярким представлением системных отношений в лексике. Она приходит на помощь отражению в языке разнообразных свойств объективного мира с употреблением минимума языковых средств и строится на способности языковой системы иметь несколько означающих для одного означаемого. Рядом причин предопределено в языке наличие синонимов. Здесь уместно обратить внимание на наиболее частотные из них.

Типы синонимов. Теоретическими и практическими анализами и исследованиями языковедов выявлены следующие типы синонимов:

1. Фразеологическая синонимия; в данном типе представлены фразеологизмы с близким смыслосодержанием, обозначающие одно и то же. «Фразеологические синонимы могут отличаться друг от друга стилистической окраской: они могут не иметь семантических различий или отличаться оттенками значений».

2. Грамматическая синонимия (вариация логических синонимов) - разнохарактерное явление в синтаксисе, морфологии, словообразовании.

3. Словообразовательная синонимия - синонимия производящих слов, которая отображена в синонимии производных слов другой части речи: - синонимия производных слов; - синонимия производящего и производного слов; - синонимия аффиксов

4. Лексическая синонимия - синонимия лексем.

5. Абсолютная синонимия. В силу определенных причин группа языковедов не воспринимают этот тип синонимии, другие полагают, что абсолютная синонимия в действительности существует в языке. Привикает наше внимание по поводу данного определения синонимии В.Г. Вилюман: «Абсолютно тождественны такие лексические единицы, у которых признаки сходства позволяют пренебречь признаками различия» [2, с. 250].

6. Межчастеречная синонимия – это синонимы разных частей речи.

7. Смысловая синонимия.

8. Метонимическая синонимия. Нашли отражение данный тип синонимии, как правило между членами двух параллельных синонимических рядов как воплощение измененной сочетаемости. Связаны универсальные пути отображения эмоций с метафорическим

применением лексики с семантикой движения, физиологического состояния, болезни, уничтожения, качества и пр.

9. Логическая синонимия - проявляет понятия логической семантики, а собственно тождество значений языковых оборотов.

10. Синтаксическая синонимия - синонимия синтаксических конструкций, выраженные во взаимозаменяемости разных типов словоформ и структурно-смысловой общности.

Вопросы функции синонимов во всех земных языках и в основном в изучаемом нами языках, такие как таджикский и русский во многом обусловлены основаниями появления синонимов. Предназначение синонимов довольно разнородно, из-за чего синонимы выполняют в языке множественные функции. Исходя из всего этого разберем наиболее заметные среди них. Индивидуальный отбор слов в языке вероятен только для данного контекста; они могут не синонимизироваться, не зафиксированы в специальных словарях, но всецело в определенной ситуации могут считаться контекстными синонимами. Усиление внимания ученых в лингвистике приводит к тому, что различают синонимы узуальные (т.е. объективные, которые отражены в словарях синонимов, создадут синонимические ряды и обладают всеми признаками, характерными для синонимов) и окказиональные (индивидуальный отбор слов только для данного контекста; в системе языка за такими словами не закрепляются синонимические значения). Посредством образного сопоставления или при помощи логического анализа слова могут стать окказиональными синонимами. Нами рассмотрены и показаны всевозможные функции синонимов на примере поэзии русской и таджикской поэтесс М. Цветаевой и Фарзоны:

1) Смыслоразличительная функция (разъяснительная, оттеночно – смысловая, уточнительная) - каждый последующий синоним дополняет значение предыдущего, уточняет какие-либо характеристики предметов и действий или разъясняет их.

Проиллюстрируем данную функцию примером из М. Цветаевой, где все синонимы по цепочке и выступают как синонимический ряд

*Таких обещаний я знаю бесцельность,*
*Я знаю тщету.*
*- Письмо в бесконечность. – Письмо в беспредельность*
*Письмо в пустоту [4, с. 47].*

1. Бесцельность – а) не имеющий определенной цели.

б) перен. бессмысленный, бесполезный [7].

2. Тщета (книжн. устар.) – а) напрасность, тщетность, безуспешность, безрезультатность, бесплодность.

б) отсутствие смысла, ценности в чем-либо, суетность, бесполезность.

3. Бесконечность – а) не имеющий конца, предела в пространстве и времени.

б) безграничный, бескрайний [7].

4. Беспредельность – а) не имеющий видимых пределов, границ; безграничный, бескрайний.

б) не имеющий конца, предела; бесконечный, неограниченный [7].

Фарзона тоже использовала данную функцию синонимов во избежание сухости своей речи и для предельной ясности для читателя:

*Ҳар кӣ побанди ғами худ, ғарқи ташвишу тараддуд,*
*Ҳар сару сад гуна савдо, боз ман танҳову танҳо [5, с. 463].*

1.Ташвиш – тревога, волнение, хлопоты, беспокойство;

2. Тараддуд – беспокойство, заботы, суета, хлопоты [6].

К двум основным функциям приведена вся несомненная многообразность функций, семантической и стилистической.

Замещение и уточнение значений слов – синонимов, охватываются в семантических функциях.

Проанализируем их более подробно.

Эпизодически, в определенных контекстах отличия между синонимами сглаживаются, но, вследствие явления синонимии в языке, бессмысленных повторов удается избежать. Поэтому для устранения однообразия в речи, для искоренения неоправданных повторов у синонимов действует функция замещения. В процессе осуществления данной функции второму синониму необходимо без исключения совпадать с первым и по понятийному, и по коннотативному компоненту.

М. Цветаева:

*Там, на ворохе*
*Шалей и шуб,-*
*Звон и шорох*
*Стали и губ [4, с. 101].*

1. Звон - звук, производимый ударами, колебаниями чего-нибудь металлического, стеклянного [7].

2. Шорох - глухой звук, шум от движения, трения, легкого соприкосновения чего-либо с чем-либо [7].

Фарзона:

*Аз бар кун он қоидаро,*
*Омӯз ин дастурро.*
*Ингуна мефармоӣ, эй қолабнишин.*
*То ман ҳама дастуру қонунҳоятро аз бар мекунам,*
*Мебигзарад умри ману умри баҳори ёсамин [5, с. 34].*

1. Қоида – правило; обычный порядок, норма, обычай [6].

2. Дастур - предписание, наставление, инструкция, руководство к чему-либо, порядок, обычай, правило, инструктаж [6].

Глубже понимая раз за разом всю сущность явления синонимии, несомненно можем утвердить, что другая ее функция, такая как функция уточнения, является функцией конкретизации тех сведений, что излагает говорящий, таким образом подчеркивая те или иные признаки сообщаемого. Благодаря чему для осуществления функции уточнения второй синоним должен отличаться от первого свойством и оттенком понятийного компонента, а коннотативный компонент должен быть похожим. Такие синонимы позволяют сформировать максимально конкретно, метко, точно и ясно высказать мысль как в устной, так и в письменной речи.

Функция уточнения – это кардинально ключевая и ведущая функция синонимов. При создании языковых образов – пронзительных, запечатлевающих в художественном произведении ее значимость и амплуа полновесно и значительно. Она демонстрируется в приеме градации синонимов (нагнетание, нанизывание).

М. Цветаева:

*Ничего из всей твоей добычи*
*Не взяла задумчивая Муза,*
*Молодость моя! Назад на кличу.*
*Ты была мне ношей и обузой [4, с. 194].*

Фарзона:

*Мегурезам ман аз шаҳри фусунбозон,*
*Аз насиҳатҳои фандомези ғаммозон.*
*Аз навозишҳои чашмони тамаъкорон*
*В-аз ситоишҳои ҳамчун абри беборон [5, с. 99].*

В данных стихотворных строчках из творчества М. Цветаевой и Фарзоны употреблены синонимы «ноша, обуза» (1. Тягостная обязанность, забота. 2. Тот, кто отягощает, обременяет кого-что-нибудь) [7], «фусунбозон (а) волшебники, чародеи; б) плут, обманщики); ғаммозон (доносчики, клеветники, сплетники, обманщики); тамаъкорон (алчные, жадные, корыстные, корыстолюбивые)» [6] приемом нанизывания синонимов в виде цепочек близких по значению слов. Небезызвестно, что данные синонимы в этих строках не имеют полного во всех отношениях идентичности значений, и эта их отличительная черта поддерживает гораздо вразумительно излагать мысль, каждый новый синоним может выявлять в обозначаемом новые стороны, придает нехватающий и недостающий смысл.

Стилеразличительная функция – при данной функции синонимы указывают на стиль, область их применения, это связано с употреблением в речи стилевых синонимов. Данная функция влияет на воображение, эмоции и на чувства человека. Синонимы при использовании этой функции отличаются стилистическим компонентом, а понятийный элемент у них соответствующе должен совпадать.

В то же время, хоть и качественно отличаются стилистические функции от семантических, но взаимодействуют с ними.

Функция оценки и функция стилистической организации текста являются наиболее значительными стилистическими функциями.

Анализировав выше некоторые стороны синонимов, упоминали, что у них не полностью совпадают значения. Эта семантическая отличительная черта даёт возможность осуществить 6)

функцию - противопоставления, собственно делая акцент на отличиях в семантике слов, подчеркивая различия между синонимами. Указанные на предшествующих строках функции синонимов могут воплотиться как в речи, так и в литературных произведениях. Прочие языковые стили трактуют нижеизложенные функции. Представляя собой разновидность синонимического повтора два синонима могут выполнить эмоционально-художественную функцию. Подобные повторы в синонимах в стихотворчестве, в ораторской речи и прочих стилях художественной и публицистической речи неразрывно взаимосвязаны с фольклорными обрядностями и традициями, а собственно с народно-песенным творческим созиданием. В русском языке, в частности в стихотворстве М. Цветаевой образцами таких синонимических повторов могут статься: «путь-дорога, до поры-до времени, молодо-зелено».

Например:

*Не забуду я хлеб-соли,*
*Как поставлю парус!*
*Есть на свете три неволи:*
*Голод-страсть-старость… [4, с. 120].*

В поэзии Фарзоны таких синонимических изречений при анализе его книг, пока не обнаружили.

Служебной функцией, также пользуются синонимические повторы. Использование синонимов череда за чередой даёт возможность замедлить из речения или повествования, предоставляет вероятность более пристально, внимательно и бдительно выслеживать за системой аргументации или развитием мысли. Функцию нарастания и убеждения (как вариация служебной функции), могут воплощать повтор синонимов в ораторской речи. Прием синонимического повтора в стихосложении исполняет функцию детализации (также как разновидность служебной функции).

В литературных творениях авторы могут довольно неоднократно употреблять синонимы, чтобы растолковывать иноязычные слова, специальную лексику, архаизмов, которые могут быть малопонятны и туманны читателю. Предельно благополучной версией разъяснения в подобных случаях является – пояснительная функция синонимов. Для разъяснения узкоспециальных терминов в научно-популярной литературе пускают ход к синонимам. И.Б. Голуб в «Стилистике русского языка» подметила: «Подвергая анализу разнообразные стилистические функции синонимов, необходимо отметить, что благодаря устойчивым связям в пределах синонимии, отражающим системные отношения в лексике, каждое слово, обладающее синонимом, воспринимается в речи в сравнении с другими словами синонимического ряда. Экспрессивно окрашенные слова как бы «проецируются» на их стилистически нейтральные синонимы.

Синонимия формирует обширные потенциалы отбора лексических средств, но поиски точного слова стоят автору значительных трудов. Порой замысловато и затруднительно предопределить, чем собственно разнятся синонимы, какие они проявляют эмоционально-экспрессивные или смысловые оттенки. И совершенно головоломно из скопища слов выбрать исключительно точное, необходимо соответствующее» [3, с. 420].

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Вальгина Н.С. Современный русский язык. Высшая школа. – Москва, 1964. – С. 456.
2. Вилюман В.Г. Английская синонимика. – М.: Высшая школа, 1980. – С. 123.
3. Голубь И.Б. Стилистика русского языка. Высшее образование. Издание шестое. – Москва, 2005.
4. Марина Цветаева, Стихи и поэмы. – М.: Правда, 1991. – 685 с.
5. Фарзона. Ҳама гул, ҳама тарона. Ҷилди 1. – Худжанд: Хуросон-Медиа, 2014. – С. 500.
6. Золотова Г.А., Онипенко А.К, Сидорова М.А. Коммуникативная грамматика русского языка. – Москва: ИРЯ РАН, 1998. – С. 544.
7. Якубинский Л.П. Язык и его функционирование: избранные работы. – М.: Наука, 1986. – С. 203.
8. http://sahifa.tj
9. http://slovarozhegova/


**ТАВСИФИ ВАЗИФАҲОИ МУРОДИФҲО ДАР ЗАБОН**


Дар ин мақола дар хусуси сабабҳои маъмултарини пайдоиши муродифҳо дар забон, ҳамчун падидаи бисёрҷабҳаи забон сухан меравад. Намудҳои муродифҳо, инчунин мақсад дар сатҳҳои гуногуни забон пешниҳод гардидаанд. Мақсади муродифҳо хеле гуногунанд, аз ҳамин лиҳоз, вазифаҳои онҳо низ дар забон якхела нестанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** муродифҳо, падидаҳои забон, намудҳои муродифот, функсияи муродифот.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Мамаҷонова Ҳилола Камолиддиновна, омӯзгори кафедраи рушди нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони русии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Тел.: (+992) 93-310-51-55; e-mail: hilola_ha@mail.ru

## ХАРАКТЕРИСТИКА ФУНКЦИЙ СИНОНИМОВ В ЯЗЫКЕ

В статье рассматриваются наиболее частотные причины появления синонимии в языке как многогранного лингвистического явления. Представлены типы синонимии в языке, а также ее предназначение на разных уровнях языка. Предназначение синонимов довольно разнообразно, отсюда и различные функции, которые выполняют синонимы в языке.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** синонимия, лингвистическое явление, типы синонимии, функции синонимов.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Мамаджанова Хилола Камолиддиновна, преподаватель кафедры развития устной и письменной речи русского языка Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова. Тел.: (+992) 93-310-51-55; e-mail: hilola_ha@mail.ru

## CHARACTERISTIC OF FUNCTIONS OF SYNONYMS IN LANGUAGE

The article discusses the most common reasons for the emergence of synonymy in the language as a multifaceted linguistic phenomenon. The types of synonymy in the language are presented, as well as its purpose at different levels of the language. The purpose of synonyms is quite varied, hence the various functions that synonyms perform in the language.

**KEY WORDS:** synonymy, linguistic phenomenon, types of synonymy, functions of synonyms.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Mamadjonova Hilola Kamoliddinovna, lecturer of the department of development of oral and written speech of the Russian language of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov. Phone: (+992) 93-310-51-55; e-mail: hilola_ha@mail.ru

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ФЕЪЛҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Толибов И.М., Назриев М.Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мавзӯи баҳси мақолаи мо сохтор ва тарзи сохташавии феълҳои сода аз нигоҳи қиёс дар ду забон аст, аз ин рӯ, моро зарур аст, ки ба унсурҳои асосии дохилии феълҳои содаи ин ду забон назар намоем ва мисолҳои ба таври намуна аз онҳо овардашуда тасдиқи гуфтаҳои мо хоҳад шуд: *пурсидан, навиштан, доштан, иҷро кардан, будан* (феълҳои содаи забони тоҷикӣ); - *to ask, to write, to have, to do, to be* (феълҳои соддаи забони англисӣ).

Дар асари «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» феълҳои сода ба тариқи зайл омадааст: «Феълҳое, ки аз ҷиҳати сохти морфологӣ ба шакли холис (бе суффиксу префикси калимасоз) воқеъ шудаанд, феъли сода меноманд [2, с. 16]. Масалан: *афтидан – to fall, боридан - to rain, буридан – to cut, баргаштан – to aback, гузаштан – to cross , гуфтан – to say, давидан – to run, дидан – to see, додан - to give, доштан – to hold, дӯхтан – to sew, ёфтан – to find, задан – to beat, истодан – to stand, кофтан – to seek , кушодан - to open , ларзидан – to tremble, мондан – to put ва ғайраҳо*. Феълҳои *омадан – to come, овардан – to bring, андохтан - to put, ташриф овардан – to visit ва пайвастан – to connect* [4, с. 48] таърихан бо аффиксҳои о-, *ан-, паз-, пай-* сохта шудаанд. Вале бо мурури замон аз сабаби гум шудани тобиши маъноӣ ва ҳамчун калимаи рехта ба ҳам омехтани ҷузъҳо ба гурӯҳи феълҳои сода дохил шудаанд».

Як нуқтаи муҳимро бояд ин ҷо қайд намуд, ки хусусияти тавофути феълҳои содаи тоҷикӣ аз англисӣ дар он аст, ки агар феъли тоҷикӣ дар таркиби худ ба ғайр аз асос ё реша боз ягон унсури калимасоз мисли анҷома, пешванд ва ё пасванд дошта бошад, феъли содаи забони англисӣ ин хусусиятҳоро доро нест.

Бояд ишора кард, ки феълҳои сода дар ҳарду забон ҳам парадигми (маҷмӯи ҳамаи шаклҳои калима) муносиби худро доранд, ки ҷадвали зерин тасдиқи гуфтаҳои мост:

*Парадигми феъл дар забони тоҷикӣ*

| | *Асос* | | | |
|---|---|---|---|---|
| *Масдарӣ* | *Асоси замони ҳозира* | *Асоси замони гузашта* | *Замони гузаштаи мутлақ* | *Сифати феълӣ* |
| *пурсидан*<br>*to ask* | *Пурс*<br>*Ask* | *пурсид*<br>*asked* | *Пурсида*<br>*Asked* | *1. Пурсанда*<br>*2. Пурсон*<br>*Asking* |

*Парадигмаи феъл дар забони англисӣ*

| *Infinitive (масдарӣ)* | *Stem (асос)* | *-s; -es* | *--ed Past* | *-ed Part.* | *-ing Part.* |
|---|---|---|---|---|---|
| *to call* | *Call* | *calls* | *Called* | *Called* | *Calling* |
| *to work* | *Work* | *works* | *Worked* | *Worked* | *working* |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| *to finish* | *Finish* | *finishes* | *Finished* | *Finished* | *Finishing* |
| *to wash* | *Wash* | *Washes* | *Washed* | *Washed* | *Washing* |

Чи тавре ки аз ҷуфтҳо ё парадигмаҳои феълҳои дар боло овардашудаи забони англисӣ муайян гардид, сохтани асоси феъл хеле сода мебошад, танҳо бо аз байн бурдан ё гирифтани қисми масдари to метавон асоси феълро ба вуҷуд овард.

Дар забони тоҷикӣ бошад ду асос вуҷуд дорад, яке асоси замони ҳозира ва асоси замони гузашта. Асоси замони ҳозираи забони тоҷикӣ аз масдар бо роҳҳои гуногун сохта мешавад. Асоси замони гузашта бошад, монанди асоси замони гузаштаи забони англисӣ маънои луғавии мустақилро соҳиб аст, танҳо аз асос бидуни ягон унсур иборат аст. Рӯйхате, ки оварда шудааст, ба таври муфассал моро бо асосҳои замони ҳозираи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ шинос менамояд [3, с. 26]:

| *Забони тоҷикӣ* | | | *Забони англисӣ* | |
|---|---|---|---|---|
| *Масдар* | *анҷомаҳо дар масдар* | *Асоси замони ҳозира* | *масдар* | *Асос* |
| *рас+и+дан* | *-дан* | *рас* | *to arrive* | *Arrive* |
| *афт-+о+дан* | *-дан* | *афт* | *to fall* | *Fall* |
| *за+дан* | *-дан* | *за+н* | *to hit* | *Hit* |
| *афкан+дан* | *-дан* | *афкан* | *to throw* | *Throw* |
| *ому+х+тан* | *-тан* | *омӯз* | *to teach* | *Teach* |
| *бу+дан* | *-дан* | *б+ош* | *to be* | *Be* |
| *кар+дан* | *-дан* | *к+ун* | *to do* | *Do* |
| *дош+тан* | *-тан* | *дор* | *to have* | *Have* |
| *ҳос+тан* | *-тан* | *ҳо+ҳ* | *to want* | *Want* |
| *шитоф+тан* | *-тан* | *шитоб* | *to hurry* | *Hurry* |

Барои сохтани замони ҳозираи содаи забони англисӣ ба асоси феъл анҷомаҳои-s ё –es ҳамроҳ менамоянд, то ки он ифодакунандаи шахси сеюми танҳо бошад. Бо ибораи дигар, онро метавон чунин баён намуд: феълҳо дар шахси сеюми танҳо ба худ анҷомаҳои –s ё-es қабул мекунанд. Дар забони тоҷикӣ бошад, замони ҳозираи сода бо ҳамроҳ кардани пешванди ме- ба асоси феъл сохта мешавад:

Ме+пурс+ам (I ask) ме+пурс+ем (We ask)
Ме+пурс+и (you ask) ме+пурс+ед (you ask)
Ме+пурс+ад (he, she asks) ме+пурс+анд (they ask)

Бархе аз забоншиносон (Мойне) бар он ақидаанд, ки забони тоҷикӣ замони ҳозираи сода надорад, зеро бештари феълҳои сода тавассути ме- сохта мешаванд ва дар як вақт ҳам ифодакунандаи замони ҳозираи давомдор ва ҳам содаи ҳозира мебошад, ба монанди мепурсам - *I am asking ё I ask.*

Шаклҳои замони гузашта ва феъли ҳоли феълҳои дурусти забони англисӣ бошад, тавасути ба асосҳои феъл ҳамроҳ кардани анҷомаи –ed- сохта мешаванд, аммо феълҳои нодурусти ин замонҳо бо дигар роҳ – тағйир ёфтани шакл ё қисми дохилии асос сохта мешаванд [3, с. 22].

Дар забони тоҷикӣ бошад, асосҳои замони гузашта тавассути ҳамроҳ намудани пасвандҳо ба сифати феълӣ мубаддал мегардад, агар феъл дар замони ҳозираи истифода гардад, ба шахси сеюми танҳо ягон анҷома илова карда намешавад:

Пурсид+ам (I asked) пурсид+ем (we asked)
Пурсид+и (you asked) пурсид+ед (you asked)
Пурсид /-/ (he, she asked) пурсида+анд (they asked)

Сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ тавассути илова намудани – *а*- ба асоси замони гузаштаи феъл сохта мешвад, масалан навишт-навишта (written); шикаст – шикаста (broken) [2, с. 67]. Дар забони тоҷикӣ бошад, сифати феъли замони ҳозира ду шакл дорад: 1) асос+анда (нависанда, даванда); 2) асос+он (равон, давон). Онҳо дар ҷумла метавонанд вазифаи сифат ва герундияро низ ба сомон расонанд.

Феълҳои сода дар ҳарду забон ҳам якранг набуда, ба таври гуногун мавриди истифода қарор мегирад. Аз ин хотир, феълҳои содда дар забонҳои қиёсшаванда ба василаи замони ҳозира ва замони гузашта сохта мешавад. Метавон гуфт, ки баҳси мавзӯи феъл дар илми забоншиносӣ хело доманадор буда, то ҳол ҳам аз ҷониби забоншиносони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ мавриди пажӯҳиши амиқ қарор дорад.

**АДАБИЁТ:**

1. Андреев И.С. О таджикском языке настоящего времени (материалы по истории таджиков и Таджикистана) – Сталинабад: Госиздать при совете народных комиссаров Таджикской ССР, 1945. – С. 56-70.
2. Арзуманов, С.Д. Забони тоҷикӣ / С.Д. Арзуманов, А. Сангинов. – Душанбе, 1988. – 416 с.
3. Арзуманов, С.Д. Забони тоҷикӣ / С.Д. Арзуманов, О.Д. Джалолов. – Душанбе, 1969. – 295 с.
4. Ахмедова Ҷ. Шаклҳои феълӣ бо ёридаҳандаи «истодан» дар забони ҳозираи тоҷик. – Сталинобод, 1961.

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ФЕЪЛҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Феъл яке аз бахшҳои калидии сарфи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқи ҳаматарафаи он аз тарафи забоншиносони ватаниву хориҷӣ пурра анҷом наёфтааст ва баъзе аз масоили он ниёз ба таҳқиқу пажӯҳишро дорад. Дар ҳарду забон ҳам миқдори шаклҳои феълҳо сершумор ба ҳисоб рафта, он қоидаҳои мушаххаси худро дорост. Аслан дар ҳарду забон феълҳо ду асос доранд: асоси замони ҳозира ва асоси замони гузашта. Метавон ишора намуд, ки роҳҳо ва усулҳои сохташавии ҳамаи феълҳои ин забонҳо аз ду асос манша мегиранд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** феълҳои сода, грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, морфология, аффиксҳо, парадигмаҳои феъл, забоншиносӣ-фарҳангӣ.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛИФОН:** Толибов Икромиддин Маҳмадрасулович, ассистенти кафедраи забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: (+992) 987-37-87-56; e-mail: ikromiddin.94@mail.ru

Назриев Мустафо Шералиевич, ассистенти кафедраи забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: (+992) 93-611-01-11; e-mail: nmustafo.1991@gmail.com

## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПРОСТЫХ ГЛАГОЛОВ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Глагол является одним из ключевых секторов английского и таджикского языков, и его всестороннее изучение отечественными и зарубежными лингвистами не было полностью завершено, и некоторые из его проблем требуют изучения. В обоих языках число форм глаголов много, и у него есть свой собственный набор правил. Фактически, в обоих языках у глаголов есть две основы: основа настоящего времени и основа прошедшего времени. Можно указать, что способы и методы построения всех глаголов этих языков имеют две основы.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: простые глаголы, грамматика, морфология, аффиксы, парадигмы глаголов, лингво-культурология.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Толибов Икромиддин Махмадрасулович, ассистент кафедры английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: (+992) 987-37-87-56; e-mail: ikromiddin.94@mail.ru

Назриев Мустафо Шералиевич, ассистент кафедры английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: (+992) 93-611-01-11; e-mail: nmustafo.1991@gmail.com

## COMPARATIVE ANALYSIS OF SIMPLE VERBS IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

The verb is one of the key sectors of the English and Tajik languages, and its comprehensive study by domestic and foreign linguists has not been fully completed, and some of its problems require study. In both languages, the number of forms of verbs is many, and it has its own set of rules. In fact, in both languages verbs have two bases: the basis of the present tense and the basis of the past tense. It can be pointed out that the ways and methods of constructing all the verbs of these languages have two foundations.

**KEY WORDS**: simple verbs; grammar; morphology; affixes; paradigms of verbs; cultural-linguistics.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Tolibov Ikromiddin Mahmadrasulovich, assistant of English chair, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: (+992) 987-37-87-56; e-mail: ikromiddin.94@mail.ru

Nazriev Mustafo Sheralievuch, assistant of English chair of Tajik State Pedagoical University named after Sadriddin Aini. Phone: (+992) 987-37-87-56; e-mail: nmustafo.1991@gmail.com

# МУАЙЯНКУНАНДАИ ИЗОФӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

*(дар асоси маводи осори тарҷумавии устод С. Айнӣ)*

Раҳмонова Д.И.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Дар наҳви забони адабии ҳозираи тоҷик хели ҷумлаҳои пайраве низ дида мешаванд, ки ё тамоман омӯхта нашудаанд ва ё оид ба онҳо ғайр аз маълумоти мухтасари китобҳои дарсӣ ва мақолаю қайдҳои ҷудогона таҳқиқи махсуси илмӣ ба табъ нарасидааст. Дар забоншиносии тоҷик чунин як асари илмие, ки моҳияту вазифа, хусусият, аломату нишонаҳои шаклию маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда, хел ва воситаи алоқаи грамматикии онро ҳарҷониба таҳлилу таҳқиқ карда бошад, дар муқоиса бо забонҳои дигар, ба майдон наомадааст.

Омӯзишу таҳқиқи вижагиҳои грамматикии забон ва таҳқиқу баррасии категорияю воситаҳои дастурии он дар асоси осори бадеӣ дорои аҳамияти калони назарӣ ва амалӣ мебошад.

Бандаки изофӣ дар забони адабии тоҷикӣ яке аз воситаҳои грамматикии қадим дониста шуда, дорои як қатор вазифаҳои грамматикӣ буда, чӣ дар алоқамандии калимаҳо дар ҷумла ва чӣ дар калимасозию ибораоройӣ мавқеи муайянеро ишғол менамояд. Аз ин сабаб, масъалаи омехтани вижагиҳои дастурии бандаки изофӣ чун як категорияи муҳимми грамматикаи забони адабии тоҷик аз доираи таҳқиқоти илмӣ берун намондааст. Маълумоте, ки доир ба вазифаҳои грамматикии бандаки изофӣ дар як қатор китобҳои дарсӣ, асарҳои таҳқиқотӣ ва луғатҳои тафсирии давраи тоинқилобӣ дода шудаанд, аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ хеле боарзишанд. Дар ин замина, мо қарор додем, ки саҳми ин воситаи грамматикиро дар созмондиҳии муайянкунандаҳо дар осори тарҷумавии устод С. Айнӣ нишон диҳем.

Воҳиди асосӣ ва ташкилкунандаи сухан ҷумла мебошад, ки он фикри томеро ифода мекунад, бо ягонагии мазмун ва сохту вазифаи тарзи баён ва хусусиятҳои гуногуни услубӣ суханрониро равшан менамояд.

Тарзи баёни фикр ё ин ки тасвири воқеа, якҷоя ба ҳисоб гирифтани муносибатҳои дохили ҳиссаҳои синтаксисӣ дар нутқ шакли баёни гӯянда мебошад, ки ин, пеш аз ҳама, ба алоқаи байни калимаҳо дар ҷумла яке аз хусусиятҳои муҳимми грамматикӣ ба шумор меравад. Маълум аст, ки сохти грамматикии забонро бахшҳои сарф ва наҳв ташкил медиҳад. Бандаки изофии *-и* чун унсури грамматикӣ дар бахши наҳвиёт мавриди таҳлил қарор мегирад.

Изофат дар таркиббандии исм бо исм, исм бо ҷонишин, исм бо сифат, исм бо шумора ва баёнияҳои изофӣ омада, ба мазмуни семантикии нисбат ба ҳамдигар доштаи ҷузъҳои дохили ибора далолат мекунад. Қайд бояд кард, ки «бандаки изофӣ дар мавриди калимасозӣ як вазифаро ва дар сохти ибораҳои таркибии изофӣ вазифаи дигареро адо менамояд, зеро бандаки изофӣ дар лаҳзаи пайвандкунии ҷузъҳои калимаҳои мураккаб аз вазифаи алоқамандкунии калимаҳо (муайянкунандаю муайяншаванда) қадре дур мешавад» [2, с. 56].

Изофат, ҳамчун воситаи алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар асари Д.Т. Тоҷиев ба андозае муфассалтар баён гардидааст. Муайянкунандаҳои изофӣ дар асари Д.Т. Тоҷиев дар навбати худ боз ба ду гурӯҳ тақсим карда шудааст: «Гурӯҳи якум, муайянкунандаҳои изофии аломат мебошанд, ки ба воситаи сифатҳо ифода ёфта, сифату аломати шайъро мефаҳмонад. Ва гурӯҳи дуюм, муайянкунандаҳои соҳибӣ дар назар дошта мешавад, ки ба воситаи исму масдар ва ҷонишинҳо ифода меёбад» [7, с. 15-28].

Муайянкунандаҳои изофиро аз рӯйи ифодаи маъно ва хусусиятҳои грамматикӣ ба ду гурӯҳи калон: «муайянкунандаҳои ифодакунандаи аломат ва соҳибият ҷудо мекунанд» [6, с. 35]. Ин муайянкунандаҳо бо хусусиятҳои зерин аз ҳам фарқ мекунанд:

1) муайянкунандаи изофии гурӯҳи якум аломат бо сифат, (сифати аслию нисбӣ), шумораҳои тартибӣ, сифати феълӣ ва инчунин баъзе исмҳо ифода мегарданд. Муайянкунандаи соҳибӣ бошад, бо тамоми навъҳои исм ҷонишинҳои предметӣ, масдар ва ҳиссаҳои нутқи дигари исмгардида ифода мешаванд.

2) муайянкунандаҳои изофии аломат ба саволҳои *чӣ гуна?, чӣ хел?, кадом?, чандум?* ҷавоб мешаванд. Муайянкунандаҳои соҳибӣ ба саволҳои *чӣ?, кӣ?, чиҳо? ва киҳо?* ҷавоб мешаванд.

Дар тарафи ғарби рӯйи ҳавлӣ дар пушти оғил ва собот ва пайваста ба онҳо як суфаи дароз буд [1, с. 14].

*At the west and of the inner yard behind the barn and stable and adjoining them was a long sufa where the family would sit outside on summer evenings* (тарҷумаи хабарнигор).

3) муайянкунандаи изофии аломат фақат дар шумораи танҳо ояд *(ранҷи дароз, тахти заррин, куруни диловар, афсари имрӯз, теғи тез, кирддори равшан)* муайянкунандаҳои соҳибӣ ҳам дар шумораи танҳо ва ҳам дар шумораи ҷамъ омада метавонанд. *Суми аспон, далерони Тӯрон ё сипоҳдорони Тӯрон.*

*I. Муайянкунандаи изофии аломат*ро, ки муайяншавандаро аз ҷиҳати аломату хусусият эзоҳ дода, ба саволҳои *чӣ гуна? чӣ хел? кадом? чандум?* ҷавоб мешавад, дар навбати худ ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо мекунем:

*Муайянкунандаи изофии аломати тавсифӣ.* Алоқаи сифат бо муайяншаванда ба воситаи изофат сурат мегирад. Сифатҳои аслӣ мувофиқи табиати тавсифиашон муайяншавандаро аз ҷиҳати рангу таъм, ҳаҷму андоза, лаёқату қувва, синну сол, феълу атвор, вазъияти иҷтимоӣ, аломати зоҳирию ботинӣ ва монанди инҳо шарҳ медиҳанд:

*Ростӣ, бо вуҷуди ин, ки аз шиддати дард худро аз гиря боздошта наметавонистам, худам ҳам дарун-дарун механдидам* [1, с. 199].

*Although I was crying with pain, inside I was laughing too* (тарҷумаи хабарнигор).

Чунон ки мебинем дар порчаи шеърии фавқ вожаҳои *«паҳлавон», «дароз»* ва *«сарфароз»* дар нақши муайянкунандаи изофии аломат омада, сифату аломати шайъро фаҳмондаанд. Баъзе сифатҳои нисбӣ ба маънои маҷозӣ омада, ҳамчун сифатҳои аслӣ воқеъ мешаванд. Ин гуна сифатҳо аломати предмети муайяншавандаро дар заминаи хосияти аслӣ таъин менамояд.

*Муайянкунандаи изофии аломати нисбӣ* низ аломати шайъро нишон медиҳад ва ин аломатро бо роҳи нисбат додан ба шайъҳои дигар ифода менамояд. Онҳо аз муайянкунандаҳои дигари аломат ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам ифода фарқ мекунанд. Муайянкунандаи нисбӣ, пеш аз ҳама, бо тамоми навъҳои сифати нисбӣ ифода мегардад. Сифатҳои нисбии сохта, мураккаб ва таркибӣ ин вазифаро адо мекунанд. Сифатҳои нисбӣ дар вазифаи муайянкунандаҳои изофӣ ба таври фаровон истифода мешаванд. Ин гуна муайянкунандаҳо аломати муайяншавандаро дар заминаи нисбат додан ба шайъҳои дигар таъин менамоянд. Сифатҳои нисбӣ ба вазифаи муайянкунандаҳои изофӣ ҳам дар шакли сода (пушти сипоҳ, сари сарфароз) ва ҳам дар сохти калимаи мураккаб (хӯроки якрӯза, пагоҳи онвақта) ва ҳам таркибӣ (роҳҳои печдар печ, комёбиҳои тоза ба тоза, ҳаракати миллии озодихоҳӣ, корҳои оммавию сиёсӣ) истифода мешаванд:

*Ҷои тарс дар ин ҷо буд, ки бо вуҷуди ором гирифтани ҳаво ва суст шудани бод ҳанӯз рег аз шимоли шарқӣ ба ҷануби ғарбӣ оҳиста-оҳиста ҳаракат мекард ва ба боғи девордор ҳанӯз рег монанди обе, ки аз роши ҷӯи пуроби саршор шорида фуроянд, кам-кам мефуромад ва лангон-лангон бошад ҳам, оҳиста-оҳиста пеш мерафт ва навдаҳои пунакбастаи токро дар оғӯши нарми худ мекашид* [1, с. 34].

*Although the weather had cleared and the wind had dropped, there was still a danger that the wind would continue to creep south-westward and a tidal wave of sand, like water from a rain-swollen torrent, would surge in slow motion over the orchard wall and gradually advance until it had smothered all the newly-budding vine shoots in its soft embrace* (тарҷумаи хабарнигор).

*II. Муайянкунандаи изофии соҳибӣ*

*Муайянкунандаи изофии соҳибии исмӣ. Ифодаи муайянкунандаи нисбӣ бо исм.* Исм одатан ба вазифаи муайянкунандаи изофии соҳибӣ меояд, вале ҳолатҳои муайянкунандаи нисбӣ шудани он низ ҷой дорад:

а) баъзе исмҳо шакли худро тағйир надода, аломати шайъи дигарро ифода мекунанд: тоҷи гавҳар, разми туркон, ҷомаи паҳлавӣ; ин гуна исмҳо дар иҷрои ин вазифа аломатҳои исмии худро гум мекунанд, яъне дар шумораи ҷамъ омада наметавонанд: дар ин гуна мисолҳо исм маънои аз чӣ сохта шуданро ифода кунад, дар мисолҳои *«адабиёти тоҷик» «дари даромад», «боғи истироҳат»,* ки исм ба вазифаи муайянкунандаи нисбӣ омадааст, ба маънои дигар омадааст;

б) муайянкунандаи нисбӣ бо исму пешояндҳои изофии номӣ ё таркибӣ ифода меёбанд: *Фаридуни бододу ком, сари тахти Эрон;*

в) муайянкунандаи изофии нисбӣ бо ибораи исмии пешояндӣ ифода мешавад. Исми пешоянддор ба дигараш тобеъ гардида, дар якҷоягӣ ба вазифаи муайянкунандаи нисбӣ меояд. Чунончи:

*Дар тарафи шарқии рӯи ҳавлӣ ду айвонча буд, ки яке барои хонаи ҷанубӣ ва дигаре барои хонаи шимолӣ вазифаи ошхонагӣ ва танӯрхонагиро адо менамуданд. Айвончае, ки ба хонаи шимолӣ оид буд, дар қатори оташдон як дӯкони чархиосиётарошӣ ҳам дошт* [1, с. 14].

*At the east end of the inner yard were two porches which served as a combined kitchen and bakery, one for the south and one for the north building; the one attached to the north building also had another carpenter's workbench set up next to the hearth* (тарҷумаи хабарнигор).

Ҳамчунин дар асар муайянкунандаи изофии соҳибии ҷонишинӣ, муайянкунандаи изофии соҳибии масдарӣ, муайянкунандаи изофии соҳибии ҳиссаҳои нутқи исмгардида низ ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, аз навиштаҳои боло мусаллам гардид, ки илми наҳв дар ҳалқаи улуми филологии гузашта ва муосири тоҷикӣ мақоми воло дошт ва дорад. Ин илм фанни писандида буда, дар бораи ҳолати калима дар ҳайати ибораю ҷумла ва калом қонуниятҳои ибораороию ҷумласозӣ баҳс мекунад. Изофати мавсуфии сифатайн (ибораҳои изофие, ки муайянкунандааш пай дар пай аст). Изофати мавсуфии сифатайн он бошад, ки баъди мавсуф ду сифат ё зиёда бошад ва касрати сифати аввал (бандаки изофии аввал) ба ҳама кифоят кунад. Чунончи: *соҳиби мушфиқ ва меҳрубон, худованди мардумшинос ва равшанқиёс, дарвеши ҳақгузин ва ҳақбин, рафиқи тундхӯй ва айбҷӯй»*

**АДАБИЁТ:**


1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Қисми 1, 2. / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 350 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Барои студентони факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе, 1970. – 521с.

3. Камолиддинов Б. Усули таҳлили ҷумлаҳои сода. // Қосимова М.Н., Камолиддинов Б. Маҷмӯаи машқҳои синтаксиси забони тоҷикӣ. – Мактаби советӣ, 1976. – № 103. – 211 с.
4. Қосимова М.Н., Камолиддинов Б. Маҷмӯаи машқҳои синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1981. – 198 с.
5. Ниёзмуҳаммадов Б., Рустамов Ш. Забони тоҷикӣ. Қ. 2. Синтаксис. // Барои синфҳои 7-8. – Душанбе, 1981. – 321 с.
6. Тавсияҳои методӣ аз забон ва адабиёти тоҷик барои абитуриентҳо. –Душанбе, 1988. – 31 с.
7. Таджиев, Д.Т. Способы связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке / Д.Т. Таджиев. –Сталинабад, 1955. – 70 с.
8. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ кӯҳан нагардад. – Душанбе, 2011. – 94 с.
9. Хоҷаев Д., Зикриёев Ф., Муллохонов. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи IX. – Душанбе, 2007. – 267 с.
10. Ҳусейнов Х. Пунктуатсияи забони адабиии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1977. – 167 с.

## МУАЙЯНКУНАНДАИ ИЗОФӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

*(дар асоси осори тарҷумавии устод С. Айнӣ)*

Таҳлилу баррасии муайянкунандаи изофӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи осори тарҷумавии устод С. Айнӣ мухтавои асосии мақоларо фаро гирифта, муаллиф кӯшидааст дар асоси маводи гирдовардааш маводи марбути мавзӯъро мавриди баррасӣ қарор бидиҳад. Муаллиф зикр менамояд, ки омӯзишу таҳқиқи вижагиҳои грамматикии забон ва таҳқиқу баррасии категорияю воситаҳои дастури он дар асоси осори бадеӣ дорои аҳамияти калони назарӣ ва амалӣ мебошад. Бандаки изофӣ дар забони адабии тоҷикӣ яке аз воситаҳои грамматикии қадим дониста шуда, дорои як қатор вазифаҳои грамматикӣ буда, чӣ дар алоқамандии калимаҳо дар ҷумла ва чӣ дар калимасозӣ ва чӣ дар ибораорӣ мавқеи муайянеро ишғол менамояд. Аз ин сабаб масъалаи омӯхтани вижагиҳои дастурии бандаки изофӣ чун як категорияи муҳиммии грамматикаи забони адабии тоҷик аз доираи таҳқиқоти илмӣ берун намондааст. Маълумоте, ки доир ба вазифаҳои грамматикии бандаки изофӣ дар як қатор китобҳои дарсӣ, асарҳои таҳқиқотӣ ва луғатҳои тафсирии давраи тоинқилобӣ дода шудаанд, аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ хеле боарзишанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** дастур, изофа, қиёс, забони тоҷикӣ, англисӣ, таркиби забон, сохтор, муайянкунанда, муайяншаванда, воситаи алоқа, тарзи алоқа, ҷумлаи пайрав, сарҷумла, ҷумлаи мураккаб, осори тарҷумавӣ.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Раҳмонова Дилрабо Искандаровна, унвонҷӯи кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел.: (+992) 93-544-28-44; 982-22-02-44.

## ИЗОФЕТНОЕ ОПРЕДЕЛЕНИЕ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ.

*(на основе переводное произведений С. Айни)*

Основу содержание статьи составляет освещение анализу изофетного определения в таджикском и английском языках, где автор пытается рассматривать на основе собранного материала по теме. Автор излагает,что изучение грамматических особеностей языка и иследование категорий и средств его предписания на основе художественного литературы имеет творческое и практическое значения. Изофетное связка в таджикском и литературном языке считается одним из древнейших грамматических средств ,имеющий ряд грамматических функций,а также занимает определенное место как в отношение слов в предложении, также в словообразовании и словосочитании. По этой причине проблема изучение особеностей повелительной изофетной связки, как одно из основных категорий грамматики таджикского литературьного языка, не выходит из полезрения научного иследования.Сведения о грамматических функциях изофетной связки даны в ряде учебных пособий, научных изысканий и дореволюцишнных толковых словарях, с точки зрения научной теории языкознании бесценны.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** инструкция, прибавление, сравнение, таджикский язык, английский язык, структура, определение, определяемое, средство связи, способ связи, придоточное предложение, главное предложение, переводное производение.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Рахмонова Дилрабо Искандаровна, соискатель кафедры иностранных языков Национальной академии наук Таджикистана. Тел.: (+992) 93-544-28-44; 982-22-02-44.

## ISOPHETIC ATTRIBUTIVE IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

*(On the basic of translative creation (novels) S. Aini)*

The content of the article is the coverage of the analysis of isophetic attributive in Tajik and English languages, where the author is trying to consider on the basis of the material collected. A sprinkling bunch in Tajik and literary language is considered one of the most ancient grammatical funds having a number of grammatical functions, and also takes a certain place as in the ratio of words in the sentence, also in word formation and phlegm. For this reason, the problem is the study of the features of a hydraulic ligament, as one of the main categories of grammar of the Tajik literary language, does not come out of the searchery of scientific research. In a number of teaching aids, scientific research and pre-revolutionary intelligent dictionaries, from the point of view of scientific, theories of linguistics.

**KEY WORDS**: instruction, inflect, (sufix), compare, Tajik language, English language, structure, attributive, attribute, the facilities of communications, the method of communication, principal clause, translated creation (novels).

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Rahmonova Dilrabo Iskandarovna, applicant for the department of foreign languages of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: (+992) 93-544-28-44; 982-22-02-44.

# ГРАММАТИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА НОМИНАТИВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И ИХ ВАРИАНТЫ В РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Нурова М.Б.
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава
Рахмонова Н.Ш.
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Во всех отечественных научных трудах, посвященных номинативным предложениям таджикского языка, подчёркивается, что основным грамматическим симптомом настоящего типа предложений является их односоставная структура и морфологическая природа главного члена, который может быть выражен:

– <u>именем существительным</u>: *Арбоб Камол аз ҳанг задани хар омадани рамаро фаҳмида, ошеро, ки хӯрда истода буд, нимкора монда берун баромад ва ба одати ҳаррӯзааш бузу гӯсфандонро ягон-ягон аз назараш гузаронид, ҳамин ки дид, як гӯсфанд нест:*

– ***Одина! Шишаки сиёҳ кучост***? *– гуфта фарёд кард* [1, с. 7].

*– Арбоб Камол по реву осла понял, что приближается стадо, недоев плов, выскочил на улицу и по привычке пересчитал коз и баранов, как только заметил, что нет одного барана:*

– ***Одина! Где черный годовалый баран***? *– крикнул* [перевод информанта].

*– Arbob Kamol from a roaring donkey realized that a herd was approaching, undernourished pilaf, went outside and, in a habit, at times examined goats and sheep, as soon as he noticed that there was not one sheep:*

– **Odina! Where is the black one-year-old ram?** – *shouted* [informant translation].

*Арбоб Камол бо шунидани ин моҷаро мисли шери дарранда ғурридан гирифт ва дар зери лаби худ мегуфт:*

– ***Рухсат***... ***ҳисобӣ… Ин чист?..*** *Ҳамоно шиками ин модарбахато аз нон сер шудааст* [1, с. 7].

*– Арбоб Камол, услышав об этом происшествии, зарычал как дикий лев, приговаривая:*

– ***Разрешение… рассчитано… Это что?..*** *Очевидно желудок этого ублюдка сыт* [перевод информатора].

*– Arbob Kamol having heard this incident, as the wild lion buried and to himself said:* - ***Permission... calculated... This is what?...*** *Obviously the stomach of this bastard is fed up* [informant translation].

<u>– количественно-именным сочетанием</u>: *Ман, ки дар ҳақиқат тоқия немехаридам, тақияҳоро бепарвоёна аз назар гузаронида яке аз онҳоро ба тоқияфурӯш нишон дода:*

*– Ҳамин чанд пул? – гуфта нарх пурсидам.*

– ***Панҷ танга!*** *– гуфт тоқияфурӯш* [3, с. 23]. *– Я, на самом деле, не собирался покупать тюбетейку, – равнодушно рассматривая тюбетейки, указала на одну из них:*

*– Сколько стоит? – спросил цену.*

– ***Пять танга!*** *– сказал продавец тюбетеек* [перевод информатора].

*– In a fact, I was not going to buy a skull-cap, indifferently considering the skull-cap, one of them showing:*

*– How much does it cost? - saying, the price asked.*

– ***Five tangs!*** *- said the skull-cap seller*

– <u>*указательным местоимением*</u>: - ***Ана бародарам Ҳайдарҷон*** [4, с. 63].

– ***Вот*** *мой брат Хайдар* [перевод информатора].

– ***This's*** *my brother Haidar* [перевод информатора].

– ***Ана ин ҷост***, *- гуфта Одина ҷавоб дод* [1, с. 10].

– ***Вот здесь,*** *– сказал в ответ Одина* [перевод информатора].

– ***Here's, - Odina said in reply.***

– <u>*состоянием погоды или окружающей среды*</u>: ***Доманаи кӯҳ, замини ҳамвори фарох,*** *дар миёнҷойи ин ҳамворӣ қишлоқи И… воқеъ буд*, ***ки…*** [2, с. 39]

– ***Предгорье, широкая плоская земля***, *посреди этой равнины находился кишлак И…, где…* [перевод информатора].

– ***Foothills, wide flat ground,*** *among this strip was the village of I...., where...* [перевод информатора].

– <u>*временем года или суток*</u>: ***Имрӯз пагоҳӣ,*** *то вақти дарс дум-думакон бозӣ кардем* [2, с. 245].

– ***Сегодня утром,*** *до уроков играли в дум-думакон* [перевод информатора].

– ***This morning,*** *before lessons played doom-dumacon* [перевод информатора].

– <u>местом</u>: ***Як боғ.*** *Атрофаш бо девори пастаке иҳота шудааст* [4, с. 81].

– ***Сад.*** *Вокруг огорожен низкой стеной* [перевод информатора].

– ***Garden****. Fenced around by a low wall* [перевод информатора].

– <u>внутренним состоянием человека</u>: ***Дар хотирҳост****, ки Одина модаркалони худ, Бибиоишаро як ранг тасаллӣ ва таскин дода, ба сафар баромада буд* [1, с. 10].

– ***Помнится, как****, что Одина свою бабушку, Бибиошу, утешая и успокаивая вышел на дорогу* [перевод информатора].

– ***In memory,*** *that Odina left to the road consoling and calming the grandmother, Bibiosha* [перевод информатора].

– <u>событием</u>: ***Ҳоло чӣ?...*** *Ҳоло сафар мекунад бо ҳамроҳии як корвони андӯҳ ва кадар: бо дили бирён, синаи сӯзон ва чашми тар, ба ҳолате, ки чӣ шудани оқибаташ низ маълум нест; оё ба саломатӣ баргашта, боздиди модаркалон ва ёри меҳрубонаш муяссар мешавад ё не?* [1, с. 65].

– *Ныне что? Ныне в дороге с неспокойным караваном: с разбитым сердцем, грудь полной мук и страданий, и со слезами, в состоянии то, что не известно последствие; разве безопасно возвращаясь, может ведется с бабушкой и любимой* [перевод информатора].

– ***Now what?*** *Now on the road with a troubled caravan: with a broken heart, chest full of torment and suffering, and with tears, in a state that the consequence is not known; is it safe to return, can see his grandmother and beloved* [перевод информатора].

– <u>явлением</u>: *Хуласи калом, ин ки Ленинободи имрӯза «****тирози ҷаҳони нав****», зеб ва ороиши ҷаҳони сотсиалистӣ шуда аст* [2, с. 140]. – *Короче говоря, сегодняшний Ленинабад является «****убранством нового света****», красотой и украшением социалистического мира* [перевод информатора].

– *In short, today's Leninabad is the "decoration of the new world," beauty and decoration of the socialist world* [перевод информатора].

– <u>описанием природы</u>: ***Саҳрои васеъ, биёбони хушк.*** *Дар ин биёбони бепоён ғайр аз чоҳҳои чуқур, манбаи обе нест* [5, с. 58]. – ***Широкое поле, засохшая пустыня.*** *В этой бесконечной пустыни, кроме глубоких колодцев, нет источника воды* [перевод информатора].

– ***Wide field, dry desert.*** *In this endless desert, except for deep wells, there is no source of water* [перевод информатора].

– <u>однократным действием</u>: ***Рангҳо парида, чашмҳо дарунрафта, биниҳо тегкашида, дастҳо қубла зада, кафида ва хуншор шуда, пойҳо обилакарда ва ҷароҳат пайдокарда ва либосҳо дарида****, ба андозае, ки аз пероҳан танҳо шерозаи гиребон ва аз эзор фақат нефа мондааст…* [1, с. 31].

– ***Бледные цвет лица, запавшие глаза, заострившиеся носы, руки покрыты волдырями, с трещинами и кровотёками, ноги в волдырях и ранах, а также рваные одежды,*** *до того что, из одежд остались только кант воротника, а из штанов только шов* [перевод информатора].

– ***Pale persons, sunken eyes, sharpened noses, hands covered with blisters, cracks and bloodlines, legs in blisters and wounds, as well as lacerated clothes,*** *to the point that, from the clothes there was only a can't collar, and from the pants only seam* [перевод информатора].

Номинативное предложение характеризуется предикативностью. Однако в различие от других структурных типов предложений предикативные значения выражаются в нём посредством интонации: *Оянда* ***Қорӣ-Ишкамба****… Ин* ***саройбони*** *сарои «Кавказ»* [6, с.73].

– *Следующий Кари-Ишкамба…. Это смотритель постоялого дворца «Кавказ»* [перевод информатора].

***Future Qori-Ishkaba....*** *This is the* ***caretaker*** *of the permanent palace "Caucasus"* [перевод информатора].

Номинативные предложения в таджикском языке по своей структуре и смысловыми оттенками, подобно английскому языку, могут быть повествовательными, вопросительными и восклицательными:

– ***Кистед****?*

– *Натарс, ман! – гуфт овози шиносе. Ин овози туркман буд [7, с. 64].*

– *Кто вы?*

– *Не бойся, это я! - сказал незнакомый голос. Это был голос туркмена* [перевод информатора];

– *Who are you?*

– *Don't be afraid, it's me!" said an unfamiliar voice. This voice was Turkmen* [перевод информатора].

– ***Ҳа гуреза!*** *Монда нашав! – гӯён аз асп фуромада, ба киштӣ баромад ва дар он ҷо ғайр аз гупсар, пӯшокиҳои даридаи Ятим ва якта зағора чизи дигар наёфт (7, с. 64).*

– ***Так, беженец!*** *«Монда набош!» – сказал, спустившись с лошади и сел в лодку, там ничего не нашел, кроме гупсара, рванной одежды Ятима и одного куска хлеба из кукурузной муки* [перевод информатора].

– ***Well, refugee!*** *God help! – said coming down from the horse and got into the boat, there he found nothing except gupsar, torn Yatim clothes and one piece of bread made of corn flour* [перевод информатора].

Номинативные предложения, подобно английскому языку, могут быть нераспространенными, т.е. состоять только из главного предложения, подлежащего, иногда с частицами или междометиями, например: ***Оҳ, курра!..*** [8, с. 676].

– ***О, жеребёнок!*** *(детёныш осла) ...* [перевод информатора].

– ***Oh, foal!*** [перевод информатора].

Нераспространённые номинативные предложения в форме именительного падежа имен существительного обозначают бытие, наличие того, что названо этим существительным: ***Арбоб,*** *ки дар асл ба шӯриш омада буд, ба сабаби канда шудани риш, зиёдтар хашмгин шуда, Гулбибии ба замин афтодаро то метавонист лагадкорӣ кардан гирифт* [1, с. 130].

– ***Арбоб,*** *который, по сути, волновался по причине обрыва бороды, еще больше огорчился, упавшую на землю Гулбиби, сколько мог, пинал ногами* [перевод информатора].

– ***Arbob,*** *who was essentially worried, due to a beard break, was even more upset, and began to kick as much as he could Gulbibi, who fell to the ground.* [перевод информатора].

Повествовательные номинативные нераспространённые предложения могут иметь модальное значение уверенности, неуверенности, предложения, допущения, оттенок эмоционального усиления (тобишҳои қатъият, боварӣ, нобоварӣ, эҳтимолӣ, имконнопазарӣ ва ғ.) ***Оташ борин… Бесарусомонӣ*** *– гуфт…* [2, с. 14].

– ***Как огонь***... *Хаос – сказал…* - ***Like fire...*** *Chaos - said...* перевод информатора].

Повторение повествовательного номинативного нераспространённого предложения обычно служит для обозначения наличия большого количества названных предметов интенсивного обнаружения называемого явления, состояния и т.п.: ***Хомӯшӣ…. Хомӯшӣ…; Абрҳо, абрҳо, абрҳо*** *– тамоми рӯз* [4, с. 17].

– ***Тишина…Тишина…; Облака, облака, облака –*** *весь день* [перевод информатора].

– ***Silence... Silence...; Clouds, Clouds, Clouds - All Day*** [перевод информатора].

Нераспространённые номинативные предложения часто бывают восклицательными и произносятся в соответствующей интонации: ***Тақ-тақ! Ғалоғӯла! Оҳ! Худоҷонам! – Стук! Шум! Ах! Боже мой! - Knock! Noise! Ah! Oh God! –*** а также, особым синтаксическим приемом выражения эмоциональности является повторение восклицательного номинативного предложения: ***Дузон, дуздон!*** *ин ҷо, ин ҷо…* [2, с.81].

– ***Воры, воры!*** *сюда, сюда….* [перевод информатора].

– ***Thieves, thieves!*** *here, here...* [перевод информатора].

Широко распространены повествовательные номинативные нераспространённые предложения с указательной частицей ***вот.*** Основное значение частицы в этих предложениях – указание, которое придает особый оттенок и выделяет их из общей массы номинативных предложений. Главный член данных предложений выражен личным местоимением, употребляющийся только с указательными частицами ***вот, вот и (ана, мана, ана…ҳамин, мана… ҳамин – here, here it is)***: ***Ана ҷойе****, ки хонаи онҳо меистодагӣ;* ***Мана бед.*** *Дар ин ҷо дуздон буданд….*

– ***Вот место,*** *где их дом стоит;* ***Вот ива.*** *Здесь были воры…* [перевод информатора].

– ***Here is the place*** *where their house stands;* ***Here's the willow.*** *There were thieves here...* [перевод информатора].

Номинативное предложение, главный член которого выражен числительным (количественным или порядковым), употребляются сравнительно редко: ***Сию ду! –*** *дод зад****….*** – ***Тридцать два! –*** *кричит… – Thirty-two! - yelled....*

Распространенные номинативные предложения по форме всегда совпадают со словосочетаниями и состоят из главного члена и относятся к нему определения:

***Аввалҳои субҳи рӯзҳои тирамоҳ.*** *Ҳанӯз рӯз сафед нашуда буд, ҳанӯз дар осмони кабуди шафоф ситорагон ягон-ягон менамуданд* [5, с. 88].

– ***Начало утренних осенних дней.*** *Еще не светало, еще в синем прозрачном небе кое-где виднелись звезды* [перевод информатора].

***– The beginning of the morning autumn days.*** *It has not yet shone, even in the blue transparent sky in some places stars were seen* [перевод информатора].

Наиболее употребительны данные предложения с согласованным определением при главном члене, главный член которых, – имя существительное – определяется прилагательным, приложением, согласуемым местоимением, порядковым числительным и причастием: ***Офтоби сӯзон; Соати даҳ; Ана пулҳои шумо; Мана китобхонаи мо. – Палящее солнце; Десятый час; Вот твои деньги; Вот наша библиотека. – The scorching sun; Tenth hour; Here's your money; Here's our library.***

Из местоимений в роли согласованных определений в номинативных предложениях чаще других выступают притяжательные местоимения, обычно в сочетании с указательными частицами ***вот***, ***вон***:

***Мана халтаи ту,*** *онро гашта гир…. –* ***Вот твой мешок,*** *возьми его назад…; –* ***Here's your bag****, take it back...;*

*Ман аз ту ҳазор динор қарздор, мана пулҳои ту! – Я тебе должен тысячу динара;* ***вот твои деньги! –*** *I owe you a thousand dinars,* ***here's your money!***

Одними из видов распространённых номинативных предложений являются предложения с несогласованным определением в форме родительного падежа имени существительного без предлога: ***Хонаи падар –*** *дом отца – father's house;* ***Яки шаб –*** *час ночи – o'clock in the morning.*

В структуре номинативных предложений таджикского языка относительно наличия второстепенных членов нет единства взглядов. Одни лингвисты обозначают, что структура номинативного предложения состоит из подлежащего и определения. Другим взглядом, члены предложения не могут входить в структуру номинативных предложений. Так, в номинативном предложении – по высказываниям М. Норматова и Ш. Рашидова, – кроме подлежащего и определения нет и не может быть других второстепенных членов [9, с. 122]. Тем не менее, в Грамматике современного таджикского литературного языка, отмечается что в структуре номинативных предложений могут иметь место обстоятельственные, а временами и объектные детерминанты [10, с. 339] и приводятся примеры: Пешвозгирӣ ***дар саҳни ҳавлӣ. –*** *Встреча во дворе дома. - Meeting in the courtyard of the house.*

Номинативные предложения в таджикском языке распространяются двумя способами:

а) в пределах словосочетания. В таких случаях основная структурная часть (структурный элемент) подчиняет себе зависимое слово при помощи изафета, иногда при помощи предлога: ***Фасли хазонрез.*** *– Осенняя пора. – Autumn time.* ***Ҳавлии даруни хонаи бой.*** *– Внутренний двор байского дома. The courtyard of the Bai house.* ***Шамолҳои сахти охири тирамоҳ.*** *– Сильные ветры конца осени. – Strong winds of late autumn.* ***Вохӯрӣ баъди чандин сол.*** *– Встреча спустя несколько лет. – Meeting a few years later.* ***Пешвозгирӣ дар саҳни ҳавлӣ.*** *– Встреча во дворе дома – Meeting in the courtyard of the house и др.;*

б) в пределах предложения. В предложении «Пешвозгирӣ дар саҳни ҳавлӣ» именная часть, выражена отглагольным существительным (пешвозгирӣ – встреча), при помощи предлога подчиняет себе обстоятельство места. В структуру подобных номинативных предложений входят детерминанты со значением времени и места, а также иногда объектные детерминанты (косвенное дополнение):

***– Як ҳавлии дарунберуни ҳангомадор. –*** *Пышная усадьба. – Magnificent manor.*

***– Дар ҳавлии дарун чор хона, як ошхона ва танӯрхона. –*** *Во внутреннем дворе четыре комнаты, кухня и дом с тандыром. – In the courtyard there are four rooms, kitchen and tanur.*

***– Даруни анбор – дуқатора хумҳои пур аз ҷаву гандум, загиру кунҷит. –*** *На складе – в два ряда, полные пшеницей и ячменем, льном и кунжутом большие кувшины* [10, с. 95]. *– In stock – in two rows, full of wheat and barley, flax and sesame large jugs.*

В присущих номинативных предложениях не может быть дополнений и обстоятельств, принадлежащих непосредственно к главному компоненту. Тем не менее, в современном таджикском литературном языке наблюдаются и предложения с объектными и обстоятельственными детерминантами:

***Чиллаи зимистон,*** *сармои сахт ҳукмронӣ мекард* [3, с. 66].

– ***Зимнее сорокадневье****, господствовал сильный холод* [перевод информатора].

– ***Winter forties,*** *severe cold dominated* [перевод информатора].

Вопрос о характере второстепенного члена предложения нужно решать с точки зрения коммуникативного назначения. Если целью сообщения является констатация бытия предметов (функция номинативных предложений), то такие высказывания сближаются с номинативными предложениями. Подлежащее произносится с логическим ударением, а обстоятельственные слова интонационно ослаблены. С грамматической точки зрения для таких предложений

характерно интонационное слияние второстепенных членов с главным членом, т. е. подлежащим. Так, взятые вне контекста или речевой ситуации предложения типа ***Ҳамсарам дар хона*** – *Жена дома* – *Wife at home* и ***Хона бетартиб*** – *Дом беспорядочен – The house is messy;* нельзя квалифицировать как определенный структурно-семантический тип. Таким образом, при синтаксической характеристике подобных предложений следует учитывать характер интонации, определяемой коммуникативной задачей предложения (в одном случае предложение отчетливо делится на два состава, в другом интонационное членение отсутствует: в одном случае логическим ударением выделяется сочетание существительного с предлогом, в другом существительное в независимой позиции).

Вспомогательную роль может выполнять порядок слов, позиционные связи с другими предложениями и т.д.

Приведем еще примеры: *Сангин баъд аз хандидан:*

– ***Додарҷон, ту ҳанӯз тифлӣ***, *таҷриба надидаӣ ва ҳокимони вилояти худро намешиносӣ, бинобар ин тааҷҷубҳои беҷо мекунӣ [1, с. 45].*

*– Сангин после смеха: –* ***Братишка, ты еще дитя,*** *у тебя нет опыта и не знаешь правителей своей области, поэтому поводу неудачно недоумевались* [перевод информатора].

*– Sangin after laughter:* ***– Brother, you are still a child,*** *you have no experience and do not know the rulers of region, so you make unfortunate bewilderment* [перевод информатора].

В данном примере номинативные предложения, по сути своей, как бы созданы для описания, в них заложены большие изобразительные возможности. Называя предметы, расцвечивая их определениями, писатели рисуют картины природы, обстановку, описывают состояние героя, дают оценку окружающему миру.

В современном таджикском литературном языке номинативные предложения бывают расчлененными и нерасчлененными.

Нерасчлененные номинативные предложения могут быть распространенными и нераспространенными. В грамматике современного таджикского литературного языка приводятся следующие примеры: ***– Амакаш!*** *Ба Раҳимдод «монда нашав, офарин» гӯед. Ӯ монанди падараш кор кард.* ***– Баракалло!*** *– гуфта Ҳасан ба Раҳимдод нигоҳ кард, – офарин писарам, биё ба сари дастархон боҳам нишинем, аз нон ҳаққи маро ҳам ту хӯр, зеро аз кор ҳам ҳаққи маро ту кардӣ* [2, с. 25].

*– Дядя! Скажите Рахимдоду «Бог в помощь, молодец». Он как отец потрудился. –* ***Браво!*** *– сказав, Хасан взглянул на Рахимдода, – молодец сынок, давай вместе сядем за дастарханом, и мою долю лепешки ты кушай, потому что мою долю работы ты выполнил* [перевод информатора].

*Uncle! Tell Rahimdod «God to help, well done». He worked like a father.* ***– Bravo!*** *- having said, Hassan looked back to Rahimdod, - well done son, let's sit down at dastarkhan together, and eat my share of the cake, because you did my share of the work* [informant translation].

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Айни, С. Одина // С. Айни. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – 141 с.
2. Айни, С. Куллиёт // С. Айни, т. 3. – Сталинабад: Государственное издание Таджикистана, 1960. – 620 с.
3. Айни, С. Куллиёт // С. Айни, т. 4. – Сталинабад: Государственное издание Таджикистана, 1961. – 350 с.
4. Айни, С. Куллиёт // С. Айни, т. 6. – Душанбе: Государственное издание Таджикистана, 1963. – 275 с.
5. Айни, С. Гуломон // С. Айни. – Душанбе, 2019. – 487 с.
6. Айни, С. Марги судхур // С. Айни. – Душанбе: Адиб, 2010. – 220 с.
7. Айни, С. Ятим // С. Айни (второе изд.). – Сталинабад: Государственное издание Таджикистана, 1957. – 620 с.
8. Айнӣ Садриддин. Куллиёт. Ҷилди 5. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 276 с.
9. Норматов М., Рашидов Ш. Омӯзиши ҷумлаҳои соддаи яктаркиба. – Душанбе: Маориф, 1988. – 152 с.
10. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 2. – Душанбе: Дониш, 1986. – 372 с.
11. Нурова, М.Б. Грамматический признак именительного падежа номинативного предложения / М.Б. Нурова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – Т. 2. – №1-4(57). – С. 19-22.
12. Нурова, М.Б. Номинативные предложения в таджикском языке / М.Б. Нурова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2019. – №8. – С. 130-133.
13. Нурова, М.Б. Из истории формирования номинативных предложений в синтаксической науке разноструктурных языках / М.Б. Нурова // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2020. – №7. – С. 155-160.

## ХУСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКИИ ҶУМЛАҲОИ НОМӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОН ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар ин мақола хусусиятҳои грамматикии ҷумлаҳои номии забони тоҷикӣ ва мисолҳои он дар забонҳои русӣ ва англисӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтааст. Аз ҷумла, қайд гардидааст, ки аломати асосии грамматикии ин навъи ҷумлаҳо сохтори яктаркибагӣ ва табиати сарфии саръазо, ки бо исм, таркиботи миқдории номӣ, ҷонишинҳои ишоратӣ ва ғайра ифода меёбад, мебошад.

Дар мақола инчунин хусусиятҳои ҷумлаҳои хулласи забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, ки аз мубтадо таркиб меёбанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷумлаҳои номӣ, муодил, аломати грамматикӣ, исм, амали яккарата, ҷумлаҳои хуллас, саръазои ҷумла, ибора, падида, аъзоҳои пайрави ҷумла.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Нурова Мусаввар Бахтиёровна, омӯзгори кафедраи курси амалии забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 906-33-85-00.

Раҳмонова Наргис Шарифовна, доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.: (+992) 901-33-66-95.

## ГРАММАТИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА НОМИНАТИВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И ИХ ВАРИАНТЫ В РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье подвергнуты анализу и рассмотрению грамматические свойства номинативных предложений таджикского языка и их варианты в русском и английских языках. В частности, отмечается, что основным грамматическим признаком этого типа предложений является их односоставная структура и морфологическая природа главного члена, который выражается именем существительным, количественно-именным сочетанием, указательными местоимениями и др.

В статье также подвергнуты исследованию особенности нераспространенных предложений таджикского, русского и английского языков, состоящих из подлежащего.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** номинативные предложения, вариант, грамматический признак, имя существительное, однократное действие, нераспространенные предложения, главный член предложения, словосочетание, явление, второстепенный член предложения.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Нурова Мусаввар Бахтиёровна, преподаватель кафедры практического курса английского языка Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 906-33-85-00.

Рахмонова Наргис Шарифовна, доктор филологических наук, доцент, зав. кафедрой иностранных языков Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Тел.: (+992) 901-33-66-95.

## GRAMMATIC PROPERTIES OF NOMINATIVE SUGGESTIONS OF THE TAJIK LANGUAGE AND THEIR VARIANTS IN RUSSIAN AND ENGLISH LANGUAGES

This article analyzes and considers the grammatical properties of nominative sentences in the Tajik language and their variants in Russian and English. In particular, it is noted that the main grammatical feature of this type of sentences is their one-part structure and the morphological nature of the main member, which is expressed by a noun, quantitative-nominal combination, demonstrative pronouns, etc.

The article also examines the features of uncommon sentences of the Tajik, Russian and English languages, consisting of a subject.

**KEY WORDS:** nominative sentences, variant, grammatical feature, noun, single action, uncommon sentences, main member of a sentence, phrase, phenomenon, minor member of a sentence.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Nurova Musavvar Bakhtiyorovna, teacher of the department of practical English language course of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 906-33-85-00.

Rahmonova Nargis Sharifovna, doctor of philology, associate professor, head. department of foreign languages of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 901-33-66-95.

# МАСЪАЛАҲОИ ПЕДАГОГИЮ ИҶТИМОӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

Қурбонов Ф.Х., Абдураҳимзода Қ.С.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) яке аз он шоирони бузурги тоҷику форс ба ҳисоб меравад, ки дар эҷодиёти адабии хеш ба ғазал мақоми хосеро додааст. Аз ин ҷост, ки дар адабиёти тоҷику форс Мирзо Абдулқодири Бедил ҳамчун шоири ғазалсаро шуҳрат, мақом ва манзалати баландро соҳиб гаштааст. Бояд зикр кард, ки дар ин масъала тамоми шоирони баъдина ва пайравони шоир оид ба ғазалҳои ӯ эътимод пайдо кардаанд. Дар ин росто, мо метавонем ба чунин хулоса оем, ки Мирзо Бедил дар эҷодиёташ ба жанри ғазал диққати махсус додааст.

Нуктаи дигареро бояд таъкид намоем, ки мавзӯъ ва мазмуну мундариҷаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил хеле доманадор ва рангоранг буда, мавзӯъҳои асосие, ки шоири бузург дар ғазалиёти худ ба баррасӣ гирифтааст, иборатанд аз: ирфону тасаввуф, тасвири ишқу ошиқӣ, тараннуми зебоиҳои ҳаёт, масоили рӯҳу равонӣ, ситоиш ва мақому манзалати инсон, васфи хислатҳои ахлоқи ҳамидаи инсон, танқиди норасоиҳои ҷамъият, мазамматти хулқу атвор ва сифатҳои ахлоқи шарри инсонӣ ва ба ин монанд.

Аз омӯзиш ва таҳлили ғазалҳои шоир бармеояд, ки некиву накукорӣ, инсондӯстӣ, ватанхоҳӣ, ростиву ростқавлӣ, ҳақиқату ҳақиқатпарастӣ, дасти ёрӣ дароз кардан ба ятимон, дармондагон, бенавоёну бечорагон, умуман ҳамеша дар хизмати мардум будан, аз мақсаду мароми асосии ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ӯ ба ҳисоб мерафтааст. Маҳз аз ҳамин лиҳоз. шоир бо такя ба ғояи мазкур ба оянддагон гаштаю баргашта таъкид кардааст, ки ҳамеша некхоҳу мададгори халқ бошанд ва то ҳадди имкон хизмати дигаронро карда, дастгиру дармонбахши бечорагон бошанд.

Мирзо Бедил дар ғазалҳои хеш дар баробари дигар мавзӯъҳо мавзӯи дӯстӣ, рафоқат ва самимият нисбат ба шахсони наздикро мавриди баррасӣ қарор додааст. Шоир дӯстиро яке аз сифатҳои ахлоқи баланди инсонӣ ҳисобида, мардумро ба дӯстӣ ва муносибати самимӣ даъват кардааст. Ба ақидаи шоир, дар давоми зиндагӣ ҳар як нафар бояд ба он кӯшиш намояд, ки дӯст пайдо кунад чунки бо дӯст зистан. бо ӯ муносибати самимӣ доштан дар зиндагӣ мушкилиҳоро паси сар кардан хеле осон мегардад. Бинобар ин, ӯ таъкид менамояд, ки ҳар як фард дар рафти зиндагӣ бо дигарон дӯстӣ кунаду ба худ дӯсте дошта бошад:

*Пайвастагӣ ба Ҳақ зи ду олам буридан аст,*
*Дидори дӯст ҳастии худро надидан аст [1, с. 8].*

Чи тавре маълум мегардад, шоир таъкид менамояд, ки дӯстӣ бояд ҳақиқӣ ва самимӣ бошад. Агар одамон байни худ дар зиндагӣ дӯстӣ карданӣ бошанд, бояд чунон дӯстии самимӣ кунанд, ки ҳатто ҳастии хешро фаромӯш намоянд, яъне тамоми ҳастии худро барои дӯст бахшанд. Шоири бузург дар бораи дӯстиву рафоқат, омадани дӯст, дидори дӯст, қадами дӯстон ва ба амсоли ин ғазалҳои зиёде бахшидааст. Ҳама ин шоҳидӣ аз он медиҳад, ки шоири ширинкалом то чӣ андоза ба масъалаи мазкур муносибати ҷиддӣ доштааст ва дигаронро низ даъват кардааст, ки ба ин масъала хеле ҷиддӣ муносибат ва рафтор намоянд. Масалан, дар ғазале муносибати худро нисбат ба дӯст изҳор карда, қудуми дӯстро таҳният хонда, чунин нигоштааст:

*Эй баҳористони иқбол, эй чамансимо, биё,*
*Фасли сайри дил гузашт, акнун ба чашми мо биё.*
*Мекашад хамёзаи субҳ интизори офтоб,*
*Дар хуморободи махмурон қадаҳпаймо биё [1, с. 36].*

Шоири ширинкалом дӯсташро бо як сабки хоса, муҳрубонона, нозукбинона бо як меҳру муҳаббати баланди инсонӣ «баҳористони иқбол» номида даъват кардааст. Дар ин ҷо Мирзо Бедил ба он кӯшиш кардааст, ки ба дигарон нишон диҳад, ки бо дӯст чӣ хел, бо кадом тарзу усул бояд муносибат намуд ва то чӣ андоза меҳру муҳаббат бо дӯст ба роҳ монда шавад.

Дигар мавзӯи муҳимме, ки дар ғазалиёти Мирзо Бедил мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ин бо халқ будан ва бо халқ зистан аст. Ин даъвати мутафаккири бузург, пеш аз ҳама, ҷабҳаи инсондӯстиро доро мебошад. Шоир ба хубӣ дарк мекард, ки танҳо ҳамон касе метавонад доимо бо халқ бошад ва бо халқ зиндагӣ кунад, ки одамдӯсту инсондӯст буда, қадру қимат, мақому манзалати инсонро донад, ӯро ҳурмату эҳтиром кунад, дар ҳама ҳолатҳои хушиву хурсандӣ ва вазнинӣ ҳамдаму ҳамнафаси ӯ бошад. Дар ғазалҳои шоир масъалаи муносибатҳои инсону ҷомеа,

вазъи иҷтимоии инсон, нақши инсон дар пешрафти ҷомеа ва ба амсоли ин барин мавзӯъҳо мавриди баён қарор гирифтаанд, ки ин аз моҳияти иҷтимоӣ доштани назми ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Бедил ҳамчун шоири инсонпарвару башардӯст мардумро ба он даъват намудааст, ки дар ҳама ҳолат, дар кадом мансабу мартабае, ки набошад, бояд бо дигарон аз рӯи адолату эҳтиром муносибат карда, аз пайи озор додани дигарон наафтад, бо ҳама як хел муросо намояду ҳамеша дар фикру зикри некии мардумон бошад.

Ба андешаи Мирзо Бедил, дар ҷомеа зиндагӣ кардан ва дар баробари ин, аз аҳли ҷамъият, яъне халқ дур будан ё ҷудо зистан номумкин аст. Дар зиндагӣ, мегӯяд шоир, то вақте ки ҳастӣ, то нафаси охирин ҳар як нафар бояд бо халқ буда, то ҳадди имкон дар хизмати халқ бошад. Дар ин хусус шоир чунин изҳори ақида кардааст:

*То абад маҳви шукӯҳи халқ бояд буду бас,*
*Шоҳи мо оина мепардозад аз гарди сипоҳ [1, с. 11].*

Бо ҳамин роҳ шоир ба он кӯшидааст, ки таваҷҷуҳи мардумро ба қадру қимат ва мақому манзалати инсон бештар ҷалб карда, тарзу усул ва воситаҳои ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоии зиндагии ӯро пешкаш намояд.

Вобаста ба ин мавзӯъ Абдулқодири Бедил дар ғазалҳои хеш инсонро васф карда, бештар ба масъалаи моҳият ва дарк намудани табиат, рӯҳу равон ва мавқеи иҷтимоии он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ӯ инсонро мавҷудоти олитарин ҳисобида, онро қувваи пешбарандаи ҷомеа донистааст. Чи тавре аз суханони худи шоир бармеояд, бе вуҷуд доштани инсон имконоти олам ботил мебошад, яъне, ки бе вуҷуди инсон ин олам як дашти бефоидаву беҳосилро мемонад:

*Бе вуҷуд осори имкон ботил аст,*
*Партави хуршед меҷӯшад ба ҳам [1, с. 15].*

*Ҳар зарра, ки ояд ба назар, барқи рами мост,*
*Олам ҳама даштест, ки моем ғизолаш [1, с. 15].*

Абдулқодири Бедил, дар ғазалҳояш мавзӯи мазкурро давом дода, ғазалеро пурра ба масъалаи инсон бахшидааст. Шоир инсонро аз диди назари динӣ баҳо дода, ӯро махлуқи Холиқ медонад. Шоир дар ин ғазал, ба инсон ва мавҷудияти ӯ баҳои баланд дода, ӯро сабабгори давомдиҳандаи ҳаёт дар олам, рушддиҳандаи илму ақлу хирад, бунёдкунандаву ободкунандаи зиндагӣ, хуршеди рӯзу моҳи шаб, манбаи равшаникунандаи ҳаёт дар рӯи замин, паҳнкунандаи некиву софкунандаи зулмот, поягузори ишқу шарму ҳусн ва ба ин монанд тасниф кардааст:

*Чист одам? Муфриди килки дабиристони Раб,*
*К-ин ҳама авзои асморост таркибаш сабаб.*
*Эҳтимолоти тамизаш ваҳми чандин хайру шар,*
*Офтобе дар ваболи туҳмати раъсу занаб.*
*Нур аз ӯ беэҳтиҷобу зулмат аз вай бекалаф,*
*Зоти оламтоби ӯ хуршеди рӯзу моҳи шаб [1, с. 15-16].*

Аз ғазали мазкур аён мегардад, ки Абдулқодири Бедил то чи андоза инсонро таърифу тавсиф карда, мақоми ӯро дар пешрафти ҳаёти ҷомеа ва ташкили шароити мусоид барои хушбахтии худаш қадр карда, баланд бардоштааст. Масъалае, ки шоир ба миён гузоштааст, дар ҳама давру замон яке аз мавзӯи умда ба ҳисоб рафта, ҳамеша таваҷҷуҳи олимону адибонро ба худ ҷалб менамуд ва то имрӯз низ ҷалб карда истодааст. Чунки инсон дар рӯи замин ягона мавҷудоти бошуур ба ҳисоб рафта, маҳз ӯ метавонад, ки ба василаи ақлу хиради худ тағйирот ба вуҷуд оварад. Шоири ширинкалом ҳамин хосияти инсонро ба эътибор гирифа, ӯро аз тамоми мавҷудоти дигари олам болотару волотар меҳисобад ва мақому манзалаташро ба арши аъло мерасонад.

Нуктаи ҷолиби дигар он аст, ки Мирзо Бедил дар ғазалҳои худ на фақат рӯ ба инсон овардааст, дар баробари ин, ӯ кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳияти табиати инсонро дарк карда, сирру асрори олами маърифати ӯро кушода диҳад. Ҳамзамон, Мирзо Бедил дар ғазалҳояш ба масъалаи мавқеи иҷтимоии инсон низ диққати махсус дода, аз мавқеи давру замон ва дарки фаҳмиши худ роҳу равиши ҳалли онро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ғазалиёти Мирзо Бедил, дар баробари дигар хислатҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мавзӯи меҳнатдӯстӣ, донистан ва қадр намудани аҳли меҳнат, интихоб ва аз бар кардани касбу ҳунар ба таври хеле назаррас ва дақиқ ҷой ва мақоми махсусро ишғол кардааст. Шоир мардумро ба меҳнати софдилонаву фаъол даъват карда, ҷонибдори чунин ақида буд, ки ҳар як фарди соҳибақлу соҳибмаърифат дар зиндагӣ бояд аз меҳнат даст накашад, чунки шахси меҳнатдӯсту меҳнаткаш ҳамеша саломатии хубро доро буда, бо сари баланд ҳаёт ба сар бурда, назди касе сархам намешавад. Ба қавли шоир, баръакс, шахси бекор ва танбал ҳамеша худро

нотавон, ноҳинҷор, рӯҳафтода, бемор ва афсурда тасаввур карда, доимо дар зери бори гапу калоча ва нанг мемонад. Шоири бузург дар ин мавзӯъ чунин гуфтааст:

*Афсурдагӣ камингари таътили кас мабод,*
*То даст гарми кор бувад, шал намешавад [1, с. 13].*

*Вазъи бекорӣ далели инфиоли кас мабод,*
*То зи саъйи нохунат коре кушояд, сар махор [1, с. 13].*

*Нози бекорӣ ниёзи ғайрати мардӣ макун,*
*Ин ҳинои панҷа нанги дасту бозу мешавад [1, с. 13].*

Аз ғазалиёти шоир маълум мегардад, ки ӯ аз нафароне, ки ба азобу машаққат, ғаму андӯҳ ва дарду алами танбаливу меҳнатгурезӣ гирифтор шудаанд, хушиву хуррамӣ ва шодиву тараби аҳли меҳнат ва афроди меҳнатдӯстро болотару авлотар донистааст.

Нуктаи дигаре, ки Мирзо Бедил дар ғазалиёташ баҳри хонанда тарғиб намудааст, ситоиши ҳунарманд ва касбу ҳунар мебошад.

*Обрӯи мард, Бедил, бо ҳунар ҷӯшидан аст,*
*Нест дар шамшерҳо ҷуз теғи ҷавҳардор сабз [1, с. 14].*

*Аз ҳунар оинаи миқдори ҳар кас равшан аст,*
*Риштаи шамъ аст, Бедил, мавҷи ҷавҳар тегро [1, с. 14].*

Аз осори Мирзо Абдулқодири Бедил маълум мегардад, ки ғазал дар эҷодиёти ин шоири бузург мақом ва ҷойгоҳи хеле назаррасро ишғол намуда, девони ӯ 2838 ғазалро дар бар мегирад. Мирзо Бедил дар баробари дигар навъҳои адабӣ дар ғазалиёташ низ андешаҳои панду ахлоқӣ ва таълиму тарбиявии хешро баён доштааст.

Чи тавре ки болотар ишора рафта буд, мавзӯъ ва мазмуну мундариҷаи ғазалиёти Мирзо Бедил бениҳоят васеву доманадор ва гуногунранг мебошад. Дар ин маврид, агар мо аз назари педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ ғазалиёти шоири ширинсуханро баҳогузорӣ намоем, мебинем, ки дар ҳамрадифии дигар мавзӯъҳо масъалаи ситоиши мақому манзалати инсон ва нақшу ҷойгоҳи он дар раванди зиндагӣ, васфи сифатҳои ахлоқи неки одамӣ, танқид ва мазаммати хислатҳои шарри инсонӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа ва ғайра аз ҳамон масъалаҳое ба ҳисоб мераванд, ки мақоми хосаро ишғол менамоянд.

Андешаҳои таълимиву тарбиявии Мирзо Абдулқодири Бедил дар раванди ташаккул ва рушди сифатҳои ахлоқии насли наврас дар давоми садсолаҳо нақшу мақоми шоиста ва назаррасро бозидааст. Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи эҷодиёти ин шоири бузург дар ташаккул ва такомули ҳисси инсондӯстии насли ҷавон таъсири мусбати худро расонида, дар солим гардонидани ахлоқ ва маънавиёти ҷомеа метавонад нақши назаррасе дошта бошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Абдулқодири Бедил. Осори мунтахаб. – Душанбе: Адиб, 2018. – 480 саҳ.
2. Мирзо Бедил. Саду як ғазал. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 104 саҳ.
3. С. Айнӣ. Мирзо Абдулқодири Бедил. Нашр. Давлатии Тоҷикистон. – Сталинобод, 1954. – 338 саҳ.
4. Абдураҳимов Қ.С., Сидиқова З.Қ. Ахлоқи Хусравӣ. – Душанбе, 2014. – 152 саҳ.
5. Абдураҳимзода Қ.С., Раҷабов Ҷ.М. Ҷойгоҳи ахлоқу одоб ва касбу ҳунар дар эҷодиёти Сайидои Насафӣ. – Бохтар, 2019. – 194 саҳ.


## МАСЪАЛАҲОИ ПЕДАГОГИЮ ИҶТИМОӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ


Дар ин мақола роҷеъ ба эҷодиёти яке аз шоирони бузурги форсу тоҷики Ҳиндустон, Мирзо Абдулқодири Бедил, ки дар нимаи дуюми асри XVII ва ибтидои асри XVIII умр ба сар бурдааст, сухан меравад.

Муаллифони мақола ғазалиёти шоирро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадаанд, ки ӯ дар баробари дигар мавзӯъҳои давру замон боз ба мавзуъҳои ба монанди: тасаввуф, тасвири ишқ, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, ситоиши мақому манзалати инсон, танқиди норасоиҳои ҷомеа ва ғайраро дар бар гирифтааст.

Ба ақидаи муаллифони мақола, андешаҳое, ки шоири бузург дар ғазалиёти хеш баҳри хонанда баррасӣ кардааст, метавонад дар таълиму тарбия ва бою ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии насли наврас мақоми хоса дошта бошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** эҷодиёт, ғазалҳои шоир, муносибатҳои инсону ҷомеа, вазъи иҷтимоии инсон, табиати инсон, рӯҳу равони инсон, мавқеи иҷтимоии инсон, меҳнатдӯстӣ, интихоби касбу ҳунар.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Қурбонов Фатҳиддин Холбойевич, докторанти phd-и кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 93-512-00-60.

Абдураҳимзода Қудратулло Саид, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 918-27-46-43.

**ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ И СОЦИАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ В ГАЗЕЛЯХ МИРЗО АБДУЛКАДЫРА БЕДИЛЯ**

В данной статье, речь идёт о творчестве одного из великих персидско-таджикских поэтов, который жил и творил во второй половины XVII и начало XVIII вв. в Индии - Мирзо Абдулкадыра Бедиля.

Авторы статьи, анализируя газели поэта подчёркивают о том, что на ряду с другими проблемами своего времени, а также затрагивает такие темы, как суфизм, воспевание любви, моральные человеческого качества, воспевание место и значимость человека, критика недостатков общества и др.

Согласно утверждением авторов настоящей статьи, взгляды, которые излагает поэт в своих газелях для читателей о воспитании и образовании, а также обогащении духовного мира молодого поколения может сыграть особую роль.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** творчество, газели поэта, отношения человека и общества, социальное состояние человека, природа человека, психологическое состояние человека, социальная позиция человека, трудолюбие, выбор профессии.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Курбонов Фатхиддин Холбойевич, докторант phd кафедры педагогики и психологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 93-512-00-60.

Абдурахимзода Кудратулло Саид, доктор педагогических наук, профессор кафедры педагогики и психологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 918-27-46-43.

**PEDAGOGICAL AND SOCIAL PROBLEMS IN THE GAZELS OF MIRZO ABDULKADIR BEDIL**

In this article, we are talking about the work of one of the great Persian-Tajik poets, who lived and worked in the second half of the 17th and early 18th centuries. in India - Mirzo Abdulkadyr Bedil.

The authors of the article, analyzing the poet's gazals, emphasize that, along with other problems of their time, and also touch upon such topics as Sufism, chanting of love, moral human qualities, chanting the place and significance of a person, criticism of the shortcomings of society, etc.

According to the authors of this article, the views that the poet expounds in his gazelles for readers about the upbringing and education, as well as the enrichment of the spiritual world of the younger generation, can play a special role.

**KEY WORDS:** creativity, poet's gazelles, relations between man and society, social state of man, nature of man, psychological state of man, social position of man, diligence, choice of profession.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Qurbonov Fathiddin Kholboyevich, PhD candidate, department of pedagogy and psychology of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 93-512-00-60.

Abdurahimzoda Qudratullo Said, doctor of pedagogical sciences, professor of the department of pedagogy and psychology of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 918-27-46-43.

# ФОРМИРОВАНИЕ НАВЫКОВ И УМЕНИЙ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ КАК ФАКТОР ЛИЧНОСТНОГО РАЗВИТИЯ БУДУЩЕГО СПЕЦИАЛИСТА

Ишматова Ш.А.

Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

Среди основных требований работодателей к подготовке современного специалиста, прежде всего, выделяются профессиональная самостоятельность и творческий подход к своей специальности, а также постоянная потребность в повышении квалификации.

Профессиональное развитие специалиста реализуется в способности проявлять инициативу, решать нестандартные задачи, а также в умении планировать и прогнозировать самостоятельные действия. Стратегическим направлением повышения качества обучения в этих условиях является улучшение системы управления научной работой студентов, а также их автономной работы [1].

Необходимо вносить изменения не только общего содержания подготовки кадров, но и менять подходы к поиску форматов организации обучения, предусматривающие усиление значимости и постоянное развитие форматов самостоятельной работы студентов (СРС), требует внедрения нового государственного образовательного стандарта среднего профессионального образования.

Искать самостоятельно форматы профессионального и личностного развития, заниматься самообразованием, осознанно планировать профессиональное развитие. Эти компетенции грамотно согласуются с задачами, которые ставятся при организации самостоятельной работы

студентов и могут использоваться не только во время учебных занятий, но и при самостоятельной работе вне аудитории [5].

В настоящее время самостоятельная работа студентов считается одной из основных составляющих обучения, так как именно она создает основы непрерывного образования, возможность постоянно повышать квалификацию и формировать готовность к самообучению. Самостоятельная работа студентов – это деятельность учащихся по усвоению знаний и умений, которая осуществляется без личного участия преподавателя, но в то же время направляется им [2].

При стремительном развитии компьютеризации современного общества одним из самых продуктивных способов организации самостоятельной работы, как во время обучения на уроках, так и при самостоятельном обучении, считается применение информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) [3].

Под информационно-коммуникационными технологиями подразумеваются информационная деятельность и методы работы с разной информацией, которые осуществляются с использованием компьютерных технологий и телекоммуникаций [4].

К общераспространенным типам заданий и способам организации внеурочной самостоятельной работы учащихся с использованием ИКТ относятся:

- поиск и обработка информации, полученной в Интернете;
- подготовка презентаций к мини-докладам;
- разработка таблиц с использованием информационных ресурсов;
- построение графиков и диаграмм при работе со статистическими материалами;
- подборка в Интернете изображений и видеороликов на предлагаемые темы;
- разработка проектов, работая в которых студенты показывают знания и навыки в области вычислений и поисковых систем для поиска, введения и редактирования информации;
- тестирование как вид контроля и самоконтроля;
- при оформлении списка в библиографическом описании;
- создание электронных ресурсов.

Формирование навыков самостоятельной учебной деятельности считается основой для дальнейшего послевузовского самообразования. Самостоятельная работа на уроках позволяет учащимся участвовать в исследовательской деятельности, развивает навыки поиска и анализа информации, оценки информативности материала и профессионально ориентированного общения на основе полученной информации.

Следовательно, существует необходимость повышения ответственности студентов за курс и результаты их самостоятельной учебной деятельности. Использование самостоятельной работы в образовательной деятельности позволяет:

1) оптимизировать учебный процесс с точки зрения экономии учебного времени на занятиях;

2) актуализировать и активизировать поиск учащимися новых знаний;

3) улучшить качество усвоения предлагаемых программ обучения.

Способы организации самостоятельной деятельности учащихся следующие:

1) предоставление учебных пособий, справочников, методических материалов для самостоятельной занятости;

2) наличие образовательных аудио- и видеоматериалов, и обучающих компьютерных программ.

Помимо стандартных критериев, самостоятельная работа может обеспечить выполнение следующих функций:

- выполнение задач, которые невозможно решить в учебном заведении (из-за отсутствия необходимого оборудования, времени);
- восстановление пропущенного материала;
- контроль за усвоением материалов;
- изучение дополнительных материалов;
- компенсация недостатка аудиторных часов.

Сегодня вполне естественно использовать информационные ресурсы, в том числе и в процессе обучения. Самостоятельная работа студентов – важнейшая часть учебного процесса. Она помогает развивать навыки студентов в самостоятельном творческом процессе, решать профессиональные задачи современными средствами, совершенствовать знания, планировать свое время и набираться опыта [6].

Несложно согласиться с тем, что для самостоятельного изучения материала потребуется гораздо больше времени и усилий, чем при педагогическом обучении. И с этой точки зрения самостоятельная работа – более трудоемкий процесс. Так же можно отметить, что

самостоятельно приобретенные опыт и знания качественнее, чем полученные при стандартном обучении [7].

В целом для эффективности самостоятельной работы нужно обеспечить:

- планирование аудиторной и самостоятельной работы;
- методически рациональную организацию;
- наличие актуального учебно-методического обеспечения.

Последний критерий обеспечивает именно информационная среда. Пошаговое планирование со стороны учителя поможет ученикам избежать развития неправильных направлений и ускорит процесс принятия правильных решений.

Следовательно, необходимо обеспечить:

1. Эффективный постоянный контроль и оценку результатов проделанной к определенному времени работы (консультации – важная форма образовательной работы, которая является необходимым условием эффективности самостоятельной работы).

2. Использование педагогом мотивации для проверки результатов самостоятельной работы (накопительные системы, оценки и т. д.).

Следовательно, необходимо обеспечивать вариативность, хотя бы в некоторой степени, увеличивающую долю самостоятельности каждого учащегося. Хорошо, если эти варианты будут созданы автоматически на базе информационной системы.

Другая сложность, связанная с информационной составляющей, заключается в том, что при поиске в Интернете учащиеся все еще (несмотря на постоянное предупреждение) не оценивают временную релевантность найденного материала. Скорректировать процесс могут: консультации, периодичность, этапы выполнения.

Внедрение ИКТ качественно меняет организацию самостоятельной деятельности студентов. Использование информационных технологий помогает гармонично сочетать ИКТ, ориентированные на личность, с методами творческой и исследовательской деятельности, что влияет на общее качество обучения.

Самостоятельная работа помогает получить более глубокие и расширенные знания, при этом вырабатывается интерес к познавательной деятельности, к освоению приемов познавательного процесса, к формированию познавательных способностей. Поэтому это важный резерв для повышения эффективности при подготовке современных специалистов.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Бабанский, Ю.К. Оптимизация учебно-воспитательного процесса: Методические основы / Ю.К. Бабанский. – М.: Просвещение, 1982. – 192 с.
2. Беляева, А. Управление самостоятельной работой студентов [Текст] / А. Беляева // Журнал Высшее образование в России, 2003. – №6. – С. 105-106.
3. Буцык С.В. Особенности формирования информационно-коммуникационной среды обучения в вузе культуры и искусств // Вестник ЮУрГУ, 2011. – № 23.
4. Воеводин Л.Д. Самостоятельная работа студентов над источниками-эффективное средство самообразования // Вестн. Моск. ун-та. Сер. II, Право, 1996. – №4. – С. 49-62.
5. Загвязинский, В.И. Теория обучения: Современная интерпретация: учебное пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений [Текст] / В.И. Загвязинский. – М.: Издательский центр «Академия», 2001.
6. Крюкова О.П. Самостоятельное изучение иностранного языка в компьютерной среде (на примере английского языка). – М.: Издательская корпорация «Логос», 1998.
7. Методическое пособие по организации самостоятельной работы студентов [Текст] / Сост. В.И. Медведева. – Смоленск: СПЭК, 2010. – 34 с.


**ТАШАККУЛИ МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ШАХСИИ МУТАХАССИСИ ОЯНДА**


Дар айни замон, кори мустақилонаи донишҷӯён яке аз ҷузъҳои асосии таълим ба ҳисоб меравад, зеро маҳз он асосҳои таҳсилоти ҳамешагӣ, қобилияти доимо такмил додани тахассус ва ташаккул додани омодагиро барои худомӯзӣ ба вуҷуд меорад. Ташаккули малакаҳо барои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ заминаи минбаъдаи худомӯзии баъдидипломӣ ҳисобида мешавад. Кори мустақилона дар синф ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар чорабиниҳои илмӣ ширкат варзанд, малакаҳои ҷустуҷӯ ва таҳлили иттилоотро ташаккул ва ба мундариҷаи иттилоотии мавод ва муошироти касбӣ дар асоси маълумоти гирифташуда баҳо диҳанд. Кори мустақилона барои гирифтани донишҳои амиқтар ва васеътар мусоидат мекунад, бинобар ин, ин барои баланд бардоштани самаранокии тайёр намудани мутахассисони муосир захираи муҳим мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** сифатҳои касбӣ, кори мустақилона, таҳсилот, мутахассис, омӯзиш, фаъолияти маърифатӣ.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Ишматова Шоира Абдуғаниевна, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тел.: (+992) 92-706-65-55; e-mail: shoira-510@mail.ru

## ФОРМИРОВАНИЕ НАВЫКОВ И УМЕНИЙ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ КАК ФАКТОР ЛИЧНОСТНОГО РАЗВИТИЯ БУДУЩЕГО СПЕЦИАЛИСТА

В настоящее время самостоятельная работа студентов считается одной из основных составляющих обучения, так как именно она создает основы непрерывного образования, возможность постоянно повышать квалификацию и формировать готовность к самообучению. Формирование навыков самостоятельной учебной деятельности считается основой для дальнейшего послевузовского самообразования. Самостоятельная работа на уроках позволяет учащимся участвовать в исследовательской деятельности, развивает навыки поиска и анализа информации, оценки информативности материала и профессионально ориентированного общения на основе полученной информации. Самостоятельная работа помогает получить более глубокие и расширенные знания, поэтому это важный резерв для повышения эффективности при подготовке современных специалистов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** профессиональные качества, самостоятельная работа образование, специалист, обучение, познавательная деятельность

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Ишматова Шоира Абдуганиевна, кандидат педагогических наук, доцент Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Тел.: (+992) 92-706-65-55*;* e-mail: shoira-510@mail.ru

## FORMATION OF SKILLS AND ABILITIES OF INDEPENDENT EDUCATIONAL ACTIVITY OF STUDENTS AS A FACTOR IN THE PERSONAL DEVELOPMENT OF A FUTURE SPECIALIST

At present, the independent work of students is considered one of the main components of education, since it is it that creates the foundations of lifelong education, the ability to constantly improve qualifications and form a readiness for self-study. The formation of skills for independent learning activities is considered the basis for further postgraduate self-education. Independent work in the classroom allows students to participate in research activities, develops the skills of searching and analyzing information, assessing the information content of the material and professionally oriented communication based on the information received. Independent work helps to gain deeper and broader knowledge, so this is an important reserve for increasing efficiency in the training of modern specialists

**KEY WORDS**: professional qualities, independent work, education, specialist, training, cognitive activity.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Ishmatova Shoira Abduganievna, candidate of pedagogical sciences, associate professor of Tajik State University of law, business and politics. Phone: (+992) 92-706-65-55; e-mail: shoira-510@mail.ru

## ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ ДУХОВНОГО ВОСПИТАНИЯ СТУДЕНТОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Гулаев И.Х., Гулаев Б.И.
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава

Процессы обучения и воспитания в вузе неразрывно связаны с развитием у студентов общечеловеческих ценностей, нравственных качеств и формирования мировоззренческих позиций и убеждений. Поэтому одной из первоочередных задач высших образовательных учебных учреждений становится решение проблемы - формирование у студентов высокой культуры, основанной на нравственных качествах обучаемых. Ведь именно в период профессиональной подготовки существуют наиболее благоприятные условия для формирования компетентной личности, готовой успешно решать основные проблемы обучения и воспитания.

В настоящее время в Республике Таджикистан, с переходом на новые социально-экономические отношения, требуется подготовка высококвалифицированных специалистов. Последние должны работать в различных отраслях народного хозяйства, в частности, в образовании, медицине, легкой промышленности, машиностроении, информационных технологиях и др. С учетом этих факторов Министерство образования и науки республики предъявляет все новые требования к системе подготовки специалистов с лучшими нравственными общечеловеческими национальными качествами [2, с. 89].

Таким образом, в настоящее время, в эпоху глобализации и информатизации общества, актуальным становится образование, как фактор, регулирующий развитие и воспитание личности. Комплексный подход в образовательном процессе, в основе которого лежат социально-культурные, общечеловеческие нравственные ценности, способствует интеграции внутреннего и внешнего аспектов образования, что приводит к развитию целостной, гармонически развитой личности.

На современном этапе развития образования процесс воспитания студентов становится одной из важнейших задач педагогической науки в становлении личности и специалиста; при этом основное внимание уделяется освоению обучаемыми моральных ценностей, выработки у них нравственных качеств, которые будут способствовать им ориентироваться на гуманистические идеи, жить в соответствии с основными принципами и нормами морали.

Нравственный аспект образования - это единство этических знаний, нравственных чувств, убеждений, навыков и привычек в реальных нравственных поступках и поведениq [1, с. 158].

При этом в образовательных учреждениях целью нравственного воспитания подрастающего поколения, в том числе и студентов, становится формирование нравственного качества, связанного с нравственными убеждениями. Субъект никогда не перестает учиться, он учится на своем опыте, принимает чужой и все время он должен совершенствовать свои знания и умения, при этом всегда ставить цели дальнейшего духовного развития. Период образования в высшей школе, по утверждению Б.Г. Ананьева, является сенситивным периодом для развития субъекта [3, с. 43].

При этом высшее образование влияет на психику субъекта и развитие его индивидуальных особенностей. Использование различных нетрадиционных методов и форм обучения способствует развитию мышления. Психолого-физиологические аспекты образования определяют его направленность, развитие творческого мышления, которые, в свою очередь, характеризуют профессиональную деятельность [9, с. 29-36].

Современная система образования в вузе требует от обучаемых высокого уровня интеллектуального развития: восприятия, представлений, памяти, мышления, внимания, эрудированности, широты познавательных интересов, уровня владения определенным кругом логических операций и др. При неблагоприятных условиях деятельности субъекта обучения уровень знаний у студента снижается, тогда это можно компенсировать, используя его повышенную мотивацию или работоспособность, усидчивость, аккуратность в учебной деятельности.

Для выявления мировоззренческих воззрений особую важность приобретает понятие «мораль», происходящее от латинского слова «mor», что на русском языке означает «нрав». От слова «mor» следует производное «moris» - «относящийся к нравам, нравственности» [6, с. 56].

Термин «мораль», употребляемый в качестве его синонима - «нравственность», указывает на то, что нравы и обычаи выражают определенные отношения между субъектами в их производственном, общественном, бытовом общении [6, с 207].

При этом «мораль» и его аспект использования - «справедливость», содержат сложное многозначное содержание, которые включают в себя как сферу бытия, так и сферу сознания.

Основные критерии нравственности - представления о добре и зле, долге и справедливости, чести, верности данному слову [9, с. 78].

Понятие «нравы» означают те эталоны и нормы, которыми руководствуется субъект в своём поведении и поступках. Нравственность - это внутренние и духовные качества, которыми руководствуется человек, этические нормы, правила поведения, определяемые этими качествами.

Проблема нравственности в обществе решалась в тысячелетней истории в борьбе противоположных воззрений. Немало великих ученых– естествоиспытателей, которые вели исследования по проблемам психологии в разные исторические периоды, рассматривали проблемы добра и зла, справедливости и обмана, исключительного благородства и подлости. Они не только мечтали, но и искренне верили в это, призывая людей к совершенствованию [6, с. 106].

Формирование нравственности и воспитание гуманных качеств старшего подросткового возраста, является длительным и сложным процессом. Он может протекать под влиянием целенаправленных воздействий и отдельных стихийных семейных обстоятельств. Главным условием успешного формирования нравственности и гуманных качеств является пример отношения родителей, совместная деятельность в процессе их общения. Немаловажным в воспитании могут быть семейные традиции и другие моральные ценности, которые способствуют формированию нравственных основ личности. Только в семье можно создать для своих детей единственную модель жизни, в которую они включаются. При этом пример родителей должен обеспечивать совершенство и нравственную чистоту подростка.

Еще с младшего возраста у детей начинается формирование понятия и представления о том, «что такое хорошо» и «что такое плохо». Дети дошкольного возраста предрасположены к нравственным чувствам симпатии и сочувствию к окружающим его людям, любви к своим родителям, родственникам, домашним и диким животным, птицам. В этот период у детей развиваются моральные эмоции, формируется устойчивая структура мотивов, и при этом зарождаются социальные потребности, на которые родители и воспитатели могут влиять и воспитывать тем самым высоконравственную личность [5].

Основы трудолюбия, навыки поведения, уважение и внимание к старшим в семьях воспитывается с дошкольного возраста. Позднее это может находить свое отражение в постоянном росте официально и неофициально закрепленных обязанностей, справляться с которыми учителю становится все труднее. Возникает противоречие между всевозрастающей

сложностью и числом задач, притоком информации, которую педагог должен переосмысливать и обдумывать, объемом воспитательных задач и реальными возможностями справиться с воспитательными проблемами из-за недостатка времени. В следствие этого возникает неудовлетворение в обществе, и самих учителей результатами воспитания. Иначе говоря, существенно страдает качество [7].

С детства, когда у старших подростков и учащихся происходит процесс самопознания и становление мировоззрения, начинается осмысление своих поступков и поступков одноклассников, однокурсников; в это время проявляется мотивация к духовному миру и личности.

Старшеклассники и студенты начинают искать эталон для подражания и при этом они, в основном, выбирают героев фильмов, видеороликов, Интернета, образы из художественной литературы. Последние могут оказать большое влияние на нравственное и эстетическое состояние личности [4, с. 261-263].

Преподаватели-предметники должны иметь ввиду, что проблема формирования нравственного воспитания может ими рассматриваться как выработка определенных систем воспитания: мотивов действий, нравственных чувств, формы поведения, отношением человека к обществу, к труду, к людям. Главная задача на сегодняшний день для преподавателей заключается в определении эффективных путей формирования положительных качеств нравственного облика будущих учителей физики, в частности:

- практическое включение студентов в многоплановую деятельность;
- усвоение эталона нравственного поведения из многочисленных источников СМИ, художественной литературы, непосредственного окружения [7].

Анализ учебной деятельности, как главного элемента образования обучаемого, его жизнедеятельности, требуют рассмотрения дидактической и воспитательной системы образования вуза в аспекте нравственности и взаимосвязи их взаимообусловленности. При этом мотивом познавательной деятельности будет не только использование различных нетрадиционных форм и методов обучения, но и организации самостоятельной творческой деятельности студентов [8].

Решение проблемы нравственного воспитания способствует переосмыслению содержания школьного и вузовского образования, в частности, обучения физике, с учетом реализации нравственных аспектов обучения, в которых следует выделить следующие точки зрения:

1) гуманистическая сущность физической науки и ее реализации в учебно-воспитательном процессе;
2) познание мира, как основного мотива научно - педагогической деятельности;
3) моральные поступки, соответствующие гуманистическим идеалам при использовании научных знаний, заложенных в курсе физики, которая подчеркивает смысл проблемы «наука и нравственность».

На наш взгляд, процесс нравственного воспитания, как совокупность последовательных взаимодействий объекта и субъекта воспитания, направлен на достижение интеллектуального уровня развития личности в соответствии с идеалами современного демократического общества.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Авакова, Д.А. Некоторые вопросы процесса формирования нравственного опыта старшеклассников / В сб. Нравственное воспитание учащихся / Сб. науч. тр., ред. - сост. Т.Б. Кодзаев, Н.М. Магомедов [Текст]. – М., 1977. – 158 с.
2. Амонова, Д.С. Реформирование социально - трудовых отношений в условиях перехода к рыночной экономике (на примере Республики Таджикистан) / Д.С. Амонова [Текст]: автореф. дис. д-ра эконом. наук. – Душанбе, 2008.
3. Аминджанова, М.С. Педагогические взгляды Рудаки и его современников в контексте современных проблем образования / М.С. Аминджанова [Текст]: автореф. дис. канд. пед. наук. – Душанбе, 2014. – 25 с.
4. Гулаев, И. Вопросы воспитания во взглядах ученых-естествоиспытателей средневековой Центральной Азии / И. Гулаев [Текст] // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук, 2012. – №3/6 (96). – С. 261-263.
5. Зимняя И.А. Педагогическая психология: учебное пособие. – Ростов-на-Дону: Феникс, 1997. – 480 с.
6. Нуритдинова, З.Г. Абу Райхан Бируни о науке и образовании / З.Г. Нуритдинова [Текст]. – Ташкент, 1978.
7. Сластенин, В.А. Педагогический процесс как система / В.А. Сластёнин [Текст]. – М., 2000.
8. Хайдарова, С.С. Философские и этические взгляды Абубакра Ар-Рази / С.С. Хайдарова [Текст]: автореф. дис. канд. философ. наук. – Душанбе, 2012. – 141 с.
9. Бондаревская, Е.В. Ценностные основания личностно-ориентированного воспитания / Е.В. Бондаревская [Текст] // Педагогика, 1995. – №4. – С. 29-36.

## ҶАНБАҲОИ АСОСИИ ТАРБИЯИ МАЪНАВИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар давраи муосири инкишофи ҷомеаи башарӣ масъалаи маориф ҷаҳонӣ шуда, тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фаро гирифтааст. Он тағйироте, ки дар ҳаёт ба амал меоянд, дар бораи он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар Тоҷикистон маориф бояд бо таваҷҷуҳ ба анъанаҳои милии пешрафтаи халқи тоҷик бунёд карда шавад.

Ин бо инкишофи арзишҳои умумиинсонии донишҷӯён, сифатҳои ахлоқи ҳамида ва ҷаҳонбинии онҳо иртиботи ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои мубрами муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳалли вазифаҳои ташаккули ҷаҳонбинии васеи донишҷӯён дар асоси сифатҳои баланди ахлоқӣ дар осори донишмандони энсиклопедисти Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, зеро дар давраи тайёрии касбии хонандагон сатҳу дараҷаи салоҳиятнокии шахс ташаккул ёфта, тайёрии ӯ барои ҳалли масъалаҳои пешоянда ҳосил мегардад. Дар ин мақола муаллифон дар бораи ҷанбаҳои асосии тарбияи маънавӣ ва ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ изҳори андеша намудаанд. Аз ҷумла, онҳо дар мақолаи хеш менависанд: «Таълиму тарбия дар мактаби олӣ ба инкишофи арзишҳои умумибашарӣ, сифатҳои маънавӣ ва ташаккули мавқеъҳои ҷаҳонбинӣ ва эътиқодот алоқаи ногусастанӣ дорад». Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳаллу фасли масъалаи ташаккули фарҳанги дараҷаи баланд, ки бар пояи сифатҳои ахлоқии таълимгирандагон асос ёфтааст, иборат мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** маориф, анъанаҳои миллӣ, сифатҳои ахлоқӣ, тарбияи маънавӣ, донишҷӯ, арзишҳои умумибашарӣ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, тарбияи маънавӣ ва эстетикӣ.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Гулаев Ибодулло Хоҷаназарович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 919-07-89-59.

Гулаев Бахтиёр Ибодуллоевич, докторант PhD-и ихтисоси физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 904-66-54-22.

## ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ ДУХОВНОГО ВОСПИТАНИЯ СТУДЕНТОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

На современном этапе развития человеческого общества проблема образования приобрела глобальный характер и охватывает все сферы жизни человека. Изменения, происходящие в жизни, свидетельствуют о том, что образование в Таджикистане должно строиться с упором на передовые национальные традиции таджикского народа.

Это неразрывно связано с развитием у студентов общечеловеческих ценностей, нравственных качеств и мировоззрения. Поэтому одной из важнейших задач вузов является решение проблемы формирования широкого мировоззрения студентов на основе высоких моральных качеств в наследии энциклопедистов Центральной Азии, потому что возникают вопросы будущего. В данной статье авторы высказывают свои взгляды на основные аспекты духовно-нравственного воспитания студентов высшей школы. В частности, они пишут в своей статье: «Образование в высшей школе неразрывно связано с развитием общечеловеческих ценностей, духовных качеств и формированием мировоззрений и убеждений». Поэтому одной из первоочередных задач вузов является решение вопроса формирования высокоуровневой культуры, основанной на моральных качествах студентов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: нравственное воспитание, студент, старшеклассник, воспитание, вуз, нравственное и эстетическое воспитание.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Гулаев Ибодулло Ходжаназарович, кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания физики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 919-07-89-59.

Гулаев Бахтиёр Ибодуллоевич, докторант PhD по специальности физики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 904-66-54-22.

## THE MAIN ASPECTS OF THE SPIRITUAL EDUCATION OF HIGHER EDUCATIONAL IN MODERN CONDITIONS

At the present stage of development of human society, the problem of education has acquired a global character and covers all spheres of human life. The changes taking place in life indicate that education in Tajikistan should be built with an emphasis on the advanced national traditions of Tajik people.

This is inextricably linked with the development of universal human values, moral qualities and worldview in students. Therefore, one of the most important tasks of universities is to solve the problem of forming a broad outlook of students on the basis of high moral qualities in the heritage of the encyclopedists of Central Asia, because questions of the future arise. In this article, the authors express their views on the main aspects of the spiritual and moral education of higher educational institutions. In particular, they write in their article: «Education in higher education is inextricably linked with the development of universal human values, spiritual qualities and the formation of worldviews and beliefs». Therefore, one of the primary tasks of universities is to address the issue of forming a high-level culture based on the moral qualities of students.

**KEY WORDS:** moral education, student, high school student, education, HEI, moral and aesthetic education.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Gulaev Ibodullo Khodzhanazarovich, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of physics teaching methods of Bokhtar State Universiry named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 919-07-89-59.

Gulaev Bakhtiyor Ibodulloevich, PhD candidate in physics of Bokhtar State Universiry named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 904-66-54-22.

# АКМЕОЛОГИЯИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ТАКМИЛИ МУТТАСИЛИ КАСБИ ОМӮЗГОРӢ

Қурбонов Ф.А., Нуралиев М.И.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Масъалаи баланд бардоштани тахассуси психологӣ-педагогии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ зери таваҷҷуҳи доимии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурӣ қарор дорад.

Олимони соҳаи илмҳои педагогӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ин масъаларо бо роҳи фароҳам овардани шароит барои ошкор сохтани захираҳои нави шахсият дар шунавандагони донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф ва истифодаи маҳсулноктари онҳо бо мақсади таҳияи стратегияҳои самараноки рушди касбии омӯзгори муосир ҳал намоянд. Академик Лутфуллозода М. қайд кардааст, ки «Усул, тарзу воситаҳо – ҳама хубанд, вале онҳо худ аз худ ҷараёни таълимро фаъол намесозанд. Ҳама ба омӯзгор ва технологияи касбии ӯ марбут аст» [1, с. 282] . Олимони соҳаи акмеология ин илмро дар бораи расидан ба қуллае таъриф додаанд (akme - дараҷаи баландии ягон чиз, қулла, қувваи шукуфон + loqos - калима, нутқ, таълимот). Акмеологияро ҳамчун мафҳуме, ки психологияи балоғат ё калоншавиро мефаҳмонад, ба илм Н.А. Рибников соли 1928 ворид кардааст. Рушди минбаъдаи акмеология чун илм бо осори Б.Т. Ананев («Человек как предмет познания», М., 1969), А.А. Бодалев («Акмеология как учебная и научная дисциплина», М., 1993) алоқаманд аст. А.А. Бодалев, А.А. Деркач, Н.В. Кузмина акмеологияро илме номидаанд, ки рушди одами болиғро дар маҷмӯъ меомӯзад.

Акмеология ба балоғат расиданро чун дараҷаи синнусолие муайян менамояд, ки аз 18 то 20-солагиро дар бар мегирад. Ҳамзамон, ба сифати тавсифномаи инфиродӣ вазъи организмро дар маҷмӯъ ва ҳар як узв дар алоҳидагӣ дар қиёс бо меъёр қабул карда мешавад. Технологияи акмеологӣ ба рушди иқтидори ботинӣ, баланд бардоштани имконоти ихтисосмандӣ ва мутобиқшавии инсон равона шудааст [2, с. 61]. Зери мафҳуми «акме» дар фаъолияти касбӣ дараҷаи баланди ҳалли масъалаҳое, ки мазмуни фаъолияти мутахассисро дар ин ё он соҳа ташкил медиҳанд дар назар дошта мешавад**.** Дастрасӣ ба «акме» натиҷаи амали якҷояи шарту ҳолатҳои сершумори объективӣ ва субъективӣ дар ҳаёти инсон мебошад. Истеъдод, қобилиятҳо ва солимии ҷисмонӣ ва равонӣ чун омилҳои субъективӣ баррасӣ мегарданд ва шароити тарбия, таълим, сифати маълумот бошад, чун омилҳои объективии ин ҷараён қабул карда мешавад. Инкишофи ҷисмонӣ ва психикии кӯдак бояд афзалиятнок дониста шавад, аммо кӯдаки ҷисман солим тавлидёфта танҳо дар шароити мусоид ба таври мукаммал рушд меёбад [3, с. 42] .

Илова бар ин, худи мафҳуми «акме» ва ҳам ҷараёни бадастории он бештар аз фаъолияти шахсии касбӣ вобастааст. Акмеология аз оғози рушди худ стратегия ва технологияи ташаккули кордонҳои баландсифатро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ таҳия менамояд. Чун илми нав дар байни илмҳои ҷамъиятӣ, техникӣ, гуманитарӣ ва табиӣ ба вуҷуд омада, масъалаҳои ошкорсозии шароиту омилҳои муносибро ҳал мекунад. Ба шахси болиғ имкон дода мешавад, ки чун фард, шахсият ва субъекти фаълият ташаккул ёбад, яъне ба «акме»-и худ расад (пеш аз ҳама, дар фаъолияти касбӣ). Акмеологияи муосир дар амали якҷояи илмҳои номбаршуда рушд меёбад. Рушди акмеология ба зарурати омӯзиши тимсоли мукаммали инсон, аз ҷумла таҳқиқи ҷараёни ташаккул ва вижагиҳои қонунияти рушди инсон дар давраи болиғии ӯ бо дарназардошти вижагиҳои таърихи шахсии ӯ дар марҳалаҳои қаблии синнусолӣ асоснок мегардад. Ин таҳқиқ ба таҳлили заминаҳое имкон медиҳад, ки ба ташаккул ёфтани шахсият бо дарназардошти вижагиҳои тамоми тарафҳои болиғии ӯ мусоидат менамояд.

Тамоми тарафҳои болиғии инсон (ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шахсиятӣ) байни худ алоқаманданд, аммо инсон дар як вақт ҳамаи қуллаҳоро фатҳ намекунад. Илова бар ин, суръати бадастории «акме» дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ аз ҳамдигар фарқ карда меистанд. «Акме»-и дастовардҳои варзишӣ бо болиғӣ дар муносибатҳои байнишахсӣ мувофиқ буда наметавонанд, ё ин ки дастовардҳои илмӣ ба сатҳи баланди саломатӣ на ҳама вақт рост меояд.

Табиист, ки рушди инсон бештар аз ҳолатҳои мушаххасе, ки дар онҳо ӯ қарор дораду чун аъзои ҷомеаи калон ё хурд аз амалҳои шахсии ӯ чун ҷавоб ба ин ҳолатҳо баромад мекунад, вобастаст. Аммо рушди шахси калонсол аксаран бо оне, ки чӣ тавр ӯ дар батни модар дар давраҳои гуногуни онтогенез рушд меёбад, саломатии ӯ дар ҳар як давраи рушди онтогенетикӣ чӣ гуна мебошад, қадам, арзишҳо, арзишҳои шахсии ӯ гашта, рафтори ӯро муайян менамоянд,

чи тавр таҷрибаи идрок, муоширaт ва меҳнатро ӯ ҳосил мекунаду чӣ тавр худро дар фаъолияти касбӣ татбиқ менамояд, асоснок гаштааст. Дар робита бо ин, маълум мешавад, ки акмеология бо педагогика барои ҳалли масъалаҳои душвор, ки ошкорсозии вижагиҳои рушди инсон дар ҳар як марҳалаи роҳи ҳаётии ӯ алоқаманд асту барои ба даст овардани «микроакме» қуллаҳои рушд барои ба вуҷуд овардани акмеологии ӯ равонааст, алоқаи зич дорад. Акмеоҳои хурд пеш аз макроакмеҳо ба вуҷуд меоянд. Ҳамин тариқ, ҳоло дар бораи чунин намудҳои акмеологияҳои таҷрибавӣ, мисли педагогӣ, идоракунӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, тиббӣ ва ғайра гуфтан мумкин аст.

Дар шарҳи педагогӣ акмеология, чи тавре ки маълум аст, илме мебошад, ки рушди инсонро дар дараҷаи болиғӣ ва бадастории қуллаҳои мавҷудияти табиӣ (фардӣ), ҳам шахсият ва ҳам субъекти фаъолият (асосан чун кордон) меомӯзад. Ҳар як шахс нотакрор аст ва ба сӯи қуллаи мурод равона аст. Нафаре босуръат қуллаи муродро фатҳ мекунад, дигаре ба он «хазида» мебарояд. Ҳар як шахс барои фатҳи қуллаи худ, амалигардонии мақсади худ саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ҳамзамон масъалаҳои дигаре ба вуҷуд меоянд, ки дар иҷрои истифодаи педагогии акмеология ҳалли худро ёфта метавонанд. Ин масъалаҳои омӯзиши ҳолатҳои зарур ва кофии ҳаётӣ дар ҳар як зинаи онтогенез мебошад, ки ба рушди кӯдак, наврас, ҷавон то расидан ба қуллаи ба ҳар як синнусоли хос имкон медиҳанд. Ин ошкорсозии силсилаҳои муносиби воситаҳои тарбиявӣ ҳисоб меёбад. Дар натиҷа, гузариш аз як қуллаи рушд дар як марҳалаи синнусолии фатҳшуда то қуллаи рушде, ки ба марҳалаи дигари онтогенез хос аст, ба вуҷуд меояд. Агар ҳодисоти муҳимми алоҳидаи мушаххасро дар шароити номусоид барои рушди баъдинаи шахс ба назар гирем, пас дараҷаи оқибатҳои номатлуб барои ин рушд каму беш амиқ буда метавонад. Масалан, вазъи саломатии кӯдаки синни томактабӣ (мактаббача, донишҷӯ) баъди азсаргузаронии беморӣ то меъёр барқарор шуда метавонад, ё ягон системаи организми ӯ ба дараҷае вайрон мешавад. Афкори солим дар иттиҳод тавассути ҷаҳду ҷидол ва фаҳмондани педагог ба миён меояд [4, с. 354]. Он гоҳ ба дастории «акме»-и инфиродӣ имконпазир мегардаду роҳи ӯро ба аксари касбҳо дар оянда маҳкам мекунад. Ё зери таъсири шароити номусоид барои рушди соҳаи маънавии кӯдак дар ӯ арзишҳои номатлуб ташаккул ёфта метавонанд. Онҳо ҳавасмандии ҳаррӯзаи рафтори ӯро дар маҷмӯъ (эҳтиром накардани одамони дигар ва муносибат бо онҳо чун бо объектҳои фиребу найранг, нобоварӣ ба қувваи худ, нобоварӣ бо мушкилоти дар ҳаёт пайдошаванда, муайян хоҳанд кард. Ҳамаи ин намудҳои дуршавӣ дар рушди шахсият дар давраи ташаккули ӯ дар солҳои томактабӣ ва мактабии ҳаёти ҷавонон мебошад. Онҳо ба сохтори фардияти ӯ ба дараҷаи чуқур ворид мегарданд, ки воситаҳои тарбияи педагогикаи муосир барои решаканкунии онҳо нокифоя мешавад ва вақти ба балоғат расиданаш «акме»-и шахсии ӯ ташаккул намеёбад. Зимни болиғӣ ӯ ба қуллаи баланд чун субъекти фаъолият ва ҳамчун кордони баландихтисос намерасад, агар дар солҳои мактабӣ барои ҷалби баланди ҳавасмандкунии ӯ ба намуди муайяни фаъолият, ки сифати касб интихоб мегардад, заминаи психологӣ гузошта нашавад, чунки бе онҳо дар ӯ қобилиятҳо рушд намеёбанд. Илова бар ин, акмеология ва педегогика як қатор нуқтаҳои пайвасткунии саъю кӯшишро дар ҳалли масъалаҳое доранд, ки ба таълими навъи муносиби рушди инсон, вақте, ки ӯ ба зинаи синну соли болиғӣ мерасад, мансубанд.

Яке аз чунин масъалаҳо таҳияи маҷмӯи чораҳо оид ба пеш бурдани тарзи ҳаёти солим ва нигоҳ доштани коршоямӣ дар сатҳи баланд мебошад. Бо ин роҳ тахассуси касбии психологӣ-педагогии омӯзгорӣ баланд бардошта мешавад.

Яке аз самтҳои ҳалли масъалаи дар боло баёншуда тағйири куллии малакаҳои арзишноки инсон мебошад. Ин маънои ба мазмуни нав пурра сохтани ҳаёти ӯ, тағйири муносибати ӯ бо одамон, пеш аз ҳама, ба наздикони худ, бозсозии муносибати ӯ ба худ ба фаъолияте, ки барои ӯ асосӣ мебошад, хусусияти пуррасозии фароғатро дорад, агар дар ин ҷода педагогикаи тасҳеҳии калонсолон инсонро на танҳо чун кордон, балки, пеш аз ҳама, чун шахсият такмил диҳад. Таҳлили адабиёт (Деркач А.А., Зазикин В.Г., Зобнина Т.В., Кузмина Н.В. ва Мелик-Пашаев А.А.) нишон медиҳанд, ки акмеология ҳамчун илм дар ташаккулёбии фаъолияти касбӣ нақши муассир дорад [5-9]. Табиист, ки барои ин такмили минбаъдаи педагогикаи тасҳеҳии калонсолон, ки на танҳо ба худтарбиякунӣ ва худрушддиҳии шахси алоҳида нигаронида шудааст, балки саъю кӯшиши худро ба таҳияи чораҳои муассири солимгардонии муҳити атрофи он шахси мушаххаси калонсоле равона месозад, ки самтҳои арзишҳои ӯ мазмунан иваз мегарданд, талаб карда мешавад.

## АДАБИЁТ:


1. Лутфуллозода М., Абдураҳимов Қ., Мирзоев А., Гулов А., Ҳалимов З. Технологияи таълими интерактивӣ. – Душанбе: Ирфон, 2017.
2. Файзулло Шарифзода Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010.
3. Акмеология: учебник / Под ред. А.А. Деркача. – М.: Издательство РАГС, 2006.
4. Лутфуллоев М., Абдураҳимов Қ. Назарияи таълим. – Қӯрғонтеппа, 2014. – 475 с.
5. Деркач А.А., Зазыкин В.Г. Акмеология. – СПб., 2003.
6. Зобнина Т.В. Акмеологическая система психологической подготовки будущих учителей // Педагогика, 2006. – №6.
7. Мелик-Пашаев, А.А. Акмеология и творчество к постановке проблемы / А.А. Мелик-Пашаев // Мир психологии, 1999. – №2. – С. 23-29.
8. Панасюк В.П. Школа и качество: выбор будущего. – СПб.: КАРО. 2003.
9. Кузьмина, Н.В. Акмеологическая теория повышения качества подготовки специалистов образования / Н.В. Кузьмина. – Москва: Исследователь. центр проблем качества подготовки специалистов, 2001. – 144 с.


## АКМЕОЛОГИЯИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ТАКМИЛИ МУТТАСИЛИ КАСБИ ОМӮЗГОРӢ


Дар ин мақола нақши акмеология дар такмили муттасили касби омӯзгорӣ ва алоқамандии акмеология бо педагогика дар мисоли андешаҳои олимони ин ду соҳа дарҷ гардидааст. Акмеология дар ҳамкорӣ бо педагогика самтҳои фатҳнашударо дар рушди кӯдак, наврас, ҷавон муайян намуда, аз ҳисоби истифодаи таъсиррасониҳои махсуси тарбиявӣ ва фаъолнокии муайяни шахсии кӯдаки синни томактабӣ, мактаббача ва донишҷӯ роҳи расидан ба ҳадафро ошкор месозад. Бояд тасдиқ кард, ки акмеология дар якҷоягӣ бо педагогика дар такмил додани касби омӯзгорӣ, мусаллаҳ гаштан бо маҳорати педагогию психологӣ ва худтарбиякунию худрушдиҳии омӯзгор роҳбарӣ менамояд. Илова бар ин, худи мафҳуми «акме» ва ҳам ҷараёни бадастории он бештар аз фаъолияти шахсии касбӣ вобастааст. Муаллифон таъкид мекунанд, ки акмеология аз оғози рушди худ стратегия ва технологияи ташаккули кордонҳои баландсифатро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ таҳия менамояд. Чун илми нав дар байни илмҳои ҷамъиятӣ, техникӣ, гуманитарӣ ва табиӣ ба вуҷуд омада, масъалаҳои ошкорсозии шароиту омилҳои муносибро барои баланд бардоштани сатҳи касби омӯзгорӣ ҳал мекунад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** акмеологияи омӯзгорӣ**,** акмеология, фаъолияти касбӣ, рушди касби омӯзгорӣ, мактаби акмеологӣ, ҷанбаҳои асосии акмеологияи педагогӣ, маҳорати баланди касбӣ, донишҳои акмеологӣ, алоқамандии акмеология бо педагогика.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (992) 93-512-00-60.

Нуралиев Мансур Исматуллоевич, унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 93-778-75-45.


## ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ АКМЕОЛОГИЯ В СОВЕРШЕНСТВОВАНИЙ НЕПРЕРЫВНОЙ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПРОФЕССИИ


В работе отражена роль акмеологии в совершенствовании непрерывной педагогической профессии и в связи с педагогикой на примере взгядов учёных этих двух отраслей. Акмеология в сатрудничестве с педагогикой, определяя непокорённые направления в развитии ребёнка, подростка и юноши, за счёт использования особых воспитательных воздействий к определённой личной активности дошкольника, школьника и студента выявляет пути достижения цели, следует подчеркнуть что акмеология совместно с педагогической профессии, в вооружении педагогическим и психологическим мастерством, в самовоспитании и саморазвитии учителья. К тому же, само понятие «акме» и процесе его достижения в большей степени связаны с личной профессиональной деятельностю учителя.

Авторы подчеркивают, что акмеология с самого начала своего развития разрабашывает стратегию и технологию формирования высококачественного профессионализма в различных сферах человеческой деятельности. Как новая наука, вазникшая на стыке оьщественных, технических и гуманитарных наук, решает проблемы выявления оптимальных условий и факторов для повышения уровня педагогической профессии.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** педагогическая акмеология, акмеология, профессиональная деятельность, развитие педагогической профессии, акмеологическая школа, основные аспекты, педагогической акмеолгии, акмеологической знания, связь акмеологии с педагогикой.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Курбонов Файзали Асадуллоевич, кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики и психологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (992) 93-512-00-60.

Нуралиев Мансур Исматуллоевич, соискатель кафедры педагогии и психологии начального обучения Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 93-778-75-45.

## PEDAGOGICAL ACMEOLOGY IN IMPROVING THE CONTINUOUS PEDAGOGICAL PROFESSION

The author's work reflects the role of acmeology in improving the continuous pedagogical profession and in connection with pedagogy on the example of the views of scientists from these two branches. Acmeology in collaboration with pedagogy, defining the unconquered directions in the development of a child, adolescent and young man, through the use of special educational influences to a certain personal activity of a preschooler, schoolchild and student, identifies ways to achieve the goal, it should be emphasized that acmeology, together with the teaching profession, armed with pedagogical and psychological skill, in self-education and self-development of the teacher. In addition, the very concept of «acme» and the process of achieving it are to a greater extent connected with the personal professional activity of the teacher.

From the very beginning of its development, Acmeology has been developing a strategy and technology for the formation of high-quality professionalism in various spheres of human activity. As a new science, emerging at the junction of social, technical and humanitarian sciences, it solves the problem of identifying optimal conditions and factors for improving the level of the teaching profession.

**KEY WORDS:** pedagogical acmeology, acmeology, professional activity, development of the pedagogical profession, acmeological school, main aspects, pedagogical acmeology, acmeological knowledge, the connection between acmeology and pedagogy, and others.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Qurbonov Faizali Asadulloevich, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of pedagogy and psychology of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 93-512-00-60.

Nuraliev Mansur Ismatulloevich, applicant of the department of pedagogy and psychology of primary education of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 93-778-75-45.

## ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ПЕДАГОГИИ ТАЙЁР КАРДАНИ ОМӮЗГОРОН

Сафаров Ш.М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Тайёр намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои олии касбӣ дар фазои таълимӣ бо дарназардошти нақши назаррас доштан дар рушди неруи зеҳнии миллат тахти таваҷҷуҳи махсуси роҳбарияти давлату ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, барои ҳалли ин масъала мо ҷанбаҳои таърихӣ, равонӣ ва педагогии таълими математикаро баррасӣ хоҳем кард.

Моҳият ва табиати раванди таҳсилотро асосан системаи иҷтимоӣ муайян мекунад, гарчанде ки мустақилияти нисбии рушди он бояд аз ҳисоби табиати иҷтимоию таърихии он эътироф карда шавад. Талаботи объективии ҷомеа барои омодасозӣ ва интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ ба наслҳои нав метавонад ба сатҳи рушди системаи маориф таъсир расонад.

Барои муҳаққиқон проблемаи таълими педагогӣ дар Русия хусусияти мубориза байни назариётчиёни таълим ва тарбия манфиати аввалиндараҷа дошт. Кӯшиши аз нав дида баромадани нақши донишгоҳҳо дар ташаккули системаи таълими педагогӣ мувофиқи марҳалаҳои рушди системаи иҷтимоӣ аз ҷониби олимони соҳаи маорифи давлатҳои гуногуни ҷаҳон ба таври мушаххас мавриди омӯзиш қарор гирифтааст: Дар ҳалли ин масъала донишмандон А.Г. Атсус, Г.М. Климова, А.П. Китайгородская, Ш. Нардев, Ш.Х. Чанбарисов, Р.И. Червяков ва дигарон саҳмгузорӣ намудаанд.

Олимон таҳлили таърихӣ-педагогии назарияҳои ташаккули шахсияти омӯзгор ва омодагии ӯ ба иҷрои вазифаҳои касбиро гузаронида, таъкид менамоянд, ки то пайдоиши таълими педагогӣ барои омӯзгор таълими махсус набуд. Дар охири асри XVIIII дар давлатҳои бузурги ҷаҳон, аз ҷумла Россия бори аввал талаботи давлатӣ барои тайёрии касбии омӯзгорон муайян карда шуданд, ки вобаста ба таҳсилот мақоми ҳуқуқии омӯзгор қонунгузорӣ карда шуд.

Табиист, ки вазифаҳо, функсияҳо, нақш ва ҷойгоҳи омӯзгор ва мувофиқан талабот ба тайёрии касбии ӯ дар марҳалаҳои гуногуни рушди ҷомеа ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Масъалаҳои таълим ва тарбияи насли наврас ҳамеша диққати адибон, файласуфон ва олимонро ҷалб намуда истодааст. Беҳуда нест, ки сарчашмаҳои афкори назариявии педагогӣ дар асарҳои файласуфони бузурги қадим - Платон ва Арасту ҷойгиранд. Дар доираи парадигмаи пайдошавандаи фалсафӣ онҳо асосҳои даврии синнусолиро ташаккул дода, марҳалаҳои таълим ва тарбияи инсонро ошкор карданд.

Мутафаккирон ва омӯзгорони пешрафтаи ҳама давру замонҳо (Я.А. Коменский, Д. Дидро, А. Дистервег, К.Д. Ушинский, В.Г. Белинский, А.И. Гертсен, Н. Пирогов, Н.А. Добролюбов, Л.Н. Толстой, П.Ф. Каптерев, С. Шатский, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинский, И.П. Иванов ва дигарон) касби омӯзгориро аз нуктаи назари омодагӣ, баҳогузорӣ ба кор, сифатҳои шахсӣ ва сатҳи маҳорату малакаашон баррасӣ кардаанд.

Муҳаққиқони Русия ва дигар мамолики хориҷӣ дар бораи ғояҳои асосии тайёр кардани омӯзгорон ақидаҳои муҳимро изҳор намудаанд, зеро онҳо дар назарияи ташаккули асосҳои касбии омӯзгорон таъсир доштанд ва ҳоло ҳам боқӣ мондаанд.

Педагоги бузург ва инсондӯсти (гуманисти) чех, асосгузори илми педагогика Я.А. Коменский (1592-1670) асосҳои илми мураккаби пешаи омӯзгориро, ки ҳадафи он такмил додани тайёрии омӯзгорон, маҳорати педагогии онҳо мебошад, асоснок кард. Омӯзгор, – ба ақидаи ӯ, – бояд шахси дорои ахлоқи олӣ, устоди кори худ бошад, санъати таълим ва тарбияро комилан аз худ кунад, бо хонандагону донишҷӯён муносибату муомилаи хуб дошта бошад. Омӯзгор бояд инсони комил бошад, оқилу сухандон буда, фазилатҳои наҷиби инсониро доро бошад, ахлоқи хуб дошта, парҳезгориро ба аҳли ҷомеа омӯзонад [2, с. 155].

Я.А. Коменский нисбат ба шахсияти омӯзгор чунин талабот гузошта буд: «Омӯзгор бояд парҳезгор, ростқавл, хоксор, таҳаммулпазир, фаъол ва меҳнатдӯст бошад, донишҷӯёнро бо намунаи хуб тасхир кунад» [2, с. 154]. Вай талаб мекард, ки танҳо ба омӯзгорони беҳтарин иҷозаи дарс додан дода шавад.

Дар таҳқиқот мо ғояҳои зерини Я.А. Коменскийро дар бораи омӯзгорон ва таълими онҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор додем:

- омӯзгор шахси инсондӯст аст;
- омӯзгор мутахассиси олӣ аст, танҳо чунин омӯзгор метавонад шахсияти кӯдакро ташаккул диҳад;
- омӯзгор шахси донишманд мебошад, ки ҳама чизро иҷро карда метавонад, аммо муҳимтар аз ҳама, мехоҳад ҳама чизро ба шогирдонаш омӯзонад;
- омӯзгор шахси эҷодкор, устод аст, ки соҳиби дониши амиқ, методикаи таълими фанни тадрисӣ, донандаи илми педагогика ва психология бошад;
- омӯзгор мураббии оқил аст, ки санъати таълимро медонад ва дар бораи рушди маънавии таълимгирандагон ғамхорӣ мекунад.

Д. Дидро (1713-1784), файласуф ва маорифпарвари фаронсавӣ ба шахсияти омӯзгор ва таълиму тарбияи ӯ диққати калон додааст. Вай чунин мешуморид, ки дониши амиқ доштан доир ба фанни таълимӣ яке аз сифатҳои зарурии омӯзгор мебошад.

Омӯзгори барҷастаи Олмон А. Дистервег (1790-1866) чунин мешуморид, ки омӯзгор бояд аз ҳар ҷиҳат хуб бошад. Дар фаҳмиши ӯ, омӯзгор шахсест, ки нозукиҳои фанни таълимиашро ба хубӣ аз худ кардааст, илмҳои педагогикаву психология ва физиологияро хуб медонад, касб ва дастпарварони худро дӯст медорад ва метавонад барои рушди ҳаматарафаи шогирдонаш саҳмгузор бошад [1, с. 324].

А. Дистервег омӯзгоронро даъват кардааст, ки худро аз усулҳои муқаррарии таълим халос кунанд, эҷодкорона кор кунанд, аз тафаккури мустақили худ даст накашанд, зеро мустақилияти ҳукмҳои донишҷӯён аз он вобаста аст [1, с.74]. Ба гуфти А. Дистервег, омӯзгор, пеш аз ҳама, шахси бомаърифат, мураббӣ, устоди касби худ, шахси эҷодкор мебошад.

Педагоги машҳур Н.А. Добролюбов (1836-1861) исбот кардааст, ки омӯзгор бояд шахси дорои таҳсилоти олӣ бошад, тайёрии баланд ва ҳаматарафаи илмӣ дошта бошад, санъати таълим ва тарбияро донад ва маҳорату малакаи педагогиро аз худ кунад.

Бузургтарин назариётшинос, асосгузори педагогикаи инсондӯстии Русия К.Д. Ушинский (1824-1870) чунин мешуморад, ки омӯзгор-мураббӣ бояд мутахассиси касбӣ, устоди кори худ бошад. Вай аввалин шуда идеяи тайёрии махсус барои омӯзгорон, кушодани факултетҳои педагогиро бо мақсади таълим додани омӯзгорони баландихтисос иброз доштааст.

Ушинский таъкид кардааст, ки омӯзгор, пеш аз ҳама, инсондӯст аст, шогирдон ва касби худро дӯст медорад: ӯ касест, ки мавзӯи таълиму тарбияи худро медонад; ӯ равоншинос аст, ки кӯдакро аз ҳама ҷиҳат меомӯзад; ӯ устодест, ки дар муошират бо кӯдакон ба авҷи санъат расидааст; вай шахси фаъол, мустақил, боваринок мебошад. Маҳорату малакаи омӯзгор дар қобилияти аз худ кардани воситаҳои гуногуни техникаи педагогӣ ифода меёбад. Ба ақидаи ӯ, таълим бояд тарбия ва рушд дошта бошад [9-13].

Омӯзгори забони русӣ, пайрави К.Д. Ушинский, муаллифи бисёр китобҳои дарсӣ Д.Д. Семёнов (1834-1902) як қатор истилоҳҳоро, аз қабили «омӯзгорони намунавӣ», «худомӯзии педагогӣ», «санҷиши қувваҳои педагогӣ», «маҳорати омӯзгорӣ» мавриди истифода қарор додааст. Вай таълими бисёрҷонибаи омӯзгор-методистро, ки қобилияти таълими эҷодии кӯдаконро дорад, ҳимоя карда, боварӣ дошт, ки омӯзгор, пеш аз ҳама, инсондӯст ва коргар бошад.

Олими бузурги рус ва арбоби пешрафта Д.И. Менделеев (1834-1907) ба масъалаҳои маорифи халқ, аз ҷумла таҳсилоти олӣ, тайёр кардани омӯзгорон ва профессорон ҳамчун мутахассисони баландмаълумоти дорои ҷаҳонбинии умумии фалсафӣ ва ҳаваси илмдошта диққати калон дод. Вай мафҳумҳои зеринро пешниҳод кард: «тайёр кардани омӯзгорони

маърифатнок», «омӯзгор шахси воқеан бомаърифат аст», идеяи муттасилии таълимро ба миён гузошт, масъалаҳои ташкил ва методикаи таълимро дар мактабҳои миёна ва олӣ таҳия намуд.

Дар байни маорифпарварон-гуманистҳои асри XIX ҷои махсусро файласуфи барҷаста, нависанда, омӯзгор Л.Н. Толстой (1828-1910) ишғол мекунад. Дар назарияи педагогии Л.Н. Толстой андешаҳо оид ба маорифи халқ ва шахсияти омӯзгор, омодагии ӯ ба таълим ва тарбияи фарзандон аҳамияти калону таваҷҷуҳи хоса дода шудааст. Вай назарияи тарбияи ройгонро таҳия намуда, таъкид кард, ки омӯзгор бояд шахсияти кӯдакро эҳтиром намояд, дар рушди қудрати эҷодии ӯ кумак расонад. Фарҳанг, илм, санъати Л.Н. Толстой ба категорияи арзишҳои ҳаётии инсон ишора мекунад [8].

Проблемаҳои таълими педагогӣ, масъалаҳои тайёрии касбии омӯзгоронро омӯзгори барҷаста П.Ф. Каптерев (1849-1922) нишон додааст. Омӯзиши мақсаднок ва таҳлили асарҳои П.Ф. Каптерев оид ба проблемаи тайёр кардани омӯзгорон муносибати хоси арзёбии шахсияти ӯро нишон дод. П.Ф. Каптерев ин масъаларо аз нуқтаи назари фикру мулоҳизаҳо дар асоси талаботе, ки ӯ нисбат ба омӯзгор, шахсият ва фаъолияти омӯзгории ӯ таҳия карда буд, мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаҳои ниҳоӣ бароварда буд.

Вай изҳор дошт, ки омӯзгор, пеш аз ҳама, шахсияти ҷудонашаванда, доимо рушдёбанда буда, хосиятҳои омӯзгорӣ ва сифатҳои умумиинсониро дарбар мегирад, дар ҳоле ки аҳамияти омодагии илмӣ ва методии ӯ, истеъдоди педагогӣ ва сифатҳои ахлоқӣ ва иродавии ӯро барои таълим ва тарбияи шогирд қайд мекунад. П.Ф. Каптерев ғояҳои тарбияи инсондӯстона, рушди худидоракунии шахсӣ ва таълими ба шахс нигаронидашударо ҳимоя кард.

Вай моҳияти тайёр кардани омӯзгорони ояндаро дар донишгоҳ ва донишкадаи омӯзгорӣ фарқ карда, афзалияти ҳадафи илмиро дар тайёркунии донишгоҳ ва самти амалии таҳсилро дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ нишон дод. Дар ҳар сурат, диққати омӯзгор бояд шахс бошад, омӯзиш, рушд ва рушди худ [3; 7, с.76-81].

Саъю кӯшиши зиёд ба масъалаи тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ аз ҷониби мураббӣ ва ташкилотчии маорифи халқ Н.И. Пирогов пешниҳод шудааст. Вай хусусияти фарқкунандаи донишгоҳҳоро дар муқоиса бо донишкадаи омӯзгорӣ нишон дод. Вай ба табиати маҳдуди татбиқшавандаи фаъолияти донишгоҳҳо муқобилият намуда, бартарии онҳоро дар самти илмӣ медид ва баҳс мекард, ки омӯзгор бидуни эҷодиёти илмӣ илмро дар сатҳи дастовардҳои охирини худ пешниҳод карда наметавонад. Дар мактуби муқовимавӣ ба мақолаи «Саволи донишгоҳ» соли 1862 аз Гейделберг ба А.В. Головкин чунин навишта буд: «Ман медонам, ки мақолаи ман ба оинномаи нав ҳеҷ таъсире нахоҳад гузошт, аммо ҳадафи ман дар ҷомеа паҳн кардани мафҳумҳои бештар солим дар бораи аҳамияти донишгоҳ буд ва, аз ин рӯ, матлуб аст, ки нуқтаи назари худро асосӣ кунам» [6, с. 485]. Вай ба эътирофи ҳуқуқи академияҳо ба фаъолияти илмӣ мухолифат намуда, чунин шарҳ дод: «Мо дар чунин замоне зиндагӣ мекунем, ки ба ҳамбастагии илмӣ ва амалӣ, илмӣ ва таълимӣ ниёзи шадид пайдо мешавад» [6, с. 345].

Ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимми донишгоҳ тарбияи омӯзгоронро Н.И. Пирогов чунин номид: «... донишгоҳҳо муддати тӯлонӣ камбудиҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи моро пурра мекунанд, ки бо онҳо бояд дар тамос бошанд» [6, с. 371].

Муҳиммияти донишгоҳҳо барои ҷомеа, ҳам таълимӣ ва ҳам илмӣ ва омӯзгорӣ аз ҷониби Н.И Пирогов исбот ва асоснок карда шудааст. Пирогов дар мисолҳои муқоисавӣ бо Англия, Фаронса, Олмон масъалаи мавриди назарро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. «Донишгоҳҳо инчунин беҳтарин барометрҳои ҷомеа мебошанд. Агар ӯ ягон вақтеро нишон диҳад, ки ба шумо писанд нест, пас шумо онро шикаста ё пинҳон карда наметавонед - беҳтараш тамошо кунед ва вобаста ба вақт амал кунед.

Таърих ин назари донишгоҳҳоро тасдиқ мекунад. Дар он ҷое, ки ҳаёти сиёсии ҷомеа дақиқан ба мисли як вимпели соатӣ ҳаракат мекунад, ки дар он ҷо ҳавасҳои сиёсӣ аз соҳаҳои баланд ба насли камолот нарасида бошанд, дар донишгоҳ ҳадафи бевоситаи он - фаъолияти илмӣ ба мадди аввал гузошта мешавад. Донишгоҳ дар он ҷо як барометри маърифат мешавад» [6, с. 377].

Бояд эътироф кард, ки ягонагии илмӣ ва таълимӣ моҳияти мундариҷаи тайёр кардани донишҷӯён дар донишгоҳ мебошад. «Дар донишгоҳ таълимро аз илм ҷудо кардан ғайриимкон аст, аммо илми бетаҳсилот то ҳол медурахшад ва гарм мешавад ва таълими бидуни илмӣ - танҳо медурахшад» [6, с. 425]. Ин нуқтаи назари Н.И. Пироговро Д.И. Менделеев дастгирӣ карда буд: «Тиҷорати маълумоти олӣ, ҳатто маълумоти махсус дар муассисаҳои баландихтисос чизи зиёдеро аз даст медиҳад» [5, с. 192].

Масъалаи тайёр кардани омӯзгоронро дар донишгоҳҳо ҳамчун як масъалаи дуюмдараҷа меҳисобид, аз ин рӯ, пас аз имтиҳон дар соли сеюми таҳсил ва пас аз дарсҳои озмоишӣ, донишҷӯён бидуни тайёрии махсуси пешакӣ ба кори омӯзгорӣ таъин карда шуданд. Бисёр

хатмкардагони донишгоҳҳо хидматҳои давлатӣ, судӣ ва маъмуриро аз касби омӯзгорӣ авлотар медонистанд [4, с. 22].

Дар оянда тамоюли тайёр кардани омӯзгорони математика дар донишгоҳҳо, сарфи назар аз кӯшиши инфиродӣ, барои эҷоди афзалиятҳо дар таълими педагогӣ идома ёфт: Курсҳои олии занон, Академияи омӯзгории Лигаи таҳсилот, Донишкадаи омӯзгории ба номи П.Г. Шелапутина ва ғайраҳо дар ҳаллу фасли ин масъалаи ниҳоят муҳим нақши бориз доштанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Дистервег, А. Руководство к образованию немецких учителей // Избр. пед. соч. – М., 1956. – 374 с.
2. Коменский, Я.А. Воскресший форций // Избр. пед. соч. В 2 т. Т.2. – М., 1982. – 576 с.
3. Каптерев, П.Ф. Дидактические очерки. Теория образования // Избр. пед. соч. – М., 1982. – 704 с.
4. Кушков, Н.Г. Очерки по истории и теории высшего педагогического образования. – Л., 1955. – 215 с.
5. Менделеев, Д.И. Сочинения. Т. XXIII. – Л., М., 1952. – 385 с.
6. Пирогов, Н.И. Избранные пед. соч. – М., 1985. – 496 с.
7. Сластенин, В.А. Педагогическое наследие П.Ф. Каптерева и современность // Педагогика, 1999. – №5. – С. 76-81.
8. Толстой, Л.Н. Общие замечания для учителя // Пед. соч. – М., 1953. – 444 с.
9. Ушинский, К.Д. Человек как предмет воспитания // Избр. пед. соч. Т.1. – М., 1953. – 638 с.
10. Ушинский, К.Д. О народности в общественном воспитании / Пед. соч. В 6 т. Т.1. – М.: 1988. – С. 194-256.
11. Ушинский, К.Д. О пользе педагогической литературы // Избр. пед. соч. Т.1. – М., 1953. – 638 с.
12. Ушинский, К.Д. Пед. соч. – М.: Л., 1988. Т.2. – С. 65.
13. Ушинский, К.Д. Три элемента школы // Избр. пед. соч. Т.1. – М., 1953. – 638 с.


## ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ПЕДАГОГИИ ТАЙЁР КАРДАНИ ОМӮЗГОРОН


Дар мақола омадааст, ки асосгузори илми педагогика Я.А. Коменский (1592-1670) асосҳои илмии пешаи мураккаби омӯзгориро, ки ҳадафи он такмил додани тайёрии омӯзгорон, маҳорати педагогии онҳо мебошад, асоснок кардааст. Омӯзгор, ба ақидаи ӯ, бояд шахси дорои ахлоқи олӣ, устоди кори худ бошад, санъати таълим ва тарбияро комилан аз худ кунад, бо хонандагону донишҷӯён муносибату муомилаи хуб дошта бошад. Омӯзгор бояд инсони комил бошад, оқилу сухандон буда, фазилатҳои наҷиби инсониро доро бошад, ахлоқи хуб дошта парҳезгориро ба аҳли ҷомеа омӯзонад.

Ҳамчунин дар мақола таъкид гардидааст, ки саъю кӯшиши зиёд ба масъалаи тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ аз ҷониби мураббӣ ва ташкилотчии маорифи халқ Н.И. Пирогов пешниҳод шудааст. Вай хусусияти фарққунандаи донишгоҳҳоро дар муқоиса бо донишкадаи омӯзгорӣ нишон дод. Вай ба табиати маҳдуди татбиқшавандаи фаъолияти донишгоҳҳо муқобилият намуда, бартарии онҳоро дар самти илмӣ медид ва баҳс мекард, ки омӯзгор бидуни эҷодиёти илмӣ илмро дар сатҳи дастовардҳои охирини худ пешниҳод карда наметавонад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаи олии касбӣ, мустақилият, таълим, тарбия, омӯзгор, тайёрии касбии омӯзгор, педагогика, психология, физиология, санъати таълим, хонандагон, донишҷӯён, дарс, худомӯзӣ, омӯзгор-методист, донишгоҳ.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ**: Сафаров Шаҳриёр Мирзоевич, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел.: (+992) 93-760-99-95; e-mail: dargh.91@mail.ru


## ИСТОРИКО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОДГОТОВКИ УЧИТЕЛЕЙ


В статье отмечается, что основоположник педагогической науки Я.А. Коменский (1592-1670) обосновал научные основы сложной педагогической профессии, целью которой является повышение квалификации учителей, их педагогического мастерства.

Учитель, по его мнению, должен быть человеком высоких нравов, мастером своего дела, в полной мере владеть искусством преподавания и воспитания, иметь хорошие отношения с учениками. Учитель должен быть совершенным человеком, умным, красноречивым, обладать благородными человеческими качествами, иметь хорошие нравы и учить людей благочестию.

В статье также отмечается, что много усилий для подготовки учителей приложил педагог и организатор народного образования Н.И. Пирогова. Он указал на отличия университетов от педагогических институтов.

Он бросил вызов ограниченному применимому характеру университетской деятельности, увидел их превосходство в области науки и утверждал, что без научного творчества учитель не может представить науку на уровне своих последних достижений.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** средное общеобразовательное учреждения, высщее учебное заведения, самостоятельность, учеба, воспитание, учитель, профессиональная подготовка учителя, педагогика, психология, физиология, исскуство преподавания, ученики, студенты, урок, самообучение, учитель-методист, университет.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ**: Сафаров Шахриёр Мирзоевич, ст. преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел.: (+992) 93-760-99-95; e-mail: dargh.91@mail.ru

**HISTORICAL AND PEDAGOGICAL ASPECTS OF TEACHER TRAINING**

This article is entitled «Historical and pedagogical aspects of teacher training» and the author provides detailed information on teacher training and some historical aspects. In particular, the article states that the founder of pedagogical science Ya. A. Comenius (1592 - 1670) substantiated the scientific basis of a complex teaching profession, the purpose of which is to improve the training of teachers, their pedagogical skills.

A teacher, in his opinion, should be a person of high morals, a master of his craft, fully master the art of teaching and education, have good relations with students. A teacher must be a perfect person, intelligent, eloquent, have noble human qualities, have good morals and teach piety to the public.

It should be noted that in the article that a lot of efforts have been made to train teachers by the teacher and organizer of public education N.I. Pirogov is presented. He pointed out the distinctive features of universities in comparison with pedagogical institutes.

He challenged the limited applicable nature of university activities, saw their superiority in the field of science, and argued that without scientific creativity, a teacher could not present science at the level of his latest achievements.

**KEY WORDS:** secondary educational institutions, higher educational institutions, independence, study, upbringing, teacher, teacher professional training, pedagogy, psychology, physiology, art of teaching, pupils, students, lesson, self-study, teacher-methodologist, university.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR**: Safarov Shahriyor Mirzoevich, senior lecturer of the department of general pedagogy Tajik State Pedagogical Universiry named after Sadriddin Aini. Phone: (+992) 93-760-99-95; e-mail: dargh.91@mail.ru

## ИНКИШОФИ КӮДАК ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

Тӯрахонова С.Ҷ., Пирова Ҷ.Ф.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Ташаккули шахсияти кӯдак ва инкишофи фикрии ӯ дар раванди намудҳои гуногуни фаъолият сурат мегиранд. Кӯдакро аз рӯзҳои аввали ҳаёташ ҷамъияте иҳота мекунад, ки ба инкишофи ӯ таъсир мерасонад ва бо ӯ дар муносибати эмотсионалӣ қарор дорад. Кӯдакро ашёҳои сершумор низ иҳота менамоянд, ки дорои хосият ва сифатҳои гуногунанд. Тадқиқот нишон доданд, ки тифл барои ба муҳит шинос шудан ва объектҳои даркшавандаро таҳлил намудан, имкониятҳои басо зиёд дорад. Ин кӯдакро ба ҷузъҳои доимо тағйирёбандаи фаъолият мутобиқ месозад.

Дар раванди гуногуни фаъолияти дарккунӣ, тасаввуроти кӯдакон дар бораи олами атроф: аломату хосиятҳои гуногуни олами предмет – ранг, шакл, бузургӣ, мавқеи предметҳо дар фазо, миқдори онҳо, инчунин муносибати одамон хеле барвақт ташаккул меёбад. Тадриҷан таҷрибаҳои эҳсоскунанда ҷамъ мешаванд, ки он асоси ташаккули оддитарин тасаввуроти математикӣ ва мафҳумҳои ибтидоӣ мегардад.

Аз худ кардани донишҳое, ки инсоният анбоштааст, барои аз нав сохтани тамоми функсияҳои психикӣ мадад мерасонад, кӯдакро ба дараҷаи нави инкишоф мебарад. Аз ин ҷо чунин натиҷа мебарояд, ки таълим бояд аз инкишоф пеш гузарад. Ҳангоми таълим ҳамеша қобилияти кадом корро иҷро карда тавонистани худи кӯдак не, балки дар назар доштан зарур аст, ки ӯ бо ёрӣ ва таҳти роҳбарии калонсолон кадом корро иҷро карда метавонад.

Методҳои инкишофдиҳандаи таълим, ки ба ташаккули амалиёти фикрӣ, ба монанди таҳлил, синтез, муқоиса, норавшанӣ, ҷамъбаст, таснифот ва ғайраҳо ёрӣ мерасонад, завқи дарккунӣ, мушоҳидакорӣ, эҷодкорӣ ва ғайраҳо, ки нутқи онҳоро инкишоф медиҳад, ҳатман истифода шаванд.

Вале бояд қайд кард, ки тафаккур дар асоси аз худ кардани донишҳои самаранок инкишоф ёфта метавонад.

Мувофиқи акидаҳои педагогӣ дарҷ мегардад, ки «агар дониш набошад, барои инкишофи тафаккур асос ҳам нест ва азхудкунӣ ба дараҷаи даркорӣ сабзида наметавонад» [1].

Табиист, ки кӯдак маълумоти тайёрро бо роҳи бахотиргирӣ амиқ сарфаҳм нарафта, аз худ карда метавонад. Бинобар ин, зарурати бошуурона аз худ кардан қайд гардидааст. Шахсе, ки фақат бо ҳофиза дониш гирифтааст, ҳамеша тайёр аст, ҷавоб диҳад, чунки шубҳа намекунад. Одатан дар чунин шахс агар ҳангоми ҷавоб додан норасоӣ мушоҳида шавад, ниҳоят дар тааҷҷуб мемонад. Ва агар хонандагон фаҳмида дониш аз худ кунанд, ин шахс дар вақти ҷавоб он донишҳоро ба таври худ месанҷад. Дар ин хусус П.П. Блонский менависад: «Аз худкунӣ бе санҷиш кори оддии фикр аст; худро санҷида дониш гирифтан хотираест, ки таҳти назорати тафаккур кор мекунад» [1].

Ҳангоми роҳбарӣ ба инкишофи кӯдак дар раванди таълим ба он бояд ноил гардид, ки диққати хонандагон на фақат ба мазмуну мундариҷаи мавод, балки ба тарзҳои иҷрои онҳо нигаронида шавад.

Вазифаи мураббӣ ташкил намудани фаъолияти кӯдак аст, зеро ӯ фақат дар фаъолият инкишоф меёбад. Вақте ки дар назди кӯдак ин ё он вазифа гузошта мешавад, барои ҳалли он дар ӯ талабот ба вуҷуд меояд. Вале ӯ тарзҳои нави амалиёт, рафтор, тафаккурро аз худ намуда, ин вазифаро ҳал карда метавонад. Дар байни зарурат ва имконият, маълум ва номаълум зиддият ба вуҷуд меояд. Ин зиддият қувваи мутаҳаррики инкишоф мебошад. Ҳамин тариқ, ба воситаи фаъолияте, ки мураббӣ раҳнамоӣ мекунад, таълим ба инкишофи психикии кӯдак таъсир мерасонад. Тадқиқот нишон доданд, ки дар шароити таълим кӯдакони синни томактабӣ назар ба муқаррарӣ, аломатҳои объектҳо (ранг, шакл, бузургӣ)-ро бештар фарқ мекардагӣ мешаванд. Кӯдакон нисбияти бузургиҳои ҳар як элементи қатор (аз қатори пешина зиёду аз баъдина кам)-ро аз худ намуда, силсилаи амалиётро бомуваффақият ёд мегиранд. Кӯдакон дар дигар объектҳо (миқдор, садо ва ғайра) низ ба ин раванди нисбият дучор мешаванд.

Дар шароити таълими кӯдакони панҷ-шашсола мафҳуми адад бомуваффақият ташаккул меёбад; миқдор аз тамоми дигар аломатҳои фазоию сифатии объектҳо ноаён мемонад. Қобилияти дидан ва муқаррар намудани тобеияти тарафайни ҳаммаҷмӯъ ва маҷмӯъ, ҳамсинфҳо ва синфҳо, исбот карда тавонистани ҳақиқати муҳокимарониҳо инкишоф меёбад. Кӯдакон аз муайянӣ ба мавҳумӣ, ба тафаккури фаҳмидагирӣ мегузаранд; дар онҳо амалиёти фикрронӣ, ки барои донистани мафҳумҳои илмӣ заруранд, ҳосил мешавад.

Тамоми тадқиқоти психологӣ бовар мекунонад, ки дар раванди таълим дар инкишофи психикии кӯдак тағйироти сифатӣ рӯй медиҳад.

Бозиҳои таълимӣ оид ба мафҳуми адад ва маҷмӯъ дар тасаввуроти ибтидоии ташакули фикрронии кӯдак нақши муҳим бозида, малакаи кӯдакро оид ба назарияҳои ибтидоии донишҳои математикӣ васеъ менамояд.

Бо ин мақсад бозиҳои нави математикиро барои кӯдакони то ҳафтсола тартиб дода, бо истифода аз роҳу усулҳои нав пешниҳод менамоем:

- сохтани шаклҳо ва намудҳои гуногуни ашёҳои рӯзгор;
- тасвир намудани шаклҳо ва предметҳои сода, ки бо усули андозагирӣ, буридан ва ҳисобкуниҳо анҷом меёбад;
- нишон додани шаклҳо бо истифода аз ранг ва интихоби ҷо ба ҷо намудани рангҳо.

Барои мисол сохтани зинапояро дида мебароем, ки дар он масъалаҳои гузошташуда мушоҳида мегардад.

Ҳангоми тасвир намудани зинапоя дар рӯи коғаз ё сохтани зинапоя бо истифода аз буридани коғаз ва ширеш намудан, картон ё пластилин, ки ин амалро кӯдакони синни томактабӣ иҷро карда метавонанд, ҳар як элемент ва шаклҳои ҳосилшударо бо интихоби рангҳо ҷудо намоянд, он гоҳ тасавуроти онҳо нисбат ба маҷмӯъ, ҳаммаҷмӯъ, адад ва шаклҳо низ пайдо мешавад.

Ба кӯдаки синни томактаби пеш аз ҳама оламро бо тамоми боигарии шаклу рангҳо, вобастагиҳои рангоранг нишон додан зарур аст.

Дар фаъолият фикр, шуури кӯдак инкишоф меёбад. Бинобар ин фаъолияти кӯдаконро ҳарҷониба инкишоф додан зарур аст, то ки онҳо на фақат маводи омӯхташавандаро такрор ба такрор дарк намоянд, балки усулҳои самараноки амалиёт бо онҳоро донанд, то ки дар онҳо муносибати дуруст ба фаъолият (мушкилиҳо, муваффақиятҳо ва ғайра) ташаккул ёбад.

Дар раванди таълим бояд луғати кӯдакон ғанӣ гардад, нутқашон такомул ёбад, маҳорати исбот карда тавонистанашон рушд намояд. Кӯдакон бояд тадриҷан истилоҳи аниқи илмиро ёд гиранд. Масалан, адад ва рақамро аралаш кардан, шаклҳои геометриро бо номҳои асбобҳои рӯзгор номбар кардан (призмаи росткунҷаро бо «хишт»; трапетсия, секунҷаро бо «боми хона»; силиндрро бо «сутунчаҳо»; конусро бо «мақбарача» ва ғайра) лозим нест.

Дар таълими оддитарин донишҳои математикӣ тайёрии математикии мураббиён, инчунин донистани қонунияти умумии инкишофи кӯдакон ва хусусиятҳои фардии ҳар як кӯдакро тақозо мекунад. Тадриҷан мураккаб шудани маводи барномавӣ, ки барои аз худ кардани дониш ва маҳорат нигаронида шудааст, ба кӯдакон имкон медиҳад, ки муваффақиятҳои кори худ, пешравии худро ҳис намоянд, вале ин, дар навбати худ, ба инкишофи шавқи онҳо ба машғулиятҳои математика ёрӣ медиҳад.

Меъёри баҳо додан ба қувваи кӯдак ба андозаи муайян муносибати кӯдакон - таваҷҷуҳ доштан ё бад дидани маводи пешниҳодшуда мебошад. Одатан кӯдакон бартараф кардани

душвориҳоро дӯст медоранд, аксар вақт аз ёрии мураббӣ даст мекашанд. Бинобар ин, фаҳмогӣ осон буданро ифода намекунад. Зиёда аз он таълими осон, чи тавре ки назариявӣ ва амалӣ исбот шудааст, назар ба манфиат, зарари бештар меорад.

Ҳамин хел, яке аз методистони асри XIX В. Латишев навиштааст, ки кӯдакон бояд математикаро дӯст доранд, вале «дӯст доштан мумкин, агар вай осон бошад. Бигузор меҳнат ҳамеша ба талаба мувофиқ бошад. Вале меҳнат кардан, кӯшиш карданро ҳатман талаб кунед. Дар акси ҳол талаба ба кор одат намекунад ва ба он шавқаш намемонад» [1].

Ҳамон чиз дастрас аст, ки кӯдакон бо роҳбарии мураббӣ бошуурона аз худ мекунанд. Вале азбаски қувваи тафаккури кӯдакон меафзояд, тадриҷан душвортар кардани масъала зарур аст.

Усулҳои гуногуни методии ба кӯдакон таълим додани мавзӯъ фаҳмидани онро осон менамоянд.

Қоидаи аз маълум ба номаълум таълим додан, бешубҳа ба осонфаҳм шудани онҳо мадад мерасонад.

Мураббӣ ҳангоми маълумоти нав додан дониши кӯдакро ҳатман бояд ба назар гирад, таҷрибаи ӯро омӯзад. Муваффақияти аз худ кардани маълумоти нав хеле меафзояд, агар онҳо ба системаи маълумоти пештара дохил бошанд, мавҷудаашро такмил диҳанд ва аз нав созанд.

Қоидаи таълим аз сода ба мураккаб чунин маъно дорад, ки ҳамеша аз он сар кардан даркор, ки он қадар душвор набошад ва ба андозаи муайян ба кӯдакон шинос бошад. Танҳо ҳамон чиз осон аст, ки бе ҳеҷ гуна душворӣ дарк мешавад ва таъсири мусбат дорад. Чизи фаҳмо осон аст, бинобар ин вазифаи мураббӣ аз он иборат аст, ки ҳар чизи душворро фаҳмо созад, ба кӯдакон наздик кунад. Бо роҳи ба ҳамдигар муқоиса кардани элементҳои маҷмӯъ (бо усулҳои гузориш) муқоиса кардани шумораи онҳоро омӯхта, кӯдакон ҳар як элементро дарк менамоянд ва қоидаи муқаррар намудани мувофиқати яккиматаи байни онҳоро тадриҷан аз худ мекунанд, ки асоси амалиёти ҳисоб мебошад. Ҳамин хел доираи дониши кӯдакон аз сода ба мураккаб тадриҷан васеъ мешавад.

Душвориҳои ба қувваи кӯдакон мувофиқ сабаби асосии инкишофи дохилии фаъолияти идроки кӯдакон мебошад. Бинобар ин, барои он ки таълим таълими инкишофдиҳанда бошад, ҳамон имкониятҳои кӯдаконро доир ба минбаъда аз худ намудани маводи нав, ки онҳо бо роҳбарии мураббӣ ба ҳақиқат табдил хоҳад шуд, яъне «минтақаи инкишофи кӯдаконро» муқаррар намудан даркор», гуфта буд Л.С. Виготский [1].

Истифодаи аёният дар таълим ҳангоми ягонагии аёният ва калима аҳамияти калон дорад. Ҳар гуна асбобҳои аёнӣ бо калима намоиш дода мешавад, ки он диққати кӯдаконро ба мазмуни асосӣ равон мекунад, ба ҷузъҳо ҷудо кардани чизи асосиро ёд медиҳад.

Донишҳои математикии кӯдакон на фақат индуктивӣ, балки дедуктивӣ низ бояд ташаккул ёбанд. Дар баробари ин, масъалаи коркарди чунин навъҳои амсилаҳо ба миён омад, ки тафаккури дедуктивии кӯдаконро инкишоф хоҳанд дод.

Воситаҳои аёнӣ вобаста ба вазифаҳои таълим ҳар хел истифода мешаванд. Дар баъзе мавридҳо кӯдакон худашон дониш ҳосил мекунанд, вале мураббӣ ба мушоҳидаҳо, амалиёти онҳо роҳбарӣ мекунад, масалан, ҳангоми муоинаи предмет ба кӯдакон тавсия мешавад, ки бо шакли геометрӣ дурусттар шинос шуда, онро бо ангушташон кашанд («Кура мудаввар аст, меғелад, вале кубик бошад гӯшаҳо дорад, ки онҳо ба ғелидан халал мерасонанд», - мегӯяд тифл).

Ҳангоми таносубҳои миқдориро дарк кардани кӯдакон сухани мураббӣ нақши дигар мебозад. Дар ин вақт мураббӣ диққати кӯдаконро ба сифати маҷмӯи предметҳо не, балки ба таносуби байни онҳо равона мекунад. Масалан, дар рахи боло чор доирачаи сурх, дар рахи поён панҷ доирачаи кабуд истодааст. Кӯдакон мушоҳидаҳои худро бояд ҳатман бо сухан ифода намоянд. Бинобар ин, мураббӣ саволҳои зеринро ба миён мегузорад: «Дар кадом рах поён ё боло доирачаҳо каманд? Дар ҳар як рах чанд доирача ҳаст? Кадом адад аз кадомаш кам ва кадом адад аз кадомаш зиёд аст?» ва ғайра.

Принсипи аёният ба дарки амиқи ҳиссӣ боис мегардад, вале тафаккури ҳиссӣ ва мантиқӣ дар тамоми марҳалаҳо ба ҳам алоқаманданд. Бинобар ин, на танҳо дар бораи аёният, балки дар хусуси мувофиқи мақсад будани вобастагии воситаҳои аёният ва калима гуфтан лозим аст.

Принсипи аёният ниҳоят муҳим аст, вале истифодаи воситаҳои аёният бояд ҳад дошта бошад. Аёният ба инкишофи тафаккур на фақат ёрдам, балки халал расонда ҳам метавонад, онро бозмедорад. Масалан, ҳангоми омӯхтани маводи нави барномавӣ доир ба ҳисоб намунаи овардаи педагог, тарзҳои амалро нишон додани ӯ нақши бузург мебозанд. Вале агар кӯдаки хурдсол тарзи амалро аз худ кунад, пас намоиши минбаъда ба инкишофи мустақилияти ӯ халал мерасонад. Бинобар ин, ҳатто дар вақти кор бо кӯдакони сесола нишон додани намуна зарарнок аст, дар сурате ки кӯдакон супоришро дар асоси дастури даҳонӣ иҷро карда метавонанд. Дар ин марҳала намунаро дигархелтар истифода кардан, масалан онро баъди иҷрои супориш нишон додан

мумкин аст, то ки кӯдакон худашон санҷанд, ки доирачаҳоро мувофиқи дастур ҷо ба ҷо гузоштанд ва ё аз рӯи намуна.

Принсипи мураттабӣ ва мунтазамии таълим зарурати бо тартиби қатъии мантиқӣ дониш доданро ифода менамояд, системаи донишҳо, малакаю маҳоратҳоро ташаккул дода, ба амалиёти кӯдакон бо маводи гуногуни математикӣ мунтазам роҳбарӣ менамояд.

Ин принсип махсусан ҳангоми таълими математика муҳим аст. «Каллаи пур аз донишҳои ҷудо-ҷудо, беробита ба анборе шабоҳат дорад, ки он бетартиб аст ва дар он соҳибаш ҳеҷ чизро дарёфт карда наметавонад...» [1].

Н.К. Крупская гуфта буд, ки математика занҷири донишҳост, агар ягон ҳалқаи он канда шавад, тамоми занҷир канда мешавад. Одам дар сурате соҳиби донишҳо мегардад, ки агар онҳо ба тартиб дароварда шуда бошанд [2].

Дониши мураттаб қувваю қобилияти идрокро мунтазам инкишоф, мантиқан фикр карданро ёд медиҳад, барои аз худ кардани маводи мураккабтар имконият фароҳам меорад. Кӯдакон фақат дар раванди таълим донишҳои мураттаб мегиранд, ба шарте ки онҳо пайдарҳам бошанд.

Тарбияи ақлӣ на фақат дар машғулиятҳои таълимӣ, балки ҳам дар шароити бозӣ, ҳам дар раванди меҳнат, ҳам дар ҳаёт, ҳам дар вақти муомилаи шахси калонсол бо кӯдак ба амал бароварда мешавад. Дар тамоми ин намудҳои фаъолият кӯдак дониш мегирад, малака ҳосил мекунад, фикраш инкишоф меёбад. Вале дар раванди бозӣ, меҳнат ва ҳаёт кӯдак донишҳои тасодуфӣ мегирад; ин донишҳо ба кӯдак мураттаб ва пайдарҳам не, балки дар тафаккури ӯ «ҷазирачаи» донишро ташкил намуда, қисм-қисм дода мешавад. Ва гарчанде донишҳои ӯ васеъ ва баъзеашон аниқгарданд ҳам, вале як доираи дониш бо дигараш алоқаманд нест, онҳо маҳдуданд [3].

Роҳи аз сода ба мураккаб, аз аниқ ба абстракт, аз ҳис ба мантиқ барои ба кӯдакон таълим додани ҳисоб муҳим аст. Ин пайдарҳамии дониш на фақат фикри кӯдаконро инкишоф медиҳад, балки ба фаҳмидани аҳамияти донишҳои гирифта ёрӣ мерасонад, боварии онҳоро ба қувваи худ мустаҳкам менамояд. Он чи, ки дирӯз нав ва душвор буд, имрӯз аллакай аз худ шуд, сода гардид ва кӯдакон пешрафти худро ҳис мекардагӣ шуданд, хондан барои онҳо шавқовар гардид. Маводе, ки дар машғулиятҳо тадриҷан мураккаб хоҳад шуд, барои кӯдакон фаҳмо гардида, дар айни замон аз онҳо фикр кардан, сарф намудани донишҳои пешина, барои ҳалли масъалаи нав интихоб кардани онҳоро талаб мекунад, ин бошад дар кӯдакон бодиққатиро тарбия менамояд, зиракии онҳоро инкишоф медиҳад. Аксар вақт мураббиён кӯдаконро аз имконияти фикркунӣ маҳрум намуда, донишҳои тайёр медиҳанд. Мисол: ҷавоби даҳониро дар бораи фарқияти байни ададҳо гӯш карда, мураббия аз кӯдакон исботи дурустии ҷавобро талаб намекунад (онро бо роҳи муқаррар намудани мутаносибии яккиматаи байни маҷмӯҳо намоиш додан даркор). Бинобар ин, хеле муҳим аст, ки ақли кӯдаконро бо имкониятҳо ва донишҳои пештаргирифтаи онҳо мувофиқ намуда, ташаббускор кардан лозим, яъне кӯдаконро таълим дода, боиси мустақилӣ ва фаъолияти тафаккури онҳо шудан даркор аст.

Вазифаи маълумоти математикии кӯдакони хурдсол силсилаи донишҳои илмӣ додан набошад ҳам, дар муносибатҳои миқдорӣ, фазоӣ ва замонӣ дидани ҳақиқати атрофро ёд додан аст. Ин донишҳо бояд системанок бошанд, ҷиҳатҳои гуногуни робитаи мутақобила (миқдорҳо, шаклҳо, андозаҳо ва ғайра)-ро ошкор намоянд ва дар маводи аниқи ҳаётӣ фаҳмонда шаванд.

**АДАБИЁТ:**


1. Леушина А.М. Ташаккули оддитарин тасаввуроти математикӣ дар кӯдакони синни томактабӣ. – Душанбе: Маориф, 1980.
2. Крупская Н.К. О дошколном воспитании. Мақолаҳои «О дошкольном воспитании детей», «Об игрушках для дошколят». – М.: Просвезщение, 1973.
3. Берёзина Р.Л. Формирование знаний о величине предметов у детей дошкольного возраста // Дошкольное воспитание, 1970. – №11.


## ИНКИШОФИ КӮДАК ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА


Дар ин мақола масъалаи асосӣ бедор сохтани тасавуроти ибтидоии математикӣ дар кӯдакони синни томактабӣ мебошад.

Фаъолияти кӯдаконро ҳарҷониба инкишоф додан зарур аст, то ки онҳо на фақат маводи омӯхташавандаро такрор ба такрор дарк намоянд, балки усулҳои самараноки амалиёт бо онҳоро донанд, то ки дар онҳо муносибати дуруст ба фаъолият (мушкилиҳо, муваффақиятҳо ва ғайра) ташаккул ёбад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: кӯдак, математика, таснифот, индуктивӣ, дедуктивӣ, принсип, абстракт, амсила, мантиқ.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Тӯрахонова Сокинамо Ҷӯрахоновна ассистенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии Данғара. Тел.: (+992) 985-26-44-24.

Пирова Ҷамила Фақиралиевна, ассистенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии Данғара. Тел.: (+992) 918-19-05-69.

## РАЗВИТИЕ РЕБЕНКА В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ

В этой статье главная задача - пробудить у дошкольников основные математические представления.
Деятельность детей необходимо развивать таким образом, чтобы они не только понимали изучаемый материал снова и снова, но и знали эффективные методы работы с ними, чтобы у них выработалось правильное отношение к деятельности.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: математика, ребёнок, классификация, индуктивный, дедуктивный, принцип, абстрактность, модель, логика.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Турахонова Сокинамо Джурахоновна, ассистент, кафедры высшей математики Дангаринского государственного университета. Тел.: (+992) 985-26-44-24
Пирова Джамила Факиралиевна, ассистент кафедры высшей математики Дангаринского государственного университета. Тел.: (+992) 918-19-05-69.

## CHILD DEVELOPMENT IN THE PROCESS OF TEACHING MATHEMATICS

In this article, the main task is to awaken basic mathematical concepts in preschoolers.
The activities of children must be developed in such a way that they not only understand the material being studied over and over again, but also know effective methods of working with them, so that they develop the correct attitude towards activities.

**KEY WORDS**: child, mathematic, classification, inductive, deductive, principle, abstract, model.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Turakhonova Sokinamo Jurakhonovna, assistant of the department of higher mathematics of Dangara State University. Phone: (+992) 985-26-44-24
Pirova Jamila Faqiralievna, assistant of the department of higher mathematics of Dangara State University. Phone: (+992) 918-19-05-69.

# БА ВУҶУД ОМАДАНИ ҒОЯҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС

Шарифзода Ш.М.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Психология яке аз илмҳои қадимтарин мебошад, ки тахминан 2500 сол қабл дар Юнони қадим ба вуҷуд омадааст [1, с. 6].

Аввалин системаи мафҳумҳои психологӣ дар рисолаи Арасту «Дар бораи ҷон» оварда шудааст, аммо психология ҳамчун як илми мустақил тақрибан сад сол пеш рушд кардааст [2, с. 3]. То асрҳои VI, яъне муддатҳои тӯлонӣ психология як фанни фалсафӣ ва динӣ ҳисобида мешуд. Баъзан вай бо номҳои гуногун пайдо мешуд. Онро фалсафаи равонӣ, девонагӣ, пневматология меномиданд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, пешгӯӣ намудани китобҳо бо ин унвонҳо ва решаҳои онро танҳо дар фалсафа ҷустуҷӯ кардан хато мебуд. Консентратсияи донишҳои психологӣ дар бисёр соҳаҳои кори зеҳнии инсоният инъикос ёфт. Аз ин лиҳоз, таърихи психология (то замони ба як илми мустақили таҷрибавӣ табдил ёфтан) бо таҳаввулоти таълимоти фалсафӣ дар бораи рӯҳ (бо ном психологияи метафизикӣ) ё дар бораи падидаҳои рӯҳӣ (ба ном психологияи эмпирикӣ) рост намеояд [2, с. 3].

Дар байни олимон ва файласуфони он давра, ки дидгоҳҳояшон зери таъсири ғояҳои Арасту таҳия шудааст, ду ақидаи бузурге дар қисматҳои гуногуни давлати араб эҷод шуданд; яке, Ибни Сино (Авитсена), дигаре дар Ғарб - Ибни Рушд (Аверроес). Муваффақияти мутафаккирони арабзабон дар соҳаҳои гуногуни дониш, хусусан дар илмҳои табиӣ, мутамарказ шуданд. Ҳар ду олим дар Аврупо шуҳрати беандоза пайдо кардаанд. «Ал-қонун», ки аз ҷониби Ибни Сино таълиф шудааст, дар тӯли панҷ аср дар тамоми мактабҳои тиббии асрҳои миёна ҳамчун таълимоти асосӣ омӯзонида шудааст. Ибни Рушд дар пайдоиши ҳаракати равонӣ меистад, ки схоластикии аврупоиро халалдор кард ва ба эҷоди тасвири нави ҷаҳон ва инсон оварда расонд. Аммо, ду номи машҳурро номбар карда набояд фаромӯш кард, ки шумораи зиёди ситорашиносон, ҷуғрофиён, химикҳо, ботаникҳо, табибони Шарқ, ки асарҳояшон (зиёда аз якчанд наслҳо) имкон доданд, ки дар асрҳои минбаъда дар тафаккури илмӣ далерона ва дурахшон ба вуҷуд оваранд.

Пас аз анҷом додани ин талошҳо, Ибни Сино ва Ибни Рушд тавонистанд таълимоте ба миён оранд, ақидаеро дар бар мегиранд, ки табиат абадӣ (бо хости илоҳӣ) аст, қонунҳои он худсарона тағйир намеёбанд, вуҷуди рӯҳ бо сабаби фаъолияти бадан аст, ҷовидонии он ҳамчун ҷавҳари инфиродӣ ғайриимкон аст ва як қатор ғояҳои дигар бо догмаҳои ислом созгор нестанд.

Ярошевский М.Г. аз ибтидои фаъолияташ ба таҳқиқи масъалаҳои назария ва таърихи психология ва психологияи иҷтимоӣ машғул буд [3, с. 19]. Психологҳои машҳури рус Петровский А.В. ва Ярошевский М.Г. дар китобҳои худ қайд кардаанд, ки : «Ибни Сино – духтур ва психологи машҳури тоҷик мебошад». Ибни Сино ҳамчун забардасттарин олими аср ва шахси энсиклопедист (ҳамадон) аз худ мероси бузурге боқӣ гузоштааст. Асарҳои ӯро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: а) асарҳо оид ба илми тиб; б) асарҳо оид ба фалсафа ва мантиқ; в) асарҳо

доир ба забон ва адабиёту санъат. Асарҳои тиббии олим «Урҷуза фит-тиб», «Рисола дар бораи набз» ва «Ал-қонун» буда, дар соҳаи фалсафа «Китоб-уш-шифо», «Ишорот», «Донишнома», «Лисон-ул-араб», «Ҳай ибни Яқзон», «Ат-Тайр», «Саломон ва Абсол», «Мақола дар бораи мусиқӣ», «Қасидаи нафс» барин асарҳояш машҳуранд.

Назарияи психологии Ибни Сино дар ду равия мушоҳида мешавад: а) метафизикӣ, ки бо назариёти Арасту ва Афлотун алоқаманданд; б) материалистӣ, ки аз амалияи тиб ва психофииология бармеояд. Бояд қайд кард, ки Ибни Сино таълимоти Арастуро оид ба рӯҳ дар заминаи нави илмӣ, бо дарназардошти дастовардҳои илмҳои табиатшиносӣ ва тиббии замони худ инкишоф додааст. Ӯ мафҳуми «нафс»-ро истифода мебарад ва зери он қобилияти дидан, шунидан ва ламс кардани ҳодисаю ашёро аз ҷониби ҷисми инсон мефаҳмад. Ибни Сино ду таълимотро оид ба нафс кор карда баромад. Таълимоти якум, ки нуқтаи назари духтурро ифода мекунад ва дар «Қонун фит-тиб» оварда шудааст. Ин таълимот моҳиятан материалистӣ мебошад. Таълимоти дуюм функсияҳои психофизиологиро дар бар мегирад.

Ибни Сино (980-1037) баъд аз Гален таълимоти муҳимтарин дар бораи функсияҳои психофизиологиро дошт. Он аз назарияи фалсафии рӯҳ ҷудо карда шуд. Ҳамин тариқ, ӯ гӯё ду психология: табиатан илмӣ ва метафизикӣ дошт. Вай доимо онҳоро ҷудо мекунад ва дар бораи ду нуқтаи назари гуногун дар бораи рӯҳ - тиббӣ (хонед: табиатшиносӣ) ва фалсафӣ сухан мегӯяд. Гузашта аз ин, ӯ бовар дошт, ки нуқтаи назари «Ҷустуҷӯи ҳақиқат» (файласуф) барои табиб лозим нест. Дар робита бо мушкилоти равонӣ, Ибни Сино як навъ мафҳуми «ҳақиқати дугона»-ро ба маънои ҷудо кардани донишҳои фалсафӣ аз табиатшиносӣ дар худи илми дунявӣ таҳия кардааст. Ин равиш имкон дод, ки омӯзиши табиати органикӣ аз таъсири зараровари дин минбаъд ҳифз карда шавад.

Таълимоти фалсафии рӯҳ як навъ «қабати» байни илм ва дин гардид. Он сатҳеро, ки дар он созиши онҳо ба даст оварда мешавад, нишон медод, аммо берун аз он майдони таҳқиқоти ройгон вуҷуд дошт. Ин муқаррарот ба Ибни Сино имкон дод, ки таҳқиқи таҷрибавии далелҳои психофизиологиро таҳия кунад ва ба онҳо тавзеҳоте диҳад, ки бо эътиқод ба ҷовидонагӣ ва ғайримоддии рӯҳ номувофиқ бошанд.

Дар психологияи тиббӣ ӯ ҳамоҳанг сохтани ақидаҳои худро бо салоҳияти гузаштагон, ки аз ҷониби номбурда хеле қадр карда мешуданд, бо замони муосир зарур намешуморид ва ҳамзамононашро бо нуфузи қадимон номатлуб ҳисоб намекард. Нигоҳи ӯ ба таҷриба, амалия, дастовардҳои воқеии тибби шарқӣ, ки дар ин давра зинда монданд ва аз нодонӣ дар Аврупои асрҳои миёна комилан фарқ мекард. Алоқамандӣ бо кори таҷрибавии табиатшиносони шарқӣ аз ҷониби Ибни Сино сахт таълим дода мешуданд.

Дар асоси ду психология Ибни Сино ду таълимотро дар бораи рӯҳ таҳия кард. Таълимоте, ки нуқтаи назари табибро ифода мекунад, дар «Қонун» оварда шудааст. Он дар самти асосии худ материалистист. Фикри вобастагии психика дар маҷмӯъ, ба майна дар «Қонун» устуворона амалӣ карда мешуд. Ибни Сино, инчунин бевосита тарафи аффективии ҳаёти рӯҳиро бо тағйироти ҷисмонӣ пайваст кардааст. Дар ин ҷо ӯ анъанаеро пайравӣ кард, ки дар психофизиология собит аст. Аммо равиши таҳқиқотии ӯ ба аффект бояд комилан нававар ҳисобида шавад. Нақл мекунанд, ки чӣ гуна ӯ тавонист сабаби равонии хастагии ҷисмонии як ҷавонро муайян кунад. Бо ӯ бо як қатор калимаҳо гуфтугӯ кард, ӯ бо тағйир ёфтани набзи худ собит кард, ки кадоме аз онҳо аффектро ба вуҷуд овардааст. Шояд ин аввалин ҳодисаи психодиагностика дар таърихи психология буд ва принсипе, ки он сохта шудааст, озмоиши минбаъдаи ассотсиативӣ, «детектори дурӯғ» ва дигар усулҳои ба ин монандро дар ҷустуҷӯи маҷмааи эмотсионалӣ дар асоси тағйироти таҷрибавӣ дар соҳаи растанӣ пешбинӣ мекунад. Номи Ибни Сино бо психологияи эҳсосоти мустақим алоқаманд аст. Ба ду қӯҷқор ҳамон миқдор ва сифат хӯрок дода мешуд, аммо агар яке аз онҳо дар шароити муқаррарӣ бошад, пас гургро ба дигараш бастанд. Бо вуҷуди ғизохӯрии муқаррарӣ, дувумӣ ба лоғаршавӣ сар кард ва мурд. Маълум нест, ки ба ин таҷриба чӣ гуна тавзеҳ дода шудааст, аммо нақшаи ӯ як таҷрибаи дигар аст, инчунин дарки нақши «бархӯрд»-и эҳсосоти муқобил, дар бораи муносибати минтақавӣ дар пайдоиши тағйироти амиқи соматикӣ сухан мегӯяд.

Гуфтаҳои боло имкон медиҳанд, ки дар таҳқиқоти Ибни Сино рудиментҳои психофизиологияи таҷрибавии ҳолатҳои аффективо бубинанд. Вай инчунин пешрави психофизиологияи марбут ба синну сол буд, ки дар баробари рушди ҷисмонии бадан тағйирёбии хусусиятҳои психологии онро муфассал меомӯхт. Вай ба таълим аҳамияти ҳалкунанда медод. Маҳз тавассути тарбия, ба гуфтаи Ибни Сино, таъсири равонӣ ба сохтори устувори организм амалӣ карда мешавад. Эҳсосоте, ки ҷараёни равандҳои физиологиро тағйир медиҳад, худ ба худ ба вуҷуд намеояд, балки дар натиҷаи таъсири одамони атроф ба кӯдак ба амал меояд. Бо эҷоди эҳсосоти муайян дар ӯ, калонсолон табиати ӯро ташаккул медиҳанд.

Ин ғояҳо ҷузъи пс хологияи тиббии Ибни Сино буданд ва дар якҷоягӣ бо он ӯ як фалсафаро ба миён гузошт, ки дар он таълимоти ҷовидонии рӯҳи наздик ба неоплатонизм ва дигар постулатҳои марбут ба динро дар бар мегирифт. Ибни Сино дар хоҳиши бомуваффақият омӯхтани зуҳуроти рӯҳӣ, танҳо дар ҷаҳони арабзабон набуд, ки табиатшиносони аҷибро пеш овард. Таърихи афкори психологии тоҷик, пеш аз ҳама, бо дини зардуштия ва китоби муқаддаси он «Авесто» алоқаманд аст. Зардуштия динест, ки дар нимаи якуми ҳазораи I-и то мелод дар ҳудуди имрӯзаи Осиёи Миёна ва Афғонистони Шимолӣ пайдо шуда, сипас дар Эрон ва Шарқи Наздик паҳн гардидааст. Зардуштия дар тӯли асрҳо дар натиҷаи тағйири шароити иҷтимоию сиёсӣ ба дигаргуниҳо дучор омад. Аз асри VII сар карда, ислом ҳамчун дини ҳукмрон эълон гардид. Зардуштиён таъқиб карда мешуданд. Як қисми онҳо ба Ҳиндустон фирор карда, ҳоло дар он ҷо бо номи порсҳо ва қисми дигарашон (дар Эрон) бо номи габрҳо машҳуранд. Ҷанбаи асосии ҷаҳонбинии зардуштияро муносибати ахлоқӣ намудан ба олам ташкил медиҳад. Он дар мубориза ду қувваи бо ҳам зидду оштинопазири некӣ ва бадӣ - Ҳурмуз ва Аҳриман зоҳир мегардад. Мурод аз муборизаи ин ду қувва бунёди оламе мебошад, ки инсони некандеш дар он мақсади асосии офариниш маҳсуб меёбад. Дар ниҳоди ҳар як фарди башар қувваи фоилае (нафс ё ақл) мавҷуд аст, ки тавассути он инсон камолоти ҷисмониву маънавӣ ёфта метавонад. Аз ин рӯ, ғояи асосӣ дар Зардуштия ин гуфтори нек, рафтори нек ва пиндори нек аст. Бинобар ин, инсон бояд ҳамаи хислатҳои фосиду разилро аз шахсияти худ дур намояд ва рӯй ба инсони некгуфтор, некрафтор ва некпиндор шудан ниҳад. Аз ин ҷо, барои ҳар ду қувва симоҳои хос таъин шудааст, ки яке Аҳурамаздо (симои некӣ) ва дигарӣ Аҳриман (симои бадӣ) мебошанд. Афкори психологии мутафаккирони тоҷику форс дорои таърихи беш аз ду ҳазорсола мебошад ва он дар баробари ташаккулу инкишофи донишҳои фалсафӣ рушду нумӯъ ёфтааст. Ақидаҳои зардуштия, монавия ва маздакия, ки дар аҳди бостон ривоҷ доштанд, саршор аз маъниҳои фалсафиву психологӣ буданд [4, с. 24].

Аз таҳлили адабиёт (Леонтев А.Н., Хайруллоев М.М., Шоев Н.Н., Ярошевский М.Г.) бармеояд, ки афкори психологӣ дар мутафаккирони тоҷику форс, махсусан дар асрҳои IX-XV-и мелодӣ, яъне дар даврони ҷомеаи феодалӣ бештар имконияти зиёд пайдо кард [5; 7; 9-11]. Ислом ҳамчун дини ҳукмрон дар инкишофи пуравҷи афкори фалсафию психологӣ нақши муайяни худро низ гузоштааст. Мактабҳои пешин сурат ва сирати тозаро мегирифтанд ва ба ташаккулу равияҳои нави фалсафӣ замина мегузоштанд. Ба ин восита, мактабҳои машҳури илмии даҳрия, фалсафаи асҳоби ҳаюло, машоия, калом, тасаввуф, ихвон-ус-сафо, исмоилия ва ғайра арзи вуҷуд намуданд. Минбаъд, ривоҷу равнақи афкори фалсафиву психологии тоҷику форс дар алоқамандии қавӣ бо назариёти фалсафии Ҳиндустон, Хитой ва Юнон сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, афкори психологию педагогии мутафаккирони тоҷику форс дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, дар ташаккули шахсияти насли навраси имрӯза нақши муҳим бозида метавонанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Психология (Дар зери таҳрири Крутецкий В.А.). – Душанбе, 1977.
2. Ярошевский, М. Г. История психологии. – Москва, 1976 .
3. Маҳмудов, Ш.К., Абдурашитов Н. Психологияи омӯзгорӣ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни коллеҷҳо ва мактабҳои олӣ). – Душанбе: Ирфон, 2011.
4. Психология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ (Давлатов М., Юнусова Н.М., Расулов С.Х. ва диг. (Зери тахрирри Давлатов М.). – Душанбе, 2010,
5. Леонтьев, А.Н. Проблемы развития психики. – Москва, 1981.
6. Тезисҳои маърӯзаҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ бахшида ба «Абӯалӣ ибни Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ» (6-7 сентябри 2005). – Душанбе, 2005.
7. Хайруллоев, М.М. Абу Наср ал-Фороби. – М., 1985.
8. Хрестоматия по истории психологии. – М., 1980.
9. Шоев, Н.Н. Психология и педагогика с основами кредитной технологии и активных методов воспитывающего обучения. – Душанбе: Ирфон, 2008.
10. Ярошевский, М.Г. Психология в XX столетии. – М., 1974.


## БА ВУҶУД ОМАДАНИ ҒОЯҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС


Муаллиф дар таълифоти хеш оид ба пайдоиши ғояҳои психологӣ дар таълимоти мутафаккирони тоҷику форс қайд намудааст, ки аз назари олимону файласуфони ҷаҳон дар Шарқ Ибни Сино (Авитсена) ва дар Ғарб Ибни Рушд (Аверроес) эътироф шудааст. Ҳарду олим дар Аврупо шуҳрати беандоза пайдо кардаанд, «Ал-қонун», ки аз ҷониби Ибни Сино таълиф шудааст, дар тӯли панҷ аср дар тамоми мактабҳои тиббии асрҳои миёна ҳамчун воситаи таълимот омӯзонида шудааст. Ибни Рушд дар пайдоиши ҳаракати равонӣ меистад, ки схоластикии аврупоиро халалдор кард ва ба эҷоди тасвири нави ҷаҳон ва инсон оварда

расонд. Аммо, номи ду олими машҳурро номбар карда, набояд фаромӯш кард, ки шумораи зиёди ситорашиносон, ҷуғрофидонҳо, химикҳо, ботаникҳо, табибони Шарқ, ки асарҳояшон (зиёда аз якчанд наслҳо) имкон доданд, ки дар асрҳои минбаъда дар тафаккури илмӣ ғояҳои ҷасурона ва дурахшон ба вуҷуд оваранд.

Бояд қайд кард, ки афкори психологии мутафаккирони тоҷику форс дорои таърихи беш аз ду ҳазорсола мебошад ва он дар баробари ташаккулу инкишофи донишҳои фалсафӣ рушду нумӯъ ёфтааст. Ақидаҳои зардуштия, монавия ва маздакия, ки дар аҳди бостон ривоҷ доштанд, саршор аз маъниҳои фалсафиву психологӣ буданд. Ин аст, ки як зумра олимону файласуфони боистеъдод, монанди Ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Носири Хусрав, Насируддини Тӯсӣ, Закариёи Розӣ, Абдуҳомид Ғаззолӣ, Форобӣ ва дигарон ба майдони илм омаданд ва бо омӯзиши масъалаҳои фалсафию психологӣ машғул шуданд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ғояҳои психологӣ, афкори психологӣ, олимон, файласуфон, таълимоти фалсафӣ, ақидаҳои зардуштия, монавия, маздакия, ташаккул, инкишоф, донишҳои психологӣ.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Шарифзода Шаҳноза Мирзораҳим, унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 905-95-50-50.

## ВОЗНИКНОВЕНИЕ ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ИДЕЙ В УЧЕНИЯХ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

В данной статье автор в отношении возникновения психологических идей в учениях таджикско - персидских мыслителей отмечает, что на взгляд учёных и философов всего мира величайшим гением на Востоке признаётся Ибн Сина (Авиценна), а на Западе - Ибн Рошд (Аверроес). Эти учёные приобрели популярность в Европе. Книга «Аль-Конун», написанная Ибн Сино, в течение пяти веков служила основным учебником во всех средневековых медицинских школах. Ибн Рушд стоит на истоке появления психологического движения. Он разрушил европейскую схоластику и создал новое списание мира и человека.

Однако, ведя речь о двух величайших гениях, не стоит забывать, что были и другие великие астрономы, географы, химики, ботаники, лекари на Востоке, которые в течение несколько веков создали новую научную мысль.

Следует отметить, что психологическая мысль таджикско - персидских мыслителей имеет более двухтысячную историю и процветала наравнее с формированием и развитием философских знаний. Зороастрийские, монахейские и маздакитские взгляды развивались в глубокой древности имели ярко выраженный философско- психологический характер. Поэтому на арену науки появились такие учёные-философы, как Ибн Сино, Абурайхон Бируни, Носир Хусрав, Насриддин Туси, Закариё Рози, Абдухамид Газали, Фороби и другие, которые занимались изучением философских и психологических проблем.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: психологические идеи, психологические взгляды, учёные, философы, философские учения, зороастризм, манахеизм и маздакитские взгляды, формирование, развитие, психологические знания.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Шарифзода Шахноза Мирзорахим, соискатель кафедры педагогики и психологии начального обучения Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 905-95-50-50.

## THE APPEARANCE OF PSYCHOLOGICAL IDEAS IN THE TEACHINGS TAJIK-PERSIAN THINKERS

In this article, the author, regarding the emergence of psychological ideas in the teachings of Tajik - Persian thinkers, notes that, in the opinion of scientists and philosophers of the whole world, Ibn Sina (Avicenna) is recognized as the greatest genius in the East, and Ibn Roshd (Averroes) in the West. These scientists gained popularity in Europe. Al-Konun, written by Ibn Sina, served as the main textbook in all medieval medical schools for five centuries. Ibn Rushd stands at the origin of the emergence of the psychological movement. He destroyed European scholasticism and created a new cancellation of the world and man.

However, speaking about the two greatest geniuses, one should not forget that there were other great astronomers, geographers, chemists, botanists, and healers in the East who, over the course of several centuries, created a new scientific thought.

It should be noted that the psychological thought of Tajik - Persian thinkers has more than two thousand years of history and flourished on a par with the formation and development of philosophical knowledge. Zoroastrian, monastic and Mazdakite views developed in ancient times and had a pronounced philosophical and psychological character. Therefore, such scientists-philosophers as Ibn Sino, Aburaikhon Biruni, Nosir Khusrav, Nasriddin Tusi, Zakaryo Rosi, Abdukhamid Ghazali, Forobi and others, who studied philosophical and psychological problems, appeared on the arena of science.

**KEY WORDS:** psychological ideas, Tajik-Persian, psychological views, scientists, philosophers, philosophical teachings, Zoroastrian, Manachean and Mazdakite views, formation, development, psychological knowledge.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Sharifzoda Shahnoza Mirzorahim, applicant of the department of pedagogy and psychology of primary education of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 905-95-50-50.

# НАҚШИ КАЛИДИИ КОРИ ГУРУҲӢ ДАР ТАЪЛИМ

Пайшанбиева Х.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Доир ба масъалаҳои моҳияти тарбиявӣ ва психологии кори гуруҳӣ олимон ва педагогҳои барҷаста Н.К. Крупская [3, с. 198-199], А.С. Макаренко, [5, с. 349], С.Т. Шатский [10, с. 55], [9, с. 323] В.А. Сухомлинский ибрози ақида намудаанд.

Ба ақидаҳои назариявии олимони соҳаи педагогика гурӯҳбандӣ ва кори гурӯҳӣ воситаи асосӣ ва ягонаи тарбияи маънавии насли наврас мебошад. Аз ин ҷиҳат, дар синф ташкил намудани гурӯҳи талабагони тифоқу муттаҳид, идеяноку мақсаднок ва дорои афкори дурусти ҷамъиятӣ вазифаи муҳимми омӯзгор мебошад. Бахри ин мақсад гурӯҳро аз ҷиҳати педагогию психологӣ омӯхтан лозим аст. Ба ақидаи педагоги барҷаста Н.К. Крупская - гурӯҳ муфидтарин шаклу воситаи тарбия ба шумор меравад. Ӯ қайд мекунад, ки дар ҷараёни педагогӣ бояд малакаи барқарор кардани кору зиндагии дӯстона, асосан ёрӣ расондан ба онҳое, ки қобилияти пасти фикрӣ доранд. ба заҳмати онҳо диққат додан ва меҳнату таълими онҳоро ҳурмат кардан даркор аст [3, с. 265].

Аз ин рӯ, омӯзиши гурӯҳбандӣ ва кори гурӯҳӣ яке аз мавзӯъҳоест, ки диққати педагогҳоро ба худ ҷалб намудааст. Аз як тараф, ин шакл агар навгонӣ бошад, аз тарафи дигар, он дар таҷрибаи педагогии бисёр муаллимони даврони пеш истифода бурда мешуд.

Аксарияти омӯзгорони пешқадам ҳангоми гирифтани кори контролӣ, нақли хаттӣ, иншо хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо мекарданд. Педагоги бузурги шӯравӣ В.А. Сухомлинский менависад: «Аз ҳама чизи хавфнок ин беҳуда гузаронидани 6 соат дар паси парта, беҳуда гузаронидани вақт дар як ҳафта, дар як моҳ ва як сол мебошад. Ҳол он, ки ин зинаи синну сол барои инкишофи фикрию ҷисмонии кӯдак хеле мувофиқ мебошад» [9].

Олимони соҳаи равоншиносӣ Я.Л. Коломинский [2, с. 291] А.В. Петровский [7, с. 136], Крутетский В.А. [4, с. 50] ва дигарон бо як катор қонуниятҳои иҷтимоию психологӣ асос ёфтани коллективи мактаббачагонро ошкор намуданд, ки бе донистани онҳо ташкили гурӯҳи тифоқу муташаккил дар мактаб имконнопазир аст.

Алоқаи илми педагогика ва равоншиносӣ оид ба ин мавзӯъ тақозо дорад, ки гурӯҳро ҳамчун шакли олии гурӯҳи муташаккил дида бароем.

Хонандагон танҳо дар гурӯҳ ва шаклгирии муносибатҳои дӯстӣ, рафоқат, бародарӣ, баробарӣ, ёрии байниҳамӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ соҳиби таҷрибаи муайян мегарданд.

Кори гурӯҳи хонандагони ин ё он синф ба ташаккули сифатҳои зерини шахсият, аз қабили ростқавлӣ, ҷиддият, устуворӣ, худдорӣ ва суботкорӣ таъсири мусбат мерасонанд.

Ташкил ва истифодаи кори гурӯҳӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таълиму тарбия аз омӯзгор донистани психологияи синнусолӣ ва педагогиро талаб мекунад.

К.Д. Ушинский дар ин хусус навишта буд: «Барои бомуваффақият таълим додану тарбия намудани бачаҳо, онҳоро аз ҳар ҷиҳат нағз донистан лозим аст» [8]. Дар ҷараёни таълиму тарбия ба муаллим лозим меояд, ки натанҳо бо як ё ду хонанда, балки бо аҳли синф муносибат намояд ва аз ин ҷиҳат, ӯ бояд хуб донад, ки як хонанда аз хонандаи дигар бо кадом хусусиятҳои психологӣ фарқ мекунад ва қобилияти маърифатӣ, шавқу ҳавас, майлу хоҳиши ӯ чӣ гуна аст. Ба хонанда чӣ гуна хислат, мизоҷ, қобилият, истеъдод ҳиссиёту ирода ва шавқу ҳаваси маърифатӣ хос аст. Асоси сабабҳои сустхонӣ ва ё хубхонии хонанда дар чӣ ифода меёбад. Кадом омилҳо ба хонишу давомоти хонандагон таъсир мерасонад. Дар ин бобат мушкилоти кори омӯзгорро қобилияти персептивӣ осон мегардонад. Тавассути қобилияти персептивӣ, ки онро мушоҳидаи педагогӣ низ меноманд, муаллим аз ҷиҳати зоҳирии хонандагон вазъи ботинӣ ва хусусиятҳои онҳоро муайян мекунад. Барои ин қобилияти персептивиро бе ҷоришавии диққату диққатнокӣ тасаввур кардан мумкин нест. Муаллим ба тағйироте, ки дар ҷиҳати зоҳирии хонанда ба амал меояд бо зеҳни тез нигоҳ карда, огоҳ шавад ва дар ҷараёни таълиму тарбия онро ба ҳисоб гирад.

Тағйироте, ки дар ҷомеаи муосир ба вуҷуд омаданд, боиси дигаргун шудани мундариҷаи маълумот гардиданд. Беҳбудии системаи таълиму тарбия навигариро талаб мекунад. Дар солҳои охир шавқу ҳаваси хонандагон нисбат ба таълим суст шуда, ҳалли ин масъала роҳу усулҳои фаъоли таълимро талаб мекунад. Яке аз роҳҳои бедоркунии фаъолияти хонандагон истифодаи шаклҳои кори гуруҳӣ дар дарсҳо, махсусан дар мактабҳои ибтидоӣ мебошад. Таҳсилот дар зинаҳои аввали таълим чӣ қадаре ки бунёдӣ бошад, рушди босифати онҳо дар зинаҳои минбаъда ҳамон қадар дарсро шавқовар мегардонад. Маводи таълимӣ дар зинаи ибтидоӣ бояд мушаххасу шавқовар ва ибратомӯз бошад, дар хонандагон малакаи худшиносию худогоҳиро таъмин намояд. Мустақилона ҷустуҷӯ намуданро дар ҳамин синну сол ба онҳо бояд омӯзонд.

Педагогҳои барҷаста М.И. Калинин [6, с. 291], Крупская Н.К., [3, с. 265] , Макаренко А.С. [5, с. 349], Шатский С.Т. [10, с. 55], Сухомлинский В.А. [9, с. 490-491] масъалаҳои назариявӣ ва амалии гурӯҳбандӣ ва кори гурӯҳиро ба таври муфассал ва амиқ кор карда баромаданд.

Ман кӯшиш ба харҷ додам, ки назарияи олимонро роҷеь ба масъалаи кори гурӯҳӣ дар амалия истифода намоям.

Дар ҷараёни фаъолияти педагогиам бо донишҷӯёни курси дуюми факултети математика кори гурӯҳӣ гузаронидам. Дар рафти дарси амалӣ донишҷӯёнро ба гурӯҳҳо ҷудо намудам. Ҳар як гурӯҳ баҳри ғолиб баромадан саъю кӯшиш менамуданд. Дар байни аъзои гурӯҳҳо донишҷӯёни фаъоле ёфт шуданд, ки ба навоварӣ ва эҷодкорӣ машғул шудаанд. Яке аз чунин донишҷӯён Қадамов С. Мисолҳои зеринро тартиб дода, ба гурӯҳи дигар барои ҳал пешниҳод намуд:




$2^x = 128 x = 7;$

$\sqrt[3]{6859} = 19;$

$\frac{\partial z}{\partial x} = (22x+1)'_x = 22;\ 4{,}8 \cdot 4 + 3{,}8 = 23.$

$9^{log_9 11} = 11;$




*AB=5 см ва BC=6 см.*

$P = 2(a+b) = 2(5+6) = 22;\ \sqrt{7 \cdot 3 \cdot 21} = 21$см;

*AB=4 см, BC=5 см, AC=8 см* $P = a + b + c = 4 + 5 + 8 = 17$ см;

$\sqrt{287+74} = 19;\ 4! + 3! + 3! - 1! = 35;\ 23 * 1000^0 = 23;\ \sqrt{5!+1} = 11.$

Баъди ҳалли мисолҳо донишҷӯён ҷавобҳои мисолҳои додашударо тариқи рақамгузории алифбои забони тоҷикӣ ёфта, калимаеро пайдо карданд, ки ба педагогика тааллуқ дорад. Донишҷӯён рақами 23, ки дар алифбои забони тоҷикӣ ҳарфи т, рақами 11 – ҳарфи и, рақами 7 бо ҳарфи е, рақами 19 бо ҳарфи о, рақами 21 бо ҳарфи р, рақами 17 бо ҳарфи м, рақами 35 бо ҳарфи я, рақами 22 бо ҳарфи с ёфта, ҳарфҳои с, т, и, е, о, р, м, и, о, я, с, т-ро пайдо карданд. Ҳарфҳоро ҷо ба ҷо гузошта калимаи сотсиометрияро ҳосил намуданд. Сотсиометрия як методи тадқиқотии педагогика буда, муносибатҳои байнишахсиро меомӯзад. Дар баробари ёфтани калима дар бораи он маълумот доданд. Тавассути ин усул фанни математикаро бо фанни педагогика алоқаманд намуданд.

Кори гуруҳӣ яке аз шаклҳои пурмаҳсули ташкили таълим буда, хонандагон дар рафти он тарзи ҳамкориро ёд мегиранд. Кори гурӯҳӣ дар дарс диққати хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муаллими дарсдиҳандаро ҷалб мекунад. Аввалан, ҳангоми ташкил намудани корҳои гуруҳӣ ба бисёр душвориҳо (ғалоғула, якҷоя кор накардан, суръати пасти дарс) дучор шудан мумкин аст. Сабабҳои асосии баҳодиҳии нодуруст ҳангоми кори гуруҳӣ дар дарс, пай дар пай нагузаронидани дарс мебошад.

Истифодаи кори гурӯҳӣ чунин ҷиҳатҳои мусбат дорад:

1. Дар дарси анъанавӣ барои ҳар як хонанда тахминан 2 дақиқа вақт мерасад, ки ин ниҳоят кам аст;

2. Дар ҷараёни гурӯҳбандӣ ҳамаи хонандагон новобаста аз қобилияташон фаъолона иштирок менамоянд.

Кори гурӯҳӣ ва гурӯҳбандиро омӯзгор метавонад, дар ҳамаи лаҳзаҳои дарс истифода намояд. Лекин ташкили кори гурӯҳӣ ва гурӯҳбандӣ тайёрии пешакии омӯзгор ва қобилияту маҳорати хуби педагогиро талаб мекунад.

Ҳангоми ташкили кори гурӯҳӣ шартҳои зеринро талаб кардан даркор нест:

1. Хомӯшии мутлақ, зеро ки хонандагон бояд байни худ мубодилаи афкор намоянд;

2. Дар синф бояд ишорати шартӣ истифода шавад (зангӯлача);

3. Натичаҳои босуръатро интизор шудан лозим нест, ҳама чиз бояд аввал аз худ карда шавад;

4. То даме, ки шаклҳои содатирини муошират кор карда нашудаанд, ба кори мураккабтар гузаштан ҷоиз нест.

Дидакти намоёни рус Данилов навиштааст: «Ҳангоми кори гурӯҳӣ хонандагон аз фоидаи нақшаи якҷоякоркунӣ, тақсими вазифаҳо ва муносибати байниҳамдигарӣ дар таҷрибаи шахсии худ қаноатманд мегарданд. Ҳар як аъзои гурӯҳ барои пешрафти гурӯҳ ва кори коллектив худро масъул мешуморад» [11].

Гурӯҳбандӣ ва кори гурӯҳӣ дар хонандагон хислатҳои зеринро тарбия менамояд:

1. Муносибати хуби хонандагон нисбат ба ҳамдигар;

2. Инкишоф ва тарбия намудани маҳорати ташкил карда тавонистани баҳсу мунозираҳо;

3. Ёрирасонӣ ба хонандагоне, ки дорои мизоҷи меланхоликӣ буда, худашон намехоҳанд ба кори умумии гурӯҳ иштирок кунанд;

4. Ҳар як хонанда метавонад қувваю тавоноии худро нишон диҳад;

5. Ҳар як хонанда барои пешравии гурӯҳи худ худро маъсул мешуморад;

6. Ҳамаи аъзои гурӯҳ ҳуқуқ дорад, ки фикру ақидаи худро оид ба мавзӯъ баён намоянд;

7. Ҳавасмандии хонандагонро меафзояд;

8. Нутқи даҳонии хонандагон инкишоф меёбад;

9. Вақт самаранок истифода мешавад;

10. Кор бо хонандагони қобилияти гуногундошта осон мешавад;

11. Мавод самаранок истифода бурда мешаванд;

12. Ба хонандагон имконият медиҳад, ки чизи омӯхтааашонро дар амал татбиқ намоянд.

Гурӯҳбандӣ ва кори гурӯҳӣ барои инкишофи ҳаматарафаи хонандагон аҳамият дошта, бисёр хислатҳои муфид, ба монанди ҳисси коллективизм, масъулиятнокӣ, ёрирасонӣ, ба эътибор гирифтани фикру ақидаи дигарон ва ғайраро дар шахсияти онҳо инкишоф медиҳад.

Аз тарафи дигар, ин кор қобилияти хуби ташкилотчигӣ ва тақсимоти диққатро талаб мекунад. Ба воситаи қобилияти ташкилотчигӣ муаллим гурӯҳи дӯсту тифоқи хонандагонро ташкил намуда, барои инкишофи минбаъдаи он роҳу воситаҳои нави заруриро ҷустуҷӯ менамояд. Қобилияти тақсимоти диққат бошад, ба омӯзгор имконият медиҳад, ки ӯ фаъолияти психикиашро ба ду ё якчанд мақсад ё предмет равона карда тавонад. Дар ташкили кори гурӯҳӣ низ тақсими диққат хеле муҳим мебошад.

Мувофиқи таҳқиқи мавзӯи кори гурӯҳӣ дар рафти дарс бо донишҷӯён, донишҷӯи дигар ребусҳоро тартиб дода, ба гурӯҳҳои дигар барои ёфтан пешниҳод менамуд. Ӯ расми ароба ва даҳонро дар коғази сафед кашида, ба донишҷӯён нишон дод. Ба донишҷӯён супориш дод, ки аз расми аввал, яъне ароба се ҳарфи аввал ва аз расми дуюм яъне даҳон ду ҳарфи аввал ва ҳарфи охирон партофта калимаеро ҳосил намоянд, ки ба педагогика умумият дорад. Донишҷӯён ин калимаро ёфтанд, ки он калима баҳо буд. Дар баробари ин, дар бораи баҳо ва баҳогузорӣ, аҳамияти баҳогузорӣ маълумот доданд.

Пас аз истифодаи кори гурӯҳӣ дар дарс ба чунин хулоса омадам, ки шавқу ҳаваси донишҷӯён нисбат ба фанни педагогика афзун гардид. Ғайр аз ин, аз истифодаи ин усули таълим изтиробнокии донишҷӯён паст гардида, ҳолати рӯҳии синфхона беҳтар гардид. Тавассути ин усул донишҷӯён маҳорати гӯш кардан ва кор кардан дар гурӯҳро пайдо карданд.

Нақши омӯзгор дар вақти ташкили гурӯҳбандӣ хеле муҳим аст. Ӯ бояд пешакӣ бо кадом гурӯҳ зиёдтар кор карданро муайян кунад. Вақте ки муаллим бо гурӯҳи интихобшуда кор мекунад, пеш аз ин, як бор пеши гурӯҳи дигар рафта, мебинад, ки оё онҳо супоришро фаҳмиданд. Яъне омӯзгор инро дар вақти таҳияи нақшаи дарс муайян мекунад. Одатан дар кори гурӯҳӣ мусобиқа вуҷуд дорад, чунки ҳар як гурӯҳ беҳбудии кори худро мехоҳанд ва ҳамин тавр, ҳавасмандӣ ба вуҷуд меояд.

Кори гурӯҳӣ бояд дар синфҳои якум ва дуюм 9-10 дақиқаро ташкил диҳад ва дар синфҳои сеюм ва чорум 15-20 дақиқаро ташкил намояд.

Пеш аз гузаронидани кори гуруҳӣ шартҳои зеринро ба хонандагон маълум кардан даркор аст:

1. Дар гурӯҳ хайрхоҳона ва оромона муносибат намудан даркор аст, чунки шумо як гурӯҳ ҳастед;

2. Дар кори гурӯҳ бетарафӣ накунед, фаъолият нишон диҳед;

3. Беибо баён намудани фикру ақидаи худ;

4. Оромона кор кардан ва фикру ақидаи аъзои дигари гурӯҳро ба эътибор гирифтан;

5. Бештар фикр кардан, ба умеди дигар кас нашудан;

6. Дар назди тахтаи синф фикри худро бурро, равшан, сода баён намудан;

7. Дар мавриди ҷавоби нодуруст ягон касро аз гурӯҳ айбдор накардан, чунки ҳар кас ҳуқуқи хато карданро дорад;

8. Аз байни аъзои гурӯҳ шахсе сарвар интихоб шавад, ки гурӯҳро муаррифӣ карда тавонад.

**АДАБИЁТ:**


1. Афзалов Х.С., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи точик. – Душанбе, 1994. – 192 с.
2. Коломинский Я.Л. Психология. – Москва, 1976. – 360 с.
3. Крупская Н. К. Педагогическая сочинения. Т. 3. – Москва, 1959. – 798 с.
4. Крутетский В.А. Психология. – Москва, 1986. – 352 с.
5. Макаренко А.С. Педагогика. – Москва, 1990. – 415 с.
6. Мустафоқулов Т., Нарзуллоева М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. – Кулоб, 1999. – 291 с.
7. Петровский А.В. Общая психология. Под. ред. А.В. Петровского. – М.: Просвещение 1976. – 479 с.
8. Ушинский К.Д. Маҷмӯи асарҳо. Ҷилди 6. – М-Л.: Нашриёти АФП РСФСР, 1949. – 449 с.
9. Сухомлинский В.А. Ҷонам – фидои тифлон. – Москва, 1969. – 288 с.
10. Шатский С.Т. Педагогические сочинения. Т 2. – Москва, 1964. – 416 с.
11. Данилов М.А. Роль начального обучения в умственном и нравственном развитии человека. – Москва, 1947.

**НАҚШИ КАЛИДИИ КОРИ ГУРӮҲӢ ДАР ТАЪЛИМ**

Ташкил намудани кори гурӯҳӣ дар таълими синфҳои ибтидоӣ фаъолияти актуалии таҳқиқоти педагогӣ ва психологӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон на ҳамаи паҳлуҳои ин масъала мавриди тадқиқот қарор гирифтааст. Ин мақола ба ташкил намудани нозукиҳои асосии таълим дар синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Дар маымӯъ мақола аз аввал то охир бо мисолҳои педагогӣ ва психологӣ таҳлил гардида, муҳиммияти ин мисолҳо дар тадриси синфҳои ибтидоӣ таъкид гардидааст, ки ба фоидаи кору фаъолияти омӯзгор буда, самаранокии таълимро низ баланд мебардорад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** фаъолияти корӣ**,** мундариҷаи кори таълимӣ, мазмуни кори таълим, ташкил намудани асосҳои маҳорати психологӣ дар таълим.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Пайшанбиева Холиса, муаллими калони кафедраи педагогика ва равоншиносии Донишгоҳи давлатии Хорӯғ ба номи М. Назаршоев. Тел.: (+992) 501-84-15-29.

**КЛЮЧЕВАЯ РОЛЬ ГРУППОВОЙ РАБОТЫ В ОБУЧЕНИИИ**

Проблема организации и формирования групповой учебной деятельности младших школьников является актуальной в психолого-педагогических исследованиях, так как не все аспекты данной проблеми стали предметом исследования. Данная статья посвящена рассмотрению педагогических особенностей организации групповой учебной деятельности младших школьников. В целом статӣя иллюстрируется обеспечивается педагогическими и психологическими примерами, которые занимают важное место в проқессе обучения.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: учебная деятельность, содержание учебного предмета, учебная задача, психологические особенности организации и формирования учебной деятельности.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Пайшанбиева Холиса, ст. преподаватель кафедры педагогики и психологии Хорогского государственного университета имени М. Назаршоева. Тел.: (+992) 501-84-15-29.

**THE KEY ROLE GROUP WORK IN EDUCATION**

The problem of organizing and shaping the educational activities of primary schoolchildren is relevant in psychological and pedagogical research, since not all aspects of this problem have become the subject of research. This article is devoted to the consideration of the pedagogical features of the organization of educational activities of primary schoolchildren. On the whole, this entire study is first to the end provided with pedagogical and psychological examples that occupy an important place in teaching.

**KEY WORDS:** learning activities, countent of teaching subject, situation of learning, psychological specifics of organization and formation of learning activities of junior schoolchildren.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Payschanbieva Kholisa, senior teacher of department of pedagogical and psychological of the Khorog State University named after M. Nazarshoyev. Phone: (+992) 501-84-15-29.

## ТАКМИЛИ СИФАТҲОИ ШАХСӢ ВА КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ

Абдухалилова Н.Р.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Солҳои охир тезутунд шудани зиддиятҳои маданӣ-маънавӣ, дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодие, ки дар ҷумҳурӣ рух медиҳанд, як қатор чораҳои ҳал намудани вазифаҳои муҳимми сохтмони давлатдории муосирро тақозо мекунанд, бар замми ин, дар қатори онҳо авлавиятноктарини он дар ин самт тарбияи насли нав маҳсуб меёбад ва ин танҳо тавассути низоми нави таҳсилот амалӣ мегардад.

Бинобар ин, дар ҷараёни ташаккули шахсияти кӯдак, шаҳрвандиояндаи мамлакат, дар тамоми зинаҳои таҳсилот масъулияти асосӣ ба дӯши мактаби миёна гузошта мешавад. Ин кор зина ба зина сурат мегирад. Қобили зикр аст, ки дар густариши психологӣ ва шахсии кӯдакон дар зинаҳои дуюм ва сеюми таълими мактаби миёна мавқеи имкониятҳои функсионалии синфҳои ибтидоӣ ниҳоят назаррас аст.

*Синфи 1-4.* Фаъолияти касбии омӯзгорро мутахассисони соҳаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ ҳаматарафа омӯхта, ба хулосае омадаанд, ки муаллими синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули шахсияти талабагони синфҳои ибтидоӣ нақши масъулиятнок дошта бошад. Гузариш аз синну соли томактабӣ ба мактабӣ, ки дар ин давра тағйирёбии муносибатҳои шахсӣ бо атрофи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, талаба бо воқеият рӯ ба рӯ мешавад. Қабули талабагон ба мактаб ва рӯ ба рӯ шудани онҳо бо мавқеи нави иҷтимоӣ, яъне мавқеи талаба дар шиносоӣ бо доираҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои ҷадиди вай дар мувофиқа бо реҷаи рӯз, ки яке аз марҳалаи душвор маҳсуб меёбаду хеле пурихтилофу зудтағйир дар ҳаёти ӯ ба шумор меравад, зина ба зина ва тадриҷан оғоз меёбад.

Аз ин рӯ, то кадом андоза кумаки омӯзгори касбӣ мураттаб, бомаҳорат бошад, хонандаи синфи як ҳамон қадар ба низоми ҳаёти мактабӣ ворид шуда, самаранокии фаъолияти таълимии ӯ ба пояи баланд мебароянд.

Нақши муаллими синфҳои ибтидоиро дар раванди таълим таъкид карда, бояд зикр намуд, ки агар дар гузашта нақши омӯзгор асосан ба таълими донишҳои фаннӣ ва ташаккули маҳорату малакаҳои одӣ равона шуда буд, имрӯз бошад, вазифаҳои он бамаротиб васеъ шудааст. Вай хусусияти бисёрзинагиро касб карда, ба омӯзгор дар зинаи поёнӣ имкон медиҳад, ки якбора вазифаҳои таълиму тарбиядиҳанда, ташкилотчию хушмуомила бо кӯдакон, волидон, ҳамкорон ва муҳаққиқони раванди таълиму тарбияи соҳаи таҳсилот бошад.

Ба намудҳои асосии фаъолияти касбии муаллими синфҳои ибтидоӣ рӯ оварем, мебинем, ки ҳар яки он ба хусусияти хоси мақсадҳо, вазифаҳо, методҳо, воситаҳо ва шаклҳои корҳои мактаби ибтидоӣ вобастагӣ дошта, аз хусусиятҳои инкишофи рӯҳӣ ва шахсии хонандагони синни хурди мактабӣ маншаъ мегирад.

Инак, фаъолияти педагогии муаллими синфҳои ибтидоӣ аз омӯзгори зинаи дуюм ва сеюми таҳсилот бо он фарқ мекунад, ки на як фанни таълимӣ, балки ба тадриси фанҳои гуногун, серсоҳа - математикӣ, гуманитарӣ, табиатшиносӣ, бадеӣ-эстетикӣ машғул аст. Ин мувофиқи назари як қатор олимони соҳа К.А. Евстафева, Д.Ф. Николенко, М. Лутфуллоев, И.Абдуллоев ва дигарон, аз муаллими синфи ибтидоӣ қобилияти баланди таълимӣ, ҷаҳонбинии васеъ талаб талаб карда мешавад. Зеро маҳз, ба дӯши омӯзгори синфҳои ибтидоӣ вазифаи ёд додани ҳисоб, ҳаракатҳои математикӣ, тарзи навишт, хониш, кушодани ҷаҳонбинии инсон, ҷамъият, табиат ва санъат меистад.

Муаллими синфҳои ибтидоӣ фаъолияти касбии худро дар амалия татбиқ карда, бояд аз хотир набарорад, ки самаранокии фаъолияти ӯ дар раванди таълиму тарбия бо хуб азхудкунии хонандагон ва хусусиятҳои инкишофи соҳаи маърифатӣ ва шахсии кӯдакони ин синну сол баҳо дода мешавад. Зеро дар раванди ғайриихтиёрии маърифатии талабагони хурдсол муаллим дар рафти таълим ба диққат додану таваҷҷуҳи онҳо ба дарсҳо ҷоиз аст, ки бештар аҳамият диҳад. Махсусан бо роҳи интихоби босуръат ва мақсаднок гузаронидани машғулиятҳо, муайян кардани пайдарпайии пешниҳоди лаҳзаҳои дарс, аҳамияти амалии онҳо, тарзи иҷрои корҳои фардӣ, гурӯҳӣ ва ғайра аз ҷузъҳои ин раванд маҳсуб меёбанд.

Зиёда аз ин, барои фаъол намудани маърифати хонандагон дар дарс истифодаи як қатор методҳои таълимӣ, аз ҷумла, ҳикоягӯйӣ, мусоҳибаҳо, суҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳӣ ва амсоли ин; васоити аёнӣ ва техникӣ, слайдҳо, тахтаи электронӣ, наворҳои марбути мавзӯъҳои қаблан омӯхташуда, машғулиятҳои ҷудогонаи амалӣ, машқҳои амалии шифоҳӣ ва хаттӣ, ки ба инкишофи тасаввурот оид ба мафҳумҳои илмӣ ва ҳодисаҳои воқеӣ бо хонандагон меистад.

Барои муайян кардани сифат ва самаранокии таҳсилот дар синфҳои ибтидоӣ мо бо методҳои гуногуну бозиҳои дидактикии таълимӣ бештар назар кардем. Ба ин гуфтаҳо тақвият бахшида, аз нуқтаи назари педагог ва методисти машҳур А.Я. Савченко иқтибосеро меорем, ки бағоят бамаврид аст: «... Кӯдакон хеле хуб ва бо рағбати зиёд ва бе душворӣ маънии калима ва ҷумлаҳоро бо ёрии бозиҳои таълимӣ зуд аз худ мекунанд» [8].

Педагоги шинохта Ш.А. Амонашвили сифатҳои фардӣ ва психологии муаллими синфҳои ибтидоиро омӯхта, ба хулосае омад, ки омӯзгор бояд самимӣ, хайрхоҳ, меҳрубон, ҳақиқӣ, кушода, боэҳтиром ва ба манфиати ҳамаи арзишҳои хонандагон бошад [1].

Сифатҳои гуногуни шахсӣ ва касбии муаллими синфҳои ибтидоӣ дар таҳқиқоти олимони шинохта С.С. Ермаков, Г.К. Брил, М. Лутфуллоев, А.И. Зимней, А.А. Острянская, Ф. Шарифзода, И. Абдуллоев ва дигарон борҳо ба таври возеҳ ба таҳқиқ гирифта шудааст.

Дар кори илмии худ К.О. Евстафева [2, с. 128] сохтори сифатҳои касбии муаллими синфҳои ибтидоӣ ва зарурати дар вай инкишоф додани ботамкинӣ ва пуртоқатиро ҳадафи таҳлили худ қарор додааст. Дар муошират бо кӯдакони хурде, ки аз сабаби дар онҳо набудани таҷриба на ҳама вақт қоидаҳои муқарраргаштаро риоя мекунанд ва майл ба шӯхиву бозӣ доранд, омӯзгор пайваста бояд ботамкин бошад.

Ба ин гуфтаҳо такя карда, суханони хотирмони Г.К. Брилро ёдрас мешавем, ки дар ин бобат гуфта буд: «... Хусусияти фаъолияти педагогии муаллими синфҳои ибтидоӣ ҳамеша бо лаҳзаҳои иртиботӣ рӯ ба рӯ меояд, аз вай нишон додани сифатҳоеро талаб мекунад, ки ба ҳамкории самаранокии ҳамкорамон аз лиҳози шахсиятӣ мусоидат кунад» [3, с. 17].

С.А. Литвиненко муоширати педагогиро «... яке аз шаклҳои ҳамкории муаллими синфҳои ибтидоӣ бо иштирокчиёни раванди корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, махсусан, бо падару модарони кӯдакон шуморида, як қатор нақшҳое, ки ӯ дар ҳамкорӣ бо волидайн иҷро мекунад, арзишманд меҳисобад» [4, с. 443]

Ҳамкории муаллимон бо волидайнро таҳқиқ карда, А.А. Острянская [5, с. 281] дар қатори вазифаҳои аввалиндараҷаи фаъолияти он волидайнеро, ки соҳибмаълумотанд, реҷаи рӯзи кӯдаконро, бехабар аз худи кӯдак, тартиб додан зарур мешуморад.

Л.А. Хомич [6, с. 443] ба масъалаи маълумоти психологӣ ва педагогии падару модар дахл карда, шиносоии мақсадноки аъзои оилаи синфи якумро бо дараҷаи камолоти мактабии кӯдак пешниҳод мекунад, зеро тасаввуроти дастаҷамъӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва дигар (зеҳнӣ, шахсӣ, ҷамъиятӣ, психологӣ), омодагии рӯҳии кӯдак дар мактаб, ба пешгӯӣ кардани муваффақияти он дар таълим ва тарбияи хурдсолон мусоидат мекунад.

Дар таҳқиқоти О.И. Киличенко [7, с. 222] роҷеъ ба аҳамият додани омӯзгорон ба ташаккули қобилияти ҳамкорӣ бо волидайни кӯдак изҳори назар шудааст, зеро ҳамкории фаъол бо падару модари кӯдакон ба таври мусбат ба натиҷаи таълими хонандагон таъсир мерасонад. Омӯзгор дар ҳамкорӣ бо волидайн омодагӣ дида, корҳои фардӣ ва коллективии вай бояд хайрхоҳона бошанд, бо барқарор шудани ҳамкории мақсаднок аз рӯйи нақшаи таҳқиқшаванда ва бонизом байни падарону модарон ёрӣ расонад, то ки талаботи педагогӣ нисбат ба хонандагон аз ҷониби мактабу оила фароҳам гардад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили асарҳои илмӣ сифатҳои фаъолияти касбии муаллимони синфҳои ибтидоӣ, ки ба омӯзиши силсилаи фанҳои гуногуни математикӣ, табиатшиносӣ, бадеӣ, зебоиписандӣ, ҳамкории қавии муаллими синфҳои ибтидоӣ бо волидон сурат мегирад, дар давраи мутобиқшавии талабагон ба ҳаёти мактабӣ ниҳоят зарур аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Амонашвили, Ш.А. Здравствуйте, дети! / Ш.А. Амонашвили. – М.: Просвещение, 1988. – 208 с.
2. Евстафьева, Е.А. Самооценка студентов педагогических училищ как фактор их профессионального самоопределения, 19.00.07. – К., 1997. – 188 с.
3. Брыль Г. Имидж современного учителя начальных классов // Электронный рессурс: режим доступно; 11.06.2020.
4. Литвиненко С.А. Теоретико-методическая основа подготовки будущих учителей начальных классов к социально-педагогической деятельности. – М., 2005. – 443 с.
5. Острянская О.А. Формирования комплексных педагогических умений будущих учителей начальных классов. // Политика, 2002. – 281 с.
6. Хомич Л.А. Система психолого-педагогической подготовки учителя начальных классов. – К., 2009. – 443 с.
7. Киличенко О.И. Подготовка будущего учителя к педагогическому взаимодействию с учащимися младшего школьного возраста. – Иваново-Франковск», 1997. – 222 с.
8. Савченко, А.Я. Дидактика начальной школы: учебник для вузов / А.Я. Савченко. – Киев: Генезис, 2002. – 368 с.


## ТАКМИЛИ СИФАТҲОИ ШАХСӢ ВА КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ


Дар мақола хусусиятҳои психологӣ ва педагогии фаъолияти касбии муаллими синфҳои ибтидоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлили натиҷаҳои адабиёти илмӣ нишон додааст, ки хусусиятҳои фарқкунандаи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ аз зинаҳои фаъолияти муаллимони фаннии мактаби миёна аз он иборат аст, ки онҳо якум, ба омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ, бадеӣ-гуманитарӣ ва зебоипарастӣ машғуланд; дуюм, намунаи ҳамешагии ибратанд; сеюм, ҳамкории қавии муаллими синфҳои ибтидоӣ бо волидони кӯдакон мавҷуд мебошад.

Бо номбар кардани ҳамаи ин корҳо хусусиятҳои касбии омӯзгор ба охир намерасанд, вале ин раванд самаранок ва босифат анҷом додани кори пурмаҳсулу натиҷадиҳандаи омӯзгорро боис мегардад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фаъолияти касбӣ, инкишофи касбият, корҳои фардӣ, ҳамкорӣ бо волидон, ҳамкории мақсаднок, ташаккули қобилият.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Абдухалилова Наргис Раҷабалиевна, омӯзгори кафедраи методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.


## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЛИЧНЫХ И ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КАЧЕСТВ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ


В статье рассмотрены психологические и педагогические особенности профессиональной деятельности учителей начальных классов. Анализ результатов научной литературы показал, что учителя начальных классов от других учителей – предметников средних школ отличаются тем, что, во-первых, они заняты преподаванием естественных, художественно-гуманитарных и эстетических предметов; во-вторых, всегда являются образцами для подражания; в-третьих, существует крепкое сотрудничество учителя начальных классов с родителями детей.

Перечислением таких работ не завершаются профессиональные особенности учителя, но этот процесс становится причиной эффективного и качественного завершения продуктивной и результаттивной работы учителя.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** профессиональная деятельность, развития профессиональности, индивидуальные работы, сотрудничество с родителями, целевое сотрудничество, формирование способностей.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Абдухалилова Наргис Раджабалиевна, преподаватель кафедры методики начального обучения Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

## IMPROVEMENT OF PERSONAL AND PROFESSIONAL QUALITIES OF PRIMARY CLASS TEACHERS IN PEDAGOGICAL ACTIVITIES

The article reveals the psicalogical and pedagogical features of the professional activity of primary school teachers. The results of the analysis of scientitic literative have shown that spectic features that distinguish the activity of the teacher of primory school education from the activity of the subject teacher of secondary or high school is, ot first, teaching. Acm a varicty of disciplines of mathematical, humanitarian natural sciences artistic and aesthetic cycles secondly the reference of its role for primary school, teachers with parents of children. The above psychological and pedagogical teatures do not exhorst all the choracterististics of the professional actiuity of the teacher of mondary school they are the essenteial leuers that determine a namber of reguirements for the professional of tacher an are directly reflected in his professional consciousness, which is the hasis of professional formation of personality.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Abdukhalilova Nargis Rajabalievna, teacher of the department of primary education methods of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

## РОҲҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ МАҲОРАТ, ҚОБИЛИЯТ, САНЪАТ ВА СИФАТҲОИ МУҲИММИ КАСБИ ПЕДАГОГӢ

Гулов Р.Б.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Якшанбеи аввали моҳи октябри ҳар сол чун иди касбӣ - Рӯзи омӯзгорон қайд карда мешавад. Ҳамаи ғамхориҳои ҳукумату давлат нисбат ба касби омӯзгорӣ аз баланд шудани мавқеи омӯзгор дар ҷамъият гувоҳӣ медиҳад. Дар баробари ин, масъулияти омӯзгорон дар адои вазифа торафт меафзояд ва нисбат ба фаъолияташон талабот ҳам бештар мегардад. Омӯзгорон кӯшиш доранд, ки дар ҷавоб ба ғамхориҳо сифати таълиму тарбияро дар таълимгоҳҳо беҳтар созанд. Махсусан, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташаббускорӣ нишон дода меоянд, чунки таълиму тарбияи насли наврасро дар мактаб онҳо оғоз мебахшанд ва роҳи донишро ба рӯи онҳо мекушоянд. Бо фаъолияти худ омӯзгорон ба тезонидани дигаргуниҳои куллӣ дар мамлакат ва ҷорӣ гардидани муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ ҳисса мегузоранд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми омӯзгори замони муосир садоқат ба пешаи омӯзгорӣ ва дӯст доштани касби худ аст.

Дар кори педагогии мо ҳамаашро маҳорат ҳал мекунад - менависад профессор Ю.П. Азаров. - аммо роҳи маҳорат одатан барои муаллимон бо душворӣ ва дуру дароз мешавад [1, с. 76].

Андешае вуҷуд дорад: маҳорати ҳақиқии муаллим фақат дар одами боистеъдод, ки майли муайяни ирсият дорад шуда метавонад. Бояд муаллим тавлид ёфт.

Маҳорати педагогии муаллим, пеш аз ҳама, тавонистани ташкили раванди омӯзишро ифода мекунад, ки дар ҳар гуна шароит, ҳатто дар вазъияти ноқулай ҳам ба сатҳи тарбия, инкишоф ва дониши талабагон комёб шуда метавонад. Муаллими ҳақиқӣ ҳама вақт ба ҳар саволи ғайридоимӣ ҷавоб ёфта метавонад. Вай метавонад бо хонандагон бедушворӣ наздик шавад, фикрро равшан гардонад, ба қобилиятҳо такон оварад, ба шарте, ки маҳорати (санъат)-и педагогӣ дошта бошад. Маҳорати педагогӣ хусусияти шахсиятест, ки маҷмӯи худташкилдиҳии фаъолияти касбиро ба дараҷаи баланд таъмин мекунад [1, с. 77].

Қисматҳои таркибии маҳорати педагогӣ инҳоянд: самти инсонпарварӣ, дониши касбӣ, қобилияти педагогӣ, техникаи педагогӣ.

*Самти инсонпарварӣ аз меҳри* бепоён доштани муаллим ба кӯдакон ва касби омӯзгорӣ сарчашма меёбад. Муаллим бояд шогирдони худро ҳамаҷониба омӯзад, то ки ба онҳо мувофиқи хусусиятҳои фардиашон дуруст муомила карда тавонад. Вақте ки байни тарафайн муносибати гуманистии занҷирӣ барқарор шуд, ба мақсадҳои олӣ (идеалҳо) гузаштан, майлу рағбати онҳоро ангезонидан лозим меояд, зеро мақсадгузории рангинӣ, завқу шавқи зиндагии инсон аст. Бемақсадӣ ба рӯҳафтодагӣ ва коҳилӣ меорад.

Хуб донистани *дониши касбӣ* тақозо мекунад, ки муаллим фанни тадрисии худро бо методикааш чуқур донад, илова бар ин, илмҳои ба касбаш вобаста - педагогика, психология, ҳамчун донишҳои мансубро азхуд намояд. Муаллим мумкин аст фанни худро дӯст дорад, донад, аммо дониши худро ба талабагон баррасӣ карда наметавонад. Биноан, муаллими ҷавон ҳатман маҳорати роҳи донишгузориро аз муаллимони пешқадами кордон омӯзад, ин санъати муҳимро ба каф орад.

Дар ҷомеаи муосир талабот нисбат ба омӯзгорони эҷодкору фаъол, ки дар иҷрои вазифаҳо маҳорати баланд нишон медиҳанд ва мақсадҳои навро барои дурнамо мушаххас менамоянд, меафзояд [2, с. 131].

Дар қисмати қобилияти педагогии муаллими мумтоз чунин хусусиятҳои муҳим раводид шудаанд: робитаи некхоҳӣ, инсонпарварӣ нисбат ба одамон; қобилияти ҳушёрӣ, фаҳмида

тавонистани мусоҳибон, ҳусни таваҷҷуҳи касбӣ, фаҳму фаросати педагогӣ; серҳаракатӣ - инкишофи қобилияти ба иродаи шахсият таъсиррасонӣ ва мантиқан боваркунонӣ; эҳсоси устувор дар ҳар шароити худдорӣ, таҳаммул карда тавонистан бидуни густохӣ, пешбинии некхоҳона - натиҷаҳои муҳимми фаъолияти минбаъда, қобилияти эҷодкорӣ доштан, бидуни нусхабардорӣ ҳар кори омӯхташударо дар шароиту имкониятҳои худ мутобиқ гардонида тавонистан аст. Ташаккули касбияти омӯзгор ин раванди мураккаби бисёрзинаи ворид шудани инсон ба касб мебошад, ки дар он саҳми худи инсон ва компонентҳои фаъолияти ӯ нақшҳои гуногун доранд [3, с. 62].

Барои он ки омӯзгор ба дигарон таълим бидиҳад, ӯ, қабл аз ҳама, бояд фанни худро нағз донад, сипас дар бораи ҳаёти иҷтимоии кишвар маълумоти зиёд дошта бошад, бояд ба маънои томаш шахси маданию фарҳангӣ бошад. Омӯзгор аз рӯйи вазифааш ҳамеша бояд дар болои худ кор кунад ва дар бораи тамоми ҳодисаю воқеаҳои доғи рӯз маълумот дошта бошад [4, с. 43].

Омӯзгор дар навбати аввал бояд созандаи муҳити таълим бошад ва хонандаро ба таҳсил шавқманд созад [5, с. 495].

Талаботи *техникаи педагогӣ* маҷмӯи усулҳоро дар бар мегирад. Воситаи он нутқ ва муносибати шифоҳӣ мебошад. Техникаи педагогӣ аз ду қисмат таркиб ёфта аст: а) идора кардани ҷисми худ, бидуни ҳаракатҳои ғайримақбул, дар курсӣ ботамкин нишастан, пойҳо на чилику рӯи зону, балки аз ҳамдигар 10-12 см ҷудо ва яке камтаре майл ба пеш бошанд. Имову ишораҳои ба мавриди ғайрилафзӣ, ки нутқи муаллимро дақиқу мушаххас мегардонанд, лозиманд. Чунончи, муаллим мегӯяд: ман чанг наменавозам, на ёр. Дар ҳамин ҷо ишораи ангуштони дастҳову лаб аз «най ор» (на набиёр) гувоҳӣ медиҳанд, ё ба гуфтаи муаллим – ман об наменӯшам, маёр, бо ишораи даст рамзи қадаҳ дода мешавад, ки «май ор» - ро ифода мекунад, на набиёрро. Бахусус, ҳамаи ишоратҳои ғайрилафзии қисм дар илм пантомимика номида мешавад. Пантомимика (аз юн. pantomimios - айнан такрори ҳамаи тақлид), санъатест, ки ба воситаи имову ишорат тасвири рамзии намудҳо офарида мешавад, нутқи нотиқро равшану пурра мегардонанд; б) техникаи нутқи омӯзгор – тарзи талаффуз, нафаскашӣ, суръати нутқ ва таъсиррасонии он ба шахс ва коллектив. Нутқи муаллим бояд ихчаму дақиқ ва мувофиқи сатҳи дониши талабагон дастрасу фаҳмо бошад. Ҷалолиддини Румӣ фармудааст:

*Чунки бо кӯдак сару корат фитод,*
*Ҳам забони кӯдакон бояд кушод [1, с. 79].*

Ба ин гуфтаи бузургвор гуфтаи зайлро илова мекунем:

*Ҳар саволе, ки биёранд бармиён,*
*Бо забони фаҳмашон бинмо баён [1, с. 79].*

Нутқи муаллим ҳам ба хусусиятҳои аҳли синф бо суръати миёна ва тез бояд бошад, на як зайл оҳанг гирад, балки бо интонатсия - гоҳ паст, гоҳ баланд, гоҳ хурӯшон бошад. Пуртаъсирӣ - хурӯшонии нутқ эҳсосоти сомеонро такон медиҳад.

Нутқи хурӯшон ба шахс ва коллектив чун оҳанрабои бахудкашанда таъсир мекунад.

Моҳияти маҳорати педагогӣ маданияти шахсӣ, дониш ва доираи назари муаллим, тайёрии ҳаматарафаи назариявии вай бо азхудкунии усулҳои замонавии таълим ва тарбия, техникаи педагогӣ ва таҷрибаи пешқадамро дар худ таҷассум мекунад.

Алалхусус, маҳорати педагогии муаллим аз чанд ҷиҳат ба санъати навозандагӣ ва актёрии саҳна монандӣ дорад. Агар мутриб торҳои асбобро дуруст кор фармуда натавонад, оҳанги навохтааш гӯшхарош мебарояд. Қисматҳои маҳорати педагогӣ ва методу усулҳои марбути фаъолияти муаллимӣ ба сони пардаҳои асбоби мусиқӣ дуруст интихоб карда нашаванд, кори ӯ барор намегирад, таъсири муфид намебахшад, чуноне ки мегӯянд «Ҷони нодон дар азоб». Педагог ҳамеша як нақшро мебозад, ки ин ба тарбиягирандагон таъсири мусбат расонидан аст.

Омӯзгоре, ки ҳини раванди таълиму тарбияи дастпарварон ахлоқ ва одоби педагогиро сарфи назар мекунад, дар қалби онон ҷо гирифта наметавонад, ба робита бо талабагону волидони онҳо, ҳамчунин педагогикаи ҳамкориро аз даст медиҳад. Этика (илми ахлоқ) ва одоби муоширати педагогӣ узвҳои муҳимми маҳорати педагогӣ ба шумор мераванд, ки мо нисбат ба онҳо мухтасар таваққуф менамоем. Зеро нисбат ба онҳо дар курси «Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ» муфассалтар маълумот дода шудааст.

*Этикаи педагогӣ* илми ахлоқу одоби муаллим аст. Муаллими замон дар ҳар гуна вазъият, дар ҳама ҷо бояду шояд ба он риоя кунад, то ки шогирдон аз ӯ наҳаросанд, ҳамчун дӯсти мӯнису ғамхорашон бидонанд. Дар чунин муносибат бо ҳар васила омӯзгор метавонад аз олами ботинии шогирдон огоҳӣ пайдо кунад, қобилияту майли ниҳонииононро дарёбад. Оре, муаллими мумтоз чун ғаввоси заршинос ба қаъри дили шогирдон ғӯта зада, аз ботини ниҳонии онҳо марвориду дурдонаҳои истеъдодро ба соҳили мурод меоварад ва бо камоли фазилату хайрхоҳӣ он қобилиятҳоро болу пар мебахшад.

*Одоби муошırати педагогӣ аз тарафи* муаллим риояи меъёри қоидаҳои муносибат нисбат ба талабагон ва волидони онҳо ва интихоби роҳи дурусти муомилот бо ононро дар ҳар гуна маврид дар назар дорад.

Одоби муаллим ба принсипҳои ахлоқи умумиинсонӣ асос ёфтааст. Олами ниҳонии хонандагонро дарк карда, таъсири мусбат расонидан ҷиҳати муҳимми одоби муошират аст.

Одоби педагогӣ тақозо мекунад, ки зимни муомила бояд, қабл аз нуқсони шахс, сифати мусбати ӯро дар навбати аввал гузошт, сипас хеле эҳтиёткорона аз камбудиҳо андеша ронда, роҳи ислоҳи онро ба волидон тавсия намояд.

Касби пуршарафи педагогӣ аз қадимулайём бо эҳтиёҷоти зарурии ҷомеа арзи вуҷуд дорад, зеро он дар пешрафти ҷомеа нақши бузург мебозад. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба ин хотир нигоштааст:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор.*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор [1, с. 81].*

Оре, ҳамин омӯзгор аст, ки чун зиё дар замири наслҳои наврас шӯълаи илму маърифатро густариш дода, рӯзгорро мунаввар карда меояд. Чунин талабот ба шахсияти муаллим амру талаботи ногузири замон буд, ҳаст ва мемонад. Аммо барои ба ин касб мушарраф шудан, пеш аз ҳама, қобилияти педагогӣ бояд дошт. Дар ҳамин лаҳза саволе ба миён меояд оё қобилияти махсуси педагогӣ вуҷуд дорад? Донишмандони маъруфи касби мазкур ҷавоби қонеъ медиҳанд.

Масъалаи қобилияти педагогӣ дар пояи бошиддат коркунии ашхоси майлдошта вобаста аст. Қобилияти педагогӣ сифати шахсият, зуҳуроти якҷоякоркунӣ бо атфол, дӯст доштани кӯдакон, ҳаловатбарӣ аз вохӯрӣ бо онҳо ва ғайраро дар худ таҷассум мекунад. Гоҳо қобилияти педагогӣ дар доираи танг, иҷрои амалиёти аниқ зоҳир ёфта, хубгуфторӣ, хубсароӣ, расмкашӣ, ташкил кардани чорабинӣ бо кӯдакон ва амсоли инҳоро дар бар мегирад.

Қобилияти педагогӣ чунин гурӯҳҳои асосӣ дорад:

1. *Ташкилотчигӣ.* Маҳорати муаллим нисбат ба ташкилкунии корҳои талабагон, бурдани машғулиятҳо бо онон, тақсим кардани вазифаҳо, ба нақша гирифтани корҳо, ҷамъбасткунии корҳои иҷрошуда ва ғайра.
2. *Дидактикӣ.* Аниқ интихоб намудан ва тайёр кардани маводи таълимӣ, тартиб додани аёният, таҷҳизонӣ, дастрас, фаҳмо, маънидорона, боварибахш ва пай дар пай баён кардани маводи таълимӣ, ҳавасмандгардонии инкишофи фаҳмидагирӣ ва талаботи маънавӣ - рӯҳӣ, баландбардории даркнамоӣ ва ғайра.
3. *Идрок кардан.* Маҳорати фаҳмидагирии олами рӯҳии дастпарварон, холисона баҳисобгирии ҳолати хурӯшонӣ ва зоҳир намудани хусусиятҳои равонии онҳо мебошад.
4. *Робита.* Қобилияти алоқа ва муносибат карда тавонистани муаллим бо талабагон, волидони онҳо, ҳамкасбон, роҳбарони муассисаи таълимӣ.
5. *Талқиндиҳӣ.* Қобилияти ба кайфияту иродаи талабагон таъсиррасонӣ.
6. *Таҳқиқотӣ.* Қобилияти зоҳиргардонии донистагирӣ ва холисона баҳодиҳӣ ба вазъият ва ҷараёнҳои педагогӣ.
7. *Илмӣ-таҳқиқотӣ.* Барои дар соҳаи интихобшуда бурда тавонистани аҳқиқоти илмӣ.

Ҳамаи қобилиятҳо дар таҷрибаи фаъолияти педагогӣ якхела заруранд? Маълум мешавад, ки таҳқиқоти илмӣ солҳои охир нақши қобилияти «барандагӣ» ва «ёрирасон»-ро гирифтааст. Ба барандагӣ натиҷаҳои сершумори саволҳои педагогҳо ба хотири тезбинӣ (мушоҳидакорӣ), дидактикӣ, ташкилотчигӣ, боғайратӣ мансубанд, дигарҳоро метавон ба ёрирасони иловагӣ шомил кард.

Албатта, дар ҳолати идеалӣ ба фаъолияти педагогӣ одамоне бояд шуғл варзанд, ки ба он майлу рағбат, истеъдод ва қобилияти хоса дошта бошанд, вале ҳоло касби педагогӣ оммавӣ шудааст. Ҳазорҳо муаллимони боистеъдодро аз куҷо бояд гирифт? Бинобар ин, гузориши масъаларо нарму сабуктар кардан лозим меояд. Бисёр мутахассисон ба он хулоса омадаанд, ки дар ҳолати ғайриқобилияти возеҳдоштаи педагогӣ бо роҳи инкишофи сифатҳои муҳимми касбҳои дигар - меҳнатдӯстӣ, бовиҷдонӣ ва ҷиддӣ муносибаткунӣ ба вазифаҳои худ, мунтазам дар болои худ кор кардан ҷуброн намудан мумкин аст.

Кулли назарияҳои мавҷуда дар соҳаи таълиму тарбия нисбат ба шахсияти омӯзгор талаботи худро мегузорад. Ба ақидаи Ж.Ж. Руссо, муаллим нигоҳбон ва муҳофизи кӯдак аз вайроншавӣ ва дигар таъсироти номатлуб аст. Ба андешаи Л.Н. Толстой бошад, муаллим бояд шахси накӯкор ва некӯхислате бошад, ки кӯдакро бо ахлоқи ҳамидаи хеш тарбия намояд. Аз дидгоҳи Гаюӣ, муаллим сеҳргар асг ва худ касест, ки метавонад иродаи дигареро ба худ ҷалбу тобеъ намояд. Муҳаққиқону педагогҳои машҳур Песталотси И.Г. ва Фребел бошад, чунин мешуморанд, ки тарбиятгар, мураббӣ ин боғбони кӯдакон аст. Блонский П.П. дар симои муаллим, омӯзгор, техникаи инсонпарварро медид, ки мисли риштаи растанипарварӣ бояд фаъолият дошта бошад [6, с. 164].

Муаллим ин шахсияти ҳамеша фаъол ва эҷодкор аст. Фақат муаллим метавонад дастпарварони худро рӯҳбаланд намуда, дар қалби онҳо нисбат ба ин ё он касб шӯълаи меҳрро ангезиш диҳад. Роҳбарии педагогӣ мураккаб аст, ҳамчун синф, коллективи талабагон тарбиятгарро водор мекунад, ки ихтироъкор, зираку ҳассос, суботкор, ҳамеша тайёр будан ба ҳалли вазъияти гуногуни мустақилона бошад. Омӯзгор намунаи тақлидкунист. Сифати муаллими варзида тамкинӣ ва худидоракунии раванди таълиму тарбияи насли наврас мебошад.

Аз таҳлили адабиёт (Лутфуллоев М., Мудрик А.В., Раҳимов Х., Нуров А., Симонов В.П., Шарифов Ф., Юнусов И.) бармеояд, ки олимони соҳаи илмҳои педагогӣ раванди ташаккулёбии маҳорат, қобилият, санъат ва сифатҳои муҳимми касби педагогиро бо исботи таҳқиқоти хеш арзёбӣ намудаанд [7-13].

Сифати хеле баланди касбии муаллим ин адолатхоҳии ӯ нисбат ба мактабиён аст. Адолаткории омӯзгор бештар дар баҳогузорӣ ба дониш, маҳорат ва рафтори шогирдонаш зоҳир мегардад, аз рӯи баҳисобгирии вай холисонагиашро пай мебаранд. Рӯйбинӣ, муқоиса карда баҳо гузоштан қадру қимати омӯзгорро паст мекунад.

Ба замми ин сифатҳо тарбиятгар бояд серталаб бошад. Серталабии устод эҳтироми ниҳонии вай нисбат ба шогирд мебошад, зеро вай оқилона инкишофёбии шогирдро дар замираш мепарварад.

**АДАБИЁТ:**


1. Лутфуллоев М., Абдураҳимов Қ.С. Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ. – Қӯрғонтеппа, 2012.
2. Блохина, Е.В. Повышение квалификации работника образования на муниципальном уровне / Е.В. Блохина //Народное образование, 2010. – №8. – С. 128-134.
3. Трунцева, Т.Н. О субъектной (личностной) самообразовательной деятельности учителя / Т.Н. Трунцева // Стандарты и мониторинг, 2010. – №3. – С. 61-62.
4. Ермоленко, Г. Начни с себя: Метод проектов в системе повышения квалификации / Г. Ермоленко // Спорт в школе. Газета Изд. дома «Первое сентября», 2010. – №7. – С. 42- 45.
5. Шарифзода Ф., Миралиев А.М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. / Зери назари академик М. Лутфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 562 с.
6. Маҳмудов Ш.К. Абдурашитов Н. Психологияи омӯзгорӣ / Зери назари Давлатов М. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 194 с.
7. Лутфуллоев М. Педагогикаи шафқат. – Д., 1994.
8. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. – Д., 2006.
9. Мудрик А.В. Учитель: мастерство и вдохновение. – М., 1986.
10. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Д., 2007.
11. Симонов В.П. Диагностика личности и профессионального мастерства преподавателя. – М., 1995.
12. Шарифов Ф. Муаллимӣ кори эҷодист. – Д., 1984.
13. Юнусов И. Педагогика. – Д., 2005.


## РОҲҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ МАҲОРАТ, ҚОБИЛИЯТ, САНЪАТ ВА СИФАТҲОИ МУҲИММИ КАСБИ ПЕДАГОГӢ


Муаллиф таълифоти хешро ҷиҳати ташаккулёбии маҳорат, қобилият, санъат ва сифатҳои муҳимми касби педагогӣ бахшидааст.

Дар мақола омадааст, ки ба қобилияти педагогӣ мо бояд замина гузорем, то ки мактаб бемуаллим намонад ва азхудкунии касби педагогӣ идома ёбад. Соҳиби ин касб бо торҳои ақлу заковат ва рӯҳи нозуки инсон сарукор дорад. Ҳаққо, омӯзгор меҳнаткаши бузург аст.

Барои ҳамин ҳам мо сифатҳои муҳимми касби педагогиро дар фазилатҳои зерин мебинем: меҳнатдӯстӣ, коршоямӣ, интизомнокӣ, масъулиятшиносӣ, тавоногарӣ, мақсадгузорӣ, интихоби ноилгардӣ ба он, муташаккилӣ, суботкорӣ, мунтазам баландбардории сатҳи касби худ, доимо кӯшиш менамояд, ки сифати меҳнати худро баланд бардорад.

Бар замми ин сифатҳо омӯзгорро ҳангоми раванди таълиму тарбия бо хислатҳои наҷиби зайлаш мешиносанд ва қадр мекунанд: одамгарӣ, меҳрубонӣ, покдилӣ, бошарафӣ, масъул, ҳаққор, холис, олиҳимматӣ, эҳтиром ба одамон, ахлоқи ҳамида, пешбинӣ, толиби робитакунӣ, эътибордиҳандаи ҳаёти дастпарварон, хайрхоҳ, танқидгари худ, муносибати дӯстона, таҳаммулкунанда, қурбдон, ватандӯст, диндорӣ, принсипнокӣ, мушфиқ, маданиятнокии таъсирбахш ва монанди инҳо.

Барои муаллим талаботи ҳатмии гуманизм, муносибати хайрхоҳона бо одамон, шогирдон хос аст. Гуманизми муаллим нисбат ба талаба эҳтироми шахсияти вай, ёрирасонӣ, ҳамкорӣ, рӯҳафзоӣ, ғамхорӣ роҷеъ ба рафтору корҳои таълимиашро дар бар мегирад.

Хулосаи муаллиф ин аст, ки доштани дониши касбӣ, маҳорати педагогӣ ва сифатҳои инсонӣ хоси омӯзгори асил аст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** маҳорат, қобилият, санъат, сифатҳои муҳимми касби педагогӣ, дониш, гуманизм, омӯзгор, тарбия, ташаккул, инкишоф, фаъолияти педагогӣ, омӯзгори эҷодкору фаъол, фаҳму фаросати педагогӣ, серҳаракатӣ, эҷодкорӣ.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Гулов Рамазон Боймаҳмадович, унвонҷӯи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 908-99-91-11.

## ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ ВАЖНЕЙШИХ УМЕНИЙ, СПОСОБНОСТЕЙ, ИСКУССТВ И КАЧЕСТВ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПРОФЕССИИ

Автор посвящает свою статью формированию важнейших умений, способностей, искусств и качеств педагогической профессии.

В статье подчеркивается, что мы должны создавать необходимые условия для формирования педагогических способностей, чтобы школа не осталась без учителей и продолжалось усвоение педагогической профессии. Владея этой профессией, учитель имеет дело с гибким человеческим умом и тонкой человеческой душой. Действительно, педагог-великий труженик.

Поэтому важнейшие качества педагогической професси видим в следующих остоинствах: трудолюбие, трудоспособность, дисциплинированность, отвественность, способность, целеустремленность, выбор в достижениее цели, организованность, устойчивость, регулярное вповышение уровня своего профессионального мастерства, постоянное стремление к повышению качества своего труда и др.

Кроме упомянутых качеств, учителя в процессе обучения и воспитаниия узнают и ценят по следующим качествам: человечность, заботливость, чистосердечность, честность, щедрость, уважение к людям, предусмотрительность, коммуникативность, заинтересованность в будущей жизни учащихся, доброжелательность, занятие самокритикой, дружественное отношение, терпеливость, партиотизм, верность религии, принципиальность, культурность и тому подобное.

Учителю присуще требование к гуманизму, доброжелательности к людям и учащимся. Гуманизм учителя включает в себя уважение личности учеиика, помощь, сотрудничество и заботу к нему в процессе учебной деятельности.

Автор заключает, что усвоение профессиональных знаний, педагогических умений и человеческих качеств присуще истинному педагогу.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** умение, способность, искусство, важные качества, педагогическая профессия, знание, гуманизм, педагог, воспитание, формирование, развитие, педагогическая деятельность, активный и созидательный педагог, педагогическая проницательность, динамичность, созидательность.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Гулов Рамазон Боймахмадович, соискатель кафедры педагогики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 908-99-91-11.

## WAYS OF FORMING THE MOST IMPORTANT SKILLS, ABILITIES, ARTS AND QUALITIES OF THE PEDAGOGICAL PROFESSION

The author devotes his article to the formation of the most important skills, abilities, arts and qualities of the teaching profession.

The article emphasizes that we must create the necessary conditions for the formation of pedagogical abilities, so that the school does not remain without teachers and the assimilation of the teaching profession continues. In this profession, the teacher deals with a flexible human mind and a delicate human soul. Indeed, the teacher is a great worker.

Therefore, we see the most important qualities of the teaching profession in the following advantages: hard work, ability to work, discipline, responsibility, ability, purposefulness, choice in achieving goals, organization, stability, regular improvement of the level of their professional skills, constant striving to improve the quality of their work, etc.

In addition to these qualities, teachers in the process of teaching and upbringing recognize and appreciate the following qualities: humanity, caring, frankness, honesty, generosity, respect for people, foresight, communication, interest in the future life of students, benevolence, self-criticism, friendly attitude, patience , partiotism, loyalty to religion, adherence to principles, culture and the like.

The teacher is characterized by the requirement for humanism, benevolence towards people and students. The humanism of the teacher includes respect for the personality of the student, assistance, cooperation and care for him in the process of educational activities.

The author concludes that the assimilation of professional knowledge, pedagogical skills and human qualities is inherent in a true teacher.

**KEY WORDS:** skill, ability, art, important qualities, pedagogical profession, knowledge, gumnaism, teacher, education, formation, development, pedagogical activity, active and creative teacher, pedagogical insight, dynamism, creativity.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Gulov Ramazon Boimahmadovich, applicant for the department of pedagogy of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 908-99-91-11.

## РУШДИ ШАКЛҲО ЧУН ШАРТҲОИ ҲАМКОРИҲОИ КОЛЛЕКТИВӢ-ПЕДАГОГӢ БО ВОЛИДАЙНИ ТАРБИЯГИРАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Раҷабов В.Д.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Муассисаҳои муосири таҳсилоти томактабӣ барои истифодабарӣ аз тамоми шаклҳои гуногуни ҳамкориҳои кӯдакистон ва оила, ки дар ташаккул ва рушди худ роҳи дурударозро тай кардаанд, имконият доранд. Онҳо якҷоя бо ҷамъият, сохти иҷтимоӣ ва пешрафти техникӣ тағйир ёфтаанд. Ҳамзамон, зимни истифодаи воситаи мазкури таъсиррасонӣ ба оила принсипи ҳамбастагии ду институти иҷтимоӣ муҳим аст, зеро ки кӯдак чӯбчаи эстафета нест, ки онро оила ба дасти педагог медиҳад. Мо бояд бо такя ба ганҷинаи беназири фарҳангу ахлоқи ниёгонамон, дар таълим ва тарбия тартибу низом ҷорӣ намоем ва педагогикаро ба маҷрое, ки ҷавобгӯи талаботи ҷомеа ва ҷаҳони муосир бошад, равона созем [1, с. 207].

Оила ва кӯдакистон якдигарро иваз карда наметавонанд. Барпо сохтани робитаи кории боваринок байни оила ва кӯдакистон, ки дар рафти он мавқеи тарбиявии волидайн ва педагог тасҳеҳ мегардад, шарти муҳим мебошад. Асоси чунин муносибатро шаклҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва волидайн ташкил медиҳанд.

Барои фаҳмидани моҳият ва мазмуни шаклҳои ҳамкориҳои коллективи педагогӣ бо волидайни тарбиягирандагони муассисаи таҳсилоти томактабӣ мафҳуми «шакл»-ро баррасӣ менамоем. Дар луғати С.И. Ожегов ба мафҳуми «шакл» таърифи зерин дода мешавад: шакл (аз лот. forma) – ифодаи берунаи ягон мазмун. Дар луғати забони русӣ яке аз маъноҳои мафҳуми «шакл» ин «тарзи амалигардонӣ, зуҳури ягон фаъолият; намунаи муқарраршудаи ягон чиз» мебошад.

Шаклҳои ҳамкорӣ, чун образи фаъолият дар рафти ташаккули истеҳсоли саноат, кишоварзӣ дар ҷумҳурии ҷавони шӯравӣ рушд ёфтанд. Вазъият дар мамлакат бо зарурати ҷалби занон ба ҷараёнҳои меҳнатӣ алоқаи ногусастанӣ дошт. Кӯдакистон ба иштироки занон-модарон дар ҳаёти истеҳсолӣ, давлатӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ муосидат намуд.

Вазифаи асосии прототипҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабии он замон (яслиҳо, боғчаҳо, майдончаҳои тобистона) озодкунии занон аз нигоҳубини кӯдак ба фоидаи рушди давлати нави иҷтимоӣ ҳисоб меёфт. Идеологҳои он замон Н.К. Крупская, К.Н. Корнилов, Е.И. Тихеева диққати асосиро ба зарурати ташкили кӯдакистонҳо равона сохтаанд. Аммо, бинобар мавҷуд набудани кадрҳои баландихтисос, ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ асосан ба нигоҳубини кӯдакон зимни ҳузур надоштани волидайн машғул буданд. Инро дар асарҳои худ М.Ф. Шабаева қайд кардааст. Ӯ навиштааст, ки яке аз принсипҳои асосии кори кӯдакистонҳои шӯравии он давра алоқа ба оила ва расонидани ёрӣ ба волидайн дар тарбияи дурусти кӯдак ҳисоб меёфт. Баъд аз Анҷумани III умумироссиягӣ оид ба тарбияи томактабӣ (1924) силсилаи махсуси дастурҳои методӣ барои расонидани кӯмак ба волидайн дар тарбияи кӯдак дар оила бароварда шуд. Дар онҳо нишондодҳои мушаххас оид ба рушди ҷисмонии кӯдак, маслиҳатҳо оид ба ғизо ва ташкили фаъолияти кӯдакони томактабӣ дар хона, масъалаҳои тарбияи меҳнатӣ, интернатсионалӣ ва зиддидинӣ ҷой доштанд [2, с. 291].

Ба рушди минбаъдаи шаклҳои ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила ташаккули педагогикаи томактабӣ таъсир расонд. Ба ташаккули соҳаи мазкури педагогика дар солҳои 30-юми асри XX ба туфайли таҳқиқоти Т.С. Куликова ба таври васеъ рӯшанӣ андохта шуд. Ӯ се давраро ҷудо кардааст [3, с. 107]: давраи идеологӣ (1930-1933), ки бо муайянсозии мазмуни таҳсилоти томактабӣ тавсиф ёфтааст; давраи педагогӣ (1934-1936), ки дар он гузариш аз омӯзиши соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба дарки олами кӯдак рӯй дод; давраи умумипедагогӣ (1937-1939), ки дар он педагогикаи меъёрӣ мавқеи пешсаф дошт. Дар давраи мазкур чунин шаклҳои ҳамкорӣ, амсоли рӯзномаҳо, плакатҳо, дастурҳо ба вуҷуд омаданд. Ин бо рушди ғояи педагогисозии муҳит, яъне бо ҷалби миқдори мукаммали калонсолоне, ки донишҳои педагогӣ доранд, ба раванди таҳсилот, ки ҳамкории фаъоли оила ва кӯдакистонро дар назар дорад, асоснок гашта буд [12].

Дар солҳои 40-уми асри XX муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар шароити махсус кор мекарданд. Аммо, ҳатто, дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ҳокимияти шӯравӣ нисбат ба рушди муассисаҳои таълимӣ ва фаъолияти муносиби онҳо ғамхорӣ зоҳир менамуд. Соли 1943 дар бораи ташкили кӯдакистонҳои махсуси санаториявӣ қарор қабул карда шуд. Баъд аз озодкунии қаламрави забтшуда оид ба барқарорсозии муассисаҳои кӯдакони осебдида корҳои гуногун гузаронида шуд. Дар чорабиниҳои мазкур волидайн ва тамоми ҷамъияти шӯравӣ фаъолона

ширкат меварзиданд. Дар ин давра шаклҳои коллективии кори муштарак хеле машҳур буданд [2, с. 217].

Инчунин, дар солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ Шӯрои Комиссарҳои ҳарбии ИҶШС қароре қабул кард (аз 9 январ ва 10 ноябри соли 1944), ки он ба васеъсозии минбаъдаи шабакаҳои кӯдакистонҳо ва беҳгардонии кори онҳо равонааст. Моҳи декабри соли 1944 «Низомномаи кӯдакистон» таҳия карда шуд. Аз ҳуҷҷати мазкур аён аст, ки вазифаи асосии муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар он давра ғамхорӣ нисбат ба саломатии кӯдакон, таъмини инкишофи дурусти ҷисмонӣ, ташаккули қобилиятҳои амалӣ, талқини малакаҳои худхизматрасонӣ ҳисоб меёфт. Аммо аз ҳама асосӣ: муассисаи таҳсилоти томактабӣ ба волидайн дар тарбияи кӯдак дар оила бояд кӯмак расонад [2, с. 278].

Дар солҳои 70-уми асри XX дар давраи нашъунамои «замони карахтӣ» дар таҳқиқоти педагогӣ «педагогикаи ҳамкорӣ» нақши хоса дошт. Дар ин самт педагогҳои navовар Ш.А. Амонашвили, В.Ф. Шаталов, Е.Н. Илин, В.В. Горшкова фаъолона кор кардаанд. Давраи мазкур бо иттилоотисозии ҷамъият хос аст. Миқдори калони адабиёти методӣ, педагогӣ бароварда шуд. Шаклҳои аёнӣ-иттилоотӣ, маърифатии кор бо оилаҳои тарбиягирандагон ба мадди аввал гузошта мешаванд.

Дар охири солҳои 80-ум ва оғози солҳои 90-уми асри XX шаклҳои ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила мазмуни нав мегиранд. Олимон бештар дар бораи ҳамкорӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии педагогҳо бо волидайн сухан меронанд. Чунончи, Т.А. Маркова (1986) навишта буд, ки мураббияҳои дилхоҳ гурӯҳи синнусолии кӯдакистон зимни ташкили робитаҳои педагогӣ бо волидайн асосан аз шаклҳои ягонаи кор истифода мебаранд [4, с. 195]. Ба андешаи ӯ, асоси интихоби шаклҳои ҳамкориро омили синнусолӣ ташкил медиҳад. Яъне, зимни кор бо волидайни гурӯҳҳои хурди томактабӣ шаклҳои инфиродӣ бояд истифода шаванд. Азбаски шиносоии шахсӣ бо оила рӯй медиҳад, робитаҳои дигар (сӯҳбатҳо, машваратҳо ва ғайра) таассуроти бевоситаро ба пуррагӣ иваз карда наметавонанд. Ба ақидаи Т.А. Маркова, дар гурӯҳи калони синнусолӣ ба кор бо коллективи волидайн диққати калон дода мешавад, зеро ки дар он аллакай анъанаҳои муайяне ба вуҷуд омадаанд. Дар гурӯҳи тайёрӣ кор дар асоси машғулиятҳои таълимӣ, бозиҳо, фаъолияти маишӣ ва амалӣ ба роҳ монда мешавад. Кӯдаконро ба мактаб тайёр мекунанд ва барои мураббӣ дар амал нишон додани ин тайёрӣ вазифаи муҳим мегардад. Ҷустуҷӯи шаклҳои нав низ самаранок мебошад, аммо ин набояд мақсади ягона гардад. «Аз шакли нав истифода бурда, бояд ҳал кард, - менависад муаллиф, - мавқеи он дар низоми умумии кор чӣ гуна мебошад, чӣ арзиш дорад, оё истифодаи он дуруст аст, вақти сарфшудаи волидайну педагогҳоро ба ҳисоб мегирад... » [4].

Дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX масъалаи ҳамкориҳои педагогҳо ва волидайн муҳим мегардад. Онро чун раванди мураккаб, ки дар он педагогҳо ва волидайн дар тарбияи кӯдаки синни томактабӣ ҳуқуқи баробар доранд, баррасӣ мекунанд. Ба ин давра мубоҳисаҳо, конференсияҳо, мизҳои мудаввар хосанд. Вижагии солҳои 90-уми асри XX давраи оромӣ мебошад, ки бо тағйироти иқтисодӣ ва сиёсӣ алоқаманд аст. Мусоҳибаҳо, рӯзномаҳо, овезаҳо шаклҳо асосии ҳамкорӣ мегарданд.

Аммо, аллакай дар оғози асри XXI масъалаи истифодаи шаклҳои самараноктари ҳамкории коллективи педагогӣ бо волидайн аз нав муҳим мегардад. Маҳз дар ин давра таҷрибаи дар давоми даҳсолаҳо ҷамъовардашударо ҷамъбасту тасниф кардан зарур буд. Чунончи, О.Л. Зверева ва Т.В. Кротова (2007) дар асари худ «Муошират педагог бо волидайн» шаклҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии муошират педагогҳо бо волидайни кӯдакони синни томактабиро ҷудо кардаанд. Шаклҳои анъанавӣ ба қисмҳои зерин ҷудо мешаванд [5, с. 60]:

- коллективӣ – ҷаласаҳои падару модарон (ҳам гурӯҳӣ 3-4 маротиба дар 1 сол, ҳам умумӣ бо ҳамаи волидайни тарбиягирандагон дар аввал ва охири сол гузаронида мешавад), машваратҳои гурӯҳӣ, конференсияҳо;
- инфиродӣ – маслиҳатҳо, мусоҳибаҳои инфиродӣ;
- аёнӣ-иттилоотӣ – «чузвдонҳои сайёр», намоишгоҳҳо, суратҳо, рӯзҳои дарҳои кушода.

Т.В. Кротова (2007), муаллифи аксари дастурҳои илмӣ-амалӣ оид ба кор бо волидайн, таснифи анъанавиро васеъ ва шаклҳои ғайрианъанавии ҳамкориро ҷудо мекунад. Аз шаклҳои аёнӣ-иттилоотӣ шаклҳои иттилоотӣ-аналитикиро ба гурӯҳи алоҳида медарорад. Ҳамчунин шаклҳои фароғатӣ ва маърифатиро ба гурӯҳҳои алоҳида тақсим мекунад [6, с. 64].

Мақсади шаклҳои иттилоотӣ-аналитикӣ ин ҷамъоварӣ, коркард ва корбурди маълумот дар бораи оилаи ҳар як тарбиягиранда, сатҳи умумимаданий волидайни ӯ, мавҷудияти донишҳои

зарурии педагогӣ дар онҳо, дар бораи муносибат ба кӯдак дар оила, дархосту талабот ба иттилооти психологӣ-педагогӣ.

Шаклҳои фароғатӣ - муносибати хубу ғайрирасмиро байни педагогҳо ва волидайн, инчунин муносибати боваринокро байни волидайну кӯдакон бояд ба вуҷуд оранд. Тарбияи узви комили ҷомеа ва инсони комил яке аз муҳимтарин вазифаҳои низоми муосири таҳсилот ба шумор меравад [7, с. 513].

Мақсади шаклҳои маърифатӣ аз шиносоии волидайн бо вижагиҳои рушди синнусолӣ ва психологии кӯдакон, методу усулҳои оқилонаи тарбия барои дар волидайн ташаккул додани малакаҳои амалӣ иборат мебошад. Чунин шаклҳои коллективии муошират, машваратҳои гурӯҳӣ ва ғайра нақши асосиро мебозанд. Ин шаклҳо пештар ҳам мавриди истифода қарор меёфтанд. Аммо ҳоло принсипҳое, ки дар асоси онҳо муошırати педагогҳо ва волидайн ба роҳ монда мешавад, тағйир ёфтаанд. Ба онҳо муошират дар асоси муколама, кушода, самимият дар муошират, дасткашӣ аз танқид ва баҳодиҳӣ ба ҳамсуҳбат мансубанд. Оилаи рушдёфта бар хилофи оилаи муаммодор маконест, ки дар он ҳар аъзои оила муҳаббат, ҳамдигарфаҳмӣ ва дастгириро пайдо мекунад [8, с. 34].

Аз таҳлили адабиёт (Шарифов Ф., Лутфуллоев М., А. Паҳлавонов) бармеояд, ки олимони соҳаи илмҳои педагогӣ рушди шаклҳо чун шартҳои ҳамкориҳои коллективӣ-педагогӣ бо волидайни тарбиягирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабиро бо исботи таҳқиқоти хеш арзёбӣ намудаанд [9-11].

**АДАБИЁТ:**


1. Шарифзода Ф. Педагогикаи ҳамгиро. – Душанбе, Ирфон, 2011. – 510 с.
2. История педагогики [Текст] / под ред. М.Ф. Шабаевой. – М.: Просвещение, 1981. – 367 с.
3. Куликова, Т.С. Основные тенденции развития содержания дошкольного образования России в 30-е годы XX века [Текст]: дис. канд. пед. наук: 13.00. 01: защищена 20.10.06 / Куликова Татьяна Сергеевна. – Ижевск, 2006. – 177 с.
4. Виноградова, Н.А. Детский сад и семья [Текст] / Н.А. Виноградова, Г.Н. Година, Л. В. Загик [и др.]; под ред. Т.А. Марковой. – 20-е изд., испр. и доп. – М.: Просвещение, 1986. – 207 с.
5. Зверева, О.Л. Общение педагога с родителями в ДОУ [Текст] / О.Л. Зверева, Т.В. Кротова. – М.: ТЦ Сфера, 2007. – 80 с.
6. Кротова, Т.В. Взаимодействие с родителями воспитанников в летний период [Текст] / Т.В. Кротова, И.А. Иванцова // Справочник старшего воспитателя дошкольного учреждения, 2007. – №4. – С. 64-68.
7. Шарифзода Ф., Миралиев А.М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Зери назари академик М. Лутфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 562 с.
8. Маҳмадулло Давлатов. Оила ва рушди шахсияти фарзандон (дар ҳошияи андешаҳои Фатҳуллоҳ Гюлен). – Душанбе: Ирфон, 2014.
9. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 544 с.
10. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. – Душанбе: Маориф, 1997.
11. Паҳлавонов А. Афкори педагогии халқи тоҷик дар асрҳои 16-17. – Душанбе: Дониш, 1994.
12. Крупская Н. К. Педагогическая сочинения. Т. 3. – Москва, 1959. – 798 с.


## РУШДИ ШАКЛҲО ЧУН ШАРТҲОИ ҲАМКОРИҲОИ КОЛЛЕКТИВӢ-ПЕДАГОГӢ БО ВОЛИДАЙНИ ТАРБИЯГИРАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ


Мақола ба сифати рушди шаклҳо чун шартҳои ҳамкориҳои коллективӣ-педагогӣ бо волидайни тарбияигирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бахшида шудааст.

Муаллиф дар таълифоти хеш таъкид намудааст, ки омӯзгор дар навбати аввал бояд созандаи муҳити солим бошад ва тарбиягирандагонро ба таҳсил шавқманд созад. Шаклҳои ҳамкорӣ муносибати хубу ғайрирасмиро байни педагогҳо ва волидайн, инчунин муносибати боваринокро байни волидайну кӯдакон бояд ба вуҷуд оранд. Бояд қайд кард, ки ба рушди минбаъдаи шаклҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила ташаккули педагогикаи томактабӣ таъсир расонд. Ташаккули ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва оила давра ба давра рушд ёфт. Аммо талаботи имрӯзаи ҷомеа моро водор месозад, ки корро дар ин ҷода вусъат бахшем. Дар солҳои охир шаклҳои ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила мазмуни нав гирифт. Олимон бештар дар бораи ҳамкорӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии педагогҳо бо волидайн сухан меронанд. Ташаккули ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва оила вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир бояд рушду нумӯъ ёбад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ҳамкориҳои коллективӣ – педагогӣ, оила ва кӯдакистон, робитаи кории боваринок, ташаккул ва рушд, шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ, ташаккули педагогикаи томактабӣ, тарбия, ташаккул, инкишоф.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Раҷабов Вайсиддин Давлатбекович, докторанти PhD-и кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 93-158-75-79.

## РАЗВИТИЕ ФОРМ КАК УСЛОВИЯ СОТРУДНИЧЕСТВА ПЕДАГОГИЧЕСКОГО КОЛЛЕКТИВА С РОДИТЕЛЯМИ ВОСПИТАННИКОВ ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

Статья посвящена качеству развития форм как условия сотрудничества педагогического коллектива с родителями воспитанников дошкольных учреждений.

Автор в своей статье подчеркивает, что педагог в первую очередь должен создать здоровую среду и заинтересовать воспитанников в обучении. Формы сотрудничества должны создавать хорошие, неофициальные отношения между педагогами и родителями, а также доверительное отношение межде родителями и детьми. Следует отметить, что дальнейшему развтию форм сотрудиничества дошкольных учреждений и семьи оказало влияние формирование дошкольной педагогики. Формированибе сотрудничества дошкольного учреждения с семьёй развивается поэтапно. Однако требования современного общества вынуждает нас улучшить работу в этом направлении. В последние годы формы сотрудничества дошкольных учреждений с семьёй приобретает новый смысл. Ученые в большей степени говорят о сотрудничестве, взаимоотношении между педагогами и родителями. Формирование сотрудничества дошкольного учреждения с семьёй должно происходит в соответствии с требованиями современного общества.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: дошкольные учреждения, сотрудничество педагогического коллектива, семья и детский сад, доверительные рабочие связи, формирование и развитие, различные формы сотрудничества, формирование дошкльной педагогики, воспитание, становление, развитие.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Раджабов Вайсиддин Давлатбекович, докторант PhD кафедры педагогики и психологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 93-158-75-79.

## DEVELOPMENT OF FORMS AS A CONDITION OF COOPERATION OF THE PEDAGOGICAL TEAM WITH THE PARENTS OF PRESCHOOL PUPILS

The article is devoted to the quality of the development of forms as a condition for cooperation of the teaching staff with the parents of the pupils of preschool institutions.

The author in his article emphasizes that the teacher, first of all, must create a healthy environment and interest the pupils in learning. Forms of collaboration should create good, informal relationships between educators and parents, and trust between parents and children. It should be noted that the further development of forms of cooperation between preschool institutions and families was influenced by the formation of preschool pedagogy. The formation of cooperation between the preschool institution and the family is developing in stages. However, the requirements of modern society compels us to improve our work in this direction. In recent years, the forms of cooperation between preschool institutions and families have acquired a new meaning. Scientists talk more about cooperation, the relationship between teachers and parents. The formation of cooperation between a preschool institution and the family should take place in accordance with the requirements of modern society.

**KEY WORDS:** preschool institutions, cooperation of the teaching staff, family and kindergarten, trusting working relationships, formation and development, various forms of cooperation, the formation of preschool pedagogy, education, formation, development.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Rajabov Vaysiddin Davlatbekovich, PhD-student of the department of pedagogy and psychlogy of Bokhtar State Universiry named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 93-158-75-79.

# НАҚШ ВА МАҚОМИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ОЗМОИШӢ-ТАҶРИБАВИИ ХИМИЯВӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ-МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН

Бобизода Ғ.М.
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
Исмоилова М.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Химия илми эксперименталӣ-назариявӣ мебошад. Омӯзиши моддаҳо ва равандҳои химиявӣ ба таҳлили далелҳо, ки дар вақти эксперимент ба даст оварда шудаанд, аз ҷиҳати назариявӣ фаҳмондан ва ҷамъбаст кардани онҳо асос меёбад. Агар далелҳоро дар асоси назария ва қонунҳои мавҷуда маънидод кардан мумкин бошад, онҳо барои қавӣ сохтани қонун ва назария хизмат мекунанд. Вале далелҳои шавқовар, ки ба ин назарияҳо маънидод карданашон номумкин бошад, сабабгори пайдо шудани назария ва қонунҳои нав мешаванд.

Педагог Зуева М.В. [5] қайд намудааст, ки дар вақти маънидод кардани далелҳо олимон фарзияҳо пешниҳод менамоянд, ки тавассути эксперимент санҷида мешаванд. Агар фарзия бо маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ карда шавад, ба назария табдил меёбад. Дар таърихи химия чунин назарияҳо кам нестанд. Ҳатто таълимоти атому молекула вақтҳои дароз фарзия буд. Назария то ҳамон вақт арзи вуҷуд менамояд, ки агар далелҳои зиёди онро инкоркунанда пайдо нашаванд. Дар ин ҳолат назарияи нав пайдо мешавад. Агар назария ба таври объективона ҳодисаҳои муҳити атрофро инъикос намояд, сарҳади истифодааш васеъ мешавад.

Таҷрибаи химиявӣ дар раванди таълими химия мавқеи басо муҳим ва сарчашмаи ташаккули маърифатию таълимӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади гузаронидани он ба донишҷӯён баррасӣ намудани маълумоти нав ва мустаҳкам намудани заминаи дониши назариявии онҳо мебошад.

Дар сарчашмаҳои педагогию дидактикӣ намоиши таҷрибавию корҳои лабораторӣ асоси инкишофи тафаккур ва фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён мегардад. Дар дигар сарчашмаҳои педагогӣ ва дидактикии таълим, эксперименти химиявиро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1) намоишӣ; 2) лабораторӣ; 3) машғулиятҳои амалӣ.

Донишҷӯён дар аснои намоиши таҷрибаҳо бо роҳи гузаришу усулҳои гузаронидани онҳо шинос мешаванд. Таҷрибаҳое, ки дар раванди дарс нишон дода мешаванд, боиси аз тарафи донишҷӯён пурраю саҳеҳ дарк намудани маводи назариявии банду қисматҳои кимиё мегарданд. Дар рафти чунин таҷрибаҳо донишҷӯён бештар ба мушоҳида намудани реаксияҳои кимиёвӣ ва фарзияҳои пешниҳодшуда шиносоӣ пайдо мекунанд.

Таҷрибаҳои намоишӣ инъикоскунандаи рафти таҷрибаи химиявӣ буда, яке аз ҷанбаҳои асосии ташаккул ва мустаҳкам намудани дониши хонандагон маҳсуб меёбанд.

Асосҳои илмии намоиши эксперименти химиявиро аввалин маротиба педагоги рус Вадим Никанорович Верховский [1] муайян кардааст, ки дорои чунин талабот мебошанд: 1) ба ҳама дастрас бошад; 2) бо асбобҳои аёнӣ ва маводи химиявӣ гузаронида шаванд; 3) дар рафти иҷрои таҷрибаҳо қоидаҳои техникаи бехатарии хонандагон таъмин бошад; 4) интихоби роҳу усул ва методикаи гузаронидани таҷриба; 5) дастрас будани маводи фаҳмонидашаванда; 7) бехато иҷро намудани таҷриба; 8) шавқоварии таҷриба; 9) эҳтимолияти натиҷаҳои амиқ; 10) техникаи одии иҷро; 11) сода ва фаҳмо будани таҷриба; 12) тибқи барномаи таълимӣ гузаронидани эксперимент; 13) омӯхтани тарзи дурусту илмии гузаронидани эксперимент.

Ҳангоми ба таҷрибаҳои омӯзгорӣ сафарбар кардани донишҷӯён, онҳо бояд бо роҳу усул ва методикаи намоишу гузаронидани чунин таҷрибаҳо омода бошанд:

Синфи 8 – таъсири мутақобили натрий бо об, намоиши намунаҳои металлҳои ишқорӣ ва галогенҳо;

Синфи 9 – намоиши намунаи металлҳо, омӯзиши электргузаронии онҳо, таъсири ҳамдигарии металлҳо ва ғайриметаллҳо бо об;

Синфи 10 – таъсири мутақобилаи кислотаи олеинат - $C_{17}H_{33}COOH$ ва стеарат - $C_{17}H_{35}COOH$ бо ишқорҳо.

Усулҳои гидролизи собун. Муносибати кислотаи олеинат - $C_{17}H_{33}COOH$ бо бромоб ва маҳлули перманганати калий – $KMnO_4$ аз рӯи барномаи химияи мактабӣ.

Бо ақидаи педагог Г.М. Чернобелская [2] ҳар як шахсе, ки дар лабораторияи химиявӣ кор мекунад, бояд дониши мукаммали назариявӣ дошта бошад ва роҳу усули иҷрои кори

таҷрибавиро хуб донад ва танҳо дар ин замина ӯ корҳои лабораториро бомуваффақият иҷро карда метавонад. Аз ин лиҳоз, ҳар як донишҷӯ бояд пешакӣ ба корҳои лабораторӣ тайёрии ҳаматарафа бинад.

Донишҷӯён метавонанд, ки қисми зиёди корҳои лабораториро ба таври инфиродӣ гузаронанд ва таҷрибаҳои мушкилро бо кумаки омӯзгор ва амалан гузаронанд.

Яке аз талаботи педагогӣ ба ташкилу гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ ин риоя намудан ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ мебошад ва ҳар замон омӯзгор донишҷӯёнро ҳамеша ба риояи техникаи бехатарӣ шинос ва огоҳ менамояд. Дар давоми таҳсил, пеш аз иҷрои ҳар як кори лабораторӣ, омӯзгор риоя намудани чораҳои иловагии бехатариро хотиррасон менамояд.

Тибқи талаботи барномаи таълимӣ аз фанни химия донишҷӯён бояд самтҳои назариявию амалии машғулиятҳои озмоиширо пурра ва саҳеҳ аз худ намоянду ба иҷрои он шурӯъ намоянд. Натиҷаҳои ниҳоии таҷрибаҳои кимиёвӣ ҳамон вақт амалӣ мегарданд, ки онҳо ба роҳу усул ва методикаи иҷрои онҳо саҳеҳ шинос бошанд ва ба ин ва ё он саволҳои номафҳуми донишҷӯён омӯзгор посух медиҳад.

Корҳои лабораторӣ низ яке аз шаклҳои мухталифи таҷрибаҳои химиявӣ буда, дар ҷараёни омӯзиши химия нақши муҳим мебозад. Дар доираи барномаи таълимӣ дар мавриди баёни мавзӯи нав ёдрас шуда, барои мустақилона гузаронидани таҷрибаҳо ба ҳар як донишҷӯ ё хонанда бояд шароити мусоиди корӣ муҳайё карда шавад.

Агар донишҷӯён ё хонандагон доир ба методикаи ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои кимиёвӣ заминаи илмию амалӣ дошта бошанд, пас дар ниҳоди онҳо роҳу усулҳои мустақилона оид ба ин мавзӯъҳо ташкил меёбанду маҳорату малакаи онҳо доир ба маводи кимиёвӣ, асбобҳои аёнӣ ва навгониҳою комёбиҳои ин фанни таълимӣ рушду нумӯъ меёбад ва онҳо соҳибкасб ҳам мешаванд.

Олим Ғуломқодир Бобизода ва диг. дар дастури методии худ «Озмоишҳои мустақилона аз химияи органикӣ» [3] ёдрас менамоянд, ки таҷрибаҳои кимиёвӣ як банди корҳои амалӣ буда, чун анъана баъди ба итмом расонидани як ва ё якчанд мавзӯъҳои мушкилу мураккаб гузаронида мешаванд. Ба воситаи корҳои амалӣ малака ва маҳорати ҳосилкардаи хонандагон ташаккул ёфта, боиси эҷодкорона иҷро кардани озмоишҳои химиявӣ ва васеъшавии доираи дониши толибилмон мегардад. Масалан, агар дар машғулиятҳои лабораторӣ онҳо дар таркиби моддаҳои органикӣ мавҷуд будани карбону гидрогенро муайян карда бошанд, пас дар рафти таҷрибаҳои амалӣ муайян кардани мавҷудияти нитроген, сулфур, хлор ва ғайраро аз худ карда метавонанд. Машғулиятҳои амалӣ таҷрибаҳои мураккаби химиявиро дар бар гирифта, ба мустақилият ва фаъолияти таҳқиқотию эҷодии донишҷӯён алоқаи зич дорад ва барои донишҳою комёбиҳои илмии нав ба нав онҳоро ноил мегардонад. Бо ин мақсад масъалаҳоеро интихоб ва пешниҳод кардан зарур аст, ки хонандагон роҳу усулҳои ҳалли мустақилонаи онҳоро дарёфт ва ҷустуҷӯ намоянд. Тарафи дидактикии машғулиятҳои амалӣ бо ҳамдигар зич алоқаманд намудани мавзӯъҳои таълимии барномаро таъмин менамоянд, яъне дарк ва муайян намудани алоқаи генетикии моддаҳои органикӣ, синтези кислотаҳои органикӣ, бензол, нитробензол, анилин, синтези эфирҳои гуногун ва амсоли онҳоро осон менамояд.

Муҳаққиқони ҷавон, яъне донишҷӯён, бакалаврҳо, магистрантҳо, аспирантҳо, муаллимон, унвонҷӯён моҳият, нақш ва вазифаи озмоишҳои кимиёвӣ ва мавқеи онҳоро дар сохтори методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун методи амалии таълим баррасӣ менамоянд.

Педагоги рус Кузнетсова Н.Е. [9, с. 53-54] ин методро ҳамчун воситаи ягонаи рушди таълим ва омӯзиши кимиё ба қалам додаст. Вай чунин ҳисоб мекард, ки эксперименти илмӣ ин як шакли таҷриба буда, дорои мақсад ва мундариҷаи фаъоли инсон ба шумор меравад. Эксперименти химиявӣ маҷмӯи маводест, ки имконият медиҳад, моҳияти дидактикии ҳодисаҳо ва омилҳоро дарк карда, баъд ба кор кардани тавсияҳои амалӣ шурӯъ намоем.

Педагоги машҳури рус Ю.К. Бабанский [10] қайд намудааст, ки моҳияти эксперимент омӯхтану таҳқиқ кардани нақшаю барномаи таълимӣ буда, дар заминаи он асосҳои педагогию дидактикӣ ва пешниҳоду фарзияҳо тавсиф карда шуда, боиси ташаккули шавқу завқи касбии толибилмон мегардад.

Дар раванди эксперименти химиявӣ таъсиррасонии фаъол ба раванди таълим бо роҳи муҳайё сохтани шароити нави ба мақсади таҳқиқот мувофиқ дохил кардани далелҳои нав ё ин ки тағйироти мавҷуда мувофиқи мақсад аст.

Педагог У. Зубайдов, С. Холназаров [6] чунин ибрози ақида менамоянд, ки вобаста ба ҷанбаҳои педагогӣ ва мазмуну мундариҷаи худ эксперименти кимиёвӣ асоси ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, амалию тарбиявӣ маҳсуб меёбад.

Эксперименти химиявӣ имконият медиҳад, ки алоқаи хоси қисматҳои равандҳои гуногуни байни далелҳо, шароит ва натиҷаи таъсиррасонии педагогӣ; санҷиши муваффақиятноки далелҳои гуногун ё ин ки тағйирот дар сохти раванд ва интихоби дурусттару мувофиқ дар ин шароит, муайян намудани шароити мувофиқ барои амалӣ намудани вазифаҳо ва воситаҳои муайян бақарор карда шавад.

Эксперимент ба мақсади муайян кардани қонуниятҳо ва алоқамандиҳои равиши реаксияҳои кимиёвӣ ва ҳосил намудани пайвастагиҳои органикию ғайриорганикӣ равона карда мешавад.

Вобаста ба хосиятҳои физикавию кимиёвӣ дар ҷараёни он чунин талабот муайян карда мешаванд, аз ҷумла:

– мақсад ва вазифаҳои эксперимент тибқи барномаи таълимӣ ва ташаккули дониш, маҳорат, малака ва фаъолияти таълимӣ-эҷодии хонандагон, дар асоси талаботи педагогӣ ва дидактикӣ ташкилу гузаронидан;

– интихоби дурусти маводи кимиёвӣ, рафту раванди мушоҳидаи хонандагон дар ҷараёни он;

– интихоб ва ҷо ба ҷо намудани мавод барои гузаронидани эксперимент тибқи барнома ва дурнамои тартибдодашуда;

– интихоби шароитҳои мувофиқ барои гузаронидан ва аз худ намудани далелҳои муайян.

Таҷрибаҳои намоишӣ, корҳои лабораторӣ ва машғулиятҳои амалӣ шаклҳои эксперименти синфӣ буда, дар мактабҳо ғайр аз ин шаклҳои корҳои беруназсинфӣ, дар намуди маҳфилҳо боз дигар машғулиятҳои факултативӣ аз банду қисматҳои кимиё низ гузаронида мешаванд.

Машғулиятҳои факулатативӣ тибқи барномаи таълимӣ яке аз шаклҳои ташкили таълими химия дар ҷараёни дарс ва корҳои беруназсинфӣ мавқеи мобайниро ишғол намуда, мақсади асосии онҳо ташаккул додани шавқу ҳавас, майлу хоҳиш, шиносонидани хонандагон бо муваффақиятҳои илми химия, истеҳсолот ва ғайраҳо мебошад.

Машғулиятҳои амалӣ дар заминаи донишҳои азхуднамудаи хонандагон, баҳри пайдо кардани маълумоти нав равона карда мешаванд. Ба муаллим лозим меояд, ки дар ин ҷода масъалаҳоеро интихоб намояд, ки хонандагон роҳҳои мустақилона ҳал намудани онҳоро эҷодкорона ҷустуҷӯ намоянд. Бояд қайд намуд, ки машғулиятҳои амалӣ бо ҳамдигар зич алоқаманд мебошанд, аз ҷумла мавзӯъҳои исбот намудани алоқаи генетикии моддаҳои органикӣ (тавассути иҷро намудани табаддулотҳои химиявӣ), синтези кислотаҳои органикӣ, бензол, нитробензол, анилин, оксидонидани спирт то алдегид, алдегид то кислота, синтези эфирҳои гуногун ва ғайра.

Педагоги рус Есипов Б.П. [4] дар дастури методии худ ёдрас мешавад, ки дар раванди омӯзиши фанни химия аз тарафи хонандагон мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ яке аз муҳимтарин шаклҳои судманди таълим маҳсуб меёбад ва ин боиси ташаккули фаъолияти ҷустуҷӯи эҷодӣ ва тадқиқотии онҳо мегарданд.

Экспериментҳои химиявӣ дар рафти маҳфилҳои химиявӣ барои саҳеҳтар аз худ кардани химия, дарк кардани табаддулоти гуногуни химиявӣ ва барои аз тарафи хонандагон мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои гуногуни лабораторӣ имконият фароҳам меоранд.

Холназаров С., Ҳакимов О. [7] дар дастури методии худ «Асосҳои методикаи таълими химия» қайд менамоянд, ки дар амалияи таълими химия накш ва мақоми машғулиятҳои беруназсинфӣ дар якҷоягӣ бо дарсҳо ва машғулиятҳои факултативӣ аҳамияти калон дорад. Раванди машғулиятҳои беруназсинфӣ аз фанни химия якҷоя бо дарсҳо ба муаллим имконият медиҳад, ки теъдоди зиёди масъалаҳо ва машқҳои таълимиро ҳал намояд. Чунончи, ба туфайли мунтазам баён намудани мазмуни фанни таълим дар доираи барнома, ташаккул ва такмил додани маҳорат, аз ҷумла самтҳои умумии мантиқӣ, эҷодӣ, амалӣ ва дигар сифатҳои шахсияти хонандагон (донишҷӯён) мустақилият, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, ташаккули маҳорати касбӣ ва инфиродии онҳо ба миён меояд.

Мақсади асосии корҳои беруназсинфӣ чун машғулиятҳои факултативӣ мустаҳкам кардани донишҳои химиявӣ, бедор намудани шавқу ҳавас ва қобилияти илмию эҷодии хонандагон (донишҷӯён) мебошад.

Педагоги рус Л.А. Светков [8] дар тадқиқоти худ, чунин изҳори ақида менамояд, ки эксперименти химиявиро вобаста ба мазмуну мундариҷаи барномавии таълимӣ аз рӯи ҳаҷми таҷрибаҳо ба микро– ва макроэкспериментҳо ҷудо мекунанд.

Микроэксперимент дар намуди реаксияҳои қатрагӣ ҳамчун методи таҳлилӣ ифода мешавад. Ба воситаи ин метод дар муддати кӯтоҳи таҳлил, бо истифодаи начандон зиёди реактивҳо, суръати ҳосилшавии табаддулоти химиявӣ муайян карда мешавад, ки дар мактабҳои олӣ он ҳамчун методи таҳлилӣ истифода бурда мешавад.

Аксарияти таҷрибаҳои химиявӣ дар машғулиятҳои амалӣ бо миқдори ками реактив ва истифодабарии пробирка ва асбобу анҷомҳои ҳаҷмашон хурд гузаронида мешаванд. Ин гуна методро дар машғулиятҳои амалӣ ва иҷрои корҳои лабораторӣ бештар истифода мебаранд. Таҷрибаҳо бо миқдори ками реактивҳо ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва корҳои лабораторӣ як қатор ҷиҳатҳои мусбат дорад. Ингуна таҷрибаҳо тезтар ба амал омада, миқдори ками реактив сарф мешавад. Барои аксарияти мактабҳо, ки шароити хуби лабораторӣ ва таҷҳизоти химиявӣ надоранд, ин метод барои ба роҳ мондани эксперимент зимни омӯзиши химия истифода мегардад.

Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳо бо ин метод дастгоҳҳои махсус ва усулҳои алоҳида талаб карда намешавад ва аз таҷҳизоти паҳншудаи химиявӣ ба монанди: пробиркаҳои одии ҳаҷми хурддошта; пробиркаҳо бо найчаи газгузар; қифҳои хурд; найчаҳои шишагин ва каучукӣ истифода карда мешавад.

Ҳамин тариқ, агар ҳар як шакли таҷрибаи химиявӣ дар алоқаи зич ва ба маврид истифода гардад, вай ҳамчун усули пешқадам татбиқ карда мешавад. Дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳо савияи дониши хонандагон боз ҳам баландтар шуда, фанни химияро хубтар аз худ менамоянд. Корҳои таҷрибавӣ, мустақилона, амалӣ ба ташаккули равияи илмӣ-назариявӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон таъсири мусбат мебахшад.

Ба донишҷӯён ва муаллимон лозим аст, ки аз рӯи барномаи таълимии химияи мактабӣ ба таҷрибаҳои намоишӣ, корҳои лабораторию амалӣ шинос шуда, тарзи кор бо асбобу таҷҳизотро аз худ карда, пешакӣ худро барои гузаронидани онҳо тайёр намоянд, то ин ки донишу маҳорат ва малакаҳои худро ба маълумотгирандагон ба пуррагӣ дода тавонанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Верховский В.Н. Методика преподования химии, учебная книга. – М.: Просвещение,1984. – 378 с.
2. Чернобельская Г.М. Основы методики обучения химии, пособие для учителей. – М.: Просвещение,1987. – 154 с.
3. Ғуломқодир Бобизода, Ф. Абдуллоев, И. Усмонов. Озмоишҳои мустақилона аз химияи органикӣ, дастури методӣ. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 83 с.
4. Есипов Б.П. Самостоятельная работа учащихся на уроках химии. – М.: Учпедгиз, 1962. – 23 с.
5. Зуева М.В. Развития учащихся при обучении химии. – М.: Просвещение, 1987. – 234 с.
6. Зубайдов У., Холназаров С. Методикаи таълими химия, китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Андалеб - Р., 2015. – 383 с.
7. Холназаров С., Ҳакимов О. Асосҳои методикаи таълими химия, дастури методӣ. Қисми 1. – Душанбе: Авесто, 2008. – 68 с.
8. Цветков Л.А. Эксперимент по органической химии. Учебное пособие для учителей. – М.: Просвещение, 1973. – 288 с.
9. Кузнецова Н.Е. Методика преподование химии. Учебная книга для высших учебных заведений. – М.: Просвещение, 1984. – 322 с.
10. Бабанский Ю.К. Оптимизация учебно-воспитательного процесса. Учебное пособи для учителей. – М.: Просвещение,1980. – 98 с.


## НАҚШ ВА МАҚОМИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ОЗМОИШӢ-ТАҶРИБАВИИ ХИМИЯВӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ-МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН


Ин мақола фарогири масъалаҳои озмоишии химиявӣ буда, аз рӯи «Талаботи барномаҳои таълимӣ аз фанни химияи органикию ғайрорганикӣ барои синфҳои VII- XI-и муассисаҳои таълимӣ ва донишҷӣёни макотиби олӣ», бо мақсади ташаккули сатҳи дониш, маҳорат ва малакаҳои онҳо таҳия шудаанд. Муаллиф тавонистааст, ки паҳлӯҳои озмоишҳои химиявиро тавассути тадрисҳои намоишдиҳӣ, лабораторӣ, амалӣ ба хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ фаҳмонанд.


Тавассути дарсҳои лабораторӣ хонандагон (донишҷӯён) метавонанд, ки дониш, маҳорат ва малакаҳои таълимиашонро рушд диҳанд. Саҳми муаллим дар гузаронидани дарсҳои лабораторӣ ниҳоят бузург аст. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ба хонандагон (донишҷӯён) тарзи дуруст истифода бурдани моддаҳои химиявиро ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ омӯзонад.

Муаллифони мақола инчунин оид ба кори маҳфилҳои мактабӣ маълумот дода қайд мекунанд, ки корҳои лабораторӣ дар маҳфилҳо ба хонандагон (донишҷӯён) барои бой гардодани ҷаҳонбинӣ ва дуруст истифода бурдани моддаҳои химиявӣ кумак мерасонад.

Тадқиқот нишон дод, ки кори маҳфилҳо барои рущди дониш ва малакаҳои хонандагон ёрии амалӣ мерасонад. Ҳангоми гузаронидани корҳои лабораторӣ ба муаллим лозим меояд, ки аз таҷрибаҳои худ васеъ истифода барад, то ин ки озмоишҳои гузаронидашуда натиҷаи хуб бахшанд. Бо ин мақсад муаллим метавонад, дар хонандагон (донишҷӯён) тафаккури зеҳниро рушд диҳад ва дар онҳо сифатҳои донишазхудкунӣ, маҳорат ва малакаро бедор намояд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: эксперименти намоишӣ, машғулиятҳои амалӣ, таҷриба, маводи химиявӣ, машғулиятҳои факултативӣ, таҷрибаҳои лабораторӣ, макроэксперимент, микроэксперимент.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Бобизода Ғуломқодир Мукамал, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои биологӣ ва фармасевтӣ, профессор, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел.: (+992) 918-17-03-60; e-mail: bobievgm@mail.ru

Исмоилова М., саромӯзгори кафедраи химия ва методикаи таълими химияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тел.: (+992) 918-28-89-74; e-mail: ilm-kgu@bk.ru

## РОЛЬ ХИМИЧЕСКИХ ЭКСПЕРИМЕНТОВ И ПРАКТИЧЕСКИХ ЗАНЯТИЙ В ФОРМИРОВАНИЕ УЧЕБНО-ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ

Данная статья посвящается рассмотрению химических опытов и разновидных экспериментов в соответствии «Требованиями учебных программ органической и неорганической химии для учащихся VII-XI классов общеобразовательных школ и студентов высших учебных заведений», с целью формирования уровня знаний, умении и навыков научно-теоретической и прикладной направлений. Авторами более обоснованно раскрытый таких видов, химических экспериментов, как демонстрационный, лабораторный, практический описаны краткое их пояснение в зависимости от имеющих условий как в школах, так и в вузовских кабинетах и лабораториях.

С помощью лабораторных занятий ученики (студенты) обогащают свои знание умения и навыки. Заслуга учителя при проведении лабораторных занятий очень велика. Он должен объяснять ученикам (студентам) правильно использовать химические вещества при проведения лабораторных занятий.

Авторы в статье также использует кружковые работы в школе и даёт понять какое значение имеют лабораторные или кружковые работы. Именно экспериментальная работа в кружке помогает углубить знание по химии, обогащает мировоззрение учащихся, и приучает их к равильному использование лабораторных операций.

Исследование показало, что кружковая работа удовлетворяет учащихся, если они опираются на знания, получаемые в классе, а также отвечают на вопросы, возникшие в процессе изучение химии.

Задача учителя заключается в том, что если он сочтет увеличить число лабораторных опытов, то он сможет приспособить опыта, описанные в качестве демонстрационных, или использовать опыты, приведенные в учебниках и учебных пособиях. Тем самым он формирует у учеников творческое мышление и активизирует определенные формы знания, умения и навыков.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** демонстрационный эксперимент, практические занятия, опыт, реактив, факультативные занятия, лабораторные опыты, макроэксперимент, микроэксперимент.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Бобизода Гуломкодир Мукамал, член-корреспондент Академии образования Таджикистана, доктор биологических и фармацевтических наук, профессор, президент Академии образования Таджикистана. Тел.: (+992) 918-17-03-60; e-mail: bobievgm@mail.ru

Исмоилова М., ст. преподаватель кафедры химии и методики обучения химии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Тел.: (+992) 918-28-89-74; e-mail: ilm-kgu@bk.ru

## ROLE OF CHEMICAL EXPERIMENTS IN FORMATION OF EDUCATIONAL COGNITIVE ACTIVITY OF STUDENTS

This article is devoted to consideration of chemical experiments and diverse experiments in compliance «By requirements of training programs of organic and inorganic chemistry for pupils of the VII-XI classes of comprehensive schools and students of higher educational institutions», for the purpose of formation of level of knowledge, ability and skills scientific-theoretical and applied the directions. The authors more reasonably opened such types, chemical experiments as demonstration, laboratory, practical are described their short explanation depending on the having conditions both at schools and in high school offices and laboratories.

By means of laboratory researches pupils (students) enrich the knowledge skills. The teacher's merit when holding laboratory researches very much a bike. He has to explain to pupils (students) correctly to use chemicals when holding laboratory researches.

The authors in article also uses circle works at school and let’s know what value have laboratory or circle works.

Experimental work in a circle helps to deepen knowledge of chemistry, enriches outlook of pupils, and accustoms them to correct use of laboratory operations.

The research showed that circle work satisfies pupils if they rely on knowledge gained in a class and also answer the questions which arose in process studying of chemistry.

The task of the teacher is that if he considers increasing number of laboratory trials, then he will be able to adapt experience, described as demonstration or to make use of the experiences given in textbooks and education guidance.

Thereby it forms creative thinking at pupils and makes active certain forms of knowledge, ability and skills.

**KEY WORDS:** demonstration experiment, practical training, experience, reactant, facultative occupations, laboratory trials, macroexperiment, microexperiment.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Bobizoda Gulomqodir Mukamal, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, doctor of biological and pharmaceutical sciences, professor, president of the Academy of education of Tajikistan. Phone: (+992) 918-17-03-60; e-mail: bobievgm@mail.ru

Ismoilova M., art. lecturer of the department of chemistry and methods of teaching chemistry Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Phone: (+992) 918-28-89-74; e-mail: ilm-kgu@bk.ru

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ХИМИЯВӢ

Азимов Р.Р., Холназаров С., Латифов З.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Масъалаи муносибатҳои байниҳамдигарии «инсон-ҷомеа-табиат» яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Хусусияти глобалии масъалаҳои экологӣ аз зарурати ташаккули маданияти экологии аҳолӣ ҳамчун асоси ташаккули тарзи ҳаёти солим шаҳодат медиҳад.

Дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити зист таълим нақши муҳим мебозад. Ҳар як шахси дар сайёраамон зиндагикунанда аз давраи кӯдакӣ бояд донад, ки муносибати бепарвоёна нисбат ба муҳити атроф ба чӣ оварда мерасонад, бояд дар бораи бемориҳое, ки аз ифлосшавии ҳаво ва об пайдо мешаванд, фавти ҳайвоноту растаниҳо, камшавии ҳосилнокии хок, адошавандагии захираҳои оби ошомиданӣ ва тағйироти дигари номатлуби муҳити зист маълумот дошта бошад.

Экологикунонии курси химияи мактабӣ бо зарурати омодасозии мактаббачагон ба иштироки фаъолона дар ҳалли масъалаҳои асосии ҳифзи муҳити зист аз ифлосшавӣ асоснок мегардад. Яке аз методҳои самараноки ташаккулдиҳии донишу маҳорати экологии мактаббачагон ҳалли масъалаҳои химиявии хусусияти экологидошта ба ҳисоб меравад. Истифодаи дурусти онҳо дар ҷараёни таълим ба омодасозии маводи назариявии ҳаётан муҳим имконият медиҳад. Дар ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи масъала хонанда беихтиёрона нисбат ба масоили ҳифзи табиат ҳамбастагӣ пайдо мекунаду донишҳои гирифтаашро дар ҳаёт мавриди истифода қарор медиҳад. Танҳо чунин муносибат ба ташаккули тафаккури босаводонаи экологӣ мусоидат мекунад, дар мактаб бачагон як навъ «рефлекси тозагии экологӣ»-и дилхоҳ амали экологиро коркард менамоянд. Масъалаҳои ҳифзи муҳити зистро дида баромада, ба хонандагон саволу масъалаҳои химиявӣ-экологиро пешниҳод кардан мумкин аст. Ҳангоми тартиб додани чунин масъалаҳо риоя кардани талаботи зерини методӣ тавсия мегардад:

1. Дар шарти масъала ва натиҷаи ҳалли он бояд маълумоти аз ҷиҳати амалӣ муҳим ҷой дошта бошад.
2. Ин маълумот бо маводи барномавӣ ва проблемаҳои воқеии экологӣ алоқаи зич дошта бошанд.
3. Масъалаҳо бояд ба имкониятҳо ва сатҳи дониши хонандагони синфи додашуда мувофиқ бошанд.
4. Ҳалли масъала бояд ба имкониятҳо ва маҷмӯи донишҳои фанҳои гуногун такя намояд.
5. Масъалаи пешкашшуда барои санҷиш, фаҳмонидан ва такмилдиҳии донишҳо истифода мешавад.

Шарт нест, ки масъалаҳои тартибдодашуда ҳалли ягона дошта бошанд, онҳо бояд хусусияти муҳокимавӣ-проблемавӣ, баҳснок ва ҷустуҷӯи роҳҳои оқилонаи проблемаи таълимӣ-маърифатӣ дошта бошанд.

Барои ҳосил кардани малакаҳои ҳалли масъалаҳои экологӣ:

1. Донишҳои элементарӣ дар бораи табиатро ҷамъ намудан;
2. Принсипи «аз содда ба мураккаб» гузаштанро истифода бурдан;
3. Азхудкунии таҳлили мантиқӣ;
4. Ошкор кардани вижагии масъалаҳое, ки муносибати эҷодиро талаб мекунанд, зарур аст.

Ақида дорем, ки барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули маданияти экологӣ ҳалли масъалаҳо мунтазам гузаронида шаванд. Ин кор ҳам бояд инфиродӣ ва ҳам дар гурӯҳҳо ба роҳ монда шавад. Зимни кори гурӯҳӣ хонандагон на танҳо масъалаҳоро ҳал менамоянд, балки бо истифода аз маҷмӯи фанҳои гуногун онҳоро тартиб медиҳанд.

Масалан, зимни омӯзиши мавзӯи «Манбаъҳои табиии карбоҳидроген» дар синфи 10-ум хонандагон бо конҳои нефт шинос мешаванд, дар бораи истихроҷи нефт дар баҳр маълумот пайдо мекунанд ва бо донистани хусусиятҳои физикавии он масъалаҳо тартиб медиҳанд: «Чаро истихроҷи нефт дар баҳр садамаи экологӣ шуда метавонад? Кадом усулҳои ҳифзи муҳити зист аз рехтани нефт дар об мавҷуд аст?»

Муҳим он аст, ки мазмуни мавод доир ба ҳифзи табиат бояд муосир бошад ва проблемаҳои иҷтимоии ҷомеаро инъикос намоянд.

Ҳалли масъалаҳои химиявии мазмуни экологидошта усули таъмини робитаи химия бо дигар фанҳо мебошад ва самти амалӣ дорад. Ин ҷараён салоҳиятнокии экологиро ташаккул медиҳад ва ба мактаббачагон истифодаи беҳтару аз ҷиҳати экологӣ дурусти моддаҳои химиявӣ дар рӯзгор, истеҳсолот ва истифодаи маводи кишваршиносиро меомӯзад.

Зимни омӯзиши хосият ва истифодабарии карбон ва пайвастагиҳои он диққати хонандагонро ба яке аз проблемаҳои муосири экологӣ - пайдошавии «Самараи гармхонагӣ», ки

ба гармшавии иқлим оварда мерасонад, равона месозем. Барои муҳокима ва пешгирӣ кардани ин ҳодиса масъалаҳои зеринро пешниҳод мекунем:

Масъалаи 1.

Аз 40 то 60 фоизи ифлоскунандагони атмосфераи ш. Душанбе аз ҳисоби аз муҳаррики дарунсӯзи автомобилҳо фаворазанон баромадани газҳои сӯхташуда мебошад. Ифлоскунандагони асосӣ оксидҳои карбон II ва IV мебошанд. Таъсири зараровари гази карбон (CO) ба организми инсон дар он аст, ки:

а) дар пӯсти одам захм пайдо мешавад;

б) кори муътадили системаи асабро вайрон мекунад;

в) ба гемоглобини хун пайваст шуда, ба нақлшавии оксиген монеъ мешавад;

г) хоначаҳои чашмро вайрон карда, ба нобиноӣ оварда мерасонад.

Ҷавоб: в.

Масъалаи 2.

Ҷамъшавии гази карбонат дар атмосфера хавфнок буда, ба ҳосилшавии самараи гармхонагӣ оварда мерасонад. Ҳангоми сӯзонидани 100 г полиэтилен (100 дона пакетҳои истифодашуда) чанд литр $CO_2$ ба атмосфера ворид мешавад?

Ҳал:

Д.ш.аст:
$m\ (C_2H_4)_n = 100$ г
$M\ (C_2H_4)_n = 28\ n$ г/мол
$V_m = 22{,}4$ л/мол
$V(CO_2)=?$

1) Муодилаи сӯзиши полиэтилениро навишта бузургиҳои додашударо мегузорем:

$$\underset{28\ n}{\overset{100\ г}{(-CH_2\text{-}CH_2\text{-})_n}} + 3_nO_2 \longrightarrow \underset{44{,}8\ n/л}{\overset{X\ л}{2_nCO_2}} + 2_nH_2O$$

2) Таносуб тартиб дода, ҳаҷми гази карбонати хориҷшударо меёбем:

$$X=\frac{100г\ \cdot 44{,}8л}{28г} = 160\ л.$$

Ҷавоб: $V(CO_2) = 160$ л.

Масъалаи 3.

Дар табиат мунтазам гардиши элементҳои биогенӣ: карбон, ҳидроген, оксиген, фосфор, нитроген ва ғайра ба амал меояд. Инсон дар раванди ҳаётӯ фаъолияти худ ба гардиши моддаҳо дахолат мекунад ва ашёи хомро барои қонеъ гардонидани талаботи худ ҳамаҷониба истифода мебарад.

Барои тайёр намудани 1 л оби миниралии газноке, ки дар он консентратсияи кислотаи карбонат 2 фоизро ташкил дода зичиаш ба 1 г/см³ баробар аст, чанд грамм карбонро ба $CO_2$ табдил додан лозим?

Д.ш.аст.
V(оби минералии газнок)=1 л
P=1 г/см³
m(оби минералиигазнок)=1000 мл·г/мл =1000 г
$\omega\ (H_2CO_3)= 2\%$
m (C)=?
Ҳал:

1) Таносуб тартиб дода массаи $H_2CO_3$ – ро меёбем.

1000г ———— 100%

$m_2H_2CO_3$ ———— 2%

$$m=\frac{1000г\ \cdot 2\%}{100\%} = 20\ г,\ H_2CO_3$$

2) Массаи $CO_2$-и барои ҳосил кардани 20 г $H_2CO_3$ заруриро меёбем:

$$\underset{44г}{\overset{mг}{H_2O+CO_2}} = \underset{62г}{\overset{20г}{H_2CO_3}}$$

$$m=\frac{44г\ \cdot 20г}{62г}=14{,}19\ г,\ CO_2$$

3. Муодилаи реаксияи ҳосилшавии $CO_2$-ро навишта, массаи C-ро меёбем:

$$\underset{12\ г}{\overset{m_г}{C}}+O_2 \longrightarrow \underset{44\ г}{\overset{14{,}19}{CO_2}}$$

$$m_c=\frac{12г\cdot 14.19}{44г}=3{,}87\ г.$$

Ҷавоб: 3,87 г, C.

Ҳангоми дида баромадани саволҳои истифодабарии нитроген ва аммиак дар мавзӯи «Зергурӯҳи нитроген» дар синфи 9-ум барои мустаҳкамкунии донишҳо чунин масъалаҳоро истифода мебарем:

Масъалаи 4.

Нитроген элементи биогении ивазнашаванда ба ҳисоб рафта, ба таркиби сафедаҳо ва кислотаҳои нуклеинӣ дохил мешавад.

Атмосфера ин зарфи беканор барои нигоҳдории нитроген мебошад, лекин бештари организмҳои зинда нитрогенро дар шакли озод истифода бурда наметавонанд. Онҳо нитрогенро асосан дар намуди пайвастагӣ истифода мебаранд. Бактерияҳои ба нитроген мутаваҷҷеҳ вуҷуд доранд, ки нитрогени озоди ҳаворо ба шакли барои қабули растаниҳо лозим мубаддал мегардонанд. Бо ёрии чунин бактерияҳо ҳангоми ҳосили хуб юнучқа метавонад дар як мавсим 150-160 кг/га нитрогенро ҷамъ кунад.

Массаи нитрогени додашуда дар чанд м$^3$ ҳаво мавҷуд аст? Маҳлули 10 фоизи аммиакобро ба сифати нурии нитрогендор истифода мебаранд. Барои иваз кардани 1га юнучқае, ки дар як мавсим 100 кг/га нитроген ҷамъ карда метавонад, чанд кг маҳлули 10 фоизаи аммиакоб лозим аст?

Ҷавоб: 120 м$^3$, 2100 кг.

Масъалаи 5. Партовҳои саноатие, ки ба яке аз обанборҳо партофта мешаванд, нитроген ва фосфор доранд, ки сабаби гулпӯш шудани обҳо аз ҳисоби босуръат инкишофёбии обсабзҳои кабуду сабз мегарданд. Бо ёрии кадом реаксияҳои химиявӣ катионҳои аммоний ва нитратро дар об муайян кардан мумкин аст. Муодилаи реаксияи онҳоро нависед.

Ҳал:

$NH_4\,NO_3 + NaOH \rightarrow NaNO_3 + H_2O + NH_3\uparrow$

$NH_4Cl + KOH \rightarrow KCl + H_2O + NH_3\uparrow$

$(NH_4)_2CO_3 + 2NaOH \rightarrow NaCO_3 + 2H_2O + 2NH_3\uparrow$

$(NH_4)_2S + 2KOH \rightarrow K_2S + 2H_2O + 2NH_3\uparrow$

$(NH_4)_2S + 2NaOH$конс $\rightarrow NaSO_4 + 2H_2O + 2NH_3\uparrow$

Масъалаи 6. Дар вилояти Хатлон обҳои нӯшокӣ дар таркибашон намакҳои ҳалшавандаи ионҳои $Ca^{2+}$ ва $Mg^{2+}$сулфатҳо ва карбонатҳо доранд, ки дуруштии обҳо ба онҳо вобаста аст. Ҳамарӯза истифодабарии чунин обҳо ба як қатор бемориҳои рӯдаю меъда оварда расониданашон мумкин аст. Кадоме аз ин моддаҳои дар поён овардашударо барои кам кардани дурӯштии об истифода бурдан мумкин аст. Барои кам кардани дуруштии об намакҳои дар об нағз ҳалшавандаи кислотаи нитратро истифода мебаранд, ки яке аз онҳо $K_2CO_3$ мебошад.

Карбонати калий $K_2CO_3$ диссотсиатсия шуда, карбонат-ионҳо $CO_3^{2-}$ ба вуҷуд меоянд:

$$K_2CO_3 \rightleftarrows 2K^+ + CO_3^{2-}$$

Карбонат-ионҳо бо ионҳои $Ca^{2+}$ ва $Mg^{2+}$ пайваст шуда намакҳои ҳалнашавандаи $C_aCO_3$ ва $MgCO_3$ ҳосил мешаванд ва ҳамин тариқ, дуруштии об кам карда мешавад:

$Ca(HCO_3)_2 + K_2CO_3 \rightarrow 2KHCO_3 + CaCO_3\downarrow$ муодилаҳои

$Mg(HCO_3)_2 + K_2CO_3 \rightarrow 2KHCO_3 + MgCo_3\downarrow$ молекулавӣ

$C_a^{2+} + 2HCO_3^- + 2K^+ + CO_3^{2-} \rightarrow 2K^+ + 2HCO_3^- + CaCO_3\downarrow$

Муодилаҳои ионӣ-молекулавӣ

$Mg^{2+} + 2HCO_3^- + 2K^+ + CO_3^{2-} \rightarrow 2K^+ + 2HCO_3^- + MgCO_3\downarrow$

$C_a^{2+} + CO_3^{2-} \rightarrow CaCO_3\downarrow$ муодилаҳои мухтасар

$Mg^{2+} + CO_3^{2-} \rightarrow MgCO_3\downarrow$

а) карбонати калий;

б) намаки ошӣ;

в) фосфати натрий.

Муодилаҳои реаксияҳои дахлдорро навишта, ҷавобатонро шарҳ диҳед.

Таълими дилхоҳ фан дар мактаб бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки хонандагон ба гирифтани дониш майлу рағбат зоҳир намоянд. Барои он ки хонандагон дар дарсҳои химияи органикӣ самаранок фаъолият кунанд, мо дар ҷараёни таълим аз масъалаҳои ғайрианъанавии ҳамгирошудаи маърифатӣ бояд мунтазам истифода барем. Дар чунин масъалаҳо ҳамгироии донишҳо аз ҳисоби истифодаи маҷмӯи маводи соҳаҳои гуногуни дониш (тиб, биология, экология, таърих) ва ҷустуҷӯи фаъолонаи маълумоти нав амалӣ мегардад. Вазифаи ҳамгироӣ на танҳо мусаллаҳгардонии хонандагон бо маҷмӯи донишҳо дар бораи муҳити зист, балки тарбияи дуруст ва воқеӣ, рушди маҳорати мустақилона ҳал кардани проблемаҳои пайдошаванда ва аз ҷиҳати илмӣ фаҳмонидани падидаҳои рӯйдиҳанда мебошад. Зимни истифодабарии масъалаҳои маърифатӣ дар як қатор ҳолатҳо таълим тавассути такя ба донишҳои аллакай мавҷуда ва таҷрибаи ҳаётӣ (тавассути баёни чизҳои одӣ аз нуқтаи назари илм)-и таълимгирандагон амалӣ мегардад. Дар аввал масъалаҳои ҳамгиро бештар бо мақсади ҷалби диққат мавриди истифода

қарор меёбанд. Дар ин давра масъалаҳо бештар хусусияти аёниро доранд. Дар давраҳои ояндаи таълим масъалаҳои маърифатии ҳамгирошудаи хусусияти проблемавидошта истифода мегардад.

Муошырати байни одамон бо робитаҳои биноӣ ва шунавоӣ асос меёбад. Аммо барои баъзе ҳайвонот усули асосии муошират ҷудокунии моддаҳои химиявӣ ба шумор меравад.

Масъалаи 7. Намунавӣ.

Феромони ба ҳаяҷоноварандаи мурчаҳои баргбуранда ситрал мебошад. Ин модда бӯи лимӯро дошта, дар мурчаҳо реаксияи бадқасдона рафтор карданро ба вуҷуд меорад ва онҳо ҳама мавҷудоти зиндае, ки аз он чунин бӯй меояд, нест мекунанд. Формулаи сохтории ситралро муайян кунед, агар ҳангоми бо он ба реаксия дохил шудани бромоб 2,3,6,7,-тетрабром-3,7-диметилоктанал-1 ҳосил шавад.

Ҳал:

Аз шарти масъала маълум мешавад, ки ситрал дорои ду банди дучанда мебошад ва ба он реаксияи пайвастшавӣ хос аст. Моддаи ҳосилшударо ба эътибор гирифта, муодиларо тартиб медиҳем ва формулаи ситралро муайян мекунем:



Ситрал

2,3,6,7-тетрабром-3,7 диметилоктанал-1

Масъалаи 8. Мустақилона.

Ба таркиби феромони ба ҳаяҷоноварандаи мурчаҳои ҷӯбхӯрак карбоҳидроген дохил мешавад. Формулаи карбоҳидрогенро муайян кунед, агар маълум бошад, ки ҳангоми крекинги он пентан ва пентен ва ҳангоми сӯзиши он 10 мол гази карбонат ҳосил мешавад.

Ҷавоб: Декан.

Масъалаи 9. Мустақилона.

Бӯи гули мехак ба эвгенол ва моддаи таркибаш $C_7H_{14}O$ вобастааст. Сохти ин моддаро муайян кунед, агар маълум бошад, ки вай бо маҳлули аммиакии оксиди нукра ба реаксия дохил намешавад, лекин ҳангоми гидрогенонидани каталитии он гептанол-2 ҳосил мешавад.

Ҷавоб: метилпентилкетон.

Аз тарафи хонандагони синфҳои 10-11-ум тартиб додани масъалаҳои мазмуни экологидошта барои мактаббачагони хурдсол яке аз усулҳои мустаҳкамкунии дониш буда метавонад.

Якчанд намунаи чунин масъалаҳоро меорем:

Масъалаи 1. Дар қаламрави Тоҷикистон 9770 намуди растаниҳо, аз ҷумла 4513 навъи растаниҳои дараҷаи олӣ ба қайд гирифта шудааст. Чанд фоизи растаниҳои Тоҷикистонро растаниҳои дараҷаи олӣ ташкил медиҳанд?

Ҷавоб: 46,19%.

Масъалаи 2. 14 намуди кӯршабпаракҳои дар қаламрави Тоҷикистон маскунбуда ба китоби сурх ҷой дода шудааст. Як кӯршабпарак дар як шаб 500 хомӯшакро мехӯрад. Муайян кунед, ки гурӯҳи аз 20 кӯршабпарак иборатбуда дар як шаб чанд хомӯшакро мехӯрад?

Ҷавоб: 10000 хомӯшак.

Масъалаи 3. Дар як рӯзи офтобӣ як гектар ҷангал 200 кг оксиген хориҷ мекунад. 15 гектар ҷангал дар чунин рӯз чанд кг оксиген хориҷ мекунад?

Ҷавоб: 3000 кг оксиген.

Масъалаи 4. Диаметри танаи дарахти сафедор 40 см ва дарахти булут бошад 2 метрро ташкил медиҳад. Дарахти булут нисбат ба сафедор чанд маротиба ғафстар аст?

Ҷавоб: 50 баробар.

Масъалаи 5. Дар ҳудуди Тоҷикистон 4 мамнӯъгоҳ амал мекунад, ки масоҳати умумиашон 86,8 ҳазор гектар мебошад. Ин чанд фоизи масоҳати мамлакатро ташкил менамояд?

Ҷавоб: 0,6%.

Хулоса, таълиму тарбияи экологӣ чун соҳаи нави педагогика ва таҷрибаи мактабӣ дар замони муосир фаъолона рушд меёбад. Он тамоми соҳаҳо ва фанҳои таълимиро фаро мегирад, аммо нақши он дар дарсҳои химия бояд хеле калон бошад. Ҳоло дар китобҳои дарсии химия ба масъалаҳои ҳифзи табиат диққати нисбатан кам дода шудааст.

Истифодаи мавод доир ба ҳифзи табиат якҷоя бо маводи барномавӣ шавқу рағбати хонандагонро ба фанни химия баланд мегардонад, талаботи муошират бо табиатро рушд ва доир ба ҳифзи табиат малакаҳоро ташаккул медиҳад. Ба ҳар як шахс дар низоми маълумоти экологӣ донишҳои химиявӣ заруранд.

Масъалаҳои химиявӣ, ки ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии масъалаҳои экологиро баррасӣ менамояд, ба ҳалли дурусти ин проблема имконият медиҳад.

**АДАБИЁТ:**


1. Винокурова Н.Ф. Интеграция экологических зданий. – Нижний Новгород, 1996. – 150 с.
2. Зверев И.Д. Экология в школьном обучении. – М.: Знание, 1980. – 80 с.
3. Назаренко В.М. Программа экологизированного курса химии для средней общеобразовательной школы // Химия в школе, 1993. – №5. – С. 3-7.
4. Евстафьева Е.И., Титова И.М. Начальное профессиональное образование: развитие внутренней мотивации учения // Химия в школе, 2002. – №7. – С. 20-25.
5. Саидов М., Исоев К. Экология. – Душанбе, 2018.
6. Н.В. Коровин. Г.Н. Масленникова. Курс общей химии. – Москва: Высшая школа, 1990.
7. Красная книга Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 1988.


## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ХИМИЯВӢ


Дар мақола қайд шудааст, ки хусусияти глобалии масъалаҳои экологӣ омодасозии наврасону ҷавононро ба иштироки фаъолона дар ҳалли масъалаҳои асосии ҳифзи муҳити зист тақозо менамояд.

Муаллифон қайд мекунанд, ки яке аз методҳои самараноки ташаккулдиҳии донишу маҳорати экологии мактаббачагон ҳалли масъалаҳои химиявии хусусияти экологидошта ба ҳисоб меравaнд. Зеро масъалаҳои химиявӣ, ки ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии масъалаҳои экологиро баррасӣ менамояд, ба ҳалли дурусти ин проблема имконият фароҳам меоварад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** маданияти экологӣ, муҳити зист, химияи мактабӣ, ҷараёни таълим, масъалаҳои химиявӣ-экологӣ, карбоҳидроген, нефт, садамаи экологӣ, маводи кишваршиносӣ.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Азимов Раҳматулло Раҳимович, номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи риёзӣ-иқтисодии Донишкадаи энергетии Тоҷикистон. Тел.: (+992) 988-22-05-67.

Холназаров Санг, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии ДДБ ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 917-06-02-08.

Латифов Зафар, докторант Phd-и кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии ДДБ ба номи Носири Хусрав.


## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ПОЗНАНИЯ УЧАЩИХСЯ ПОСРЕДСТВОМ РЕШЕНИЯ ХИМИЧЕСКИХ ЗАДАЯ


В статье отмечается, что глобальные особенности экологических проблем требует подготовку подростков и молодежи к активному участию в решении основных вопросов защиты окружающей среды.

На взгляд авторов, одним из эффективных методов формирования экологических знаний и умений школьников является решение химических задач, имеющих экологический характер. Поскольку химические задачи рассматривают количественные и качественные аспекты экологических задач и создают возможности для правильного решения этой проблемы.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** экологическая культура, окружающая среда, школьная химия, процесс обучения, химические и экологические задачи, углеводороды, нефть, экологическая катастрофа, материалы по краеведению.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Азимов Рахматулло Рахимович, кандидат педагогических наук, ст. преподаватель кафедры математики-экономики Института энергетики Таджикистана. Тел.: (+992) 988-22-05-67.

Холназаров Санг, доктор педагогических наук, профессор кафедры методики преподавании естественнонаучных дисциплин Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 917-06-02-08.

Латифов Зафар, докторант Phd кафедры методики преподавании естественнонаучных дисциплин Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.


## FORMATION AND DEVELOPMENT OF ECOLOGICAL KNOWLEDGE OF STUDENTS BY SOLVING CHEMICAL PROBLEMS


The article notes that the global features of environmental problems require the preparation of adolescents and young people for active participation in solving the main issues of environmental protection.

In the opinion of the authors, one of the effective methods for the formation of environmental knowledge and skills of schoolchildren is the solution of chemical problems of an environmental nature. Because chemical problems consider the quantitative and qualitative aspects of environmental problems and create opportunities for the correct solution of this problem.



**KEY WORDS:** ecological culture, environment, school chemistry, learning process, chemical and environmental problems, hydrocarbons, oil, ecological disaster, materials on local history.



**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Azimov Rahmatullo Rahimovich, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer at the department of mathematics and economics of the Institute of Energy of Tajikistan. Phone: (+992) 988-22-05-67.

Kholnazarov Sang, doctor of pedagogical sciences, professor of the department of methods of teaching natural science disciplines of the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 917-06-02-08.

Latifov Zafar, PhD candidate of the department of methods of teaching natural science disciplines of the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

УДК 6п 2.1(075)

# МОҲИЯТ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ЭЛЕКТРОТЕХНИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТЕХНИКӢ

Исломов О.А., Ҳошимов А.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Шароити имрӯзаи рушди илму техника омодасозии мутахассисони баландихтисоси соҳаи энергетикаро тақозо менамояд. Ин бошад, дар навбати худ, зарурати баланд бардоштани сатҳи мазмуну усулҳои таълимро дар донишгоҳҳои техникӣ ба миён меоварад.

Захираҳои энергетикии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ миқдори зиёди неругоҳҳои энергетикӣ бунёд карда шаванд. Онҳо ба рушди истеҳсолоти саноатӣ, иқтисодиёти миллӣ ва саноатикунонии ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд. Бинобар ин, такмил додани таълими фанни электротехника талаботи замон буда, дар рушди иқтисодиёти миллӣ ва хоҷагии халқ нақши муҳим мебозад.

Дар Донишкадаи кӯҳӣ-металлургӣ ба таълими фанни электротехника аҳамияти зарурӣ дода, дар асоси барнома барои омӯзиши мавзӯъҳои ин фан соатҳои муайян ҷудо карда шудаанд. Дар доираи барномаи таълимии таҳиягашта, ба донишҷӯён дар бораи асосҳои фанни электротехника маълумоти ибтидоӣ пешниҳод карда шудааст. Ба барнома инчунин маълумоти назариявӣ ва намудҳои гуногуни корҳои электротехникӣ дохил шудаанд. Омӯзиши фанни электротехника аз курси 2-юм оғоз гашта, дар курси 3 ба анҷом мерасад.

Барои омӯзиши фанни «Электротехника» дар барномаҳои электротехникӣ 32 соат машғулиятҳои маърӯзавӣ ҷудо шудааст, ки ҳадафи он омӯзиши ноқилҳо барои занҷирҳои шиддати бехатарӣ (буриши ноқилҳои ҷараёни интиқолдиҳанда то 10 мм²), таҷҳизоти барқӣ, воситаҳои насби таҷҳизоти барқӣ, хондани нақшаҳои соддатарини электрикӣ, аз рӯи нақша пайваст кардани занҷири яклампагӣ ба шиддати бехатарӣ дар машқҳои амалӣ, пайваст ва ҷудо кардани симҳо иборат мебошад. Дар курси маърӯзавӣ донишҷӯён донишҳои назариявиро аз худ намуда, дар асоси нақшаи занҷирҳои барқӣ малакаи пайвасти пай дар пай ва параллелии чароғҳо, насб кардани занҷирҳои барқӣ бо лампаҳоро ҳосил мекунанд.

Донишҷӯён дар нимсолаи аввали курси дуюм бояд аз таҷҳизоти шабакаҳои нурдиҳандаи барқӣ, расиши кӯтоҳ, қоидаҳои техникаи бехатарӣ, васл ва ҷудо кардани таҷҳизоти равшандиҳанда дар хонаҳои истиқоматӣ истифода бурда тавонанд. Дар курси дувум, донишҷӯён дар бораи принсипҳои истифодаи дастгоҳҳои электромагнитӣ (зангӯла, релеҳо, муҳаррикҳои электрикии коллекторӣ), унсурҳои асосии дастгоҳҳои автоматикӣ донишҳои ҳаматарафа гирифта, оид ба насб кардани амсилаҳои дастгоҳҳои электромагнитӣ малака пайдо менамоянд. Дар дарсҳои лабораторӣ бо таъинот ва сохти дастгоҳҳои электрикии дастӣ, қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми истифодаи дастгоҳҳои электрикӣ, муҳаррикҳои барқии асинхронӣ, калидҳо, васлакҳо ва бакорандозаки магнитӣ шинос мегарданд. Дар доираи корҳои амалӣ, донишҷӯён инчунин бо сохт ва тарзи кори генератори ҷараёни сефаза ва муҳаррикҳои электрикӣ бо пайвасти симпечашон ситора ва секунҷаи ҷараёни тағйирёбанда шинос шуда, қобилияти муайян кардани нуқсон дар симпечи муҳаррикҳои электрикӣ, ҷамъи нақшаи пайваст кардани муҳаррикҳои электрикӣ ба шабака ва васлкунии қисмҳои муҳаррикҳоро аз худ намоянд. Дар барнома бо ин мақсад то 32 соат барои маързаҳо ва то 16 соат барои кори амалӣ ҷудо карда шудааст.

Дар мухтавои барнома қайд шудааст, ки вазифаи фанни «Электротехника» аз ташаккул додани дониш ва малакаҳои донишҷӯён дар омодасозӣ ва таҳияи нақшаҳои барқӣ барои рушди саноат ва истифодаи онҳо дар системаҳои барқтаъминкунӣ иборат мебошад. Дар нимсолаи дуюми курси дуюм донишҷӯён оид ба тарҳрезии ноқилҳо, лампаҳо, шабакаҳои равшанидиҳанда барои занҷирҳои барқии бехатарӣ, дастгоҳ ва усулҳои кор бо асбобҳои барқӣ мувофиқи қоидаҳои бехатарии меҳнат донишҳои заруриро ба даст меоранд. Донишҷӯён бояд нақшаҳоро хонда аз рӯи нақша занҷирҳои барқиро тартиб дода, пайваст ва ҷудо кардани ноқилҳоро тавонанд, бо сохти ноқилҳо, инчунин бо тарҳ ва сохтани чароғҳои барқӣ, насби онҳо бо талаботи сифатнокии маҳсулоти анҷомдодашуда шинос шаванд. Шиносоӣ бо сохт ва таъиноти гуногуни манбаҳо, муҳофизакҳо ва шарҳи онҳо дар нақшаҳои электрикӣ, усул ва васли занҷирҳои таҷҳизоти равшанидиҳандаи коргоҳҳои саноатӣ ва маишӣ, сабаби расиши кӯтоҳ дар системаҳои барқтаъминкунӣ, қоидаҳои техникаи бехатарӣ оид ба истифодабарии шабакаҳои равшанидиҳанда, нақшаҳои шабакаҳои барқтаъминкунӣ, мақсад ва таъиноти дастгоҳҳои гуногун, сутунҳо, ишораҳои онҳо дар тарҳҳои барқӣ, усули насби хатҳои барқии ҳавоӣ ва кабелӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки қобилияти хондани тарҳҳои электрикӣ ва насб кардан шохаҳои барқии соҳавиро пайдо намоянд.

Соли 2015 ба нақшаи асосии муассисаҳои таҳсилоти касбии олии Тоҷикистон як барномаи нави таълимӣ дохил карда шуд, ки самти таълими равияҳои факултети электромеханикаро барои донишҷӯёни курси 2 дар бар мегирад.

Стандарти ҳатмӣ, ки мундариҷаи таълимӣ оид ба энергетикаро фаро мегирад, дар Донишкадаи кӯҳӣ–металлургии Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти зерини электроэнергетикӣ, аз қабили истеҳсоли неруи барқ ва интиқоли он ба масофаи дур, муайянкунӣ ва истифодабарии таҷҳизоти электротехникӣ ва автоматикӣ, ҷудокунӣ, хондан ва тартиб додани нақшаҳои мураккаби электрикӣ, техникаи ахборченкунӣ, насбу васли ноқилҳо ва таҷҳизот, тартиб додани занҷирҳои бисёрноқилдор, санҷиши таҷҳизоти барқӣ, ҷустуҷӯи нуқсонҳо ва бартараф кардани онҳо равона гардидааст.

Тибқи фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз моҳи июни соли 1999, барномаи ҳатмии мазмун ва мундариҷаи ҳадди ақали таҳсилоти ихтисосҳои гуногуни электротехникӣ дар фазои таҳсилоти олӣ ва компонентҳои махсуси технологӣ тасдиқ ва мавриди истифода қарор гирифт.

Ҷузъи умумии технологии таълим ҳатмӣ буда, барои омӯзиш ва мундариҷаи он бо яке аз ду усули компонетҳои махсуси технологӣ асос меёбад. Самтҳо ё соҳаҳои фаъолияти меҳнатии таҳсилоти баъдидипломӣ, интихоби равия дар самти фаъолияти меҳнатӣ иҷро мегардад. Таҳсилот бо дарназардошти базаи моддию техникии муассисаи олии таълимӣ, доштани кадрҳои педагогӣ, шавқ ва талаботи таълимгирандагон сурат мегирад. Муҳтавои қисми умумии таҳсилот техника ва технологияро дар ҷомеаи муосир, тамоюли рушди онҳо, роҳҳои дарёфт ва ҳалли воситаҳои нави техникӣ ва технологиро дар бар мегирад [1, с. 24-27].

Барномаи мазкур аз ҷониби омӯзгорони Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон таҳия шуда, ҳадафи асосии мантиқии он омӯзиши фанни «Электротехника» барои тайёр кардани донишҷӯён ба бозори меҳнати мустақил дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ мебошад.

Дар барнома ҳадафҳое оварда шудаанд, ки бояд дар раванди таълим ҳалли худро ёбанд, инчунин дарсҳои маърӯзавӣ, маводи дидактикӣ ва лабораторӣ оид ба корҳои электротехникӣ баррасӣ гардиданд. Ҳадафу вазифаҳо аз: 1) ташаккули донишҳои политехникӣ ва фарҳанги экологӣ; 2) шиносоӣ бо асосҳои истеҳсолоти ҳозиразамон; 3) рушди мустақилият ва қобилияти донишҷӯён, ки малакаи ҳал кардани масъалаҳои эҷодкорию ихтироъкорӣ доранд; 4) таъмин намудани донишҷӯён бо имконоти худшиносӣ, омӯзиши ҷаҳонии касбҳо, татбиқи лоиҳаҳои касбӣ бо мақсади худшиносии касбӣ иборат мебошанд.

Барои ҳалли масъалаҳои дидактикӣ 10 фасли асосӣ, аз ҷумла қисмати «Технологияҳои электронӣ» ҷудо карда шудааст. Ин технологияи электронӣ, электротехника, автоматика, электроникаи рақамӣ, робототехника, технологияи баланди истифодаи компютерҳо дар идоракунии равандҳои технологӣ мебошад. Барномаи фасли «Технологияҳои электронӣ (электротехникӣ)» аз ҷониби Ушаков М.А., Хотунсев Ю.Л. ва Калинин Б.В. таҳия шудааст [2, с. 91-96].

Бо омӯзиши «Электротехника», донишҷӯён дар бораи пойгоҳи элементҳои электротехника, воситаҳои ахборченкунии электрикӣ, занҷири электрикӣ, релеҳои электромагнитӣ, муҳаррикҳои ҷараёни доимӣ, ҷараёни тағйирёбанда, росткунакҳо ва таҷҳизоти маишӣ маълумот мегиранд.

Ҳангоми омӯзиши асосҳои «Электроника» донишҷӯён бояд бо пойгоҳи элементҳои электроника шинос шаванд, яъне тарзи кори транзисторҳои биполярӣ, пурқувваткунакҳо, генераторҳоро омӯзанд ва дар асоси он модулизатсия ва принсипҳои ҳаракати системаҳои алоқаро аз худ кунанд.

Ҳамин тариқ, дар барномаи электротехника маълумот оид ба истеҳсол, интиқол ва истифодаи қувваи барқ баррасӣ шудааст.

Омӯзиши ҳамаи бандҳои дар боло номбаршуда, бо иҷроиши корҳои амалӣ, ки на кам аз 50 фоизи вақти барои омӯзиш ҷудошударо дар бар мегирад, амалӣ мегардад.

**АДАБИЁТ:**


1. Гомоюнов К.К. Баланд бардоштани омӯзиши фанҳои техникӣ. Вазифаҳои таҳлили таҳқиқот. – Ленинград: изд. Ленинград, 1983. – 206 с.
2. Лернер И.Я. Асосҳои дидактикии усулҳои таълим. – Москва: Педагогика, 1981. – 186 с.
3. Валынский, Б.А. Электротехника, дастур барои донишгоҳҳо / Б.А. Валинский, Е.Н. Зейн, В.Е. Шатерников. – Москва: Энергоатом, 1987. – 528 с.
4. Ломоносов, В.Ю. Электротехника. В.Ю. Ломоносов, К.М. Поливанов, О.М. Михаилов. – Москва: Энергоатом, 1990. – 399 с.
5. Электротехникаи умумӣ (Зери нашри проффесор. В.С. Пантюшина). – Москва: Высшая школа, 1970.

## МОҲИЯТ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ЭЛЕКТРОТЕХНИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТЕХНИКӢ

Дар шароити рушди илму техника талабот ба мутахассисони баландихтисос дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон боло меравад, ки асалаи тайёр ва беҳтар кардани таркиб ва усулҳои таълиму тарбияи мутахассисонро дар донишгоҳҳои олии касбии техникӣ баланд мебардорад.

Дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мадди аввал оид ба таълим масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, таъмини рақобатпазирии мутахассис ба бозори меҳнати зеҳнӣ ҷой дорад. Яке аз усулҳои ҳалли ин муаммо беҳтар кардани мазмун ва мундариҷаю усулҳои омӯзиши донишҷӯён дар илмҳои табиӣ, фанҳои техникӣ ва махсус мебошад.

Бинобар ин, таълим додани таълими фанни электротехника дар рушди иқтисодиёти хоҷагии халқ нақши муҳим мебозад. Бо дарназардошти ин, муаммои тадқиқот дар таҳияи усулҳои таълим ва азхудкунии фанни «Электротехника» дар донишгоҳҳои олӣ бо дарназардошти пешрафти илму техника ҳаллу фасл мегардад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** майдони электрикӣ, зарядҳои электрикӣ, ҷараёни электрикӣ, ҷараёни доимӣ, муқовимматҳо, техникаи ахборченкунӣ, занҷирҳои электрикӣ, релеҳои электромагнитӣ, муҳаррикҳои ҷараёни доимӣ, росткунакҳо, дастгоҳҳои электрикӣ, генераторҳои басомадӣ, элетротехника.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Исломов Озод Азимович, доктори илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

Ҳошимов Абдурафиқ Абдурасулович, сармуаллими кафедраи таъминоти барқии Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон. Тел.: (+992) 92-810-92-36.

## СУЩНОСТЬ И ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ ЭЛЕКТРОТЕХНИКЕ В ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ И ТЕХНИЧЕСКИХ ЗАВЕДЕНИЙ

В условиях развития науки и техники возрастает потребность на квалифицированных кадрах по области энергетики в Республике Таджикистан в связи с чем возникает проблема совершенствование содержание методов и средств профессиональной подготовки обучаемых в техническом Вузе.

Перед высшем профессиональном общеобразовательном учреждении на раннем этапе образования вставится задача повышения качества подготовки, обеспечивающих конкурентоспособность специалиста на рынке интеллектуального труда. Одним из путей решения рассматриваемой проблемы является совершенствование содержание и методики обучения студентов естественнонаучном, общетехническом и специальным дисциплинам.

Поэтому совершенствования преподавание электротехники играет важную роль в развитие народного хозяйство. В связи с вышеизложенным проблема исследования заключается в разработке методики обучения и освоения предмета «Электротехники» в ВУЗ -ах на условия новых образовательных учреждений.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: электрическое поля, электрические заряды, электрический ток, постоянный ток, сопротивления, измерительная техника, электрические цепы, электромагнитные реле, двигатель постоянного тока, выпрямители, электрические аппараты, частотные генераторы, электротехника.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Исломов Озод Азимович, доктор педагогических наук, заведующей кафедрой черчении, начертательной геометрии и методики обучения Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова. Тел.: (+992) 92-759-44-42.

Хошимов Абдурафик Абдурасулович, ст. преподаватель кафедры электроснабжения Горно-металлургического института Таджикистана. Тел.: (+992) 92-810-92-36.

## ESSENCE AND TECHNOLOGY OF LEARNING ELECTRICAL ENGINEERING IN HIGHER PROFESSIONAL AND TECHNICAL INSTITUTIONS

In the conditions of the development of science and technology, the need for qualified personnel in the field of energy in the Republic of Tajikistan is growing, which raises the problem of improving the content of methods and means of training trainees in a technical university.

Before the higher professional educational institution at an early stage of education, the task is to improve the quality of training for ensuring the competitiveness of a specialist in the intellectual labor market. One of the ways to solve this problem is to improve the content and methods of teaching students in the natural sciences, general technical and special disciplines.

Therefore, the improvement of the teaching of electrical engineering plays an important role in the development of the national economy. In connection with the above, the problem of research is the development of teaching methods and the development of the subject «Electrical Engineering» in universities for the conditions of new educational institutions.

**KEY WORDS:** electric fields, electric charges, electric current, direct current, resistances, measuring equipment, electrical circuits, electromagnetic relays, DC motor, rectifiers, electrical devices, frequency generators, electrical engineering.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Islomov Ozod Azimovich, doctor of pedagogical sciences, head of the department of drawing, descriptive geometry and teaching methods of Khujand State University named after academician B. Gafurov. Phone: (+992) 92-759-44-42.

Hoshimov Abdurafiq Abdurasulovich, senior lecturer at the department of power supply of the Mining and Metallurgical Institute of Tajikistan. Phone: (+992) 92-810-92-36.

УДК. 37.01.004.61.(575.3)

# ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ

Файзализода Б.Ф.
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава

Доступность, гибкость и разнообразие видов дистанционного образования сыграет важную роль в обозримом будущем. Дистанционное образование наблюдается во многих государствах мира. Электронное обучение и дистанционные образовательные технологии широко применяются и в сфере нашего образования. Согласно соответствующей нормативной базе, основа которой заложена в Законе Республики Таджикистан (от 19.05.2009г. № 529), в непрерывном образовании реализуется учебный процесс, где используются современные информационные и телекоммуникационные технологии с осуществлением дистанционного обучения, в котором отсутствует непосредственный личный контакт преподавателя с учащимися [2].

В последние годы большое внимание уделяется дистанционному образованию. Этому вопросу, в частности, посвятили свои статьи такие учёные, как Белоножко М.Л., Абрамовский А.Л., Кучепатова Л.Г., Хазраткулова А.В., Поздняков А.А. и др. К тому же, используя компьютерные технологии, активно применяя и организуя дистанционное образование, люди в большей степени не имеют чёткого представления об истории этого вида образования. В данной статье мы обобщённо расскажем об основных этапах формирования ДО и об особенностях его развития [3].

Прослеживая этапы формирования и развития ДО, мы выделяем свойства, которые характеризуют этот вид образования. В дистанционном обучении отсутствует возрастное ограничение для учащихся, и учащиеся получают различный уровень (начальное, среднее, высшее, дополнительное) образования [5]. В дистанционном образовании при изучении самых разных дисциплин применяются разнообразные методы, включающие переписку, радио, телевидение, Интернет и др.

История дистанционного обучения, согласно суждению многих учёных, состоит из трёх этапов. Первый этап дистанционного обучения начинается с 1728 года (300 лет тому назад). В этот год бостонская газета объявила, что набираются студенты для курсов, где учебный процесс проводится посредством почты. В Англии это произошло в 1840 году, ведь именно в этот год Исааком Питменом, который был изобретателем стенографической системы, для обучения учащихся была использована почтовая служба. Таким образом, регулярные почтовые службы стали причиной возникновения дистанционного образования. Именно в это время дистанционное образование было доступно всем. Часто рассылка уроков соответствовала цене посредством доставки почты, а это означает то, что для всех слоёв населения, которые имели разное общественное положение и разные доходы, было доступным образование. Однако, в то же время, в этих странах не повышались грамотность и образованность [4]. В 90-е годы XIX века компания International Correspondence Schools, предоставляющая дистанционное обучение провела социальный опрос: почему при доступности этой формы обучения не повышается всеобщая образованность в стране. Оказалось, что многие студенты, которые учились в упомянутой компании, не прошли даже треть курса обучения. Отсюда можно подытожить: чтобы успешно получить знания с дистанционным образованием, учащиеся в получении знаний должны быть достаточно самообразованы. К этому времени возникли железнодорожные сети, которые стали другой причиной развития ДО. Железнодорожными сетями учебные материалы быстро доставлялись многим учащимся, которые проживали в различных уголках континента. Дистанционное образование получило дальнейшее развитие и с появлением радио.

В двадцатые годы XX века аудиторные занятия и печатные материалы дополнялись возникшими радио-курсами. Появление этого нового способа при обмене данных сделало проще и доступнее дистанционное образование. Студент прослушивал ту или иную лекцию в домашних условиях, но в то же время посредством почты получал немало учебных пособий. После появления радио многие студенты были охвачены дистанционным обучением. Вслед за радио появилось телевидение, и Айовский университет стал учредителем первого образовательного телеканала [6]. В последующие годы теле-курсы получили свое широкое распространение.

Следующий этап развития ДО связан с шестидесятыми годами прошлого века. В это время был основан Открытый университет в Англии. Это событие имело важное значение для всей образовательной системы, так как этот вуз – первый на планете университет с дистанционной формой образования и с осуществлением комплексного подхода к учебному процессу. Посредством учебных пособий, радиопередач и телепередач преподаватель в одностороннем порядке взаимодействовал со студентом, а двусторонний порядок взаимодействия со студентами произошёл посредством очных консультаций, переписок и

краткосрочных курсов.

Открытый университет как учебное заведение возник с целью обучения взрослых, работающих людей. Цель данного учебного заведения – объединение всех возможностей дистанционной формы обучения и существование в ряду других вузов. Идея такого вуза возникла в 1962 г. и получила свою реализацию в 1969 г. Именно в этот год был основан Открытый университет Англии. Данный университет – крупнейшее учебное заведение с дистанционной формой обучения [7]. Не только английские студенты, но и студенты всей планеты могут пользоваться возможностями, предоставляемыми университетом для получения высшего и последипломного образования. Мы имеем данные, согласно которым здесь учатся приблизительно 200 000 человек, а за всю историю существования этого вуза здесь обучались более 3 млн. человек.

Такие вузы были открыты к тому времени и в некоторых государствах мира. Например, Франция сообщила о создании Национального центра дистанционной формы обучения, в котором 8000 человек осуществляют деятельность в 3000 учебных курсах. В данном центре задействованы технический и административный персонал государственный системы образования с 8 институтами, представляющие различные области специализации [10].

Испания сообщила в 1972 г. об основании Национального университета с дистанционной формой образования с 58 учебными центрами в Испании и 9 за чертой этого государства. В данном учебном заведении деятельность осуществляется посредством Интернет-конференций, а учебные центры – посредством очных встреч [9]. Другой крупный европейский центр с дистанционной формой обучения – Балтийский университет с 14 странами, представляющими Балтийский регион.

В 60-е годы XX века некоторые технические учебные заведения США занимались использованием спутникового телевидения, чтобы обеспечить доступ слушателя к каждому учебному курсу. В результате этого появился Национальный технологический университет (1984 г). Здесь слушатели, используя дистанционные технологии, изучают цикл инженерных дисциплин. Национальный технологический университет предложил академические программы с участием 40 американских университетов.

1999 год ознаменовался годом создания в США Jones International University. Это первый дистанционный университет, получивший государственную аккредитацию. В создании университета огромную роль играли телеканалы, 30 американских вузов готовят для студентов цикл дистанционных курсов.

В 1997 г. был открыт California Virtual University. В предложенном каталоге сайта есть 700 онлайн-курсов, принадлежащих престижным калифорнийским учебным заведениям [6].

Другой интересный проект – Canadian Virtual University, который действует и сейчас. Он охватывает все ведущие канадские университеты. Данный ресурс предоставляет качественное образование, которое доступно не только канадским студентам, но и студентам всей планеты. Ныне там обучаются 100 000 студентов.

Среди всех проектов самый известный проект – проект Open-Course Ware. Его разработчиком стал Массачусетский технологический институт. В доступном виде институтам предоставляются опубликованные материалы для того или иного институтского курса [8]. Они, например, включают в себя план курса, лекционные конспекты, задания и экзаменационные вопросы. Присутствие студента обеспечивается видеозаписью лекции.

На третьем этапе развития дистанционной формы обучения используются информационные и коммуникационные технологии, которые способствовали появлению новых возможностей. Основу некоторых методов составляют такие технологии, которые могут стать дополнителями первого и второго накопления дистанционной формы обучения и могут применяться без них. Однако они способствуют обеспечению наиболее удобного и эффективного взаимодействия преподавателя и учащегося.

В начале нового этапа развития широко распространяются персональные компьютеры, имеющие графический интерфейс, посредством их воспроизводят мультимедийные данные с различными формами. Возникновение и применение компьютера в обучении становится причиной существенного расширения его возможностей. С этого момента многие стали пользоваться услугами компьютерного обучения. Затем появляются и развиваются компьютерные сети, и компьютерное обучение стало дополняться интернет-обучением, которое ныне наиболее популярно в дистанционной форме обучения.

Эта популярность заключается в том, что ДО не в пример остальным технологиям, способствует экономии времени и средств, получению индивидуальных занятий и консультаций и т.д. ДО существует без ограничения, т.е. когда только необходимо получить нужную информацию в процессе обучения [1].

Говоря обо всех вышеперечисленных преимуществах нужно отметить, что они привлекательны для получения второй профессии или повышения квалификации. Они нужны в основном тем, кто заняты работой и по разным причинам не могут посещать занятия. По

сравнению с заочной формой обучения в таком случае онлайн-обучения становятся более удобными. Используя интернет-обучение, не отрываясь от свой деятельности, можно контролировать знания.

Сегодня в информационных и коммуникационных технологиях обучения нуждается и наше общество. Причина кроется в эффективном росте их применения. ДО осуществляется информационными технологиями, применяется в некоторых вузах, где студенты обучаются заочно. При использовании IT-технологии в обучении появляется новый термин, именуемый «электронным обучением».

Ученик при прохождении электронных тестов и сдачи экзаменов пользуется видеоконференциями. К тому же, с помощью глобальной сети Интернета образовательные ресурсы становятся доступными во всех уголках планеты. В связи с этим, качественное образование становится доступным и для стран третьего мира [1]. По этой причине, информационные технологии широко используются в сфере образования, особенно в дистанционной форме обучения и это способствует повышению качества образования.

Дистанционное образование развивается под влиянием самых разных факторов. Здесь решающая роль заключается в том, что сами люди имеют желание в получении образования. Сегодня требуется высококвалифицированная рабочая сила, постоянно повышается квалификация и конкурентоспособность на рынке труда и происходит профессиональное развитие и это делает обучение качественным и доступным с помощью дистанционного образования.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Комилов Ф.С., Раджабов Б.Ф. Первопроходцы информатики. Важные исторические даты и интерпретация некоторых понятий информатики на таджикском языке. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – С. 130. (на тадж. яз).
2. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» (Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2004 год, №5, ст. 345; 2005 год, №12, ст. 655; 2006 год, №12 ст. 546, 2008 год, №6, ст. 465; 2009 год, №3, ст. 81; №5, ст. 336; №7-8, ст. 500; 2010 год, №7, ст. 566). Принят Маджлиси намояндагон – 14 апреля 2004 года. Одобрен Маджлиси милли – 29 апреля 2004 года.
3. Белоножко М.Л. Развитие дистанционного высшего образования в мире на современном этапе [Текст] / Белоножко М.Л., Абрамовский А.Л. // Вестник Челябинского государственного университета, 2014. – №24 (353). – С. 88-90.
4. Кучепатова Л.Г. Развитие дистанционного образования в высшей школе [Текст] / Кучепатова Л.Г., Хазраткулова А.В. // Вестник Ульяновского государственного технического университета, 2011. – №(54). – С. 4-8.
5. Пидкасистый П.И. Компьютерные технологии в системе дистанционного обучения [Текст] / Пидкасистый П.И., Тыщенко О.Б. / Педагогика, 2000. – №5.
6. Verduin J.R., Clark T.A. Distance education: The Foundations of effective practice. – San Francisco, CA: Jossey-Bass Publishers, 1991.
7. Бурмистрова А.С. Дистанционное обучение: эволюция технологии [Текст] / А.С. Бурмистрова // Акад. проф. образования, журн. Проф. Образование. – М.: ИСОМ, 2006. – 42 с.: ил. (Образовательные технологии в профшколе: прил. к журн. Профобразование образование. – № 4).
8. Волов В.Т. История дистанционного образования [Текст] / В.Т. Волов // Инновации в образовании, 2001. – №3. – С. 115-126.
9. Господарик Ю.П. Возможности дистанционного обучения, истории на профильном уровне [Текст] / Ю. П. Господарик // Преподавание истории и обществознания в школе, 2005. – №9. – С. 39-46.
10. Добрынин М.А. Дистанционное обучение во Франции [Текст] / М. А. Добрынин, С. Н. Сухой // Педагогика, 2001. – №8. – С. 81-85.


## ДАВРАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ


Дар ин мақола аз тарафи муаллиф давраҳои ташаккул ва рушди таҳсилоти фосилавӣ пайгирӣ шудааст. Муаллиф аломатҳои хоси ин намуди таҳсилро ҷудо карда, қайд менамояд, ки дар таҳсилоти фосилавӣ маҳдудияти синнусолӣ барои хонандагон мавҷуд нест, хонандагон сатҳи гуногуни таҳсилот (ибтидоӣ, миёна, олӣ ва иловагӣ)-ро мегиранд. Дар таҳсилоти фосилавӣ зимни омӯзиши фанҳои гуногун методҳое мавриди истифода қарор меёбанд, ки мукотиба, радио, телевизион, интернет ва ғайраро дар бар мегирад.

Солҳои бистуми қарни XX машғулиятҳои аудиторӣ ва маводи чопӣ бо радиокурсҳо пурра мегаштанд. Пайдоиши ин тарзи нав зимни маълумотҳои нав таҳсилоти фосилавиро осонтару дастрастар намуд. Баъд аз радио телевизор пайдо шуд. Дар солҳои баъдина курсҳои телевизионӣ васеътар тавсеа ёфтанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** таҳсилоти фосилавӣ, мукотиба, радио, телевизион, Интернет, радио-курсҳо ва теле-курсҳо.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Файзализода Баҳрулло Файзали, номади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи иттилоотии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 915-44-49-49, 988-22-00-33; e-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

## ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ

В данной статье автор прослеживает этапы формирования и развития дистанционного обучения. Автор выделяет свойства, которые характеризуют этот вид образования. В дистанционном обучении отсутствует возрастное ограничение для учащихся, и учащиеся получают различный уровень (начальное, среднее, высшее, дополнительное) образования. В дистанционном образовании при изучении самых разных дисциплин применяются разнообразные методы, включающие переписку, радио, телевидение, Интернет и др.

В двадцатые годы XX века аудиторные занятия и печатные материалы дополнялись возникшими радио-курсами. Появление этого нового способа при обмене данных сделало проще и доступнее дистанционное образование. Вслед за радио появилось телевидение. В последующие годы теле-курсы получили свое широкое распространение.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** дистанционное обучение, переписка, радио, телевидение, Интернет, радио-курсы и теле-курсы.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Файзализода Бахрулло Файзали, кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой информационной технологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 915-44-49-49, 988-22-00-33; e-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

## MAIN STAGES OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF REMOTE EDUCATION

In this article, the author traces the stages of the formation and development of distance learning. The author identifies the properties that characterize this type of education. In distance learning there is no age limit for students, and students receive a different level (primary, secondary, higher, additional) education. In distance education in the study of various disciplines used a variety of methods, including correspondence, radio, television, the Internet, etc.

In the twenties of the twentieth century, classroom training and printed materials were complemented by emerging radio courses. The emergence of this new method in the exchange of data has made distance education easier and more accessible. TV followed the radio. In the following years, tele-courses gained their wide distribution.

**KEY WORDS:** distance learning, correspondence, radio, television, Internet, radio courses and television courses.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Faizalizoda Bahrullo Faizali, candidate of pedagogical sciences, associate professor, head of the department of information technology of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 915-44-49-49, 988-22-00-33; e-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

# ДИДАКТИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ПОВЫШЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

Алиева Г.С.
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава

Как показывает практика, большинство студентов недостаточно подготовлены к профессионально-педагогической деятельности. Существует определенный разрыв между теоретическим и практическим уровнями профессионально-методической подготовки. Таким образом, возникает вопрос, как обеспечить повышение методических навыков студентов-будущих учителей иностранного языка, ведь свободное владение иностранным языком не означает высокого уровня образованности будущих студентов по данному предмету. Другими словами, учитель иностранного языка должен знать не только предмет, который он преподает, но и то, как следует интегрировать процесс обучения, чтобы результаты в достижении цели обучения иностранному языку были только положительными. Отношение учителя к своей профессии должно быть творческим, при этом всегда следует учитывать индивидуальные особенности учеников и условия обучения.

Содержательная составляющая образовательного процесса должна включать в себя, с одной стороны, все, что требуется студенту для формирования и развития собственной личности, а с другой - для становления конкретного специалиста [9]. Для этого в содержание высшего образования необходимо включить аксиологический, познавательный, деятельностный, творческий и личностный компоненты, причем последний компонент является системообразующим, а не когнитивным, как в традиционном обучении.

При проектировании и реализации образовательного процесса должно происходить выявление субъективного опыта каждого студента, его социализация в условиях вуза, потому что: в рамках личностного подхода, моменты жизни человека и его существенно меняется взаимодействие с социальной средой и профессиональными мероприятиями. Сама деятельность становится средством развития человека, и если она не обеспечивает этого развития, не удовлетворяет потребности человека, она должна стремиться ее изменить [8]. Этого можно добиться только путем внедрения в образовательный процесс новой педагогической технологии, которая должна быть основана на взаимопонимании, активном диалоге, самоуправлении,

взаимопонимании, предполагающая предметно-предметные отношения между учителями и учениками. Например, понимание в первую очередь предполагает общение, сотрудничество, равенство позиций, сопереживание. Таким образом, обоснованное использование основных идей и рекомендаций личностно-ориентированного обучения с учетом особенностей и содержания современного этапа становления национальной системы образования и функционирования вузов, характера будущей профессиональной деятельности студентов позволит способствовать воспитанию духовно богатой, национально сознательной личности гражданина Таджикистана, полноценной профессиональной и общественной предметной деятельности. На наш взгляд, главной предпосылкой актуализации творческой учебно-познавательной деятельности студентов в процессе изучения учебных дисциплин является наличие содержательной мотивации этой деятельности как предмета изучения. Основными мотивами для студентов бакалавриата являются мотивы получения интеллектуального удовольствия, получения глубоких и стабильных знаний, стремление стать высококвалифицированным специалистом и обеспечение успеха будущей профессиональной деятельности, активизация познавательного интереса и поощрение успешного продолжения учебы в последующие курсы [1]. Это дает возможность качественно интерпретировать тот факт, что основная мотивация студентов - внутренняя, в том числе интеллектуальное удовольствие. Анализ результатов свидетельствует о том, что у большинства студентов есть ориентация на социальную активность, развитие своей личности в предметно-предметном взаимодействии (интересная работа, общественное признание, знания). Важным условием личностного роста является использование методов активизации творческой учебной и познавательной активности студентов при изучении иностранного языка, в частности английского. Исследование позволяет сделать вывод, что:

1) личность студента формируется, развивается и совершенствуется в учебно-познавательной деятельности как ведущей деятельности и коммуникации в системе учитель-ученик;

2) ведущие черты личности студента проявляются как система психофизиологических, психологических и социально-психологических качеств, проявляющаяся в учебно-познавательной деятельности;

3) совокупность этих качеств как система (психические свойства) характеризуется активностью, обобщенностью, устойчивостью;

4) психологические свойства личности ученика проявляются в системах «ученик-учитель», «ученик-ученик», «студенты-студенты» как субъекты деятельности. Причем, чем выше уровень личности ученика, тем ярче и отчетливее выражается социальная типология его качеств, которые определяются через социально-типичные отношения;

5) ведущие черты личности студента проявляются в самосознании, в том числе профессиональном, степени самопознания, самооценки, самосовершенствования, самоактуализации и самореализации в процессе учебно-познавательной деятельности как предмет знаний и деятельности;

6) творческая учебно-познавательная деятельность обеспечивает единство личностного и профессионального роста личности студента.

Проведенные исследования позволили выявить важнейшие факторы проявления субъективности личности студента как в учебной деятельности, так и в ориентации на будущую профессиональную деятельность. К таким факторам относятся: поиск индивидуального подхода к другому человеку; объективность и умение воспринимать человека таким, какой он есть; умение воспринимать человека как развивающуюся систему; стабильность в неблагоприятных ситуациях; уязвимость; терпение; выразительность; способность к общественной деятельности; способность не требовать свободы человека, которому вы помогаете; отказ от угрожающих и авторитарных влияний. Принимая во внимание результаты опроса магистрантов, проведенного с целью определения эффективности существующих форм стимулирования их познавательной деятельности, мнение ППС в отношении обсуждаемой проблемы, мы обнаружили недостаточный познавательный интерес и активность и внесли соответствующие корректировки усовершенствовать данную форму организации учебного процесса. Они проводились по двум направлениям: путем актуализации содержания и средств его передачи с целью формирования познавательной активности студентов и целенаправленного методического совершенствования на основе алгоритма процесса их подготовки. Во-первых, всех студентов предупредили, что лекции не будут дублировать материал учебника, а лишь в некоторых случаях будут раскрывать и обосновывать самые сложные вопросы. Следовательно, все занятия носили проблемный или концептуальный характер, что, по мнению многих преподавателей и учеников, положительно сказалось на их мотивационной и познавательной сфере. Обычно использовались классы нетрадиционных форм. Во-вторых, организационно каждый класс был построен таким образом,

чтобы максимально вовлечь учащихся как субъектов обучения в активную творческую учебную деятельность. Описаны пути совершенствования лекционной формы организации учебного процесса с учетом рекомендаций, способствующих формированию познавательной активности студентов. Весь семестровый курс обучения по предмету, разбитый на блоки, предусматривал систематический, пошаговый всесторонний рейтинговый контроль знаний, навыков и умений каждого студента по всем видам работ, включенных в блок, благодаря чему уровень ориентации их определялась познавательная активность. Таким образом, в течение семестра студент получал определенные баллы за различные виды учебной работы в зависимости от сложности контрольных материалов и набирал в среднем 15-16 баллов. В каждом блоке предусмотрены такие виды контрольных и практических занятий с уровнем сложности соответствующего рейтинга. Важно сделать вывод студентов, что такие условия проведения занятий способствуют систематическому обучению (98% респондентов), увеличивают продолжительность знаний (80%) и качество обучения (86%), а главное, стимулируют самостоятельность в обучении. изучение нового материала (96%), стремление к более полному усвоению им (77%), развивает инициативу в передовых знаниях (76%), творческие способности (77%). Следовательно, экспериментальная методика не только повышает эффективность изучения иностранного языка, но и создает условия для удовлетворения индивидуальных потребностей студента в обучении, вызывая интерес к предмету (77%). Результаты работы показывают стимулирующий эффект блочной организации изучения предмета на повышение качества обучения, активизацию творческой подготовки, активизацию познавательного интереса и познавательной активности, а также общую удовлетворенность студентов использованием методики, значительно повышает эффективность обучения. образовательный процесс в высшей школе.

Таким образом, исследование показало, что подавляющее большинство респондентов имеют адекватную профессиональную направленность, сформированность коммуникативного ядра личности, посредственную четкость Я-концепции и повышенное стремление к профессиональной самоактуализации. Повышение эффективности личностно ориентированного обучения в высшей педагогической школе решается в контексте проблемы формирования профессиональной готовности, в частности ее важной составляющей - готовности студентов к иноязычному общению. Однако также обнаруживается занижение самооценки, неадекватный уровень знаний о себе, двойственное отношение к возможностям и методам оказания психологической помощи, низкий уровень интеллектуальной, научной активности. Все это позволяет разработать несколько советов по повышению профессиональной подготовки будущих специалистов, в частности в Бохтарском государственном университете имени Носира Хусрава, в процессе обучения иностранным языкам:

1. При отборе магистров следует проводить профессионально ориентированное собеседование для определения мотивации выбора профессии, возможностей и интересов будущего студента.

2. Усилить работу проблемных исследовательских групп, стимулировать студентов, занимающихся научными исследованиями.

3. В процессе обучения иностранному языку обращайте внимание на формирование у студентов Я-концепции, адекватной самооценки, гордости за профессию и принадлежность к ней.

4. Таким образом, деятельность студентов через внедрение тренингов, способствующих развитию психологических возможностей студентов, созданию проблемных научных групп студентов, занимающихся научной деятельностью, а также формированию у студентов Я-концепции и адекватного самосознания. -почитать. Анализ литературы по проблеме обучения студентов профессионально ориентированному общению на иностранном языке показал ее сложность и многогранность, так как она объединяет большой фонд научных знаний в различных областях: учебные практики, педагогика, психология, лингвистика. Сравнительный анализ понятий, связанных с профессиональной направленностью преподавания иностранных языков в высших учебных заведениях, позволил сформулировать определение такого понятия, как иноязычная профессионально направленная коммуникативная компетенция. Это особый тип компетенции, который определяется как желание и способность овладеть предметом, научные знания в профессиональном общении. Процесс профессионального иноязычного общения осуществляется посредством выполнения комплекса функциональных речевых действий (стимулирующих, ответных, контролирующих и др.), направленных на решение профессиональных задач. Успешная подготовка будущих специалистов (студентов) иностранного языка невозможна без определения единого понятия, то есть четкой стратегии и тактики обучения: цели, содержания, принципов, способов, методов и средств обучения.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Алиева Гулнора Сафаралиевна. Педагогические условия формирования учебно-познавательной деятельности студентов на уроках английского языка (на материалах вузов Республики Таджикистан): диссер. канд. педагог. наук. – Душанбе, 2015.
2. Болл, Г.О. Гуманистические принципы педагогической деятельности // Педагогика и психология. – Москва, 2014. – С. 3-11.
3. Демин, А. И. Развитие познавательной активности студентов. – Киев: Выща школа. – С. 72.
4. Гершунский, Б.С. Философия образования. – Москва: Совершенство, 2016. – 608 с.
5. Корсунская, Н.О. Модульное обучение: факторы организации и эффективности принципы. Профессионально-техническое образование. – Саратов, 2017. – С. 27-32.
6. Лавриченко, Н. М. Педагогика социализации: европейский абрис: монография. – Рига: ВИРА ИНСАЙТ, 2016. – С. 444.
7. Остапенко, А.И. Формирование познавательной активности студентов в процессе их совместная образовательная деятельность: дисс. канд. пед. наук. – Киев, 2012. – С.157.
8. Семиченко, В.А. Приоритеты профессионального обучения: деятельностный или личностный подход? Непрерывное профессиональное образование: проблемы, поиски, перспективы. – Москва: VIPOL, 2020. – С. 176-203.
9. Талызина, Н.Ф. Методика составления образовательных программ. – Москва: Педагогика, 1980. – С. 157.
10. Зязюн, И.А. Концептуальные основы теории образования. Педагогика и психология профессионального образования. – Псков, 2010. – С. 11-24.

## ШАРТҲОИ ДИДАКТИКИИ ОМОДА НАМУДАНИ МУАЛЛИМОНИ КАСБИИ ОЯНДАИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

Дар мақола оид ба тарҳрезӣ ва татбиқи раванди таълим, ки ба муайян кардани таҷрибаи субъективии ҳар як донишҷӯ, иҷтимоигардонии ӯ дар шароити донишгоҳ имкон медиҳад, сухан меравад. Зеро дар доираи муносибати шахсӣ лаҳзаҳои зиндагии инсон ва ҳамкории ӯ бо муҳити иҷтимоӣ ва рӯйдодҳои касбӣ ба таври назаррас тағйир меёбанд. Худи фаъолият воситаи рушди инсон мегардад ва агар ин рушдро таъмин ва ниёзҳои инсонро қонеъ накунад, бояд барои тағйир додани он саъй кунад. Инро танҳо тавассути татбиқи технологияи нави педагогӣ ба раванди таълим ба даст овардан мумкин аст, ки он бояд ба ҳамдигарфаҳмӣ, муколамаи фаъол, худидоракунӣ, ҳамдигарфаҳмӣ асос ёбад. Масалан, фаҳмиш, пеш аз ҳама, алоқа, ҳамкорӣ, баробарии мавқеъҳо, ҳамдардиро дарбар мегирад. Ҳамин тариқ, истифодаи оқилонаи ғояҳо ва тавсияҳои асосии омӯзиши мутамаркази донишҷӯён бо дарназардошти хусусиятҳо ва мундариҷаи марҳалаи кунунии ташаккули системаи таҳсилоти миллӣ ва фаъолияти донишгоҳҳо, хусусияти фаъолияти ояндаи касбии донишҷӯён ба тарбияи шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ бой ва бошуур мусоидат хоҳад кард.

**КАЛИДВОЖАҲО:** донишҷӯ, шароит, омодагӣ, касбият, донишгоҳ, фаъолият.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Алиева Гулнора, Сафаралиевна, номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи курси амалии забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

## ДИДАКТИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ПОВЫШЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

В статье речь идет о проектировании и реализации образовательного процесса, которая должно происходить выявление субъективного опыта каждого студента, его социализация в условиях вуза, потому что: в рамках личностного подхода, моменты жизни человека и его существенно меняется взаимодействие с социальной средой и профессиональными мероприятиями. Сама деятельность становится средством развития человека, и если она не обеспечивает этого развития, не удовлетворяет потребности человека, она должна стремиться ее изменить. Этого можно добиться только путем внедрения в образовательный процесс новой педагогической технологии, которая должна быть основана на взаимопонимании, активном диалоге, самоуправлении, взаимопонимании, предполагающая предметно-предметные отношения между учителями и учениками. Например, понимание в первую очередь предполагает общение, сотрудничество, равенство позиций, сопереживание. Таким образом, обоснованное использование основных идей и рекомендаций личностно-ориентированного обучения с учетом особенностей и содержания современного этапа становления национальной системы образования и функционирования вузов, характера будущей профессиональной деятельности студентов позволит способствовать воспитанию духовно богатой, национально сознательной личности гражданина Таджикистана, полноценной профессиональной и общественной предметной деятельности.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** студент, условия, подготовка, профессионализм, вуз, деятельность.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Алиева Гулнора Сафаралиевна, кандидат педагогических наук, ст. преподаватель кафедры практического курса английского языка Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

**DIDACTIC CONDITIONS FOR IMPROVING THE PROFESSIONAL TRAINING OF FUTURE FOREIGN LANGUAGE TEACHERS**

The article deals with the design and implementation of the educational process, which should be the identification of the subjective experience of each student, his socialization in the conditions of the university, because: within the framework of the personal approach, the moments of a person's life and his interaction with the social environment and professional events change significantly. Activity itself becomes a means of human development, and if it does not provide this development, does not satisfy human needs, it should strive to change it. This can be achieved only by introducing a new pedagogical technology into the educational process, which should be based on mutual understanding, active dialogue, self-management, mutual understanding, which presupposes subject-subject relations between teachers and students. For example, understanding primarily involves communication, cooperation, equality of positions, empathy. Thus, the reasonable use of the main ideas and recommendations of student-centered learning, taking into account the characteristics and content of the current stage of the formation of the national education system and the functioning of universities, the nature of the future professional activities of students will help to foster the upbringing of a spiritually rich, nationally conscious personality of a citizen of Tajikistan, a full-fledged professional and social activities.

**KEY WORDS:** student, conditions, preparation, professionalism, university, activity.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Alieva Gulnora Safaralievna, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer at the department of practical english language course of Bokhtar state university named after Nosiri Khusrav.

## ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТҲОИ МУСТАҚИЛОНА – ОМИЛИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ДОНИШҶӮЁН

Ҳасанов Ш.Р., Изатуллоева Х.И.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳи дониши донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ин дуруст ба роҳ мондани кори мустақилонаи донишҷӯён мебошад. Дар шароити низоми кредитии таълим, ки зиёда аз 50 фоизи сарбории таълимии донишҷӯро кори мустақилона ташкил медиҳад, рӯзмарра будани ин масъала эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи мазкур дар низоми анъанавии таълим зарур буд, вале дар шароити имрӯза боз ҳам заруртар гардидааст.

Кори мустақилона фаъолияти эҷодию инфиродии донишҷӯ ба шумор меравад ва ҳангоми иҷроиши он шавқи донишандӯзии ӯ баланд мегардад. Ин шакли кори донишҷӯён асоси фаъолияти эҷодию методӣ ва методологӣ дорад. Мувофиқи методологияи ин шакли машғулият донишҷӯ бояд мустақилона кор кунад. Усули кори мустақилона ба донишҷӯ роҳҳои самарабахш иҷро намудани онро нишон медиҳад [6, с. 90-91].

Дар паёми навбатии Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, ки 26-уми декабри соли 2018 ироа гардид, таъкид шуд, ки «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад» [4].

Яке аз корҳои эҷодии донишҷӯён ин кори мустақилонаи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мебошад. Кори мустақилонаи донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мақоми хосе дошта, дар баланд бардоштани сифати тайёр намудани донишҷӯёни болаёқат нақши калон мебозад.

Бо мақсади ҳамқадами ҷаҳони муосир будан, дар сохтори маорифи кишвар тағйирот ба амал омаданд. Тағйироти низоми таълим зарурати бештар мустақилона кор кардани донишҷӯёнро пеш овард. Кори мустақилонаи донишҷӯёнро доир ба намудҳои зерини равандҳои таълимӣ-тарбиявӣ ташкил кардан мумкин аст: дар давраи азхудкунии маводи дарсӣ, ҳангоми омӯзиши адабиёти таълимӣ ва илмӣ, ҳангоми тайёрӣ дидан ба машғулиятҳои амалӣ ва озмоишӣ, конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии донишҷӯён, имтиҳонҳои ҷорӣ барои аз курс ба курс гузаштан [6, с. 92-93].

Дар низоми таълими муосир кори мустақилонаи донишҷӯён асоси баланд бардоштани сатҳи дониши донишҷӯён ба шумор меравад. Бинобар ин, машғулиятҳои кори мустақилонаи донишҷӯёнро дар сатҳи зарурӣ ташкил намуда, онро самарабахш гузаронидан зарур аст.

Дар ин мақола самаранокии ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаи донишҷӯён аз фанни таърих дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ баён шудааст.

Тарзу усулҳои ташкилу гузаронидани кори мустақилонаи донишҷӯён аз низоми таҳсилот вобастагӣ дорад. Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни таълим аз усулҳои пешқадами таҳсилот истифода бурда истодаанд. Барои ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид гардидан аз усулҳои пешқадами таҳсилот истифода бурдан ногузир мебошад.

«Дарс аз ҷиҳати вақт воҳиди ташкилии маҳдудкардашуда аст, ки вазифаи он аз бадастдарории мақсади ҷузъӣ, вале ниҳоии омӯзиш мебошад. Хусусияти он ҳамчун шакли ташкилӣ аз моҳияти мақсад ва ҷойи он дар низоми муштараки ҷараёни таълим иборат аст» [3, с. 16]. Ба қавли академик Лутфуллоев М. «Дарс кори мактаб, муаллимону донишҷӯён ва кормандонро ба тартиб медарорад. Ҳама аз рӯи ҷадвали дарсҳои мактаб кор мебаранд» [2, с. 10].

Чун дарс воҳиди ташкилии маҳдудкардашуда аст, мо дар ҷараёни он мазмун ва муҳтавои мухтасари мавзӯи баррасишавандаро ба донишҷӯён баён карда, ба онҳо рӯйхати адабиёти лозимиро медиҳем, вале ба донишҷӯён лозим меояд, ки барои иҷрои кори мустақилона баъзе паҳлуҳои дигари мавзӯро мустақилона ҷустуҷӯ намоянд.

Масалан, донишҷӯ дар ҷараёни дарси таърих донишҳои назариявии таърихиро азхуд менамояд. Аммо дар вақти иҷрои кори мустақилона ба ӯ лозим меояд, ки он донишҳои гирифтаи худро вобаста ба малакаву маҳорати худ дар амал татбиқ карда, барои иҷрои супориши мустақилона равона созад. Албатта, иҷрои кори мустақилона аз фанни таърих аҳамияти таълимӣ ва тарбиявӣ дорад.

Аҳамияти таълимии кори мустақилонаи донишҷӯён аз фанни таърих дар он аст, ки дониши толибилмонро афзун ва мустаҳкам менамояд. Дар ҷараёни кори мунтазаму мақсаднок мушоҳидакориву тафаккури мантиқии донишҷӯён инкишоф меёбад.

Аҳамияти тарбиявии кори мустақилонаи донишҷӯён аз фанни таърих дар он аст, ки ҳангоми иҷрои кори мустақилона донишҷӯ ба адабиёти таълимӣ ва ё илмӣ муроҷиат менамояд ва ба қаҳрамониҳои аҷдодони худ дар раванди таърих шинос мешавад. Масалан, вақте донишҷӯ асари «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ва исёни Муқаннаъ»-и Садриддин Айниро мехонад, он дар донишҷӯ худогоҳии миллӣ ва ватандӯстиро тарбия менамояд.

Дар раванди иҷрои кори мустақилона донишҷӯён маълумоти зарурирο аз маводи таълимӣ ҷудо намуда, ба маводи омӯхтаашон аз назари танқидӣ баҳо дода, маҳорати мустақилона аз бар намудани донишро ҳосил менамоянд ва малакаи дар фаъолияти амалии худ эҷодкорона истифода бурданро пайдо мекунанд [7, с. 17-20].

Аҳамияти таълимӣ, касбӣ ва тарбиявии кори мустақилонаи донишҷӯёнро профессор Ҷ. Шарифов чунин шарҳ додааст:

- доираи ҷаҳонбинии касбӣ ва умумии донишҷӯёнро васеъ менамояд;
- малака ва маҳорати ташкилӣ, илмӣ, меҳнатӣ ва фикрии донишҷӯёнро ташаккул медиҳад;
- усулҳои иҷроиши кори мустақилонаро донишҷӯён аз бар мекунанд;
- қобилияти дарккунии донишҷӯёнро инкишоф медиҳад;
- малакаҳои дар амал истифода бурдани донишҳои назариявиро дар донишҷӯён ташаккул медиҳад;
- майлу хоҳиши худмаълумотгириро дар донишҷӯён пайдо мекунад [8].

Тавре дар боло ишора кардем, яке аз фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён, ин омӯзиши асарҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ ба шумор меравад. Мақсади омӯзиши асарҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ аз ҷониби донишҷӯён ин, пеш аз ҳама, шиносонидани донишҷӯён ба таърихи миллати худ, бедор намудани қобилияти зеҳнӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, тарбияи тафаккури таърихӣ, таҳлили воқеаҳои таърихии гузаштаи миллатамон ва баҳо додан ба он нигаронида шудааст.

Тавре Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: «Омӯхтани таърих танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдориро равшан намуда, барои худогоҳии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда хизмат мекунад» [9, с. 4-5].

Аз ин ҷо бармеояд, ки донишҳои таърихӣ натанҳо моро бо гузашта ошно месозад, балки барои бунёди ҷомеаи навини пешрафта ва мутараққӣ мусоидат менамояд. Бояд қайд кард, ки барои амалӣ кардани ин гуфтаҳо шогирдони мо бояд тарзи бо сарчашмаҳои таърихӣ мустақилона кор карданро донанд ва дар оянда донишҳои мустаҳками заминавиро барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ пайдо кунанд. Мустақилона кор карда тавонистани донишҷӯён бо сарчашмаҳои таърихӣ онҳоро фаъол ва кунҷкоб мекунад.

Омӯзгор метавонад барои бедор кардани зеҳни шогирдон бо онҳо ба тарзи инфиродӣ ва гурӯҳӣ кор барад. Омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ҳар донишҷӯро ба олами фикру андеша бурда, дар вуҷуди онҳо меҳру муҳаббати бепоён нисбат ба воқеаҳои таърихӣ пайдо мешавад. Бо омӯзиши ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва сарчашмаҳо донишҷӯ метавонад доир ба ин ё он воқеа ва ҳаводиси таърихӣ фикру ақидаашро бо аснод баён кунад [1].

Ҳангоми таҳлили сарчашмаҳо ва баррасии онҳо, ҳамкории тарфайни омӯзгор бо донишҷӯён зарур мебошад. Дар баҳсҳо, омӯзгор таваҷҷуҳи шогирдонро бояд бештар ба таҳлили воқеъбинона ҷалб намояд. Бояд кӯшиш ба харҷ дода шавад, ки сарчашмаҳо ва ҳуҷҷатҳои таърихӣ бо таърихи тӯлонӣ ва аҳамияташон манбаи асосӣ дар мушаххассозии таҳаввулоти таърихӣ дар ин ё он қарн санади асосӣ ба ҳисоб раванд. Бинобар он, ба таҳлили ин мавзӯъ, омӯзиши

ҳуҷҷатҳои таърихӣ ҳамчун фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён, ки манбаи асосии он сарчашмаҳои таърихӣ аст, бештар аҳамият дод.

Хуб, таҳлили ҳуҷҷатҳо ва манбаҳои таърихӣ ба донишҷӯён чӣ медиҳад? Аҳамияти он, воқеан аз инҳо иборат аст ва бояд ҳар донишҷӯ ва онҳое, ки дар оянда орзуи дар дил муаррих шуданро мепарваранд, ба ин масоил ошноӣ пайдо кунанд ва онро донанд:

1. Ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтари баланд бардоштану тақвияти тафаккур ва зеҳнияти донишҷӯ дар омӯзиши ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва сарчашмаҳо;

2. Истифодаи методҳои навтарини омӯзиш дар баланд бардоштани сифати таълим;

3. Ба шакл даровардани дониши донишҷӯён аз фанни таърих ва равшанӣ андохтан ба фикрҳои муаррихон;

4. Таваҷҷуҳи ҳамешагӣ дар суръат бахшидан ба масъалаҳои омӯзиш, пешниҳоди маводи исботшавандаи таърихӣ ва фикру ақидаҳои нав;

5. Ташаккул додани тафаккури донишҷӯ, роҳнамоии онҳо ба корҳои мустақилона, басҳу мунозира, боварӣ дар хулосабарорӣ ва ширкат дар баҳсу мунозира [5, с. 53].

Фанни таърих, асосан ба се савол: чӣ? кай? ва дар куҷо? посух медиҳад. Агар талабот чунин бошад, пас масъулияти баланде ба дӯши омӯзгорони фанни таърих бор аст.

Яке аз ҳадафу мақсади омӯзиш ва ошноии донишҷӯён ба манбаҳои таърихӣ, чуноне дар боло ишора кардем, равшан сохтани таърихи миллатамон дар дарозои таърих аст. Дар ҳар давру замон тоҷикон марзу буми хешро аз таҳоҷуми аҷнабиёни ғосибу ғоратгар муҳофизат карда, дар ин роҳ қурбониҳои зиёде додаанд. Қаҳрамониҳои Шераку Спитамон, Абӯмуслиму Муқаннаъ ҳангоми ҳуҷуми араб, далериву мардонагӣ ва шуҷоати Темурмалик алайҳи ҳуҷуми муғул дар Хуҷанди бостон, ҷоннисории Восеи далер ба муқобили зулми ҳукумати амирони манғит мисолҳои фаровонеанд, ки дар тарбияи ватандӯстии донишҷӯён бо истифода аз ҳуҷҷату манбаҳои таърихӣ хеле муассир арзёбӣ мешавад [9; 5].

Вазифаҳои дар боло номбаршудаи кори мустақилонаи донишҷӯён барои муайян намудани мазмун, усулҳои мушаххас ва шаклҳои ташкили он дар раванди таълим дар машғулиятҳои берунаудиторӣ амалӣ карда мешаванд.

Хулоса, кори мустақилона ин фаъолияти пурсамари эҷодии донишҷӯён буда, барои инкишофи минбаъдаи онҳо ҳамчун омӯзгори ботаҷриба ва соҳибкасб мусоидат менамояд. Барои расидан ба ин натиҷа, албатта мутолиаи сарчашмаҳои таърихӣ, алахусус таърихи миллати тоҷик, ки осори гаронбаҳо маҳсуб ёфта, равшангари давру замонанд, бисёр муҳим мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Годер Г.И. Методическое пособие по истории древнего мира (пособие для учителей). – М., 1977. – 351 с.
2. Лутфуллоев М. Дарс. – Душанбе, 1995. – 190 с.
3. Мунавварова Т.З., Рашидов Т.Ё. Услуби таълими фанни таърих дар мактабҳои миёна. – Д., 2014. – 272 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26.12.2018, ш. Душанбе.
5. Самеев Ҷ. Ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва аҳамияти он // Масъалаҳои методикаи таълим, 2017. – №4. – С. 51-54.
6. Степанищев А.Т. Методика преподавания истории: В 2 ч. Ч. 2. – М., 2002. – 203 с.
7. Шарифов Ҷ. Беҳдошти таълим эҷодкорӣ мехоҳад // Маорифи Тоҷикистон, 2009. – №3. – С. 17-20.
8. Шарифов Ҷ. Масъалаҳои тадқиқотӣ ва ташаккул додани амалиёти мустақилонаи донишҷӯён (дастури методӣ барои муаллимон). – Кӯлоб, 1988. – 16 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе, 2006. – 228 с.


## ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТҲОИ МУСТАҚИЛОНА - ОМИЛИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ДОНИШҶӮЁН


Муаллифон дар мақолаи худ ба яке аз масъалаҳои мубрам ва рӯзмараи ҷараёни таълим – машғулияти мустақилонаи донишҷӯён таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Онҳо ба сарчашмаҳои назариявӣ, таҳқиқоти олимони соҳа ва таҷрибаи пешқадами мактабҳои оливу миёнаи касбӣ такя намуда, мақсад, мазмун, вазифаҳо ва хусусиятҳои махсуси таълимию тарбиявии раванди мазкурро дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Инчунин, бартарии кор аз он иборат аст, ки дар мақола бештар ба омилҳои рушди касбияти донишҷӯён диққати ҳаматарафа дода шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фаъолияти таълимӣ, кори мустақилона, қобилияти эҷодӣ, донишҳои таърихӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, шароити педагогӣ, мақсад, вазифа.



**МАЪУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Ҳасанов Шуҳратҷон Раҳматулоевич, номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 918-72-07-01.

Иззатуллоева Холида Исматовна, унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 934-50-91-90.

## ОРГАНИЗАЦИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ СТУДЕНТОВ

В своей статье авторы акцентируют своё внимание на один из важнейших и актуальных вопросов образовательного процесса - самостоятельной работе студентов. Опираясь на теоретические источники, исследования ученых и передовой опыт высших и средних профессиональных учебных заведений, они изучили цели, содержание, задачи и особенности образовательного процесса в современных условиях страны. Также преимуществом работы является то, что в статье больше внимания уделяется факторам профессионального развития студентов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** образовательная деятельность, самостоятельная работа, творчество, исторические знания, исторические источники, педагогические условия, цели, задачи и т. д.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Хасанов Шухратжон Рахматулоевич, кандидат педагогических наук, ст. преподаватель кафедры методики преподавания истории и права Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 918-72-07-01.

Иззатуллоева Холида Исматовна, соискатель Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 934-50-91-90.

## ORGANIZATION OF INDEPENDENT ACTIVITY AS A FACTOR OF DEVELOPMENT OF CREATIVE ABILITIES OF STUDENTS

In their article, the authors focus their attention on one of the most important and pressing issues of the educational process - the independent work of students. Based on theoretical sources, research by scientists and advanced experience of higher and secondary vocational educational institutions, they studied the goals, content, objectives and features of the educational process in the modern conditions of the country. Also, the advantage of the work is that the article pays more attention to the factors of professional development of students.

**KEY WORDS:** educational activities, independent work, creativity, historical knowledge, historical sources, pedagogical conditions, goals, objectives, etc.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Hasanov Shuhratjon Rahmatuloevich, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer at the department of methods of teaching history and law of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 918-72-07-01.

Izzatulloeva Kholida Ismatovna, applicant for the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 934-50-91-90.

УДК: 373.5

## ПРОЕКТИРОВАНИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ПРОЦЕССА ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ В УСЛОВИЯХ АУДИТОРНОГО БИЛИНГВИЗМА

*(на примере традиционных и интерактивных методов обучения фонетике в ВУЗах)*

Филатова Е.А.

ФГБОУ ВО «Калужский государственный университет имени К.Э. Циолковского»

*Проектирование педагогического процесса* как относительно новый вид практической, учебной и научной деятельности представляет собой разносторонний процесс и может иметь несколько различных, но взаимосвязанных между собой значений, основными из которых является трактовка проектирования как специфического вида деятельности, направленного на создание проекта как особого вида продукта. В *традиционном обучении* учебно-познавательная деятельность (УПД) рассматривается в единстве преподавания-учения, то есть направляется, или управляется извне. Итогом осуществления такого взаимодействия может является формальное выполнение действий со стороны обучающихся и достижения в процессе обучения во многом зависят от добровольного включения учащихся в учебную деятельность.

*Особенности проектирования УПД в современном образовании является* другой язык описания феномена учебной деятельности. Главным элементом в структуре образовательного процесса становится *учебная/культурная ситуация*, которая предваряет учебную задачу, сформулировать которую предстоит самому студенту. В связи с этим, учебный процесс принимает нелинейный характер: учащийся может выполнять поставленную задачу в библиотеке, компьютерном классе, на производстве. Меняется понимание *учебного пространства и времени.* Учебным временем является не временной отрезок занятия, а время, необходимое для выполнения задачи. Учебным пространством становится не учебный кабинет или аудитория, а пространство, которое необходимо обучающемуся для решения учебной задачи: библиотека, компъютер, университетская лаборатория.

В структуру учебного занятия вводится новый компонент-информационный ресурс, который включает в себя не только учебник и другие виды учебных книг, но и доступ к библиотеке, доступ в интернет, возможность консультироваться онлайн у квалифицированных педагогов и специалистов [1]. Вместе с тем, меняется роль преподавателя, который от роли транслятора информации переходит к роли проектировщика и организатора учебно-развивающей среды. Возрастает роль информационно-образовательной среды, которая

характеризуется наличием или отсутствием временных, пространственных, информационных и других ресурсов и средств обучения, включая мультимедийные.

Как известно, все компоненты речевой деятельности (чтение, говорение, аудирование, письмо) взаимосвязаны и дополняют друг друга. При отработке произношения происходит формирование не только слухо-произносительной базы, но и тесно связанных с ней, навыков говорения и чтения, то есть формирование коммуникативной компетенции. В связи с этим, на новом этапе развития иноязычной фонетики как педагогической дисциплины актуальным становятся: выработка новой стратегии преподавания, разработка методики преподавания и поиск аутентичного речевого материала.

Современные отечественные методисты доказывают, что произношение становится главной характеристикой речи, оно является базой для развития остальных навыков иноязычного говорения [1]. Несмотря на то, что коммуникативный подход к обучению иностранным языкам не уделяет особое внимание точности фонетического оформления речи, нарушение фонематической правильности речи может привести к акценту и, как следствие, к непониманию со стороны слушающего. Традиционно в методике обучения иностранному языку, все произносительные навыки делятся на две большие группы: ритмико-интонационные и слухо-произносительные навыки.

*Артикуляционный подход* подразумевает наличие вводного фонетического курса, во время которого учащиеся отрабатывают произнесение звуковых и интонационных моделей, учатся произносить звук согласно его подробному описанию, чтобы добиться чистоты произнесения. Акустический подход предполагает воспроизведение иноязычной речи на слух за счет выполнения множества имитативных упражнений и не ставит цель добиться чистоты произносимых звуков.

Как показал практический анализ наиболее популярных современных учебных пособий, используемых в языковых ВУЗах (Аракин В.Д., 2007, Карневская Е.Б., 1990, Вишневская Г.М., 2007 и др.), артикуляционный подход в значительно меньшей степени отражен в учебных методиках и упражнениях, чем акустический и дифференционный. В основном, это пособия, предназначенные для отработки слухо-произносительных навыков для языковых факультетов ВУЗов, готовящие специалистов-лингвистов [2-3] или, наоборот, для студентов уровня Beginner и Elementary, то есть на начальном этапе изучения фонетической стороны речи, когда уровень знаний и интерференции родного языка еще незначителен и делает возможным детальное описание артикуляции звука с последующей ее имитацией. Например, это пособия «Real Life» издательства Longman или отечественные учебные пособия для языковых ВУЗов под редакцией профессора В.Д. Аракина. В рамках данного подхода разработаны также задания на восприятие звуков и интонации, и нахождение верного из двух-трех приведенных вариантов произношения.

В соответствии с *акустическим* подходом к обучению произносительной стороне речи нами был произведен также анализ зарубежных учебных пособий, используемых, в основном, в частных образовательных учреждениях и привлекаемых в качестве дополнительных средств обучения на языковых факультетах ВУЗов. Это серии издательств Longman, Oxford и Macmillan Education: «Straightforward», «Speakout», «Discovery» для подготовки студентов уровня Intermediate, Upper-Intermediate и Advanced.

Как показал анализ, среди традиционных подходов в обучении произношению наиболее популярным и широко представленным в современных УМК является *акустический.* При нем большинство упражнений имеют имитативный характер, нацеленный на дальнейшую успешную коммуникативную реализацию. К сожалению, эта методика не ставит целью добиться чистоты произнесения звука.

Вместе с тем, в условиях современного обучения, ориентированного на дидактический принцип индивидуализации, с одной стороны, и стремления учащихся к получению большего обьема знаний, с другой, все большую популярность набирают дистанционные (компьютерные) методики обучения произносительным навыкам иноязычной речи. Дистанционное (компьютерное) обучение позволяет решить ряд важнейших задач, а именно [4]:

- засширить целевую аудиторию обучающихся.
- объединить студентов различных социальных, культурных и возрастных групп.
- зешить проблемы студентов, не имеющих возможности посещать аудиторные занятия.
- привлекать внешних преподавателей.

Основным минусом дистанционного образования является то, что в отличие от аудиторного обучения, где преподаватель может анализировать ситуацию, сознательно опираясь на визуальный источник, при дистанционном обучении возможность прямого контроля фактически отсутствует. Компьютерное обучение иностранному языку в условиях аудиторного билингвизма имеет свою специфику и связано, прежде всего, с особенностями явления двуязычия и акцента в аудитории искусственного билингвизма.

*Искусственный (аудиторный*) билингвизм имеет место, когда обучение иностранному языку происходит в условиях сформированности навыков родного языка в рамках школьного или вузовского образования, когда искусственно создается коммуникативная среда иностранного языка.

При дистанционном (компьютерном) обучении иностранному языку в условиях билингвизма выбор методик и программ определяется целями обучения, с одной стороны, характером аудитории и уровнем подготовки учащихся, с другой стороны. Очевидно, что в аудитории искусственного билингвизма необходимо учитывать влияние родного языка, приводящее к фонетическим и фонематическим ошибкам. Процент усвоения фонетических моделей значительно возрастет, если упражнения будут иметь не просто имитативный характер, а сравнительно-имитативный характер. Например, задание на произнесение предложенной фразы того или иного коммуникативного типа как с интонацией русского, так и с интонацией английского языка.

Благодаря разработке индивидуального подхода к обучению, компьютеры получили широкое распространение в методике преподавания иностранных языков. Программами, которые нашли наиболее частотное применение в процессе обучения фонетике английского языка, являются, например, такие разработки зарубежных методистов, как «Speech Analyzer», «Professor Higgins», «Bridge to English». К плюсам данных программ можно отнести то, что учащийся имеет возможность воспринимать собственное произношение визуально и сравнивать его с произношением носителей языка. В программу «Professor Higgins», например, включены пословицы, поговорки, стихотворения, скороговорки, которые при дальнейшей работе помогут отработать навыки произношения как на сегментном, так и на супрасегментном уровнях. Основным минусом данных методик является то, что они не русифицированы, не всегда учитывают особенности искусственного билингвизма учащихся и не содержат сравнительно-имитативных упражнений. Кроме того, они имеют определенный алгоритм оценивая и не допускают нескольких вариантов ответа. Учащийся прослушивает, звуки, слова и фразы, которые записаны носителем языка, повторяет их, но, в целом, больше никакой реальной коммуникации не существует, то есть отрабатывается, в основном, только перцептивный аспект.

Таким образом, при проектировании учебного процесса обучения иностранному языку (в частности, его фонетическому аспекту) возрастает необходимость разработки новых интерактивных технологий, учитывающих специфику аудиторного (искуственного) билингвизма.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Даутова О.Б. Проектирование учебно-познавательной деятельности на уроке в условиях ФГОС. – Санкт-Петербург: Каро, 2016. – 184 с.
2. Вербицкая М.В. Новая модель устной части ЕГЭ по иностранным языкам // Иностранные языки в школе, 2013. – №9. – С. 17-24.
3. Гальскова Н.Д., Гез Н.И. Теория обучения иностранным языкам: учебное пособие. – М., 2015. – 115 с.
4. Potapova P.K. New Information Technologies in Foreign Language Learning Today. – Moscow, 2003. – 96 c.
5. Вишневская Г.М. Билингвизм и его аспекты: учебное пособие. – Иваново: ИвГУ, 1997. – 98 с.
6. Сысоев П.В. Информационные и коммуникативные технологии в обучении иностранному языку. Теория и практика: монография. – М.: Глосса-Пресс, 2012. – 130 с.
7. Denisov K.M., Filatova E.A. Segmental and suptasegmental means of English phonetics: Teaching aid. – Иваново: ИвГУ, 2018. – 102 с.


## БАНАҚШАГИРИИ РАВАНДИ ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР ШАРОИТИ АУДИТОРИЯИ ДУЗАБОНА

*(дар мисоли усулҳои анъанавӣ ва интерактивии таълими фонетика дар макотиби олӣ)*


Дар ин мақола таҳлили муқоисавии усулҳои анъанавӣ ва муосири интерактивии таълими фонетикаи сегментӣ ва супрасегментии забони англисӣ дар шароити аудиторияи дузабона пешниҳод гардидааст. Дар баробари ин, зарурати ҷорӣ намудани усулҳои нави таълими нутқи шифоҳӣ дар макотиби олии муосир, ки ба рушди малакаҳои шунавоӣ ва талаффузӣ равона гардидааст, асоснок карда шудааст. Муаллиф тавсифи пурраи усулҳои анъанавӣ ва интерактивии таълими талаффузро пешниҳод карда, самаранокии истифодаи онҳоро дар машғулиятҳои амалии факултетҳои забонии макотиби олӣ таҳлил намудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** банақшагирии раванди таълим дар макотиби олӣ, муносибати акустикӣ ва артикулятсионӣ дар таълим, технологияи интерактивӣ, билингвизм, билингвизми аудиторӣ, фонетикаи сегментӣ ва супрасегментӣ.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Филатова Елена Анатолйевна, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони англисии Институти лингвистика ва забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Калуга ба номи К.Э. Сиолковский. E-mail: pchela2000@list.ru

## ПРОЕКТИРОВАНИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ПРОЦЕССА ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ В УСЛОВИЯХ АУДИТОРНОГО БИЛИНГВИЗМА

*(на примере традиционных и интерактивных методов обучения фонетике в ВУЗах)*

В настоящей статье приводится сравнительно-сопоставительный анализ традиционных и современных интерактивных методик обучения сегментной и супрасегментной фонетике английского языка в условиях аудиторного билингвизма. Обосновывается необходимость введения новых методик обучения устной речи в современных ВУЗах, нацеленных на развитие слуховых и произносительных навыков студентов и их реализацию в процессе коммуникации. Автор дает обобщенную характеристику традиционных и интерактивных методов обучения произношению и анализируют эффективность их применения на практических занятиях языковых факультетов ВУЗов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** проектирование учебного процесса в ВУЗе, акустический и артикуляционный подход к обучению, интерактивные технологии, билингвизм, аудиторный билингвизм, сегментная/супрасегментная фонетика.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Филатова Елена Анатольевна, кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка Института лингвистики и иностранных языков Калужского государственного университета имени К.Э. Циолковского. E-mail: pchela2000@list.ru

## PLANNING OF PEDAGOGICAL PROCESS OF FOREIGN LANGUAGES TEACHING IN CONDITIONS OF AUDITORY BILINGUISM

*(on the material of traditional and interactive methods of teaching phonetics)*

In the present article a comparative analysis of traditional and computer methods of teaching English segmental and suprasegmental phonetics in conditions of auditory bilingualism is given. The need for new modern methods of teaching and textbooks is justified. General characteristics of basic traditional methods (articulatory and acoustic) and their effectiveness is shown on the examples of concrete Russian and foreign editions, in comparison with popular computer programs.

**KEY-WORDS:** Acoustic and articulatory approaches, pedagogical planning, distant computer methods, segmental and suprasegmental phonetics, bilingualism, auditory bilingualism, system of higher education.

**INFORMATION ABOUT THE AUTOR:** Filatova Elena Anatolievna, candidate of filological sciences associate professor of department English language Institute of linguistics and foreign languages of Kaluga State University named after K.E. Tsiolkovski. E-mail: pchela2000@list.ru

## МЕТОДИЧЕСКАЯ СИСТЕМА ОБУЧЕНИЯ ЭЛЕМЕНТАМ МАТЕМАТИЧЕСКОГО АНАЛИЗА В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛАХ И ПЕДВУЗАХ

Бабанова А.Т., Ашекенова А.А., Ермухамбетова Ф.А.
Западноказахстанский аграрно-технический университет имени Жангирхана

Элементы математического анализа сравнительно недавно вошли в содержание курса математики средней школы. Впервые теория пределов начинает изучаться в курсе алгебры 9 класса с 1949 г., а проект программы по математике 1956 г. включает уже тему «Учение о производной». С 60-х г. прошлого века элементы математического анализ стали неотъемлемой частью содержания алгебры в старших классах [6, с. 286].

В современной научно-методической литературе обсуждаются различные походы к построению и преподаванию алгебры и начал анализа в средней [3-5] и высшей [7-8] школах.

В 1912 г. вышла первая в России методическая разработка по преподаванию математического анализа «Материалы по методике анализа бесконечно малых в средней школе» М.Г. Попруженко [2].

За прошедший период выполнено достаточно большое количество диссертаций по тем или иным аспектам изучения элементов математического анализа в школе и в вузе.

Обзор их тематики позволяет выделить основные направления современных исследований, посвященных содержанию и методике обучения элементам математического анализа.

1. *Совершенствование обучения математическому анализу студентов - будущих учителей математики в педвузах на основе:* интенсификации (С.С. Тасмуратова, М., 1997); алгоритмического подхода (С.М. Мумряева, Саранск, 2001); организации самостоятельной деятельности студентов (Н.В. Перькова, СПб, 2002; О.В. Генкулова, М., 2004); технологического подхода (М.А. Меркулова, М., 1999; О.В.Скворцова, Новосибирск, 2003; Ф.Л. Осипов, Новосибирск, 2004; Г.Л. Барбашова, Н. Новгород, 2005); дифференциации (Т.И. Шахматова, Саранск, 2004); изучения и предупреждения частно-методических затруднений студентов (О.С. Викторова, Ростов-на-Дону, 2005); наглядности как средства управления познавательной деятельностью студентов (Н.В. Щукина, Омск, 2005); развития продуктивного мышления студентов ( Ю.А. Семеняченко, М., 2006) и др.

2. *Предметно-методическая подготовка будущих учителей математики в педвузах к преподаванию элементов математического анализа в школе,* рассматриваемая в аспекте*:* профессионально-педагогической направленности (А.Г. Мордкович, *докторская диссертация,* М., 1986); обучения интегральному исчислению с использованием информационных технологий (О.Е. Белова, Красноярск, 2006); формирования приемов поисково-исследовательской деятельности (Т.П. Куряченко, Омск, 2006); методики изучения на практических занятиях (М.В. Шуркова, М., 2008); фундаментализации образования (С.И. Калинин, *докторская диссертация,* М., 2009) и др.

3. *Методика изучения элементов математического анализа в общеобразовательной школе в аспекте:* дифференцированного подхода к учащимся (М.И. Немытова, М., 1984; Т.Н. Терешина, М., 1996); использования задач графического содержания ( П.Г. Сатьянов, М., 1984); формирования прогностического умения учащихся ( М.А. Артемова, СПб, 1994); определения целесообразности уровня строгости при проведении обоснований (А.А. Ершова, М., 1994); использования различных форм представления его фундаментальных понятий (И.В. Красильников, СПб, 1997); реализации когнитивно-визуального подхода (О.О. Князева, Омск, 2003); реализации идейного потенциала (С.З. Кенжалиева, Ростов-на-Дону, 2004); формирования познавательного интереса учащихся (И.И. Карякин, Волгоград, 2004); деятельностно - смыслового подхода в контексте развивающего обучения старшеклассников (Э.К. Брейтигам, *докторская диссертация,* Омск, 2004); формирования культуры математической речи учащихся (Д.В. Шармин, Омск, 2005); уровневой дифференциации на основе системы задач (Т.А. Сентябова, Омск, 2007; А.А. Максютин, Саранск, 2007; В.И. Снегурова, СПб, 1998); индивидуализации с использованием компьютера (Г.В. Ходякова, СПб, 1993; С.В. Карпухина, Рязань, 2009 ) и др.

4. *Преемственность в изучении элементов математического анализа*: внутрипредметные и межпредметные связи при изучении математического анализа в techinstitute (Н.М. Новак, М., 1993); в системе «школа-вуз» (Ю.В. Сидоров, *докторская диссертация,* М., 1994); с учетом взаимосвязи изучения начал анализа и физики (В.И. Алексенцев, М., 1997); в системе «колледж – вуз» (М.Е. Ткаченко, Новосибирск, 2004) и др.

5. *Методика изучения элементов математического анализа в профильной школе в аспекте:* прикладной направленности в инженерно-физических классах (И.А. Иванов, СПб, 1997); использования компьютера для классов гуманитарного профиля (Е.Е. Хвостенко, Махачкала, 2000); использования симметрии для классов с углубленным изучением математики (М.Ю. Табачкова, Саранск, 2002); специфики классов естественно - научного профиля (П.И. Самсонов, М., 2004); особенностей профильной школы (М.В. Васильева, Орел, 2004); проектирования и реализации элективных курсов (А.А. Федорова, М., 2009) и др.

В связи с переходом на новые стандарты общего образования и двухуровневую систему математического образования в вузах существенно меняются цели и содержание образования, которые в свою очередь оказывают влияние на остальные компоненты методической системы обучения математике (формы, методы, средства, технологии). С другой стороны, в связи с компьютеризацией и информатизацией, оказывающих также влияние на остальные компоненты методической системы, по-новому встают актуальные проблемы методов и форм реализации гуманитарно-ориентированного содержания, активизации учебно-познавательной деятельности учащихся и студентов, организации их самостоятельной работы, формирования у них компетенций.

Немаловажное значение приобретают проблемы реализации преемственности между школьным курсом алгебры и начал анализа и курсом математического анализа для бакалавриата; между курсами математического анализа для бакалавриата и магистратуры (в рамках математического образования).

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Бабанова А.Т., Утеева Р.А. О целях и задачах обучения математическому анализу в педвузе / Совершенствование математического образования в общеобразовательных школах, начальных, средних и высших профес. учеб. Заведениях / Материалы V межд. науч.-метод. конф. 25-26 марта 2008 г. – Тирасполь: изд-во ПГУ, 2008. – С. 31-34.
2. Каким видел М.Г. Попруженко курс математического анализа в школе (фрагменты из книги Михаила Григорьевича Попруженко «Материалы по методике анализа бесконечно малых в средней школе» изданной в 1912 году) // Математика в школе, 2003. – №1. – С. 59- 69.
3. Колосов В. Углубленное математическое образование / Математика, 2004. – №4. – С. 2-7; – №5. – С. 7-9.
4. Марнянский И.А. Элементы математического анализа в школьном курсе математики: пособие для учителей. – М.: Просвещение, 1964. – 143 с.
5. Мордкович А.Г. Беседы с учителями математики. – М.: Школа-Пресс, 1995. – 272 с. (Б-ка журнала «Математика в школе»).

6. Методика преподавания математики в средней школе. Частные методики. Учеб. пособие для студ. физ.-мат. фак. пед. ин-тов. – М.: Просвещение, 1977. – 480 с.
7. Методическая система изучения курса математического анализа (для педагогических ун-тов). Ч. 1 / А.И. Нижников, В.М. Монахов, Т.К. Смыковская, М.А. Меркулова. – М.: РИЦ Альфа МГОПУ, 1999. – 190 с.
8. Чучаев И.И., Мещерякова С.И. О преподавании математического анализа будущим учителям математики / Математика в образовании: 200 лет высшему математическому образованию России: Сб. статей / Под ред. И.С. Емельяновой. – Чебоксары: Изд-во Чуваш. ун-та, 2005. – С. 114-119.

## СИСТЕМАИ МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ ЭЛЕМЕНТҲОИ ТАҲЛИЛИ МАТЕМАТИКӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРӢ

Дар мақола системаи методии таълими элементҳои таҳлили математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии омӯзгорӣ баён мегардад. Ҳамчунин, самтҳои асосии таҳқиқотҳое, ки ба мазмун ва методикаи таълими элементҳои таҳлили математикӣ бахшида шудааст, дида баромада шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** системаи методӣ, таҳлили математикӣ, мустақилият, малака, донишҷӯ, математика.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН**: Бабанова Алтинай Талатбековна, саромӯзгори Донишгоҳи аграрӣ-техникии Қазоқистони Ғарбӣ ба номи Ҷангирхон. E-mail: Babanova1@mail.ru

Ермухамбетова Фарида Аслановна, саромӯзгори Донишгоҳи аграрӣ-техникии Қазоқистони Ғарбӣ ба номи Ҷангирхон. E-mail: bfa 1@mail.ru

Ашекенова Алия Аманкелдыевна, саромӯзгори Донишгоҳи аграрӣ-техникии Қазоқистони Ғарбӣ ба номи Ҷангирхон. E-mail: aliusha_3314609@mail.ru

## МЕТОДИЧЕСКАЯ СИСТЕМА ОБУЧЕНИЯ ЭЛЕМЕНТАМ МАТЕМАТИЧЕСКОГО АНАЛИЗА В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛАХ И ПЕДВУЗАХ

В статье описывается методическая система обучения элементам математического анализа в общеобразовательных школах и вузах. Рассмотрены основные направления современных исследований, посвященных содержанию и методике обучения элементам математического анализа.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** методическая система, математический анализ, самостоятельность, навыки, студенты, математика

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ**: Бабанова Алтынай Талатбековна, ст. преподаватель Западноказахстанского аграрно-технического университета имени Жангир хана. E-mail: Babanova1@mail.ru

Ермухамбетова Фарида Аслановна, ст. преподаватель Западноказахстанского аграрно-технического университета имени Жангир хана. E-mail: aliusha_3314609@mail.ru

Ашекенова Алия Аманкелдыевна, ст. преподаватель Западноказахстанского аграрно-технического университета имени Жангир хана. E-mail: bfa1@mail.ru

## МЕТОДИЧЕСКАЯ СИСТЕМА ОБУЧЕНИЯ ЭЛЕМЕНТАМ МАТЕМАТИЧЕСКОГО АНАЛИЗА В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛАХ И ПЕДВУЗАХ

The article describes the methodological system of teaching the elements of mathematical analysis in general education schools and universities. The main directions of modern research devoted to the content and methodology of teaching the elements of mathematical analysis are considered.

**KEY WORDS:** methodological system, mathematical analysis, independence, skills, students, mathematics.

**INFORMATION ABOUT THE AUTORS:** Babanova Altynay, senior teacher of West Kazakhstan Agrarian and Technical University named after Zhangir Khan. E-mail: babanova1@mail.ru

Yermukhambetova Farida, senior teacher of West Kazakhstan Agrarian and Technical University named after Zhangir Khan. E-mail: bfa 1@mail.ru

Ashekenova Aliya, art. lecturer at West Kazakhstan Agrarian and Technical University named after Zhangir Khan. E-mail: aliusha_3314609@mail.ru

# РУШДИ СОҲАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Шарипов С.И., Ваҳҳобов А.Э.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ ҷиҳати таъмину рушди босуботи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ замина гузошт, ки он чун дастоварди бузурги миллату давлат пазируфта шудааст. Яке аз соҳаҳои муҳимме, ки дар ин давра ба таври бесобиқа рушд намуд, ин соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки солимии мардуми ҷомеа ба ҳаёти осоишта, оромиву суботи сартосарӣ ва рушду оммавияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш вобастагии зиёд дорад. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосса Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба рушду густариши соҳаи мазкур таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар ин самт як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи варзиши кӯдакон ва наврасон», «Дар бораи тайёрии варзишӣ», «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «Консепсияи миллии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва

варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 9 январи соли 2015, № 328, «Низомномаи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ» ва «Низомнома доир ба аккредитатсияи давлатии федератсияҳои варзишӣ», «Нақшаи чорабиниҳои Барномаҳои маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва ғайра қабул гардиданд, ки ба рушди соҳаи мазкур замина гузоштанд.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, ки ниёгони мо дар оммавӣ гардидани ин соҳаи ҳаётан муҳим ва инкишофи навъҳои гуногуни варзиш саҳми назаррас доранд. Дар ин маврид, профессор Шодӣ Сафаров дар китоби худ «Бозиҳои миллӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик» ёдовар шудааст: «Сарчашмаҳои қадима ба тамаддун ва ҷанбаҳои илмии бозиҳои миллии тоҷикон, ба ҳунари варзишии бохтариён ва сакоиҳо, ки гузаштагони моанд, арзишҳои баланд дода, ба ҳунари воло, санъати маҳорат, матонат, устуворӣ ва ватанпарварии онҳо ҳангоми ҷанги зидди Искандари Мақдунӣ, назди муҳорибаи Гавгамел, муҳорибаи Граника, Исса аз қобилияти ҷангӣ ва ҷиҳати ҷисмонӣ хеле хуб обутобёфта нишон доданд» [3, с. 3]. Тавре маълум гардид, аз давраҳои дури таърих истеъдоду маҳорати баланди варзишгарони миллатамон диққати дигар қавму миллатҳоро ҷалб менамуд. Ин варзишгарону паҳлавонон дар ҳифзи Ватан аз ҳамлаи душманон низ ҷоннисориҳо менамуданд. Ҳангоми ҷангу набардҳо паҳлавонони суғдиву бохтарӣ миёни дигар қавму миллатҳо шуҳрати баланд доштанд, ки имрӯз ҳам аз истеъдоди фавқулодаи онҳо ёд мекунанд. Дар гузашта ва имрӯз ҳам гузаронидани мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ ва интихоби беҳтарин варзишгарон барои муҳофизати давлату миллат гувоҳи таваҷҷуҳи зиёд доштани аҷдодонамонро нисбат ба ин соҳа ифода мекунад. Дар ин хусус Пешвои миллат бамаврид қайд намудаанд, ки: «Агар мо ба саҳифаҳои таърихи миллатамон рӯй оварем, огоҳ мегардем, ки шуғл ва варзиш ва пешбурди тарзи ҳаёти солим дар рӯзгори халқи куҳанбунёди мо аз қадимулайём нақшу манзалати хосса доштааст.... Варзиш ҳамчун қосиди сулҳ ва василаи дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кардани давлату миллат эътироф шудааст» [7, с. 2]. Аҷдодони мо чун анъана падар ба фарзанди худ навъҳои гуногуни варзиш, аз қабили камонварӣ, асптозӣ, шиноварӣ, чавгонбозӣ ва амсоли инро меомӯзониданд, то ин ки дар мавридҳои зарурӣ ва ҳуҷуми душман аз ин ҳунари варзишӣ мақсаднок истифода намоянд. Варзишгари асил ва ё касбӣ аз дигарон, пеш аз ҳама, бо одобу ахлоқи баланд, донишу ҷаҳонбинии васеъ ва истеъдоди фитрӣ фарқ мекунад.

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш як ҷузъи муҳим дар зиндагии инсоният пазируфта шуда, дар таъмини саломатии инсон нақши асосӣ дорад. Ҳамчунин варзиш қосиди сулҳу дӯстӣ, пайвандгари марзҳо, таҳкимбахши худшиносиву худогоҳӣ ва заминагузори инсондӯстӣ низ ба ҳисоб меравад. Варзиш калимаи англисии Sport, тарзи кӯтоҳшудаи калимаи disport - «бозӣ», «шуғл» мебошад. Одатан варзиш як намуди фаъолонаи ҷисмонӣ ва интеллектуалӣ буда, бо мақсади рушди он чорабиниву мусобиқаҳои гуногун гузаронида мешаванд, ки барои беҳтар намудани саломатӣ, барои ба даст овардани қаноатмандии молӣ ва маънавӣ, пешравӣ барои беҳбудӣ ва тавоноӣ хизмат мекунад.

Дар шароити имрӯзаи бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз муҳимтарин соҳаҳоест, ки машғул шудан ба он касро тандурусту неруманд, ҳушёру зирак ва рӯҳану ҷисман солим мегардонад. Варзиш инсонро дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ, зебоишиносӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои милливу ватандӯстӣ низ ба камол мерасонад. Ҳоло наврасону ҷавонони кишвар ба омӯзишу тамрини намудҳои гуногуни варзиш машғул гардида истодаанд, ки ин омил дар баробари рушди соҳа ба таъмини солимии сокинон мусоидат менамояд. Ҳақиқатан, ҳама гуна бозӣ ва шуғле, ки дар он ҳаракату амал иҷро мегардад, ба таъмини саломатии инсон замина мегузорад. Ҳар сокини кишварро лозим аст, ки барои ҳифзу таҳкими саломатӣ, такомули ҷисмонии худ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар маҳалли зист, ҷойи кор ва таҳсил ҷиҳати рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш саҳм гузорад.

Имрӯз барои насли наврас ва ҷавони кишвар имкониятҳои зиёде фароҳам оварда шудааст, то онҳо дар беҳтарин шароит ба тамрин машғул гарданд. Қайд намудан зарур аст, ки дар давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ варзишгарони мо дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ имкони ками иштирок карданро доштанд. Зеро барои дар ин сатҳ ҳунарнамоӣ кардан мағлуб намудани варзишгарони собиқ 15 ҷумҳурӣ лозим буд. Ҳамчунин баъзе маврид дар рафти мусобиқаҳо ноадолатӣ низ ба мушоҳида мерасид, ки чунин муносибат варзишгаронро рӯҳафтода менамуд. Истиқлолияти давлатӣ имкон фароҳам овард, ки дар ин соҳа чеҳраҳои нав ба вуҷуд оянд ва шуҳрати миллату давлатро баланд бардоранд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маврид қайд намудаанд, ки: «Дар самти ба камол расонидани насли ҷавони солим ва ғаюру матин, ки дар арсаи байналмилалӣ муаррифгари давлату кишвари хеш мегарданд, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нақши калидӣ дорад. Аз ҳамин ҷост, ки мо имрӯз ба варзиш эътибори махсус

дода, дар Тоҷикистони азиз оммаи васеъро ба ин самт ҷалб менамоем ва тадбирҳои зиёдеро дар кишвар роҳандозӣ мекунем» [8, с. 315]. Истиқлолияти давлатӣ ба ҷавонон ва варзишгарон имконият фароҳам овард, ки онҳо дар мусобиқаҳои гуногуни варзишии сатҳи минтақавию байналмилалӣ фаъолона ширкат варзида, шарафи миллату давлат ва парчами Тоҷикистонро миёни дигар миллату давлатҳо ҳифзу парафшон намоянд. Хушбахтона, дар ин ҷода даҳҳо варзишгари муваффақи тоҷик дар мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ ширкат варзида, ба натиҷаҳои баланди варзишӣ соҳиб шудаанд, ки ин аз имконияти мусоид фароҳам овардани давлату ҳукумат ва рушди соҳа дарак медиҳад. Имрӯз бо ифтихор аз қаҳрамонии варзишгарони тоҷик, аз ҷумла Дилшод Назаров қаҳрамони олимпӣ, ҷоизадори медали нуқраи чемпионати ҷаҳон, чемпиони Осиё оид ба варзиши сабук Расул Боқиев ҷоизадори медали биринҷии Бозиҳои олимпӣ ва чемпионати ҷаҳон оид ба дзюдо, Мавзуна Чориева ҷоизадори медали биринҷии Бозиҳои олимпӣ оид ба муштзанӣ (бокс), Фаррухи Салим чемпиони Осиё оид ба дзюдо, Хуршед Маҷидов ҷоизадори медали нуқраи Чемпионати ҷаҳон оид ба дзюдо, Лагутенко Малика чемпиони Осиё оид ба тирпарронӣ, Шоира Зулқайнарова ҷоизадори медали биринҷии чемпионати ҷаҳон оид ба самбо, Акмалиддин Каримов ҷоизадори медали нуқраи чемпионати ҷаҳон оид ба самбо, Комроншоҳи Устопириён чемпиони Осиё оид ба дзюдо, Шаҳриёр Даминов чемпиони Осиё оид ба қайиқронӣ, Беҳрӯз Хоҷазода чемпиони Осиё оид ба дзюдо ва дигаронро ба забон меоранд. «Дастоварди бузурги «Соли ҷавонон» соҳиби унвони қаҳрамон шудани варзишгари тоҷик Беҳрӯз Хоҷазода мебошад, ки рӯзи 11 ноябр дар мусобиқоти қаҳрамонии самбои ҷаҳон дар шаҳри Сочи дар вазни 74 килограмм ғолиб омад. Ин паҳлавони тоҷик бо гирифтани ҷойи якум ва медали тилло дар қаҳрамонии ҷаҳон, пас аз 42 сол қаҳрамонии ҷаҳонпаҳлавон шодравон Саидмуъмин Раҳимовро такрор кард» [1, с. 21-22]. Аз ин дастовард кулли мардуми тоҷик, ки дар дохил ва хориҷи кишвар зиндагиву фаъолият доранд, шод гардиданд.

Хушбахтона, дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ба соҳаи варзиш ва рушду оммавият пайдо намудани он тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, ҳамасола даҳҳо маҷмааву толорҳои варзишӣ сохта мавриди истифода қарор мегиранд. Ҳоло ин раванд дар сартосари кишвар ҳамовозии амиқ пайдо намудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қаноатмандӣ изҳор дошт, ки сол то сол теъдоди бунёди иншооти варзишӣ афзуда истодааст, ки ин, пеш аз ҳама, аз рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар кишвар дарак медиҳад. Чунончи, дар Паём зикр шудааст: «Солҳои охир саҳми ҷавонон дар рушди варзиш ва оммавигардонии он ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар миёни аҳли ҷомеа назаррас мебошад. Агар то соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ қариб ҳазор иншооти варзишӣ фаъолият дошта бошад, пас соли 2020 шумораи онҳо ба 10220 расонида шуд. Яъне шумораи иншооти варзиш дар даврони соҳибистиқлолӣ беш аз нуҳ баробар зиёд гардидааст» [2, с. 30]. Бунёди ин ҳама иншооти варзишӣ дар баробари рушду густариши соҳаи варзиш ба солимии ҷомеа ва ҳифзи генофонди миллӣ мусоидат мекунад.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи соҳибистиқлолии кишвар бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаббусҳои созандаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва зерсохторҳои он мусобиқаву чорабиниҳои зиёде амалӣ гашта истодаанд, ки ин ба таъмини бомароми ҳадафҳои дурнамо замина мегузорад. Дар воқеъ, ташкилу ҷалби наврасону ҷавонон ба тарбияи ҷисмонию варзиш ва таъмини босифати солимии ҷомеа мусоидат менамояд. Дар маҷмӯъ, дар давраи соҳибистиқлолӣ соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш рушд ёфта, оммавият пайдо намуд. Ин таваҷҷуҳ ба солимии миллат ва ҳифзи генофонди миллӣ мусоидат мекунанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Абдуфаттоҳ, Ш. ва дигарон Эмомалӣ Раҳмон ва соли ҷавонон (сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017. Китоби 17) / Ш. Абдуфаттоҳ, А. Самариддин. – Душанбе, 2020.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021.
3. Сафаров, Ш.А. Бозиҳои миллӣ ҳамчун тамаддуни халқи тоҷик / Ш.А. Сафаров. – Душанбе: Матбуот, 2011.
4. Ҳасанов, Ш. ва дигарон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатии ҷавонон / Ш. Ҳасанов, А. Ашӯрова. – Душанбе, 2015.
5. Шамолов, А.А. ва дигарон Масъалаҳои сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.А. Шамолов, С.Б. Ашӯров. – Душанбе, 1998.
6. Шамсиддинов, М. Таҳаввулот дар варзиши Тоҷикистон / М. Шамсиддинов. – Душанбе, 2007.
7. Шодихони, Н. Варзиш – соҳаи мавриди назари Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон / Н. Шодихон. – Душанбе: Бухоро, 2017.
8. Эмомалӣ Раҳмон Уфуқҳои Истиқлол / Р. Эмомалӣ. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018.

**РУШДИ СОҲАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ**

Дар ин мақола муаллифон роҷеъ ба рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар давраи соҳибистиқлолӣ андешаронӣ намудаанд. Ба андешаи муаллифон, Истиқлолияти давлатӣ ва таваҷҷуҳи роҳбари давлат ба рушди тамоми навъҳои варзиш замина гузошт. Маҳз дар ин давра варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ бештар ширкат варзида, шарафи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд бардоштаанд. Аз ҷониби дигар, чунин муносибат, яъне ба варзиш машғул гардидани наврасону ҷавонон ва сокинони кишвар ба ҳифзи генофонди миллӣ мусоидат намудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** истиқлолият, варзиш, варзишгар, мусобиқа, тарбияи ҷисмонӣ, қаҳрамон, Осиё, олимпӣ, ҷаҳон, минтақа, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Шарипов Сангимурод Исматуллоевич, номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 918-13-03-59; e-mail: sangimurod8989@mail.ru

Ваҳҳобов Аббос Эркинович, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 900-46-46-68; e-mail: abbosvahobov94@gmail.com

**РАЗВИТИЕ СФЕРЫ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ И СПОРТА В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ**

В данной статье авторы высказывают свои взгляды о развитии сферы физического воспитания и спорта в период государственной независимости. По мнению авторов, государственная независимость и забота главы государства стали основой развития всех видов спорта. Именно в этот период таджикские спортсмены добились серьёзных успехов в различных региональных и международных, соревнованиях, умножая спортивную славу Республики Таджикистан на международной арене. С другой стороны, такое отнешение, т.е. занятие подроспиков и молодёжи жителей страны спортом способствовало обеспечиванию генофонда нации.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** независимость, спорт, спортсмен, соревнование, физическое воспитание, чемпион, Азия, олимпийский, мир, регион, республиканский, межнародный.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Шарипов Сангимурод Исматуллоевич, кандидат филологических наук, ст. преподаватель кафедры журналистики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 918-13-03-59; e-mail: sangimurod8989@mail.ru

Ваххобов Аббос Эркинович, ассистент кафедры физического воспитания и военной подготовки Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 900-46-46-68; e-mail: abbosvahobov94@gmail.com

**DEVELOPMENT OF THE SPHERE OF PHYSICAL EDUCATION AND SPORT DURING THE PERIOD OF STATE INDEPENDENCE**

In this article, the authors express their views on the development of the sphere of physical education and sports during the period of state independence. According to the authors, state independence and care of the head of state have become the basis for the development of all sports. It was during this period that Tajik athletes achieved significant success in various regional and international competitions, multiplying the sports glory of the Republic of Tajikistan in the international arena. On the other hand, such an attitude, i.e. the occupation of teenagers and youth of the country's inhabitants with sports contributed to the provision of the gene pool of the nation.

**KEY WORDS:** independence, sport, athlete, competition, physical education, champion, Asia, Olympic, world, region, republican, international.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Sharipov Sangimurod Ismatulloevich, candidate of philological sciences, senior lecturer of the department of journalism of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 918-13-03-59. E-mail: sangimurod8989@mail.ru

Vahhobov Abbos Erkinovich, assistant of the department of physical education and military training of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 900-46-46-68. E-mail: abbosvahobov94@gmail.com

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ БЕҲДОШТИИ АҲОЛӢ

Аҳмадиён Ш.Р., Мардонзода Қ.М., Гулов Р.А., Холиқов С.У.
Донишгоҳи давлати тиббии Хатлон

Таълим ва тарбияи беҳдоштӣ системаи таълимие мебошад, ки фаъолияти ҳамаҷонибаи таълимӣ, омӯзишӣ ва тарбиявиро дар бар гирифта, ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ оид ба масъалаҳои тандурустӣ ва мустаҳкам намудани малакаҳои беҳдоштӣ нигаронида шудааст.

Вазифаи асосӣ ва муҳимми таълиму тарбияи беҳдоштӣ ин ҷалб намудани шумораи васеи аҳолӣ барои фаъолона ёрӣ расондан ба ташкилоту муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ мебошад. Дар ҳамаи муассисаҳои табобатию профилактикӣ, санитарию зиддиэпидемиявӣ, донишкадаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва муассисаҳои таълимоти миёнаи тиббӣ таълиму тарбияи беҳдоштӣ бо мақсади ҷалби аҳолӣ барои иштирок дар корҳои саломатӣ қисмати асосӣ бояд ба шумор равад.

Дар ҷаҳони муосир масъалаи ҳифзи саломатӣ ва роҳҳои комёбӣ дар ин ҷода аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Таҷрибаи инсонӣ бозгӯӣ менамояд, ки нисбат ба табобати бемориҳо роҳҳои пешгирӣ аз онҳо самарабахш ба шумор рафта, дар ин самт ҳар як фарди солимфикр бояд масъулият дошта бошад [7, с. 157]. Албатта, баҳри расидан ба мақсад усулҳои таълими беҳдоштӣ моро раҳнамо хоҳад буд. Бояд зикр намоем, ки таълим ва тарбияи беҳдоштӣ ин низоми таълимие мебошад, ки фаъолияти ҳамаҷонибаи таълимӣ, омӯзиш ва тарбиявиро фаро гирифта, ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ оид ба масъалаҳои тандурустӣ ва мустаҳкам намудани малакаҳои беҳдоштӣ нигаронида шудааст. Ҳамзамон, ин раванд ҳавасмандгардонии аҳли ҷомеаро баҳри расидан ба тарзи ҳаёти солим бо тамоми хусусиятҳояш фаро мегирад.

Ҳоло вазъи коргузорӣ ва дарки мафҳуми ҳифзи саломатӣ дар ҷомеаи навин ба равандҳои мураккаб вобастагӣ дорад. Дар як вақти кӯтоҳ саросари дунёро фаро гирифтани бемории нави сироятии коронавирус ин гуфтаи маро собит намуда, баҳри рафъи ин паёмади хатарзо зарурати муттаҳидии ҷамъияти табибон ва тамоми қишрҳои ҷомеаро пеш меорад, ки дар ин маврид, баҳри пешгирии инсоният аз хатарҳо таълими тарбияи мукаммал барои беҳдоштии аҳолӣ мавқеи аввалиндараҷаро касб менамояд. Бо дарназардошти таъхирнопазирӣ ва аҳамиятнокии мушкилоти таъмини саломатии аҳолӣ ва сифати таҳсилот айни замон дар соҳаи маориф истилоҳи «таълимоти ҳифзи саломатӣ» бештар истифода мешавад.

Таълимоти ҳифзи саломатӣ барои ташаккули ҳамаҷонибаи хонандагон шароити заруриро таъмин мекунад [1, с. 71], дар ташаккули табиии ниёзҳои бошууронаи онҳо ба саломатӣ, дарки асосҳои тарзи ҳаёти солим мусоидат менамояд, рушди амалии малакаҳоро оид ба нигоҳдорӣ ва таҳкими солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва ахлоқӣ таъмин менамояд.

Таҳти таъсири омилҳои муҳит, аз қабили ифлосшавии ғизо, оби нӯшокӣ, ҳавои атмосферӣ ва хок, садо, ларзиш, радиатсияи ионизатсияшуда ва беионизатсия, ки ба саломатии аҳолӣ зарарнок аст, зарурати рафъи мушкилиҳо дар ин самт ба миён омада, шароити таълим ва тарбияи кӯдакон, шароити кор, зиндагӣ ва истироҳат ба 60 фоизи аҳолӣ рост меояд. Дар сайёраи Замин бо таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ вазъи экологӣ ба таври куллӣ тағйир ёфта истодааст ва бо мақсади пешгирӣ аз омилҳои манфии ба саломатии инсонҳо зиёновар мутахассисони соҳа тамоми чораҳоро дар сатҳи илмӣ баррасӣ намуда истодаанд.

Омилҳое ба монанди дурӣ аз меъёрҳои ғизоӣ, сарф дар хариди маҳсулоти тамоку, ҳаҷми фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ дар аксари давлатҳои дунё гуногун амалӣ гардида, ин ҷараён тақрибан ба 50 фоизи аҳолӣ рабт дорад.

Албатта, пешрафти технологӣ, аз ҷумла дар соҳаи тиббӣ, ба сатҳи зиндагии одамон таъсири мусбат расонида, барои комёбии назаррас дар ин бахш корҳои дигарро низ бояд роҳандозӣ намоем. Дар ин маврид, вазифаҳои асосие, ки дар назди мақомоти тандурустӣ ва дигар муассисаҳои дар соҳаи таълимоти беҳдоштии аҳолӣ истодаанд, инҳоянд: кам кардани тамокукашӣ; беҳтар намудани сифати ғизо; вусъат додани фаъолияти ҷисмонӣ; коҳиш додани таъсири омилҳои вайронкунандаи равонӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагӣ; риояи аҳолӣ ба чораҳои пешгирикунандаи шахсӣ ва ҷамъиятӣ; кам кардани истеъмоли машрубот; пешгирии нашъамандӣ; беҳтар намудани сифати муҳити атроф, кам кардани таъсири зараровари омилҳои антропогенӣ, таъмини омӯзиши гигиенаи касбӣ ва аз аттестатсия гузаронидани шахсони мансабдор ва кормандони муассисае, ки хусусияти фаъолияти онҳо бо истеҳсолот, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ ва оби нӯшокӣ, таълим ва тарбияи кӯдакон алоқаманд ҳастанд.

Бояд қайд намуд, ки дастёбӣ ба ин мақсадҳо дар асоси таълиму тарбияи беҳдоштии аҳолӣ амалӣ гардида, баланд бардоштани маърифати беҳдошти шахсӣ ва ҷамъиятӣ тавассути таълиму тадриси саҳеҳ сурат мегирад [5; 9, с. 56].

Аз таҳлили адабиёти илмии соҳа бармеояд, ки таълими беҳдоштии саломатӣ дар рӯзгори халқи тоҷик таърихи қадим дорад. Олимони соҳаи тиб дар гузаштаи дур низ таълими нигаҳдошти саломатӣ ва омилҳои тандурустиро муҳим арзёбӣ намуда буданд. Воқеан, таълиму тарбияи беҳдоштии аҳолӣ як соҳаи тиб ва нигоҳдории тандурустӣ мебошад, ки масъалаҳои назария ва амалияи баланд бардоштани фарҳанги санитарии аҳолиро ба амал мебарорад.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон масъалаи беҳдошти саломатӣ аз мақсадҳои асосӣ ба шумор рафта, муассисаҳои тиббӣ бо тамоми қишрҳои ҷомеа дар якҷоягӣ баҳри расидан ба ин мақсад чораҳои амалӣ мебинанд. Айни ҳол чорабинӣ оид ба таълими беҳдоштӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, муносибати оқилонаи ҳар як шаҳванд нисбат ба саломатии худ ва атрофиён бо мақсади омӯзиши нигоҳдории саломатӣ ва қобилияти ҳаётии худ гузаронида шуда истодааст, то ки ҳаётро бардавом ва пурарзиштар намоем. Аз ин рӯ, вазифаи асосии кормандони тиб ва муассисаҳои таълимии соҳа паҳн намудани дониши тиббӣ ва беҳдоштӣ дар байни аҳолӣ ба шумор меравад.

Вазифаи то андозае муҳимми таълиму тарбияи беҳдоштӣ ин ҷалб намудани шумораи васеи аҳолӣ барои фаъолона ёрӣ расондан ба ташкилоту муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ мебошад. Дар ҳамаи муассисаҳои табобатию профилактикӣ, санитарию зиддиэпидемиявӣ, донишкадаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва муассисаҳои таълимоти миёнаи тиббӣ таълиму тарбияи беҳдоштӣ бо мақсади ҷалби аҳолӣ барои иштирок дар корҳои саломатӣ қисмати асосӣ ба шумор меравад.

Воқеан, соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешгирии бемориҳо дар сатҳи баланди касбӣ чораҳо меандешад. Аммо гузаронидани чорабиниҳо дар ҳаёт ба фаъолияти муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ ва кормандони тиббӣ кифоя нест. Агар аксарияти аҳолӣ бо доштани дониши кофӣ дар соҳаи тиб, аз ҷумла беҳдоштӣ ба табибон ёрӣ нарасонанд, онҳо аз уҳдаи ин вазифа намебароянд. Аҳолӣ бояд донанд, ки сабаби аксарияти бемориҳо чист, ин ё он омилҳои муҳити беруна чӣ гуна ба организм зарар мерасонанд, таъсири бади он чӣ паёмадҳо дорад ва чӣ тавр онро метавон пешгирӣ намуд?

Тавассути таълим ва тарбияи беҳдоштӣ ба қишри асосии ҷомеа дарки муайяни муҳит таълим дода мешавад, малакаҳои беҳдоштӣ омӯзонида мешавад, фарҳанги беҳдоштӣ баланд бардошта мешавад.

Таълим ва тарбияи беҳдоштӣ дар ташаккули тасаввуроти оқибатҳои таблиғоти дуруст оид ба ҳаёти солим, алоқаи тарафайни он ба муҳити беруна ва ғ. мусоидаткунада бояд бошад. Дар чорабиниҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ оид ба ободкунии ҷойҳои аҳолинишин, беҳтар намудани шароити меҳнат, зиндагии шоиста ва баланд бардоштани фарҳанги беҳдоштӣ, хусусиятҳои зеҳнӣ ва эҷодиро дар вуҷуди таълимгирандагон бедор бояд сохт.

Дар ин ҷода моро зарур аст, ки аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва дастовардҳои илмӣ огоҳӣ дошта бошем [10, с. 227]. Олими рус П. Соловев ҳамчун мутахассиси варзида дар доираи гигиенаи иҷтимоӣ, ки барои ташаккули нигоҳдории тандурустии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ корҳои бисёре анҷом додааст, нақши маърифатнок кардани беҳдоштиро дар системаи умумии нигоҳдории тандурустии давлати собиқ Шӯравӣ муҳим арзёбӣ намудааст. Ӯ ин нуктаи муҳимро чунин маънидод менамояд: «Барои расидан ба мақсади беҳдошти солимӣ танҳо табобат кифоят нест, дар ин ҷода иштироки васеи аҳолӣ мавқеи муҳим дошта, барои ноил шудан ба ин маърифатнокии беҳдоштиро ташаккул бояд дод» [8].

Дар кишвари мо таълим ва тарбияи беҳдоштӣ вазифаи давлатӣ ва шарти ҳатмии кори ҳамаи муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ гардидааст, ки онро иқдоми саривақтӣ ва самарабахш метавон арзёбӣ намуд.

Дар кишвар ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳои самарабахши пешгирии бемориҳо дар як қатор санадҳои муҳимми давлатӣ асоснок гардидаанд [2-4; 6]. Чораҳои аввалиндараҷаи профилактикӣ барои таъмини саломатии шаҳрвандон дар қонуни «Асосҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нигоҳдории саломатии шаҳрвандон» ва дар моддаи №38-и «Кодекси нигоҳдории тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таъмин намудани бехатарии беҳдоштию эпидемиологӣ ба аҳолӣ» ворид карда шудааст. Дар ин ҳуҷҷатҳо зарурати таълиму тарбияи мукаммал, шаклҳо, воситаҳо, усулҳо ва сатҳи илмии он қайд гардидааст. Корҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи дониши тиббӣ ва гигиенӣ як қисми корҳои умумӣ дар бораи тарбияи аҳолӣ ба шумор меравад.

Ҳуҷҷатҳои меъёрии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мукаммалнамоии ташкилоту муассисаҳои тиббӣ дар соҳаи таълиму тарбияи беҳдошти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳмияти бузург дошта, барои баланд бардоштани масъулияти роҳбарони ташкилот ва муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ ба самт ва сифати таълим ва тарбияи беҳдоштӣ ва банақшагирии амиқи он чораҳо пешбинӣ шудааст.

Дар муайян намудани сиёсат ва стратегияи афзоиши ин самт роҳандозии «Стратегияи миллӣ оид ба саломатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи с. 2010-2020», тасвиби қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 20 августи соли 2010, №368» қадами муҳим ба шумор меравад. Дар Стратегияи мазкур сиёсат ва принсипҳои асосии корҳои маърифатӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ дар нигоҳдории тандурустӣ нишон дода шудааст; сохт ва вазифаҳои системаҳои профилактикӣ ва солимгардонии аҳолӣ инъикос гардидааст; шарт ва механизмҳои банақшагирӣ, мутобиқат ва бавуҷудоварии барномаҳои пешгирикунанда ва таъмини ҳамкориҳои байниидоравӣ мухтасар ифода карда шудааст.

Вазифаҳои асосии солимӣ ва пешгирии бемориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин омилҳо ба шумор меравад:

– пасткунии паҳншавии тамокукашӣ ва истифодабарии нос;
– беҳтаркунии сифати ғизо;
– афзудани фаъолияти ҷисмонӣ;

– суст кардани таъсири омилҳои зараррасони рӯҳию иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифатнокии ҳаёт;

– таъмини васеи иммунизатсияи иҳотакунандаи аҳолӣ;

– пешгирии сирояти ВНМО ва бемориҳое, ки бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда;

– пасткунии истифодабарандагони алкогол (майпарастон);

– пешгириии истифодабарии нашъа;

– беҳтар намудани сифати муҳити атроф ва паст кардани таъсири зараррасони омилҳои антропогенӣ.

Дар миёни иқдоми амалие, ки барои татбиқи стратегияи мустаҳкамкунии солимӣ равона гардидааст, ташкили инфрасохтори профилактикаи тиббӣ ва ташаккули солимӣ дар сатҳи ҷумуриявӣ, ноҳиявӣ ва маҳаллӣ дар ҷойи аввал меистад. Ташкили муассисаи намуди нав – Марказҳои пешгирикунандаи тиббӣ, ҳамчунин Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, Марказҳои пешгирикунанда ва мубориза бар зидди СПИД, Марказҳои банақшагирии оилаҳо мувофиқи ҷузъи муассисаи тиббию профилактикӣ ва хизматҳои ёрии аввалини тиббӣ-санитарӣ баҳри амалӣ гардидани нақшаҳои бузург замина фароҳам меоранд.

Корҳои умумии беҳдоштӣ бо аҳолӣ дар доираи профилактика оммавӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ буда метавонад. Пешгирии беморӣ нисбат ба табобати он босамар ва камхарҷ буда, дар устувор нигоҳ доштани саломатӣ стратегияи оммавӣ ба шумор меравад.

Дар сатҳи давлатӣ ҳамаи фаъолиятҳо оид ба таълиму тарбияи беҳдоштӣ, пешгирии бемориҳо ва нигоҳдории саломатии аҳолии Тоҷикистон ба зиммаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷузъҳои он оид ба назорати беҳдоштию эпидемиологӣ, иҷрокунандагони худи ваколатдорони босалобат оид ба сохторҳои идоракунандаи ташкилӣ-методии маҳаллии системаи пешгирӣ ва нигоҳдории саломатӣ вогузор гардидааст.

Дар замони муосир принсипҳои зерин ба асоси таълиму тарбияи беҳдоштӣ тааллуқ доранд:

– таълим ва тарбияи беҳдоштӣ вазифаи тамоми кормандони тиббӣ ба шумор меравад;

– мақсаднок будан, оммафаҳм будан ва муомилаи гуногун бо шунавандагон;

– гузаронидани корҳо якҷоя бо муассисаҳои ғайритиббӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;

– оммавӣ, хусусияти умумихалқӣ, ба монанди таълим ва тарбияи беҳдоштӣ ба нафъи аҳолӣ гузаронида мешавад ва табақаҳои гуногуни он (кӯдакон, донишҷӯён, кормандон, хизматчиён, нафақахӯронро) дар бар мегирад;

– некбин будан, яъне ба аҳолӣ боваринокиро тарбия намудан ин аст, ки дар мамлакати мо тамоми шароитҳо барои пешгирии бемориҳо ба монанди пайдоиши касалиҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ, барои солимнигоҳдории саломатӣ, нигоҳдории шароити муносиби ҳаёт, дарозумрии фаъол, қобилияти баланди меҳнат ташкил карда шудааст.

Барои ба ин ҳадафҳо ноил гаштан пешгирӣ намудан ё ин ки паст кардани таъсири манфии омилҳои зарарноки муҳити атроф (биологӣ, химиявӣ, физикӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ) ба саломатии аҳолӣ ба монанди натиҷаҳо, пастшавии беморшавӣ зарур аст. Албатта, барои ҳалли ин масъала вазифаҳои зеринро ҳал намудан зарур аст:

– баамалбарории барномаҳои давлатӣ ва ҷузъӣ, нақшаҳои чорабиниҳое, ки барои нигоҳдории саломатӣ ва пешгирии беморшавии аҳолӣ, беҳдошт намудан байни одамони маскунгирифта ва шароити қобилияти ҳаётии онҳо;

– қабул намудани чораҳои иловагӣ оид ба иҷрои меъёрҳои беҳдоштӣ, қоидаҳо ва меъёрҳои беҳдоштӣ дар муассисаҳо;

– баланд бардоштани масъулияти роҳбарони субъектони хоҷагидори ҳамаи соҳаи фаъолият барои гузаронидани чорабиниҳои зарурии санитарӣ-беҳдоштӣ ва зиддиэпидемиявӣ, ташкили назорати таъсирбахши истеҳсолӣ;

– гузаронидани санҷиши комплексии омилҳои байни маскунгирандагон, маҳсулоти ҳосилшаванда ва ба амал баровардашуда дар вазъияти беҳдоштию эпидемиологӣ, ҳаёт ва саломатии аҳолӣ дар асоси чорабиниҳои санҷишию назоратӣ;

– системаҳои такмили минбаъдаи ҳифзи бозори ватанӣ аз маҳсулоти зарарнок ва талаботи номувофиқ муқаррарнамудаи қонунгузорӣ;

– пешгирии таъсири нохуши объектҳое, ки ба санҷиши (экспертиза)-и давлатии санитарию беҳдоштӣ барои ҳаёт ва саломатии аҳолӣ тааллуқ доранд;

– қабули қарорҳои идоракунандае, ки барои таъмини беҳбудии беҳдоштию эпидемиологии аҳолӣ равона карда шудааст;

– баланд бардоштани саводнокии беҳдоштии аҳолӣ.

Ҳамин тавр, таълим ва тарбияи муосири беҳдоштӣ дар сатҳи баланди ғоявӣ – назариявӣ ва илмӣ-методӣ, мақсаднок будани таблиғоте, ки ба вазифаи актуалии нигоҳдории тандурустӣ мувофиқ аст, тавсиф меёбад. Айни ҳол таблиғоти тарзи ҳаёти солим, чорабинӣ оид ба мубориза

бо одатҳои бад (истифодаи нӯшокиҳои спиртӣ, нашъамандӣ, тамокукашӣ), пешгирии осебпазирӣ, бемориҳои асабию рӯҳӣ, дилу рагӣ раванди тоза касб намуда, барои расидан ба ҳадафҳои низоми асосноккунии илмии таълим ва тарбияи амиқи беҳдоштиро дар асоси марказҳои пешгирикунандаҳои тиббӣ мустаҳкам бояд кард, ки ин аз вазифаҳои асосии ҳар як фарди солимфикр ба ҳисоб меравад.

**АДАБИЁТ:**


1. Голубев, А.Н., Дьяченко Т.С. Особенности и проблемы преподавания дисциплины общественное здоровье и здравоохранение на основе интернет технологий // В сборнике: Стоматология - наука и практика, перспектива развития. Материалы Всероссийской научно-практической конференции, посвященной 80-летию кафедры общественного здоровья и здравоохранения и 20-летию Стоматологической поликлиники Волгоградского государственного медицинского университета. – Волгоград, 2019. – С. 71-72.
2. Закон Республика Таджикистан «Об обеспечении населения безопасности санитарно-эпидемиологическом», от 8.12. 2003. – №49.
3. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994с. (таҳрири 26.09.1999, 22.06.2003, 22.05.2016 г). – С. 20.
4. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.05.2017. – №374. – С. 95.
5. Котенко, П.К., Шевцов В.И. Организация здравоохранения и общественное здоровье. Самоучитель. Том Часть 4. – Санкт-Петербург, 2020.
6. Национальная Стратегия по здоровье населения Республика Таджикистан на период 2010-2020 г. от 2 августа 2010 года. – №368.
7. Москаленко В. Ф. Здоровье и здравоохранение: ключевые императивы. – К.: ВД «Авщена», 2011. – 156 с.
8. Соловьвев З.П. Избранное: в 3 т. – Москва: Медгиз, 1964.
9. Стародубов В.И., Перхов В.И., Сон И.М. Планирование тематики диссертаций по специальности «Общественное здоровье и здравоохранение»: проблемы и решения // Менеджер здравоохранения, 2020. – №1. – С. 56-61.
10. Чирков, В.А., Бреусов А.В., Лысенко И.Л. Социальное здоровье населения как система (в контексте общественного здоровья и здравоохранения) // В мире научных открытий, 2014. – №6(54). – С. 222-231.


## ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ БЕҲДОШТИИ АҲОЛӢ


Ҳама шоҳид аст, ки қариб давоми як сол зиёд дар ҷаҳони кунунӣ беморие ба вуҷуд омад, ки тамоми инсониятро ба таҳлука андохт. Албатта, сабаби ин беморӣ, ба истилоҳ пандемия, надонистан ва риоя нанамудани содатарин меъёрҳои санитарию беҳдоштӣ мебошанд. «Падар»-и илми тиб Буқроти ҳаким қайд менамояд, ки «аз табобати беморӣ дида пешгирии он осонтару самарабахштар мебошад». Дар ин мақола низ муаллифон дар бораи зарурати омӯзиши масъалаҳои тандурустӣ ва мустаҳкам намудани масъалаҳои беҳдошт ибрози ақида намудаанд. Муаллифон дар баробари зарурати омӯзиши илми беҳдошт ва санитарӣ дар мақолаи худ омилҳои асосии барангезандаҳои бемориҳои гуногунро низ қайд намудаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** беҳдошт, нигоҳдории тандурустӣ, пешгирии бемориҳо.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Аҳмадиён Шодмон Раҷаб, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. Тел.: (+992) 987-00-16-67.

Мардонзода Қурбоналӣ Мирзо, ассистенти кафедраи фанҳои ҷарроҳии №1-и Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. Тел.: (+992) 918-20-33-88.

Рамзии Асламшо, ассистенти кафедраи беҳдошт, эпидемиология ва бемориҳои сироятии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. Тел.: (+992) 988-45-80-80.

Холиқов Саидаҳмад Умархонович, ассистенти кафедраи фанҳои ҷарроҳии №2-и Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон. Тел.: (+992) 907-38-74-75.


## УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНАЯ ГИГИЕНА НАСЕЛЕНИЯ


Всем известно, что в течение больше года в современном мире появилась болезнь, которая потрясла всего земного шара. Конечно причина этой болезни, так называемая пандемия, незнания и не соблюдение элементарных правил о санитарно гигиенических норм. Отец медицины Гиппократ отмечает, что «профилактика болезни в сравнении с его лечением намного проще и эффективнее» В статье авторы выражают свою точку зрения о необходимости изучения вопросов здравоохранение и укрепление навыков гигиены. Авторы наряду с этим отмечают основные факторы возбудителей различных болезнь.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** гигиена, общественное здравоохранение, профилактика болезней.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Ахмадиён Шодмон Раджаб, кандидат политических наук, доцент кафедры общественных наук Хатлонского государственного медицинского университета. Тел.: (+992) 987-00-16-67.

Мардонзода Курбонали Мирзо, ассистент кафедры хирургии №1 Хатлонского государственного медицинского университета. Тел.: (+992) 918-20-33-88.

Рамзии Асламшо, ассистент кафедры гигиены, эпидемиологии и инфекционных болезней Хатлонского государственного медицинского университета. Тел.: (+992) 988-45-80-80.

Холиков Саидахмад Умархонович, ассистент кафедры хирургии №2. Хатлонского государственного медицинского университета. Тел.: (+992) 907-38-74-75.

**EDUCATIONAL AND BEHAVIORAL HYGIENE OF THE POPULATION**

Everyone knows that for more than a year a disease has appeared in the modern world that shook the entire globe. Of course, the cause of this disease, the so-called pandemic, is ignorance and non-observance of elementary rules of sanitary and hygienic standards. The father of medicine, Hippocrates, notes that «prevention of disease is much easier and more effective than its treatment». In the article, the authors express their point of view on the need to study health issues and strengthen hygiene skills. The authors, along with this, note the main factors of causative agents of various diseases.

**KEY WORDS:** hygiene, public health, disease prevention.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Ahmadiyon Shodmon Rajab, candidate of political sciences, associate professor of the department of social sciences of Khatlon State Medical University. Phone: (+992) 987-00-16-67.

Mardonzoda Qurbonali Mirzo, assistant of the department of surgery №1 of Khatlon state medical university. Phone: (+992) 918-20-33-88.

Ramziya Aslamsho, assistant of the department of hygiene, epidemiology and infectious diseases of Khatlon state medical university. Phone: (+992) 988-45-80-80.

Kholiqov Saidahmad Umarkhonovich, assistant of the department of surgery №2. Khatlon state medical university. Phone: (+992) 907-38-74-75.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР СИНФИ 5 ВА ТАРЗҲОИ ТАШАККУЛДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Қодирзода Р.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯз дараҷаи татбиқи пешрафти илмию техникиро, пеш аз ҳама, бо дараҷаи дар кадом сатҳ истифода шудани техникаи компютерӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ чен мекунанд, ки пайваста такмил меёбад. Васеъшавии доираи истифодаи компютер, дар навбати худ, ба сатҳи омодагии мутахассисони соҳаҳои гуногун талаботи нав ба нави касбиро ба миён мегузорад. Меъёри асосии арзёбии сифати омодагии касбии мутахассисон ин қобилияти дуруст истифода бурдани компютер дар фаъолияти истеҳсолии онҳо ба ҳисоб меравад. Таҳлили таҷрибаи ташаккули қобилияти истифодаи компютер дар фаъолияти ҳамарӯза фарзияеро рӯйи кор овард, ки ба тайёр кардани мутахассисони донандаи хуби технологияҳои иттилоотӣ бояд на танҳо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ машғул шаванд, балки пояи муътамади он бояд дар мактаб, яъне дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) гузошта шавад [1; 3; 8-9].

Шояд ҳамин фарзияро ба асос гирифта, Ҳукумати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳанӯз аз соли 1985 дар тамоми мактабҳои миёнаи ҷумҳуриҳои худ фанни «Асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор»-ро ҷорӣ карда буд, ки барномаи универсалии он барои ноил шудан ба сатҳи баланди саводнокии компютерии мактаббачагон нигаронида шуда буд [12-13]. Аммо, натиҷаҳои ниҳоии омӯзиши фан дар татбиқи барномаи универсалии саводнокии компютерӣ бисёр камбудиҳои ҷиддӣ ва як қатор масъалаҳои ҳалношударо ошкор намуд.

Ҷустуҷӯи роҳҳои минбаъдаи баланд бардоштани саводнокии компютерӣ муайян намуд, ки дар ин барномаи универсалӣ хусусиятҳои синнусолии кӯдакон ба назар гирифта нашуда, методология ва нармафзори мувофиқ барои ҳар як гурӯҳи синнусолӣ коркард нашудааст. Масъалаи мазкур хусусан барои кишвари мо – Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ҳам мубрамияти худро аз даст надода, ҳалли оптималии худро ҳоло ҳам интизор аст. Таҳқиқоти муосири дар самти рушди маориф анҷомёфта собит месозанд, ки барои омодасозии мутахассисони баландихтисоси касбӣ системаи методологии илман асосёфта ва аз ҷиҳати озмоишӣ санҷидашудае зарур аст, ки оғози воридсозии унсурҳои саводи компютериро аллакай аз муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои ибтидоӣ ба ҳисоб гирифта тавонад.

*Мавқеи фанни технологияи иттилоотӣ дар нақшаи таълими мактабҳои миёнаи умумии ҷумҳурӣ.* Мувофиқи нақшаи таълимии то соли 2018 амалкунанда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши фанни «Технологияи иттилоотӣ», ки қабл аз он «Технологияи информатсионӣ», пештар «Асосҳои техникаи компютерӣ» ва аз он ҳам пештар «Асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор» ном бурда мешуд, се сол дар мактаби асосӣ (синфҳои 7-9) ва ду соли дигар дар мактаби миёнаи пурра (синфҳои 10-11) пешбинӣ шуда буд, ки меҳвари сохти онро усули даврии дидактикӣ ташкил медод. Вале баррасӣ ва таҳлили таҷрибаи тадриси ҳамин гуна фан дар кишварҳои дигар, хоса дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ тақозо намуд, ки дар мамлакати мо низ усулҳои омӯзиши фанни мазкур таҷдиди назар карда шуда, оғози таълими он барои мактаббачагони синну соли нисбатан хурдтар ба роҳ монда шавад. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 дар баробари ворид намудани баъзе тағйиру иловаҳо ба нақшаи таълими МТМУ ҳамчунин дар бораи

ба роҳ мондани оғози таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, яъне барои хонандагони синфҳои 5-6 қарор қабул намуд [2; 12-13].

Мувофиқи мақсад будани омӯзиши системаноки фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар синфҳои 5-6 ба ғайр аз зарурати дар шароити иттилоотонии маълумоти мактабӣ дар омӯзиши дигар фанҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода бурдани дониш ва малакаҳои информатикӣ, боз ба ду омили дигар вобастагӣ дорад [2; 7]:

− *якум*, таҷрибаи мусбати омӯзиши фанни «Технологияи иттилоотӣ» аз тарафи хонандагони ҳамин синну сол чӣ дар мамлакати мо ва чӣ дар хориҷи он;

− *дуюм*, нақши басо муҳимми омӯзиши фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар тараққӣ додани тафаккур ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони маҳз ҳамин синну сол.

Фаҳмиши муосири мақсадҳои таълимии фанни «Технологияи иттилоотӣ», ҳамчун фанне, ки дорои иқтидори умумитаълимӣ ва неруи васеъсозандаи ҷаҳонбинӣ мебошад, зарурати таълими ин фан ва ташаккул додани фарҳанги иттилоотии хонандагонро дар чор зинаи таҳсилот – таҳсили ифтитоҳӣ, таҳсили ибтидоӣ, таҳсили пойгоҳӣ ва таҳсили равиягӣ пеш меорад. Мо таҳқиқоти худро танҳо ба хусусиятҳои омӯзиши фанни мазкур дар синфи 5-уми зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мебахшем [7].

Тибқи барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфи 5-уми зинаи таҳсилоти ибтидоӣ [2] шиносоии аввалини хонандагон бо компютер расман сурат мегирад (гарчанде аксари онҳо то ин давра шояд аз истифодаи компютер ва телефони мобилӣ бархӯрдор бошанд) ва унсурҳои фарҳанги иттилоотии онҳо дар раванди истифодаи барномаҳои содатарини компютерӣ, аз қабили виросторони одии матнӣ, барномаҳои одии тасвирсоз (расмкашӣ), тарзҳои истифодаи калкулятор (ҳисобкунак) ва ғайра ташаккул дода мешаванд. Барои амалӣ намудани зинаи мазкури таҳсилот зарур аст, ки МТМУ бо синфхонаҳои компютерии замонавӣ ва омӯзгорони босалоҳияти фанни мазкур таъмин бошанд, то ки онҳо хонандагони хурдсолро бо ёрии методҳои педагогии ба ин синну сол мутобиқ бо компютер ва тарзҳои истифодаи он ошно сохта тавонанд.

*Муҳтавои машғулиятҳои дарсӣ тибқи барномаи таълими фан.* Мувофиқи барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфи 5 [2] унсурҳои фарҳанги иттилоотии хонандагон дар раванди истифодаи дастгоҳҳои машқи (тренажёрҳои) компютерӣ, азхудкунии тарзҳои амалиётгузаронӣ бо сафҳакалид ва муш, омӯзиши ибтидои технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои иттилоотонӣ, иҷрои амалҳои одитарин бо иттилоот ва объектҳои иттилоотӣ, аз қабили сохтан, нусхабардорӣ кардан, аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯчонидан ва лағв намудани объектҳои системаи амалиётӣ ва инчунин дар таҳияи санадҳои матнию графикӣ (тасвирӣ), мувофиқан, татбиқ карда тавонистани виросторони одии матнию графикӣ ташаккул дода мешавад.

Мазмуну мундариҷаи китоби дарсии «Технологияи иттилоотӣ» барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [7] ба мазмуну муҳтавои барномаи таълими фанни мазкур [2] мувофиқ буда, дар умум аз 5 боб ва 34 мавзӯи дарсӣ иборат аст. Гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ҳафтае як соат (ҳамагӣ 34 соат) пешбинӣ шудааст. Номгӯи мавзӯъҳои мушаххаси таълимӣ дар нақшаи тақвимӣ (ҷадвали 1) пешкаш гардидааст.

Ҷадвали 1

*Нақшаи тақвимии машғулиятҳои таълимӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ дар синфи 5*

| | |
|---|---|
| *Боби 1. Иттилоот ва технология* | |
| *Дарси 1* | *Иттилоот, технология ва дониш* |
| *Дарси 2* | *Миқдори иттилоот* |
| *Дарси 3* | *Технологияҳои иттилоотӣ* |
| *Дарси 4* | *Фарҳанги иттилоотӣ* |
| *Боби 2. Воситаҳои иттилоотонӣ* | |
| *Дарси 5* | *Компютер* |
| *Дарси 6* | *Ҳангоми истифодаи компютер чиро бояд донист* |
| *Дарси 7* | *Барномаи компютерӣ* |
| *Дарси 8* | *Компютери фардӣ* |
| *Дарси 9* | *Таҷҳизоти асосии компютери фардӣ* |
| *Дарси 10* | *Таҷҳизоти иловагии компютери фардӣ* |
| *Дарси 11* | *Муш – ёрдамчии компютер* |
| *Дарси 12* | *Барандагони иттилоот* |
| *Дарси 13* | *Оғоз ва анҷоми кори компютер* |
| *Боби 3. Системаи амалиётӣ* | |
| *Дарси 14* | *Системаи амалиётӣ (СА)* |
| *Дарси 15* | *Мизи кории компютерӣ абзори асосии СА* |
| *Дарси 16* | *Амалиётгузаронӣ дар мизи корӣ* |

| | |
|---|---|
| *Дарси 17* | *Парванда – воситаи асосии ҳифзи иттилоот* |
| *Дарси 18* | *Ҷувздони компютерӣ* |
| *Дарси 19* | *Инъикоси сохтори парвандаӣ дар экран* |
| *Дарси 20* | *Тарзи нигаҳдории иттилоот дар компютер* |
| *Боби 4. Объектҳои СА ва технологияҳои корбурди онҳо* | |
| *Дарси 21* | *Объектҳои муҳити кории системаи амалиётӣ* |
| *Дарси 22* | *Менюи «Оғоз»* |
| *Дарси 23* | *Нишона* |
| *Дарси 24* | *Равзана* |
| *Дарси 25* | *Технологияҳои корбурди объектҳо* |
| *Боби 5. Технологияҳои коркарди матн* | |
| *Дарси 26* | *Сафҳакалид – абзори асосии ҳарфчинӣ* |
| *Дарси 27* | *Қисмҳои сафҳакалид* |
| *Дарси 28* | *Идоракунии матн бо ёрии сафҳакалид ва муш* |
| *Дарси 29* | *Вирастори матнӣ* |
| *Дарси 30* | *Равзанаи вирастори матнии таълимӣ* |
| *Дарси 31* | *Тасмаи абзори вирастори матнӣ* |
| *Дарси 32* | *Дохилкунӣ ва таҳрири матн* |
| *Дарси 33* | *Форматбандии матн* |
| *Дарси 34* | *Чопи матн* |

Технологияи назорат, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба сатҳи дониши хонандагон бо дараҷаи фаҳмиш ва сатҳи омодагии онҳо мушаххас гардонида шуда, тибқи супоришҳои амалӣ ва лабораторӣ муайян карда мешавад. Таъйиноти асосии низоми баҳодиҳӣ ин ба таври мушаххас муайян намудани дониш, малакаю таҷриба ва фаъолияти амалии хонандагон буда, бояд ҷавобгӯ ба стандарти давлатии маълумот бошад. Натиҷаи асосии санҷиши сатҳи дониши хонандагон ин муайянкунии расидан ё нарасидани омодагии онҳо ба савияи дониши ҳатмии ҳадди ақҷал аз фанни технологияи иттилоотӣ мебошад.

Машғулиятҳои амалии фанни технологияи иттилоотӣ асосан барои иҷрои супоришҳои татбиқиву лабораторӣ дар синфхонаҳои компютерӣ ва бо ёрии техникаи компютерӣ санҷидани корҳои мустақилонаи хонандагон пешбинӣ шудаанд. Номгӯи корҳои лабораторӣ ва мустақилона дар барномаи фанни мазкур оварда мешаванд, ки онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр мерасонад. Ин номгӯй тавсиявӣ буда, вобаста ба имкониятҳои техникӣ, шабакавӣ ва синфхонавии мактаб омӯзгори фан метавонад онҳоро мушаххас гардонад ё ба онҳо то 20% тағйирот [12] ворид созад.

Талаботи меъёрӣ нисбат ба дараҷаи азхудкунии фан ва технологияи санҷишу баҳодиҳӣ ба сатҳи дониш ва малакаву маҳорати хонандагон вобаста ба тайёрии ҳатмии онҳо мушаххас гардонида мешавад. Шакли супоришҳо бо интихоби ҷавоб – алтернативӣ, кӯтоҳ ё васеи ошкору асоснок, вобаста аз мушаххасоти моводи таълимии ҳар як самти мазмунӣ ва дараҷаи тайёрии хонандагон муайян карда мешавад [4-6].

Тавре аз ҷадвали 1 дида мешавад, боби якуми барномаи таълим «*Иттилоот ва технология*» ном дошта, чор мавзӯи дарсиро дар бар гирифтааст: иттилоот, технология ва дониш; миқдори иттилоот; технологияҳои иттилоотӣ; фарҳанги иттилоотӣ.

Бо омӯзиши боби мазкур хонандагон бо мафҳумҳои иттилоот, технология ва дониш ошноӣ пайдо намуда, алоқамандӣ ва ҳамбастагии байни онҳоро дар рушду камолоти инсон ва ҷомеа тасаввур ва дарк мекунанд. Онҳо ҳангоми баргузории машғулиятҳо бо навъҳои иттилоот, ченак ва миқдори он шинос шуда, иттилоотро ҳамчун меъёри коҳишдиҳии номуайянӣ дар дониш мешиносанд. Дар мавриди омӯзиши технологияҳои одии иттилоотӣ бошад, хонандагон ба раванди ташаккулёбии «технологияи иттилоотӣ» ҳамчун ба раванди илмӣ тасаввурот пайдо намуда, монандӣ ва тафовути ин технологияро аз дигар технологияҳо фарқ карда метавонистагӣ мешаванд. Ҳангоми омӯзиши мавзӯи фарҳанги иттилоотӣ бошад, хонандагон ҳамбастагии ҷомеаи муосирро бо иттилоот ва истифодаи дурусти он тасаввур карда, тарзҳои риояи одоби муоширатро дар шабакаҳои компютерӣ, мактаб, оила ва ҷомеа аз худ мекунанд.

Боби дуюми барномаи таълими фан ба «*Воситаҳои иттилоотонӣ*» бахшида шуда, нуҳ мавзӯи дарсиро дар бар гирифтааст. Дар доираи мавзӯъҳои дарсӣ хонандагон бо мафҳумҳои компютер, компютери фардӣ, барномаи компютерӣ, сафҳакалид, муш ва ғайра ошноӣ пайдо мекунанд. Онҳо дар ҷараёни омӯзиши мавзӯъҳои мазкур дар бораи вазифаҳои компютер ва имкониятҳои он иттилоъ гирифта, вобаста ба техникаи бехатарии истифодаи компютер ва қоидаҳои дурусти корбарӣ дар синфхонаи компютерӣ маълумотномаи дастурӣ мегиранд.

Омӯзгори фан ба хонандагони хурдсол мефаҳмонад, ки ҳангоми истифодаи компютер чиро бояд донист, бо ёрии он кадом вазифаҳои таълимиро иҷро карда метавонанд, компютер чӣ тавр

ягон супориш ё вазифаро иҷро мекунад ва ғайра. Баъдтар, мактаббачагон тавассути омӯзгори фан мефаҳманд, ки барномаи компютерӣ ин ягон супориш ё маҷмӯи супоришҳо барои компютер будааст. Онҳо бо навъҳои барномаҳои компютерӣ ошноӣ пайдо мекунанд [10-11].

Хонандагон батафсил ба саволи «Барои чӣ баъзе навъи компютерҳоро компютери фардӣ (КФ) мегӯянд?» ҷавоб мегиранд ва дар бораи сохтори функсионалии КФ ва навъҳои онҳо тасаввурот ҳосил мекунанд. Онҳо бо таҷҳизоти асосии компютери фардии рӯимизӣ (блоки системавӣ, монитор, сафҳакалид, муш) ва таҷҳизоти иловагии он (чопгар, сканер, воситаҳои аудиоӣ ва видеоӣ) аз наздик шинос мешаванд. Масалан, онҳо мефаҳманд, ки муш ёрдамчии асосии компютер будааст. Онҳо инчунин бо навъҳои мушҳо шиносоӣ пайд намуда, тарзи кори муш ва бо ёрии он тарзҳои идора кардани компютерро аз худ мекунанд.

Хонандагон ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Барандагони иттилоот» мефаҳманд, ки чи тавр иттилоот аз як ҷой ба ҷойи дигар интиқол дода мешавад, барои чӣ CD, DVD, флэшкорт ва дигар воситаҳои техникиро барандагони иттилоот мегӯянд, чаро барандагони иттилоот имкониятҳои гуногуни  иттилоотгузаронӣ доранд ва ғайра. Дар ҷараёни мавзӯи дарси «Оғоз ва анҷоми кори компютер» бошад, онҳо тарзҳои дурусти ба кор омодасозӣ ва хомӯшкунии компютерро аз худ мекунанд.

Боби сеюми барномаи таълими фан ба «*Системаи амалиётӣ*» бахшида шуда, ҳафт мавзӯи дарсиро дар бар гирифтааст. Дар якчанд мавзӯъҳои аввалаи боби мазкур хонандагон мефаҳманд, ки системаи амалиётӣ (СА) низ як навъ барномаи компютерӣ будааст. Онҳо бо вазифаҳо ва имкониятҳои СА ошно гашта, инчунин мефаҳманд, ки мизи кории компютерӣ абзори асосии СА буда, бо ёрии афзорҳои он низ компютерро идора кардан мумкин будааст. Баъдтар онҳо бо тарзҳои амалиётгузаронӣ дар мизи корӣ шинос мешаванд [2; 7].

Яке аз мавзӯъҳои марказии боби сеюм «Парванда – воситаи асосии ҳифзи иттилоот» ном дорад. Дар ҷараёни омӯзиши мавзӯи мазкур хонандагон чӣ будани парвандаро аз худ намуда, бо навъҳо, вазифаҳои парвандаҳо ва бо тарзҳои нигоҳ доштани иттилоот дар онҳо шинос мешаванд.

Мавзӯъҳои баъдии боби мазкур ба ҷувздонҳои компютерӣ ва сохтори парвандаии иттилоот бахшида шудаанд. Мактаббачагон дар доираи омӯзиши ин мавзӯъҳо мефаҳманд, ки ҷувздони компютерӣ чи будааст, он аз парванда чӣ фарқ доштааст, вазифаҳои он кадомҳо будааст, ҷувздонҳоро ба кадом навъҳо ҷудо мекардаанд ва ғайра. Онҳо инчунин тарзҳои номгузории парвандаву ҷувздонҳоро аз худ карда, бо хосиятҳои парвандаҳо, ҷувздонҳо ва сохтори парвандаӣ шинос мешаванд ва усулҳои инъикоси сохтори парвандаиро дар экрани компютер таҷриба мегузаронанд [2; 7].

Дар мавзӯи охирони ин боб «Тарзи нигаҳдории иттилоот дар компютер» хонандагон бо тарзҳои нигаҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва истифодаи иттилоот дар компютер шинос мешаванд.

Боби чоруми барномаи фан «*Объектҳои системаи амалиётӣ ва технологияҳои корбурди онҳо*» ном дорад ва 5 мавзӯи дарсиро дар бар гирифтааст. Дар машғулиятҳои боби мазкур хонандагон корбурди объектҳои муҳити кории системаи амалиётӣ (СА) – равзана, ҷувздон, парванда (санад), барнома, менюҳои асосӣ, зерматнӣ, равзанаӣ ва ғайраро аз худ менамоянд. Омӯзгори фан бояд диққати махсусро ба менюи асосии СА – менюи «Оғоз», бандҳои ин меню, таъйиноти онҳо, тарзҳои ҷустуҷӯ ва истифодаи онҳо равона созад.

Дар раванди омӯзиши мавзӯъҳои боби мазкур толибилмон бо мафҳумҳои «нишона» ва «равзана» аз наздик шиносоӣ пайдо мекунанд. Онҳо мефаҳманд, ки нишона чист, вазифаҳои он аз чи иборат аст, бо мафҳуми равзана чи иртибот дорад, нишонаҳои ҷувздонҳо, санадҳо ва барномаҳо аз ҳамдигар чи фарқ доранд ва ғайра. Онҳо нишонаро ҳамчун равзанаи ғуншуда (пӯшида) тасвир мекардагӣ мешаванд.

Ҳамчунин хонандагон дар бораи нишонаи махсус – тамға (ярлик) тасаввурот ҳосил мекунанд. Онҳо вазифаҳои тамғаро муайян карда, монандӣ ва тафовути онро аз нишона ҷудо карда метавонистагӣ мешаванд.

Айнан ба мисли мафҳуми нишона, хонандагон мафҳуми равзанаро таҳлил намуда, намудҳо ва вазифаҳои онҳоро муайян мекунанд. Меню ва тасмаи абзори равзанаро ҳамчун маҷмӯи дастурҳо, афзорҳои корбарӣ ва воситаи асосии коркарди иттилоот тасаввур мекунанд. Равзанаро ҳамчун нишонаи кушода ба тасвир дода, дар бораи равзанаҳои ҷувздонҳо, санадҳо, барномаҳо ва равзанаҳои махсуси робитавӣ (диалогӣ) маълумот пайдо мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар машғулиятҳои дарсии боби мазкур хонандагон бо технологияҳои корбурди объектҳои СА, танзим ва инъикоси нишонаҳо дар равзанаҳо, тағйирдиҳии шакл ва андозаи равзанаҳо, илова ва лағви бандҳои менюи асосии СА ва менюҳои кории равзанаҳо, оид ба лавҳаи масъалаҳо ва технологияи корбурди он маълумоти муфассал пайдо мекунанд.

Дар нуҳ машғулияти дарсии боби панҷуми барномаи таълими фан, ки «*Технологияҳои коркарди матн*» ном дорад, хонандагон бо мафҳумҳои «матн», «сафҳакалид», «виростори матнӣ», «форматбандии матн» ва ғайра шиносоӣ пайдо мекунанд. Онҳо бо намудҳои гуногуни

сафҳакалид шинос шуда, онро ҳамчун яке аз ҷузъҳои асосии компютер ва ҳамчун афзори марказии ҳарфчинӣ дар сохтан, таҳрир ва идора кардани матни компютерӣ мешиносанд. Дар ҷараёни омӯзиши вазифаҳои сафҳакалид хонандагон бо тарзҳои корбарии қисмҳои он – блоки тугмаҳои ҳарфӣ-рақамӣ, блоки тугмаҳои функсионалӣ, блоки тугмаҳои идоракунии курсори матнӣ ва блоки тугмаҳои ёрирасон шинос хоҳанд шуд [7].

Якчанд мавзӯи дарсии боби мазкур ба барномаҳои махсуси коркарди матнҳои компютерӣ – «виросторони матнӣ» бахшида шудааст. Хонандагон дар раванди омӯзиши ин мавзӯъҳо дар бораи вазифаҳо, имкониятҳо ва соҳаҳои татбиқи виросторони матнӣ, инчунин дар бораи намудҳои онҳо тасаввурот пайдо намуда, монандӣ ва тафовути онҳоро фарқ карда метавонистагӣ мешаванд. Онҳо дар ҷараёни машғулиятҳои дарсӣ дарк менамоянд, ки барои сохтани матни пурраи компютерӣ бояд аз объектҳои кории виросторони матнӣ – «аломатҳо», «калимаҳо», «ҷумлаҳо» ва «абзатсҳо» дуруст истифода бурда тавонанд, моҳияту мавқеи истифодаи онҳоро донанд.

Ду мавзӯи дарсии боби панҷум ба равзанаи виростори матнии таълимӣ бахшида шудааст. Ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои мазкур хонандагон бо ягон виростори одии таълимӣ, масалан «Блокнот» ва ё «WordPad», шинос шуда, вазифаҳои объектҳои асосӣ ва дигар абзори равзанаи онро аз худ менамоянд. Донистани вазифаҳо, имкониятҳо, намудҳо, блокҳои асосӣ ва ёрирасони «сатри сарлавҳа», «меню», «майдони корӣ», «тасмаи абзор» ва «лавҳаи ҳолатнамо»-и равзанаи виростори матнии таълимӣ, тарзҳои истифода ва идоракунии ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ ва тамоми равзана дар умум барои мактаббачагони хурдсол бисёр муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Ду мавзӯи навбатии боби панҷум ба амалҳои асосии коркарди матн, яъне тарзҳои дохилкунӣ, таҳрир ва форматбандии матн бахшида шудаанд. Дар ҷараёни омӯзиши ин мавзӯъҳо хонандагон бо мафҳумҳои «курсори матнӣ», «таҳрир» ва «форматбандӣ» шинос шуда, тарзҳои ҳарфчинӣ, амалҳои гузариши байни ҳарфҳои хурд ва калон, воридкунии матни тайёр, таҳрири он, форматбандии аломат, калима, ҷумла, абзатс ва кулли матнро аз худ менамоянд. Дар ин асно онҳо аз абзори асосӣ ва ёрирасони дохилкунӣ, таҳриркунӣ ва форматбандии қисмҳои алоҳида ва пурраи матн истифода мебаранд.

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи дарсии «Идоракунии матн бо ёрии сафҳакалид ва муш» хонандагон доир ба раванди идоракунии матн тасаввурот ҳосил намуда, бо абзори асосӣ ва тарзҳои идоракунии қисмҳои алоҳида ва пурраи матн бо ёрии сафҳакалид ва муш шиносоӣ пайдо мекунанд, монандӣ ва тафовути ин тарзҳои идоракуниро фарқ карда метавонистагӣ мешаванд.

Мавзӯи охирони боби мазкур, ки «Сабт ва чопи матн» ном дорад, тасаввуроти хонандагонро вобаста ба амали «таҳти ягон ном сабт намудани матни омодашуда дар хотираи компютер» ва дигар барандагони иттилоот ташаккул медиҳад. Онҳо дар ҷараёни омӯзиши мавзӯи мазкур бо абзори асосии сабт, инъикос ва чопи матн дар виростори матнии таълимӣ шинос шуда, доир ба тарзҳои инъикоскунии матн дар экрани компютер ва чопи он дар коғаз малака ҳосил менамоянд [7].

Ба ғайр аз ин, барномаи фанни технологияи иттилоотӣ барои синфи 5-ум ба омӯзгори фанни мазкур низ якчанд намунаи супоришҳои дарсиро пешкаш кардааст, ки масъулияти ӯро дар муайян кардани супоришҳои инфиродии хонандагон ва омодасозии машғулиятҳои дарсӣ баланд мебардорад, масалан: гирифтани диктанти компютерӣ; таҳия намудани нақли хаттии компютерӣ; ёд додани тарзи мактубнависӣ ба воситаи компютер; тайёр намудани корти шиносоӣ бо ёрии чопгар; сохтани дафтари ёддошт ва мушоҳидаҳо ба воситаи виростори матнӣ; тайёр намудани матнҳои компютерии гуногун барои рӯзномаи деворӣ ва ғайра.

*Ҳадди аққали ҳатмии дониши хонандагон аз фан.* Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ ҳадди аққали ҳатмии дониши хонандагони синфи панҷумро аз фанни мазкур чунин муайян кардааст [2; 12]:

– тарзҳои ченкунии иттилоот ва воҳидҳои миқдории он (бит, байт, килобайт ва ғайра)-ро донанд;

– дар бораи сохти компютер, тарзи умумии кори қисмҳои асосӣ ва иловагии он тасаввурот дошта бошанд;

– вазифаҳои блокҳои сафҳакалиди компютер ва тарзи истифодаи онҳоро донанд;

– тарзи истифодаи барнома-виросторони матнии таълимиро донанд;

– оид ба тарзи навишт ва таҳрири компютерии диктанту нақли хаттӣ ва тайёр намудани рӯзномаи деворию дафтари ёддошт тасаввурот дошта бошанд.

*Салоҳиятнокии хонандагони синфи 5 аз фанни ТИ:*

– мафҳуми иттилоотро фаҳмонда тавонанд;

– қоидаҳои одитарини кор бо компютерро донанд;

– ном ва таъйиноти қисмҳои асосӣ ва иловагии компютерро донанд;

– бо сафҳакалид ва муш амалиёти одитаринро иҷро карда тавонанд;
– вазифаҳои барандагони иттилоотро фаҳмонда тавонанд;
– вазифаҳои одитарини объектҳои системаи амалиётиро донанд;
– бо ёрии виростори матнӣ тарзҳои одитарини ҳарфчинӣ, таҳриркунӣ ва форматбандии матнҳои кӯтоҳро иҷро карда тавонанд;
– амалиёти хондан, сабт кардан ва чопи матнро тавассути компютер иҷро карда тавонанд [9; 11].

*Намунаҳои санҷиши тестии дониши хонандагон.* Дар барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои синфи 5 ҳамчунин якчанд намунаи санҷиши тестии сатҳи дониши хонандагон пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи онҳо омӯзгори фан метавонад маҷмӯи тестҳои худро тартиб диҳад [2].

1. Миқдори иттилоот ... хизмат мерасонад.

*а) барои муайянкунии дараҷаи дақиқии иттилоот;*
*б) барои муайянкунии мазмуни иттилоот;*
*в) ҳамчун ченаки камшавии номуайянӣ (*);*
*г) барои муайянкунии ҳаҷми хотираи фаврии компютер.*

2. Блоки рақамии сафҳакалиди компютери фардии болоимизиро бо пахши кадом тугма фаъол гардонидан мумкин аст?

*а) Caps Lock;*
*б) Num Lock (*);*
*в) Tab;*
*г) Ctrl.*

3. Ба параметрҳои парванда чиҳо дохил мешаванд?

*а) имконияти нусхабардорӣ ва ҷойивазкунии парванда;*
*б) ном, намуд, андоза, таърих ва вақти эҷоди парванда (*);*
*в) равзанае, ки дар бораи парванда маълумот медиҳад;*
*г) матнӣ ё графикӣ будани он.*

4. Объекти хурдтарини виростори матнӣ кадом аст?

*а) калима;*
*б) пиксел (нуқтаи экран);*
*в) абзатс;*
*г) аломат (*).*

5. Амалҳои нусхабардорӣ ва ҷойивазкунии матнро дар виростори матнӣ танҳо пас аз иҷрои амали … гузаронидан мумкин аст.

*а) курсорро дар мавқеи муайян гузоштан;*
*б) лағви парванда;*
*в) чопи парванда;*
*г) ҷудокунии қисми зарурии матн (*).*

*Ҳалли масъала аз дидгоҳи мо.* Дар ҳалли масъалаҳои психологияи таълимӣ, дидактика ва методикаи таълими асосҳои информатика, инчунин оид ба ҳалли масъалаҳои гуногуни таҳияи системаи методологии омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ дар мактаби таҳсилоти умумӣ олимони маъруфи ватанию хориҷӣ А.П. Ершов, Ф.С. Комилиён, А.А. Кузнетсов, М.П. Лапчик, Э.И. Машбитс, А.Р. Мирзоев, В.М. Монахов, А.П. Назаров, М. Нугмонов, З.Ф. Раҳмонзода, А.Э. Сатторов, Ш.Х. Тағоев, Б.Ф. Файзализода, Ф.Ф. Шарипов, Ҷ.Ш. Шарифзода, Р.Ҷ. Давлатов ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд. Аммо ҳадафҳои таълими технологияҳои иттилоотӣ дар синфи 5-ум, ки хонандагони ин синну сол расман аввалин маротиба бо техника ва технологияҳои компютерӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ба коркарди ончунон усулҳои таълимие нигаронида шудаанд, ки имкониятҳои потенсиалии омӯзишӣ ва салоҳиятнокии мактаббачагонро аз фанни мазкур тавони боло бардоштан дошта бошанд. Аз ин рӯ, масъалаи асосии таҳқиқоти мо низ маҳз аз коркарди методикаи дастрас ва самараноки истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълими хонандагони синфи 5-ум иборат мебошад [4-6].

Ҳадафи таҳқиқоти минбаъдаи мо аз асосноккунии назариявӣ ва тасдиқи таҷрибавии имконияти ташаккули унсурҳои саводи компютерӣ дар синни ибтидоии мактабӣ (дар синфи 5-ум) дар асоси методикаи таҳияшуда иборат мебошад. Фарзияи (гипотезаи) таҳқиқоти мо ба он равона шудааст, ки методикаи таҳияшуда ба ташаккули босамар ва босифати мафҳумҳо ва ғояҳои асосии соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар синни ибтидоии мактабӣ, ташаккули услуби алгоритмии тафаккур ва ҳавасмандӣ ба омӯзиш дар ҳамин синну сол, инчунин ба маҳорат ва малакаҳои таълимии мактаббачагон ҳангоми омӯзиши фанҳои дигар бо истифода аз технологияҳои компютерӣ таъсири мусбат мерасонад [6].

Барои ҳалли масъалаи асосии таҳқиқотӣ, расидан ба ҳадафи таҳқиқот ва тасдиқи фарзияи зикршуда вазифаҳои зерини таҳқиқотӣ пеш меоянд:

1. Омӯхтани мақсад ва имконоти гузаронидани корҳои пропедевтикӣ дар хусуси ворид намудани унсурҳои саводи компютерӣ дар раванди таълими хонандагони синфи 5-уми мактаби ибтидоӣ.

2. Интихоби маводи таълимӣ аз китоби дарсии «Технологияи иттилоотӣ» барои таҳияи варианти методикаи таълими унсурҳои саводи компютерӣ барои хонандагони синфи 5-уми мактаби ибтидоӣ.

3. Гузаронидани санҷиши таҷрибавии истифодаи методикаи таҳияшуда дар амалияи таълими хонандагони синфи 5-уми МТМУ аз фанни «Технологияи иттилоотӣ».

Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар назар аст, ки усулҳо ва алгоритми зерини тадқиқотӣ истифода мешаванд: таҳлили назариявии адабиёти психологӣ, педагогӣ ва методӣ оид ба масъалаи (проблема)-и таҳқиқот; таҳлили барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, васоит ва дастурҳои таълимию методӣ аз фанҳои «Технологияи иттилоотӣ» ва «Информатика» барои синфҳои ибтидоӣ (асосан барои синфи 5); омӯхтан ва таҳлили таҷрибаи педагогӣ, технологияҳои инноватсионӣ; гуфтугӯ ва ташкили суҳбат бо омӯзгорон (муаллимон) ва хонандагони синфҳои 5-уми МТМУ; назорат аз болои ҷараёни таълим ва фаъолияти хонандагон дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар синфҳои 5-уми мактаби ибтидоӣ; гузаронидани озмоишҳои педагогӣ барои санҷиши дурустии қоидаҳои асосӣ ва фарзияи тадқиқот; таҳияи хулосаҳои асосии таҳқиқот; коркарди тавсияҳо барои омӯзгорони синфи 5-уми мактаби ибтидоӣ оид ба истифодаи таҷрибаи ҳосилшуда [9].

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он хоҳад буд, ки натиҷаҳои омӯзиши таҷрибавии бадастомадаро метавон дар навиштани васоити махсуси таълимӣ барои омӯзгорони фанни технологияи иттилоотии синфи 5-ум ва дигар синфҳои ибтидоӣ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчунин метавон дар раванди таълим дар ташаккулдиҳии ибтидои саводнокии компютерии хонандагони хурдсол ҳам дар машғулиятҳои дарсӣ ва ҳам факултативӣ истифода бурд. Инчунин аз натиҷаҳои ҳосилшуда метавон ҳангоми гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва хондани курсҳои махсус барои донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба таври васеъ истифода бурд.

Тавре маълум аст, муваффақияти асосии таълими ин ё он фан бештар аз дараҷаи ташаккули ҳавасмандӣ (шавқангезӣ, мотив), хоса ҳавасмандиҳои бошууронаи хонандагон вобаста аст. Вазифаи муҳимтарини таҳқиқоти мо баланд бардоштани ҳавасмандии таълими хонандагони синфи 5 асосан бо истифодаи компютер ва бозиҳои компютерӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, бо истифодаи компютер гузаронидани шаклҳои гуногуни бозиҳои таълимӣ ба омӯзгор имконият фароҳам меорад, ки дар ҷараёни дарс ҳолатҳои мушкилгаро эҷод кунад, ки ин низ ба ҳавасмандии омӯзиши хонандагони хурдсол метавонад таъсири судманд расонад [11].

Асоси педагогии ба роҳ мондани таълими саводи компютерӣ барои хонандагони синфи 5 аз зарурати дар раванди омӯзиш истифода бурдани робитаҳои байнифаннӣ бармеояд. Бинобар ин, ҳангоми таҷрибагузарониҳои педагогӣ барои ташаккулдиҳии унсурҳои саводи компютерӣ, инчунин аз фанҳои дигар, алахусус фанни забони давлатӣ истифода бурдан лозим меояд, зеро дар дарсҳои фанни мазкур хонандагони хурдсол ба зарурати амалии истифодаи компютер, масалан дар навиштани диктанти компютерӣ, боварӣ ҳосил менамоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. Давлатов, Р.Ҷ. Самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир дар гурӯҳҳои иқтисодии МТМК [Матн] / Р.Ҷ. Давлатов, Ф.С. Комилиён, Б. Ф. Файзализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, 2019. – №1/3(65). – С. 205-210.
2. Комилиён, Ф.С. Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён. – Душанбе: Матбааи ВМИ ҶТ, 2018. – 64 с.
3. Комилиён, Ф.*С.* Кибернетика ва ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.С. Шарапов, Б.Ф. Раҷабов – Душанбе: Ирфон, 2018. – 220 с.
4. Комилиён, Ф.С. Мушкилоти раванди иттилоотонӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ / Ф.С. Комилиён, Р.С. Қодирзода // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» дар мавзӯи «Омӯзиш ва татбиқи технологияҳои иттилоотии муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ». – Душанбе, 2021. – С. 8-11.
5. Комилиён, Ф.С. Роҷеъ ба гузариши мутассил аз амсилаи тафаккури хаттӣ ба амсилаи тафаккури шабакавӣ бо образҳои маҷозӣ дар раванди таҳсили хонандагони синфҳои поёнӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, Р.С. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2020. – №9. – С. 320-326.

6. Комилиён, Ф.С. Таъсири барномаҳои компютерӣ дар ташаккули фаъолияти омӯзишии универсалии хонандагони синфҳои поёнӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, Р.С. Қодирзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2020. – №3(36). – С. 91-101.
7. Комилиён, Ф.С. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён. – Душанбе: ҶДММ «Офсет», 2018. – 160 с.
8. Комилов, Ф.С. Амсилаи дастраси умум ба пойгоҳи додаҳои КОА дар заминаи таъминоти барномавии стандартӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, М.Р. Ёров // Паёми политехникӣ. Бахши интеллект, иноватсия, инвеститсия, 2019. – №1(45). – С. 30-36.
9. Комилов, Ф.С. Андешаҳо перомуни муносибати босалоҳият дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тағоев, Ф.Р. Файзуллоев, Ҷ.Х. Мирзоев, Д.С. Шарапов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, 2018. – №1-1(51). – С. 162-169.
10. Қодирзода, Р.С. Вазъи муосири татбиқи барномаҳои компютерӣ дар синфҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон [Матн] / Р.С. Қодирзода, Ф.С. Комилиён // Ахбори шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ, 2020. – №2. – С. 126-135.
11. Қодирзода, Р.С. Истифодаи барномаҳои компютерӣ дар ташаккули салоҳиятнокии хонандагони синфҳои поёнӣ [Матн] / Р.С. Қодирзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов. – Бохтар, ДДБ, 2020. – С. 163-164.
12. Стандарти давлатии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанни «Технологияи информатсионӣ» барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2005. – 58 с.
13. Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва консепсияи стандартҳои фаннии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – 62 с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР СИНФИ 5 ВА ТАРЗҲОИ ТАШАККУЛДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ


Дар мақола махсусиятҳои таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Қайд гардидааст, ки омӯзиши системаноки фанни ТИ дар синфи 5 ба ғайр аз зарурати дар шароити иттилоотонии маълумоти мактабӣ дар омӯзиши фанҳои дигари таълимӣ ба таври васеъ истифода бурдани дониш ва малакаҳои информатикӣ боз ба ду омили дигар вобаста аст: якум, таҷрибаи мусбати омӯзиши фанни ТИ аз тарафи хонандагони ҳамин синну сол чӣ дар Тоҷикистон ва чӣ дар хориҷи он; дуюм, нақши басо муҳими омӯзиши фанни ТИ дар рушд додани тафаккур ва ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони маҳз ҳамин синну сол.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фанни технологияи иттилоотӣ, хонанда, мактаб, таълим, дониш.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Қодирзода Рисолат Сияршо, унвонҷӯи кафедраи информатикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон. Тел.: (+992) 905-03-77-88; e-mail: kodirzodar@bk.ru


## ОСОБЕННОСТИ ПРЕПОДАВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В 5-ом КЛАССЕ И СПОСОБЫ ФОРМИРОВАНИЯ КОМПЕТЕНЦИЙ У МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ


В статье рассматриваются и анализируются особенности обучения предмета информационных технологий учащихся 5-х классов общеобразовательных школ. Отмечено, что систематическое изучение информационных технологий в 5 классе, помимо необходимости широкого использования знаний и информационных навыков при изучении других предметов в информационной среде школьного образования, зависит от двух других факторов: во-первых, положительный опыт обучения ИТ школьниками этого же возраста, как в Таджикистане, так и за рубежом; во-вторых, важная роль изучения информационных технологий в развитии мышления и формировании мировоззрения школьников именно этого возраста.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: информационные технологии, ученик, школа, обучение, знание.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Кодирзода Рисолат Сияршо, соискатель кафедры информатики Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 905-03-77-88; e-mail: kodirzodar@bk.ru


## PECULIARITIES OF TEACHING INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE 5th GRADE AND METHODS OF FORMING COMPETENCIES IN YOUNGER SCHOOLCHILDREN


The article examines and analyzes the peculiarities of teaching the subject of information technologies for 5th grade schoolchilds' of secondary schools. It is noted that the systematic study of information technologies in grade 5, in addition to the need for extensive use of knowledge and information skills in the study of other subjects in the information environment of school education, depends on two other factors: firstly, the positive experience of teaching IT by schoolchildren of the same age, both in Tajikistan and abroad; secondly, the important role of the study of information technology in the development of thinking and the formation of the worldview of schoolchildren of this particular age.



**KEY WORDS:** information technology, pupil, school, education, knowledge.



**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Qodirzoda Risolat Siyarsho, applicant of the informatics department of the Tajik National University. Phone: (+992) 905-03-77-88; e-mail: kodirzodar@bk.ru

# НАҚШИ ФАННИ «ФИЗИКА» ДАР РАВАНДИ НОИЛШАВӢ БА НАТИҶАҲОИ МЕТАФАННӢ

Абдуллоев С.Р.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ташкили чунин як раванди таълимӣ, ки ноилшавии хонандагонро ба натиҷаҳои метафанние, ки дар стандартҳои давлатии таҳсилот дар якҷоягӣ бо фаннӣ дарки аниқро талаб мекунад, ки пеш аз таҳия ва ҷорикунии методикаҳо доир ба ноилшавӣ ба онҳо меояд. Дар ин ҷо бе маълумсозии аввалиндараҷа будани фанҳои таълимие, ки дар асоси фаннии он сохта шудааст, имконнопазир аст. Физика ҳамеша дар низоми дониши инсонӣ ҷойгоҳи намоёнро ишғол мекард - аз замонҳои қадим, вақте ки калимаи «физика» маънои илми табиатро дар маҷмӯъ то имрӯз дошт, вақте дар физика дигаргуниҳои амиқ ва радикалӣ ба вуҷуд меоянд. Ин тағйиротро бо як вожа - «ваҳдат» - тавсиф кардан мумкин аст. Физика дар ҷустуҷӯи ваҳдат - ҳам ваҳдати назарияҳои бунёдии он ва ҳам вахдат дар иртибот бо дигар илмҳои табиӣ ва, пеш аз ҳама, бо химия қарор дорад.

Ҳанӯз дар ибтидои асри гузашта С.И. Вавилов қайд карда буд, ки хусусияти асосии бунёдии физика бо универсалӣ будани қонунҳо ва тамоюлҳо, шарҳ додани онҳо дар асоси тамоми падидаҳои ба салоҳияти илмҳои табиӣ алоқаманд марбут мебошад. Дар физика якчанд принсипҳои асосӣ мавҷуданд, ки на танҳо назарияҳои физикиро ташкил медиҳанд, балки инчунин манзараи физикии оламро муайян мекунанд. Дар зери мафҳуми илмии бунёдӣ имрӯз илме фаҳмида мешавад, ки қонунҳо ва мафҳумҳои асосии он аз илми дигар гирифта нашуда, балки танҳо бо истинод ба натиҷаҳои таҷриба асоснок карда мешаванд. Дар таърихи илми табиатшиносӣ танҳо ду фан ба мақоми илмҳои бунёдӣ мувофиқат мекарданд - физика ва химия. Дар натиҷаи рушди физика ва эҷоди механикаи квантӣ табиати бунёдии химия аз сабаби он, ки мафҳумҳо ва қонунҳои асосии химия шарҳи физикӣ гирифтаанд, ба таври назаррас калавид. Ин маънои онро надорад, ки химия аҳамият ва мустақилияти худро аз даст додааст, балки маънои онро дорад, ки физика ҳарчӣ бештар ба монобунёдӣ даъво мекунад. Монобунёдии илм тақозо менамояд, ки қонунҳо ва назарияҳои он барои шарҳ додани объектҳое, ки дар дигар илмҳо омӯхта мешаванд, заруранд. Масъалаи таносуби физика ва химия хеле мушкил ҳал карда шуд. Дар охири асри XIX ва аввали асри XX, дар арафаи эҷоди назарияи квантӣ, дар авлавияти физика ва химия вазъияти ихтилофнок ба вуҷуд омад. Электронҳо маълум буданд, маълум аст, ки онҳо қисми атомҳо буда, барои хосиятҳои химиявии онҳо масъул мебошанд. Аммо, физика хосиятҳои химиявии атомҳоро дар асоси қонунҳои он замон фаҳмонда натавонист. Аксари химикҳои маъруфи он замон ба инкори воридшавии физика ба соҳаи махсуси химия майл доштанд.

Эҷоди назарияи квантӣ, ки назарияи Бор ва механикаи квантиро дар бар мегирифт, вазъиятро ба куллӣ тағйир дод. Кашфи қонунҳои нави физикӣ, ки мувофиқи он ҳаракати электронҳо ба амал меоянд, имкон дод, ки аз нуқтаи назари физика хосиятҳои химиявии атомҳо фаҳмида, шарҳу тавзеҳ дода шаванд. Қонунҳои мушаххаси химия (қонуни даврии Д.И. Менделеев, назарияи сохти моддаҳои органикӣ ва ғайра) на танҳо партофта нашуданд, баръакс, ба сатҳи нав бардошта шуданд, зеро механизми дохилии ин қонунҳо ошкор карда шуд. Барои фаҳмидани сабабҳои қонунҳои бунёдии химия, ба химия лозим омад, ки аз доираи фанни худ берун барояд. Имрӯз, химияи назариявӣ асосан физикаест, ки барои ҳалли масъалаҳои химиявӣ «мутобиқ карда шудааст». Ба таври назаррас маҳз дастовардҳои физика муваффақиятҳои азими химияи назариявӣ ва амалиро имконпазир гардонданд. Хусусияти химия дар асри XX пайдоиши шумораи зиёди методҳои нави таҳлилӣ, пеш аз ҳама, физикӣ ва физикию химиявӣ, маҳсуб меёфт. Рентген, спектроскопияи электронӣ ва инфрасурх, магнитохимия ва масс-спектрометрия, спектроскопияи ЭПР ва ЯМР, таҳлили сохтории рентгенӣ ва ғайра васеъ паҳн шуда, рӯйхати методҳои истифодашаванда хеле васеъ гардид. Иттилооти наве, ки бо методҳои физикию химиявӣ ба даст омадаанд, баррасии як қатор мафҳумҳо ва тасаввуроти асосии химияро зарур мегардонанд. Имрӯзҳо ягон тадқиқоти химиявӣ бидуни ҷалби методҳои физикӣ, ки имкон медиҳанд таркиби объектҳои мавриди таҳқиқ муайян карда, ҷузъҳои хурдтарини сохтори молекулаҳо муқаррар ва ҷараёнгирии раванди мураккаби химиявӣ пайгирӣ карда шавад. Дар биология бошад, мафҳуми рушди сохторҳои зинда бо мабдаи дувуми термодинамикаи нобаробарвазни низомҳои кушода исбот карда мешавад. Ин мисолҳо имкон медиҳанд, ки хулосаи муҳимми методологӣ бароварда шавад. Бо вуҷуди шумораи зиёди абстраксияҳое, ки дар физика барои тавсифи зуҳуроти табиӣ истифода мешаванд, ин фанни илмӣ дорои абзори ҷамъбастҳои назариявӣ мебошад, ки дар бисёр ҳолатҳо бо қонуниятҳои озмоишӣ маҳдуд карда

мешаванд ва қоидаи ниҳоии физикаи классикӣ барои оғоз кардани тадқиқот бо мушоҳидаи озмоишӣ арзиши амалии физикаро ба мавқеи дастнорас барои фанҳои дигар мебардорад.

Яке аз физикҳои пешбари нимаи аввали асри XX М. Лауэ дар китоби худ «Таърихи физика» [4] далели муҳиммеро ба манфиати объективӣ будани донишҳои илмӣ инкишоф додааст. Моҳияти он чунин аст. Ҳангоме ки назарияи ягона сохта мешавад, ки назарияҳои дигарро, ки то он замон соҳаҳои гуногуни мавзӯро тавсиф кардаанд ва забонҳои мухталифи назариявиро барои ин тавсиф истифода бурдаанд, ин як далели боварибахш ба манфиати он аст, ки дар назарияҳои муттаҳидшаванда мазмуни объективии новобаста аз субъект мавҷуд будааст. Ҳамин тариқ, илмҳои мустақили табиатшиносӣ, физика ва химия, ки бо назарияи квантӣ муттаҳид шудаанд, имрӯз физикаро ба пойгоҳи бунёдӣ баровардаанд.

Ин хулоса ба як чизи дигари муҳимтаре оварда мерасонад - методикаҳое, ки ба навовариҳои таҳсилотӣ нигаронида шудаанд, бояд барои фанҳои дорои мазмуни бунёдӣ ташаккул дода шаванд. Ва азбаски физика, тавре ки қаблан қайд карда шуд, дорои хусусияти монбунёдӣ мебошад, пас ин методикаҳо, пеш аз ҳама, бояд дар раванди таълими мазмуни бунёдии физика татбиқ карда шаванд. Дар акси ҳол, навоварони соҳаи маориф хавфи ба даст овардани натиҷаҳои ихтилофнокро, ки танҳо дар соҳаи фанҳои маҳдуд татбиқ мешаванд, ба миён меоранд ва методикаҳоро дар гумон аст, ки барои таълими фанҳои бунёдӣ истифода бурдан имконпазир гардад. Натиҷаҳои метафаннӣ аз ҷониби хонандагон дар асоси таъсири умумии раванди таълим ба онҳо ба даст оварда мешаванд. Аммо масъулияти махсус ба ташкили раванди таълими фанни бунёдии физика дар рӯҳияи навоварӣ қарор мегирад.

Тавре ки дар боло нишон дода шуд, моҳияти мазмунии натиҷаҳои метафаннӣ то андозаи зиёд бо мазмуни бунёдии фанҳо муайян карда мешавад.

Ҷузъи фаъолиятии натиҷаҳои метафаннӣ на танҳо бо мазмуни бунёдӣ алоқаманд аст, балки инчунин бо амалҳои муайян тавсиф карда мешавад. Дар Энсиклопедияи педагогии Россия [8] шарҳи «амал» дода шудааст: «... амал бо ҳадафе, ки ба он равона шудааст ва бо ваҷҳе, ки шахсро ба сӯи ин ҳадаф саъй кардан водор месозад, муайян карда мешавад. Дар мақсаднокии амал нақши хоси инъикоси бошууронаи воқеият кашф мешавад».

Ҳамин тариқ, эҷоди шароите, ки ваҷҳро бедор мекунанд, меъёри зарурии ташкили амалҳои мақсадноки мустақилона мебошад.

Натиҷаҳои метафанниро бо пайваст кардани муқаррароти дар боло овардашуда ба таври зерин муайян мекунем. Таҳти натиҷаҳои метафаннӣ мо маҳоратҳоеро меомӯзем, ки дар раванди таълими мазмуни бунёдӣ ташаккул ёфта, то ба сатҳи қобилиятҳои иҷрои амалҳои мақсадноки мустақилона, вақте ки ҳадаф бо ваҷҳ тақозо шудааст, расонида шудаанд, мефаҳмем.

Таърифи мазкури натиҷаҳои метафаннӣ таҳқиқи ҳам амалҳои мақсадноки мустақилона, ҳам мазмуни ваҷҳро талаб мекунад. Дар заминаи муайян кардани натиҷаҳои метафаннӣ, натиҷаи маҳорати мустақилона муайян кардани ҳадафҳои таълими худ, муқаррар ва ифодаи вазифаҳои нав барои худ, дар таҳсил ва фаъолияти маърифатӣ рушди ваҷҳҳо ва майлу рағбатҳои фаъолияти маърифатии худ ба қатори муҳимтаринҳо дохил мешавад.

Аён аст, ки маҳоратҳои зарурӣ барои иҷрои амалҳои мустақили мақсаднок бояд бо методикаи махсус ташаккул дода шаванд. Барои ин мустақилона иҷро кардани амалҳои зерин зарур аст: гузоштани мақсад; муқаррар намудани стратегияи оптималии ноилшавӣ ба он бо истифодаи ҳамаи роҳҳои имконпазир; дар доираи стратегия ифода кардани вазифаҳое, ки ҳалли онҳо боиси дастрасӣ ба мақсади гузошташуда мешавад. Тавре ки Т.Н. Гнитетская [2] қайд кардааст, пайдарпайии мазкури амалҳо бо амалҳо барои ҳалли вазифаи физикӣ мувофиқат мекунад.

Чунин савол хеле табиӣ аст: оё дар дарсҳои физика бидуни ташкили махсуси амалҳои хонандагон ба даст овардани баъзе натиҷаҳои метафаннӣ имконпазир аст? Ҷавоби онро озмоиш нишон хоҳад дод, аммо тавре ки дар боло ишора шуд, маҳорати ҳалли масъалаи физикӣ метавонад ба ташаккули маҳоратҳои амалҳои мақсадноки мустақилона мусоидат кунад. Физика яке аз фанҳои мушкили таълимӣ мебошад, ки мазмуни он бо абстраксияҳо пур карда шудааст. Ташаккул додани маҳорати амалҳои мақсадноки мустақилона дар дарсҳои физика дар ҳолатҳое, ки ҳадафи мазкур бо ваҷҳ ба миён омадааст, тавсия дода мешавад.

Психологҳо бар он ақидаанд, ки танҳо дар фаъолияти таълимии наврас ташаккули шахсияти ӯ сурат мегирад (масалан, маҳоратҳои мухталиф пайдо мешаванд, тафаккур, хотира, диққат ва ғайра инкишоф меёбанд) [9]. Дар баробари фаъолияти таълимӣ, омӯзиш, яъне маҳорати мустақилона аз худ кардани донишҳо, низ ташаккул меёбад. Аммо, ҳама гуна фаъолият асоснок карда шудааст. Ба фаъолияти таълимии наврас якбора якчанд ваҷҳ таъсир мерасонанд. А.К.

Маркова бо ҳаммуалифон [6] ваҷҳҳоро ба гурӯҳҳо тақсим мекунанд: маърифатӣ (муносибати хонандагонро ба мазмуни фан, хоҳиши таҳсил кардан ва маълумотнок шудан муайян мекунанд); вусъати маърифатӣ (ҳамчун ҳавасмандӣ ба далелҳо ва қонуниятҳои нави ҷолиб зоҳир мешаванд); таълимию маърифатӣ (ба азхудкунии усули ба даст овардани дониш нигаронида шудааст); ваҷҳҳои худтаҳсилкунӣ; иҷтимоӣ (хоҳиши барои ҷомеа муфид будан); мавқеӣ (хоҳиши гирифтани ҷои сазовор дар синф); ваҷҳҳои ҳамкории иҷтимоӣ (тамаркуз ба ҳамкорӣ бо шарик). А.К. Маркова инчунин ваҷҳи худтакмилдиҳӣ, ваҷҳи узвият (эҳтиёҷ ба муошират бо дӯстон) ва ғайраҳоро таъкид мекунад. Ба ақидаи ӯ, маҳз ваҷҳҳои иҷтимоӣ наврасро ҳамчун шахсият такмил медиҳанд. Бо ҳамсолон ҳамкорӣ карда, хонандагон на танҳо донишҳои тайёрро мегиранд, балки онро дар раванди фаъолияти таҳсилӣ гирифта, ба ин васила ҳавасмандии устувори ботиниро ба таълим ташаккул медиҳанд.

Дар муҳити наврасон ҳавасмандкунӣ нақши махсус мебозад. Ҳамин тавр, масалан, А.В. Салков [10, с. 111-119] раванди рушди ҳавасмандкунии дастовардҳоро бо «... сатҳи интихоби арзишӣ, ки ҳамчун имкони амалӣ кардани интихоби бошуурона аз ҷониби шахсият дар шароити нави иҷтимоӣ фаҳмида мешавад» рабт медиҳад.

Э. Сорокоумова [11] яке аз муаллифони психологияи педагогӣ, ваҷҳро ҳамчун «он амале, ки фаъолият ба хотири он анҷом дода мешавад» муайян мекунад ва ҳавасмандиро ба маънои умумитар, яъне ҳамчун «... ҳолати ботинии организм, ки онро барои ба таври муайян амал кардан водор месозад» баррасӣ менамояд. Ба ақидаи ӯ, соҳаи ҳавасмандкунӣ, меҳвари шахсият аст, ки «ба он чунин хосиятҳо, ба монанди тамаркуз, ... тамоюлот, нигаришҳои арзишӣ, ...интизориҳои иҷтимоӣ, даъвоҳо, эҳсосот, сифатҳои иродавӣ ...» ва дигар хусусиятҳои иҷтимоиву психологӣ «кашида мешаванд». Ваҷҳи асосии рафтор ва фаъолияти хонандагони синфҳои миёна дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ба ақидаи муаллиф, хоҳиши пайдо кардани ҷойгоҳи худ дар байни рафиқон аст. Дар хонандагони синфҳои болоӣ ваҷҳи асосии омӯзиш омодагӣ ба қабул шудан ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Интихоби касб, тавре ки Е.А. Сорокоумова дуруст қайд мекунад, ин инчунин интихоби роҳи зиндагӣ, ҷустуҷӯи ҷойгоҳи худ дар ҷомеа мебошад, ки маҳорати таҳлили имкониятҳо, майл, дониш, маҳорати қабули қарор ва амал кардан дар асоси мақсади бошуурона қабулшуда (яъне нигариши ҳавасмандкунӣ)-ро баояндаи нисбатан дур пешбинӣ менамояд.

Тавре ки В.В. Ковров қайд мекунад [3, с. 195-201], «омили асосии ҳавасмандкунандаи иштироки наврас дар фаъолияти ҳаётии ташаккули иҷтимоӣ» таваҷҷуҳ ба «ин ё он намуди муайяни фаъолият, муносибат, муошират» мебошад, ки раванди худтакмилдиҳӣ, худтатбиққунии шахсияти наврасро муайян мекунад. Намоиш додани иродаи бонуфуз ва сабр дар наврасӣ инчунин метавонад ваҷҳҳои иловагии муоширати наврасон бошад. Аз ин рӯ, бо такя ба тадқиқоти А.П. Петровский, мо метавонем чунин хулоса барорем, ки муносибати онҳо аз фаъолиятҳое вобаста аст, ки одамон дар раванди муошират иҷро мекунанд [7].

Ҳ. Мюррей [12] эҳтиёҷ ба муваффақият (пешгирӣ кардани нокомӣ) - ро ба низоми дигар «... эҳтиёҷоти психогении шахс, аз ҷумла эҳтиёҷ ба ҳукмронӣ, пешгирӣ кардани зарар, пешгирӣ кардани айбдоркунӣ, мустақилият, кумак, фаҳмиш, ҷалби таваҷҷуҳ ба худ, эҳтиром ва ғайраро шомил мекунанд. Ин ғояҳо дар соли 1953 аз ҷониби Д. Маклеланд таҳия шуда, ӯ муайян кард, ки ваҷҳи ноил гардидан далели равшани муваффакият аст ва эҳтиёҷ ба дастовардҳо ҳамчун хоҳиши ноил шудан ба ҳадаф, ноил шудан ба муваффақият зоҳир мешавад. Ба туфайли ваҷҳи дастёбӣ имкони ҷаҳидан аз сатҳи поёнии инъикоси равонӣ ба зинаи баландтар аз ҳисоби фишори муайяни равонӣ ба вуҷуд меояд» [5]. Таҳти дастовард Д. Маклеланд муваффақиятро дар мусобиқа бо стандарти аъло медонад. Амалҳои мақсадноки мустақилонаро, ки дар натиҷаи онҳо ҷаҳиш амалӣ карда мешавад, бо амалҳое, ки бо ваҷҳи дастовардҳо боис шудаанд, муқоиса кардан мумкин аст. Ташкили мусобиқаҳои дастаҳо дар дарсҳои физика амалҳои мақсадноки мустақилонаро, ки бо ваҷҳ тақозо шудааанд, муайян карда мешавад.

Аз тамоми ваҷҳҳои дар боло овардашуда, ваҷҳи дастовардҳо фарқ мекунад. Он яке аз омилҳои муҳимтарини таъмини муваффақият дар таълим ва гирифтани донишҳо, маҳоратҳо ва рушди қобилиятҳо мебошад. Ҳамзамон, баъзе муаллифон, масалан, В.В. Белов ва А.И. Милитская [1, с. 301-304] қайд мекунанд, ки наврасони ба фаъолияти зеҳнӣ майлдошта дорои сатҳи баланди ҳавасмандӣ дар таълим мебошанд, аммо дар муошират мушкилот доранд, дар ин хонандагон маҳорати иртиботӣ, ки ба натиҷаи метафаннӣ мувофиқанд - «ҳамкорӣ кардан бо омӯзгор ва ҳамсолон ва кор ... дар даста» мувофиқат мекунад, бо душворӣ ташаккул меёбад. Хулосаи мазкур дар асоси мушоҳидаҳои озмоишӣ бароварда шудааст, ки бори дигар зарурати коркардаи махсуси пешакии раванди таълимро ҳатто барои хонандагони ба таҳсил ҳавасманд

бароварда шудааст. Ҷанбаҳои психологӣ ва педагогии ҳавасмандкунии наврасонро ба таълим, ки дар асоси натиҷаҳои шахсиятӣ, метафаннӣ ва фаннӣ қарор гирифтааст, танҳо ба шарти ташкили низоми махсуси таълим татбиқ кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, ташкили раванди таълимӣ, ки ба амали мақсадноки мустақилона нигаронида шудааст, дар ҳолате, ки ҳадафи гузошташуда бо як ваҷҳ (ваҷҳи дастоварӣ) тақозо шудааст, метавонад дастоварди натиҷаҳои метафаннӣ ва шахсиятиро аз ҷониби хонандагон таъмин карда, ба рушди майлу рағбат ба фан мусоидат намояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Белов, В.В. Мотивационные и коммуникативные особенности учащихся 7-9 классов, склонных к интеллектуальной одаренности / В.В. Белов, А.И. Милицкая / XXII Царско-сельские чтения: материалы междунар. науч. конф. Изд-во Ленингр. гос. ун-та им. А.С. Пушкина. – Санкт-Петербург, 2018. – С. 301-304.
2. Гнитецкая, Т.Н. Современные образовательные технологии: моногр. / Т.Н. Гнитецкая. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 2004. – 256 с.
3. Ковров, В.В. Нравственные ценности в социальной реальности: дихотомия выбора целей воспитания в современной образовательной практике / В.В. Ковров // Вестник Академии права и управления, 2016. – № 42. – С. 195-201.
4. Лауэ, М. История физики / М. Лауэ. / Пер. с нем. Т.Н. Горнштейн; Под ред. и И.В. Кузнецова. – М.: Гос. изд-во технико-теоретической литературы, 1956. – 230 с.
5. Мак-Клелланд, Д. Мотивация человека / Д. Мак-Клелланд. – СПб.: Питер, 2007. – 672 с.
6. Маркова, А.К. Формирование мотивов учения. Книга для учителя / А.К. Маркова, Т.А. Матис, А.Б. Орлов. – М.: Просвещение, 1990. – 192 с.
7. Петровский, А.В. Личность, деятельность, коллектив / А.В. Петровский. – М.: Политиздат, 1982. – 255 с.
8. Российская педагогическая энциклопедия (под ред. В.Г. Панова). – М.: Большая российская энциклопедия, 1993. – 607 с.
9. Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. – СПб.: Питер, 2003. – 713 с.
10. Сальков, А.В. Взаимосвязь ценностного самоопределения и мотивации достижения у студентов университета / А.В. Сальков // Вестник ОГУ, 2002. – №2. – С. 111-119.
11. Сорокоумова, Е.А. Педагогическая психология: Краткий курс / Е.А. Сорокоумова. – СПб.: Питер, 2009. – 176 с.


## НАҚШИ ФАННИ «ФИЗИКА» ДАР РАВАНДИ НОИЛШАВӢ БА НАТИҶАҲОИ МЕТАФАННӢ


Дар ин мақола яке аз навовариҳои стандарти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои муассисаи таҳсилоти миёнаи таҳсилоти умумӣ - натиҷаҳои метафаннии азхудкунии барномаи асосии таҳсилотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Имрӯз вожаи «метафаннӣ»-ро бисёр вақт дар санадҳои меъёрӣ ва мақолаҳои илмӣ дучор омадан мумкин аст. Маънои ин истилоҳро муаллифони мухталиф дар заминаи он объектҳои таҳсилотие, ки метафаннии онҳо муҳокима карда мешавад, ба таври гуногун баррасӣ намудаанд.

Дар хулоса муаллиф қайд менамояд, ки ҷанбаҳои психологӣ ва педагогии ҳавасмандкунии наврасонро ба таълим, ки дар асоси натиҷаҳои шахсиятӣ, метафаннӣ ва фаннӣ қарор гирифтааст, танҳо ба шарти ташкили низоми маҳсули таълим татбиқ кардан мумкин аст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фанни физика, натиҷаҳои метафаннӣ, барномаи асосӣ, таҳсилот, табиатшиносӣ, химия, биология, назария, маҳорат, амали мақсадноки мустақилона.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Абдуллоев Сухроб Раҳматович, омӯзгори кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 915-38-60-80.


## РОЛЬ ПРЕДМЕТА «ФИЗИКА» В ПРОЦЕССЕ ДОСТИЖЕНИЯ МЕТАПРЕДМЕТНЫХ РЕЗУЛЬТАТОВ


В этой статье рассматривается одно из новшеств стандарта средних общеобразовательных учреждений для средних общеобразовательных учреждений метапредметные результаты усвоения основной учебной программы. Ныне слово «метапредметный» встречается в нормативных актах и научных статьях. Значение этого термина по разному толкуется авторами на основе тех учебных объектов, где обсуждается их метапредметность.

В заключении автор отмечает, что психологические и педагогические аспекты стимулирования подростков к обучению на основе личностниых, метапредметных и предметных результатов реализуется только при условии организации эффективной системы обучения.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** предмет физики, метапредметные результаты, основная программа, обучение, природоведение, химия, биология, теория, умение, пренаправленное самостоятельное действие.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ**: Абдуллоев Сухроб Рахматович, преподаватель кафедры общей физики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 915-38-60-80.

**THE ROLE OF THE SUBJECT «PHYSICS» IN THE PROCESS OF ACHIEVING META-SUBJECT RESULTS**

This article examines one of the innovations of the standard of secondary general educational institutions for secondary educational institutions - the meta-subject results of mastering the basic curriculum. Nowadays the word «metasubject» is found in normative acts and scientific articles. The meaning of this term is interpreted in different ways by the authors on the basis of those educational objects where their meta-subject is discussed.

In conclusion, the author notes that the psychological and pedagogical aspects of stimulating adolescents to learn on the basis of personal, meta-subject and subject results are realized only if an effective teaching system is organized.

**KEY WORDS:** physics subject, metasubject results, main program, teaching, natural history, chemistry, biology, theory, skill, spiced independent action.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Abdulloev Suhrob Rahmatovich, lecturer of the department of general physics of the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 915-38-60-80.

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ХОНАНДА ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

Абдуллоев И.К.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Вазифаи асосии таълими математика ва информатика дар муассисаҳои таълимӣ аз он иборат аст, ки тавассути он хонандагон системаи донишҳо ва малакаҳои математикӣ ва иттилоотиро, ки дар кор ва ҳаёти ҳар як узви ҷомеаи муосири мо ҳамарӯза заруранд, азхуд кунанд. Айни замон ҳар як шахс фаъолияти худро бе истифодаи технологияи иттилоотӣ тасаввур карда наметавонад. Донишгирӣ ва вазифаҳои амалие, ки дар дарси информатика иҷро шуда, дар хона мустаҳкам мегарданд, ба хонандагон ҷиҳати беҳтар омӯхтани маводи зарурӣ барои тамос бо компютер ва омӯхтани донишҳои нав кӯмак мерасонанд [1, с. 239].

Бояд қайд намуд, ки дар муддати начандон зиёди таърихӣ технологияи иттилоотӣ аз як фанни техникӣ дар бораи методҳо ва воситаҳои коркарди маълумоти додашуда бо ёрии мошинҳои электронии ҳисоббарор, ба илми бунёдӣ дар бораи иттилоот ва равандҳои иттилоотии на танҳо системаҳои техникӣ, балки табиат ва ҷомеа табдил ёфтааст.

Давраҳои инкишофи технологияҳои иттилоотиро шартан ба шаш марҳала тақсим мекунанд [2, с. 12]:

Фанҳои табиӣ-риёзӣ бо фанни технологияи иттилоотӣ робитаи бевосита доранд ва аз ин лиҳоз, ба робитаҳои байни ин фан диққати ҷиддӣ дода мешавад. Фанҳои табиӣ – риёзӣ (физика, химия, биология, математика, технологияи иттилоотӣ, нақшакашӣ) хонандагонро ба бисёр масъалаҳои умумӣ шинос карда, онҳоро аз нуқтаи назари дигар маънидод менамоянд.

Робитаи байнифаннӣ имкон медиҳад, ки савияи баланди азхудкунии мафҳумҳои илмии табиатшиносӣ таъмин карда шавад. Робитаи байнифаннӣ барои ба даст овардани савияи баланди маҳорату малакаҳои таҳлили донишҳои аз дарсҳои фанҳои гуногун азхуднамудаи хонандагон, дар ҳалли масъалаҳои барои ташаккули маҳорату малакаҳои ҳаматарафа омӯхтани ҳодисаҳои дар табиат ба амалоянда кумак мерасонад.

Математика ҳамчун илм нисбат ба технологияи иттилоотӣ барвақтар шинохта шудааст ва барои технологияи иттилоотӣ замина мебошад.

Амалҳои арифметикӣ ва як қатор амалҳои дигари технологияи иттилоотӣ аз математика мерос мондаанд. Дар ҷараёни омӯзиши технологияи иттилоотӣ мафҳумҳои зерини математикӣ, аз қабили: алгебраи мантиқ, системаи ҳисоб, назарияи эҳтимолият, омори математикӣ, назарияи алгоритмҳо ва ғайраҳо вомехӯранд.

Барои мисол системаи ҳисоб ва назарияи алгоритмҳоро дида мебароем.

Системаи ҳисоби даҳӣ, ки дар фаъолияти рӯзмарраи инсон истифода мешавад, барои он ба амал омад, ки инсон дар дастони худ даҳ ангушт дорад ва барои ҳисоб кардан онҳо воситаи хеле қулай буд.

Аз нуқтаи назари математика, ба сифати системаи ҳисоб дилхоҳ ададе барои ашёи ченшаванда қулай бошад, интихоб кардан мумкин аст.

Аз як системаи ҳисоб ба системаи дигари ҳисоб гузоштан душворие эҷод намекунад ва сохтани алгоритми он низ сода аст [3, с. 6].

Алгоритмҳо дар алгебра бисёр васеъ, чунончи аз амалҳои одитарини арифметикӣ то баробариҳои дифференсиалӣ истифода мешаванд.

Амалҳои сода бо ададҳо, аз ҷумла ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсимро як қисми математика-арифметика меомӯзад. Онҳо ҳамчун воситаҳои гуногуни ҳисоб бисёр хуб омӯхта шудаанд.

Таваҷҷуҳи математика ба ҳама гуна ҳисобҳое, ки ба ҳалли ин ё он масъала оварда мерасонад, ҳатто ҳисобҳое, ки ҳалли худро наёфтаанд, зоҳир мегардад. Масалан, даҳҳо алгоритми ёфтани масоҳати секунҷаи росткунҷа (теоремаи Пифагор).

Азхудкунии бомуваффақияти мавзӯъҳои таълимӣ дар курси математика бо омӯзиши мавзӯъҳои арифметика, алгебра, геометрия асос мегирад.

Алоқаи байнифаннӣ ба мазмун ва мундариҷаи предметҳои таълимӣ таъсир мерасонанд. Ҳар як фанни таълимӣ манбаи ин ё он намуди алоқаи байнифаннӣ мебошад. Бинобар ин, он алоқаҳоеро ҷудо намудан мумкин аст, ки дар мундариҷаи фанни математика ба эътибор гирифта мешавад ё баръакс, аз математика ба дигар фанҳои таълимӣ маълумот меравад.

Дарсҳое, ки алоқаманди байнифанниро нигоҳ медоранд, қувваи дониши хонандагонро такмил медиҳанд, барои атрофро дуруст дарк намудан водор менамоянд, ба васеъ шудани фикррони мантиқӣ ва мукамал гаштани қобилияти онҳо мусоидат мекунанд. Чунин муносибат омодакунии мутахассиси рақобатпазир дар давраи муосир ба талаботи замон ҷавобгӯро таъмин менамояд [4, с. 52].

Ҳамин тариқ, агар дар раванди таълим аз забонҳои барномарезии QBasic истифода барем, беҳтар аст. Бартарӣ дар он аст, ки як маротиба барномаашро месозем ва он қимати аъзоҳои дилхоҳро ҳал карда медиҳад. Инчунин, шавқу завқи хонанда ба омӯзиши фанни математика ва дигар фанҳо пайдо мегардад. Иҷрои чунин корҳо дар ҷараёни дарсҳо ба он оварда мерасонад, ки хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо ахбори зарурӣ сари вақт таъмин карда мешаванд. Омӯзгор низ метавонад ба хонандагон манфиати амалии робитаҳои байнифаннии математика ва забонҳои барномарезиро нишон диҳад. Дарсҳои амалӣ, ки бо чунин мисолу масъалаҳо гузаронида мешаванд, ҳатто пас аз хатми мактаб, дар давраи таҳсил дар муассисаҳои олии касбӣ ба онҳо ёри мерасонад. Дар мақолаи мазкур якчанд мисолҳои математикиро оид ба забони барномарезӣ пешниҳод менамоем.

Мисоли 1. Системаи муодилаҳои хаттии якҷинсаро ҳал кунед [5, с. 10]:

$$\begin{cases} 4x + y + z = 0, \\ x + 3y + z = 0, \\ x + y - z = 0. \end{cases}$$

*Ҳал:* бо тарзи анъанавӣ (математикӣ):

Дар ин ҷо $$\mathrm{D} = \begin{vmatrix} 4 & 1 & 1 \\ 1 & 3 & 1 \\ 1 & 1 & 2 \end{vmatrix}.$$

Ба элементҳои сатри якум, элементҳои сатри сеюмро ҷамъ карда, ба -4 зарб мекунем ва ба элементҳои сатри дуюм, элементҳои сатри сеюмро ҷамъ карда, ба -1 зарб мекунем.

$$\mathrm{D} = \begin{vmatrix} 0 & -3 & -7 \\ 0 & 2 & -1 \\ 1 & 1 & 2 \end{vmatrix} = -1 \cdot \begin{vmatrix} -3 & -7 \\ 2 & -1 \end{vmatrix} = 17;$$

Ҳамин тавр, $D \neq 0$ аст, пас система танҳо дорои ҳалли сифрӣ мебошад: $\mathrm{x} = y = z = 0$. Ҷавоб: $\mathrm{x} = y = z = 0$.

*Ҳал:* бо ёрии забони барномарезии QBasic.

```
REM   «Sistemai muodilaro hal kuned»
REM      A1*X+A2*Y+A3*Z=A4
REM      B1*X+B2*Y+B3*Z=B4
REM      C1*X+C2*Y+C3*Z=C4
DECLARE SUB LETT (b!(), a!(), k!)
DECLARE FUNCTION DET3 (a!())
DIM a(3, 4)
DIM b(3, 3)
CLS
PRINT "4 KOEFFITSIENTI  1-UM = ?"
INPUT a(1, 1), a(1, 2), a(1, 3), a(1, 4)
PRINT "4 KOEFFITSIENTI  2-YUM = ?"
INPUT a(2, 1), a(2, 2), a(2, 3), a(2, 4)
PRINT "4 KOEFFITSIENTI  3-YUM = ?"
INPUT a(3, 1), a(3, 2), a(3, 3), a(3, 4)
CALL LETT(b(), a(), 0)
JH = DET3(b())
IF JH = 0 THEN PRINT "NO": END
CALL LETT(b(), a(), 1)
Jx = DET3(b())
CALL LETT(b(), a(), 2)
Jy = DET3(b())
CALL LETT(b(), a(), 3)
Jz = DET3(b())
```

```
X = Jx / JH
Y = Jy / JH
Z = Jz / JH
PRINT
PRINT " X = "; X
PRINT " Y = "; Y
PRINT " Z = "; Z
END
FUNCTION DET3 (b())
D = D + b(1, 1) * b(2, 2) * b(3, 3)
D = D + b(1, 3) * b(2, 1) * b(3, 2)
D = D + b(3, 1) * b(1, 2) * b(2, 3)
D = D - b(1, 3) * b(2, 2) * b(3, 1)
D = D - b(1, 1) * b(2, 3) * b(3, 2)
D = D - b(1, 2) * b(2, 1) * b(3, 3)
DET3 = D
END FUNCTION
SUB LETT (b(), a(), k)
FOR i = 1 TO 3
FOR j = 1 TO 3
IF j = k AND k > 0 THEN
b(i, j) = a(i, 4)
ELSE
b(i, j) = a(i, j)
END IF
NEXT j, i
END SUB
```

Ичроиш дар барнома:




Дар сахфакалид пахш намудани тугмаи F5.



Мисоли 2. Амалҳоро иҷро намуда, ифодаро сода намоед [6, с. 29]:

$$\frac{\sqrt{2}+\sqrt{3}-\sqrt{5}}{3}+\frac{\sqrt{5}-\sqrt{3}+\sqrt{2}}{5}-\frac{2\sqrt{2}-3\sqrt{35}+\sqrt{3}}{15}$$

*Ҳал:* бо тарзи анъанавӣ (математикӣ).

$$\frac{\sqrt{2}+\sqrt{3}-\sqrt{5}}{3}+\frac{\sqrt{5}-\ \sqrt{3}+\sqrt{2}}{5}-\frac{2\sqrt{2}-3\sqrt{35}+\sqrt{3}}{15}=$$

$$=\frac{5\left(\sqrt{2}+\sqrt{3}-\sqrt{5}\right)+3\left(\sqrt{5}-\sqrt{3}+\sqrt{2}\right)-\left(2\sqrt{2}+3\sqrt{35}-\sqrt{3}\right)}{15}=$$

$$=\frac{5\sqrt{2}+5\sqrt{3}-5\sqrt{5}+3\sqrt{5}-3\sqrt{3}+3\sqrt{2}-2\sqrt{2}+3\sqrt{35}-\sqrt{3}}{15}=$$

$$=\frac{5\sqrt{2}+3\sqrt{2}-2\sqrt{2}+5\sqrt{3}-5\sqrt{5}+3\sqrt{5}-3\sqrt{3}+3\sqrt{35}-\sqrt{3}}{15}=$$

$$=\frac{6\sqrt{2}+5\sqrt{3}-5\sqrt{5}+3\sqrt{5}-3\sqrt{3}+3\sqrt{35}-\sqrt{3}}{15}=$$

$$=\frac{6\sqrt{2}+5\sqrt{3}-3\sqrt{3}-\sqrt{3}-5\sqrt{5}+3\sqrt{5}+3\sqrt{35}}{15}=$$

$$=\frac{6\sqrt{2}+\sqrt{3}-5\sqrt{5}+3\sqrt{5}+3\sqrt{35}}{15}=\frac{6\sqrt{2}+\sqrt{3}-2\sqrt{5}+3\sqrt{35}}{15}\approx\approx 1{,}56623.$$

Ҷавоб: $\frac{6\sqrt{2}+\sqrt{3}-2\sqrt{5}+3\sqrt{35}}{15}$.

*Ҳал:* бо ёрии забони барномарезии Qbasic:

```
10 REM «Amalkhoro ijro namoed»
20 S1 = (SQR(2) + SQR(3) - SQR(5)) / 3
30 S2 = (SQR(5) - SQR(3) + SQR(2)) / 5
40 S3 = (2 * SQR(2) - 3 * SQR(35) + SQR(3)) / 15
50 S = S1 + S2 - S3
60 PRINT "S="; S
70 END
```

Мисоли 3. Табдилдиҳии адад аз системаи 16-ӣ ба 10-ӣ. Адади дилхоҳи шонздаҳӣ, масалан, $19F_{16}$ – ро мегирем, онро дар шакли кушода менависем ва қимати онро ҳисоб мекунем [7, с. 17].

*Ҳал:* бо тарзи анъанавӣ (математикӣ).

$$19F_{16}=1\cdot16^2+9\cdot16^1+F\cdot16^0=1\cdot256+9\cdot16+15\cdot1=415_{10}$$

Ҷавоб: $19F_{16}=415_{10}$.

*Ҳал:* бо ёрии забони барномарезии QBasic:

```
10 INPUT n$
20 FOR i = LEN(n$) TO 1 STEP -1
30 r = ASC(MID$(n$, i, 1))
40 IF r > 57 THEN r = r - 7
50 r = r - 48
60 s = s + r * 16 ^ k
70 k = k + 1
80 NEXT
90 PRINT s
```

Мисоли 4. Аз системаи ҳисоби 10-ӣ ба системаи ҳисоби 2-ӣ табдил медиҳем, масалан, $14_{10}$-ро мегерем.

*Ҳал:* бо тарзи анъанавӣ (математикӣ):

```
-14|2
 14| 7|2
  0 -6|3|2
     1 2|1
       1
```

Ҷавоб: $14_{10}=1110_2$.

*Ҳал:* бо ёрии забони барномарезии Qbasic:

```
10 REM «sistemai hisobi dahi ba dui»
15 INPUT x
20 s = 0: m = 2
```

```
30 y = x / 2
40 x = INT(y)
50 s = s + m * (y - x)
60 m = m * 10
70 IF x > 0 THEN 30
80 PRINT "s="; s
90 END
```

Яке аз мақсадҳои асосии дарси ҳар як фани таълимӣ аз он иборат аст, ки дар хонандагон оид ба мавзӯъ фаҳмиши дуруст ва мукаммал ҳосил гардад. Барои ба ин ҳадаф расидан истифодаи компютер ва техникаи компютерӣ дар раванди таълим беҳтарин восита мебошад.

Ҳамин тавр, дар ҷомеаи имрӯза фанни информатика дар омӯзиши математика нақши муҳим мебозад, зеро ин фан имконоти васеъ дошта, ба ташаккули шахсияти комил мусоидат менамояд, фикрронии мантиқии хонандаро рушд медиҳад, дар асоси фикронии илмӣ бо технологияи ба он мувофиқ шинос мегардад ва на танҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои дигар, инчунин дар тамоми фаъолияти самараноки касбиаш самаранок истифода бурда метавонад.

**АДАБИЁТ:**


1. Сатторов А.Э., Абдуллоев И.К. Нақши робитаи байнифаннии математика ва информатика дар раванди таълим / Конф. илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами математика ва таълими он». – Бохтар 2019 – С. 239-242.
2. Комилиён Ф.С., Қурбонов С., Саидов И.М. Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ синфи 5-ум барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: Маориф, 2018. – 116 саҳ.
3. Сафаров С. Омӯзгор – №48 (12272), 26 ноябри соли 2020. – 16 с.
4. Абдуллоев, И.К. Межпредметные связи математики и информатики / И.К. Абдуллоев, А.Э. Сатторов, А. Сафархон // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – Т. 2. – №1-4(57). – С. 49-53.
5. Кибориён Б.К., Бобоҷонов Ф.Б. Алгебра ва геометрия дар ҳалли мисолу масъалаҳо. – Душанбе 2019. – 147 саҳ.
6. Пиров Р., Усмонов Н. Алгебра. Китоби дарсӣ барои синфи 10-ум. – Душанбе: Маориф, 2017. – 288 саҳ.
7. Комилов Ф.С., Розӣ Т. (Шарипов), Мирзоев С.Ҳ., Қосимов И.Л., Раҳмонов З.Ф. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе, 2014. – 280 саҳ.


## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ХОНАНДА ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО


Дар ин мақола ташаккул ва рушди қобилияти хонанда дар ҳалли масъалаҳо бо ёрии технологияи муосир, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавқеи хоса дорад, баён карда шуда, якчанд мисолҳо ҷиҳати ифодаи ин алоқамандӣ оварда шудаанд. Агар дар раванди таълим аз забонҳои барномарезии QBasic истифода бурда шавад беҳтар аст. Зеро ба туфайли он шавқу завқи хонанда ба омӯзиши фанни математика ва информатика хеле зиёд мегардад. Сатҳи дониши имрӯза ва доираи васеи хонандагонро ба назар гирифта, мисолу масъалаҳо ба таври нисбатан содаву оммафаҳм баён ёфтаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** информатика, математика, компютер, проектор, алгоритм, системаи ҳисоб, барномаҳои офисӣ, технологияи иттилоотӣ, интернет.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Абдуллоев Имомалӣ Комилҷонович, докторант PhD-и кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 93-838-66-44; e-mail: imomali_abdulloev93@mail.ru


## РОЛЬ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ СПОСОБНОСТИ УЧЕНИКА В РЕШЕНИИ ЗАДАЧ


В данной статье объясняется формирование и развитие способности учащегося в решении вопросов с помощью современных технологий, имеющих особое положение в общеобразовательных учреждениях, и приводятся несколько примеров относительно этого взаимодействия. В процессе обучения лучше использовать языки программирования QBasic. Также будет увличен интерес учащегося к изучению предметов математики и информатики. Уровень сегодняшних знаний и широкий круг читателей, которые учитывают цели и задачи, выражаются относительно просто и открыто.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** информатика, математика, компьютер, проектор, алгоритм, система учета, офисные программы, информационные технологии, интернет.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Абдуллоев Имомали Комилжонович, докторант PhD кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 93-838-66-44; e-mail: imomali_abdulloev93@mail.ru

## THE ROLE OF MODERN TECHNOLOGIES IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE STUDENT'S ABILITY TO SOLVE PROBLEMS

This article explains the formation and development of the student's ability to solve problems with the help of modern technologies, which have a special position in educational institutions, and provides several examples of this interaction. It is better to use QBasic if you are learning programming languages. Also, the student's interest will be increased with the study of the subject of mathematics and computer science. The level of today's knowledge and a wide range of readers who take into account the goals and objectives are expressed relatively simply and openly.

**KEY WORDS:** informatics, mathematics, computer, projector, algorithm, accounting system, office programs, information technology, internet.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Abdulloev Imomali Komiljonovich, doctorant student PhD of the departments of Information technologies and methods of teaching informatics of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone.: (+992) 93-838-66-44; e-mail: imomali_abdulloev93@mail.ru

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ОМӮЗИШИ БУЗУРГИҲОИ МАТЕМАТИКӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Мусавирова Р.Ш.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хустав

Солҳои охир дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таълим ва низоми кредитӣ, ки ташкили он ҳалли вазифаҳои муайянеро талаб мекунад, ба роҳ монда шудааст. Дарвоқеъ, гузариш ба технологияи кредитии таълим кори меҳнатталаби методӣ, таълимӣ-илмӣ ва ташкилӣ буда, ба таъмин намудани донишҷӯён бо тамоми паҳлуҳои дастгирии иттилоотӣ ва методӣ равона мебошад [1, с. 202].

Омӯзиши курси ибтидоии математика бояд хонандагонро на танҳо бо донишу маҳорат ва малакаҳои пешбининамудаи барнома мусаллаҳ созад, балки сатҳи зарурии рушди умумӣ ва математикии онҳоро таъмин намояд [2, с. 6]. Дар робита ба ин, муаллим барои пурра татбиқ кардани имкониятҳои дидактикии китобҳои дарсӣ бояд сатҳи баланди математикӣ дошта бошаду принсипҳои дидактикиро, ки дар асоси онҳо китобҳои дарсии муосир мураттаб мегарданд, дарк карда тавонад [6, с. 5].

Фаъолгардонии фаъолияти эъҷодӣ, маърифатии хонандагон бештар аз методҳои таълим вобастааст. Рушди имкониятҳои эҷодии хонандагон дар тамоми давраҳои таълими мактабӣ муҳим аст, аммо ташаккули тафаккури эҷодӣ дар синни хурди мактабӣ аҳамияти хосса дорад. Бинобар ин, мактаби ибтидоии муосир чунин талаботи навро бғ омодасозии муаллим пешниҳод менамояд, то ин ки ӯ аз сатҳи баланди салоҳиятнокии касбӣ бархӯрдор бошад [4, с. 5].

Донишҳои азхуднамудаи муаллими оянда синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълим дар мактаби олӣ воситаи фаъолияти касбии ӯ мебошад. Фанро дуруст фаҳмида, муаллим вижагиҳои тасвири онро дар китоби дарсӣ, бо дарки тамоми муваффақияту норасоиҳои он, маҳорати методии худро нишон дода метавонад [3, с. 7]. Ба муаллим донистани низоми муайяни мафҳумҳо ва тарзҳои математикии исбот, фаҳмидани он, ки вижагиҳои мафҳуму исботи математикӣ чӣ гунаанд, зарур аст. Чунин донишҳо ба муаллими синфҳои ибтидоӣ барои он лозиманд, ки ӯ аввалин шуда кӯдаконро ба олами донишҳои математикӣ ворид месозаду аз он, ки ӯ то кадом андоза ин корро дурусту бобарор мекунад, муносибати кӯдак ба омӯзиши минбаъдаи математика вобастааст [5, с. 4].

Дар омӯзиши ибтидоии математика ба мафҳуми «бузургӣ» диққати хеле калон дода мешавад. Дар давоми тамоми таълим дар синфҳои ибтидоӣ хонандагон бо якчанд бузургӣ, бо хусусияту ченкунии онҳо, бо амалиётҳо, шинос мешаванд. Дар рафти иҷрои чунин масъалаҳо хонандагон дар бораи зарурати воридсозии воҳидҳои ягонаи мақбули умумѝи ченкунии ҳар як бузургӣ мустақилона хулоса мебароранд, бо асбобҳои ченкунанда шинос мешаванд [6, с. 80].

Мафҳуми бузургӣ, мисли мафҳумҳои дигари математика, бо пайдарпай дар натиҷаи дуршавӣ аз вижагиҳои сифатии хусусиятҳои объектҳои воқеӣ ташаккул ёфтf, дар натиҷаи он танҳо муносибатҳои миқдорӣ ҷудо гардиданд. Бинобар ин, бузургӣ на худи воқеият, балки танҳо тасвири муҳити атроф мебошад, яъне бузургӣ мафҳумест, ки барои фарққунии меъёрҳои муқоиса дохил карда шудааст [7, с. 6].

Дар курси донишгоҳии математика махсус қайд мегардад, ки мафҳумиададро бо мафҳуми бузургӣ омехта кардан лозим нест. Чун натиҷаи ченкунии адад ҳамеша мафҳуми ягона буда, ба ченкунӣ қобилият надорад. Баръакси он, бузургӣ чун сифати ашё ҳамеша мушаххас асту ба ивазшавӣ дучор мегардад.

Компютер ҳамчун таҷҳизоти ҳисоббарор дар раванди кор бо бузургиҳои математикӣ мавқеи хоса дорад. Ба ғайр аз ин, он раванди таълимро бо намоишномаву аёнияти таълимӣ таъмин менамояд. Ба ин восита алоқаи миёни фаннӣ амалӣ мегардад.

Барои татбиқи компютер ҳамчун воситаи ҳисоббарор дар синфҳои ибтидоӣ бояд омӯзгор бо барномаҳои гуногуни компютерӣ кор карда тавонад. Масалан, барномаҳои зерини кор бо бузургиҳои математикиро номбар намудан мумкин аст, ки дар сохтори компютерӣ мавҷуданд:

- калкулятор;
- MS Excel;
- забонҳои барномасозӣ (QBasic, Turbo Packal, Visual Basic, Delphi, C++ Bulder ва ғайраҳо).

Ба иҷрои ҳалли масъала бо ёрии барномаи калкулятори компютери фардӣ мегузарем. Бигзор ёфтани қимати ифодаи $b = 3a$, ҳангоми $a = 12$ см будан талаб карда шавад. Ба барномаи калкулятор мегузарем ва аз барнома тугмаи рақами 3 доштаро пахш менамоем, сипас аломати амали зарбро (*) аз панели барнома пахш намуда, боз тугмаҳои 1 ва 2 ва сипас тугмаи баробарро (=) пахш менамоем.

Иҷрои барномаро дар забони барномасозии QBasic дида мебароем. Ду роҳи кор бо бузургиҳо мавҷуд аст:

1. Вақте ки дар ифодаи $b = 3a$ қимати бузургии $a$ дода шуда бошад, пас дар ин вақт танҳо як қимати натиҷа ҳосил мешавад.
2. Вақте ки дар ифодаи $b = 3a$ талаб карда мешавад, ки барои маҷмӯи қиматҳои бузургии $a$ маҷмӯи қиматҳои $b$ бояд ёфта шавад.

Акнун иҷрои ин амалиётҳоро дар ҳарду ҳолат дар барномаи QBasic дида мебароем.

Ҳолати аввал: барномаро мекушоем ва формулаи зеринро дар он дохил менамоем: PRINT 3*a (пахши тугмаи Enter), натиҷаи ҳалли масъала дар экрани барнома ҳосил мешавад.

Ҳолати дуюм: барномаи ҳалли масъаларо дар намуди барномаи зерин дар оинаи барнома ворид менамоем:

```
Rem khimati buzurgii b
Input a
B=3*a
Print "b=";b
End
```

Дар боло қимати $a = 0{,}45$ буда, натиҷа ба $1{,}35$ баробар аст.

Дигар ҳолатҳоро месанҷем, масалан қиматҳои $a=-56$ ва $a=56$-ро дар барнома дохил намуда, ба чунин натиҷаҳо ноил мегардем:







Маълум мегардад, ки ёфтани қимати ифодаҳо алгоритми ягонаи амалиётро дар бар мегирад, фақат қимати бузургиҳои тағйирёбандаро ба эътибор гирифтан лозим аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Фаттоев Х., Сатторов А.Э., Алламуродов Б.Н. Планирование и организация самостоятельной работы студентов в кредитном обучении // Вестник Таджикского национального университета, 2017. – №3/2. – С. 201-203.
2. Меерзон А.Е., Добротворский А.С., Чекин А.Л. Пособие по математике для студентов факультетов начальных классов. – М., 1998.
3. Иззатуллоев К., Ибодов Н., Ҳалимов Ғ., Пирназаров А. Математика (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои омӯзгории мактабҳои олӣ). – Душанбе: ЭР-граф, 2008. – 360 с.
4. Паболкова Н.Н. Принципы обучения величинам // Актуальные проблемы современной науки, 2003. – №2. – С. 143-145.
5. Стандарти давлатии таълимӣ аз рӯи ихтисоси 1-01.02.02 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ. – Душанбе, 2007. – 42 с.
6. Трофименко Ю.В., Пинкина С.И. Особенности методической подготовки учителей начальной школы в области изучения величин на уроках математики // Аспекты и тенденции педагогической науки: Материалы II Межд. науч. конф. (г. Санкт-Петербург, июль, 2017 г.). – СПб: Свое издательство, 2017. – С. 79-83.
7. Тихоненко А.В. Технология изучения понятия величины на уроках математики в начальной школе. – Ростов на Дону: Феникс, 2006. – 218 с.

**НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ОМӮЗИШИ БУЗУРГИҲОИ МАТЕМАТИКӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ**

Муаллифи мақола таъкид мекунад, ки омӯзиши курси ибтидоии математика бояд хонандагонро на танҳо бо донишу маҳорат ва малакаҳои пешбининамудаи барнома мусаллаҳ созад, балки сатҳи зарурии рушди умумӣ ва математики онҳоро таъмин намояд. Ҳангоми фаъолгардонии раванди таълим, баландбардории эҷодиву маърифатии хонандагон дар замони муосир истифодаи технологияи муосир бамаврид аст, аз ин рӯ, дар мақола баъзе ҷиҳатҳои татбиқи барномаи компютерӣ оид ба бузургиҳои математикӣ таҳқиқ мегардад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** низоми кредитӣ, бузургӣ, курси ибтидоии математика, натиҷаи ченкунӣ, барномаи компютерӣ, забонҳои барномасозӣ.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Мусавирова Рухшона Шарифхӯҷаевна, омӯзгори кафедраи системаи автоматикунонии коркарди ахборот ва шабакаҳои алоқаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 911-02-27-79; e-mail: musavirova79@bk.ru

**РОЛЬ КОМПЮТЕРНОЙ ТЕХНОЛОГИИ В ИЗУЧЕНИИ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ВЕЛИЧИН В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ**

Автор статьи подчеркивает, что изучение начального курса математики должно не только «вооружать» учеников знаниями и умениями по предусмотренной программе, но и обеспечить в нужном уровне общего и математического развития. В ходе оптимизации учебного протцесса, повышения обучаемый и творческой деятельности учеников в современные использования новых технологии является полезным, следовательно, в статье изучается некоторые стороны пременения компьютерных программ по рассморению математических величин.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** кредитная система, величина, начальный курс математики, результат измерения, компютерная программа, язык програмирования.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Мусавирова Рухшона Шарифхужаевна, преподаватель кафедры автоматизированная система управление информации и сеть связи Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 911-02-27-79; e-mail: musavirova79@bk.ru

**ROLE OF COMPUTER TECHNOLOGY IN STUDYING MATHEMATICAL QUANTITIES IN THE ELEMENTARY CLASSES**

The author of the article emphasizes that the study of the elementary course of mathematics should not only «equip» students with knowledge and skills according to the provided program, but also provide the necessary level of general and mathematical development. In the course of optimizing the educational process, enhancing the student and the creative activity of students in the modern use of new technologies, it is useful, therefore, the article studies some aspects of the use of computer programs for the consideration of mathematical values.

**KEY WORDS:** credit system, value, initial mathematics course, measurement result, computer program, programming language.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Musavirova Rukhshona Sharifkhujaevna, lecturer at the department of automated information management system and communication network of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 911-02-27-79; e-mail: musavirova79@bk.ru

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА – ҲАМЧУН ШАРТИ САМАРАБАХШИ АЗХУДКУНИИ ДОНИШҲОИ НАВ

Лутфияи Ҷӯрахон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ташкили кори мустақилона ва роҳбарӣ намудан ба он кори мураккаб ва масъулияттталаби ҳар як омӯзгор ба ҳисоб меравад. Тарбияи фаъолсозӣ ва мустақилиятро ҳамчун қисми таркибии тарбияи хонандагон дида баромадан лозим аст. Ин вазифа дар назди ҳар як омӯзгор ҳамчун масъалаи аввалиндараҷа муҳим қарор мегирад. Доир ба ташаккулёбии мустақилият дар хонандагон сухан гуфта, ду масъалаи ба ҳам алоқаманди зеринро ба эътибор гирифтан зарур аст. Аввалан, дар хонандагон фаъолияти маърифатӣ ва мустақилиятро инкишоф дода, ба онҳо мустақилона азхудкунии донишҳоро омӯзонида, тавассути он ҷаҳонбинии илмиашонро тавсия бахшидан ва дуюм, мустақилона татбиқ намудани донишҳои гирифташуда дар таҷриба ва амалияи зиндагӣ [1, с. 33-36].

Кори мустақилона худмақсадгузорӣ набуда, балки василаи мубориза барои амиқ ва мустаҳкам намудани донишҳои хонандагон, воситаи ташаккулдиҳии фаъолнокӣ ва мустақилияти хонандагон ҳамчун ифодакунандаи характери шахсият тавассути инкишофи қобилиятҳои зеҳнии онҳо мебошад. Хонанда ба остонаи мактаб қадам гузошта, фаъолияти мустақилонаи мақсаднок надорад, банақшадарории амалиётҳои худро намедонад, баамалбарории мақсадҳои гузоштташударо сарфаҳм намеравад.

Дар дарсҳои физика чун дигар дарсҳо бо ёрии корҳои мустақилонаи гуногун хонандагон дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурииро аз худ мекунанд. Ин корҳо ҳамон вақт натиҷаи мусбат

медиҳанд, ки онҳо ба таври муайян – қатъӣ ташкил карда шуда системаро ба вуҷуд биёранд [2, с. 120-122].

Ҳангоми сохтани системаи корҳои мустақилона ба сифати талаботи асосии дидактикӣ амалҳоро қабул намудан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Системаи корҳои мустақилона бояд ба ҳалли масъалаҳои асосии дидактикӣ – амиқ ва устувор азхудкунии донишҳо, инкишофи қобилиятҳои маърифатӣ, ташаккули маҳорати мустақилона омӯхтан, инкишоф ва амиқ сохтани донишҳо ва татбиқ намудани онҳо дар амалия мувофиқат намояд;

2. Система бояд принсипҳои асосии дидактикӣ, қабл аз ҳама, принсипи системанокӣ ва дастрасӣ, алоқаи назария бо амалия, фаъолияти бошуурона ва эҷодкорона, принсипи таълимро дар дараҷаи баланди илмӣ қаноат кунонад;

3. Система бояд аз рӯи мақсад ва мундариҷаи таълим гуногуншакл бошад, зеро он дар хонандагон малака ва маҳоратҳои гуногунро ташаккул медиҳад;

4. Пайдарҳамии иҷрои корҳои мустақилонаи синфӣ ва хонагӣ бояд мантиқан аз моводи гузашта баромада, барои иҷрои супоришҳои оянда замина гарданд [4, с. 265-266].

Дар ин ҳолат дар байни корҳои алоҳида «наздикшавӣ» ва алоқаҳои «ояндадор» таъмин мегардад. Муваффақияти ҳалли ин масъала на танҳо аз кордонии омӯзгор, балки аз он ки аҳамият ва мавқеи корҳои алоҳидаро тавассути система дар инкишофи қобилиятҳои маърифатии хонандагон, тафаккур ва дигар сифатҳои онҳо истифода мебарад, вобаста аст. Танҳо ба воситаи як система дастоварди муаллимро дар ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон муайян намудан ғайриимкон аст. Ба ғайр аз ин, донистани принсипҳои асосие, ки бо роҳнамоии онҳо самарабахшии корҳои мустақилонаро таъмин намудан имкон дорад, зарур мебошанд. Инчунин методикаи роҳбарии намудҳои алоҳидаи корҳои мустақилона омили пешбарандаи кор мебошад [5, с. 140-141].

Аҳамияти муҳимро дар ин кор принсипҳои дастрасӣ, системанокӣ, алоқаи назария бо амалия, принсипи пайдарҳамӣ ва афзоиши мушкилот, принсипи фаъолияти эҷодкорӣ ва принсипи муносибати тафриқа ба таълим соҳиб мебошанд. Истифодабарии ин принсипҳо дар татбиқи корҳои мустақилона махсусиятҳои зеринро дорост:

1. Кори мустақилона бояд хусусияти мақсаднок дошта бошад. Ин бо дуруст нишон додани мақсади кор асоснок карда мешавад. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки супориши мустақилонаро тарзе омода созад, ки он таваҷҷуҳи ҳамаи хонандагонро ба иҷрои бекамукости он ҷалб намояд;

2. Кори мустақилона бояд зеҳни хонандаро барангехта, ҳангоми иҷрои он бошиддат кор карданро талаб намояд;

3. Дар оғоз дар хонандагон одитарин малакаҳои корҳои мустақилонаро ташаккул додан лозим аст (кашидани расм ва нақшаҳо, ченкуниҳои одитарин, ҳалли масъалаҳои на он қадар мураккаб), дар ин маврид корҳои мустақилона хусусияти намоишӣ дошта, бо шарҳҳо ва навиштаҷоти саҳеҳ дар тахтаи синф гузаронида мешаванд;

4. Барои корҳои мустақилона супоришҳоеро пешниҳод намудан лозим аст, ки онҳо аз рӯи қолаби муайян тарҳрезӣ нашуда, балки аз хонандагон истифодаи донишҳоро дар вазъияти нав талаб кунад. Фақат дар ҳамин маврид кори мустақилона метавонад қобилиятҳои ташаббускорӣ ва маърифатии хонандагонро инкишоф диҳад;

5. Дар ташкили корҳои мустақилона баҳисобгирии он ки барои азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаи ҳар як хонанда вақтҳои гуногун лозим меояд, муҳим мебошад. Амалисозии ин мақсад бо роҳи татбиқи муносибати тафриқа ба таълим ба даст меояд. Омӯзгор ба рафти кор дар синф ва хонандагони алоҳида назорат бурда, ҳангоми иҷрои супоришҳои вазнинтар ба эҳтиёҷмандон ёрӣ мерасонад. Муаллим метавонад интихоби супоришҳоро ба дараҷаҳо ба хонандагон вогузор созад. Ингуна интихоб «Алоқаи баръакс»-и омӯзгор ва хонандаро таъмин намуда, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии моводи омӯхташавандаро воқеӣ баҳогузорӣ намояд;

6. Супоришҳои ба хонандагон пешниҳодгардида бояд таваҷҷуҳи хонандагонро барангезонад. Он бо навгониҳои дар таркиби худ дошта, бо мундариҷаи ғайримуқаррарӣ, ки аҳамияти амалӣ доранд, фарқ дошта, аз хонанда фикррониии махсусро талаб мекунад. Ба хонандагон бештар супоришҳое маъқуланд, ки онҳо предмет ва ҳодисаҳоро тадқиқ намуда, методҳои нави ченкунии бузургиҳои физикиро барояшон мекушоянд;

7. Корҳои мустақилонаро аз рӯи нақша ба таври системавӣ ба ҷараёни таълим ворид намудан лозим аст. Танҳо дар чунин шароит малака ва маҳорати устуворро дар хонандагон ба вуҷуд овардан мумкин аст;

8. Ҳангоми ташкили корҳои мустақилона ҷойгиркунонии моводи он аз рӯи пайдарҳамӣ ва системанокӣ аз тарафи омӯзгор афзалият дорад. Дар ин ҳолат аз доираи муайян баромадан ба зарари кор анҷом меёбад, зеро равиши омӯзишӣ суст гардида, имкони гирифтани донишҳои нав аз байн меравад;

9. Ҳангоми иҷрои кори мустақилонаи дилхоҳ нақши роҳбарикунандаи омӯзгор боқӣ мемонад. Омӯзгор системаи корҳои мустақилонаро тартиб дода, онро ба ҷараёни таълим ворид месозад. Ӯ мақсад, мундариҷа ва ҳаҷми ҳар як кори мустақилона, мавқеи он дар дарс ва методи таълими онҳоро муайян менамояд [1, с. 38-40].

Зери мафҳуми кори мустақилонаи хонандагон чунин амале фаҳмида мешавад, ки он бо супориш ва назорати омӯзгор, бе иштироки бевоситаи ӯ дар ин кор дар вақти муайянгардида ҷараён мегирад. Дар ин раванд хонанда бошуурона барои расидан ба ҳадафи гузошташуда кӯшиш менамояд, неруи зеҳнии худро истифода карда, онро дар ин ё он намуд (ҷавоби шифоҳӣ, сохтани графикҳо, навишти таҷрибаҳо, ҳисобкуниҳо) зоҳир мегардонад.

Дар раванди таълими физика намудҳои гуногуни корҳои мустақилонаи хонандагон, ки тавассути онҳо хонандагон дониш, малака ва маҳорати заруриро ҳосил мекунанд, истифода бурда мешавад. Ҳамаи намудҳои корҳои мустақилона дар раванди ҷараёни таълим корбаст шуда, аз рӯи аломатҳои гуногун: мақсадҳои дидактикӣ, характери фаъолияти таълимии хонандагон, мундариҷа, дараҷаи мустақилият ва элементҳои эҷодкории хонандагон ва ғайра тасниф карда мешаванд [2, с. 115].

Бо истифода аз маводи дидактикӣ дар мавзӯи «Гармигузаронӣ ва кор» якчанд корҳои мустақилонаро пешниҳод менамоем [3, с. 155-156].

Супоришҳои мустақилона:

1. Маснуоти металлии вазнаш 1 кг аз латун, чӯян ва мис сохта шудааст. Онҳоро 1°С гарм карданд. Дар ин маврид энергияи дохилии ҳар як кадоми он чӣ қадар зиёд шуд?
2. Плитаҳои алюминий, пӯлодӣ ва сурбии массаашон 1 килограммро ба 1°С гарм карданд. Миқдори гармии ҷудошудаи ин плитаҳоро ёбед. Энергияи дохилии онҳо чӣ гуна тағйир меёбад?
3. Барои ба 1°С гарм намудани ҷисми массааш 1 килограмми аз руҳ (Zn) сохташуда – 230 Ҷ, пӯлод – 500 Ҷ ва алюминий (Al) – 920 Ҷ сарф мешавад. Гармиғунҷоиши хоси ин моддаҳоро ёбед.
4. Аз ҷадвали дар китоби дарсӣ овардашуда нишон диҳед, ки кадоме аз моддаҳои дар он овардашуда гармиғунҷоиши хоси кам ва кадомаш гармиғунҷоиши хоси зиёд дорад? Гармиғунҷоиши хоси онҳо аз ҳамдигар чанд маротиба фарқ мекунад?
5. Массаи зарфи алюминий ба массаи оби дар дохили он буда баробар аст. Барои гарм кардани кадоме аз онҳо (зарф ё об) миқдори гармии камтар масраф мешавад. Чанд маротиба?

**АДАБИЁТ:**


1. Данилов М.А. Воспитание у школьников самостоятельности и творческой активности в процессе обучения // Советская педагогика, 1961. – №8. – С. 32-43.
2. Заякина Л.И. Обоснования комплексной системы организации самостоятельной работы студентов – первокурсников вуза: дис. канд. пед. наук. – Одесса, 1979.
3. Раҳимов, Б., Шукуров, Т., Раҷабов, П. Физика. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 10 / Б. Раҳимов, Т. Шукуров, П. Раҷабов. – Душанбе: Матбуот, 2006. – 266 с.
4. Сафарзода, П.У. Методикаи ташкили кори мустақилонаи хонандагон доир ба мавзӯъҳои «Дарозии мавҷ. Суръати паншавӣ» / П.У. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №6. – С. 263-268.
5. Шарифов, Д.Ш. Методика организации самостоятельных работ студентов с использованием дидактических материалов / Д.Ш. Шарифов, И.Д. Шарифов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – №1-1(51). – С. 139-145.


## КОРИ МУСТАҚИЛОНА – ҲАМЧУН ШАРТИ САМАРАБАХШИ АЗХУДКУНИИ ДОНИШҲОИ НАВ


Муаллиф қайд мекунад, ки ҳадафи асосии кори иҷрошуда ташкили кори мустақилонаи хонандагон бо мақсади бедор намудани майлу рағбати хонандагон аз фанни физика ва ҷалб намудани ҳамаи хонандагон ба раванди фаъоли донишомӯзӣ мебошад. Қисмати назариявии мақоларо принсипҳои дидактикӣ, кори мустақилонаи хонандагон ташкил дода, дар он ин принсипҳо бо дарназардошти татбиқшавиашон нишон дода шудаанд. Истифодаи принсипҳои дидактикӣ бо мақсади самарабахшии таълим дар алоқамандӣ бо навъҳои гуногуни корҳои мустақилона тавъам моҳияти мақсади гузошташударо ташкил додаанд. Самарабахшии корҳои мустақилона дар он зоҳир мегардад, ки агар он қисми таркибии раванди таълимро ташкил диҳад. Ин нуқта моҳияти калидии таълифотро пайгирӣ намуда, махсусиятҳои татбиқи принсипҳои дидактикӣ ба роҳнамоии корҳои мустақилонаро то охир нишон додаст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** тарбияи фаъолнокӣ ва мустақилият, ташаккулдиҳии мустақилият, супоришҳои назоратӣ, инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ, банақшадарории системаноки фаъолият, принсипҳои дидактикӣ, системаи корҳои мустақилона, принсипҳои дастрасӣ, пайдарпайӣ, алоқаи назария ва амалия.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Лутфияи Ҷӯрахон, ассистенти кафедраи физика, методикаи таълими физика ва технологияи масолеҳи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тел.: (992) 987-26-93-09.

## САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ РАБОТА – КАК УСЛОВИЕ ЭФФЕКТИВНОГО УСВОЕНИЯ НОВЫХ ЗНАНИЙ

Автор отмечает, что основной целью выполненной работы является организация самостоятельной работы учащихся с целью пробуждения желания и интереса учащихся к физике и привлечения всех учащихся к активному процессу усвоения новых знаний. Теоретическую часть статьи составляют дидактические принципы, самостоятельная работа учащихся. В ней эти принципы указаны с учётом их реализации. Использоваие дидактических принципов с целью эффективности обучения во взаимосвязи с различными видами самостоятельных работ составляют суть поставленной цели. Эффективность самостоятельных работ проявляется в том, что она составляет составную часть учебного процесса. Это положение прослеживает ключевую суть сочинения, до конца демонстрирует особенности дидактических принципов и направляет самостоятельную работу в определённое русло.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** воспитание активности и самостоятельности, формирование самостоятельности, контрольные задания, развитие интеллектуальных способностей, эффективное планирование деятельности, дидактические принципы, система самостоятельных работ, принципы доступности, последовательность, связь теории с практикой.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Лутфияи Джурахон, ассистент кафедры физики, методики преподавания физики и технологияи материалов Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Тел.: (992) 987-26-93-09.

## INDEPENDENT WORK AS A CONDITION OF EFFECTIVE ASSEMBLING NEW KNOWLEDGE

The author notes that the main purpose of the work performed is to organize students 'independent work in order to awaken the students' desire and interest in physics and to involve all students in the active process of assimilating new knowledge. The theoretical part of the article is made up of didactic principles, independent work of students. In it, these principles are indicated taking into account their implementation. The use of didactic principles for the purpose of teaching effectiveness in conjunction with various types of independent work is the essence of the goal. The effectiveness of independent work is manifested in the fact that it is an integral part of the educational process. This position traces the key essence of the composition, demonstrates to the end the peculiarities of didactic principles and directs independent work in a certain direction.

**KEY WORDS**: education of activity and independence, the formation of independence, control tasks, the development of intellectual abilities, effective planning of activities, didactic principles, a system of independent work, principles of accessibility, consistency, connection between theory and practice.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Lutfiyai Jurakhon, assistant of the department of physics, methods of teaching physics and technology and materials of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Phone: (+992) 987-26-93-09.

## МУШКИЛОТИ ОМОДАСОЗИИ ВАРЗИШГАРОН-БАСКЕТБОЛБОЗОН ДАР ШАРОИТИ МАКОТИБИ ОЛӢ

Ҳафизов Ҳ.С.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Баскетбол бозии маъмули варзишӣ мебошад. Хусусияти баланди эҳсосотӣ ва зуҳуроти гуногуни сифатҳои ҷисмонӣ ва малакаҳои ҳаракат, қобилиятҳои зеҳнӣ ва психологии миллионҳо мухлисонро ба бозӣ ҷалб мекунад. Баскетбол аз ҳаракатҳои табиӣ - рафтор, давидан, ҷаҳидан иборат аст. Амалҳои мушаххас – ҳаракати бидуни тӯб, таваққуф, гардиш, ҳаракат бо қадамҳои паҳлу, финтҳо, инчунин бо тӯб гузаштан, партофтан, муқовимат, ки ҳадафҳояш гирифтани ҳалқаи рақиб ва ҳимояи худ мебошад, зуҳури ҳама сифатҳои ҷисмонии барои инсон муҳим - суръат, қудрат ва қобилиятҳои ҳамоҳангсозӣ, чандирӣ ва тобовариро ба вуҷуд меорад [1]. Дар кор амалан ҳамаи системаҳои функсионалии бадан (системаҳои нафаскашӣ, дилу рагҳо, асабҳо, торҳои марказӣ ва канории асаб), аз ҷумла механизмҳои асосии таъминоти энергия иштирок мекунанд. Ноил шудан ба натиҷаи варзишӣ аз бозингарон мақсаднокӣ, матонат, устуворӣ, ҷасорат, эътимод ба худ, ҳисси коллективизмро талаб мекунад. Чунин таъсири ҳамаҷониба ва мураккаб ҳуқуқ медиҳад, ки баскетбол на танҳо як намуди шавқовар, балки яке аз василаҳои самарабахши тарбияи ҷисмонии ҷавонони донишҷӯ ҳисобида шавад

Проблемаи тайёр кардани варзишгарон - баскетболбозон дар шароити донишгоҳ ва мактаби миёна ҳамеша актуалӣ буд ва мебошад. Дар ниҳоят, ин синну соли 18-25 аст, ки давраи дастовардҳо ва соҳиб шудан ба натиҷаҳои варзишӣ дар баскетбол мебошад. Аммо дар айни замон, ин синну сол вақти таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ низ мебошад. Натиҷаҳои баландтаринро ҳам дар мамлакати мо ва ҳам дар хориҷа баскетболбозон бештар дар синни донишҷӯӣ ва аксар вақт ҳангоми таҳсил дар коллеҷҳо, донишкадаҳо, донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба даст меоранд. Аммо, омодасозии дастаҳои донишҷӯён, бахусус

дар донишгоҳҳое, ки ихтисоси тарбияи ҷисмонӣ надоранд, мушкилот ва вижагиҳои худро дорад. Ба касе пӯшида нест, ки барои ташаккул додани дастаи баскетбол чандин сол лозим аст. Ҳайати дастаи баскетболи донишҷӯён бошад мунтазам тағйир меёбад, зеро баъзе варзишгарон ба курси якум дохил мешаванд, баъзеи дигар донишгоҳро хатм мекунанд ва тарки даста менамоянд. Ғайр аз ин, мувофиқи вазифаҳои бозингарон муҷаҳҳаз кардани даста душвор аст: зеро дар донишгоҳ бозигарон маҳз ҳамон накш ва сатҳи омодагиро мегиранд, ки ба даста дар лаҳзаи лозимӣ зарур аст. Аз ин рӯ, таълими дастаи баскетбол низ бояд ба намунаҳои омодагии касбии донишҷӯён асос ёбад. Асоси омодагии касбӣ омезиши ҳамоҳангии рушди ҷисмонӣ, равонӣ ва зеҳнӣ мебошад. Танҳо дар сурати ҳалли бомуваффақияти ин мушкилот, дастаи баскетболбозон метавонад дар якҷоягӣ бо такмили фаъолияти касбии интихобкардаи худ муваффақият ба даст орад. Аз ин рӯ, масъалаи хусусиятҳои сохти раванди таълим барои донишҷӯёни баскетболбози донишгоҳҳо, коллеҷҳо, таҳқиқоти таҷрибавӣ ва асосноккунии таҳлилиро талаб мекунад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва олӣ усулҳои бозии баскетбол дар синф ва ихтиёрӣ истифода мешаванд. Инчунин, мусобиқаҳои сатҳҳои гуногун баргузор мешаванд, ки ба иштироккунандагони онҳо таъсири мусбати таълимӣ ва тарбиявӣ дорад. Ҷузъи варзиш дастовардҳои олӣ дар гузаштаи наздик, ба таври анъанавӣ ба усули «индустриалии» тайёр кардани варзишгарони синфҳои иловагӣ, дар асоси интихоби барвақти одамони боистеъдод ва ташаккули сифатҳои махсус дар онҳо дар шароити муассисаҳои махсуси таълимӣ ва тарбиявӣ (мактабҳои варзишӣ, мактаб-интернатҳо) равона карда шудааст [4]. Ин равиш афзалиятҳои муҳим дорад, аммо он аз камбудиҳои ҷиддӣ холӣ низ нест, ки касро водор месозад, дар баробари ин идеологияи алтернативиро барои рушди варзиш ба таври ҷиддӣ истифода барад [2]. Дар оянда, он амалан аз имкони амалӣ кардани худ дар намудҳои варзиши баланд маҳрум аст, гарчанде ки агар шароити зарурӣ барои варзиш фароҳам оварда шуда бошад, онҳо наметавонанд истеъдоди худро нишон диҳанд. Дар навбати гузариш аз категорияи синну соли ҷавонон (наврасон) ба варзиши калонсолон варзишгарони боғайрату боистеъдод, ки барои худшиносии минбаъда омодаанд, бинобар бархӯрд бо воқеиятҳои ҳаёти калонсолон: зарурати касб омӯхтан, пул кор кардан, ташкили оила ва ғайра бисёр чизҳоро аз даст медиҳанд. Рушди варзишии донишҷӯён, агар мушкилоти номбаршударо пурра ҳал накунад ҳам, метавонад онҳоро ба ҳадди ақал расонад. Ташаккул дар заминаи инфрасохтори донишгоҳ имкон медиҳад, ки барои фаъолиятҳои фаъоли варзишӣ бо имконияти ба даст овардани натиҷаҳои ҷиддии муқоисашаванда бо нишондиҳандаҳои варзиши касбӣ муҳити бароҳат ба вуҷуд оварда шавад. Ошкор сохтани истеъдодҳои варзишӣ дар марҳалаҳои баъдӣ ё инкишоф дода ба сатҳи дахлдори касбии тайёрӣ баровардани як варзишгари ҳаваскор, ки дар синни 17-18-солагӣ дар гурӯҳҳои касбӣ ҷойгоҳи худро пайдо карда натавонистааст.

Тавассути ҳузури доимии варзишгарон-донишҷӯён дар муҳити умумӣ варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солимро оммавӣ гардонидан мумкин аст. Албатта, барои ҳалли ин мушкилот, пойгоҳи варзишии донишҷӯён бояд дорои мавод ва кадрҳои мукаммал бошад, омезиши фаъолиятҳои ҷиддии варзишӣ бо таҳсилоти мукаммал тавассути такмил додани таъминоти моддию техникӣ, ҷадвали таълими васеъ, шароити мувофиқ барои машқҳои мустақил, шароити хуби зиндагӣ ва хӯрокхӯрӣ, тақвими дурусти варзишӣ ба роҳ монда, сарбории таълимӣ бояд ба назар гирифта шавад [5]. Айни замон ҳар як чорабинии назарраси оммавӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва дар марҳалаи муайян дар сатҳи умумӣ бояд ба афзалияти бечунучарои принсипҳои бозии одилона, адолатнокӣ дар муайян намудани беҳтаринҳо, шаффофият дар интихоб ва пешбарии варзишгарон ба сатҳҳои баландтари фаъолият асос ёбад [3].

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии кишвар аз таъмин намудани рушди варзишии донишҷӯён дар шакли пешниҳодшуда хеле дуранд, аммо ин маънои онро надорад, ки ҳаракат ба сӯи чунин шакл имконнопазир аст. Дар марҳалаи аввал бояд ду вазифаи асосӣ: таҷрибаи рақобат ва мустаҳкам намудани заминаи моддию кадрии варзиши донишҷӯён ҳал карда шаванд. Татбиқи ҷузъи воқеии варзишии лоиҳа тарҳрезӣ шудааст ва он қодир аст, ки:

1) барои пур кардани намудҳои баландсифати варзиш аз ҷониби варзишгароне, ки ба сатҳи касбии варзишии донишҷӯён «пухта» расидаанд, захираҳои иловагиро таъмин намояд;

2) барои ба таври васеъ фарогирии ҷавонони донишҷӯ ба фаъолиятҳои муназзами варзишӣ ҳам дар бахшҳои тахассусӣ ва ҳам ба шарофати оммавигардонии тарзи ҳаёти солим дар бахшҳои тарбияи ҷисмонӣ мусоидат намояд.

Илова ба ҷузъи варзишии дурнамои лоиҳаи «Рушди баскетболи донишҷӯён», ки як ҷузъи пурқудрат ва хеле муҳимтарини иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, мулоҳизаҳои зеринро пешниҳод кардан

мумкин аст: оммавият, яъне варзиши донишҷӯён омили тавонои гирдиҳамоӣ, солимии ҷисмонӣ ва рӯҳонии миллат буда, онро дар тобиши муносиби иҷтимоӣ нигоҳ медорад.

Фаҳмидани он муҳим аст аз як тараф, кишвар асосан аз оқибатҳои давраи зарбаи таназзули куллии ҷисмонӣ ва маънавӣ наҷот ёфт; на танҳо сарватманд ва муваффақ, балки шахси аз ҷиҳати ҷисмонӣ ташаккулёфта, муносиб ва пешгӯишаванда шудан буд ва бонуфуз шуда истодааст. Равандҳои қайдшуда ба ҷавонон, пеш аз ҳама, қисми «пешрафта»-и он, донишҷӯён низ дахл доранд. Рушди сатҳи варзиши донишгоҳӣ қодир аст, ки ин тамоюлро, ки барои давлат ва миллат бениҳоят мусоид аст, ба даст орад ва минбаъд ҳавасманд кунад. Баскетбол ҳамчун як намуди дурахшон ва «муд», дар муқоиса бо дигар намудҳои бозӣ, имкон медиҳад, ки коллективизм ва зоҳир кардани сифатҳои шахсӣ дар якҷоягӣ бо як қабати пурраи *субмаданиятҳои* муосири маъмули ҷавонон бехатарии нақши *«пилотӣ»*-ро таъмин кунанд, ки рушди он боиси рафъи оқибатҳои нокомӣ дар тарбияи ҷисмонӣ ва идеологӣ, буҳрони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки назаррас ва аёнанд, гардад.

**АДАБИЁТ:**


1. Баскетбол. Қоидаҳои бозӣ. – Санкт-Петербург, 2007.
2. Нестеровский М. Баскетбол. Назария ва методикаи таълим. – М.: Академия, 2004.
3. Вайнбаум Я.С. Гигиенаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш. – М.: Академия, 2002.
4. Власов А.М. Назорати ҳамаҷонибаи тарбияи ҷисмонӣ ва морфологии ҳолати функсионалии баскетболбозони ҷавони 12-15-сола. – М., 2004.
5. Баскетбол. 100 машқ ва маслиҳатҳо барои бозингарони ҷавон. – М.: Астрел, 2005.


## МУШКИЛОТИ ОМОДАСОЗИИ ВАРЗИШГАРОН-БАСКЕТБОЛБОЗОН ДАР ШАРОИТИ МАКОТИБИ ОЛӢ


Дар ин мақола дар хусуси бозии баскетбол ва ташаккули варзишгарон-баскетболбозон изҳори ақида шудааст. Муаллиф иброз медорад, ки масъалаи тайёр намудани варзишгарон-донишҷӯён дар шароити макотиби олӣ яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад. Хусусияти муҳимми ташаккули дастаи баскетболбозон дар чунин муассиса дар он аст, ки ҳайати он мунтазам нав шуда меистад.

Муаллиф инчунин ҷиҳати мустаҳкам намудани пойгоҳи варзишӣ ва ба туфайли варзиш тарғиб намудани тарзи ҳаёти солим як қатор мулоҳизоти хешро пешниҳод намудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** баскетбол, давидан, ҷаҳидан, гузаштан бо тӯб, рақиб, ҳимоя, матонат, устуворӣ, ҷасорат, тарбияи ҷисмонӣ, тарзи ҳаёти солим.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Ҳафизов Ҳафизҷон Сайдалиевич, ассистенти кафедраи варзиш ва омодагии дифои Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 901-91-11-80.


## ПРОБЛЕМЫ ПОДГОТОВКИ СПОРТСМЕНОВ-БАСКЕТБОЛИСТОВ В УСЛОВИЯХ ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ


В этой статье высказывается мысль о такой игре как баскетбол и формировании спортсменов-баскетболистов. На взгляд автора, проблема подготовки спортсменов-студентов в условиях вуза считается одной из важных проблем. Важная особенность формирования баскетболной команды в вузе заключается в том, что постоянно изменяется ее состав.

Автор также предлагает свои взгляды по укреплению здоровья посредством спорта и пропаганде здорового образа жизни.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** баскетбол, бег, прыжки, преодоление препятствия с мячом, соперник, защита, умение, устойчивость, смелость, физическое воспитание, здоровый образ жизни.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Хафизов Хафизджон Сайдалиевич, ассистент кафедры физической культуры и начальной военной подготовки Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 901-91-11-80.


## PROBLEMS OF TRAINING BASKETBALL ATHLETES IN THE CONDITIONS OF HIGHER SCHOOL


This article expresses the idea of such a game as basketball and the formation of basketball athletes. In the author's opinion, the problem of training student athletes in the conditions of a university is considered one of the important problems. An important feature of the formation of a basketball team at a university is that its composition is constantly changing.

The author also offers his views on health promotion through sports and the promotion of a healthy life brother.



**KEY WORDS:** basketball, running, jumping, overcoming obstacles with the ball, opponent, defense, skill, stability, courage, physical education, healthy lifestyle.



**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Hafizov Hafizjon Saydalievich, assistant of the department of physical culture and initial military training of the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 901-91-11-80.

# НАҚШИ ЭКСКУРСИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИ ТАБИАТДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ V-IX

Раҳмонов Ҳ.Ш., Ҷалилова М.П.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Экскурсия яке аз шаклҳои машғулиятҳои беруназмактабӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, шавқу завқ, дараҷаи донишандӯзӣ, маҳорату малака ва фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон буда, тибқи нишондоди барномаҳои таълимии фанҳои биология ва экология, моҳе на кам аз 1 маротиба ташкил ва гузаронида мешавад. Дар доираи барномаҳои таълимӣ ва нақшаҳои тақвимии муаллимони силсилабандҳои фанҳои зистшиносӣ (табиатшиносӣ дар синфҳои I-IV), ботаника (дар синфҳои V-VI), зоология (дар синфҳои VII-VIII), экология, анатомия ва физиологияи одам (дар синфҳои IX), экскурсияҳо ба гармхонаҳо, хоҷагиҳои чорводорӣ, табиат, боғҳои истироҳатию фароғатӣ, осорхонаҳои кишваршиносӣ, бо мақсади бедор ва ташаккул додани шавқу завқ, ҳисси табиатдӯстӣ, шиносоӣ ба гуногунии олами набототу ҳайвоноти маҳал, омӯхтану муайян намудани гуногуншаклии растаниҳою ҳайвонот, тарзи ҳаётгузаронии онҳо, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усулҳои судманди ҳифзи сарвату бойигариҳои гаронбаҳои табиӣ, чун об, замин, канданиҳои фоиданок, намудҳои системаҳои экологӣ (биосенозҳо) ташкил ва гузаронида мешаванд.

Дар раванди гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ, маълум гардид, ки ҳангоми ташкили экскурсияҳо муаллимони биология, ба чунин самтҳои методии онҳо эътибор медиҳанд, аз ҷумла:

1. Дар ниҳоди хонандагон ташаккул додани шавқу завқ, маҳорату малака ва донишҳои мукаммал доир ба хусусиятҳои биологию экологии табиати маҳал, тағйироти мавсимӣ дар ҳаёти растаниҳо ва ҳайвоноти маҳал ва кишвари худ;
2. Ташаккул додани шавқу завқ ва фаъолияти маърифатӣ-таълимии хонандагон оид ба боҳамалоқамандии олами наботот бо омилҳои муҳити сукунати ҳаётгузаронӣ ва мутобиқшавии онҳо бо омилҳои шароити муҳити зист (об, ҳаво, рӯшноӣ, гармӣ, нурҳои офтоб, инчунин, ҳифзи самараноку оқилона истифодабарии бойигариҳои табиӣ;
3. Дар замири хонандагон ташаккул додани ҳисси табиатдӯстӣ, маҳорату малака, шаклу усулҳои омӯзиш ва муқоисакунии мавзеъҳои биологию экологӣ ва нигоҳубину парвариши растаниҳои ғалладонагӣ, полезӣ, равғандиҳандаю нахдиҳанда ва амсоли онҳо.

Аз рӯи мушоҳидаҳои мо, баъзе аз муаллимони биология ва экология экскурсияҳоро ба табиат ниҳоят кам мегузаронанд, яъне онҳо аҳамияти онро барои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, роҳу усулҳои муҳофизати табиату унсурҳои он (об, замин, ҳаво, хок ва ғайраҳо)-ро чандон хуб дарк намекунанд.

Аз омӯзиш, таҳлил, муоина ва тадқиқи сарчашмаҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ бармеояд, ки роҳу усул ва методикаи ташкилу гузаронидани экскурсияҳои биологию экологӣ ва нақши онҳо дар ташаккули шавқу завқ, рағбат, дониш, маҳорату малака ва фаъолияти тарбиявӣ ва таълимию маърифатии хонандагон дар таҳқиқоти олимон: Абдуллозода Х. [1, с. 6-8], Антонов П.Ф. [2, с. 45-47], Беляева Л.Т. [3, с. 84-86], Верзилин Н.М. [4, с. 110-112], Галвин В.М. [7, с. 92-98], Иванов П.В. [9, с. 188-192], Ковал Л.К. [11, с. 120-124], Ковтун В.А. [12, с. 61-72], Мирзоев С.С. [13, с. 154-155], Евдокимова Р.М. [8, с. 89-92], аз нигоҳи педагогӣ, психологӣ ва дидактикӣ тавсиф гардидаанд. Қайд мешавад, ки экскурсияҳои биологию экологӣ аҳамияти таълимӣ, тарбиявию маърифатӣ ва эстетикӣ дошта, хонандагонро бо гуногунии олами набототу ҳайвонот шинос мекунад, дар замири онҳо тассавуротро оид ба ҳодисаҳои табиати зинда бедор менамоянд.

Экскурсияҳои биологӣ яке аз шаклҳои машғулиятҳои беруназмактабӣ буда, дар ниҳоди толибилмон шавқу завқи зебопарастӣ, ҳисси табиатдӯстӣ ва ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатиро таҷассум менамоянд.

Ба ақидаи К.П. Ягодовский [14, с. 178-182], «Мақсади асосии ҳар як экскурсияи табиӣ–таърихӣ на танҳо ба хонандагон нишон додани унсурҳои табиату қориазёд кардани баъзе аз намуду номҳои онҳо, балки омӯзонидан, ҷустуҷӯ ва дарёфти заминаҳои инкишофи таърихии даҳҳо организмҳои зинда ва тавсифи хусусиятҳои морфологию физиологии баъзе аз номгӯи ҳайвоноту растаниҳо дар шароитҳои табиӣ ба шумор мерава».

Дар назария ва амалияи таълими силсилабандҳои биология аз нигоҳи педагогӣ ва дидактикӣ нисбат ба ташкил ва гузаронидани экскурсияҳои биологӣ чунин меъёру талабот тавсия карда мешавад:

1. Экскурсия ҷузъи таркибии машғулиятҳои барномаҳои таълимӣ ба шумор меравад;

2. Пеш аз ташкил ва гузаронидани экскурсияҳои биологию экологӣ, ҷой, мавзеъ, масоҳати роҳ ва бехатарии хонандагон, бояд ба эътибор гирифта шавад;

3. Ҳангоми таҳия ва тартиб додани нақшаи экскурсия, ба муаллимон лозим аст, ки асбобу анҷомҳои аёнӣ (тӯри симӣ барои гербарияҳо, асбобҳои ҷарроҳӣ барои тайёр намудани коллексияи ҳашарот, хӯсаи хазандагону парандагон, аппарати суратгирӣ ва ғайраҳо)-ро пешакӣ омода намоянд;

4. Ба муаллимон лозим аст, ки экскурсияи навбатиро ба мавзӯъ ва мундариҷаи экскурсияҳои қаблӣ алоқаманд намоянд.

Дар заминаи таҳқиқоти педагогҳо ва методистони соҳаи биология ва бандҳои табиатшиносӣ Калинина О.А. [10, с. 70-72], Б.В. Всесвятский [6, с. 170-174], Н.М. Верзилин ва В.М. Корунская [5, с. 180-184], мо низ аз таҷрибаи пешқадами муаллимони биологияю экологияи мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ш. Кӯлоб ва гурӯҳи ноҳияҳои вилояти Хатлон, инчунин натиҷаҳои ниҳоии корҳои илмии хеш истифода бурда, чунин намунаи тахминии нақшаи экскурсияҳоро пешниҳод менамоем:

1. Мақсад ва мундариҷаи экскурсия;
2. Марҳалаҳои экскурсия;
3. Мундариҷа ва методикаи ташкилу гузаронидани экскурсия, мавзеъ, масофа ва объектҳои омӯзиш;
4. Мавзӯъ ва нақшаи экскурсия;
5. Ҷой, муҳлат ва вақти гузаронидани экскурсия;
6. Натиҷаҳои ниҳоии бадастдароварда ва хулосаҳо;
7. Истифодаи асбобҳои аёнӣ (гербарияҳо, коллексияи ҳашарот, хӯсаҳои парандагону хазандагон ва амсоли онҳо);
8. Ҷамъбасти натиҷаҳои экскурсия, аз ҷониби муаллимон ва хонандагон навиштани ҳисобот;
9. Ташкил кардани албомҳо барои расмкашӣ, тайёр намудани гербарияҳои растаниҳои доругӣ, коллексияи ҳашарот;
10. Дар ҷараёни дарсҳо, машғулиятҳои амалӣ ва ороиши кабинети биология истифода шудани маводи дар раванди экскурсия тайёргардида;
11. Ҷамъбасти натиҷаҳои экскурсия ва супоришҳои мустақилонаи гурӯҳҳо;
12. Ҳавасманд намудани хонандагоне, ки супоришҳои гурӯҳӣ ва муаллимонро хуб ҷамъбаст ва натиҷабардорӣ намуданд.

Экскурсияҳои биологию экологӣ, аз як тараф, боиси мунтазам ҷамъбаст намудани мавзӯъҳои барномаи таълимӣ гардида, аз тарафи дигар, барои пайдарпай омӯхтани гуногунии олами набототу ҳайвоноти кишвари худ аз ҷониби хонандагон боис мегардад.

Муваффақияти гузаронидани экскурсия бисёртар аз тайёрии омӯзгор ва хонандагон вобаста мебошад. Лозим аст, ки вазифаҳои экскурсия ботартиб, возеҳ, мураттаб муайян карда шаванд. Дар дарси пеш аз экскурсия алоқаи зарурӣ бо мундариҷаи мавзӯи омӯхташуда барқарор мешавад. Саволхое пешниҳод мешаванд, ки дар раванди экскурсия муҳокима мегарданд, дар байни хонандагон вазифаҳо ва супоришҳо барои мушоҳидакорӣ ва ҷамъоварии мавод (гербарияҳо, коллексияи ҳашарот, хӯсаи парандагону хазандагон ва ғайраҳо) тақсим карда мешаванд.

Гузаронидани экскурсия дар маконе, ки ба он омӯзгор шинос нест тамоман манъ аст. Омӯзгор ҳатман бо он ҷой бояд шинос бошад. Як-ду рӯз пеш аз экскурсия, ӯ бояд ба макони гузаронидани экскурсия биёяд, чунки дар як вақти кӯтоҳ метавонад дар он ҷо баъзе тағйирот ворид гарданд. Ӯ макони гузаронидани экскурсияро аз назар мегузаронад, объектҳои асосӣ – истгоҳҳоро барои фаҳмонидан, гузаронидани корҳои мустақилона, ҷамъоварии мавод барои ҷамъбасти суҳбат ба қайд мегирад. Роҳҳои гузаронидани экскурсия, ҷойҳои гузариш, истгоҳҳо ва ҷойҳои истироҳатӣ тайёр карда мешаванд.

Дар вақти пешакӣ омӯхтани объектҳои табиӣ муҳим аст, ки на танҳо шумораи онҳо муайян карда шавад, балки дар атрофи методҳои гузаронидани экскурсия дар ин ё он истгоҳ бояд фикр кард. Усулҳо ё худ методҳо вобаста ба мундариҷа ва макони гузаронидани экскурсия бояд гуногунранг бошанд. Агар омӯзгор бо олами набототи ва ҳайвонот, яъне табиати зиндаи ин марз кам шиносоӣ дошта бошад, бисёр зарур мешавад, ки аз гербарияҳо, коллексияҳо, адабиёти маълумотдиҳанда ва муайянкунандагони растаниҳо ва олами ҳайвонот дидан намояд. Чунин кори пешакӣ ба омӯзгор ёрӣ медиҳад, ки нақшаи кории гузаронидани экскурсияро тартиб диҳад.

Хонандагон бояд бо асбобҳо ва сару анҷомҳои зерин: блокнотҳо (дафтарчаи бақайдгирӣ) ва қалам барои навиштан, қуттиҳо барои ҷамъоварии мавод, пурбин, асбобҳои симтурӣ ва дигар таҷҳизот вобаста ба мазмуну мундариҷаи экскурсия таъмин бошанд.

Омӯзгор чӣ барои дарс ва чӣ барои экскурсия нақшаи гузаронидани онро тартиб медиҳад ва конспект менависад. Дар онҳо қисматҳои зерин муайян карда мешаванд:

Мавзӯи экскурсия, мақсад ва вазифаҳои он. Самти экскурсия. Бояд ба назар гирифт, ки самти экскурсия «ин роҳи ҳаракати мактаббачагон не», балки мантиқан алоқамандии байниҳамдигарӣ бо объекти корӣ, истгоҳҳо барои мушоҳидакориҳо ва омӯзиши предметҳо ва ҳодисоти табиат мебошад.

Таъминоти экскурсия: таҷҳизоти зарурӣ барои омӯзгор, барои иҷроиши кори мустақилонаи хонандагон ва барои ҷамъ овардани маводи табиӣ: пешакӣ ё сари вақт тайёр кардани варақаҳо-саволномаҳо ва супоришҳо барои фаъолияти фардӣ ва гурӯҳии хонандагон дар экскурсия. Суҳбати муқаддимавӣ доир ба мавзӯи экскурсия ва тақсимоти супоришҳо (5-7 дақиқа). Кори мустақилона доир ба супоришҳо (20 дақиқа). Ҳисобот доир ба иҷроиши супоришҳо, муҳокимарониҳо, мушоҳидакориҳо, ҷамъоварии маводи воқеӣ ва ҳақиқӣ доир ба мавзӯи экскурсия, ҷамъбасти онҳо (10-15 дақиқа). Суҳбати ҷамъбастӣ доир ба мавзӯи экскурсия (3-5 дақиқа). Аз назар гузаронидани марз ё майдони экскурсия ва тарзи гузаронидани марз ё майдони экскурсия ва тартиби гузаронидани он. Хулосаи умумӣ дар бораи экскурсия (дар табиат). Коркарди мавод ва тайёрии ҳисобот, ахборот дар синфхона аз ҷониби хонандагон.

Экскурсия на он қадар бояд дуру дароз бошад ва ба дарсу лексия монандии зиёд ва шабоҳати калон надошта бошад. Мазмуну мундариҷаи экскурсия мавзӯъ ва мақсади онро пайгирӣ намуда, ба он бояд мувофиқ бошад.

Экскурсия одатан аз сарсухан бо проблема ё масъалагузорӣ, ҳикоят, нақл ва суҳбат оид ба мавзеи омӯхташаванда оғоз мегардад. Сипас, омӯзгор мақсад ва супоришҳои фардиро барои хонандагон шарҳу эзоҳ медиҳад, вақт ва макони иҷроиши онҳоро муайян месозад (на зиёдтар аз 20 дақиқа). Супоришҳо метавонанд умумӣ барои гурӯҳ бошанд, ё ин ки гуногун барои ҳар як-ду ё се хонандаи мактаб.

Ҳангоми иҷроиши корҳои мустақилона омӯзгор аз ҳамаи хонандагони гурӯҳ дидан мекунад, дар ёфтани объектҳои лозимӣ ба онҳо ёрӣ медиҳад, мушоҳидакориҳоро таҳлил мекунад, шарҳу эзоҳ медиҳад, маводи заруриро барои экскурсияи оянда тайёр мекунад. Дар вақти муайянкардашуда хонандагон якҷоя ҷамъ мешаванд, кори иҷрошуда, ҳамчунин мушоҳидакориҳо ва дарёфтҳоро муҳокима мекунанд. Риоя намудани тартиботи муайян дар ҳисоботи хонандагон доир ба корҳои мустақилона ба таҳлили мазмуни мавзӯи экскурсия ёрӣ медиҳад. Омӯзгор ахбороти хонандагонро илова ва ҷамъбаст мекунад, ёрӣ медиҳад, ки маводи ҷамъовардашударо дуруст барои гербарикунонӣ (шахсӣ ё барои мактаб) ҷо ба ҷо кунанд, тавсия медиҳад, ки ҳайвонҳоро сар диҳанд, растаниҳоро дар ҷояшон гӯронанд. Омӯзгор иҷозат медиҳад, ки хонандагон растаниҳои хурд ё ҳайвончаҳои майдаро, танҳо барои гӯшаи зиндаи мактаб ва шинонидан дар қитъаи таълимӣ-таҷрибавии мактаб, ҳамроҳашон гиранд. Ба ёд гиред, ки экскурсия ин сайру гашт не, балки як қисми ҳатмии барномаи таълимӣ ва машғулиятҳои таълимӣ (дарсҳо) мебошад.

Экскурсияҳои биологию экологӣ вобаста ба макони баргузорӣ ва мавзӯъҳои барномаҳои таълимӣ, мазмуну мундариҷаи мавзӯъ одатан дар фаслҳои баҳор, тирамоҳ ва ҳатто зимистон низ ба таври ҷорӣ (дар давоми сол) ва хулосавӣ (барои ҷамъбасти мавод) гузаронида мешаванд.

Дар асоси талаботи педагогӣ, дидактикӣ ва умумибиологӣ экскурсияҳои муқаддимавӣ, яъне ба хонандагон тавсия намудани саволҳо ва супоришҳо оид ба ҷамъоварии маводи зарурӣ (гербарияҳо, коллексияҳои ҳашарот, хӯсаи хазандагону парандагон ва ғайраҳо), экскурсияҳои хулосавӣ, аз ҷумла шиносонидани хонандагон ба табиат, объктҳо, ҳодисот, қонуниятҳо ва ғайраҳо дарк карда мешавад.

Экскурсияҳо ҳам барои худи омӯзгорон ва ҳам толибилмон нақши муҳим дорад, зеро ӯ бо ҳамроҳии хонандагон рӯ ба рӯи табиат истода, вазифаи худро бениҳоят хуб дарк месозад, ки акнун ӯ вазифаи табиатшиносиро хеле ҳам нағз медонад, табиати зиндаро мешиносад ва мефаҳмад. Зарурат пайдо мешавад, ки бахри ҷараёни таълим гербарияҳо ва коллексияҳо ҷамъ карда шаванд, бо асбобҳои муайянкунанда кор карда тавонистан, маҳорати табиатшиносии худро сайқал додан, донишҳои ботаникӣ, зоологӣ ва экологиро васеъ намудан мебошад.

Экскурсияи мактабӣ шакли коргузории таълимию тарбиявӣ бо синф ё гурӯҳи хонандагон буда, мақсади асосии он ба ҳарчи бештар бо объектҳою унсурҳои табиат дар шароити табиӣ, дар алоқамандӣ ба барномаҳои таълимӣ ва мавзӯъ, аз ҷониби омӯзгорону методистони касбии сикли фанҳои зистшиносӣ интихоб шудаанд, иборат мебошад.

## АДАБИЁТ:

1. Абдуллозода Ҳ. Формирование познавательных интересов у учащихся V-VII классов в процессе внекласной деятельности. НИИП. – Душанбе, 2002.
2. Антонов П.Ф. Ботанические экскурсии в V-VI классах средней школы. – Москва, 1970.
3. Беляева Л.Т. Ботанические экскурсии. – М.: Просвещение, 1968.
4. Верзилин Н.М. Общая методика преподавания биологии. – М.: Просвещение, 1976.
5. Верзлин Н.М., Корсунская В.М. Методикаи умумии таълими биология. – М., 1983.
6. Всесвятский Б.В. Проблемы дидактики биологии. – М.: Просвещение, 1969.
7. Галвин В.М. Комплексные экскурсии как форма природоохранительного воспитания учашихся V-VI классов. – Л. 1987.
8. Евдакимова Р.М. Машғулияти ғайрисинфӣ аз фанни биология. Лицей, 2005.
9. Иванов П.В. Педагогические основы школьного криеведения. – Петрозаводск, 1966.
10. Калинина О.А. Ботанические экскурсии // Биология в школе. – 1998. – №4. – С.70-72.
11. Ковал Л.К. Осенная экскурсия в природу. МП РСФСР, НИИ школ. – М., 1974.
12. Ковтун В.А. Сезонные экускурсии в природу как средство воспитания у учащихся бережного отношения к природе. МП РСФСР, МГПИ. – М., 1986.
13. Мирзоев С.С. Нақши экскурсия дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифати экологии хонандагон. – Кӯлоб.
14. Ягодовский К.П. Вопросы общей методики естествознания. – М.: Учпедгиз. 1957.

## НАҚШИ ЭКСКУРСИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИ ТАБИАТДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ V-IX

Дар ин мақола шаклҳо ва усулҳои гуногуни гузаронидани экскурсияҳо дар алоқамандии зич бо барномаи таълимии фанҳои биологӣ, бо мақсади ташаккули ҳисси муҳаббат ва фаъолияти таълимиву маърифатии хонандагони мактабҳои миёнаи умумии ш.Кӯлоб ва як гурӯҳ ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таъкид шудааст.

Дар баробари ин, муаллифон як қатор тавсияҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ оид ба роҳҳо, шаклҳо, усулҳо ва шароити методологии ташкил ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва методистони фанҳои биологӣ ва экологиро, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Хатлон кор мекунанд, пешниҳод кардаанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** биология, экология, экскурсия, педагогика, дидактика, методика, технология, гербария, коллексия, наботот, кишваршиносӣ, биосенозҳо, морфология, физиология, анатомия, машғулият, табиат.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛИФОН:** Раҳмонов Ҳабибулло Шарбатович, ассисенти кафедраи биология ва методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тел.: (+992) 988-51-21-61.

Ҷалилова Мушкиниссо Подабоновна, ассисенти кафедраи биология ва методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тел. (+992) 988-62-78-20; e-mail: surob.dosaev@mail.ru

## РОЛЬ ЭКСКУРСИИ В ФОРМИРОВАНИИ ЧУВСТВА ЛЮБВИ К ПРИРОДЕ У УЧАЩИХСЯ V-IX КЛАССОВ

В данной статьи освещены различные формы и методы проведения экскурсии в тесной связы с учебнимы программамы высше указанных дисциплин, с целью формирования чувства любви и учебно-познавательной деятельност и учащихся общеобразовательных школ г. Куляба и группы районов Кулябского региона Хатлонской области.

Наряди с этим, авторами приведены ряд научно-теоретических и практических рекомендации по совершенствованые пути, формы, методы и методические условия организации и проведения внешкольных занятий и методистам биолого-экологических дисциплины работаюших в общеобразовательных учереждениях Хатлонской области.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** биология, экология, экскурсия, педагогика, дидактика, методика, технология, гербарий, коллекция, флора, география, биоценозы, морфология, физиология, музеи, анатомия, род занятий, природа.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Рахмонов Хабибулло Шарбатович, ассисент кафедры биологии и методики преподавания биологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Тел.: (+992) 988-51-21-61.

Джалилова Мушкиниссо Подабоновна, ассисент кафедры биологии и методики преподавания биологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Тел.: (+992) 988-62-78-20; e-mail: surob.dosaev@mail.ru

## THE ROLE OF THE EXCURSION IN THE FORMATION OF A FEELING OF LOVE FOR NATURE AND EDUCATIONAL AND COGNITIVE ACTIVITY OF STUDENTS IN GRADES V-IX IN THE STUDY OF BIOLOGICAL AND ECOLOGICAL DISCIPLINES

This article also highlights various forms and methods of conducting excursions in close connection with the curriculum of higher disciplines, in order to form a feeling of love and educational and cognitive activities and students of secondary schools in Kulyab and a group of districts of the Kulyab region of the Khatlon region.

Along with this, the authors provide a number of scientific, theoretical and practical recommendations on improved ways, forms, methods and methodological conditions for organizing and conducting extracurricular activities and methodologists of biological and ecological disciplines working in general educational institutions of Khatlon region.

**KEY WORD:** biology, ecology, excursion, pedagogy, didactics, methodology, technology, herbarium, collection, nabotot, kishvarshinos, biosenosis, morphology,physiology, museum, anatomy, mashghuliyat, tabiat.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Rahmonov Habibullo Sharbatovich, assistant of the department of biology and methods of teaching biology of Kulob satae university named after Abuabdullohi Rudaki. Phone: (+992) 988-51-21-61.

Jalilova Mushkinisso Podabonovna, assistant of the department of biology and methods of teaching biology of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Phone: (+992) 988-62-78-20; e-mail: surob.dosaev@mail.ru

## РОҲҲОИ БАЛАНДБАРДОРИИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИИ МАТЕМАТИКИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

Шарофиддини Ю., Сатторов А.Э.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Баландбардории қобилияти зеҳни математикии хонанда дар ҳама давру замон яке аз масъалаҳои мубрами таълим буда, он аз аҳамияти омӯзиши проблемаи рушди тафаккури математикӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ, аз тағйироти сифатии ниёзҳои ҷомеа вобаста аст ва дар навбати худ омода кардани шахсони эҷодкорро, ки дар оянда имконияту малакаҳои худро барои баланд бардоштани сифати таълими математика ва ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ истифода бурда тавонанд, таъмин менамояд. Дар ин ҷода математика ҳамчун як воситаи баландбардорӣ чунин имкониятҳоро дорад ва он мусоидаткунандаи рушди зеҳнии хонандагон аст. Бинобар ин, солҳои охир усулҳои тадқиқоти математикӣ ба чунин илмҳо, ба монанди химия, биология, забоншиносӣ, тиб, педагогика, психология, ҳуқуқ ва бостоншиносӣ бештар ворид шуданд [5].

Мусаллам аст, ки баландбардории қобилияти зеҳнии математикии хонандагони синфҳои болоӣ аз рушди тафаккури математикии онҳо, ки то ин муддат ба кадом дараҷа самтҳои муҳимми амалияи таълими замони муосирро оид ба математика дар раванди таълим аз бар намудаанд, вобастагии қавӣ дорад. Тафаккури математикии хонандагони синфҳои болоӣ, ба ғайр аз қонунҳои умумии фаъолият, хусусиятҳои фарққунандаи худро низ доранд ва онҳо ба хусусиятҳои фанҳои омӯхташаванда, хусусиятҳои усулҳои омӯзиши онҳо, инчунин аз раванди дониши маърифатии онҳо, ки то ин муддат аз бар намудаанд, вобастагӣ доранд. Тафаккури математикии хонандагони синфҳои болоӣ ин воситае ҷиҳати шинохти умумигардонидашудаи воқеияти объективист ва он тавассути амали рамзҳои математикӣ, системаҳои аломатҳо, қонунҳо ва муносибатҳои математикӣ дар асоси қонунҳои мантиқӣ амалӣ карда мешавад.

Барои баланд бардоштани зеҳни математикии хонандагони синфҳои болоӣ ба омӯзгорон зарур аст, ки дар раванди таълим аз усулҳои навини математикии технологияҳои замони муосир истифода баранд, то ки он бевосита ба баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯён равона гардад ва ин равand аз онҳо бо тасвири мувофиқ талошҳои пайваста ва амалҳои самаранокро талаб менамояд.

Қадами аввалине, ки ҷиҳати баланд бардоштани зеҳни математикии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълим гузошта мешавад, аз пайдарҳамии мантиқии мавзӯъҳои овардашуда вобаста аст. Яъне, агар дар раванди таълими математика пайдарҳамии ҳалли мисолу масъалаҳо мантиқан дуруст ба роҳ монда шавад, он гоҳ таваҷҷуҳи донишҷӯён низ зиёд мегардад.

Масъалаи дигаре, ки дар замони муосир барои муаллими математика дар мадди аввал меистад, ин баландбардории қобилияти зеҳнии математикии хонандагон аст, ки онро на танҳо бо ёрии формулаҳо ва қоидаҳои зиёд, балки бо ёрии технологияҳои иттилоотии ҳозиразамон амалӣ кардан бояд имконпазир бошад. Бинобар ин, омӯзгорони имрӯзаро зарур аст, ки новобаста аз ихтисос, онҳо бояд барои азхуд намудани технологияҳои навини дар раванди таълим мувофиқро, ки барои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯён ва зеҳни математикии хонандагон мусоидат менамояд, самаранок истифода бурда тавонанд.

Дар ҳақиқат, аз тарафи омӯзгор ҳангоми таълим бояд чунин фазое ташкил карда шавад, ки дар он ташаббускорӣ, рушди зеҳни математикӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон эҳсос гардида, онҳо мавзӯъҳоро амиқтар ва мукаммалтар омӯзанд ва ба ҳамин тарз, тафаккури донишҷӯён рушд ёбад. Илова бар ин, дар ин раванд алоқамандии байнифаннӣ низ бояд ба роҳ монда шавад [3]. Амалишавии ин ҳолат низ боиси баланд шудани зеҳни математикии хонандагон ва рушди маърифатии онҳо мегардад.

Тавсияҳои дар боло зикргардидаро бо мисолҳои зерин мавриди муҳокима қарор медиҳем.

Графики функсияи $y = ax^2$-ро мисли графики функсияи $y = x^2$ бо усули «нуқтаҳо» тасвир менамоем. Саравал ҳолатеро мебинем, ки дар он $a > 0$ бошад. Дар як системаи координатаҳо графики функсияи $y = ax^2$- ро ҳангоми $a = 1; 2; 3$ будан месозем (расмҳои 1 ва 1 а). Дар ҳар се ҳолат ҳам графикҳои ҳосилшуда ба тири ордината симметрӣ буда, дар нимҳамвории болоӣ воқеанд, яъне шохаҳои ин параболаҳо ба боло равонаанд. Қуллаи умумиашон ибтидои координата ва тири симметрияи ҳар се график тири ордината мебошад. Аз расмҳои 1 ва 1а намоён аст, ки $a$ ҳар қадар калон бошад, шохаҳои параболаи $y = ax^2$ ҳамон қадар рост ва $a$ ҳар қадар хурд бошад, шохаҳо ҳамон қадар паҳн мешаванд, яъне аз тири симметрӣ бо афзудани аргумент дур мешаванд [1, с. 34]. Графикҳои дар расми 1 овардашуда дар интервали аз -3 то 3 тасвир карда шудааст.

Дар расми 1 графикҳои функсияҳои намуди $y = x^2$; $y = 2x^2$ ва $y = 3x^2$ дар интервали аз -3 то 3 тасвир карда шудаанд.




*Расми 1.*

Дар расми 1а графики функсияи намуди $y = x^2$ дар интервали аз -7 то 7, графики функсияи намуди $y = 2x^2$ дар интервали аз -5 то 5 ва графики функсияи намуди $y = 3x^2$ дар интервали аз -4 то 4 тасвир гардиудааст.

Графикҳои дар расми 1а овардашуда дар интервалҳои гуногун, чунончи аз -7 то 7, аз -5 то 5 ва аз -4 то 4 тасвир карда шудаанд.




*Расми 1 а.*

Акнун ҳолати $a < 0$-ро дида мебароем. Дар расмҳои 2 ва 2а хати каҷи $y = ax^2$, ҳангоми $a = -1$; $-2$; $-3$ будан тасвир ёфтааст.

Қуллаи умумии ин параболаҳо ибтидои системаи координатаҳо буда, тири ордината барои ҳар яки ин хатҳо тири симметрӣ аст. Бузургии мутлақи $a$ ҳар қадар калон бошад, шохаҳои парабола ҳамон қадар рост мешавад; $|a|$ ҳар қадар хурд бошад, шохаҳои парабола ҳамон қадар паҳн мешаванд [1, с. 34]. Графикҳои дар расми 2 овардашуда дар интервали аз -3 то 3 тасвир карда шудаанд.

Дар расми 2 графикҳои функсияҳои намуди $y = -x^2$; $y = -2x^2$ ва $y = -3x^2$ дар интервали аз -3 то 3 тасвир ёфтаанд.




*Расми 2.*

Дар расми 2а графики функсияи намуди $y = -x^2$ дар интервали аз -7 то 7, графики функсияи намуди $y = -2x^2$ дар интервали аз -5 то 5 ва графики функсияи намуди $y = -3x^2$ дар интервали аз -4 то 4 тасвир карда шудааст.

Графикҳои дар расми 2а овардашуда дар интервалҳои гуногун, чунончи аз -7 то 7, аз -5 то 5 ва аз -4 то 4 тасвир ёфтаанд.




*Расми 2 а.*

Графикҳои расмҳои 1 ва 2-ро дар якҷоягӣ тасвир кардан мумкин аст (расми 3).




*Расми 3.*




*Расми 3а.*

Ба ҳамин тарз графикҳои расмҳои 1а ва 2а-ро дар якҷоягӣ тасвир кардан мумкин (расми 3а).

Агар ин раванд ҳангоми омӯзиши математика хуб ба роҳ монда нашавад, хонандагон дар омӯзиши минбаъдаи математика дучори мушкилоти ҷиддӣ мегарданд. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки азхудкунии пурраи мазмуни дарсро таҳти назорати хеш қарор дода, ба баланд шудани рушди зеҳнии онҳо диққати аввалиндараҷа диҳад.

Ба ҳар як муаллими финни математика зарур аст, ки аз усулҳои муосири таълими математика бохабар бошад, яъне аз технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим истифода бурда тавонад. Инчунин, муаллими фанни математикаи имрӯза бояд донишҳои математикии азхудкардаашро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла технологияи муосир коркард ва татбиқ карда тавонад, зеро равандҳо низ метавонанд ба рушди зеҳни математикии хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат намоянд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳанд, ки дониши математикӣ дар муассисаи таълимии миёнаи умумӣ гирифтаи хонандагон барои таҳсили минбаъдаи онҳо кифоягӣ намекунад. Сабаби ин дуруст ба роҳ намондани усулҳои таълим, нопурра азхудкунии алгоритми ҳалли мисолу масъалаҳо ва таҳлилкунии математикӣ мебошанд. Зиёдшавии донишҳои асосии математикии муосир дар рушди зеҳни математикии хонандагони синфҳои болоӣ аз қобилияти кори эҷодии

муаллим вобастагии зич дорад. Рушди зеҳни математикии хонандагон ва ҷараёни ташаккулёбии он, инчунин аз таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ вобаста мебошад. Аз тарафи дигар, рушди зеҳни математикии баъзе хонандагон аз муҳити оилавӣ низ вобаста мебошад, яъне онҳо табиатан аз нуқтаи назари математикӣ фаъоланд [4].

Новобаста аз чунин омилҳои мавҷуда ба омӯзгор зарур аст, ки унсурҳои муҳимтарини системаи пешрафтаи ҷаҳони муосирро истифода бурда, дар раванди таълим пайдокунӣ ва рушди истеъдодҳои зеҳниро амалӣ намояд. Агар ин системаи пешрафтаро самаранок истифода намоем, имконият фароҳам меояд, ки интихоб ва барои корҳои илмию методии минбаъда, бо мақсади васеъ гардонидани рушди неруи зеҳнии математикии онҳо, ки пойгоҳи асосӣ барои тайёр намудани мутахассиси оянда ба ҳисоб меравад, боиси рушди зеҳнӣ мегардад. Методикаи баланд бардоштани қобилияти зеҳнии математикии хонандагони синфҳои болоӣ ин, пеш аз ҳама, аз ташкил кардани озмунҳои зеҳнӣ, ки ба фаъолияти эҷодии онҳо мусоидат менамоянд, иборат буда, дар ин раванд таваҷҷуҳи хонандагон бештар ба омӯзиши фан равона мешавад. Аз ҷумла, дар раванди таълими математика самаранок истифода бурда тавонистани технологияи иттилоотии замони муосир дар ин самт муҳим аст.

Технологияи педагогӣ ин системаи педагогӣ буда, дар он самаранок истифодабарии воситаҳои таълим раванди таълим ва сифати онро беҳтар мекунад [2, с. 123-128].

Бо истифода аз технологияҳои педагогии пешрафтаи ҷаҳони муосир ҳар як муаллими фанни математика метавонад дар раванди таълим аз он самаранок истифода барад, зеро коркарди чунин технология ба ташаккулёбии субъектҳои равандҳои гуногуни таълим таъсири мусбат мерасонад.

Методикаи баландбардории қобилияти зеҳнии математикии хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити имрӯза дар ҳолати инкишоф қарор дорад, зеро зиёд гардидани маводи интернетӣ ва истифодабарии технологияи муосир дар таълим қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилияти тафаккур ва ташаккулдиҳии ҳисси шахсии онҳоро рушд медиҳад.

Сохтани графики баъзе функсияҳоро ҳамчун намуна барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон ва донишҷӯён пешниҳод менамоем, ки ба рушди тафаккури эҷодии онҳо мусоидат мекунанд.

Графики функсия сохта шавад [1, с. 42].

а) $y = 4x^2$ б) $= \frac{1}{4}x^2$, в) $y = \frac{1}{4}x^2$, г) $y = -\frac{1}{4}x^2$




*Расми 4. Графикҳои а) ва в), ки дар як равзана ҷойгир карда шудаанд.*




*Расми 5. Графикҳои б) ва г), ки дар як равзана ҷойгир карда шудаанд.*

Дар раванди таълим истифодаи корҳои мустақилона низ метавонад ба баланд шудани дониши зеҳнии математикии хонандагон ва донишҷӯён мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии математикии хонандагони синфҳои болоӣ, пеш аз ҳама, ба омӯзгор зарур аст, ки сифати таълимро беҳтар намуда, усулҳои замонавии таълимро мавриди истифода қарор диҳад.

## АДАБИЁТ:

1. Усмонов Н., Пиров Р. Алгебра. Китоби дарсӣ барои синфи 9-и мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ. – Душанбе, 2005. – 224 с.
2. Боголюбов, В.И. Педагогическая технология: эволюция понятия // Советская педагогика, 1992. – №9.
3. Смолякова, Д.В. Теория и методика обучения математики. – Томск: изд-во ТГПУ, 2012. – 36 с.
4. Холодная, М.А. Психология интеллекта. Парадоксы исследования. – СПб: Питер, 2002. – 272 с.
5. Сатторов А.Э., Шарофиддини Ю., Алимов С.А. Дар бораи рушди фаъолияти зеҳнӣ-эҷодии хонандагон ҳангоми таълими математика // Маводи конф. дуюми байналмилалии илмӣ-амалии «Проблемаҳои муосири таҳсилоти математикӣ, физикӣ ва информатикӣ дар мактабҳои миёнаю олӣ», ДДОТ. – Душанбе: Алвон, 2019. – С. 256-259.

## РОҲҲОИ БАЛАНДБАРДОРИИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИИ МАТЕМАТИКИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

Дар ин мақола масъалаи баланд бардоштани қобилияти зеҳнии математикии хонандагон, ки яке аз масъалаҳои мубрами таълим маҳсуб меёбад, баррасӣ гардидааст.

Муаллифон қайд менамоянд, ки барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии математикии хонандагони синфҳои болоӣ зарур аст, ки дар раванди таълим аз усулҳои навини математикии технологияҳои замони муосир ба таври васеъ истифода бурда шавад. Бинобар ин, омӯзгорони имрӯзаро зарур аст, ки новобаста аз ихтисос, онҳо бояд барои аз худ намудани технологияҳои навини дар раванди таълим мувофиқро, ки барои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯён ва қобилияти зеҳнии математикии хонандагон мусоидат менамоянд, самаранок истифода бурда тавонанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** қобилияти зеҳнии математикии хонандагон, тадқиқоти математикӣ, таълим, технологияи муосири таълим, мантиқ, технологияи иттилоотӣ, график, функсия, системаи координатаҳо, парабола.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Шарофиддин Юсуфӣ, ассистенти кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 919-12-74-13.

Сатторов Абдурасул Эшбекович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 987-67-57-73; e-mail: asattoron50@mail.ru

## ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ МАТЕМАТИЧЕСКОГО ИНТЕЛЛЕКТА УЧАЩИХСЯ СТАРШИХ КЛАССОВ

В этой статье рассматривается проблема повышения интеллектуальной, математической способности учащихся, которая считается одной из актуальных проблем обучения.

Авторы отмечают, что для повышения интеллектуальной математической способности учащихся необходимо, чтобы в процессе обучения были широко использованы новейшие математические методы и современная технология. Поэтому нынешним учителям необходимо, независимо от их специальности, эффективно использовать новейшие технологии в процессе обучения, которые способствуют повышению познавательной деятельности студентов и математического интеллекта учащихся.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** математические интеллектуальные способности учащихся, математические исследования, обучение, современная технология обучения, логика, информационная технология, график, функция, система координат, парабола.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Шарофиддин Юсуфи, ассистент кафедры методики преподавания математики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 919-12-74-13.

Сатторов Абдурасул Эшбекович, доктор педагогических наук, профессор кафедры алгебры и геометрии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 987-67-57-73; e-mail: asattoron50@mail.ru

## WAYS OF INCREASING THE MATHEMATICAL INTELLIGENCE OF HIGHER CLASS STUDENTS

This article discusses the problem of increasing the intellectual, mathematical ability of students, which is considered one of the urgent problems of learning.

The authors note that in order to increase the intellectual mathematical ability of students, it is necessary that the latest mathematical methods and modern technology are widely used in the learning process. Therefore, today's teachers need, regardless of their specialty, to effectively use the latest technologies in the learning process, which contribute to increasing the cognitive activity of students and the mathematical intelligence of students.

**KEY WORDS:** mathematical intellectual abilities of students, mathematical research, teaching, modern teaching technology, logic, information technology, graph, function, coordinate system, parabola.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Sharofiddin Yusufi, assistant of the department of methods of teaching mathematics of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 919-12-74-13.

Sattorov Abdurasul Eshbekovich, doctor of pedagogical sciences, professor of the department of algebra and geometry of the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 987-67-57-73; e-mail: asattoron50@mail.ru

# РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ГЕОГРАФИЯ

Ализода Н.У.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Яке аз вазифаҳои муҳиме, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ дар назди маориф ва омӯзгорон меистад ин тарбия намудани шахсони ташаббускор, нававар, уҳдабаро ва созандаю бунёдкор мебошад. Равшан аст, ки чунин шахсон бояд афроди бомаърифат, ахлоқан устувор ва кордон бошанд. Барои тарбияи чунин ашхос, пеш аз ҳама, ба онҳо донишҳои кофӣ зарур мебошад.

Дониш дар раванди маърифат ҳосил гардида, маҳсули фаъолияти дарккунандагии инсон ва воситаи муҳимми дигаргунсозии воқеият маҳсуб меёбад.

Аз ин ҷост, ки солҳои охир масъалаи ҷустуҷӯи роҳҳои баланд барддоштани фаъолияти маърифатии хонандагон ва донишҷӯён барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ яке аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад [1, с. 23-25].

Таълими география дар мактаб ҳамчун фан ба ду қисм ҷудо шуда, дар алоҳидагӣ таълим дода мешавад. Методикаи умумии география ҳамаи қисматҳои географияи мактабиро дар бар гирифта, бо роҳу воситаҳои гуногуни таълим барои баланд бардоштани маҳорату малака ва ҷаҳонбинии хонандагон нақши муҳим мебозад. Усули таълими география дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзиши фанни географияи мактабиро вобаста ба қисмҳои география дар бар мегирад. Омӯзиши фан ба ташаккули салоҳияти касбии мутахасиони соҳаи иҷтимоиёт, иқтисодиёт ва омӯзгорони ояндаи география бояд мусоидат намояд.

Мақсади омӯзиши географияи мактабӣ барои бо донишу маҳорат ва малакаҳо мусаллаҳ гардонидани хонандагон ва баланд бардоштани ҷаҳонбинии илмии онҳо равона шудааст. Амалӣ гардонидани ин вазифа ба бисёр омилҳо, аз ҷумла дуруст интихоб намудани шаклу усулҳои таълим, мувофиқи мазмуни маводи таълимӣ такрор карда тавонистан, дониши ҳосилшударо дар амал татбиқ намудани худи хонандагон, омӯхтани мавзӯъҳои нав дар алоқамандӣ бо мавзӯъҳои пештара, риоя кардани принсипҳои дидактикӣ ва ғайра вобаста мебошад. Аксар вақт сабаби паст будани сифати дониши хонандагон дар он аст, ки омӯзгор ба назарияи инкишофи мафҳумҳо эътибор намедиҳад ва дар натиҷа мафҳумҳои асосии географияро дар дарс шарҳ ва эзоҳ дода наметавонад, бинобар ин, хонандагон онҳоро зуд фаромӯш мекунанд. Дар амал аз дарс то дарс, аз синф то синф инкишоф додани мафҳумҳои асосии география шарти муҳимтарини ба амал баровардани вазифаи таълими география ва ниҳоят шарти муҳимтарини пурқувват намудани таълиму тарбиявии он мебошад [2, с. 66-77].

Вазифаҳои тарбиявии дарси география аз ҳаматарафа инкишоф додани шахсияти ҳар як хонанда, ташаккули асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ, тарбияи ғоявию сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ, ҷисмонӣ, меҳнатдӯстӣ, ботамкинӣ, муташаккилӣ ва ғайраҳо иборат мебошад. Вазифаи тарбиявии дарс ба тамоми ҷузъиёти он, аз ҷумла ба мазмун ва услуби таълим, ба маданияти кори муаллим вобаста аст.

Вазифаҳои инкишофдиҳандаи дарс дар хонандагон ба вуҷуд овардани қобилияти интелектуалӣ, хотира, тафаккур, нутқ, тассавурот, мушоҳидакунӣ ва ғайра мебошад. Курси географияи мактабӣ дар он маврид нуқтаи назари фалсафӣ, психологӣ ва педагогикаро ба роҳбарӣ мегирад, ки агар инкишофи фикрии хонандагон ҳамеша дар раванди азхудкунии дониш ба амал ояд ва азхудкунии дониш ногузир, натиҷаи инкишофи тафаккур бошад. Бо вуҷуди ин, ба омӯзгор лозим аст, ки дар назди худ мақсади инкишофи ҷаҳонбинии хонандагонро гузорад, зеро ба номуташаккилӣ умед бастан мумкин нест.

Ҳар як қисм мазмун, мундариҷа ва вазифаҳои худро дорад. Чунончи, курси географияи табиӣ қонуниятҳои табиат (релеф, иқлим, олами ҳайвоноту наботот) ва ғайраҳо таълим медиҳад. Дар ин курс хонандагон аз синфи шашум оғоз намуда, дар бораи мафҳумҳои табиӣ ва фанни география пурра шинос мешаванд. Ба ин васила дар хонандагон дониш ва ҷаҳонбинӣ оид ба табиат, олами ҳайвонот, иқлим, тартиб додани нақшаи маҳал, муайян кардани кунҷҳо ва қабатҳои географии рӯи Замин рушд меёбад. Дар ин курс онҳо оид ба соҳаҳои географияи табиӣ (геоморфология, биография, ландшафтшиносӣ, иқлимшиносӣ) ва ғайра маълумоти муфассал гирифта, ҷаҳонбинии худро васеъ менамоянд. Дар курси географияи материк ва укёнусҳо бошад хонандагон донишҳоро оид ба материк ва укёнусҳо, обҳои укёнуси ҷаҳонӣ ва аҳамияти онҳо барои сайёраи Замин аз худ менамоянд. Ҳангоми омӯзиши географияи Тоҷикистон дар қисмати аввал дар бораи табиати Тоҷикистон маълумот мегиранд. Мақсади курси географияи табиӣ аз баланд бардоштани донишҳои табиӣ, унсурҳои тағйирот, инкишоф ва кишваршиносӣ иборат мебошад.

Дар курси географияи иқтисодӣ хонандагон оид ба унсурҳои инкишоф, саноат ва савдо, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, дурнамои рушди соҳаҳои хоҷагии халқ ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот мегиранд. Ин курс хонандагонро водор менамояд, ки дар бораи мамлакатҳои ҷаҳон, аҳолӣ, саноат, нақлиёт ва ғайраҳо маълумот пайдо карда, бо унсурҳои тараққиёти истеҳсолот ва касбинтихобкунӣ шинос шаванд.

Омӯзгори фанни география усулҳои омӯзиши мавзӯъҳои ҳар як курсро ба эътибор гирифта, маҳорат ва ҷаҳонбинии хонандагонро такмил медиҳад. Дар ҳар як курси географияи мактабӣ ҷаҳонбинии хонандагон оид ба донишҳои географӣ зиёд мегардад. Ҷаҳонбинии хонандагон дар омӯзиши география на ин, ки дар худи дарс, балки дар дигар шаклҳои таълим низ амалӣ мегарданд. Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Соҳаҳои саноат» хонандагон доир ба ҳар як соҳаҳои он: географияи табиӣ (геоморфология - пайдоиши қишри Замин, биография - ҳаёт дар

рӯи Замин, ландшафтшиносӣ - манзарашиносӣ, иқлимшиносӣ ва ғайраҳо) маълумот мегиранд. Хонандагони фаъол ҷаҳонбинии худро на ин, ки дар шакли таълим яъне дарс васеъ мегардонанд, инчунин ба воситаи корҳои беруназсинфӣ ё беруназдарсӣ, масалан ҳангоми корҳои амалӣ, мушоҳидаҳо, олимпиадаҳо ва ғайраҳо мукаммал мегардонанд. Омӯзгор аз ин шаклҳои таълим истифода карда бо роҳу воситаҳои гуногун ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ мегардонад [3, с. 32-34].

Дар омӯзиши географияи Тоҷикистон хонандагон дар бораи захираҳои табиӣ, бошишгоҳҳо, мамнӯъгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию сайёҳӣ маълумот мегиранд, ки ин меҳру муҳаббати онҳоро ба кишвар зиёд гардонида, барои оқилона истифода бурдани онҳо маълумот пайдо мекунанд.

Яке аз роҳҳои дигари баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон истифодаи аёниятҳо, воситаҳои ахбори умум, истифодаи фиттаҳо (дискҳо), слайдҳо оид ба маълумоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳангоми омӯзиши географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳои ҷаҳон хонандагон доир ба ҷойгиршавӣ, мавқеи табиии географӣ, масоҳат, аҳолӣ, саноат ва илму маданияти дигар халқҳо маълумот ҳосил мекунанд.

Дар баромади худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар назди вакилони Маҷлиси Олӣ ва Маҷлиси Намояндагон дар бораи рушди соҳаи маориф ва диққати махсус додан ба фанҳои дақиқ, махсусан табиатшиносӣ, забонҳои хориҷӣ ва ба ин васила, рушд додани соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз сохти аграрӣ ба давлати саноатию аграрӣ табдил додани кишвар қайд намуданд: «Барои расидан ба ин ҳадаф, рушд додани соҳаҳои электроэнергетика, саноати вазнин, махсусан металлургияи сиёҳ ва ранга, алюминӣ ва ғайраҳоро баланд бардоштан лозим аст» [4].

Роҳҳои омӯзиши таълими фан дар шакли маърӯзаҳо, машғулиятҳои амалӣ, иҷрои корҳои мустақилона, корҳои курсӣ, таҷрибаомӯзӣ ва таҳияи рисолаҳои хатм амалӣ мегардад. Тавассути маърӯзаҳо донишҷӯён донишҳои назариявӣ ҳосил менамоянд, ки онҳоро ба таҳлили эҷодӣ ва интиқодии адабиёти методӣ омода месозад. Машғулиятҳои семинарӣ-амалӣ донишҳои назариявии фанро таҳким бахшида, дар шогирдон муносибати системавиро нисбат ба ҳалли проблемаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ дар самти таълими география тарбия менамояд, маҳорату малакаҳои касбии онҳоро ташаккул дода, ба рушди тафаккури онҳо мусоидат менамояд [5, с. 45-47].

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки омӯзиши фанни мазкурро тавассути усулҳои фаъол (проблемагузорӣ, усули интерактивӣ, баҳсу муҳокима, корҳои гурӯҳӣ, бозиҳои касбӣ, ҳамкорӣ ва ғайра), ташкили фаъолияти мустақилона ва маърифатии донишҷӯён ба роҳ мондан аҳамиятнок аст. Ба ин васила, онҳо ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, фаъолияти маҳфилҳо, омӯзиши таҷрибаи пешқадами одар ин соҳа ғунгардида ҷалб карда мешаванд.

**АДАБИЁТ:**


1. Дадобоев Н., Каримова М., Шарипов С. Таърихи мориф ва афкори педагогӣ (роҳнамои таълим). – Хуҷанд, 2004.
2. Асосҳои технологияи нави таълим. – Душанбе, 2007.
3. Даринский А.В. Методика преподавания географии. – Москва: Просвещения, 1975.
4. Паёми Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.
5. Каримова Ш.Р. Гуманикунонии фаъолияти экологӣ ва ташаккули эътиқоди маънавии хонандагон. – Бохтар, 2020.


## РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ГЕОГРАФИЯ


Барои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон истифодаи айёниятҳо, воситаҳои ахбори умум, истифодаи фиттаҳо (дискҳо), слайдҳо оид ба маълумоти умумии ҷуғрофӣ дар бораи Ҷумҳурии Точикистон аҳамияти калон дорад. Муаллиф таъкид менамояд, ки омӯзиши фанни мазкурро тавассути усулҳои фаъол (проблемагузорӣ, усули интерактивӣ, баҳсу муҳокима, корҳои гурӯҳӣ, бозиҳои касбӣ, ҳамкорӣ ва ғайра), ташкили фаъолияти мустақилона ва маърифатии донишҷӯён ба роҳ мондан талаботи замон буда, ба рушди тасаввури хонандагон ва баланд шудани сатҳи маърифатнокӣ таъсири муассир мерасонад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** тарбияи ахлоқӣ, маҷмӯи меъёр ва қоидаҳо, ҷамъият, меҳнат, одамон, мулоҳиза, ҳис ва эътиқод, малака, усули интерактивӣ, баҳсу муҳокима, корҳои гурӯҳӣ, бозиҳои касбӣ.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Ализода Нусратулло Убайдулло, омӯзгори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

## ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ГЕОГРАФИИ

Для повышения познавательной деятельности учащихся огромное значение имеет использование наглядных пособий, СМИ, дисков, слайдов о географии Республики Таджикистан. Автор подчеркивает, что изучение данного предмета посредством активных методов обучения (постановка проблем, групповая работа, сотрудничество и др.), организация самостоятельной познавательной деятельности студентов, яаляясь требованием времени, оказывает влияние на развтие представления учащихся и на повышения уровня их познания.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: нравственное воспитание, свод норм и правил, общество, работа, люди, мышление, чувства и убеждения, навыки, интерактивные методы обсуждения, групповая работа, профессиональные игры.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Ализода Нусратулло Убайдулло, преподаватель кафедры методики преподавания естественннаучных дисциплин Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

## WAYS OF INCREASING THE COGNITIVE ACTIVITY OF STUDENTS IN THE PROCESS OF LEARNING GEOGRAPHY

To increase the cognitive activity of students, the use of visual aids, media, disks, slides about the geography of the Republic of Tajikistan is of great importance. The author emphasizes that the study of this subject through active teaching methods (problem statement, group work, cooperation, etc.), the organization of independent cognitive activity of students, being a requirement of the time, has an impact on the development of students' ideas and on increasing their level of knowledge.

**KEY WORDS:** moral education, code of practice, society, work, people, thinking, feelings and beliefs, skills, interactive methods of discussion, group work, professional games.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Alizoda Nusratullo Ubaydullo, lecturer at the department of methods of teaching natural sciences of the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

# ОМӮХТАНИ МЕТОДҲОИ МАЪРИФАТИ ИЛМӢ – ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ФИЗИКА

Нурматова Ғ.Р.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ба мақсади ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагон инчунин нақши мушоҳида ва таҷрибаро дар шинохтани ҳодисаҳои табиӣ аз худ мекунанд ва татбиқи донишҳоро дар вазъиятҳои мушаххас ёд мегиранд. Ба роҳҳои ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагон, инчунин кӯшиши шарҳ додани салоҳияти таҳқиқотӣ, сабаби ҳодисаҳо, рушди маҳорати асоснок намудани фикри худ, хулосаи васеъ баровардан, мунтазамнокӣ, тафаккури мустақилонаю интиқодӣ дохил мешаванд. Дар баробари шавқу ҳавас ба далелҳо, инчунин кӯшишҳо барои фаҳмидани назария дар хонандагон пайдо мешавад. Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки зарурати мақсаднок ташаккул додани тарзи илмии тафаккур, тасаввурот дар бораи ҷараёни маърифат ҷиҳати аз худ намудани қонунҳо ва принсипҳои умумӣ ва шинос намудани онҳо бо методҳои асосии илмӣ-таҷрибӣ ва назарӣ, инчунин методҳои умумиилмӣ вазифаи аввалиндараҷаи таълими физика ба шумор меравад [1, с. 129].

Дар рушди донишҳо дар бораи воқеият ва рафти азхудкунии илм методҳои гуногуни маърифат маълум аст. Ин вобастагии олами моддӣ бо табиати худ, гуногунрангии ҳар ашё, зуҳуроти он, муносибати махсус ва усулҳои таҳқиқи онро тақозо дорад. Бояд қайд кард, ки олам на танҳо гуногунранг, балки ягона ҳам ҳаст. Аз ин ҷо, ба ҷузъ аз фарқияти сифатӣ ашё, зуҳурот хусусиятҳои умумие доранд, ки ба қонуниятҳои ягона тобеанд. Маҳз ҳамин далел шаҳодат медиҳад, ки дар қатори методҳои хусусӣ ва вежае, ки ниҳоят соҳаи маҳдуди татбиқ дар илм доранд, методҳое мавҷуданд, ки барои таҳқиқи гурӯҳ ва синфҳои гуногуни зуҳурот ва ё ашёи соҳаи муайяни воқеият ва ҳатто барои донистани (маърифати) ҳамаи ашёю зуҳуроти олами моддӣ ва маънавӣ истифода мегарданд.

Методҳои маърифати илмӣ на танҳо барои илм, балки ҳангоми азхудкунии дониш дар раванди таълим низ аҳамияти калон дорад. Эҷодкорона азхуд намудани дониш аз ҷониби хонанда ба ҷустуҷӯи илмӣ наздик аст. Олимон, педагогҳо, файласуфон, психологҳо таҳсилотро ҳамчун шакли махсуси маърифати илмӣ талаққӣ мекунанд. Принсипи илмияти таълимӣ моҳиятан талаб мекунад, ки ба хонандагон барои аз худ намудан, нишондод далелҳоеро, ки дар илм дақиқан исбот шудааст пешниҳод намоянд, дар баробари ин чунин методҳои таълиме истифода мешаванд, ки бо хусусияти худ ба методҳои илмӣ наздиканд.

Бо вуҷуди тафовут доштани методҳои таълим аз методҳои илмӣ алоқамандии ботинии онҳоро истисно кардан нашояд. Ҳангоми таълим зарур аст, ки методҳои маърифати илмиро дар

шакли методҳои таълим, ки тафаккури хонандагонро инкишоф додан, онҳоро ба кори ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ дар таълим ҳидоят менамояд, ифода намудан лозим аст [2, с. 61]. Талаботи маърифатӣ, чун шавқи маърифатӣ сохтори ягонаи айнию зеҳнӣ дорад.

Қисмати айниро (объективи) муносибати байни фан ва шавқи маърифатӣ ташкил медиҳад, ки тамоми воқеияти атроф ва донишҳои барои ҳалли проблемаи маърифатӣ зарурро таҷассум мекунад.

Қисмати зеҳниро (субъективи) бошад, кӯшиши ҳиссию иродавӣ ба дониш, барномаи амалҳои фикрӣ ва амалиро оид ба даст овардани ин донишҳо, тасаввуроти умумӣ дар бораи ин донишҳо ташкил медиҳад, ки мақсади вижаи ҳамин давраи маърифатро инъикос мекунад [3, с. 158].

**Донишҳои илмӣ** мундариҷаи қонеъгардонии талаботи маърифатиро ташкил дода, дар ин ҷода кӯшиш намудан, моҳиятан дар баробари талаботи моддӣ ва маънавӣ барангехтани тафаккури эҷодиро инъикос мекунад [3, с. 152].

**Методҳои маърифат**, чун мантиқи диалектикию шаклӣ ба методологияи маърифат дохил буда – таълимот дар бораи принсипҳои бунёд, меъёрҳо ва тарзҳои маърифати илмии олами воқеӣ мебошанд [4, с. 164].

Муҳимтарин принсипҳои **тафаккури эҷодӣ** тахаюл ва фаросат мебошад.

Инчунин эътибор додан ба вобастагии шавқ ва талаботи маърифатӣ, дараҷаи рушди онҳо, иртиботи нерӯи атоӣ ва қобилияти одамон, алоқамандӣ аз хусусияти сохти ҷамъиятӣ ва низоми таълиму тарбия, зарур аст. Талаботи маърифатӣ ба шавқ ва талаботи моддӣ алоқаи ногусастанӣ дорад, вале нисбатан мустақилият дорад. Рушди талаботи маърифатӣ ва шавқи одамон қонунияти муҳимтарини такомули ҷамъият буда, бе нақши идорашавандаи методологияи маърифатӣ имконнопазир аст, зеро вай дар худ муҳимтарин қисмат - методҳои маърифати илмиро фаро мегирад.

Зарурати мусаллаҳ намудани хонандагон бо методҳои маърифати илмӣ дар раванди таълим талаботи воқеияти замони ҳозира мебошад. Вале, ҳалли ин вазифа дар амалия бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ, тафовути фардӣ, имкониятҳои хонандагон, дараҷаи тайёрии онҳо, хусусияти фанҳои алоҳидаи омӯхташаванда ва дараҷаи омодагии муаллимон зарур аст.

Шинос намудани хонандагон бо ҳамаи методҳо зарурат надорад. Ҳамон методҳое интихоб кардан зарур аст, ки барои хонандагон дастрас бошад ва ба ҷуз онҳо аз худ намудани мундариҷаи маводи барномавӣ имконнопазир аст. Ин ҷо сухан на дар бораи ба таври механикӣ ин методҳоро аз соҳаи фалсафа ва илмҳои хусусӣ гузаронидан меравад, балки истифодаи онҳо дар раванди таълим, ки мувофиқи имкониятҳои хонандагон ва мутобиқгардонии маводи таълим сурат мегирад.

Аммо бояд дар хотир дошт, ки интихоби методҳои маърифати илмӣ ба мақсади таълим, аз якдигар ҷудонопазиранд. Баръакс дар маърифати воқеӣ онҳо зич алоқаманданд, аз якдигар вобастагӣ доранд. Ҷудо кардани ин методҳо ба гурӯҳи мустақил танҳо равияи шартию назариявӣ дорад [5, с. 39].

Таҳлили адабиёти психологию педагогии ватанию хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҳадди ақал 3 роҳи мусаллаҳ намудани хонандагон бо методҳои маърифати илмӣ коркард ва истифода шудааст.

**Роҳи якум** – табиӣ, таҷрибӣ (эмпирикӣ). Дар таълим вазифаи аз худ намудани методҳои маърифати илмӣ махсус гузошта намешавад. Хонандагон ҳангоми аз худ намудани донишҳо ин методҳоро меомӯзанд. Аммо, таҷрибаи бисёрсолаи мактабҳо собит месозад, ки дар асоси омӯхтани маводи фаннӣ наметавонад тасаввуроти комил дар бораи методҳои маърифати илмӣ ташаккул ёфта бошад [6]. Дар дараҷаи таҷрибӣ малакаҳои хонандагон ба туфайли машқу такроркунии зиёд бе шарҳу эзоҳи муаллим ҳосил мегарданд, бинобар ин, хонандагон методҳои маърифати илмии истифодашавандаро шуурона аз худ намекунанд.

Мақсаднокии педагогии роҳи таҷрибии рушди зеҳнии хонандагон ба ду омил вобаста аст: маҳдудияти синнусолии қобилиятҳо ва мураккабии амалҳои фикрӣ. Бинобар ин, истифодаи роҳи таҷрибӣ хеле муҳим аст. Онро бенатиҷа ҳам донистан нашояд, зеро дар дараҷаи муайян ташаккули тасаввуротро дар бораи маърифати илмӣ таъмин менамояд. Вале, дар хонандагон мавҷуд набудани донишҳо дар бораи ин ё он амали фикрӣ дар бораи методҳои маърифат дар амалияи кори таълим ба баъзе норасоиҳои ҷиддӣ оварда мерасонанд.

**Роҳи дуюм** пешбинӣ менамояд, ки дар хонандагон ташаккул додани тасаввурот дар бораи методҳои маърифати илмӣ тавассути ташкили мунтазами амалҳои маърифати эҷодӣ, ки бо амалҳои маърифати такроркунӣ ва бозгӯӣ тавъам, сурат мегирад.

Хонандагон амалҳои маърифатии (фаҳмонидан, шарҳдиҳӣ, эзоҳдиҳӣ) ва амалу амалиёти ба он мутааллиқро аз худ мекунанд [6].

**Роҳи сеюм** таълими махсуси мактаббачагон дар бораи методҳои маърифати илмӣ дар дараҷаи назариявӣ, яъне ҳангоме ки ин методҳо аз тарафи муаллим фаҳмонида мешаванд ва хонандагон онро шуурона татбиқ менамоянд.

Раванди фаҳмондадиҳӣ аз чунин амалҳо иборат аст:

– тавсифи умумии методи маърифат ва тасвияи мафҳуми мухтасари он;

– ҷудо намудани амалҳои фикрие, ки раванди татбиқи онро ташкил медиҳад;

– гузаронидани машқи аввалини таълимӣ.

Фаҳмондани методҳои маърифати илмӣ барои татбиқи минбаъда ва дигар талабот ба дараҷаи назариявии ташаккули ҳамин тарзҳо замина бунёд мекунад: хонандагон татбиқи амалии методҳоро дар вазъиятҳои гуногуни таълимӣ, дарёфти усулҳои самаранoктарини фаъолияти фикрӣ ва таълимӣ ёд мегиранд. Ба монанди ташаккули донишҳо ҳосил намудани усудҳои таълимию маърифатӣ раванди дуру дароз мебошад. Дар давраи аввал, дараҷаи таҷрибӣ мактаббачагон метод ё усуле, ки ба онҳо фаҳмонида буданд дар шароити стандартии таълимӣ ё бо ёрии муаллим ё дар давраи хулосавии донишҳосилкунӣ истифода мебаранд, дар шароитҳои ғайристандартӣ мустақилона ва ё таври эҷодӣ истифода мекунанд, амалҳоро ба таври автоматӣ дар шакли пӯшида иҷро мекунанд, яъне бе ҷудо кардани ин амалҳо ба ҷузъҳои таркибӣ [7, с. 10-12].

Ташаккули усулҳои зеҳнӣ дар дараҷаи назариявӣ рушди суръатноки тафаккури умумӣ ва ё хусусиро ҳавасманд менамояд. Чун ҷанбаи ҷараёни таълим бо ҷанбаи мундариҷаи он алоқаи зич дорад, фаҳмондани тарзҳои фаъолияти фикрӣ беҳтар аз худ намудани донишро таъмин менамояд. Нисбат ба таҳсил шавқмандӣ зиёд мегардад, чунки шавқро на танҳо маводи омӯхташаванда, балки худи ҷараёни аз худ кардани донишу малакаҳо низ бар меангезанд. Усулҳои таълимиро фаҳмонида истода, мо ба мактаббачагон кӯмак мерасонем, ки ташкили илмии меҳнатро аз худ намоянд ва ба ҳамин васила маҳсулнокии онро хеле баланд бардоранд. Меҳнати таҳсилии хубташкилкардашуда ба хонандагон таъсири тарбиявии бузург мерасонад: дар онҳо меҳнатдӯстӣ, интизомнокӣ, маҳорати ба қадри вақт расиданро дар раванди меҳнати таҳсилӣ ривоҷ медиҳад ва дар ин раванд натанҳо зеҳни хонандагон, балки симои маънавии шахсияташон ташаккул мeёбанд. Ҳангоме, ки тарзҳои фаъолияти фикрии хонандагон ҳамчун объекти махсуси омӯзиш қарор мегирад, раванди таълими мактаббачагон мутташакил ва идорашаванда мегардад [8, с. 199]. Имконият пайдо мегардад, ки дар кадом синф, ҳангоми омӯхтани кадом мавод, фаҳмондани ин ё он метод сурат мегирад, ба нақша гирифта шавад ва барои таҳия ва аз худ кардани барномаи байнифаннии ташаккули тасаввурот дар бораи методҳои маърифати илмӣ замина муҳайё мегардад.

Ҳаминро дар назар доштан лозим аст, ки фаҳмидани ҷараёни омӯзиш танҳо ҳангоми мувофиқати ҳамаи фанҳо имконпазир мегардад, зеро ҳамгироии илмҳои табиатшиносӣ дар низоми умумии диалектикаи маърифати илмӣ ба амалигардонии алоқаи байнифаннии фанҳои мактабӣ боис мегардад. низомнокии (системанокии) муҳити олам, шартан тақсим намудани он ба зуҳуроти табиӣ, химикӣ, биологӣ ва зарурати дар хонандагон ҳосил намудани тасаввуроти муштарак дар бораи олам, алоқаи байни фанйоро на танҳо дар дарҷаи объектҳои омӯзиш, балки дар дараҷаи методҳои маърифат, ғояҳои умумии ҷаҳонбинии фанҳоро махсусан муҳим мегардонад. Таҳияи низоми китобҳои дарсие, ки маҳаки асосиашон ғояҳои пешбарандаи ҷаҳонбинӣ бошанд, зарур аст.

Дар ҳалли масъалаҳои мазкур азнавсозии таълими фанҳои табиатшиносӣ дар асоси мунсиботи муштараки гуманитарӣ, саҳми муайян мегузоранд, ки консепсияи онро В.Г. Разумовский ва Л.В. Тарасов пешниҳод намудаанд [9].

Ҳамгироӣ, қабл аз ҳама рушди аҳамиятноки алоқаҳои байнифаннӣ, гузаштан аз мувофиқати таълими фанҳои гуногун ба таълими амиқи муштараки онҳоро дар назар дорад. Чунин ҳамгироӣ метавонад дар дараҷаҳои гуногун амалӣ карда шавад. Дараҷаи ибтидоӣ аз он иборат аст, ки дар дарсҳои як фан мафҳум, намунаҳо, тасаввуротҳо аз фанҳои дигар ворид карда мешаванд. Дар доираи як фан донишҳои азхуднамудаи хонандагон аз дигар фанҳо фаъолона истифода мегарданд. Чунин ҳамгироӣ мусоидат мекунад, ки дар хонандагон натанҳо низоми ягонаи донишҳо дар бораи муҳити олам ташаккул ёбанд, балки маводи фанни худро низ беҳтар аз худ намоянд.

Ҳамгироии минбаъдаи дараҷаи амиқтар пешбинӣ менамояд, ки:

– якум, дар дарсҳои фанҳои гуногун принсипҳо, методҳои умумие истифода шаванд, ки асоси методологии табиатшиносии муосирро ташкил медиҳанд;

– дуюм маҷмӯи проблемаҳое баррасӣ карда шаванд, ки моҳиятан ҷалби донишҳоро аз фанҳои гуногун талаб мекунад.

Ба ҳамгироӣ гуманитаризатсия (инсогароӣ) алоқаи зич дорад. Ғояи инсонгароӣ бояд маҳаки тамоми ҷараёни таълим, асоси ҳамаи фанҳоро ташкил диҳад. Муаллимони силсилаи фанҳои табиатшиносӣ ҳангоми татбиқи он метавонанд масъалаҳои ҷаҳонбиниро ҷудо намуда, диалектикаи ҷараёни маърифатро кушода ба масъалаҳои зарурату тасодуф, баробарӣ ва нобаробарӣ рӯшанӣ андозанд, ба мазмуни фан ҷузъҳои таърихиро ворид кунанд ва онро бо рушди тамаддун алоқаманд намоянд.

Ва ниҳоят, дар назар бояд дошт, ки мақсади асосии раванди таълими мактабӣ дар замони ҳозира – тарбияи одами ҳамаҷониба рушдёфта ва шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ комили ҳар хонанда иборат аст.

Ба хонандагон омӯхтани асосҳои илм, малакаҳои меҳнатӣ ва одатҳои касбӣ низ муҳимтарин мақсади мактаб, ҳамзамон воситаи асосии амалигардонии мақсади асосии тарбияи шахсияти хонанда мебошад [10, с. 16].

**АДАБИЁТ:**


1. Мощанский В.Н. Формирование мировоззрения учащихся при изучении физики. – М.: Просвещение, 1989. – 192 с.
2. Дидактика средней школы (под ред. М. Н. Скаткина). – М.: Просвещение, 1982. – 320 с.
3. Методологические проблемы познавательной деятельности. Латвийский государственный университет имени П. Стучки. – Рига, 1988. – 178 с.
4. БСЭ (В 30-ти томах). – М.: Советская энциклопедия, 1974, т. 16. – 616 с.
5. Коротяев Б.И. Учение процесс творческий. – М.: Просвещение, 1989. – 160 с.
6. Зорина Л.Я. Дидактические основы формирования системности знаний старшеклассников. – М.: Просвещение. 1978. – 128 с.
7. Кульков В.А., Цехмистрова Д.Д. Формирование у учащихся умений учиться. – М.: Просвещение, 1983. – 80 с.
8. Талызина Н.Ф. Управление процессом усвоения знаний. – М., 1975. – 343 с.
9. Разумовский В.Г., Тарасов Л.В. Развитие общего образования: интеграция и гуманитаризация // Советская педагогика. – 1988. – №7.
10. Фридман Л. М. Педагогический опыт глазами психолога. – М.: Просвещение, 1987. – 224 с.
11. Нурматова, Г.Р. Отражение формирования и развития представления учащихся о методах научного познания в методике обучения физики / Г.Р. Нурматова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2017. – №1-4(49). – С. 251-254.
12. Нурматова, Г.Р. Вазъи амалии ташаккули тасаввурот роҷеъ ба методҳои маърифати илмӣ дар раванди таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г.Р. Нурматова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №9. – С. 299-303.
13. Нурматова, Г.Р. Пешниҳоди фарзия ҳангоми таълими физика дар ҷараёни ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагон / Г.Р. Нурматова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – №1-1(71). – С. 154-156.
14. Нурматова, Г.Р. Отношение учителей к формированию представлений, учащихся о методах научного познания / Г.Р. Нурматова, С. Холназаров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – №1-4(57). – С. 138-141.


## ОМӮХТАНИ МЕТОДҲОИ МАЪРИФАТИ ИЛМӢ – ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ФИЗИКА


Дар мақола мазмуну мӯҳтавои ташаккул ва рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагон тавассути омӯхтани методҳои маърифати илмӣ ҳангоми дарсҳои физика баррасӣ гардидааст. Мазмуну мӯҳтавои салоҳияти таҳқиқотӣ омӯхтан ва кӯшиши шарҳ сабаби ҳодисаҳо, маҳорати асоснок намудани фикри худ, хулосаи мантиқӣ баровардан, мунтазамнокии баён, рушди тафаккури мустақилонаи интиқодиро дар бар мегирад. Муаллиф қайд мекунад, ки мақсаднок ташаккул додани тарзи илмии тафаккур, тасаввурот дар бораи ҷараёни маърифат, аз худ намудани қонуну принсипҳои илмӣ, ба ҳалли вазифаи рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагон дар таълими физика мусоидат мекунанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳадафи таълими физика, фаъолияти маърифатии хонандагон, рушди салоҳияти таҳқиқотӣ, далелҳо, қонун, принсипҳои илмӣ, қобилият, тафаккури илмӣ, методҳои илмӣ, сабабу натиҷа, муназзамӣ, тафаккури интиқодӣ, мақсадҳои омӯзиш.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Нурматова Ғумчагул Раҳматуллоевна, унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 902-55-54-54; e-mail: nurmatova63@internet.ru

**ИЗУЧЕНИЕ МЕТОДОВ НАУЧНОГО ПОЗНАНИЯ – СРЕДСТВО ФОРМИРОВАНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ КОМПЕТЕНЦИИ УЧАЩИХСЯ НА УРОКАХ ФИЗИКИ**

В статье рассматривается содержание формирования и развития исследовательской компетенции учащихся посредством изучения методов научного познания на уроках физики. Содержание исследовательской окмпетенции включает изучение и орбъединение причинно-следственных связей явлений, умений, обосновать свои мысли, выведение логического заключения, систематичность, изложения, развитие самостоятельного логического мышления. Автор подчеркивает, что систематическое формирование научных способов мышления, представления о процессе познания, усвоение научных законов и принсипов содействуют решению задач развития исследовательской компетенции при обучении физики.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** цель и задачи изучения физики, познавательная деятельность учащихся, развитие исследовательской компетенции, факты, закон, научные принципы, способность, научное мышление, научные методы, причины и следствия, систематичность, критическое мышление, цели обучения.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Нурматова Гумчагул Рахматулоевна, соискатель кафедры методики преподавания физики Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 902-55-54-54; e-mail: nurmatova63@internet.ru

**STUDYING METHODS OF SCIENTIFIC COGNITION – A MEANS OF FORMING THE RESEARCH COMPETENCE OF STUDENTS IN PHYSICS LESSONS**

The article examines the content of the formation and development of research competence of students through the study of methods of scientific cognition in physics lessons. The content of research competence includes the study and orbunification of the cause-and-effect relationships of phenomena, skills, substantiate one's thoughts, deriving a logical conclusion, systematicity, presentation, and the development of independent logical thinking. The author emphasizes that the systematic formation of scientific ways of thinking, ideas about the process of cognition, the assimilation of scientific laws and principles contribute to solving the problems of developing research competence in teaching physics.

**KEY WORDS:** purpose and objectives of studying physics, cognitive activity of students, development of research competence, facts, law, scientific principles, ability, scientific thinking, scientific methods, cause and effect, systematicity, critical thinking, learning objectives.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Nurmatova Gumchagul Rahmatulloevna, applicant for the department of methods of teaching physics Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 902-55-54-54; e-mail: nurmatova63@internet.ru.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, РУШДИ КЛАСТЕРҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО ДАР ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТ

Садриддинов Н.Т., Раҳимов Ш.Ҳ., Садриддинова М.Н.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ба ҳамагон маълум аст, ки раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт барои тамоми кишварҳо заминаи асосии таъмини рушди устувор ва мутавозини тараққӣ додани минтақаҳои онҳо мебошад. Таҳлилҳо нишон дод, ки ислоҳоти аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишудаистода бештар дар сатҳи марказӣ татбиқ мегардад. Дар робита бо ин, «дар ҷойҳо» (дар минтақаҳои кишвар) масъалаҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондаанд. Далели ин татбиқи аксари нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои рушди устувор барои Тоҷикистон мебошад, ки онҳо асосан дар пойтахт – шаҳри Душанбе амалӣ шудаанд.

Барномаҳои рушди минтақаҳои алоҳида ҳанӯз вазифаи воситаи воқеии идоракунии ҳудудро бо сабабҳои зерин иҷро намекунанд:

- сатҳи пасти таҳлили методии вазъи рушд ва захираҳои мавҷуда, ба ҳисоб нагирифтани таҳдидҳо ва омилҳои рушди минтақаҳо;
- алоқамандии нокифояи барномаҳои рушд бо ҷараёни молиявӣ, бо афзалиятҳою манфиатҳои сармоягузорӣ ва маблағгузориҳои минтақавӣ, тамоюли рушди соҳаҳои иҷтимоии минтақа.

Ба сифати мушкилоти асосие, ки бояд ҳамаи минтақаҳои нисбатан рушдёфта ва бештар ақибмондаи кишвар дарояндаи миёнамуҳлат бартараф намоянд, инҳо мебошанд:

- самаранокии пасти идоракунии давлатӣ дар сатҳи минтақаҳо, худидоракунии маҳаллӣ, инчунин истифодаи захираҳои дохилӣ ва иқтидори дар минтақаҳо мавҷудбуда;
- сатҳи пасти ҳамоҳангсозӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти алоқаманд бо ҳифзи муҳити зист;
- сифати пасти сармояи инсонӣ дар сатҳи минтақаҳо;
- заминаи заифи молиявии буҷети маҳаллӣ.

Ба сифати афзалиятҳои рушди минтақаҳо инҳо ҷудо шудаанд:

1. Таъмини мувозинати рушди минтақаҳо бо диққати махсус ба баробаркунии ҳудудии нишондиҳандаҳои заминавии сатҳи зиндагӣ ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ дар минтақа;
2. Рушди маҷмӯии минтақаҳои деҳот;
3. Урбанизатсия ва мусоидат ба раванди рушди шаҳрҳо, аз ҷумла шаҳрҳои хурд;
4. Ташаккулдиҳии комплексҳои ҳудудию саноатӣ – кластерҳо (ҳудудҳои индустриализатсия ва ҳамгироии нав, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бизнес-инкубаторҳо, технопаркҳо, марказҳои навовариҳо) ва рушди долонҳои иқтисодӣ;
5. Тавсеаи бозори меҳнат [1, с. 40].

Аз тарафи дигар, бисёре аз минтақаҳо ба дарки тамоми афзалиятҳои муносибатҳои кластерӣ шурӯъ намуданд. Дар натиҷа, ташаккул ва рушди кластерҳо аз сиёсати умумии кишвар ба як қисмати стратегияи минтақаҳо мубаддал гашта истодааст.

Муносибати кластерӣ қодир аст, ки муҳтавои сиёсати минтақавиро куллан тағйир диҳад. Дар ин ҳолат кӯшишҳои маъмурият бояд на ба дастгирии корхонаҳо ва соҳаҳои алоҳида, балки ба рушди робитаҳои мутақобила: байни таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон, байни истифодабарандагони ниҳоӣ ва истеҳсолкунандагон, байни худи истеҳсолкунандагон ва ниҳодҳои давлатӣ ва ғ. равона карда шавад.

Мувофиқи назарияи Майкл Портер, кластер ин гурӯҳи ширкатҳои аз лиҳози ҷуғрофӣ ҳамсояи ба ҳам алоқаманд (таъмингар, истеҳсолкунанда ва ғ.) ва ташкилотҳои ба онҳо марбут (муассисаҳои таҳсилотӣ, мақомоти идоракунии давлатӣ, ширкатҳои инфрасохторӣ), ки дар соҳаи муайян амал намуда, ҳамдигарро пурра мекунанд [2, с. 73] мебошад.

М. Портер бар ин ақида аст, ки рақобатпазирии кишвар бояд аз лиҳози рақобатпазирии байналмилалии на ширкатҳои алоҳидаи он, балки кластерҳо – иттиҳодияи ширкатҳои соҳаҳои гуногун баррасӣ карда шавад, гузашта аз ин, қобилияти ин кластерҳо ба истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ аҳамияти бунёдӣ дорад. Аз ҷониби ӯ инчунин системаи детерминантӣ (муайян кардани) афзалияти рақобатии кишварҳо таҳия карда шудааст, ки аз рӯйи адади гурӯҳҳои асосии чунин афзалиятҳо «ромби рақобатӣ» (ё «алмоси рақобатӣ») номида шудааст, ки инҳоро дар бар мегиранд:

1. Шароити омилнок: захираҳои инсонӣ ва табиӣ, неруи илмӣ-иттилоотӣ, сармоя, инфрасохтор, аз ҷумла омилҳои сифати зиндагонӣ;

2. Шароити талаботи дохилӣ: сифати талабот, мувофиқат ба тамоюлҳои рушди талабот дар бозори ҷаҳонӣ, рушди ҳаҷми талабот;

3. Соҳаҳои бо ҳам наздик ва хизматрасон (кластерҳои соҳаҳои афзалиятнок): соҳаҳои воридгардии ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр, соҳаҳои воридгардии таҷҳизот, соҳаҳои истифодабарии ашёи хом, таҷҳизот, технологияҳо;

4. Стратегия ва сохтори ширкатҳо, рақобати дохилисоҳавӣ: мақсадҳо, стратегияҳо, роҳҳои ташкилии идоракунии ширкатҳо, рақобати дохилисоҳавӣ.

Илова бар ин, ду омили тағйирёбандаи иловагӣ мавҷуданд, ки ба вазъияти кишвар таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Инҳо рӯйдодҳои тасодуфӣ мебошанд (яъне онҳое, ки роҳбарияти ширкат наметавонанд назорат кунанд) ва дигаре бошад ин сиёсатӣ давлат.

Дар даҳсолаҳои охир дар як қатор давлатҳо «стратегияҳои кластер»-и самаранок чунин аҳамиятро касб намудаанд, ки дар марказҳои фаъолияти корӣ ташкил дода шудаанд ва аллакай қудрат ва рақобатпазирии худро дар бозори ҷаҳонӣ исбот намудаанд. Ҳукумат саъю кӯшиши худро ба дастгирии кластерҳои мавҷуда ва таъсиси шабакаҳои нави ширкатҳо, ки қаблан бо ҳам алоқа надоштанд, равона карда истодааст. Зимнан, давлат на танҳо ба ташаккули кластерҳо мусоидат мекунад, балки худ дар шабака иштирок менамояд. Стратегияҳои кластерӣ ба таври васеъ дар кишварҳои Аврупо татбиқ мешаванд.

Масалан, дар Олмон, аз соли 1995 барномаи ташкили кластерҳои биотехнологии Bio Regio амал менамояд [3, с. 19].

Дар Британиёи Кабир ҳукумат ноҳияҳои атрофи Эдинбург, Оксфорд ва Англияи Ҷанубу Шарқиро ҳамчун минтақаҳои асосии ҷойгиркунонии ширкатҳои биотехнологӣ муайян кардааст. Дар Норвегия ҳукумат ба ҳамкории байни ширкатҳо дар кластери «хоҷагии баҳрӣ» [4, с. 182] боис гардид. Дар Финляндия кластери саноати ҷангал рушд намудааст, ки истеҳсоли чӯб ва маҳсулоти чӯбӣ, коғаз, мебел, таҷҳизоти полиграфӣ ва асбобҳои ба он алоқамандро дар бар мегирад [5, с. 20].

Ҳамкории зичи ширкатҳои кластери мазкур дар ҷодаи паҳнкунии донишҳо ба онҳо афзалиятҳои рақобатиро нисбат ба рақибони асосии тиҷорат фароҳам месозад. Мувофиқи маълумоти коршиносон Финляндия ҳам аз рӯйи дараҷаи кооператсияи таҳқиқотӣ ва ҳам кооператсияи технологӣ пешсафӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз гуногунии муносибатҳо, аксари кишварҳои Аврупо барои худ ин ё он стратегияи кластериро таҳия кардаанд. Кишварҳое, ки ба таври баръало чунин стратегияро татбиқ мекунанд, - Дания, Нидерландия, минтақаи Фламандияи Белгия, Квебек (Канада), Финляндия, ҳамчунин Африқои Ҷанубӣ (зимни ҳукумати нав), Фаронса ва Итолиё метавонанд намунаи кишварҳое бошанд, ки дар онҳо дер боз стратегияи кластерии худхоса амал мекунад.

Олимони тоҷик оид ба мафҳуми «кластер» ҳанӯз ақидаҳои мухталиф доранд. Ҷ.С. Пириев таъкид мекунад, ки «... модели ягонаи агрокластерҳо вуҷуд надорад. Ин ба он вобаста аст, ки кластер системаи иқтисодии мураккаби кушода аст, ки дар муҳити боз ҳам мураккабтар амал мекунад. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз ҳамаи фарқиятҳо дар моделҳои кластер, ба андозае дар бораи баъзе ба навъҳо ҷудокунӣ (типологизатсия) сухан рондан мумкин аст. Махсусан ин ба сохтори ташкилӣ дахл дорад, ки хосият ва принсипҳои амали мутақобилаи ҳамаи иштирокчиёни кластерро муайян мекунад. Дар шароити нави иқтисодӣ, воситаи муҳимтарин ва самарабахштарин барои мубориза бо зуҳуроти буҳронӣ, ки асоси онро баҳисобгирии самараҳои синергии мусбии агломератсияи минтақавӣ ташкил додааст, муносибати кластерӣ мебошад». Ӯ қайд мекунад, ки «... истифодаи муносибати кластерӣ метавонад ҳамкории бисёрҷониба ва байналхалқиро ба тарзи назаррас ғанӣ гардонад, зеро барои соҳибкорӣ кластер ин имконияти воқеии барои худ таъмин намудани рақобатпазирӣ мебошад, онҷо ки мисли ҳар техникаи дигари ҷолиб, онҳо метавонанд танҳо вақте натиҷаҳо диҳанд, ки ба қаринаи васетари стратегияҳои миллӣ ва минтақавӣ мувофиқ бошанд. Дар шароити нави иқтисодӣ, ҳамгироии кластер бештар ояндадор мебошад, ки ҳамчун як раванди ташаккули робитаҳои мутақобилаи устувори субъектҳои иқтисодии ҳудудан ҷудо алоҳида фаҳмида мешавад ва таъмини амали мутақобилаи байни онҳо мебошад. Ҳамгироии кластер имкон медиҳад, ки рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда баланд гашта, рушди инноватсионӣ ва устувории истеҳсолот дар дурнамои дарозмуддат таъмин гардад» [6, с. 238].

Дар тадқиқоти илмии Қ.Қ. Давлатов чунин қайд гаридидааст, ки «… яке аз самтҳои муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии муносибатҳои ҳамгироӣ, истифодаи технологияҳои сарфаи захираҳо мебошад, ки ба кам намудани хароҷоти мустақими сарфи меҳнат ва захираҳои моддӣ, ба даст овардани миқдори ҳадди аксари маҳсулоти баландсифаттар бо арзиши аслии камтар ва ба афзоиши фоида аз фурӯши он мусоидат менамояд» [7, с. 268].

А.А. Солиев таъкид намудааст, ки «… низоми кластери навъи инноватсионӣ ё кластери инноватсионии озуқаворӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ, ки аз ҷониби мо пешниҳод мегардад, мақомоти идоракунии давлатӣ (ҳукуматҳои маҳаллӣ), истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар хоҷагиҳо), бозори озуқаворӣ (бозорҳо, макетҳо ва ғайра)-ро дар бар мегирад» [8, с. 163].

Т.Т. Набиев пешниҳод менамояд, ки «… дар шароити кластерикунонӣ, системаи нишондиҳандаҳо дараҷаи омодагии минтақа ба ташкили қисмҳои аграриро инъикос намуда, имкон медиҳад, то тахассуси он муайян гардад. Тавассути системаҳои нишондиҳандаҳои ташаккули кластерҳои аграрӣ арзёбии иқтисодии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ гузаронида мешавад. Барои расидан ба амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти кишоварзӣ, ташкили кластерҳои махсусгардонидашудаи аграрӣ зарур аст. Зарурати рушд бояд ба мавҷудияти заминаҳои рушди иқтисодиёти агрокластер асос ёфта бошад. Бо дарназардошти истифодаи системаи нишондиҳандаҳои махсусгардонии кластерҳои аграрӣ, ҷумҳурӣ ва минтақаҳои онро аз рӯйи сатҳи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба кластерҳо тақсим намудан мумкин аст. Ин кластерҳо ба истеҳсоли ғалла, пахта, маҳсулоти меваю сабзавот ва гӯшту ширӣ махсус гардонида шудаанд» [9, с. 261].

Зарурати баланд бардоштани самаранокии иқтисодии кластерҳои минтақавӣ дар назди воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ вазифаҳои навро мегузорад, ки, пеш аз ҳама, ба интихоби амсилаи рақобатпазири иқтисодиёти минтақавӣ, ки то ҳадди аксар истифода намудани захираҳо ва иқтидори мавҷударо имконпазир мегардонад, алоқаманд мебошанд.

Дар чоряки охири асри XX таҷрибаи идоракунии корпоратсияҳо тавоноии ба ном амсилаи ташаккули кластерҳои минтақавии иқтисодиро исбот намуд, ки имкон медиҳад, то рақобатпазирии кишвар тавассути минтақаҳое, ки дар онҳо кластерҳои минтақавӣ мавҷуданд, муайян карда шавад. М. Портер, П. Бокхол, П. Кругман, К. Кетелс, Т.В. Сихан, Е. Фезер [10, с. 495] [11, с. 10-14] ва дигарон аз ҷумлаи муҳаққиқони машҳуранд, ки кластерҳои минтақавии иқтисодиро ба ҳайси субъектҳои ташаккули афзалиятҳои рақобатӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Дар зери мафҳуми кластерҳои минтақавии иқтисодӣ гурӯҳи корхонаву ташкилотҳои ба ҳам алоқаманди дар ҳудуди муайян тамаркузёфта фаҳмида мешавад, ки аз рӯйи маҷмӯи манфиатҳои иқтисодӣ ва ё нишонаҳои функсионалӣ муттаҳид гардида, болоравии рақобатпазирии худро аз ҳисоби самараи синергӣ таъмин мекунанд. Пешниҳод гардидааст, ки «рушди устувори кластери минтақавии иқтисодӣ» ҳамчун ривоҷу равнақи иштирокчиёни кластери минтақавии иқтисодии ба ҷамъи тағйироти системавии дар фаъолияти онҳо асосёфта шарҳ дода шавад, ки рушди устувори иқтисодӣ ва омилҳои аз рӯи меъёри самарабахшии истифодабарӣ мувозинати иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоиро таъмин мекунанд.

Бо ақидаи Лаврикова Ю.Г. ба сифати асоси назариявии таҳқиқи фазои иқтисодии минтақа инҳо хизмат карда метавонанд: 1) маҷмӯи консепсияҳои ҷуғрофӣ ва геополитикӣ; 2) назарияи ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда (бо ҷумлаи муносибатҳои микро- ва макроиқтисодӣ, омезиши муносибатҳои мазкур бо ҷойгиронӣ); 3) парадигмаи рушди муосири минтақа [12, с. 232].

Дар парадигмаи муосири постиндустриалии (пас аз саноатӣ)-и рушди минтақавӣ афзалияти омилҳои асосии ҷойгиронӣ ба тарзи назаррас тағйири шакл намудааст, ки функсияҳои ҳудудро дигаргун мекунад: аз базиси физикӣ, маҳалли ҷойгиршавии омилҳои моддӣ (захиравӣ)-и истеҳсолот – он бештар аҳамияти муҳити фазо барои рушди сармояи инсонӣ, инноватсияҳо ва таъмини худтакмилдиҳии минтақаро касб мекунад.

Барои рушди постиндустриалӣ на захираҳои моддӣ, балки бештар захираҳои виртуалии рушд-иттилоот, инноватсияҳо, инфрасохтор (коммуникатсияҳо) ва институтҳои ҷомеаи постиндустриалӣ, аз ҷумла, институтҳои шабакавии қарорқабулкунӣ зарур мегарданд. Маҳз онҳо сарчашмаи бартарияти рақобатии ҳудудҳо дар давраи пас аз саноатӣ мегарданд.

Истифодаи маҷмӯи назарияҳо имконият медиҳад, то ки ба муайянкунии фазои иқтисодӣ муносибат ташаккул гардад: якум, таърифи фазои иқтисодӣ бояд хусусияти комплексии онро (ҳудуд, маҷмӯи субъектҳо, муҳити рушд) ба эътибор гирад. Дуюм, фазои иқтисодӣ - натиҷаи

амали мутақобилаи байни субъектҳои хоҷагидорӣ ва муҳити макроиқтисодӣ дар ҳудуд мебошад, бинобар ин, дар таърифи он бояд омезиши муносибатҳои микро- ва макроиқтисодӣ бозтоб гардад. Сеюм, таҳаввул кардани функсияи фазо дар самти мубрам гаштани ҷузъи муҳитии он ва баланд бардоштани нақши якҷояамалкуниҳои субъектҳои хоҷагидорӣ бо мақсади худсозмондиҳиро ба эътибор гирифтан зарур аст.

Муносибати кластерии муосир дар сатҳи минтақавӣ дар иқтисодиёти Росия низ роиҷ аст. Ҳамчун намунаи кластерҳо дар комплекси агросаноатии Росия кластерҳои хӯрокврии Москва, Санкт-Петербург, Краснодар, вилояти Белгород ва ғайраҳоро овардан мумкин аст. Муносибати кластерӣ яке аз принсипҳои умдаи сиёсати иқтисодӣ, аз ҷумла минтақавӣ ба шумор меравад.

Дар айни замон мутахассисон 7 таърифи асосии кластерҳоро, ки дар асоси таркиббандии онҳо ин ё он стратегияи мушаххаси кластерӣ интихоб гардидааст, маънидод намудаанд:

- ҷуғрофӣ: сохтани кластерҳои фазоии активҳои иқтисодӣ, хусусан маҳаллӣ (масалан, боғпарварӣ дар Нидерландия) сар карда, то воқеан глобалӣ (кластери аэрокайҳонӣ);

- уфуқӣ: якчанд соҳаҳо (бахшҳо) метавонанд ба кластери боз ҳам бузургтар шомил шаванд (масалан, низоми мегакластерҳо дар иқтисодиёти Нидерландия);

- амудӣ: дар кластерҳо метавонанд марҳалаҳои ба ҳам наздики раванди истеҳсолӣ ҷой дошта бошанд. Зимнан муҳим он аст, ки кадоме аз иштирокчиёни шабака аниқ ташаббускору иҷрокунандаи ниҳоии навовариҳо (инноватсияҳо) дар доираи кластер мебошад;

- латералӣ: бахшҳои гуногун дар кластер муттаҳид шуда, метавонанд сарфаро аз ҳисоби самараи миқёс (ҳудуд) таъмин намоянд, ки боиси зуҳури таркибҳои нав мегардад (масалан, кластери мултимедиявӣ);

- технологӣ: маҷмӯи соҳаҳо, ки айнан як технологияро истифода мебаранд (ба мисли, кластери биотехнологӣ);

- фокусӣ: кластери ширкатҳо, ки мавриди таваҷҷуҳашон як марказ – корхона, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тахқиқотӣ ё муассисаи таълимӣ мебошад;

- сифатӣ: ин ҷо на танҳо чунин масъала, ки оё воқеан ҳам ширкатҳо ҳамкорӣ мекунанд, балки он нуқта, ки чи тарз ин корро анҷом медиҳанд, низ муҳим мебошад. Шабака комилан на ҳамеша беихтиёрона боиси рушди инноватсияҳо мегардад. Чунин ҳолат мешавад, ки дар шабакаҳо, баръакс, равандҳои инноватсионӣ сокит карда шуда, рафтори муҳофизатӣ ҳавасманд гардонда мешавад.

Робитаҳои мутақобила бо таъминкунандагон метавонад равандҳои инноватсиониро ҳавасманд намояд, вале айни замон он метавонад барои ба зиммаи шарикон гузоштани хароҷот ва аз лиҳози молиявӣ маҳдуд кардани онҳо истифода шавад. Дар мавриди охирон шабакаҳо на устувор ва ҳавасманд намешаванд [13, с. 39].

Зимни кластери минтақавӣ мо гурӯҳи корхонаҳо ва ташкилотҳои ба ҳам алоқаманди дар баъзе ҳудудҳо мутамарказонидашударо мефаҳмем, ки аз рӯйи маҷмӯи манфиатҳои иқтисодӣ ва ё нишонаи функсионалӣ муттаҳидшуда, баландшавии самараи синергиро аз амали муштарак, ки ба он афзоиши афзалиятҳои рақобатии ибтидоӣ сабаб гаштааст, таъмин мекунанд.

Дар татбиқи сиёсати кластерӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ нақши муҳим дорад, аз ин рӯ, дар баланд бардоштани рақобатпазирии минтақавӣ ва миллӣ он ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ мавқеъгирӣ мегардад.

Ҳамин тавр, муносибати кластерӣ, ки дар ибтидо барои омӯзиши мушкилоти рақобатпазирӣ истифода мешуд, бо мурури замон дар вақти ҳалли доираи васеътари вазифаҳо ба кор бурда мешавад, аз ҷумла:

- ҳангоми таҳлили рақобатпазирии давлат, минтақа, соҳа;
- ҳамчун асоси сиёсати умумидавлатии саноатӣ;
- ҳангоми таҳияи барномаҳои минтақавии рушд;
- ҳамчун асоси ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ;
- ҳамчун асоси робитаи мутақобилаи соҳибкории хурду калон [14, с. 22].

Ҳамзамон методҳои миқдорӣ ба муайян кардани сохтори расмии кластер равона карда шуда, татбиқи методҳои сифатӣ бошад имкон медиҳад, ки шароити ташаккулёбии он, унсурҳои кластер ва дараҷаи амали муштараки онҳо дар заминаи қиматҳои ададии ҳосилшуда таҳлил карда шавад. Бинобар ин, дар таҷрибаи менеҷменти минтақавӣ боз ҳам васеътар истифода бурдани методҳои сифатии таҳлил ва аслшиносӣ (идентификатсия) пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми баррасии имконпазирии кластеронии иқтисодиёти минтақа на танҳо соҳаҳои эҳтимолии (потенсиалии) пропулсивии саноатро аён кардан лозим аст, балки дурнамои кластерро аз лиҳози ҷолибияти он барои минтақа ва зимни мутобиқшавии кластер ба шароити

ҳудуди субъекти дахлдори ҷумҳурӣ таҳлил намудан лозим аст. Ҳамзамон кластеронии иқтисодиёти минтақа дар асоси ҷудо намудани на танҳо махсусгардонии мавҷуда, балки инчунин махсусгардонии ояндадор, ки барои расидан ба ҳадафҳои стратегии рушд зарур аст, имконпазир мебошад. Инҷо на танҳо арзёбии сатҳи мавҷудаи рушди ҳудуд, балки муайян кардани соҳаҳои ояндадори саноат дар давраи пешомад муҳим мебошад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии дар минтақа гузошташуда кӯшишҳоро ба рушди ин соҳаҳо равона намудан лозим аст. Бояд аёнсозии афзалиятҳои дар оянда имконпазири минтақа ва бозтавзеъкунии пешгирикунандаи воситаҳои буҷетӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии раванди созгорсозӣ ва мутобиқшавии (адаптатсияи) кластерҳои мавҷудаи ҳудудӣ-саноатӣ, инчунин омезиши (диффузия)-и ташкилаҳои нави кластерӣ роҳандозӣ карда шавад.

Рушди муосири иқтисодиёт боиси ҷустуҷӯ ва дар амал татбиқ намудани шаклҳои нави хоҷагидорию ташкили қувваҳои истеҳсолкунанда мегардад. Масъалаи таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои фаъолияткунанда танҳо аз ҳисоби татбиқи усулҳои стандартӣ ва воситаҳои менеҷмент ҳал шуда наметавонад. Дар робита ба ин, илми ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи соҳибкорӣ ҷустуҷӯи механизмҳои ҳамгирой ва ҳамомезишии (интерференсия)-и иқтисодӣ ҷиҳати ноил гаштан ба самараҳои фузунсозанда (мултипликативӣ) ва ҳамамалро (синергӣ)-ро ба ҳайси мақсад муайян мекунанд. Яке аз шаклҳои самарабахши чунин ҳамомезиш тавассути ташаккули созмони маконии қувваҳои истеҳсолкунанда ин ташкил ва рушди кластерҳои иқтисодӣ дар доираи минтақаи алоҳида ё ҳудуди иқтисодӣ мебошад.

Зери мафҳуми «кластер» муттаҳид намудани унсурҳои алоҳида дар як воҳиди кулл бо мақсади иҷрои (татбиқи) вазифаи муайян фаҳмида мешавад. Дар маҷмӯъ, ин унсурҳо «мафҳуми бештареро ифода мекунанд», аз оне ки дар алоҳидагӣ маънидод мегарданд. Маънои шабеҳро мафҳуми «кластери иқтисодӣ» касб намудааст, ки чунин ифода мегардад – инҳо гурӯҳҳои ширкатҳои бомуваффақият рақобаткунанда мебошанд, ки дар натиҷаи муттаҳидшавии худ мавқеи рақобатпазирро дар бозорҳои соҳавӣ, минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ таъмин мекунанд. Рағбат ба кластерҳо аз назари амалияву назария тариқи тағйирот ва тамоилҳои пурзӯр намудани омили зудҳаракатӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ ташвиқ карда мешавад

Аз тарафи дигар, истифодаи амсилаикластер дар мутобиқат ба лоиҳаи рушди стратегии минтақа, аслшиносии (идентификатсия)-и хусусиятҳои фарқкунандаи кластерро дар назар дорад.

Масъалаҳои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳам ба фаъолияти умуман низоми иқтисодӣ, ҳам минтақаҳое, ки унсурҳои асосии ин низом мебошанд, вобастаанд. Дар навбати худ минтақаҳо дар низоми иқтисодие манзур мегарданд, ки унсурҳои он аз сохторҳои хоҷагидории алоҳида, иттиҳодияҳои онҳо ва ғайра иборатанд.

Муносибати кластерӣ ин нигоҳи нав ба иқтисоди минтақавӣ мебошад, ки моҳияташ дар якҷояшавии манфиатҳо аз ҷойгиршавии наздики ширкатҳои аз лиҳози иқтисодӣ алоқаманд дар маҳалли ҷуғрофии мушаххас ва афзалият доштани ширкатҳо дар як ё якчанд соҳаҳои фаъолият ифода ёфтааст. Фарқияти асосии кластери минтақавии соҳавӣ аз намудҳои шабеҳи ташкилаҳои ҳудудии ҳамгиро дар нақши давлат ба сифати яке аз иштирокчиён (ҳамчун кафили татбиқи лоиҳаҳои стратегии таъминкунандаи рушди минтақа) мебошад, дар ҳоле ки мақомоти давлатӣ дар иттиҳодияҳои дигар иштирок намекунанд.

Фаҳмиши консептуалии ташаккули кластер гузариши минтақа ба навъи постиндустриалии рушд мебошад, ки бо афзоиши арзиши иловагии дар асоси густариши ҳудудҳои маҳсулоти дорои технологияи баланд эҷодшаванда, бо рушди муносибатҳои шабакавӣ ва маҳорату малакаи илмӣ тавсиф меёбад (расми 1).

Шартҳои зарурии ташаккули кластери соҳавӣ - мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ; махсусгардонӣ, ки ба соҳа ё маҷмӯи соҳаҳои ҳамҳудуд вобаста аст; байни онҳо вуҷуд доштани сохторҳои хоҷагидорӣ ва кооператсия; дар доираи кластер будани фазои ягонаи иттилоотӣ мебошад.

Бо дарназардошти гуногунии ақидаҳо, кластери минтақавии соҳавӣ ҳамчун сохтори ҳамгиро муайян гардидааст, ки аз лиҳози мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва ба як соҳа мансуб будани субъектҳои шомили таркиби он, ки дар раванди рушди минтақавӣ бо ҳам амал мекунанд, тавсиф мегардад.

Албатта, ташаккули кластерҳои минтақавии соҳавӣ ҳам дар рушди онҳо, ҳам дар рушди минтақа марҳалаи асосӣ мебошад. Таснифоти кластерҳои минтақавӣ дар (расми 2) манзур гаштааст.

Ҳудудгузории кластерҳои минтақавии соҳавӣ вобаста ба замони фаъолият: дарозмуддат (босубот) ва муваққатӣ (лоиҳавӣ) бештар ояндадор ба назар мерасад. Кластерҳои босубот, ба

ақидаи муаллиф, ба рушди соҳаҳо ва умуман минтақа таъсири назаррас мерасонанд. Дар фаъолияти кластерҳои минтақавии соҳавӣ як қатор марҳалаҳои даври (сикли) ҳаётиро ҷудо кардан мумкин аст.

Марҳалаи бавуҷудойии кластери минтақавии соҳавӣ калидӣ мебошад, зеро ки сохтори иштирокчиён, низоми робитаи мутақобила муайян мегардад, аз ин рӯ, шарти қобилиятнокии сохтори ташкилшаванда механизми ташкилӣ-иқтисодии он мебошад [15, с. 20-24], [16, с. 161]. Хусусияти барҷастаи иқтисодиёти инноватсионӣ айни замон рушди кластерҳо мебошад, ки барои пурзӯр намудани ҳам рақобатнокии минтақавӣ ва ҳам миллӣ таъмин карда мешавад. Чуноне ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, кластеркунонии иқтисодиёт ба суръатбахшии фаъолияти инноватсионӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад.




*Расми 1. Таҳияи расм аз ҷониби муаллиф. Марҳалаҳои ташаккули кластери минтақавӣ.*

Намунаи муассири расидан ба сатҳи баланди рақобатпазирӣ дар минтақа кластери инноватсионӣ эътироф шудааст, ки аз муттаҳидкунии ғайрирасмии кӯшишҳои созмонҳои мухталиф (ширкатҳои саноатӣ, марказҳои таҳқиқотӣ, мактабҳои олӣ, муассисаҳои илмии давлатӣ ва ғ.) иборат аст. Бо истифода аз имконоти худ кластерҳо инчунин метавонанд трансферти донишҳои нав, кашфиёти илмӣ ва ихтироотро ба роҳ монда, зуд ва самаранок онҳоро ба навовариҳое, ки аз ҷониби бозор дархост карда мешаванд, табдил диҳанд [17, с. 21].

Дидану ба назар гирифтани муносибати кластерӣ як қатор бартариятҳоро фароҳам месозад: якум, барои мақомоти минтақавии идоракунӣ, дуюм, барои соҳибкории минтақавӣ ва сеюм, барои иштирокчиёни кластер басо муҳим мебошад.

Аз нуқтаи назари идоракунии минтақавӣ пайдоиш ва рушди кластерҳо ба инҳо боис мегарданд: а) зиёдшавии шумораи андозсупорандагон ва базаи андозбандишаванда (азбаски марказҳои идоракунии соҳибкории хурду миёна, маъмулан, дар ҳамон ҳудуд, ки он ҷо худи соҳибкорӣ амал мекунад, қарор доранд, бар хилофи корпоратсияҳои амудӣ); б) зиёд шудани шумораи ҷойҳои корӣ; в) пайдоиши воситаи муносиб барои амали муштарак бо бизнес; г) пайдоиши шароит барои бозсозии сохтории минбаъдаи иқтисодиёти минтақа; ғ) афзоиши ҷолибияти сармоягузории минтақа; д) афзоиши аҳамияти сиёсии минтақа.




*Расми 2. Таснифоти кластерҳои минтақавӣ.*

**Манбаъ: Таҳияи муаллифон дар асоси маводи Щедрин А.В. Формирование региональной кластерной политики на основе упреждающего стимулирования пропульсивных отраслей: дис. кан. экон. наук / А.В. Щедрин. – Курск, 2013. – 159 с.*

Барои фаъолияти соҳибкории минтақа дар маҷмӯъ, бартариятҳо инҳоянд: а) паст кардани хароҷоти транзаксионӣ; б) беҳтар намудани имкониятҳо барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба бозорҳои ҷаҳонӣ; в) фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва пайдо намудани донишҳои нав; г) такмил ва навсозии инфрасохтори бозор; ғ) ҳавасмандгардонии соҳибкории хурд.

Ташкили кластер боиси самараи синергӣ мегардад, ки афзоиши миқдорӣ ва сифатии бисёр ҷузъҳои таркибии рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаро таъмин мекунад. Ин дар навбати худ ба баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа дар маҷмӯъ, мусоидат мекунад. Нақшаи принсипиалии таъсири кластерикунонии фаъолияти иқтисодӣ дар рақобатпазирии минтақавӣ манзур гаштааст.

Дар айни замон зарурати дар минтақа ташкил намудани сохторҳои бузурги рақобатпазирро эътироф намудан лозим аст. Ташкили кластерии байнисоҳавиро, ки ба ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд, ба ҳайси чунин сохторҳо баррасӣ кардан мумкин аст. Ташаккули кластерҳо дар асоси намудҳои афзалиятноки фаъолияти иқтисодӣ ва фаъолияти самарабахши онҳо ба баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа мусоидат мекунад, ки истифодаи оптималии захираҳои мавҷудаи ҳудуд бо мақсади таъмин намудани устувории иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва демографии минтақа натиҷаи он хоҳад буд.

Дар сатҳи минтақа сиёсати кластерӣ ҳамчун низоми муносибатҳо байни мақомоти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ оид ба баландбардории рақобатпазирии онҳо дар асоси ташаккул ва рушди кластерҳо баррасӣ мешавад.

Унсурҳои сиёсати кластерии минтақавӣ барои расидан ба ҳадафҳои мақсаднок фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои ташаккул ва рушди кластерҳои рақобатпазир дар ҳудуди минтақа равона шуда, аз инҳо иборатанд:

- гузаронидани ташхиси кластерҳо;
- дастгирии ташаббусҳои кластерӣ ва дар ин хусус ахборот додани мақомоти идоракунии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;
- ҳавасмандгардонии рушди кластерҳо;
- мониторинги фаъолияти кластерҳо ва баҳодиҳии самаранокии сиёсати кластерӣ.

Татбиқи муносибати системавӣ ба сиёсати кластерии минтақавӣ барои таъмин намудани афзоиши баланди рушди иқтисодӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёти минтақа тавассути баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо, таъминкунандагони таҷҳизоту маҳсулоти такмили онҳо, пешкашкунандагони хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ, ки кластерҳои ҳудудӣ-истеҳсолиро ташкил медиҳанд, имконият фароҳам меорад.

Мақсади сиёсати кластерӣ баланд бардоштани сифати рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақа дар асоси фароҳам овардани шароити пурзӯри рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки кластерҳои минтақавиро ташкил медиҳанд мебошад [12, с. 148].

Ҳамин тавр, ташаккули сиёсати кластерии минтақавӣ эҷоди нуқтаҳои нави рушдро имконпазир намуда, ба рушди мунтазами фазои иқтисодии минтақа мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, ба афзалиятҳои муносибати кластерӣ инҳоро мансуб медонем:

- баланд бардоштани шуғли аҳолии деҳот, ташаккул додани инфрасохтори деҳот;
- самаранокии танзими равандҳои сармоягузорӣ тавассути рушди сохтори кластер;
- имконияти додани имтиёзҳо ба хоҷагиҳое, ки барои рушди кластер муҳиманд, имконияти самтивазкунии хоҷагиҳои камдаромад;
- рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар сохтори кластер;
- рушди самараноки робитаҳои байнисоҳавӣ, паҳн намудани технологияҳо, таҷриба, иттилоот;
- татбиқи иқтидори инноватсионӣ ҷиҳати бо инноватсияҳо фаро гирифтани ҳамаи корхонаҳои кластер;
- баланд бардоштани иқтидори андозӣ дар робита бо тамаркузи корхонаҳо дар як ҳудуд.

Бо натиҷагирӣ аз гуфтаҳои боло қайд менамоем, ки нақши асосӣ дар ташвиқи ташаккулёбии кластерҳо ба давлат тааллуқ дорад, ки на фақат воситаҳои водоркунии ҳатмӣ, балки ҳавасмандгардонии бавоситаро дар ихтиёр дорад.

Маҳз мақомоти ҳокимияти минтақавӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бояд ташаббускори барномаҳо, бо истифода аз стратегияҳои кластерии рушди иқтисодӣ гардида, қисме аз хароҷот ва хавфҳоро ба уҳдаи худ гирад.

Сиёсатгузории кластерӣ бояд бо иштироки тамоми ҷонибҳои манфиатдор: мақомоти ҳокимият, соҳибкорӣ, ташкилотҳои молиявӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилотӣ таҳия гардида, дар таҳлили стратегии соҳаҳои иқтисодиёти минтақа асос ёбад.

**АДАБИЁТ:**


1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 66 с.
2. Портер, М. Конкуренция [Текст]. – М.: Портер // – М.; СПб.; Киев: Вильяме. - 2-е изд., 2006. – С. 73.
3. Timpano, F. Cluster Identification: Policy Implications of the Evolution of the Cluster Concept in the Context of Globalisation and European Enlargement [Электронный ресурс] / F. Timpano // Includ project (INTERREG) in Byalistok, Sofia and Bucharest, 2005. – P. 19. - Режим доступа: http://www3.unicatt.it/unicattolica/Dipartimenti/DISES/allegati/wp24Timpano.pdf
4. Simmie, J. and Sennett, J. Innovation in the London Metropolitan Region, Ch 4 in Hart, D., Simmie, J., Wood, P. and Sennett, J. Inovative Clusters and Competitive Cities in the UK and Europe, Oxford Brookes School of Plarming Working Paper 182 [Электронный ресурс] / Интернет-портал «Кластер-центр» / URL: http://www.claster-center.ru (дата обращения 20.04.2008).
5. The Cluster Effect. How clusters policy can make the UK more competitive [Электронный ресурс] / P. Andriani, C. Jones, M. Perkmann, L. Propris, V. Sena, R. Delbridge, K. Moslein, A. Neely // Institute of

Management Research, 2005. – 20 p. Режим доступа: http://www.wi1.uni-erlangen.de/sites/wi1.uni-erlangen.de/files/ebs_clusters.pdf.
6. Пириев, Дж.С. Совершенствование размещения отраслей сельского хозяйства Таджикистана в новых условиях хозяйствования: дис. док. экон. наук / Дж.С. Пириев. – Душанбе, 2004. – 238 с.
7. Давлатов, К.К. Кооперация и интеграция в агропромышленном комплексе Республики Таджикистан: дис. док. экон. наук / К.К. Давлатов. – Воронеж, 2008. – 268 с.
8. Солиев, А.А. Теоретические и практические проблемы привлечения иностранных инвестиций в развитие малой открытой экономики: На примере Республики Таджикистан: дис. кан. экон. наук / А.А. Солиев. – Душанбе, 2004. – 163 с.
9. Набиев, Т.Т. Государственное регулирование аграрного сектора экономики Республики Таджикистан в условиях интеграционных процессов: дис. док. экон. наук / Т.Т. Набиев. – Москва, 2015. – 261 с.
10. Портер, М.Э. Конкуренция [Текст]: учебное пособие / М.Э. Портер. – М.: Издательский дом Вильяме, 2005. – 495 с.
11. Цихан, Т.В. Кластерная теория экономического развития [Текст] / Т.В. Цихан // Теория и практика управления, 2005. – №5. – С. 10-14.
12. Лаврикова, Ю.Г. Кластеры: стратегия формирования и развития в экономическом пространстве региона [Текст]. – Екатеринбург: Ин-т экономики УрО РАН, 2008. – 232 с.
13. Воронов, А. Кластеры – новая форма самоорганизации промышленности в условиях конкуренции [Текст] / А. Воронов // Маркетинг, 2007. – №5. – С. 39.
14. Дренев, Я.Н. Кластерный подход к экономическому развитию территорий [Текст] / Я.Н. Дренев // Практика экономического развития территорий: опыт ЕС и России. – М.: Сканрус, 2001. – С. 22.
15. Федина, Е.В. Исследование стадий жизненного цикла искусственного отраслевого кластера [Текст] / Е.В. Федина, К.В. Екимова, А.В. Наумов // Российское предпринимательство. – 2010. – №4 (Вып. 2). – С. 20-24.
16. Достиев, Э.А. Развитие регионального садово-виноградарческого подкомплекса (на материалах Гиссарской зоны Республики Таджикистан): дисс. кан. эк. наук / Э.А. Достиев. – Душанбе, 2016. – 161 с.
17. Дуненкова, Е.Н. Выявление кластеров и разработка стратегии инновационного развития региона на основе кластерного подхода [Текст] / «Актуальные проблемы управления - 2004»: материалы международной научно-практической конференции, вып. 4. – М.: ГУУ, 2004. – С. 21.

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, РУШДИ КЛАСТЕРҲОИ МИНТАҚАВӢ ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО ДАР ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақола аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таъсис додан ва рушди кластерҳои минтақавӣ дар пешрафти иқтисодиёт баррасӣ гардида, рушди кластерҳо ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва некуаҳволии аҳолии минтақаҳо оварда мерасонад. Дар мақола зикр мешавад, ки олимони тоҷик дар қатори олимони хориҷию рус оид ба мафҳуми «кластер» ақидаҳои мухталиф доранд, зеро амсилаи ягонаи агрокластерҳо вуҷуд надорад. Ин ба он вобаста аст, ки кластер системаи иқтисодии мураккаби кушода буда, ки дар муҳити боз ҳам мураккабтар амал мекунад. Яке аз самтҳои муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии муносибатҳои ҳамгироӣ, истифодаи технологияи сарфаи захираҳо мебошад, ки ба кам намудани хароҷоти мустақими сарфи меҳнат ва захираҳои моддӣ, ба даст овардани миқдори ҳадди аксари маҳсулоти баландсифатро бо арзиши аслии камтар ва ба афзоиши фоида аз фурӯши он муосидат менамояд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** кластер, ҷуғрофӣ, уфуқӣ, амудӣ, латералӣ, технологӣ, фокусӣ, сифатӣ, робитаҳои мутақобила, устувор, ҳавасмандӣ, рақобатпазирии давлат, минтақа, соҳа.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН:** Садриддинов Насриддин Талбакович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 911-09-31-63.

Раҳимов Шариф Ҳабибуллоевич, саромӯзгор, мудири кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 934-66-94-79.

Садриддинова Манижа Насриддиновна, магистранти курси 1-уми факултети иқтисодӣ, шуъбаи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 919-45-66-66.

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ТЕОРИИ, РАЗВИТИЕ РЕГИОНАЛЬНЫХ КЛАСТЕРОВ И ИХ ЗНАЧЕНИЕ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РОСТЕ

В данной статье обсуждается научное, теоретическое и практическое значение создания и развития региональных кластеров в экономическом развитии, поскольку развитие кластеров ведет к сокращению бедности, социально-экономическому развитию и региональному благополучию.

В статье отмечается, что таджикские ученые, а также зарубежные и российские ученые по-разному относятся к понятию «кластер», поскольку не существует единой модели агрокластеров, что связано с тем, что кластер представляет собой открытую экономическую систему, действующую. в более сложной среде. Важнейшими направлениями являются повышение эффективности интеграционных отношений, использование ресурсосберегающих технологий, снижающих прямые затраты трудовых и материальных

ресурсов, достижение максимального количества качественной продукции при более низких затратах и увеличении прибыль от их продажи.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ:** Садриддинов Насриддин Талбакович, доктор экономических наук, профессор кафедры теории экономики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 911-09-31-63.

Рахимов Шариф Хабибуллоевич, ст. преподаватель, заведующий кафедрой теории экономики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 934-66-94-79.

Садриддинова Манижа Насриддиновна, магистрант 1-го курса факультета экономики, отделения финансы и кредит Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 919-45-66-66.

## SOME ISSUES OF THEORY, DEVELOPMENT OF REGIONAL CLUSTERS AND THEIR SIGNIFICANCE IN ECONOMIC GROWTH

This article discusses the scientific, theoretical and practical significance of the creation and development of regional clusters in economic development, since the development of clusters leads to poverty reduction, socio-economic development and regional well-being.

The article notes that Tajik scientists, as well as foreign and Russian scientists, have different attitudes towards the concept of «cluster», since there is no single model of agricultural clusters, which is due to the fact that the cluster is an open economic system that operates. in a more complex environment. The most important areas are improving the efficiency of integration relations, the use of resource-saving technologies that reduce the direct costs of labor and material resources, achieving the maximum amount of quality products at lower costs and increasing profits from their sale.

**KEY WORDS:** cluster, geographic, horizontal, vertical, literal, technological, focal, quality, stable relations, sustainability, competitiveness, competitiveness of the state, region, branch.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHORS:** Sadriddinov Nasriddin Talbakovich, doctor of economic sciences, professor of the department of economic theory of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 911-09-31-63.

Rahimov Sharif Habibulloevich, staff teacher, head of the department of economic theory of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 934-66-94-79.

Sadriddinova Manizha Nasriddinovna, 1st year master (magistracy) student of the faculty of economic, department of finance and credit of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 919-45-66-66.

УДК 334.7

## РОЛЬ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ПОВЫШЕНИИ РЕСУРСНОГО ПОТЕНЦИАЛА ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО РЫНКА

Зубайдов С.
Таджикский государственный университет коммерции

В условиях рыночной экономики влияние глобализации на экономику Республики Таджикистан, не коснулось развития малого предпринимательства. Анализ опыта стран с развитой рыночной экономикой, процессы социально-экономических реформ показал, что в республике малое предпринимательство играет большую роль в повышении ресурсного потенциала и уровня рынка потребительских товаров, обеспечивает решение важных социально-экономических и политических задач:

- создание новых рабочих мест;
- накопление рынка товарами и услугами отечественного производства;
- стабильное налоговое поступление.

На данном этапе малое предпринимательство сектора экономики Республики Таджикистан стабильно развивается, а также повышается роль и его значимость.

Зарубежный опыт, анализ и оценка рассматриваемого вопроса показали, что общепринятым показателем уровня развития предпринимательства является число действующих малых предприятий на тысячи населения, а в странах Евросоюза и Японии этот показатель составляет от сорока пяти до пятидесяти [1].

Количество действующих малых предприятий на 1000 населения в Республике Таджикистан за 2019 год приведён в таблице 1.

Как видно из табл. 1 по республике количество функционирующих малых предприятий на тысячу жителей в Республике Таджикистан за 2019 г. составляет 2,03 предприятия на 1000 жителей, в г. Душанбе - 0,36; в Согдийской области - 2,49; в Хатлонской области - 15,35; в РРП - 2,69 и в ГБАО – 7,38. Однако следует отметить, что этот показатель в России составляет 6.

Таблица 1

*Количество функционирующих малых предприятий на тысячу жителей в Республике Таджикистан за 2019 г.*

| | Количество действующих малых предприятий | Численность постоянного населения, тыс. человек | Количество действующих малых предприятий на 1000 жителей |
|---|---|---|---|
| По республике | 4572 | 9313,8 | 2,03 |
| Хатлонская область | 218 | 3348,3 | 15,35 |
| Согдийская область | 1084 | 2707,3 | 2,49 |
| г. Душанбе | 2387 | 863,4 | 0,36 |
| РРП | 804 | 2165,9 | 2,69 |
| ГБАО | 31 | 228,9 | 7,38 |

Вместе с тем, мы считаем, необходимым для обеспечения постоянного социально-экономического развития страны увеличить критическую массу сектора малого предпринимательства, так как в Таджикистане количество малых предприятий составляет двадцать две целых и две десятых тысячи единиц.

Анализ сферы малого бизнеса развитых стран показал, что по данному показателю трудовой деятельностью занимаются до 70% из числа занятых жителей, в республике и областях соответственно 49,9%, 16, 9% до 41,4%. Структура малого бизнеса Республики Таджикистан соответствует структуре малого предпринимательства, так как двадцать восемь целых и два десятых малого предприятия занимается в сфере торговли и общественного питания; восемь целых и шесть десятых процентов, это численность малых предприятий в промышленности; двадцать целых и шесть десятых процентов в строительстве; две целых и семь десятых процентов в сфере науки; шесть целых и шесть десятых процентов в транспорте и одна целая и восемь сотых процентов в сельском хозяйстве. Однако следует отметить, что инновационный бизнес составляет всего 6% от общего количества малых предприятий.

Для того, чтобы определить перспективу развития малого бизнеса, необходимо выделить нижеследующие позитивные тенденции:

- динамичное развитие малого бизнеса;
- рост занятых в этом секторе экономики;
- стабилизация их финансово-экономического положения;
- увеличение налоговых поступлений в бюджет;
- легализация предпринимательской деятельности;
- рост численности предпринимателей, работающих в условиях рынка;
- совершенствование нормативно-правовой базы для поддержки предпринимательства.

В Республике Таджикистан приподовы закон «О государственной поддержке малого предпринимательства» от 10 мая 2002г. №4 (от 25 марта 2011 года № 701 «О внесении изменений и дополнений в Законы), «О господдержке инвестиционной деятельности», «Об упрощенной системе налогообложения, учета н отчетности для субъектов малого предпринимательства» от 12 декабря 1997 года № 513, «О едином налоге на временный доход для определенных видов деятельности». для эффективности господдержки малого предпринимательства, улучшение налогообложения и инвестиционной политики. Таким образом, можно отметить, что в республике положительным влиянием в развитии малого бизнеса являются комплексные программы господдержки малого предпринимательства [2-3].

Также действует выработанная система информационного и консультационного обеспечения малого бизнеса, включающая государственные и негосударственные структуры.

Однако для эффективной деятельности инфраструктурного комплекса отсутствует система поддержки начинающих предпринимателей, то есть стартующий бизнес. Исходя из этого, для решения проблемы малого бизнеса был организован экспертно-консультативный орган «Совет по предпринимательству при Хукуматов областей», координирующий и объединяющий стремление всех структурных подразделений Хукуматов.

Такие советы нужно организовать при главах администрации в городах и районах областей.

При участии областных Хукуматов в республике был организован бизнес-инкубатор, а в высших учебных заведениях студенческий бизнес-инкубатор, где они должны были выполнять роль организационно-методических центров для создания инновационных предприятий.

Основной целью является подготовка предпринимательских кадров в республике, так как в экономических Вузах готовят специалистов в этом направлении.

Малые товаропранивудщих предприятиям для таджикского и зарубежного рынка оказывася значительная поддержка Хукуматами области для продвижения товаров на рынках, участие на выставках и ярмарках.

Кроме этого, имеется финансово-кредитная поддержка предпринимательских проектов на льготных условиях, а источником финансовой поддержки бизнеса являются субсидии на компенсацию части процентной ставки по кредитам, привлеченных на осуществление инвестиционных проектов.

В случае нехватки республиканского бюджета необходимо привлечение средств из внебюджетных источников в малый бизнес. К примеру, в 2000-2017гг. выделено 5 миллионов сомони из средств Республиканского фонда поддержки малого предпринимательства, а 7 миллионов сомони из Республиканского фонда содействия развитию малых форм предприятий в научно-технической сфере на финансирование инновационных проектов.

Одним из средств стимулирования развития малого предпринимательства, является применение лизинговых операций и развитие системы государственных заказов на поставку их продукции [4].

«… В своем послании Основатель мира и национального единства, лидер нации Президент Республики Таджикистан Э. Рахмон от 26 декабря 2018 года с целью устранения безосновательных проверок и создания благоприятных условий для развития предпринимательства был объявлен мораторий в течение двух лет на все виды проверок деятельности производственных предпринимателей, что благотворно сказалось на деятельности порядка двух тысяч субъектов предпринимательства в производственнаах сферех». Однако малое предпринимательство сталкивается с рядом проблем, сдерживающих их развитие, к которым следует отнести:

- отсутствие мотивации со стороны государства малых предприятий;
- деление активов предприятий, где теневой оборот становится большим препятствием на пути сотрудничества с инвесторами.

При ведении законного бизнеса появляются административные барьеры для начинающихся предприятий (заключение договоров на аренду, получения разрешения на землю и помещений, сбор документации).

Чтобы решить эти вопросы малым предприятиям, нужна процедура, которая будет упрошенной для подготовки документов. Таким образом, считаем, что пустующие помещения на льготных условиях нужно сдавать в аренду малым предприятиям.

Учитывая развитие предпринимательской деятельности, нами предлагаются инновационные приоритеты в развитии потребительского рынка (рис. 1).

Для поддержки предпринимательства необходимо партнерство с предпринимательской общественностью, которые смогут активно и инициативно предлагать свои предложения, а также передавать им некоторые функции.




*Рисунок 1. Инновационные приоритеты в развитии потребительского рынка.*

Следовательно, для эффективного ведения малого бизнеса необходимо следующее:
- рациональные налоги;
- доступные кредиты;
- константные правила игры.

Исходя из этого, нами предложены нижеследующие важные направления государственной поддержки:

- налоговая политика;
- устранение административных препятствий,
- финансовая поддержка и эффективное её применение;
- развитие инфраструктуры,
- подготовка, переподготовка и повышение квалификации кадров,
- переход на цифровую экономику.

Следовательно, для того чтобы создать единое экономическое пространство для бизнеса, необходимы приоритеты для инновационного малого бизнеса в социальной сфере, а также в сельской местности.

Таким образом, для определения критерии оценки функционирования и развития малого бизнеса необходимо использовать нижеследующие показатели:
- получение нормы - 9 предприятий на тысячу жителей;
- повышение доли к валовому внутреннему продукту республики до пятнадцати процентов;
- рост налоговых поступлений в бюджет до 12,0-13,0 процентов.

В целом, это дает возможность усилить роль малого бизнеса в увеличении ресурсного потенциала и емкости рынка потребительских товаров Республики Таджикистан.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Розничные торговые сети: стратегии, экономика и управление: учебное пособие / [Н. В. Егарева и др.]. – Москва: КноРус, 2010. – 416 с.
2. Закон Республики Таджикистан «О предпринимательской деятельности Республики Таджикистан», № 450 от 23 декабря 1991г.
3. Закон Республики Таджикистан «О государственной поддержке малого предпринимательства» от 10 мая 2002г. №4 (от 25 марта 2011 года № 701 «О внесении изменений и дополнений в Закон).
4. Шаропов Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли: теория, методология, стратегия: дисс. докт. экон. наук 08.00.05 / Фарход Разокович Шаропов. – Душанбе, 2018. – 305 с.

**НАҚШИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВӢ ДАР БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ**

Дар мақола нақши соҳибкории хурд дар афзоиши иқтидори захираҳои бозори истеъмолӣ баррасӣ шуда, афзалиятҳои инноватсионӣ дар рушди бозори истеъмолӣ пешниҳод карда шуда, инчунин меъёрҳои арзёбии самаранокӣ ва рушди соҳибкории хурд пешниҳод карда шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** иқтисоди бозор, таҳлил, рушд, навоварӣ, корхонаҳо, соҳибкории хурд, баҳодиҳӣ, тиҷорати хурд.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ**: Зубайдов Саидаҳмад, номзади илмҳои техникӣ, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел.: (+992) 900-20-11-57; e-mail: zubaydov57@mail.ru

**РОЛЬ МАЛОГО ПРЕПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ПОВЫШЕНИЯ РЕСУРСНОГО ПОТЕНЦИАЛА ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО РЫНКА**

В статье рассматривается роль малого предпринимательства в повышение ресурсного потенциала потребительского рынка, предлагаются инновационные приоритеты в развитии потребительского рынка, а также предложены критерии оценки функционирования и развития малого бизнеса с использованием показателей.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** рыночная экономика, анализ, развитие, инновация, предприятие, малое предпринимательство, оценка, малый бизнес.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Зубайдов Саидахмад, кандидат технических наук, Таджикский государственный университет коммерции. Тел.: (+992) 900-20-11-57; e-mail: zubaydov57@mail.ru

**THE ROLE OF SMALL BUSINESSES IN INCREASING THE RESOURCE CAPACITY OF THE CONSUMER MARKET**

The article examines the role of small business in increasing the resource potential of the consumer market, proposes innovative priorities in the development of the consumer market, and also proposes criteria for assessing the functioning and development of small business using indicators.

**KEY WORDS:** market economy, analysis, development, innovation, enterprises, small business, appraisal, small business.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Zubaidov Saidahmad, candidate of technical sciences of Tajik State University of Commerce. Phone: (+992) 900-20-11-57; e-mail: zubaydov57@mail.ru

УДК 36.1/5

# ДУРНАМО ВА САМТҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ БО МАҚСАДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ АНДОЗИИ МИНТАҚА

Маъмуров А.М.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Дар шароити муосир механизми андози мукаммал амнияти андозии минтақаҳо ва ҳатто мамлакатро таъмин менамояд. Бинобар ин, дар раванди муносибатҳои андоз ташаккул ва такомули унсурҳои механизми андоз ба монанди: банақшагирии андоз ва пешбинии он, танзим ва назорати андоз яке аз самтҳои муҳимми сиёсати андоз мегардад. Кулли унсурҳои механизми андоз дар раванди идоракунии андоз нақши муҳим мебозанд ва аз мутобиқати онҳо самаранокии маъмурикунонии андоз, ки амнияти андозии минтақаро таъмин менамояд, вобаста мебошад.

Олими соҳа И.А. Перонко чунин изҳор менамояд: «самаранокии маъмурикунонии андоз андозаи натиҷаи бо сарфаҳо бадастомадаро, барои он таҳлил мекунад, ки меъёри максимизатсияи амнияти андоз ба буҷет, пасткунии сарфаҳо дар амалиёти гузаронидани он, маҳдудкунии ҳуқуқвайронкуниҳои андоз маълум мегардад» [3, с. 8-12].

Дар раванди таҳқиқот Ф.С. Убайдов собит менамояд, ки сатҳи таъмини амнияти андозии минтақа аз бисёр ҷиҳат бо самаранокии сиёсати андоз муайян карда шуда, инчунин аз вазъи муосири иҷтимоию иқтисодии кишвар ва мутобиқи мақсад будани шароити андозситонӣ, пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар чаҳорчӯбаи афзоиши таҳдидҳо ва хавфҳои доимии муҳити воситаҳои берунӣ вобаста мебошад [8, с. 24].

Таркиби таҳдидҳои амнияти андозиро вобаста аз хавфу хатарҳои андоз ва ғайриандоз (нисбат ба муносибаташон ба сиёсати андози берунӣ) тасниф намудан дуруст аст. Дар доираи таҳқиқоти худ баррасии таҳдидҳои амнияти андозро мутобиқи мақсад меҳисобем, ки бевосита бо коркард ва амали низоми андоз ва унсурҳои он алоқаманд мебошанд, ин таҳдидҳо инҳоянд:

- иҷро накардани буҷет аз воридоти андози аҳолӣ, ки аз ҳуқуқвайронкунии андоз, пинҳон намудани даромад, кам кардани манбаи воқеии андоз, афзоиши сарбории андоз алоқаманд мебошанд;
- маҳдудшавии манбаи андоз ва иқтидори андозии минтақа;
- иқтисодиёти пинҳонӣ ва мушкил барои қонунигардонии даромадҳо;
- зуд тағйирёбии шароитҳои андозии пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ;
- маъмурикунонӣ ва идораи ғайрисамарабахши сиёсати андоз ва ғайраҳо.

Бояд низоми муосири идоракунии муносибатҳои андоз (менеҷменти андоз) ва унсурҳои дигари механизми андоз ба муайян намудани таҳдидҳо, номуайяниҳо ва хатарҳои эҳтимолӣ дар низоми андоз бо мақсади дарёфти чораҳои ҳарчӣ бештар пешгирӣ кардани онҳо нигаронида шуда бошанд.

Дар доираи таҳқиқот моро лозим аст, ки зарурат ва аҳамияти банақшагирӣ ва ояндабинии андозро чун унсури муҳимми механизми андоз ва менеҷменти андози давлатӣ дар таъмини амнияти андозии минтақа мавриди таҳқиқот қарор диҳем.

Моҳияти банақшагирии давлатии андоз аз таъмини иҷрои амалишавии вазифаҳои хоси андозҳо вобаста мешавад, ки дар байни онҳо вазифаи фискалӣ муҳимтарин буда, ҷамъоварии ниҳоии ҳаҷми муайяни даромади андозро аз рӯйи ҳамаи намуди андоз таъмин мегардонад. Воқеан, барои амалӣ шудани ҳадафи мазкур вазифаҳои зеринро ҳал кардан зарур меояд:

1) таҳия ва таъмини муҳимтарини (мутобиқати вазъи сиёсӣ ва иқтисодии) пойгоҳи (замина)-и меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ;
2) ташаккул додани низоми самарбахши андозе, ки бо дарназардошти аҳамияти оптималии параметрҳои андоз, таркиб ва сохтори андозу пардохтҳо бунёд карда шудааст;
3) муътадилгардонии қонунии пойгоҳҳои андозбандишаванда ва объектҳои андозбандӣ;
4) таҳияи низоми натиҷабахш ва чандирнокии имтиёзҳои андоз;
5) ташаккули буҷети андоз ва боҷҳо барои давраи ҷорӣ ва дурнамои миёнамуҳлат [4, с. 232].

Банақшагирии андоз тибқи аломати муваққатии худ ба гурӯҳҳои ҷорӣ (тактикӣ) ва оянда (стратегӣ) ҷудо карда мешавад.

Моҳияти банақшагирии ҷории (онро баробари тактикӣ «кӯтомуҳлат» ҳам меноманд) банақшагирии андоз аз ташаккулдиҳии заминаи иттилоотии даромади минбаъдаи андоз бо мақсади тартиб додани лоиҳаҳои буҷети сол ба шумор меравад. Банақшагирии дурнамои андоз дар маҷмӯъ ҳам аз рӯйи даромади андоз ва ҳам даромади ғайриандозии давлат амалӣ карда мешавад ва асосан аз параметрҳои макроиқтисодии рушди иқтисодиёт вобаста мебошад [5, с. 264].

Аз таҳлили назариявии манзуршуда ба хулосае метавон расид, ки раванди банақшагирии давлатии андозиро бо мақсади таъмини амнияти андоз тибқи амалиёти зерин амалӣ кардан дуруст мебошад:

- муайян кардани стратегия ва муқаррар намудани ҳадафҳои сиёсати андоз бо дарназардошти самтҳои афзалиятноки амалигардонии механизми андоз;
- муайян сохтани усулҳо ва тадбирҳои мушаххаси ҳарчӣ тезтар ва бо натиҷаҳои дилхоҳ расидан ба ҳадафҳои муқарраршуда;
- тафриқаи салоҳияти андоз ва манбаъҳои даромади мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия ва идораҳои сатҳи гуногун;
- ташаккули тақсимоти мушаххаси даромади андоз байни буҷетҳо;
- ташаккули пешбиниҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати ҳаҷми даромади андозии минтақаҳо бо мақсади таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои нақшавӣ;
- таҳлили амалишавии нишондиҳандаҳои пешбиниҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати ҳаҷми даромади андозии буҷетҳои сатҳҳои мухталиф.

Тавассути амалӣ гардонидани тадбирҳои банақшагирии андоз ба муътадилсозии бузургӣ ва сохтори сарбории андоз ва иқтидори андоз, ҳамчунин таркиб ва сохтори андозу пардохтҳо, такмили механизми андозбандӣ барои соли ҷорӣ ваояндаи буҷетӣ ноил шуда, зиёда аз ин, амалишавии дилхоҳи олатҳои назорати андоз ва фароҳам гардидани муназзамии ҳиссаи даромад ва хароҷоти буҷетро таъмин намудан имконпазир мешавад [6, с. 36-39].

Айни замон дар давраи банақшагирифташаванда муқоиса кардани имкониятҳои андозии минтақа бо воридоти воқеии андозии буҷетҳои сатҳҳои гуногун ва сифати олоти асосии методикаи банақшагирии андоз боқӣ мемонад [7, с. 442-447].

Ба назари мо, низоми муносибатҳои андоз чунон мураттаб шуданаш лозим аст, ки агар воридоти воқеии андоз аз сатҳи банақшагирифташудаи минтақа поёнтар қарор гирифта бошад, дар он сурат минтақа ба гирифтани кумаки молиявӣ ба ҳаҷми бузургии на фақат имконияти андозии минтақа, балки ба ҳаҷми талаботи масрафшавандаи ҳукуматҳои маҳаллӣ ҳуқуқ пайдо менамояд.

Бояд гуфт, ки ҳангоми таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар давраҳои мухталиф, ҷиҳати ташаккул додани лоиҳаҳои фаврӣ ва асосноки буҷети маҳалҳо барои соли ҷорӣ ваояндаи миёнамуҳлат, инчунин барои таҳия ва қабул намудани қарорҳои асосноки сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ дар раванди иҷрои мутаносиби буҷетҳо маҳз пешбинии андоз дар сатҳи минтақавӣ асос ва заминаи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад.

Умуман раванди пешбинии андозро ба тариқи зерин тасвир кардан мумкин аст (расми 1):




*Расми 1. Раванди пешбинӣ кардани воридоти андоз ба буҷети мунтахабшудаи маҳаллӣ.*

Пешбинии андоз ба пешакӣ тасаввур намудани омилҳо ва рӯйдодҳое асос менамояд, ки ба сафарбарсозии даромади андоз бо дарназардошти хусусиятиояндаи онҳо таъсир карданашон аз эҳтимол дур нест. Бинобар ин, натиҷаҳои пешбинии андоз бо хусусияти эҳтимолӣ тавсиф карда мешавад, ҳарчанд ки ҳангоми пешбинӣ маълумоте ба кор бурда мешаванд, ки вазъи воқеии иқтисодӣ ва равандҳои мавҷударо инъикос менамоянд, яъне, пешбинӣ ба барномаҳои маҷмӯавии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва ё минтақа такя менамояд.

Дар қисми даромади буҷети вилояти Суғд андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) низ ҳиссаи назаррас дошта, ин намуди андози буҷетсоз дар соли 2015 ба андозаи 84,7 фоиз ва дар соли 2019-ум 100,2 фоиз иҷро шудааст. Яке аз андозҳое, ки дар оянда иқтидори афзоиш бахшидани даромади буҷети вилояти Суғдро дорад, андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ

мебошад, ки нақшаи воридоти ин намуди андоз дар давраи таҳлилӣ бештар аз 100 фоиз иҷро гардидааст.

Умуман, дар заминаи таҳлили муқоисавии қисми даромади буҷети вилояти Суғд маълум гардид, ки нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва иҷрои он фарқияти назаррас дошта, нишондиҳандаҳои иҷрои андозҳо нисбат ба банақшагирии онҳо бештар мебошад. Ин аз як ҷониб, аз сатҳи баланди маъмурикунонии андоз далолат намояд, аз ҷониби дигар, аз коста будани низоми банақшагирии андоз дар сатҳи минтақа шаҳодат медиҳад. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда метавон қайд намуд, ки дар оянда имконияти такомули банақшагирии андоз ва афзоиши қисми даромади буҷети вилояти Суғд аз ҳисоби андозҳои муайян мавҷуд мебошад.

Ҳамин тариқ, аз маълумоти Раёсати андоз дар вилояти Суғд маҷмӯи маблағи андози буҷетсозро дар буҷети вилояти Суғд то соли 2023 пешбинӣ кардан мумкин аст. Барои ин мо амсилаи пешбинии якомилаеро ба кор бурданамон дуруст меояд, ки он дар таҳқиқоти олимони русиягӣ О.М. Гусарова, В.Д. Кузменкова [2, с. 354-359] ҳамаҷиҳата асоснок гардида, аз санҷиш гузаштааст. Амсилаи мазкур шакли зерин дорад:

$$\bar{Y}_t = a + b\ t \quad (1),$$

ки дар ин ҷо

$\bar{Y}_t$ – пешбинӣ барои давраи t;

a – қиммати миёнаи нишондиҳанда дар n давраи вақт;

b –майлони нишондиҳанда таҳти таъсири омили t;

t – шумораи нишондодашудаи давраи вақт мебошанд.

Мо бо истифода аз маълумоти Раёсати андоз дар вилояти Суғд метавонем, воридоти андозҳои низомташкилкунандаро, ба монанди андоз аз даромад, андоз аз фоида, ААИ ва ҳаҷми умумии воридоти андоз ба қисми даромади буҷети вилояти Суғд дар се соли оянда пешбинӣ карда бошем.

Қайд кардан лозим аст, ки дар муодилаи таназзулёбандаи хаттии истифода бурдаамон ба сифати $\bar{Y}_t$ пешбинӣ аз рӯйи андози алоҳида то давраи муайяни вақт баромад менамояд. Тавсифи математикии омилҳои $a$ ва $b$-ро ба таври зерин тавсир кардан мумкин аст:

$$a = \frac{\sum Y}{n}; \ b = \frac{\sum Yt}{\sum t^2};$$

ин ҷо:

Y- нишондиҳанда барои ҳар давраи вақти n;

n – шумораи солҳо (аз 2015 то 2019)

$Y_t$ – тамоюли миёнаи квадратӣ вобаста ба омилҳои t ва Y.

Ҷадвали 1

*Воридоти андоз аз даромад дар буҷети вилояти Суғд (солҳои 2015-2019)*
*ва дурнамои банақшагирии он дар солҳои 2021-2023*

| ***Y – АД дар солҳо (ҳаз. сомонӣ)*** | ***t – омили вақт*** | ***$Y_t$*** | ***$t^2$*** | ***$\bar{Y}_t$ - (назариявӣ)*** | ***Y- $\bar{Y}_t$ - (майл аз меъёр)*** |
|---|---|---|---|---|---|
| *333431,9* | *-2* | *-666863,8* | *4* | *315853,28* | *17578,62* |
| *340257,8* | *-1* | *-340257,8* | *1* | *347267,54* | *-7009,74* |
| *358920,0* | *0* | *0* | *0* | *378681,8* | *-19761,8* |
| *400334,6* | *1* | *400334,6* | *1* | *410096,06* | *- 9761,46* |
| *460464,8* | *2* | *920929,6* | *4* | *441510,32* | *18954,48* |
| ***∑Y = 1893409*** | ***t = 0*** | ***∑$Y_t$** =314142,6* | ***$t^2$ = 10*** | ***∑$\bar{Y}_t$** = 1893409* | ***0,1*** |
| *Дурнамои банақшагирии воридоти андоз аз даромад дар буҷети в. Суғд (2021-2023)* | | | | | |
| *Солҳо* | *Андоз аз даромад (ҳаз. сомонӣ)* | | $a = \frac{\sum Y}{n} = \frac{1893409}{5} = 378681,8$<br>$b = \frac{\sum Yt}{\sum t^2} = \frac{314142,6}{10} = 31414,26$ | | |
| *2020* | ***472924,58*** | | | | |
| *2021* | ***504338,84*** | | | | |
| *2022* | ***535753,10*** | | | | |
| *2023* | ***567167,36*** | | | | |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф.*

Тавре аз маълумоти ҷадвали 1 дида мешавад, андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар қисми даромади буҷети вилояти Суғд дар давраи пешгӯишаванда, яъне солҳои 2021-2023 бештар аз 500 ҳазор сомониро ташкил менамояд. Мутобиқи ҳисобҳои мо, ин намуди андоз дар соли 2021 ба маблағи 504338,8 ҳазор сомонӣ ва дар солҳои 2022 ва 2023 мутаносибан 535753,1 ва 567167,4 ҳазор сомонӣ бояд ба нақша гирифта шавад.

Воридоти андоз аз фоида дар қисми даромади буҷети вилояти Суғд дар солҳои 2015-2019 ва дурнамои банақшагирии он дар солҳои 2021-2023 дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2

*Воридоти андоз аз фоида дар буҷети вилояти Суғд (солҳои 2015-2019) ва дурнамои банақшагирии он дар солҳои 2021-2023*

| **Y – АФ дар солҳо (ҳаз. сомонӣ)** | **t – омили вақт** | **$Y_t$** | **$t^2$** | **$\bar{Y}_t$ - (назариявӣ)** | **Y- $\bar{Y}_t$ - (майл аз меъёр)** |
|---|---|---|---|---|---|
| 263376,3 | -2 | -526752,6 | 4 | 238549,46 | 24826,84 |
| 296818,3 | -1 | -296818,3 | 1 | 323547,63 | -26729,33 |
| 405890,6 | 0 | 0 | 0 | 408545,8 | -2655,2 |
| 479735,4 | 1 | 479735,4 | 1 | 493543,97 | -13808,57 |
| 596908,6 | 2 | 1193817,2 | 4 | 578542,14 | 18366,46 |
| ∑Y = 2042729 | **t = 0** | $\sum Y_t$ = 849981,7 | **$t^2$ = 10** | $\sum \bar{Y}_t$ =2042729 | **0,2** |
| *Дурнамои банақшагирии воридоти андоз аз фоида дар буҷети в. Суғд (2021-2023)* | | | | | |
| Солҳо | Андоз аз фоида (ҳаз. сомонӣ) | $a = \frac{\sum Y}{n} = \frac{2042729}{5}$ =408545,8 | | | |
| 2020 | **663540,31** | | | | |
| 2021 | **748538,48** | | | | |
| 2022 | **833536,65** | $b = \frac{\sum Yt}{\sum t^2} = \frac{849981,7}{10}$ = 84998,17 | | | |
| 2023 | **918534,82** | | | | |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф.*

Аз маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, ки дар се соли оянда ҳиссаи андоз аз фоида зиёд мешавад ва мутобиқи ҳисоби мо, ки дар асоси усули таназзулёбандаи хаттӣ ба даст оварда шуд, ҳаҷми воридот аз ин андози буҷетсоз дар соли 2023 ба 918,5 млн. сомонӣ мерасад.

Дар ҷадвали 3 мо дар асоси нишондиҳандаҳои воридоти ААИ дар буҷети вилояти Суғд дар солҳои 2015-2019 ва дурнамои банақшагирии воридоти ин намуди андозро дар солҳои 2021-2023 пешбинӣ кардем.

Ҷадвали 3

*Воридоти ААИ дар буҷети вилояти Суғд (солҳои 2015-2019) ва дурнамои банақшагирии он барои солҳои 2021-2023*

| **Y – ААИ дар солҳо (ҳаз. сомонӣ)** | **t – омили вақт** | **$Y_t$** | **$t^2$** | **$\bar{Y}_t$ - (назариявӣ)** | **Y- $\bar{Y}_t$ - (майл аз меъёр)** |
|---|---|---|---|---|---|
| 183293,5 | -2 | -366586 | 4 | 180972,38 | 2321,12 |
| 210649,4 | -1 | -210649,4 | 1 | 218956,39 | -8306,99 |
| 262532,9 | 0 | 0 | 0 | 256940,4 | 5592,5 |
| 299376,7 | 1 | 299376,7 | 1 | 294924,41 | 4452,29 |
| 328849,4 | 2 | 657698,8 | 4 | 332908,42 | -4059,02 |
| ∑Y = 1284702 | **t = 0** | $\sum Y_t$ =379840,1 | **$t^2$ = 10** | $\sum \bar{Y}_t$ = 1284702 | **-0,1** |
| *Дурнамои банақшагирии воридоти ААИ дар буҷети в. Суғд (2021-2023)* | | | | | |
| Солҳо | ААИ (ҳаз. сомонӣ) | | | | |
| 2020 | **340892,43** | $a = \frac{\sum Y}{n} = \frac{1284702}{5}$ =256940,4 | | | |
| 2021 | **378876,44** | $b = \frac{\sum Yt}{\sum t^2} = \frac{379840,1}{10}$ = 37984,01 | | | |
| 2022 | **416860,45** | | | | |
| 2023 | **454844,46** | | | | |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф.*

Аз маълумоти ҷадвали 3 бармеояд, ки дар радифи дигар андозҳо ААИ низ дар қисми даромади буҷети вилояти Суғд ҳиссаи назаррас дошта, тибқи ҳисобҳо, дар се соли оянда ҳиссаи он афзоиш хоҳад ёфт. Мутобиқи ҳисобҳои мо, дар соли 2023 воридоти ААИ дар қисми даромади буҷети вилояти Суғд ба 454,8 млн. сомонӣ мерасад, ки назар ба нишондиҳандаи соли 2019-ум 1,7 маротиба афзоиш меёбад.

Дар ҷадвали 4 бо истифода аз усули таназзулёбандаи хаттӣ мо дар заминаи воридоти андоз ба буҷети вилояти Суғд дар солҳои 2015-2019 дурнамои банақшагирии онҳоро дар солҳои 2021-2023 муайян кардаем.

Ҷадвали 4

*Воридоти андоз ба буҷети вилояти Суғд (солҳои 2015-2019) ва дурнамои банақшагирии онҳо барои солҳои 2021-2023*

| **Y – андозҳо дар солҳо (ҳаз. сомонӣ)** | **t – омили вақт** | **$Y_t$** | **$t^2$** | **$\bar{Y}_t$ - (назариявӣ)** | **Y- $\bar{Y}_t$ - (майл аз меъёр)** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1705430,9 | -2 | -3410861,8 | 4 | 1664630,82 | 40800,08 |
| 1914460,1 | -1 | -1914460,1 | 1 | 1973807,91 | -59347,81 |
| 2291864,3 | 0 | 0 | 0 | 2282985 | 8879,3 |
| 2589246,6 | 1 | 2589246,6 | 1 | 2592162,09 | -2915,49 |
| 2913923,1 | 2 | 5827846,2 | 4 | 2901339,18 | 12583,92 |
| **∑Y = 11414925** | **t = 0** | **$\sum Y_t$ = 3091770,9** | **$t^2$ = 10** | **$\sum \bar{Y}_t$ =11414925** | **0** |

| *Дурнамои банақшагирии воридоти андоз дар буҷети в. Суғд (2020-2023)* | | |
|---|---|---|
| *Солҳо* | *Маблағи ндозҳо (ҳаз. сомонӣ)* | $a = \frac{\sum Y}{n} = \frac{11414925}{5} = 2282985$ |
| *2020* | ***3210516,27*** | $b = \frac{\sum Yt}{\sum t^2} = \frac{3091770,9}{10} = 309177,09$ |
| *2021* | ***3519693,36*** | |
| *2022* | ***3828870,45*** | |
| *2023* | ***4138047,54*** | |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф.*

Аз нишондиҳандаҳои пешбинии воридоти андоз ба қисми даромади буҷети вилояти Суғд маълум мегардад, ки дар соли 2023 ҳиссаи даромади андозии буҷети минтақа ба 4138 млн. сомонӣ баробар мешавад. Ин нишондиҳанда назар ба воридоти андоз дар соли 2019 ба андозаи 1,81 маротиба афзоиш меёбад.

Нишондиҳандаҳои пешбиникунии воридоти андозии буҷетафзо ва ҳаҷми умумии андозҳои воридшаванда дар қисми даромади буҷети вилояти Суғд дар солҳои 2021-2023 дар диаграммаи 1 оварда шудааст.

Диаграммаи 1

*Дурнамои воридоти андозҳои буҷетафзо ва ҳаҷми умумии воридоти андоз дар қисми даромади буҷети вилояти Суғд*




Тибқи самтҳои асосии сиёсати андоз бароиояндаи миёнамуҳлат, ки тасҳеҳи унсурҳои алоҳидаи низоми андоз, баланд бардоштани даромади андоз, азнавсозии низоми маъмурикунонии андозро пешбинӣ менамоянд, ба хотири ба танзим овардани вазъияти иқтисодӣ ва беҳбудии ҳолати низоми буҷет мувофиқи мақсад меҳисобем, ки ташаббус ва ибтикороти вобаста ба андоз маҳз барои тасҳеҳи ҳаҷми пардохти андоз бо дарназардошти зарурати ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагидор ва такмил бахшидани менеҷменти андоз равона карда шаванд.

Мо таъмини амнияти андозии минтақаро тавассути истифодаи унсурҳои механизми андоз мувофиқи мақсад меҳисобем, ки ба тарзи зерин амалӣ гардонида шавад:

- дар асоси бунёд намудани низоми самараноки сафарбарсозии воридоти андоз ба буҷети маҳал аз ҳисоби беҳтар намудани вазъи умумии иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақа, истифодаи механизми қонунигардонии (легализатсия)-и даромад, кам кардани бузургии қарзи андоз, фаъол сохтани андозбандии ташкилоти махсус, васеъ намудани манбаи андозпардозии минтақа, баланд бардоштани имконияти андоз;

- дар асоси амалӣ намудани тадбирҳо оид ба ҳавасмандсозии фаъолияти инноватсионӣ - сармоягузорӣ аз ҳисоби ба роҳ мондани дастгирии давлатӣ фаро гирифтани барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ба афзоиши иқтидори андозии минтақа таъсири бевосита мерасонанд ва аз ҳисоби бо имтиёзи андоз дастгирӣ намудани соҳибкории хурд ва миёна;

- дар асоси азнавсозии низоми маъмурикунонии андоз бо роҳи баланд бардоштани масъулияти нозирони андоз ҷиҳати пешбинии самаранок, барои сари вақт ва пурра ворид кардани даромади андоз ва ба ҳадди имкон маҳдуд сохтани қарздорӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии кори якҷояи мақомоти давлатӣ оид ба беҳбуди маъмурикунонии даромади андоз, қонунӣ гардонидани фоида ва зиёни ташкилот, музди меҳнати пинҳонӣ пардохтшуда, дар

чаҳорчӯбаи амалисозии тадбирҳо оид ба афзоиши маќоми андоз дар ташаккули даромади буҷети минтаќа рӯёнидани ќарзҳои андоз.

Самтҳои зерини такомул ва навсозии сиёсати андозии давлат ва минтаќаро, ки амнияти андозро таъмин менамоянд, чунин тасниф кардан мумкин аст:

1. Ҷорӣ намудан ва амалигардонии барномаҳои таҳкимбахши низоми буҷет, ки истифодаи тадбирҳои умумииқтисодии баланд бардоштани самаранокии сиёсати андоз, бартараф сохтани таҳдидҳои амнияти андозии ба ғайритавозунииии (дисбаланс)-и буҷет алоқамандро пешбинӣ менамояд. Таҳкими банақшагирии буҷет дар асоси истифодаи принсипҳои лоиҳавии идоракунӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Амалӣ кардани чораҳои самти мазкур ба таъмин намудани муттавозини макроиқтисодӣ, бо вазъи муътадил ва пешбинии молиявию иқтисодӣ ва шароити андозсупории хоҷагидорӣ, аз байн бурдани номуайянии иқтисодӣ, беҳтар кардани рӯҳияи корӣ ва барқарор шудани фаъолнокии сармоягузорӣ мусоидат хоҳад кард.

Моҳияти барномаи таҳкими фискалӣ ба таҳияи буҷети сесола дар асоси принсипи мутаносибии чораҳо оид ба афзоиши ниҳоии даромад бо тадбирҳои оид ба муътадилгардонии хароҷот (бо таносуби 1/3 нисбат ба 2/3) робита мегардад.

Таҷрибаи ҷаҳонии таҳкими фискалӣ имконият додааст, ки маҷмӯи принсипҳои поягии амалигардонии он ташаккул дода шавад. Риояи ин принсипҳо имконият фароҳам месозад, ки таъсири кӯтоҳмуддати манфӣ ба рушди иқтисодии кишвар ва амнияти андоз коҳиш ёбад:

- принсипи муътадилгардонии ҷузъи хароҷотии буҷет (тасҳеҳи ҷузъи хароҷот ҳамеша нисбат ба афзун сохтани сарбории андоз ба иқтисодиёт самараноктар маҳсуб мешавад, зеро сарбории зикршуда номуайяниро нисбат ба симои минбаъдаи низоми андоз баланд мебардорад ва ҳамзамон амнияти андозро заиф мегардонад);

- принсипи сохторнокии ислоҳоти андоз мутавозунии устувори буҷетро таъмин менамояд;

- принсипи алоқамандии байниҳамдигарии сиёсати буҷетию андоз ва пулию қарзӣ.

2. Ҷорӣ намудан ва пайгирона амалӣ гардонидани барномаи маҳдудсозии бахши иқтисодиёти пинҳонӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии андоз тавассути мукаммалсозии низомҳои маъмурикунонии андоз. Қонунигардонии даромади андозсупорандагон, маҳдуд намудани бахши иқтисодиёти пинҳонӣ, афзун намудани воридоти андозии буҷет ва кам нимудани таъсири омилҳои манфии коҳишдиҳандаи маҳсулнокии меҳнат ва боздорандаи раванди навсозӣ, инчунин ҷорӣ намудани инноватсия ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат карда, амнияти андозиро дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ таъмин менамояд.

Ғайр аз ин, тадриҷан бунёди низоми маъмурикунонии андоз ба нақша гирифта мешавад, ки ба пойгоҳи ягонаи методологӣ ва иттилоотӣ асос ёфта, афзоиши ҷамъоварии андоз ва кам кардани сарбории маъмуриро барои соҳибкории бомасъулият таъмин менамояд. Ҳамчунин, ба мақсад мувофиқ меҳисобем, ки низоми иттилоотӣ ва низоми идоракунии таваккали мақомоти андоз, гумрук ва хазинадории давлатии ғайрибуҷетиро муттаҳид кардан беҳтар хоҳад буд.

Байни тадбирҳои амалисозии барномаи маҳдуд кардани бахши иқтисодиёти пинҳонӣ ва афзун намудани ҷамъоварандагони андоз ҳамчунин чораҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

- такмил додани принсипҳои андозбандии фоидаи ширкатҳои хориҷии таҳти назорат қарордошта, таъмини камкунии монеаҳои андоз дар роҳи фаъолияти соҳибкорие, ки бо саркашӣ аз андозсупорӣ иртибот доранд;

- қатъ намудани сӯистеъмолҳое, ки бо истифодаи низоми патентии андозбандӣ ва ғайра алоқаманд ҳастанд.

3. Ҷорӣ намудан ва доимо амалӣ сохтани принсипҳои лоиҳавии идоракунӣ. Коркарди лоиҳаҳои афзалиятноки амалигардонии сиёсати давлатии андозро бо ҳадафи таъмини амнияти андоз пеш гирифтан зарур аст. Хусусияти муносибати лоиҳавӣ аз он иборат аст, ки ҷорӣ намудани лоиҳаи мушаххас дар чаҳорчӯбаи барномаи амалкунандаи давлатӣ ба ҷо оварда мешавад. Дар айни замон ҳар кадом лоиҳа дар ҳудуди амалигардонии самтҳои бартаринокии сиёсати андоз ҳадаф ва вазифаҳои хусусӣ, технологияи идоракунӣ, қоидаҳои қабул намудани қарорҳои идоракунандагӣ, инчунин, тартиботи маблағгузории хешро доро мебошанд.

4. Амалисозӣ ва татбиқи пайвастаи барномаи фарогири байниминтақавии андоз, ки ҷиҳати таъмини тавозуни молияи минтақавӣ ва амнияти андози минтақа ташкил карда шудааст.

Натиҷаҳои мусбат аз ҳисоби афзоиши манбаи андоз, солимгардонии маблағгузории давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии фароҳамсозии трансфертҳои байнибуҷетӣ ва маҳдудсозии афзоиши қарзи давлатӣ ба даст оварда шуданд. Дар ин ҷода мақоми омилҳои зерин назаррас хоҳад буд:

- муқаррар кардани маҳдудиятҳое, ки зиёнбурдҳо оид ба андозро ба фоидаи ташкилотҳо табдил доданд;

- тасдиқ намудани самтҳои маблағгузорӣ ба хотири дастгирии иловагии молиявии минтақаҳои таъминоташон заиф;

- пешниҳоди грантҳои ҳавасмандгардонӣ дар асоси рушди иқтидори андози ҳудудҳо ба минтақаҳои бештар рушдёбанда ва ғайраҳо.

5. Таъмин намудани шароитҳои пешбинишавандаи фискалии ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ, амалигардонии принсипҳои афзалияти фискалӣ, ки барои андозсупорандагони бомасъулият баланд набардоштани сарбории андозро муқаррар менамояд.




*Расми 2. Тадбирҳои банақшагирӣ ва пешгӯии андоз бо мақсади таъмини амнияти андозии минтақаҳо.*

Пардохтҳои ҳатмии ғайриандоз бо мақсади таъмин намудани шаффофият ва пешгӯишавандагии сиёсати буҷетию андоз, амнияти андозии минтақа, баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз бояд дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие рӯёнида шаванд, ки шароит ва механизмҳои ягона (ба ном Кодекси даромади ғайриандоз)-ро муқаррар мекунанд.

Нисбат ба имтиёзҳои андоз амалӣ намудани Консепсияи хароҷоти андоз ва ғайриандоз манзур карда мешавад, ки он бароҳмонии назорати самаранок, баҳисобгирӣ ва арзёбии имтиёзи андозро имконпазир намуда, бо ҳамин роҳ амнияти андозии минтақаро таъмин мегардонад.

Чунин меҳисобем, ки ба мақсади амалигардонии Консепсияи мазкур ташаккул додани пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқии танзими тартиботи манзурсозии имтиёзи андоз ва назорати даромади аз мадди назар дурмондаи буҷет воҷиб хоҳад буд [1].

Дар расми 2 механизми банақшагирии андоз ва пешбинии он бо дарназардошти тадбирҳои такмили механизми он манзур карда шудааст, ки дар чаҳорчӯбаи сиёсати минтақавии андоз бо мақсади таъмини амнияти андозии минтақаҳо маҳз дар шароити вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман дар кулли кишвар амалӣ карда мешавад.

Навсозии олатҳои истифодашавандаи методӣ ва технологияи банақшагирӣ ва пешбинии андоз дар шароити муосири пешрафти иҷтимоию иқтисодии минтақа яке аз муҳимтарин самтҳои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ маҳсуб мешавад.

Ҳамин тариқ, банақшагирӣ ва пешбинии андозро ҳамчун раванди маҷмӯи таҳлилии муайян намудани параметрҳои сиёсати андоз, нишондиҳандаҳои ифодакунандаи ҷузъӣ воридоти андозии буҷети сатҳҳои гуногуни идоракунӣ, ки ба он омилҳои сершумори муҳити беруна ва дохилӣ таъсир мерасонанд, баррасӣ кардан лозим аст.

## АДАБИЁТ:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/25005 (санаи истиводабарӣ: 06.04.2021 г.).
2. Гусарова, О.М., Кузьменкова, В.Д. Моделирование и анализ тенденций развития региональной экономики // О.М. Гусарова, В.Д. Кузьменкова - Фундаментальные исследования. – 2016. – №3-2. – С. 354-359.
3. Перонко, И.А. Методы и формы налогового администрирования / Перонко И.А. // Налоговый вестник. – Москва, 2000. – №11. – С. 8-12.
4. Писаренко, К.В. Налоговое ин бюджетное планирование на региоланлӣном уровне: дис. канд. экон. наук: 08.0010 / К.В. Писаренко. – Белгород, 2005. – 232 с.
5. Попова, Л.В. Прогнозирование и планирование в налогообложении: учеб. пособие для вузов / Л.В. Попова, Н.Г. Варакса, М.В. Васильева. – Орел: ГТУ, 2007. – 264 с.
6. Саакян Р.А. О некоторых аспектах налогового планирования и прогнозирования / Р. А. Саакян, Г.И. Ананьева // Налоговый вестник, 2000. – №12. – С. 36-39.
7. Сапрыкина, Т. В. Оценка налогового потенциала региона в условиях экономических санкций / Т.В. Сапрыкина, Д.С. Лисицкий // Фундаментальные исследования, 2017. – №8-2. – С. 442-447.
8. Убайдов, Ф.С. Теневая экономика как угроза экономической безопасности и инструменты ее нейтрализации в условиях переходной экономики (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дис. канд. экон. наук: 08.00.05 / Ф.С. Убайдов. – Душанбе, 2012. – 24 с.

## ДУРНАМО ВА САМТҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ БО МАҚСАДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ АНДОЗИИ МИНТАҚА

Дар мақола масъалаҳои асосии мафҳумҳои мухталифи такмили низоми маъмурикунонии андоз бо мақсади таъмини амнияти андозии минтақа дар шароити имрӯза мавриди амал қарор гирифтааст. Бинобар, ин моҳияти мақолаи мазкур ба муайян намудани мундарича ва мазмуни дурнамо ва самтҳои такмили низоми маъмурикунонии андоз равона шудааст ва хусусияти илму назариявиро дорост. Зимнан, муаллиф таъмини амнияти андозии минтақаро бо низом таҳия намудаанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** механизми андоз, маъмурикунонии андоз, амнияти андоз, банақшагирии андоз, менеҷменти андоз,имтиёзи андоз.

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Маъмуров Анварҷон Маҳмудҷонович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Тел.: (+992) 927-68 -17-17; e-mail: mamurov1974@mail.ru

## ПЕРСПЕКТИВЫ И НАПРАВЛЕНИЯ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ НАЛОГОВОЕ АДМИНИСТРИРОВАНИЕ ДЛЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЛОГОВОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕГИОНА

В статье были реализованы основные вопросы улучшения количества улучшений налогообложения в целях обеспечения налоговой безопасности региона в современных условиях. Следовательно, это значение этой статьи направлено на выявление содержания и содержания перспектив и направлений совершенствования налоговой администрации и регистрации. Автор предоставил обеспечение оказания налоговой безопасности региона с системой.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: налоговый механизм, налоговое администрирование, налоговая безопасность, налоговое планирование, налоговое менеджмент, налоговые льготы.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Маъмуров Анваржон Махмуджонович, кандидат экономических наук, доцент кафедры налога и налогообложение Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Тел.: (+992) 927-68-17-17; e-mail: mamurov1974@mail.ru

## PROSPECTS AND DIRECTIONS FOR IMPROVING TAX ADMINISTRATION TO ENSURE THE TAX SECURITY OF THE REGION

The article has implemented the main issues of improving the amount of tax improvements in order to ensure the tax security of the region in modern conditions. Consequently, this meaning of this article is aimed at identifying the content and content of the prospects and directions for improving the tax administration and registration. The author provided the provision of the tax security of the region with the system.

**KEY WORDS**. tax mechanism, tax administration, tax security, tax planning, tax management, tax breaks.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Mamurov Anvarjon Mahmudjonovich, candidate of economic sciences, associate professor of the department of taxation Tajik State University of law, business and politics. Phone: (+992) 927-68-17-17; e-mail: mamurov1974@mail.ru

УДК 339.9

# СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ МАМЛАКАТ

Ҳакимова М.С.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва ноил гардидан ба самараи манфиати умум дар соҳаи сармоягузорӣ нигаронида шуда, иштироки бевоситаи давлатро дар фаъолияти сармоягузории дорои аҳамияти ҷамъиятӣ ва инчунин ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории аз тарафи бахши хусусӣ анҷомдодашударо дар бар мегирад.

Сиёсати давлатии сармоягузорӣ бояд ба фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва бартараф намудани маҳдудиятҳои қонунгузорӣ ва институтсионалӣ барои афзоиши сармоягузориҳо дар истеҳсолот тақвиятбахши тамоюли иҷтимоии онҳо, озод намудани ташаббуси бахши хусусии иқтисод муқовимат ба таҳдидҳои баъди бухрони молиявии ҷаҳонӣ бавуҷудомадаи бесуботии фаъолияти хоҷагидорӣ дар кишвар бинобар фарсудагии ҷисмонии аз ҳад зиёди бахши истеҳсолӣ нигаронида мешавад [9, с. 50].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ  Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи саноат, аз ҷумла ба кор андохтани иқтидорҳои нав дар соҳа, истифодаи самараноки корхонаҳои мавҷуда, ба роҳ мондани маҳсулоти рақобатпазир ва ивазкунандаи воридот таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда буданд [1].

Пешрафти ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад.

Ҳангоми эълони ҳадафи чоруми миллӣ, яъне саноатикунонии кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон иброз намуданд, ки «Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад». Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад» [5].

Таҳқиқи таҷрибаи саноаткунонӣ дар мамолики пешрафтаи ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки амсилаҳо ва механизмҳои татбиқшуда комилан гуногун ва фарқкунанда мебошанд. Бинобар ин, афзалиятҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои саноаткунонии босуръати иқтисодиёти мамлакт бояд ба таври куллӣ фарқ кунанд.

Ба андешаи мо, баҳри ноил гардидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки механизми таъмини он бо дарназардошти татбиқи коркардҳои инноватсионӣ таҳия карда шавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки ду механизми асосии саноаткунонии иқтисодиёти мамлакат мавҷуданд:

- таъсиси ниҳоди махсуси давлатӣ бо ваколатҳои зиёд баҳри амалисозии сиёсати саноаткунонии мамлакат;
- таҳияи барнома ва ё худ стратегияи саноаткунонии иқтисодиёти миллӣ [5].

Дар воқеъ, саноатЂкунонии иқтисодиёти миллӣ заминаи боэътимоди таъмини бозорҳои истеъмолии ҷумҳурӣ бо молҳои ватанӣ, густариши иқтидори содиротии мамлакат, ташаккули имконоти воридотивазкунӣ, таъмини сатҳи инкишофи босуръати маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат, васеъсозии муносибатҳои иқтисодии байналмилалии кишвар мебошад.

Яке аз қадамҳои муҳим дар самти инкишофи инноватсионӣ-индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад, ки дар он ба сифати ҳадафи асосӣ баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар заминаи таъмини инкишофи устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст [5].

Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- таъмин намудани рушди мутавозин ва босуботи иқтисоди кишвар;
- муқаррар кардан ва дар қонунгузорӣ дақиқан зикр намудани «Қоидаҳои бозӣ» дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ бо дарназардошти манфиатҳои стратегии кишвар ва афзалиятҳои

рушди он, ки сиёсати даққиқ ва пайгиронаи ба дурнамои дарозмуҳлати ҷалби сармоягузориҳо ва ҳимоя намудани эътимоди сармоягузоронһј инъикос менамояд;

- ошкоро ва дастрас будани иттилоот дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ;
- таъмин намудани шароити баробар дар дастрасӣ ба захираҳои сармоягузорӣ;
- мутобиқати муқаррароти асосии сиёсати ҷалби сармоягузорӣ дар тамоми шохаҳои ҳокимият дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ, инчунин дар доираҳои соҳибкорӣ;
- мутобиқати изҳорот ва амалҳои воқеӣ, вуҷуд надоштани тағйироти муваққатии сиёсӣ, возеҳии барномаи мушаххаси амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатии сатҳҳои мухталифе, ки рӯ ба амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатии сатҳҳои мухталифе, ки рӯ ба беҳбудӣ овардани муҳити сармоягузориро дар кишвар таъмин менамояд.

Афзалиятҳои сиёсати давлатии сармоягузорӣ ба ҷанбаҳои зерин мутаммарказ карда мешавад:

- афзалиятҳои соҳавӣ: ташвиқ намудан ва ҳавасмандгардонии намудҳои фаъолият барои кишвар муҳим, аз ҷумла содироти маҳсулоти рақобатпазир ва воридоти технологияҳои нав ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои афзалиятноке, ки номгӯйи онҳо бояд ба таври мунтазам таҷдиди назар карда шавад;
- афзалиятҳо нисбат ба ширкатҳо: дар баробари ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои ширкатҳои бузург бояд ба ҷалби сармоягузориҳои ширкатҳои хурд ва миёна, ки ба такмилдиҳии заминаи умумии қонунгузории ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо ва пешниҳод гардидани кафолатҳои устувории шароити фаъолияти сармоягузорӣ дар тамоми сатҳҳо эҳтиёҷи хеле бештар дорад;
- афзалиятҳои рушди минтақавӣ: дар баробари амалияи фароҳамоварии шароити махсусан мусоиди фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии алоҳида, истифодаи ташаббус ва иқтидорҳои захиравии минтақаҳо бо дарназардошти рушди инфрасохтор ва ниҳодҳои маъмурие, ки барои ҷалби сармоягузориҳои ояндадор зарур мебошад;
- афзалиятҳои минтақавӣ ва кишвар: суръатбахшии раванди ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисоди кишвар, вусъатбахшии манбаъҳои воридоти сармоя ба кишварро ҳам аз ҳисоби давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққӣ ва ҳам аз кишварҳои дорои бозорҳои босуръат рушдёбанда бо дарназардошти эҳтиёҷот ва тамоюли рушди тамоми минтақаи Осиёи Миёна, талаб менамояд [10, с. 35].

Рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузориҳо мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалияти дарозмуҳлати миллии рушд мебошад. Дар чанд соли охир бо ташаббуси Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон, як зумраислоҳоти бузург дар соҳаи пешбурди тиҷорат, ки ба кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва дахолати давлат ба фаъолияти хоҷагидории субъектҳои соҳибкорӣ равона гардида буданд, анҷом дода шуд, ки дар қатори онҳо ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ, батанзимдарории санҷишҳо ва ҷорӣ намудани принсипҳои «Равзанаи ягона»-ро ҳангоми бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ номбар кардан мумкин аст.

Қабули як зумра қонунҳои нав ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда [3-4] дар соҳаи батанзимдарории муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ имкон дод, ки нишондиҳандаҳои кишвар хеле беҳтар гарданд. Бинобар ҳамин, мақсади асосии давлат ва ҳукумат ин таъмин намудани рушди устувор ва мутавозини иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии он, фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, молиявӣ ва ташкилӣ мебошад, ки барои фаъолияти пурсамари сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд [4].

Ноил гардидан ба мақсадҳои зикргардидаи сиёсати давлатии сармоягузорӣ амалӣ намудани тадбирҳои таъхирнопазирро оид ба фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар, дастгирӣ намудани ташаббусҳои бахши хусусии иқтисод, куллан баланд бардоштани нақши давлат дар таъмини шароити қолиби қонунгузорӣ ва институтсионалии фаъолияти хоҷагидории сармоягузорони хусусӣ, ки ба талаботи имрӯзаи бозор мутобиқат мекунанд, тақозо менамояд.

Ташаккули сиёсати сармоягузорӣ, ки ба воридоти сармоягузориҳо мусоидат карда, барои он шароити мусоид фароҳам меоварад, бояд тавассути тадбирҳои сиёсати макроиқтисодӣ, инчунин тадбирҳои интихобӣ дар заминаи татбиқи муносибати инфиродӣ, чораҳои дастгирии хизматрасонии бахшҳои мушаххаси иқтисод, минтақаҳои муайян, гурӯҳҳои корхонаҳо ва

лоиҳаҳо тавассути пешниҳоди имтиёзҳои гуногуни фискалӣ ва сабукиҳои маъмурӣ анҷом дода шавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар соли 2019 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи мустақими хориҷӣ бештар аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой – 26,3 млн. доллари ИМА – 75,8% (хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноати сохтмонӣ, истихроҷ ва истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ ва газӣ), Федератсияи Россия – 33,1 млн. долл. ИМА – 9,6% (хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон), Шоҳигарии Британияи Кабир – 13,9 млн. доллари ИМА – 4,0% (хизматрасонии молиявӣ, саноат, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ), Туркиё – 13,5 млн. долл. ИМА – 3,9% (саноати коркард, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ), Кипр – 10,3 млн. долл ИМА – 3% (хизматрасонии молиявӣ), Швейтсария – 5,8 млн. долл. ИМА – 1,7% (хизматрасонии молиявӣ) ва аз ҷониби дигар давлатҳо бошад – 7,0 млн. долл. ИМА – 2% ворид гардидааст.

Дар соли 2019 воридоти сармояи хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 39,7% (137,4 млн. долл. ИМА), вилояти Суғд – 52,7% (182,3 млн. долл. ИМА), вилояти Хатлон – 3,1% (10,6 млн. долл. ИМА), ВМКБ – 0,6% (2,2 млн. долл. ИМА) ва ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад – 3,8% (13,3 млн. долл. ИМА) равона гардидааст [2].

Тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ бояд ба ташаккулдиҳии макромуҳити ҷолибияти сармоягузорӣ ва заминаи қонунгузорӣ, тадбирҳо оид ба таъмини шароити рақобатпазири ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, инчунин тадбирҳо оид ба баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ равона карда шаванд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои нисбатан муҳимми ҳавасмандгардониҳои махсус барои сармоягузорони хориҷӣ инҳо бояд бошанд:

- ҳавасмандиҳои андозӣ (фискалӣ): рухсатиҳои андозӣ, имтиёзҳо дар мавриди андоз аз фоида, имтиёзҳо нисбат ба маблағҳое, ки барои сармоягузорӣ ва сармоягузории такрорӣ истифода карда мешаванд, низоми босуръати азҳисоббаробариҳои истеҳлокӣ, имтиёзҳо дар мавриди андози даромад барои кормандони хориҷии корхонаҳо бо иштироки хориҷиён, имтиёзҳо ҳангоми анҷомдиҳии амалиёти савдои хориҷӣ, имтиёзҳо дар мавриди воридоти технологияҳои нав;
- ҳавасмандиҳои молиявӣ: пардохтани субсидияҳои давлатӣ барои пӯшонидани як қисми хароҷоти оғози фаъолият, пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок ё кафолатҳо барои қарзҳо, таъмин намудани шароити имтиёзноки суғуртакунии давлатӣ, иштироки давлат дар сармояи саҳомӣ, ҳавасмандгардонии андӯхт, таъсиси фондҳои сармоягузорӣ;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки сармоягузорие, ки ба рушди минтақаҳои рушднаёфта ва соҳаи афзалиятноки иқтисоди кишвар равона карда шудаанд;
- таъминоти иқтисодии татбиқи барномаҳои мақсадноки сармоягузорӣ асосан бояд тавассути беҳтарсозии механизми молиявии ҷалби сармоягузориҳо ба таҳияи низоми баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳо анҷом дода шуд;
- таъминоти ҳуқуқии татбиқи барномаҳо андешидани тадбирҳои маҷмӯӣ оид ба идома додани ислоҳоти қонунгузорӣ, баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ва шафофияти иттилоотро тақозо менамояд;
- бекор кардани раводидҳо ё тартиби содагардонии раводидҳо ба сармоягузорон барои анҷом додани музокирот, шиносоӣ бо истеҳсолот ва бастани шартномаҳо.

Механизми амалии баланд бардоштани имиҷи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд иқдомҳои зеринро дар бар гирад:

- муайян намудани мақоми давлатии масъуле, ки таҳти роҳбарӣ ва назорати бевоситаи он барномаи мақсадноки баланд бардоштани симои сармоягузории кишвар татбиқ карда хоҳад шуд;
- таъсиси гурӯҳи кории доимӣ аз ҷумла коршиносони мустақил;
- таъсиси гурӯҳи таҳқиқотии муваққатӣ иборат аз коршиносон;
- муайян намудани рӯйхати рейтингҳои байналмилалие, ки барои арзёбии муҳити сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд;
- тасдиқ намудани рӯйхати рейтингҳои байналмилалӣ, омӯхтани методология, муайян намудани имконият ва роҳҳои беҳтарсозии нишондиҳандаҳои мушаххас дар ин рейтингҳо;
- таҳия намудани нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтарсозии нишондиҳандаҳо ва муайян намудани масъулони назорати ҷараёни корҳо;
- дар ҷараён ва баъди баанҷомрасии корҳо маъракаҳои густурдаи иттилоотӣ бо мақсади таблиғи дастовардҳо, натиҷаҳои мушаххас, беҳтарсозии муҳити сармоягузории кишвар гузаронида мешаванд [11].

Барои ҷалб кардани сармояи хориҷӣ, пеш аз ҳама, бояд ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузор кафолат дода шуда, механизми таъмини иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда шавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки сармоягузорони хориҷӣ ҳангоми ворид сохтани сармояашон муҳити қонунгузории давлат, махсусан ҳолатҳои гарави ҳифзи моликияти онҳо ва таъмин кардани иҷрои уҳдадориҳои шартномавиро ба назар мегиранд. Эътирофи конвенсияҳо аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кафолати ҳифзи сармояи хориҷӣ омода мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳанӯз ҳам як соҳаи устувори сармоягузориро ташаккул надодааст. Барои расидан ба ин мақсад бояд як қатор камбудиҳои ҷойдошта бартараф карда шаванд. Ба қатори ин камбудиҳо ҳаҷми ками сармоягузориҳои портфелӣ ва мустақим, сатҳи пасти таъминоти технологӣ, рақобатпазир набудани истеҳсолоти миллӣ дар муқоиса ба истеҳсолкунандагони хориҷӣ дохил мешаванд.

Афзоиши самараноки иқтисоди миллӣ дар оянда истифодабарии роҳу равиши комплексиро оид ба масъалаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан ба минтақаҳои он тақозо менамояд. Инчунин, субъектҳои хоҷагидор низ бояд фаъолияти сармоягузории худро пурзӯр намоянд. Рушди иҷтимоӣ-иқтисодии иқтисодиёти миллӣ аз ҳисоби хусусиятҳои иқтидори сармоягузорӣ таъмин мегардад, ки маҷмӯи захираҳои моддӣ, техникӣ, сармоягузории ғайримоддӣ ва молиявиро дар бар мегирад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳангоми аз ҷониби сармоягузорони эҳтимолӣ таҳлил гардидани конъюктураи сиёсӣ онҳо, пеш аз ҳама, ба самаранокӣ ва таъсирнокии сиёсати давлат дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ, сатҳи риоя намудани санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии имзонамудаи давлат ва фаъолиятнокии байналмилалӣ дар ин самт таваҷҷуҳ мекунанд.

Дар ин самт нақши муайянро баҳодиҳии дахолати давлат ба иқтисодиёт иҷро менамояд. Ҳар қадаре ки дахолати давлат ба иқтисодиёт бештар бошад, ҳамон қадар сармоягузорон камтар сармоягузорӣ менамоянд. Ҳолати бӯҳронии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузашта ба пайдоиши бӯҳрони сармоягузорӣ оварда расонд, ки раванди босуръати фарсудашавии фондҳои асосӣ ва кам гардидани рақобатпазирии истеҳсолоти миллиро ифода менамояд.

Фазои сармоягузории ҷумҳуриро баҳогузорӣ намуда, диққатро ба вазъи бахшҳои молиявӣ, асъорӣ ва қарзии иқтисоди миллӣ ва низоми гумрук равона намудан зарур мебошад. Дар баробари ин, назоратро оид ба муносибати мусбат ба сармоягузории хориҷӣ дар ҷамъият, бо дарназардошти таъсири он ба шуғли аҳолӣ, таъмин намудан зарур мебошад.

Сармоягузорони хориҷӣ дар муқоиса бо сармоягузорони дохилӣ оид ба масъалаи иқтисодиёти давлатӣ ба равона намудани маблағҳои худ бениҳоят эҳтиёткоранд ва аз ин хотир, хавфи аз даст додани маблағҳои маблағгузорони дохилӣ бештар мебошад. Сиёсати сармоягузорӣ ҳолати фазои сармоягузориро дар мамлакат муайян месозад ва худ маҷмӯи механизмҳои иқтисодӣ ва ташкилии таъсиррасонандаи мақомоти давлатии сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ё худи ширкатро дар раванди ташаккулёбии фазои мусоиди сармоягузорӣ дар бар мегирад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки объекти таъсири сиёсати давлатии сармоягузорӣ фазои сармоягузорӣ мебошад. Фазои мазкур барои коркарди сиёсати сармоягузорӣ замина мегузорад ва ҳамзамон ҳамчун натиҷаи сиёсати сармоягузорӣ баромад менамояд. Бо дарназардошти имконияти таъсиррасонии омилҳои бавуҷудоварандаи чунин фазои сармоягузорӣ, онҳоро ба таври зайл гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

- омилҳои хусусияти субъективидошта;
- омилҳои хусусияти объективидошта, ба монанди мавҷудияти захираҳои энергетикӣ ва ашёи хом, мавқеи ҷуғрофӣ, табиат, иқлим, нишондиҳандаҳои демографӣ.

Фазои сармоягузории таҳлилшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби мавҷуд будани захираҳои бойи табиӣ, ашёи хом ва энергетика бо дарназардошти мавқеи хуби ҷуғрофӣ барои инкишоф ояндаи хуб дорад. Аммо, дар баробари ин, як қатор ҳолатҳои манфӣ низ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ мавҷуданд, ки муътадилии фазои сармоягузориро зери суол мемонанд.

Ин омилҳо, аз қабили коррупсия, бюкрократияи аз ҳад зиёд, хавфи молиявӣ, инфрасохтори на он қадар рушднамудаи ҳуқуқӣ, низоми андозситонӣ, сиёсати асъорӣ ва молиявӣ, ки барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ монеа эҷод менамояд. Бюрократия ва коррупсия гарчанде омилҳои иқтисодӣ набошанд ҳам, аммо ба ин раванд таъсири назаррас мерасонанд.

Новобаста аз он ки низоми андозситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми назорати асъорӣ ва молиявӣ мебошад, яке аз низомҳои хуб байни давлатҳои ИДМ ба шумо меравад, аммо ба андозаи пурра барои ҷалби сармоягузориҳо мусоидат намекунанд. Хавфи молиявӣ аз таваррум ва номуътадилии қурби асъор вобаста мебошад. Барои сармоягузорони хориҷӣ на танҳо низоми

андозии мувофиқ, балки муътадилӣ ва пешгӯишавандагии иқтисодиёт зарур аст, ки ҳам барои сармоягузор ва ҳам давлат муфид мебошад.

Нишондиҳандаҳои дар боло зикргардида бевосита аз стратегияи иқтисодии давлатӣ вобаста буда, андешидани чораҳои қатъиро тақозо менамояд. Дар ин ҷо самтгирии дуруст ва коркардҳои барномавӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ зарур мебошад. Дар ин замина бояд механизми идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ ва ҳавасмандгардонии он ташаккул дода шавад [5]. Ҳавасмандгардонии воридоти маблағҳо аз хориҷа дар бештари ҳолатҳо аз раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ вобаста мебошад.

Омилҳое, ки ба раванди сармоягузорӣ таъсири мусбат мерасонанд, рушди технологияҳои иттилоотӣ аст. Дар ҷумҳурӣ низомҳои моҳворавии телекоммуникатсионӣ, почтаи электронӣ таъсис дода шудааст, ки ба шабакаҳои алоқаи хориҷӣ ва базаи маълумот дастрасӣ медиҳад. Бо вуҷуди ин, омили калидие, ки метавонад ба сармоягузориҳо мусоидат намояд, табақаҳои иҷтимоии муқарраршудаи мутахассисони хуб мебошад, ки қодиранд дар муносибатҳои бозорӣ фаъолият намоянд.

Ин мутахассисон дар давраи то буҳрон чорабиниҳоеро гузарониданд, ки ба муносибатҳои бозорӣ хос мебошад, аз ҷумла ташкили музоядаҳо, савдо, тендерҳо ва озмунҳо дар бахши сармоягузорӣ. Имрӯзҳо дар мамлакат як қатор омилҳое мавҷуданд, ки ба рушди раванди истеҳсолот ва фаъолияти сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъсир мерасонад.

Барои ташкили фазои сармоягузории нисбатан мусоид ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ як қатор чораҳои мушаххас андешидан лозим аст. Имрӯз дар соҳаи ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ як қатор мушкилиҳо ҷой доранд. Чунончи:

- маҳдуд будани бозори дохилӣ ва ҳамгироии заифи байналмилалиии тиҷоратию иқтисодӣ, ки бо дурдастӣ аз бозорҳои калони ҷаҳонии истеъмолӣ ва роҳҳои асосии тиҷоратию нақлиётӣ алоқаманд аст;
- рушди нокифояи инфрасохтори истеҳсолӣ ва мушкилоти мавсимӣ бо таъмини неруи барқ, дараҷаи баланди бюрократизатсияи ҳокимияти давлатӣ;
- монеаҳои маъмурӣ дар роҳи пешрафти соҳибкорӣ ва мавҷуд набудани механизми худсармоягузорӣ;
- вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ (инфрасохтори бонкӣ, иттилоотию таҳлилӣ, машваратӣ) ва камбудиҳо дар механизмҳои таъмини ҳуқуқҳои молумулкӣ, инкишофи заифи муносибатҳои шартномавӣ;
- номукаммал будани низоми ҳавасмандиҳои андозӣ ва рушд наёфтани механизмҳои дастгирии молию қарзӣ ва суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ, ноустуворӣ дар бозори асъор ва равандҳои таваррумӣ;
- сатҳи пасти таъсирбахшии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ;
- мураккаб будани тартиби (монеаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ)-и воридот ва содирот ва мавҷуд набудани ҳамкории зарурии минтақавӣ, бахусус дар соҳаи тиҷорат, транзит ва табодули иттилооти экологӣ;
- нокифоя будани алоқамандии лоиҳаҳои кумакҳои беруна бо афзалиятҳои чорабиниҳои миллӣ, стратегияҳои соҳавии барномаҳои рушди минтақавӣ.

Аз таҳлил ва омӯзиш бармеояд, ки новобаста аз андешидани чораҳои зиёд, ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ҳанӯз ҳам мушкилоти зиёде вуҷуд доранд, ки сабаби паст шудани ҷолибияти сармоягузорӣ мегарданд. Ба ақидаи мо, яке аз омилҳои ба ҷолибияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиркунанда ин баланд будани хароҷоти истеҳсолӣ мебошад, ки ин омил низ аз меъёри воқеии андозҳо дар дохили мамлакат, истеҳсол нагардидани ашёи хом ва амсоли инҳо вобаста мебошад.

Сармоягузории хориҷӣ дар густариш ёфтани фарогирии иқтисоди ҷаҳонӣ ва иқтисодиёти ҳар як кишвари алоҳида нақши муҳим дорад. Сарчашмаи муҳимми молиякунонии сармоягузорӣ дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сармоягузориҳои хориҷӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, воридшавии сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар давоми даҳсолаи аввали баъди истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ ба дараҷае дар сатҳи кам буд, ки барои бартараф кардани буҳрон ва таъмини рушди минбаъдаи иқтисод таъсирбахш гардид.

Ба ақидаи мо, Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз бештар ба он манфиатдор аст, ки дар кишвар дараҷаи баланди заминаи иқтидорҳои нав ва истеҳсолот ташкил карда шавад, ки он барои мукаммалнамоӣ ва афзун гардонидани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ», аз 26.01.2021, ш. Душанбе.
2. Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе 2020. – С. 214.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», аз 15 марти соли 2016, №1299.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», аз 28 феврали соли 2013, № 468.
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
6. Басовский, Л.Е. Экономическая оценка инвестиций / Л.Е. Басовский, Е.Н. Басовская. – М.: ИНФРА-М, 2018. – 240 с.
7. Бочаров, В.В. Инвестиции. Инвестиционый портфель. Источники финансирования. Выбор стратегии / В.В. Бочаров. – М.: Питер, 2018. – 288 с.
8. Мыльник В.В., Мыльник А.В., Зубеева Е.В. Инвестиционный менеджмент: учеб. пособие. – М.: РИОР: ИНФРА-М, 2013. – 229 с.
9. Ларкина, И.В. Совершенствование системы финансовых механизмов стимулирования инвестиционной деятельности субъекта Российской Федерации (на примере Рязанской области): монография / И.В. Ларкина, Д.Д. Данилов. – Рязань: Ряз. ин-т развития образования, 2014. – С. 120.
10. Сухарев, О.С. и др. Экономическая оценка инвестиций / О.С. Сухарев, С.В. Шманев, А.М. Курьянов. – М.: Альфа-Пресс, 2010. – 244 с.
11. Деятельность свободных экономических зон. [Электронный ресурс]. URL:http://fez.tj/news/150-deyatelnost-svobodnyh-ekonomicheskih-zon-espubliki-tadzhikistan.html.


## СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ САНОАТИКУНОНИИ МАМЛАКАТ


Дар ин мақола муаллиф доир ба сиёсати давлатии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар рушди саноатикунонии мамлакатизҳори назар кардааст. Қайд кардан бо маврид аст, ки пешрафти оянда иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим арзёбӣ шудааст.

Яке аз қадамҳои муҳим ва устувор дар самти инкишофи инноватсионӣ-индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи соли 2030 мебошад, ки дар он ба сифати ҳадафи асосӣ баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар заминаи таъмини инкишофи устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** сармоягузорӣ, сармоягузории хориҷӣ, саноатикунонии мамлакат, инноватсионӣ-индустриалӣ, технологияи инноватсионӣ, фазои сармоягузорӣ, иқтисоди миллӣ, лоиҳаи сармоягузорӣ, ҳавасмандии андозӣ, ҳавасмандии молиявӣ.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Ҳакимова Мавзуна Саторовна, ассистенти кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тел.: (+992) 987-81-96-56; e-mail: mavzuna.khakimova.83@mail.ru


## ГОСУДАРСТВЕННАЯ ПОЛИТИКА ПО ПРИВЛЕЧЕНИЮ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ПРОМЫШЛЕННОЕ РАЗВИТИЕ СТРАНЫ


В статье автор отмечает, что государственная политика по привлечению иностранных инвестиций в индустриализацию страны играет важную роль в развитие эконмики страны. Следует отметить, что дальнейшее развитие экономики Республики Таджикистан предусмотрено в форме индустриально-инновационной деятельности, а для реализации этой цели использование современных технологий для повышения эффективности перерабатывающей промышленности и конкурентоспособности отечественного производства продукты очень важны.

Одним из наиболее важных и устойчивых шагов на пути к инновационному и индустриальному развитию Республики Таджикистан является принятие Национальной стратегии развития Республики Таджикистан до 2030 года, которая определяет повышение уровня жизни населения на основе устойчивой экономической разработки.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** инвестиции, иностранные инвестиции, индустриализация страны, инновационно-производственная, инновационные технологии, инвестиционный климат, национальная экономика, инвестиционный проект, налоговые льготы, финансовые стимулы.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Хакимова Мавзуна Саторовна, ассистент кафедры финансового менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. Тел.: (+992) 987-81-96-56; e-mail: mavzuna.khakimova.83@mail.ru

## STATE POLICY TO ATTRACT FOREIGN INVESTMENT IN THE INDUSTRIAL DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

In the article, the author notes that the state policy to attract foreign investment in the industrialization of the country plays an important role in the development of the country's economy. It should benoted that the further development of the economy of the Republic of Tajikistan is provided in the form of industrial and innovative activities, and for the implementation of this goal, the use of modern technologies to increase the efficiency of the processing industry and the competitiveness of domestic production, products are very important.

One of the most important and sustainable steps towards the innovative and industrial development of the Republic of Tajikistan is the adoption of the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan until 2030, which determines the improvement of the living standards of the population based on sustainable economic development.

**KEY WORDS:** investments, foreign investments, industrialization of the country, innovation and production, innovative technologies, investment climate, national economy, investment project, tax incentives, financial incentives.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Hakimova Mavzuna Satorovna, assistans department of financial management Tajik State University of finance and economics. Phone: (+992) 987-81-96-56; e-mail: mavzuna.khakimova.83@mail.ru

УДК 332.146.3

## ТАҲҚИҚИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ КЛАСТЕРИ САНОАТӢ ВА АЛОМАТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ОН

Истамова С.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва бахшҳои он, яке аз стратегияҳои афзалиятнок ва муҳиме, ки солҳои охир барои дастгирии соҳибкории хурду миёна равона гардидааст, консепсияи ташаккули кластерҳо маҳсуб меёбад. Вусъати ташкилотҳои кластерӣ дар рушди минтақаҳои саноатии Аврупо, махсусан давлати Италия хеле ҷолиб мебошад. Дар ин кишвар ташкилотҳои кластерӣ тавонистанд фаъолона дар бахшҳои бозори содирот рушд намуда, ҷойҳои нави кориро таъсис диҳанд. Муҳити созмондодаи давлат ва фаъолияти ташкилотҳои кластерӣ бо ин роҳ соҳибкории хурду миёнаро ба сатҳи сифатан нав бардоштанд. Заминаи чунин амсилаи муваффақи ташкилотҳои кластериро принсипҳои махсусгардонӣ ва тақсимоти меҳнат, инчунин таъсиси шароитҳо барои рақобати озод ҳангоми дастгирии фаъоли сохторҳои давлатӣ ташкил намуданд. Дар ин асно консепсияи ташкилотҳои кластерӣ дар корхонаҳои хурду миёна дар кулли қитъаҳои ҷаҳон, махсусан дар мамлакатҳои тараққикунанда васеъ паҳн гардидаанд. Аз ҷумла, дар Осиёи Ҷанубӣ ва Америкаи Лотинӣ кластерҳои зиёде фаъолона амал менамоянд, ки фаъолнокии назаррас ва қобилияти ғасб намудани ҳатто бозорҳои сатҳи баланди рақобатро доро мебошанд [1].

Тибқи андешаи И.В. Пилипенко якумин маротиба «истилоҳи «кластер» ба фанни математика охири соли 1930-ум, замоне, ки дастгоҳи таҳлили кластерии маълумоти бисёрченака ташаккул ёфт, ворид гардид. Дар кимиёи ғайриорганикӣ кластерҳо ҳамчун синфи пайвастаҳои кимиёвӣ маънидод карда мешаванд, ки дар таркиби онҳо шумораи гуногуни атомҳои металлҳои интиқолшаванда қарор доранд. Физикаи кластерҳо яке аз самтҳои мунтазам тараққикунандаи илми физикаи муосир ба ҳисоб меравад. Кластерҳои ҳисоббарори компютерҳои якранг, ки бо низоми диспетчерӣ муттаҳид гардидаанд, дар таълим ва таҳқиқоти илмӣ барои ҳалли вазифаҳои ҳисобии меҳнатғунҷоиш истифода карда мешаванд. Бояд тазаккур дод, ки истилоҳи «кластер» аз ҷониби иқтисодчиён-ҷуғрофидони шӯравӣ ва рус А. Горкин ва Л.В. Смирнягин ва тоҷирон-иқтисодчиёни шведӣ К. Фредрикссон ва Л. Линдмарк барои ишораи ҷамъшавии корхонаҳо дар маҳалли муайян ҳанӯз дар соли 1970-ум истифода гардидааст» [2].

Дар миёни олимони рус вазъи равиши кластерӣ дар асарҳои А. Маршал ва И. Шум Петер инъикос ёфтааст. Иштибоҳ нест, агар гӯем, ки аз нуқтаи назари таърихӣ асосгузорони назария ва амалияи ташкилотҳои кластерӣ, аз як ҷониб, консепсияи маршалии «ноҳияи саноатӣ» ва иқтисодиёти агломератсия баромад намояд, аз тарафи дигар, консепсияи рушди инноватсионии Шум Петер баромад мекунад, ки рушди иқтисодиро дар агломератсияи минтақавӣ таъмин месозад [3].

Агар дар асри XIX консепсияҳои ташкилотҳои кластерӣ бо мақсади саноатикунонии ин ё он минтақа дар мамлакатҳои гуногун татбиқ гарданд, пас айни замон ғояи асосии ташкилотҳои кластерӣ нигоҳдории худи онҳо дар шароити рақобати баланд мебошад. Назарияи муосири

рушди рақобатпазирӣ дар мамлакатҳои гуногун дар заминаи таҳқиқоти эмпирикии шаклҳои диверсификатсиягардида коркард шудааст [4].

Дар миёни олимони ватанӣ метавон асарҳои илмии Каримов Р.К., Қаюмов Н.К., Одинаев Ҳ.О., Ғаниев Т.Б., Пиризода Ҷ.С., Қудратов Р.Р., Раҷабов Р.К., Бозоров Ш.Ш., Умаров Ҳ.У., Исайнов Х.Р., Рахимзода Ш., Шарифов З.Р., Ашуров И.С., Самандаров И.Х., Саидмуродов Л.Х., Мирсаидов А.А., Ахророва А.Д., Розиқов В.А., Фақеров Х.Н., Комолиддинов С.К., Раҷабов З.С., Абдураҳимов А.А. ва дигаронро номбар намуд. Дар адабиёти ватанӣ рушди кластерҳои агросаноатӣ, чун қоида, аз мавқеи макроиқтисодӣ баррасӣ гардида, диққати асосӣ дар асарҳои илмӣ ба назарияи ташкили онҳо дода мешавад. Дар адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ масоили умумии кластеризатсияи саноат ба таври амиқ таҳқиқ гардидаанд. Вале, масъалаҳои мукаммалгардонии низомноки механизми рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, то ҳол ба таври равшаниадозии қонеъкунанда дар адабиёти иқтисодӣ таҳлил намуда, соҳаи ҳалли вазифаҳои амалӣ ва конструктивии рушди кластерҳои агросаноатӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифа, боқӣ мондаанд.

Ҳангоми дар субъектҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сатҳи минтақавӣ татбиқ намудани сиёсати иқтисодии минтақавӣ, ки ба дониши амиқи моҳияти консепсияи кластеризатсия такя намудан зарур аст, зеро новобаста аз мавҷудияти андешаи маъмул оид ба самаранокии ташкилотҳои кластерӣ ҳамчун механизми универсалии ҳалли масоили рушди самараноки минтақаҳо ва мақомотҳои маҳаллӣ, то кунун андешаи қобили қабули умумӣ оид ба чӣ будани ташкилоти кластерӣ, дар чӣ хулоса ёфтани моҳияти он ва дар заминаи кадом принсипҳо дар ҷанбаи минтақавӣ амалӣ гардидани кластеризатсия вуҷуд надорад.

Дар рушди назарияи иқтисодиёти минтақавӣ академик АИР А.Г. Гранберг ҳиссаи намоён гузоштааст. Ӯ пешниҳод пешниҳод намудааст, ки назарияи иқтисодиёти минтақавӣ ҳамчун маҷмӯи назарияҳои рушди минтақа, назарияи муносибатҳои иқтисодии байниминтақавӣ ва назарияи ҷойгирсозии намудҳои фаъолият баррасӣ карда шавад. Ҳамзамон новобаста аз он, ки предмет ва объекти таҳқиқоти ҳар яке аз ин назарияҳо хусусиятҳои худро дорад, вале онҳо бояд ҳатман нуқтаи бурини худро дошта бошанд. Чунин нуқтаи буриш ташаккули кластерҳои рақобатпазири байниминтақавӣ ва байнисоҳавӣ ба ҳисоб меравaнд (расми 1).




*Расми.1. Кластерҳо ҳамчун унсури ҷудонашавандаи қисмҳои асосии назарияи иқтисодиёти минтақавӣ [5].*

М.В. Николаев чунин меҳисобад, ки кластери минтақавӣ (байниминтақавӣ) маҷмӯи комплекси звеноҳои ба ҳам алоқаманди базаи ягонаи (афзалиятдор дар минтақа), соҳа (аз ҷумла соҳаи таҳвилдиҳандагон, соҳаи истеъмолкунандагон ва инчунин соҳаҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти дахлдор ва хизматрасониҳо, пеш аз ҳама, ташкилотҳои илмию таълимӣ ва технологияҳои баланд)-ро ифода месозад (расми 2).




*Расми 2. Сохтори кластери минтақавӣ.*

Дар шароити муосир, нишондиҳандаи асосии ҷудосозӣ ба сифати соҳаи базавӣ, ҳамчун кластер, «қобилияти» соҳаи мазкур оид ба истеҳсол намудани маҳсулоти рақобатпазир дар мувофиқа бо талаботи бозори ҷаҳонӣ мебошад. Кластерҳо бояд дорои аломатҳои фарққунандаи асосии зерин бошанд:

– ҳиссаи маҳсулоти дахлдор дар бозори миллӣ ва ҷаҳонӣ бояд аз ҳиссаи миёнаи иқтисодиёти минтақа (МММ) дар ин бозор зиёд бошад;

– суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кластер бояд аз суръати афзоиши миёнаи иқтисодиёти минтақа (МММ) зиёд гардад;

– рақобатпазирии кластер аз нуқтаи назари хароҷоти қиёсӣ ба як воҳиди маҳсулот ва сифату сатҳи маҳсулот аз параметрҳои дахлдори иқтисодии дигар мамлакатҳо ва минтақаҳо набояд паст бошад;

– бояд кооператсияи устувори соҳаҳое, ки ба кластер дохил мешаванд, таъмин намуда, ба татбиқи равандҳои агломератсионӣ мусоидат карда, шаклҳои шабакавии ташкилиро ҷорӣ намояд;

– бояд алоқаҳои иттилоотӣ ва инчунин маркетингӣ миёни корхонаҳои кластери мазкур дар такя бо технологияҳои муосир қавӣ гардад, дар доираи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ звеноҳои норасоии занҷир, яъне меъёрҳои умумии истеҳсол, нақшаҳои мувофиқагардидаи таҳвил ва идоракунӣ, рушди фаъоли дар кластерӣ ташаккул ёбанд [6].

Ҳамин тавр, бо назардошти аломатҳои фарққунандаи дар боло баёнгардидаи кластерҳо ва инчунин мавҷуд набудани мафҳуми ягонаи кластер, ки оид ба марҳалаи ибтидоии рушди назарияи кластерӣ шаҳодат медиҳанд, таҳлил намудани дидгоҳи нуқтаи назари муаллифони гуногун, кӯшиш кардем, ки мафҳуми муаллифии кластерро пешниҳод намоем.

Дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда мафҳуми зиёди «кластер»-ҳо, андешаҳои мусбати мавҷударо ба эътибор гирифта, ба андешае омадем, ки «кластер ин тамаркузи минтақавӣ (ҷуғрофӣ)-и корхона, ташкилотҳо, муассисаҳо, ширкатҳо, мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои илмӣ-таълимӣ ва инфрасохторҳои хизматрасонандаи як минтақаро дар доираи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва самти иҷтимоии онҳо, ки якдигарро пурра месозанд» дар бар мегирад.

Равиши кластерии ташаккули сохторҳои иқтисодӣ ба таври ҷиддӣ мазмуни сиёсати иқтисодии рушди минтақаро тағйир медиҳад, яъне кӯшишҳои идоракунандаҳои маъмурӣ бояд на барои дастгирии рушди корхонаҳои алоҳида, ташкилотҳо ва соҳаҳо, балки ба рушди муносибатҳо миёни истеҳсолкунандагони ниҳоӣ, таҳвилкунандагон ва истеъмолкунандагон, инчунин миёни худи истеҳсолкунандагон ва сохторҳои давлатӣ равона гардида бошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Асаул, А.Н. Организация предпринимательской деятельности [Текст]: учебник. / А.Н. Асаул, М.П. Войнаренко, П.Ю. Ерофеев. – СПб.: Гуманистика, 2004. – 110 с.
2. Пилипенко, И.В. Проведение кластерной политики в России [Электронный ресурс] / URL: http://www.rsr-online.ru/doc/norm/222.pdf (дата обращения 10.09.2012). – С. 6-7.
3. Хасанов, Р.Х. Кластер - как форма реализации государственно-частного партнерства в рамках региональной промышленной политики [Текст] / Р.Х. Хасанов // Экономика и управление, 2009. – №4. – С. 75-80.
4. Feldman V.P., Audretsch D.B. Innovation in Cities: Science based Diversity, Specialization and Localized Competition-European Economic Review, 1999. – №43. – P. 409-429.
5. Гранберг, А.Г. Основы региональной экономики [Текст]: учебник для вузов / А.Г. Гранберг. – М.: ГУ ВШЭ, 2003. – 81 с.
6. Николаев, М.В. Кластерная концепция эффективной интеграции регионов в глобальную экономику [Электронный ресурс] / М.В. Николаев // Проблемы современной экономики, 2005. – №1(13) / URL: http://www.m- economy.ru/art.php?nArtId=671 (дата обращения 15.07.2012)


## ТАҲҚИҚИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ КЛАСТЕРИ САНОАТӢ ВА АЛОМАТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ОН


Дар мақола асосҳои назариявии ташаккули кластери саноатӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи он баррасӣ гардидааст. Дар он инчунин нуқтаи назари олимони гуногуни соҳаи иқтисодиёт оид ба таърифи кластер таҳлил гардида, дар асоси гуфтаҳои боло оид ба мафҳуми кластер таърифи муаллифӣ пешниҳод карда шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили муқоисавӣ мафҳуми кластериро ба 3 гурӯҳ тақсим кардааст, ки ҳар кадоме хусусияти хоси фаъолияти онро таъкид намуда, ҳамдигарро пурра менамоянд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** иқтисодиёт, сиёсати иқтисодӣ, минтақа, ташкилоти кластерӣ, кластери саноатӣ, консепсия.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Истамова Сабоҳат Абдулфаттоевна сармуаллимаи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Тел.: (+992) 803-00-03

## ИССЛЕДОВАНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ОСНОВ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОМЫШЛЕННОГО КЛАСТЕРА И ЕГО ОТЛИЧИТЕЛЬНЫЕ ПРИЗНАКИ

В статье отражены теоретические основы формирования промышленного кластера и его отличительные признаки. Анализировано различные точки зрения ученых по определению кластера и на основе вышеизложенных сделана попытка автором сформулировать свой авторское определение понятие кластера. На основе сопоставительного анализа автором произведено группировка определения понятия кластерных образований на 3 группы, каждое из которых подчеркивают характерную черту его функционирования и дополняют друг друга.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** экономика, экономическая политика, регион, кластерная организация, промышленный кластер, концепция.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Истамова Сабохат, ст. преподаватель кафедры банковское дело Худжандского государственного университета имени академик Бободжона Гафурова. Тел.: (+992) 803-00-03.

## RESEARCH OF THEORETICAL BASIS OF FORMATION OF THE INDUSTRIAL CLUSTER AND ITS DISTINCTIVE FEATURES

The article examines the theoretical foundations of the formation of an industrial cluster and its distinctive features. Various points of view of scientists on the definition of a cluster are analyzed and, on the basis of the above, an attempt is made by the author to formulate his own author's definition of the concept of a cluster. On the basis of a comparative analysis, the author has grouped the definition of the concept of cluster formations into 3 groups, each of which emphasizes a characteristic feature of its functioning and complement each other.

**KEY WORDS**: economy, economic policy, region, cluster organization, industrial cluster, concept.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Istamova Sabohat, senior lecturer of the department of banking of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov. Phone: (+992) 803-00-03.

## МОҲИЯТИ ИЛМИИ СИЁСАТИ ИҶТИМОИЮ МЕҲНАТӢ

Гулов И.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ибораи «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ» яке аз он категорияҳои иқтисодиест, ки дар ҳуҷатҳои расмии давлат ва адабиёти илмӣ васеъ истифода мешавад. Дар шароити кунунӣ, сиёсати иҷтимоӣ – меҳнатӣ мавзӯи баҳсҳои илмии олимони сатҳҳои гуногун мебошад ва доираи таҳқиқи мундариҷаи он дар байни муҳаққиқони муосир нисбат ба муҳаққиқони классик ба таври назаррас фарқ мекунанд.

Зеро сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ фаъолияти бевоситаи муосири давлат вобаста ба манфиатҳои ҳамаи қишрҳои ҷомеа мебошад. Он ба сатҳи рушди ҷомеа, бо менталитети аҳолӣ, бо ҳадафҳое, ки давлат барои рушди иҷтимоии худ гузоштааст, зич алоқаманд аст.

Истилоҳи «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ» дар давоми таърихи таҳаввулоти зиёдеро дидааст ва дар тӯли таърихи инсоният онҳо тағйир ёфтаанд ва манфиатҳои гуногуни ҷомеаро ҳимоя мекарданд. Вобаста ба манфиатҳо ҳар як давлат сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатии худро таҳия карда амали онро таъмин менамуд. Ин сиёсат дар он вақт амалӣ мегардад, ки ба ғояҳои адолати иҷтимоӣ асос ёфта, манфиатҳои ахлоқӣ, динии чомеаро ҳимоя намуда ва бо анъана собит шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки сиёсати муайяни иҷтимоӣ-меҳнатӣ ҳадафи фаъолияти тамоми табақаҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Масъалаҳои таҳқиқоти категорияи иқтисодии моҳияти «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ» ва муносибати давлат ва ҷомеа ба ин мафҳум таърихи тӯлонӣ дорад ва таваҷҷуҳи олимони соҳаи сиёсатшиносӣ ва иқтисодиро ба худ ҷалб менамояд. Олимони мактабҳои иқтисодӣ чунин мешумориданд, ки вазифаи давлат таъмини табақаҳои мухталифи аҳолӣ бо ҳаёти хуррам ва сатҳи баланди зиндагӣ аст. Афлотун изҳор дошт: «Ҳар гуна қудрат, зеро он қудрат аст, ба ҷуз аз онҳое, ки ба онҳо итоат мекунанд, манфиати ҳеҷ касро надорад ва ҳокими воқеӣ маънои онро надорад, ки барои ӯ мувофиқ аст, балки он чи барои мавзӯъ мувофиқ аст». Арасту қайд кард: «Давлат на ба хотири зистан, балки барои он зиндагӣ мекунад, ки хушбахтона зиндагӣ кунад». Даъвои навбатии ӯ: «Давлат ... иттифоқест бо мақсади расонидани кӯмак» ва «беҳтарин низоми давлатиро бояд ҳамчун як эътироф кард, ки ташкили он ба ҳар як инсон имкон медиҳад, ки пешрафт ва хушбахтона зиндагӣ кунад» [1].

Арзиши баланди имрӯзаи аҳамияти «синфи миёна» ҳамчун омили устувории ҷомеа аз Арасту ва идеяи ӯ дар бораи «давлате иборат аст, ки аз одамони миёна» (бо «даромади миёна») бармегардад.

Мутафаккирони асри нав - Т. Гоббс, И. Кант, Гегел ва дигарон низ масъалаҳои масъулияти давлатро дар назди шаҳрвандони худ баррасӣ намуда, адолати судиро арзиши бебаҳси иҷтимоӣ ва ахлоқӣ меҳисобиданд. Ҳамин тариқ, В. Фон Гумболдт дар асари худ «Ғояҳо оид ба таҷриба, ки ҳудуди фаъолияти давлатро муайян мекунад», ҳам вазифаҳои ҳуқуқии давлат (сулҳу амният дар ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс) ва ҳам иҷтимоиро (ғамхорӣ дар бораи некӯаҳволӣ ва саодати ҳама) таҳлил мекунад. Консепсияи иштироки максималии давлат дар таъмини шароити иҷтимоии ҳаёти шаҳрвандон муфассалтар дар асари И. Фихте «Давлати пӯшидаи тиҷорӣ» муаррифӣ шуд.

Аксарияти муҳаққиқон нуқтаи назари дар шакли умумигардонидашудаи О. Хефферо мавриди таҳлил қарор доданд. Ба қавли Хеффе «Агар ҷомеаи инсонӣ мехоҳад хусусияти қонунӣ дошта бошад, пас он бояд: аввал, хусусияти ҳуқуқӣ дошта бошад; дувум, қонун бояд сифати адолатро ба даст орад ва сеюм, қонуни одилона бояд бо қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ ҳимоя карда шавад, яъне ин маънои онро дорад, ки он бояд симои давлат - давлати одилро ба худ гирад» [2].

Кори муттасил оид ба омӯхтан ва тафсири сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун вазифаи хоси давлат ва ҷомеа ба замоне асос ёфтааст, ки пояҳои давлати иҷтимоӣ гузошта шудааст. Дар охири асри XIX гурӯҳе аз олимони олмонӣ дар «ҳалқаи сиёсати иҷтимоӣ» муттаҳид мешаванд, ки ҳадафи он аз нигоҳи сотсиология омӯхтани рушди сиёсат ва иқтисод аст. Тааҷҷубовар нест, ки ин маҳз дар Олмон рӯй дод, дар кишваре, ки фаъолияти огоҳона ва мақсадноке, ки ба бунёди ин навъи пештар оғоз ёфта буд. Инчунин табиист, ки таваҷҷуҳи илмӣ ба чунин як муассисаи иҷтимоӣ дар ибтидои асрҳои XIX ва XX ташаккул ёфта, бо афзоиши назарраси таваҷҷуҳ ба донишҳои иҷтимоӣ қайд карда шуд. В. Сомбарт қайд кард, ки назариётшинос-сотсиологи мушоҳидакор «талош дорад маъно, ваҳдат ва низомро дар омехтаи рӯйдодҳои сиёсии алоҳида ворид кунад, гурӯҳҳои амалҳои якхела ва гетерогениро фарқ кунад ва ба зарурати таъсиси консепсияи сиёсати иҷтимоӣ барояд» [2].

Дар байни муҳаққиқони муосири Ғарб таҳлили амиқи зарурати татбиқи сиёсати иҷтимоӣ олими олмон Ҷ. Хабермас буд. Вай чунин мешуморид, ки мақомоти давлати буржуазӣ бояд барномаҳои иҷтимоиро таҳия кунанд, ки иҷрои онҳо таҳти назорат аст: «Системаи пешрафтаи ҳифзи иҷтимоӣ мазмуни демократияи омма мегардад». Дар фаъолияти давлат сиёсати иҷтимоӣ дар мадди аввал меистад.

Ҷ. Хабермас сиёсати иҷтимоиро ҳамчун як атрибутсияи системаи муосири муносибатҳо, ки бо меъёрҳои демократӣ танзим карда мешавад, шарҳ медиҳад ва аҳамияти раванди созишномаҳои коллективӣ ва шарикии иҷтимоӣ ва ташаккули системаи суғуртаи иҷтимоиро нишон медиҳад. Аммо, ин бахши фаъолияти ҳукумат маҳдудиятҳо дорад. «Сиёсати иҷтимоӣ номутаносибии шадид ва ноамниро бидуни вучуди рафъи нобаробарии сохторӣ дар моликият, даромад ва қудрат бартараф мекунад» [2]. Аммо ин зиддият тавассути мубодилаи афкор тавассути сиёсати иҷтимоӣ коҳиш дода мешавад.

Муҳаққиқи олмонӣ инчунин дар бораи афзоиши аҳамияти рушди хадамоти иҷтимоӣ менависад, аммо таъкид мекунад, ки танҳо бо табиати динамикии рушди механизми хусусии капиталистӣ, ки бо сиёсати дахолати давлат ҳифз карда мешавад, имкон медиҳад, ки пардохти мунтазами кумакпулӣ ва ҷубронпулии иҷтимоӣ пурра ба роҳ монда шавад. Сатҳи баланди ҳифзи иҷтимоӣ, ки ба сиёсати давлатҳои «имтиёзнок»-и муосир хос аст, ба сатҳи баланд ва рушди иқтисодии онҳо вобаста аст. Таназзуле, ки дар муддати тӯлонӣ ба иқтисоди Тоҷикистон хос буд, имконоти сиёсати муассири ҳифзи иҷтимоиро бозмедорад.

Дар даҳсолаҳои минбаъда консепсияи сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар заминаи консепсияи давлати иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Азбаски намудҳои ин давлатҳо ва инчунин маҷмааҳои идеологии дар онҳо асосёфта аз якдигар фарқ мекунанд, табиист, ки дарки сиёсати иҷтимоӣ дар байни намояндагони мактабҳои гуногуни тафаккури иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба андозаи зиёд фарқ мекунад. Бояд қайд кард, ки ҳамаи муаллифон пешгӯӣ мекунанд, ки давлати муосир сиёсати иҷтимоӣ дорад. Гузашта аз ин, гарчанде ки мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» бештар дар робита бо чунин кишварҳои Аврупо, ба монанди Шветсия, Олмон, Дания ва ғайра истифода мешавад, аммо бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки ин давлатҳо дорои аломатҳои алоҳидаи иҷтимоӣ мебошанд. Ҳатто дар ҷое, ки либерализми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ реша давондааст, масалан, дар Иёлоти Муттаҳида, сиёсати иҷтимоии ҳадафноки давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ғояи зарурати идоракунии бошууронаи равандҳои иҷтимоӣ реша мегирад ва технологияҳои иҷтимоӣ пайдо мешаванд.

Сифати иҷтимоӣ ба ҳар давлате хос аст, ки аҳолии он дорои арзишҳои муосири гуманистӣ мебошад. Чунин кишварҳо бо эътирофи «минтақаи масъулият»-и худ ҳам шахсони алоҳида,

оилаҳо, ҷомеаҳо ва давлат хосанд. «Чизеро, ки шахс бо масъулияти худ ва дар асл метавонад анҷом диҳад, набояд мақомоти болоӣ анҷом диҳанд», - чунин аст принсип дар барномаи яке аз муҳаққиқони Австрия. Хусусиятҳои дигари он эътирофи уҳдадориҳои давлат дар назди шаҳрвандони худ, эътирофи зарурати ғози баробарӣ, тақсимоти даромад тавассути андозҳо ва барномаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Механизми татбиқи ҳадафҳои давлати иҷтимоӣ вобаста ба идеологияи ҳукмрон фарқ мекунад ва дар сиёсати иҷтимоӣ таҷассум ёфтааст.

Асосҳои идеологии сиёсати иҷтимоии давлат бо ҳадафҳои он таҷассум ёфта, дар намуди ин сиёсати иҷтимоӣ ифода ёфтаанд ва аз анъанаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва динии ҷомеаи мазкур сарчашма мегиранд. Ҳамзамон, «ҳар як нурҳои тамаддунӣ ба маънои таърихӣ аллакай бо ҳуқуқи мавҷудияти худ баробаранд».

Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки дар ҳеҷ сурат мо набояд ё омӯзиши таҷрибаи ташкили сиёсати иҷтимоӣ дар давлатҳои некӯаҳволии муосир ва ё таҳлили андешаҳои ҷомеашиносони ғарбро дар бораи моҳият ва мундариҷаи сиёсати иҷтимоӣ рад кунем.

Дар илми хориҷӣ ва ватанӣ интихоби хеле калони таърифҳои сиёсати иҷтимоӣ ҷамъ оварда шудааст. Ҳамаи ин равишҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст, ки ҳар кадоми онҳо мафҳумҳои шабеҳро дар бар мегиранд.

Гурӯҳи аввал ва васеътарини он аз муайянсозии ҷомеа сарчашма мегирад, ки ба туфайли он сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун «амали иҷтимоӣ барои ҳалли мушкилоти тамоми ҷомеа» баррасӣ карда мешавад. Ҳадафи сиёсати иҷтимоӣ кумак ба расидан ба ҳадафҳои ҷомеа мебошад.

Гурӯҳи дувуми равишҳо, пеш аз ҳама, аз муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ сарчашма мегиранд ва барои ба эътидол овардани онҳо, танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва сармоя, истисно кардани имконоти эҳтимолии ифротгаро ё радикалии ҳалли зиддиятҳо равона карда шудаанд.

Гурӯҳи сеюми мафҳумҳо сиёсати иҷтимоиро ҳамчун як намуди фаъолияти иҷтимоӣ, ки пеш аз ҳама, ба қишрҳои эҳтимолан хатарнок - маъюбон, шахсони дар канормонда, аз синфҳо ҷудошуда нигаронида шудааст, бо мақсади таъмин намудани қишрҳои поёнӣ бо ҳадди ақали сатҳи мақбули қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ, некӯаҳволӣ тавассути низоми кумаки давлатӣ ва хайрияи ҷамъиятӣ мефаҳманд. Дар як вақт, П.А. Сорокин дар асари худ «Сотсиологияи инқилоб» қайд кардааст, ки «шарти фаврии ҳар як инқилоб ҳамеша афзоиши ғаризаҳои асосии пахшшудаи аксарияти аҳолӣ ва инчунин ғайриимкон будани ҳатто қаноатмандии ҳадди ақалл буд». Дар худи ҳамон ҷо ӯ дар бораи паҳншавии рафтори девиантӣ ҳамчун аксуламал ба қонеъ накардани эҳтиёҷоти асосӣ навиштааст.

Гурӯҳи чоруми мафҳумҳо сиёсати иҷтимоиро, пеш аз ҳама, ҳамчун воситаи кам кардани оқибатҳои манфии нобаробарии инфиродӣ ва иҷтимоӣ тавассути системаи чораҳои тақсимотӣ (азнавтақсимсозӣ) баррасӣ мекунанд. Чун қоида, амалҳо тибқи ин равиш ҳадафи нигоҳ доштани тафриқаи даромадро дар ҳудуди бехатар доранд (масалан, таносуби даҳӣ дар сатҳи 1:10) ва сиёсати фаъоли андоз ҳамчун васила амал мекунад.

Ниҳоят, гурӯҳи панҷуми равишҳо аз принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва шарикии иҷтимоӣ ҳамчун арзишҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандии муосир ва давлати иҷтимоӣ сарчашма мегиранд.

Тавре ки мебинед, дар ҳар кадоме аз ин равишҳо ибтидои муайяни мусбатро метавон баррасӣ кард ва сиёсати воқеии иҷтимоие, ки аксари давлатҳои мутараққии муосир татбиқ мекунанд, унсурҳои ҳар кадоми ин мафҳумҳоро дар бар мегирад.

Луғати кории иҷтимоии Р. Баркер, ки ҳам дар хориҷа ва ҳам дар солҳои охир васеъ паҳн шудааст, чунин таърифи муфассал медиҳад: «Сиёсати иҷтимоӣ фаъолият ва принсипи ҷомеа мебошад, ки роҳи дахолат ва танзими муносибатҳои байни шахсони алоҳида, гурӯҳҳо, ҷомеаҳо, муассисаҳои иҷтимоӣ дар бар мегирад. Ин принсипҳо ва амалҳо натиҷаи урфу одатҳои ҷомеа мебошанд ва тақсимоти захираҳо ва сатҳи некӯаҳволии мардуми онро бештар муайян мекунанд».

Муҳаққиқони мо нисбатан дертар ба сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун мавзӯи махсуси баррасии илмӣ рӯ оварданд. Муҳим он аст, ки дар чунин як нашри мӯътабар, ба монанди луғати энсиклопедии фалсафӣ, ки бисёр мафҳумҳои фалсафаи иҷтимоӣ ва сотсиологияро дар бар мегирад, ягон мақолаи махсусе бахшида ба ин гурӯҳ вуҷуд надорад.

Дар байни муаллифон нуқтаи назари П.Д. Павленка, ки ба андешаи ӯ сиёсати иҷтимоии давлат самти муайян ва системаи тадбирҳо оид ба оптимизатсияи рушди иҷтимоии ҷомеа, муносибатҳои байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои дигар, фароҳам овардани шароити муайян барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаётии намояндагони онҳост. Ин мафҳум яке аз он таърифҳое мебошад, ки падидаи мавриди баррасишавандаро ба таври васеъ тафсир мекунад, эҳтимолан мазмуни дигар намудҳои сиёсатро дар бар мегирад.

Аз нуқтаи назари тафсири сиёсӣ ва ҳуқуқии В.М. Капитсин: «Сиёсати иҷтимоӣ ба маънои васеи калима маънои назорати давлатро дар асоси системаи қоидаҳо (меъёрҳо), сохторҳои танзимкунанда, ки қарор қабул мекунанд ва фаъолиятҳоеро ташкил медиҳанд, ки ба ҷалби фаъолони гуногун ба равандҳои сиёсӣ мусоидат мекунанд. Ҳадафи чунин таъсир мусоидат ба ташаккули ҷомеаи манфиатҳои табақаҳои васеи аҳолӣ ва ба ин васила муттаҳид сохтани ҷомеа, дар ҷустуҷӯи дастгирии онҳо дар фаъолияти давлат мебошад». Муҳим он аст, ки муаллиф

мазмуни маъмурии сиёсати иҷтимоии давлатро таъкид кунад. Шояд эътирофи мураккабии сохтории падида, баррасии он ба маънои васеъ ва танг низ бояд пурмазмун шинохта шавад.

Яке аз аввалин китобҳои дарсии систематиконидашуда оид ба назария ва методологияи кори иҷтимоӣ тафсири сиёсати иҷтимоиро ҳамчун «сабабӣ, вазъиятӣ, динамикӣ дар шакл ва самти фаъолият барои ташкили амалии амнияти иҷтимоии одамоне, ки мехоҳанд талабот ва манфиатҳои худро дар ҷомеа амалӣ кунанд»-ро дар бар мегирад. Тавре ки шумо мебинед, робитаи сиёсати иҷтимоӣ ва амнияти иҷтимоӣ аз ҷониби илми Русия ба қадри кофӣ эътироф карда шуд. Он инчунин дар асари В.В. Колкова ва баъдтар И.Г. Зайнышев низ ин нуқтаи назарро мушаххас намуда, чунин таърифро таҳия кардааст: «Сиёсати иҷтимоӣ ҷузъи таркибии сиёсати дохилии давлат мебошад, ки дар барномаҳо ва амалияи иҷтимоии он таҷассум ёфтааст ва муносибатҳои ҷомеаро ба манфиат ва тавассути манфиатҳои гурӯҳҳои асосии иҷтимоии аҳолӣ ба танзим медарорад» [3].

Возеҳтар В.М. Капитсин мазмуни навро пешниҳод мекунад: сиёсати иҷтимоӣ «маҷмӯи таъсироти бисёрсатҳаи идоракунии давлат мебошад, ки барои дастгирии ҳамбастагӣ барои фаъолияти ҳаётан муҳимми гурӯҳҳои аҳолӣ, ки эҳтимолан ё воқеан дучори хавф мешаванд (ҷисмонӣ, табиӣ, касбӣ), бо мақсади таҳкими ҷомеа ва устувории ҳокимияти сиёсӣ дар доираи таъмини ҳуқуқи онҳо».

Тафсири устувории ҳокимияти сиёсӣ ҳамчун ҳадафи сиёсати иҷтимоӣ комилан дуруст ба назар намерасад. Албатта, тамоми сиёсат бо қудрат алоқаманд аст ва тамоми қудрат дар соҳаи оқилона ба ҳифзи худ, нигоҳ доштани устувории муносибатҳои қудрат ва тобеъият равона шудааст. Аммо, чунин ба назар мерасад, ки маҳз барои сиёсати иҷтимоӣ чунин манфиатҳо набояд афзалият дошта бошанд. Умуман, маҳз дар ин самт мушкилоти таъини ҳадафҳо аз мушкилтаринҳо мебошанд.

Дар байни таърифҳо мураккабтарин таърифи И.А. Григорйева мебошад, ки мегӯяд: «Сиёсати иҷтимоӣ ин фаъолияти давлат ва ё ҷомеа (институтҳои ҷамъиятӣ) дар ҳамоҳангсозии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ҷамъиятҳои иҷтимоию ҳудудӣ дар соҳаи истеҳсолот, тақсимот ва истеъмол мебошад, ки имкон медиҳад манфиатҳои ин гурӯҳҳо бо манфиатҳои аҳолӣ ва ҳадафҳои дарозмуддати ҷамъият мувофиқат кунанд».

Ин таъриф, ба андешаи мо, дар асоси тафсири бениҳоят васеи сиёсати иҷтимоӣ сохта шудааст, ки амалан тамоми фаъолияти ҳаётан муҳимми ҷомеаро дар бар мегирад ва ҳеҷ чизро аз доираи он берун намегузорад. Дар ин равиш, ҳамаи навъҳои дигари сиёсат ба ҷузъҳои иҷтимоӣ монананд.

Шояд ин нуқтаи назар ба як ақидаи оқилона асос ёфтааст, ки ҳадафи асосии худи ҷомеа аст. Одамон сиёсати хориҷӣ ва дохилиро таҳия мекунанд, кашфиётҳои илмӣ ва бадеиро ба амал меоранд ва ҳадафи ҳамаи ин фаъолиятҳо қонеъ кардани ниёзҳои шахсони алоҳида, нигоҳдорӣ ва рушди ҳаёти ҷомеа мебошад. Қудрат, иқтисодиёт, рушди технология ё робитаҳои хориҷӣ воситаҳое мебошанд, ки барои таъмини фаъолияти ҷомеа пешбинӣ шудаанд.

Аз нуқтаи назари И.М. Лаврененко: «Сиёсати иҷтимоӣ фаъолиятест барои идоракунии соҳаи иҷтимоии ҷомеа, ки барои таъмини ҳаёт ва таҷдиди наслҳои нав, фароҳам овардани шароити пешакӣ барои устуворӣ ва рушди системаи иҷтимоӣ ва зиндагии шоистаи одамон пешбинӣ шудааст».

Аз як тараф, сиёсати иҷтимоӣ санъати ҳамбастагии манфиатҳои шахс ва давлат, сатҳҳои гуногуни ҷомеаҳои инсонӣ, гурӯҳҳо дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Аз тарафи дигар, ин системаи ҳамкории доимо навшавандаи ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои ғайридавлатӣ ва худи шахс дар масъалаҳои таъминоти ҳаёт ва рушди инсон мебошад.

Таҳлили андешаҳои дар боло овардаи муаллифони гуногун оид ба моҳияти сиёсати иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки ҳар яке аз таърифҳои дар боло зикршуда яке аз паҳлуҳои ҳақиқатро инъикос мекунанд. Аммо, баъзе мушкилот, алахусус масъалаи мавзӯи сиёсати иҷтимоӣ берун аз доираи онҳо боқӣ монданд.

Танҳо изҳор кардани он ки давлат субъекти сиёсати иҷтимоӣ аст, кофӣ нест. Давлат ҳамчун маҷмӯа ё системаи унсурҳо ё мақомоти бисёрзина амал мекунад ва ҳадафҳои онҳо дар сиёсати иҷтимоӣ ба ҳам омада наметавонанд ва фаъолияти як мақом бо фаъолияти мақомоти дигар мухолифат мекунад. Ҳамин тариқ, шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бояд тибқи таъриф фаъолиятеро, ки ба таъмини фаъолияти иҷтимоии афрод, оилаҳо ва гурӯҳҳо равона шудаанд, анҷом диҳанд. Аммо, унсурҳои сохтори давлатии масъули масъалаҳои иқтисодӣ метавонанд амалҳое анҷом диҳанд, ки дар назария ба баланд бардоштани фаъолияти иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии меҳнат нигаронида шудаанд: оғози муфлисшавии соҳаҳои бесамар, интиқоли бекории пинҳонӣ ба таври ошкоро, таҷдиди сохторӣ дар тамоми соҳаҳо ва қаламравҳои васеъ, ки боиси баста шудан, аз ҷумла шаҳрсозӣ мешаванд. Натиҷаҳои мусбати иқтисодӣ аз чунин фаъолият имконпазиранд, аммо талаб карда намешаванд. Дар баробари ин, оқибатҳои манфии иҷтимоӣ низ аёнанд. Дар айни замон, оқибатҳои мусбати иҷтимоӣ аслан пешакӣ муайян карда нашудаанд: онҳо метавонанд дар сурате рух диҳанд, ки дигаргуниҳои иқтисодӣ муваффақ шаванд ва илова бар ин, барномаҳои иҷтимоӣ барои рафъи иҷтимоӣ таҳия карда шаванд.

Дар ҳолатҳое, ки дар татбиқи сиёсати ягонаи миллии иҷтимоӣ номувофиқатӣ вуҷуд дорад, барои ҷуброни хароҷоти иҷтимоии дигаргуниҳои иқтисодӣ чораҳо андешида намешаванд ё ба қадри кофӣ мувофиқ нестанд, натиҷаҳо метавонанд комилан манфӣ бошанд. Масалан, кори дарозмуддат дар самти «беҳтар кардани вазъи иқтисодӣ» дар саноати ангишт ба тамоман аз байн рафтани манбаъҳои шуғл, афзоиши бекорӣ ва ба минтақаи офатҳои иқтисодӣ табдил ёфтани тамоми минтақаҳо оварда мерасонад. Чунин ба назар мерасад, ки самаранокии иқтисодии чунин фаъолиятҳо низ ба даст наомадааст.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки давлат як «субъекти мураккаб» ва зиддияти сиёсати иҷтимоӣ мебошад, ки унсурҳо ё мақомоти алоҳидаи он метавонанд намудҳои гуногуни сиёсати иҷтимоиро амалӣ кунанд, ки на ҳамеша бо ҳам мувофиқ бошанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мо таърифе таҳия хоҳем кард: сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ маҷмӯи ғояҳои идеологию амалии ҷомеа ва давлат дар бораи таҳияи ҳадафҳои рушди иҷтимоии ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии тамоми қишрҳои ҷомеа ва фаъолият барои ноил шудан ба иҷрои нишондиҳандаҳои ҳадафҳои иҷтимоӣ-меҳнатие мебошад, ки ба ин ҳадафҳо ҷавобгӯ мебошанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Гулина М.А. Словарь-справочник по социальной работе / Переводчик Николай Марчук. – Питер, 2008. – 400 с. – 3000 экз. – ISBN 978-5-469-00450-9.
2. Джери Д., Джери Дж. Большой толковый социологический словарь = Collins Dictionary of Sociology / Переводчик Николай Марчук. – Вече, АСТ, 2001. Т. 1. А – О. – 544 с. 10 000 экз. ISBN: 5-17-012561-5, 5-7838-0426-6. Журнал исследований социальной политики.
3. Кокуева В В., Кегдеева Е. М. Оценка состава и структуры расходов федерального бюджета на социальную политику // Молодой ученый, 2012. – №8.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (аз 5.08.09 с., №549)». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009. – №7-8, мод. 503.
5. Социальное положение и уровень жизни населения России // Федеральная служба государственной статистики. URL: gks.ru/bgd/regl/bll_44/Isswww.exe/Stg/d01/04-03.htm (дата обращения: 20.06.2012). Структура денежных доходов населения // Центральная база статистических данных. Федеральная служба государственной статистики. URL: b:tp://gks. ru/dbscripts/cbsd_internal/DBInet.cgi?pl= 2340023 (дата обращения: 20.06.2012).
6. Социальная политика государства и бизнеса: учебник для бакалавриата и магистратуры / О.А. Канаева, Н.А. Пруель, Т.Л. Судова, Е.Г. Мельников, К.И. Голубев, Н.В. Спиридонова, Н.А. Филимонова, К.Ю. Белоусов. – М.: Юрайт, 2016. – 348 с. – ISBN 978-5-534-03190-4.
7. Экономика и социология труда: социально-трудовые отношения: учебник / под ред. В. А. Гаги. – Томск: Изд-во Томского госуниверситета, 2008.
8. Гулов, И.А. Мавқеи бахши иҷтимоию меҳнат дар сиёсати аграрии давлат / И.А. Гулов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2019. – Том. 2. – №1-4(68). – С. 77-82.
9. Ашуров, И.С. Принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.С. Ашуров, И.А. Гулов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – Том. 2. – №S1-4(80). – С. 159-164.
10. Тохирджонов, Б.Т. Несоответствие на рынке труда спроса и предложения рабочей силы / Б.Т. Тохирджонов, С.Д. Кабиров, И.С. Ашуров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – №1-3(55). – С. 196-202.
11. Тохирджонов, Б.Т. Эффективность труда в личных подсобных хозяйствах / Б.Т. Тохирджонов, И.С. Ашуров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2017. – №1-4(49). – С. 324-330.
12. Тохирджонов, Б.Т. Эффективность использования механизма воспроизводства трудового потенциала / Б.Т. Тохирджонов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2016. – №1-1(35). – С. 113-117.


## МОҲИЯТИ ИЛМИИ СИЁСАТИ ИҶТИМОИЮ МЕҲНАТӢ


Дар ин мақола асосҳои назариявии истилоҳи «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ» ҳамчун категорияи иқтисодӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Ин истилоҳ дар давоми таърих таҳаввулоти зиёдеро дидааст ва дар тӯли таърихи инсоният онҳо тағйир ёфтаанд ва манфиатҳои гуногуни ҷомеаро ҳимоя мекардаанд. Вобаста ба манфиатҳо ҳар як давлат сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатии худро таҳия карда, амали онро таъмин менамуд. Ин сиёсат дар он вақт амалӣ мегардад, ки ба ғояҳои адолати иҷтимоӣ асос ёфта, манфиатҳои ахлоқӣ, динии ҷомеаро ҳимоя намояд. Ин маънои онро дорад, ки сиёсати муайяни иҷтимоӣ-меҳнатӣ ҳадафи фаъолияти тамоми табақаҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад. Муаллиф тавонистааст таърифи худро доир ба ин категорияи иқтисодӣ пешниҳод намояд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** сиёсат, конститутсия, иҷтимоӣ, меҳнат, олимон, таърих, таҳавулот, адолати иҷтимоӣ, унсурҳо, вазъи иқтисодӣ, қонун, иҷро.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Гулов Искандар Ҳасанович, унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 988-63-22-37; e-mail: gulov_iskandar@mail.ru.

## НАУЧНАЯ СУЩНОСТЬ СОЦИАЛЬНОЙ И ТРУДОВОЙ ПОЛИТИКИ

В статье исследуются теоретические основы понятия «социально-трудовая политика» как экономическая категория. Этот термин претерпел множество изменений на протяжении истории, и они изменились на протяжении истории человечества, чтобы представлять различные интересы общества. В зависимости от интересов каждое государство разработало и реализовало свою социальную и трудовую политику. Эта политика осуществляется, когда она основана на идеях социальной справедливости, защищает моральные и религиозные интересы общества и устанавливается традициями. Это означает, что определенные социальные и трудовые стратегии являются целью всех уровней правительства. Автор смог представить свое определение для этой экономической категории.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** политика, конституция, социальный, труд, ученые, история, эволюция, социальная справедливость, элементы, экономическая ситуация, закон, исполнение.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Гулов Искандар Хасанович, соискатель кафедры теории экономики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 988-63-22-37; e-mail: gulov_iskandar@mail.ru.

## SCIENTIFIC SIGNIFICANCE OF SOCIAL AND LABOR POLICY

This article examines the theoretical foundations of the term «social and labor policy» as an economic category. The term has seen many changes throughout history, and they have changed over the course of human history to represent the various interests of society. Depending on the interests, each state developed and implemented its own social and labor policy. This policy is implemented when it is based on the ideas of social justice, protects the moral and religious interests of society and is established by tradition. This means that certain social and labor policies are the goal of all levels of government. The author was able to present their rules for this economic category.

**KEY WORDS:** politics, constitution, social, labor, scientists, history, evolution, social justice, elements, economic situation, law, execution.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Gulov Iskandar Hasanovich, applicant for the department of theory of economics of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 988-63-22-37; e-mail: gulov_iskandar@mail.ru

# САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКИИ МИНТАҚА

Ашӯров Н.А.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ шароити фаъолияти системаи нақлиётӣ ва логистикиро муайян карда, заминаи рушди иншооти таркибии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути роҳандозии муносибатҳои байниминтақавӣ ва байналмилалӣ фароҳам меорад. Қобили қайд аст, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст: «... Ташкил ва рушди марказҳои нақлиётию логистикӣ ҳамчун қисми таркибии инфрасохтори нақлиётии минтақавӣ метавонад имкониятҳои транзитии кишварро беҳтар намуда, ба афзоиши ҳиссаи мамлакат дар хизматрасонии минтақавию байналмилалии нақлиётӣ мусоидат намояд, ки ин ҳам ҷойҳои нави корӣ ва ҳам манбаи даромади иловагии буҷет ва рушди иқтисодиёт мебошад» [1]. Аз ин рӯ, дарк ва муайян кардани самтҳои умедбахши рушди он хеле муҳим аст.

Қонуниятҳо дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ робитаҳои объективӣ, устувор ва такроршаванда дар ин соҳа мебошанд. Дар байни чунин қонуниятҳое, ки барои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хосанд, метавон афзоиши маъруфияти нақлиёти автомобилӣ, афзоиши ҳаракати нақлиёти автомобилӣ, афзоиши серодамии шаҳрҳо ва бад шудани вазъи экологиро дар субъектҳои таркибии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кард.

Бад шудани вазъи экологӣ мушкилоти ҷиддии замони мост. Ҷолиби диққат аст, ки сарфи назар аз оқибатҳои манфии ошкор, тамоюли афзоиши маъруфияти нақлиёти автомобилӣ дар бист соли охир боқӣ мондааст ва то имрӯз идома дорад. Намунаи дигари муҳим бад шудани сифати роҳҳои автомобилгард дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (расми 1).

Дар шароити ҷаҳонишавӣ дастрасии автомобилҳо аз ҳисоби имконияти харидории автомобилҳои истифодашудаи хориҷӣ зиёд мешавад. Маъруфияти нақлиёти автомобилӣ босуръат меафзояд, ки ин боиси зиёд шудани гардиши автомобилҳо дар роҳҳо мегардад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин тамоюл бо афзоиши маблағгузорӣ барои сохтмон ва таъмири роҳҳо посух медиҳад.

Ҳамзамон, коҳишёбии назорат аз болои сохтмон ва таъмири роҳҳо аз сабаби нотавонии чанд мақомоти танзим дар пайгирии ҳамаи объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ ба назар мерасад. Дар натиҷа, ширкатҳои роҳсозӣ ва таъмирӣ барои сарфаи маблағ аз масолеҳи арзонтар истифода мебаранд ва технологияро вайрон мекунанд. Ин ба бад шудани сифати роҳҳои автомобилгард оварда мерасонад.




*Расми 1. Ташаккули қонуниятҳои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Расм аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Бо дарназардошти он, ки сохтмони роҳҳои нав ба афзоиши ҷараёни ҳаракат мувофиқат намекунад, сарборӣ дар роҳҳои мавҷуда то дараҷае ки онҳо тарҳрезӣ нашудаанд, зиёд мешавад. Ин ҳам ба паст шудани сифати онҳо оварда мерасонад. Мунтазам афзоиши шумораи ҳамлу нақли мултимодалӣ низ ба назар мерасад.

Ба Тоҷикистон омадани шабакаҳои тиҷоратии байналмилалӣ ва ширкатҳои нақлиётии миллӣ бо афзоиши шумораи ҳамлу нақл қайд карда шудааст. Тибқи қонуни бозор ин боиси болоравии нархи намудҳои гуногуни нақлиёт гардид. Бо мақсади сарфаи пул ва кам кардани хароҷоти нақлиёт, корхонаҳо аз ҳамлу нақли мултимодалӣ бештар истифода мебаранд. Илова бар намунаҳои зикршуда, минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ намунаи афзоиши шумораи иншооти пулакии инфрасохториро ифода мекунанд.

Рушди соҳибкорӣ дар субъектҳои минтақаҳои Тоҷикистон ва таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ дар зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии байналмилалии тиҷоратӣ ба афзоиши талабот ба интиқоли мол ҳам аз Тоҷикистон ва ҳам ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ин боиси афзоиши талабот ба иншооти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақаҳои гуногун мегардад.

Дар зери таъсири механизми бозор, ҷолибияти сармоягузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ барои тиҷорати хусусӣ меафзояд. Бояд қайд кард, ки сармоягузорӣ на танҳо ба иншооти инфрасохтории пастсифат, балки барои нигоҳ доштани ҳолати кунунӣ ва беҳтар намудани

ҳолати иншооти инфрасохтори баландсифат низ гузошта шавад, то онҳо зарар набинанд ва сармоягузориҳои пешина дар ташкили онҳо зоеъ нашаванд.

Бо дарназардошти он, ки маблағҳои буҷаи давлатӣ барои пурра қонеъ кардани талабот кофӣ нестанд, афзоиши шумораи объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикии пулакӣ, ки аз ҳисоби сармоягузорони хусусӣ сохта мешаванд, ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз фароҳам овардани тамоми шароити зарурӣ, давлат бо вуҷуди эҷоди монеаҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар ин масъала, ба чунин лоиҳаҳо бетаваҷҷуҳии худро нишон медиҳад ва ба татбиқи онҳо халал мерасонад. Аксарияти ин монеаҳо одатан, бо номуайянӣ дар соҳаи чунин инфрасохтор ва мушкилоти дастрасӣ ба иҷораи замин барои сохтмони он алоқаманданд.

Мутобиқи ҳолатҳои зикршуда самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикии вилояти Хатлон чунинанд:

- ҷорӣ намудани механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар системаи нақлиётӣ ва логистикӣ;
- ҳифзи манфиатҳои экологии ҷомеа дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ;
- ҳалли мушкилоти таваққуфгоҳ ва сарбории ҳаракати автомобилҳо дар шаҳрҳои калон;
- ҷорӣ намудани системаи оқилонаи идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ.

Ҷорӣ намудани механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар системаи нақлиётӣ ва логистикӣ ба рушди ҳамаҷонибаи системаи инфрасохтори пулакии нақлиётӣ-логистикӣ равона карда шудааст (расми 2).




*Расми 2. Нақшаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ. Расм аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Дар доираи нақшаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ, вазифаҳои давлат иборат аз таъмини заминаи меъёрии ташкили инфрасохтори пулакии нақлиётӣ ва логистикӣ ва додани замин барои иҷора ҷиҳати сохтмони объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ мебошад.

Таъсиси иншооти пулакии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ ҳамчун вазифаи тиҷорати хусусӣ, нигоҳдории объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ ва пардохти иҷора амал мекунад. Дар натиҷа, афзалиятҳо барои давлат, ҳам дар афзоиши даромади андоз ба буҷаи ҳудудӣ ва ҳам барои соҳибкорӣ, ки дар дастрасӣ ба захираҳои замин ва имконияти ба даст овардани фоида ва барои ҷомеа, ки дар афзоиши гуногунрангӣ ва сифати хизматрасонии нақлиётӣ-логистикӣ ифода ёфтаанд, таъмин карда мешавад.

Муҳофизати манфиатҳои экологии ҷомеа дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ муқаррар намудани меъёрҳои олии экологии воситаҳои нақлиётро бо истифода аз инфрасохтори ташкилкунандаи як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Ин имкон медиҳад, ки ҳаҷми партовҳои зараровар ба атмосфера коҳиш ёбанд ва сифати ҳавои шаҳр беҳтар карда шавад.

Сабабҳои асосии ифлосшавии ҳавои шаҳр нақлиёти автомобилӣ буда, аз 53% то 70 фоизро ташкил медиҳад. Солҳои 80-ум ифлосшавии атмосфераи шаҳри Душанбе то андозае буд, ки онро ба шаҳри азими чун Ню-Йорк муқоисашаванда меҳисобиданд [3].

Ҷанбаи муҳим ин оммавигардонии нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза - баркӣ (трамвай, троллейбус, автомобилҳои баркӣ ва ғ.), велосипед, ғалтакҳои ҳаракаткунандаи баркӣ ва ғайра мебошад. Албатта ин барои ҳамаи сокинони шаҳрҳои калон мувофиқ нест, зеро аз сабаби дарозии шаҳр бо велосипед ба кор ё маркази шаҳр рафтан душвор аст, аммо барои шаҳракҳо шароити хуби экологӣ фароҳам меоварад.

Бояд таъкид кард, ки қисми зиёди аҳолии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бидуни зарурати объективӣ нақлиёти автомобилиро ҳамчун воситаи эътибор истифода мебаранд. Аз ин

рӯ, тағйири таваҷҷуҳ ба ҳифзи муҳити зист метавонад боиси афзоиши истифодаи намудҳои алтернативии нақлиёт гардад. Бо дарназардошти ҳаҷми зиёди партовҳои саноатӣ минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай бо мушкилоти ҷиддии экологӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Коҳиши истеҳсолоти саноатӣ ҳатман боиси афзоиши бекорӣ мегардад, ки соҳаи саноатро бесамар месозад. Вобаста ба ин масъала оммавигардонии нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза ҳалли мушкилоти минтақавии экологӣ мебошад.

Ҳалли мушкилоти таваққуфгоҳ ва серҳаракатии автомобилҳо дар шаҳрҳои калон пайдо кардани тавозуни манфиатҳои соҳибони автомобилҳо, пиёдагардон, тоҷирон ва мақомоти маҳаллиро дар бар мегирад. Соҳибони автомобилҳо аз таваққуфгоҳҳои мувофиқ ва бепули дар назди биноҳои мавриди таваҷҷуҳбуда (марказҳои савдо, биноҳои истиқоматӣ ва ғайра) истифода мебаранд.

Пиёдагардон ба пайраҳаҳои васеъ ва бароҳат, ҳавлӣ, майдончаҳо ва ба истилоҳ «минтақаҳои сабз»-и холӣ аз мошинҳои таваққуфкардашуда ниёз доранд. Тоҷирон ҳавасманданд, ки барои муштариёни худ таваққуфгоҳи наздики корхонаҳои худро дошта бошанд, то ки онҳо истифода баранд, яъне манфиатҳои тоҷирон, асосан бо манфиатҳои соҳибони автомобилҳо мувофиқат мекунанд.

Дар айни замон, мушкилоти таваққуфгоҳ аз ҷониби соҳибони автомобилҳо мустақилона ҳал карда мешавад ва таваққуф бо вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар ду қатор, инчунин дар ҷойҳои манъшуда, аз ҷумла дар истгоҳҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, пиёдагардҳо, майдончаҳои бозӣ, дар ҳавлиҳо ва минтақаҳои сабзро дар бар мегирад. Ин ба ҳаракати мӯътадили нақлиёт дар роҳҳо халал мерасонад. Мошинҳои дар ду қатор истода қисми зиёди роҳро ишғол мекунанд, муҳити атрофро вайрон мекунанд, растаниҳои дар минтақаҳои сабзазор афзояндаро поймол карда, норозигии сокинони маҳаллиро ба бор меорад, чунки ронандагон бо таваққуфи автомобилҳо дар роҳҳои пиёдагард барои гашту гузори сокинони маҳал монеа эҷод мекунанд.




*Расми 3. Системаи интеллектуалии идоракунии маҷмааи нақлиётӣ-логистикӣ.*
*Расм аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Давлат чораҳои ҷиддӣ (ҷаримаҳои азим, эвакуатсияи автомобилҳо ва ғайра)-ро истифода мебарад, ки ин мушкилотро ҳал намекунад, зеро онҳо ба сабаби он таъсир намерасонанд, балки танҳо оқибатҳои онро бартараф мекунанд. Барои ҳалли ҳамаҷонибаи ин масъала дар маркази мегаполисҳо ва ҳавлиҳо таваққуфгоҳҳои иловагӣ сохтан дуруст аст. Ҳамчунин сохтани роҳҳои давродавр ва роҳҳои табақагӣ, ки аз боло ва поён аз роҳи асосӣ мегузаранд, мувофиқи мақсад аст. Ин имкон медиҳад, ки бандҳои нақлиёт дар шаҳрҳои калон коҳиш ёбанд ва мушкилоти таваққуфгоҳ ҳал карда шавад.

Ҷорӣ намудани системаи интеллектуалии идоракунии маҷмааи нақлиётӣ ва логистикӣ автоматикунонии идоракуниро дар бар мегирад. Дар иқтисодиёти муосир таъмини ошкоро ба навовариҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ хеле муҳим аст. Технологияҳои интеллектуалӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар бахши нақлиётро дар бар мегиранд. Зуҳури онҳо системаҳои идоракунии зеҳнӣ мебошад (intelligent control systems), ки дар кишварҳои пешрафта (ИМА, Ҷопон, кишварҳои ИА ва ғ.) барои идоракунии маҷмааи нақлиётӣ ва логистикӣ фаъолона истифода мешаванд (расми 3).

Системаи интеллектуалии идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ дар сохтори инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ҷойгоҳи марказиро ишғол мекунад ва таҳти назорати мақомоти маҳаллӣ мебошад. Он фаъолияти нақлиёти ҷамъиятиро муайян мекунад, инчунин нақлиёти боркашро танзим ва ҳамоҳанг месозад.

Ҳадафи ҷорӣ намудани системаҳои интеллектуалии идоракунӣ дар идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ баланд бардоштани самаранокии нақлиёти интермодалӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати хизматрасонӣ, зиёд кардани ҳаракат ва кам кардани истеъмоли энергия ва зарари экологӣ мебошад. Ҷорӣ намудани системаи интеллектуалӣ ба раванди идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ афзалиятҳои зеринро фароҳам меорад:

- муттасилии идоракунӣ, қобилияти амсиласозӣ ва ҳалли масъалаҳои оптимизатсияи логистикаи нақлиёт, қобилияти эҷоди долонҳои нақлиёти байниминтақавӣ ва байналмилалӣ бо истифодаи намудҳои гуногуни нақлиёт;

- имкони мубодилаи фаврии электронии иттилоот байни маркази идоракунии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ ва ҷонибҳои гуногуни ҳавасмандон, ки дар қисматҳои гуногуни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар минтақаҳо ё кишварҳо ҷойгиранд, инчунин имконияти ҳалли мушкилотҳои масофавии (дистансионӣ)-и дурдаст;

- шиносоӣ бо системаҳои нақлиётии байналмилалӣ. Дар айни замон, аксарияти ширкатҳои логистикӣ системаҳои интеллектуалиро истифода мебаранд ва ба системаҳои ягонаи байналмилалии интиқолдиҳандагони интермодалӣ муттаҳид карда шудаанд;

- рушди дарозмуддати стратегии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рушди нақлиёти интермодалӣ яке аз муҳимтарин афзалиятҳои рушди дарозмуддати системаи нақлиётӣ-логистикӣ ва воситаи пешрафти минбаъдаи нақлиёт ва логистика мебошад.

Самаранокии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикиро ташкилот ва идоракунии оптималии он муайян мекунад. Системаҳои интеллектуалии идоракунии комплекси нақлиётӣ ва логистикӣ метавонанд самаранокии идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва технологии хизматрасонии нақлиётӣ ва логистикиро баланд бардорад. Метавон се намуди системаҳои идоракунии интеллектуалиро барои инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ баррасӣ кард:

- системаи интеллектуалии базавӣ. Он барои ҳамгироии равандҳои иттилоотии марбут ба ҳамлу нақли мол истифода мешавад. Рушди ин система такмили модулҳо ва интерфейсҳои дохилии системаи иттилоотии шуъбаи гумрук ва ширкатҳои нақлиётиро дар бар мегирад;

- системаи идоракунии фаврии интеллектуалии ҳамлу нақл. Вазифаи асосии он ин мубодилаи мустақими иттилоотӣ байни фиристонандагон, интиқолдиҳандагон ва мақомоти танзимкунандаи сохтори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳадафи ин система ҷамъоварӣ ва пешниҳоди маълумоти мувофиқ барои корбарон дар бораи интиқолдиҳандагон, ҷадвали кории онҳо, имкониятҳо ва ғайра мебошад;

- системаи иттилоотии парки сайёр ва контейнерӣ. Он барои ҷамъ кардани маълумот дар бораи ҳайати ҳаракаткунанда ва контейнерҳои нақлиёти роҳи оҳан ва об, инчунин барои нигоҳ доштан ва ба истифодабарандагон расонидани маълумот истифода мешавад.

Дар доираи татбиқи системаи интеллектуалии идоракунии комплекси нақлиётӣ ва логистикӣ, таҳияи платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои ҳамлу нақли мултимодалӣ пешбинӣ шудааст.

Механизми фаъолияти платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои интиқоли мултимодалии мол, ҷойгиркунии электронии фармоиш, иҷрои автоматикунонидашудаи фармоиш ва таҳияи нақшаи оптималии интиқоли мултимодалиро дар бар мегирад (расми 4).

Рушди платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ бо мақсади ҳамлу нақли мултимодалӣ ҷиҳати ташкили чор хизматрасонии электронӣ барои ташкилкунандагон ва муштариёни он равона шудааст:

- бронкунии электронии хидматҳо дар соҳаи ҳамлу нақли бор;
- назорати электронии раванди интиқоли бор;
- тартиботи автоматии ҳуҷҷатҳо барои ҳамлу нақли бор;
- тартиботи автоматии эъломия (декларатсия) ва пешниҳоди он дар гумрук.




*Расми 4. Механизми фаъолияти платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои ҳамлу нақли мултимодалӣ.*

*Расм аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Татбиқи лоиҳа ба принсипҳои зерин асос ёфтааст:
- принсипи содагардонии равандҳои тиҷоратӣ;
- принсипи пешниҳоди электронии хидматҳо;
- принсипи омезиши намудҳои гуногуни хизматрасонӣ;
- принсипи мубодилаи электронии маълумот;
- принсипи пешниҳоди як қатор хидматҳо аз ҷониби як молрасон.

Гурӯҳҳои мақсадноки платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои интиқоли мултимодалии молҳо инҳоянд:
- таъминкунандагони хидматрасонии нақлиётӣ ва логистикӣ (терминалҳои боркаш, марказҳои логистикӣ, ширкатҳои нақлиётӣ ва ғ.);
- муштариёни хадамоти нақлиётӣ ва логистикӣ (молфиристонандагон, интиқолдиҳандагон, ширкатҳои экспедиторӣ ва ғайра).

Ҳадафи лоиҳа оид ба татбиқи платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои ҳамлу нақли мултимодалии молҳо эҷод ва паҳн кардани платформаи иттилоотии ҳамҷоя барои ҳамлу нақли мол, харидан ва ҷойгир кардани таҷҳизот ва программаҳои системавӣ барои расонидани хадамоти электронии нақлиётӣ ва логистикӣ зарур аст. Татбиқи лоиҳа чунин манфиат меорад:

1. Хизматрасонии электронӣ самаранокии идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикиро меафзояд, рақобатпазирӣ ва ҷолибияти сармоягузории қаламрав ва корхонаҳои онро аз ҳисоби шомил шудан ба занҷирҳои байниминтақавӣ ва байналмилалӣ баланд мебардорад. Ҳамаи ин барои афзоиши гардиши бор шароит фароҳам меорад. Ин дар навбати худ боиси афзоиши фоидаи ширкатҳои нақлиётӣ гардида, буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва мунисипалӣ андозҳои бештар ҷамъоварӣ мекунанд;

2. Гирандагони хидматҳои нақлиётӣ ва логистикӣ: оптимизатсия ва афзоиши ҳаҷми интиқол, сарфаи вақт ва захираҳои инсонӣ, пешниҳоди автоматикунонидашудаи ҳуҷҷатҳо барои интиқоли мол ба муассисаҳои гуногун;

3. Барои таъминкунандагони хидматрасонии нақлиётӣ ва логистикӣ: пешбурди хидматҳо ва ташвиқи истифодаи хадамоти электронӣ.

Дар натиҷаи татбиқи платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои ҳамлу нақли мултимодалӣ инҳо ба амал меоянд:

- сода кардани равандҳои тиҷоратии корхонаҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар минтақа тавассути истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ;
- суръат бахшидани ҳамлу нақли бор, тавассути таҳияи занҷирҳои оптималии нақлиёт;
- баланд бардоштани сатҳи интиқол, ҷолибият ва рақобатпазирии иншооти инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ.

Бояд қайд кард, ки ҳамгироии пасти лоиҳаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни нақлиёт сохта шудаанд, наметавонад самараи дилхоҳ диҳад.

Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани системаи оқилонаи идоракунӣ бояд дар сатҳи мақомоти ҳудудӣ ва тахти роҳбарии он сурат гирад.

Ин ба шарофати тавсеаи дастрасӣ ба хидматҳо, содагардонии он ва афзоиши ҷолибият доштани онҳо барои корбарон дар сохторҳои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоидтар фароҳам меорад.

Ин ба афзоиши истифодаи хадамоти корхонаҳои нақлиётӣ ва логистикии қаламрав, натанҳо дар сатҳи микро, балки дар сатҳи макро оварда мерасонад.

Афзоиши ҳамгироии системаҳои намудҳои гуногуни нақлиёт махсусан муҳим аст, ки метавонанд табодули иттилоот дошта бошанд ва дар нақлиёти мултимодалӣ ширкат варзанд. Ин барои ҳарчи бештар самаранок банақшагирии бизнес шароит фароҳам меорад.

Дар доираи сода кардани амалҳои иштирокчиёни хадамоти нақлиётӣ рӯйхати муайяни меъёрҳоеро муқаррар кардан лозим аст, ки аз ҷиҳати сохторӣ ба танзим даровардани муносибатҳои онҳо, ки вайронкунии он боиси ҷавобгарии шаҳрвандӣ ва маъмурӣ мегардад (расми 5).




*Расми 5. Тадбирҳои маъмурӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии танзими давлатии фаъолият оид ба татбиқи ҳамлу нақли мунтазами бор бо роҳи автомобилгард.*
*Расм аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Дар ин мақола самтҳои афзалиятноки рушди маҷмааҳои нақлиётӣ ва логистикӣ нисбат ба фаъолияти он қайд гардида, таҳлили самтҳои асосии таъсири мавқеи бозорро ба фаъолияти иқтисодии корхона пешниҳод шудааст. Инчунин омилҳои ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ таъсирбахш аз мавқеи вазъ дар бозори нақлиёт ва логистикӣ муайян намуда, самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ дар бозори нақлиёт дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ пешниҳод карда мешавад, ки неруи дохилӣ бештар истифода бурда шавад.

Корхона метавонад иқтидори бузург дошта бошад, аммо бидуни иштироки фаъолонаи кормандон, ин потенсиал имконият надорад, ки рушди минбаъдаро дар рушди иқтисодӣ ба даст орад. Барои ин омилҳои ба баланд бардоштани сатҳи рушди кадрҳо вобастаро муайян кардан лозим аст [2].




*Расми 6. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ.*
*Расм аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Ба ин омилҳо маълумот, саломатӣ, сифатҳои касбӣ, сифатҳои шахсӣ, ангеза (мотиватсия), ҳавасмандӣ, фазои гурӯҳӣ, шароити кор дохил мешаванд. Корхона бояд такмили ихтисоси кормандон, афзоиши касбӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии моддӣ ва ҳавасмандгардонии маънавиро ба назар гирифта, баррасӣ намояд, то дар оянда ба вазъи устувори молиявӣ ноил гардад ва сатҳи рақобатпазириро баланд бардорад.

Печерская О.А. чунин назар дорад, ки рушди маҷмааи нақлиётӣ ва логистикиро ба таври ҳамаҷониба дар якчанд самт, яъне амалҳои техникӣ-иқтисодӣ, фаъолияти истеҳсолӣ-иқтисодӣ, фаъолияти молиявию тиҷоратӣ ба амал баровардан мумкин аст [2].

Самтҳои афзалиятноки рушд ва омилҳое, ки онҳоро муайян мекунанд, бояд ба таври ҳамаҷониба баррасӣ карда шаванд (расми 6).

Бо чунин муносибати ҳамаҷониба ба стратегияи рушд, бо мутобиқати ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар назди маҷмааи нақлиётӣ ва логистикӣ гузошта шудаанд, имконпазир аст, ки сатҳи ҳосилнокии меҳнати онҳо баланд бардошта шавад, дар бозор рақобатпазир бошад ва рушдиояндаи иқтисодӣ идома ёбад. Самтҳои афзалиятноки рушди комплекси нақлиётӣ-логистикӣ ва унсурҳои таркибии он, инчунин бо дарназардошти таъсири омилҳое, ки ба афзоиши рақобатпазирӣ дар давраи баррасишаванда ва дарозмуддат мусоидат мекунанд, ба сохторҳои нақлиёт имкон медиҳанд, ки татбиқи консепсияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикии минтақаро дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмин намоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23.04.2014 http://www.president.tj
2. Печерская Ольга Александровна. Развитие транспортно-логистической инфраструктуры субъекта РФ как фактор экономического роста (на примере Воронежской области): дисс. канд. экон. наук. – Воронеж, 2016.
3. http://tiroz.org/vazi-ekologii-imr-za-dar-to-ikiston
4. Ашуров, Н.А. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи иқтисоди минтақа / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №9. – С. 243-249.
5. Ашуров, Н.А. Воздействие факторов на эффективность развития транспортно-логистической инфраструктуры региона / Н.А. Ашуров, Р.К. Раджабов, М. Х. Холназаров // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2019. – № 2(46). – С. 56-64.
6. Ашуров, Н.А. Асосҳои назариявӣ, моҳият ва аҳамияти логистикаи нақлиётӣ дар иқтисодиёт / Н.А. Ашуров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – Том. 2. – №S1-4(80). – С. 221-226.


## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКИИ МИНТАҚА


Муаллиф қайд мекунад, ки зарурати навсозии иқтисоди вилояти Хатлон, тақвият додани мавқеи он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ҳамчун як унсури системаи иқтисодӣ талаботи навро пеш мегузорад.

Вобаста ба ин, самтҳои афзалиятноки рушди маҷмааи нақлиётӣ-логистикӣ ва фаъолияти он таҳлил шудааст. Инчунин самтҳои асосии таъсири бозор ба фаъолияти иқтисодии корхона пешниҳод шуда, омилҳои ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ таъсирбахш вобаста ба шароити бозори нақлиётӣ-логистикӣ муайян гардидаанд. Самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ дар шароити муосири иқтисодиёти минтақаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** инфрасохтор, логистика, нақлиёт, коммуникатсия, интелектуалӣ, бозор, комплекс, рақобатпазир, минтақа.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Ашӯров Носир Амонқулович, унвонҷӯи кафедраи нақлиёти автомобилии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 93-710-19-85; e-mail: nosir-85@mail.ru


## ПРИОРИТЕТЫ РАЗВИТИЯ ТРАНСПОРТНО-ЛОГИСТИЧЕСКОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ РЕГИОНА


Автор отмечает, что необходимость модернизации экономики Хатлонской области, укрепления ее позиций в мировом сообществе предъявляет новые требования к развитию транспортно-логистической инфраструктуры как элемента экономической системы.

В связи с этим в данной статье обозначены приоритетные направления развития транспортно-логистического комплекса применительно к его деятельности. Также дан анализ основных направлений влияния рыночной позиции на экономическую деятельность предприятия, определены факторы, влияющие на развитие транспортно-логистической инфраструктуры в зависимости от условий транспортно-логистического рынка. Представлены приоритеты развития транспортно-логистической инфраструктуры в современных экономических условиях Хатлонской области Республики Таджикистан.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** инфраструктура, логистика, транспорт, связь, интеллектуальный, рынок, комплекс, конкурентоспособный, регион.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Ашуров Носир Амонкулович, соискатель кафедры автомобильного транспорта Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 93-710-19-85; e-mail: nosir-85@mail.ru

## PRIORITIES OF DEVELOPMENT OF TRANSPORT AND LOGISTICS INFRASTRUCTURE OF THE REGION

The need to modernize the economy of the Khatlon region, strengthen its position in the world community makes new demands on the development of transport and logistics infrastructure as an element of the economic system.

In this regard, this article outlines the priority directions for the development of the transport and logistics complex in relation to its activities. It also analyzes the main directions of the influence of the market position on the economic activity of the enterprise, identifies the factors influencing the development of transport and logistics infrastructure depending on the conditions of the transport and logistics market, presents the priorities for the development of transport and logistics infrastructure in the transport market in the modern economic conditions of the Khatlon region of the Republic of Tajikistan.

**KEY WORDS:** infrastructure, logistics, transport, communication, intelligent, market, complex, competitive, region.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Ashurov Nosir Amonqulovich, applicant of the automobile transport department of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 93-710-19-85; e-mail: nosir-85@mail.ru

## РУШДИ СОҲАИ ЗАНБӮРПАРВАРИИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*(дар мисоли минтақаи Кӯлоб)*

Нозимов О.Қ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Занбӯриасалпарварӣ яке аз соҳаҳои сердаромад ҳисобида мешавад, зеро фаровонии растаниҳои асалдиҳанда ба афзоиши саршумори занбӯрҳо имкон фароҳам оварда, боиси афзун гардидани маҳсулнокии он мешавад. Аз тарафи дигар, парвариши занбӯр имкон медиҳад, ки гардолудшавии растаниҳо бомуваффақият сурат гирифта, ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ то 50 фоиз афзоиш ёбад. Илова бар ин, рушди занбӯриасалпарварӣ ба таъмини барномаи озуқавории кишвар, инчунин фурӯши маҳсулоти занбӯри асал дар бозорҳои хориҷӣ ва воридоти асъори хориҷӣ ба буҷаи кишвар мусоидат менамояд.

Дар иқтисодиёти бозаргонии муосир талабот ба маҳсулоти занбӯри асал сол аз сол меафзояд. Дар робита ба ин, истеҳсоли намудҳои гуногуни маҳсулоти занбӯри асал васеъ мегардад. Бо дарназардошти ин, баъзе муҳаққиқон фурӯши маҳсулоти занбӯри асалро ҳамчун «шакли муносибатҳои молу мулкӣ байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони асал, мум, прополис ва пенсила» баррасӣ менамоянд.

Иқтисоддони рус Н.И. Кривсов қайд менамояд, ки: «Дар ҳаёти ҳаррӯзаи ниёгони мо занбӯриасалпарварӣ нақши муҳим мебозид, зеро асал ягона маҳсулоти калориянокиаш баланд буда, истеъмоли он барои тамоми намуди бемориҳо фоидаовар мебошад» [1, с. 38].

Тибқи назари олими дигари соҳаи иқтисод А. Малай: «Сарфи назар аз афзоиши истеҳсоли шакар, асал аҳамияти худро дар ғизои инсон нигоҳ доштааст, зеро асал аз нуқтаи назари биологӣ ба ғайр аз карбогидратҳои ба осонӣ ҳазмшаванда, моддаҳое низ дорад ки барои организми одам аҳамияти калон доранд. Ин шаҳодати он аст, ки асал барои инсон дар муқоиса бо тамоми маҳсулоти дигар ғизоноктар мебошад» [2].

Савин А.П. қайд мекунад, ки: «... калорияи занбӯри асал танҳо дар сурате комилан таъмин мегардад, ки агар меъёри хӯрокаи занбӯр ба таври кофӣ дода шавад. Ҳамзамон бояд оилаҳои занбӯри асал дар ҷое парвариш карда шаванд, ки дар он ҷо майдони зиёди кишт ҷой дошта бошад, то ин ки гардолудшавӣ ба дараҷаи зарурӣ таъмин гардад» [3, с. 327].

Дар тақвияти гуфтаҳои олимони соҳаи иқтисод ҳаминро бояд илова кард, ки дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ, таъмини афзоиши қобилияти бозори маҳсулоти занбӯри асал ва вусъат додани татбиқи он аҳамияти калон дорад. Зеро он захираҳои зарурирo барои беҳтар намудани сифати маҳсулоти занбӯри асал ва баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқавории кишвар эҷод мекунад. Дар ин росто, сарфи назар аз мушкилоти давраи гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан солҳои охир, истеҳсол ва савдои маҳсулоти занбӯри асал тақвият ёфтааст. Ин афзоиш ба навъҳои гуногуни моликият ва хоҷагиҳои занбӯри асалпарварӣ, хусусан хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хусусӣ вобастагӣ дорад.

Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти занбӯри асал асосан аз афзоиши саршумори занбӯр ва талаботи бозорҳои нави истеъмолӣ, аз ҷумла байналмилалӣ алоқамандӣ дорад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

*Шумораи оилаҳои занбӯр ва ҳаҷми истеҳсоли асал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [4]*

| *Нишондиҳандаҳо* | *1991* | *2011* | *2018* | *2017 % нисбат ба 1991* | *2017 % нисбат ба 2011* |
|---|---|---|---|---|---|
| *Шумораи оилаҳои занбӯри асал (ҳаз)* | *61,5* | *190,2* | *222,4* | *361,6* | *116,9* |
| *Истеҳсолоти асал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *593* | *2936* | *4101* | *691,6* | *139,7* |
| *Аз ҷумала: ш. Душанбе* | *27* | *-* | *-* | *-* | *-* |
| *Вилояти Суғд* | *150* | *1156* | *1360* | *906,7* | *117,6* |
| *Вилояти Хатлон* | *189* | *614* | *976* | *516,4* | *159,0* |
| *Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон* | *44* | *114* | *125* | *284,1* | *109,6* |
| *Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ* | *183* | *1052* | *1640* | *896,2* | *155,9* |

Тавре ки аз ҷадвали 1 дида мешавад, дар кишвар, тӯли солҳои рушди иқтисодиёти бозорӣ, шумораи оилаҳои занбӯри асал ва истеҳсоли маҳсулоти он зиёд шудааст. Масалан, соли 2017 дар муқоиса бо соли 1991, шумораи оилаҳои занбӯри асал дар кишвар 3,6 баробар ва истеҳсоли асал - 7 баробар афзудааст. Таҳлил нишон дод, ки дар иқтисодиёти бозор яке аз омилҳои асосии афзоиши истеҳсоли асал ташаккули шаклҳои мухталифи тиҷорат ва тавсеаи бозор ҷиҳати фурӯши маҳсулот мебошад.

Айни замон, шаклҳои давлатӣ ва ғайридавлатии идоракунӣ, корхонаҳои хурд ва миёна барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти занбӯри асал вуҷуд доранд. Таҳвили маҳсулоти занбӯри асал дар бозори дохилии кишвар ва бозорҳои байналхалқӣ сурат мегирад.

Аз сабаби оне ки объекти таҳқиқоти мо минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон маҳсуб меёбад, тасмим гирифтем, ки оид ба ин минтақаи агросаноатӣ натиҷаҳои бадастовардаамонро пешкаш намоем.

Тибқи назари коршиносони соҳаи кишоварзӣ вилояти Хатлонро ба ду минтақаи агросаноатӣ ҷудо кардан мумкин аст, ки яке минтақаи агросаноатии Вахшу Бохтар ва дигаре минтақаи агросаноати Кӯлоб мебошад. Аз ҳамин нуқтаи назар, дар мақолаи худ хостем вазъи кунунӣ ва ҳолати воқеии соҳаи занбӯрпарвариро дар минтақаи агаросаноатии Кӯлоб мавриди таҳлил қарор диҳем.

Ҷадвали 2

*Истеҳсоли асал дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб таи солҳои 2012-2017 (ба ҳисоби тонна) [4]*

| *Номгӯи ноҳияҳо* | *Солҳо* | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | *2016* | *2017* | *2017/2012 (+-)* |
| *ш. Кӯлоб* | *39,3* | *43,8* | *113,2* | *114,5* | *114,5* | *117,8* | *+78,5* |
| *н. Муъминобод* | *145,9* | *173* | *106,1* | *123,5* | *123,5* | *123,5* | *-22,4* |
| *н. Восеъ* | *18,4* | *21,8* | *35,1* | *35,6* | *37,5* | *37,5* | *+19,1* |
| *н. М.С.А. Ҳамадонӣ* | *10,1* | *21,2* | *19,8* | *19,8* | *19,9* | *20,0* | *+9,9* |
| *н. Фархор* | *28,6* | *29,8* | *33,6* | *34,1* | *38,4* | *39,5* | *+10,9* |
| *н. Темурмалик* | *21* | *40,8* | *40,8* | *40,8* | *40,8* | *41,0* | *+20* |
| *н. Данғара* | *46,8* | *48* | *52,5* | *56,5* | *58,6* | *60,1* | *+13,3* |
| *н. Ховалинг* | *41,1* | *43,1* | *58,5* | *59,0* | *59,6* | *60,2* | *+19,1* |
| *н. Ш. Шоҳин* | *54* | *56* | *56* | *57,0* | *57* | *57,0* | *+3* |
| *н. Балҷувон* | *32,8* | *47,5* | *50,1* | *51,3* | *52* | *52,2* | *+19,4* |

Тавре аз рақамҳои ҷадвали 1 маълум мешавад, тӯли солҳои таҳлилшаванда истеҳсоли асал дар ноҳияи Муъминобод тамоюли пастшавӣ дорад. Сабаби пастшавии истеҳсоли асал дар ноҳияи Муъминобод агар аз як тараф, риоя накардани қоидаҳои будубоши занбӯрҳо бошад, аз тарафи дигар, ин дар ихтиёри аҳолӣ мавҷуд будани оилаҳои занбӯри асал мебошанд, ки дар натиҷаи ин онҳо ба раёсатҳои кишоварзӣ ҳисоботи дуруст пешниҳод намекунанд. Аз тарафи дигар, барои бештар истеҳсол кардани асал роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ, занбӯрпарварони хоҷагиҳои ин ноҳия бояд усулҳои парвариши занбӯри асалро дуруст ба роҳ монанд.

Мувофиқи ҳисоботи оморӣ дар шаҳри Кӯлоб соли 2011 37 тонна, соли 2012 39,3 тонна, соли 2013 43,8 тонна, соли 2014 113,2 тонна соли 2017 бошад бештар аз 117 тонна асали хуштаъму лазиз ба даст оварда шудааст [4].

Маълум аст, ки соҳаи занбӯрпарварӣ яке аз соҳаҳои ояндадор ва сердаромад аст. Аз ин рӯ, сол ба сол мунтазам зиёд намудани шумораи занбӯри асал боиси афзоиши истеҳсол ва фурӯши маҳсулот мегардад. Аз тарафи дигар, зиёд шудани саршумори занбӯри асал ба гардолуд шудани намудҳои гуногуни растаниҳо таъсири мусбат расонида, ба баланд гардидани ҳосилнокии зироатҳо мусоидат менамояд [5].

Дар ҳақиқат, таҳлил нишон медиҳад, ки ба мураккабии бозори маҳсулоти занбӯри асал нигоҳ накарда, мо метавонем ба туфайли истифодаи усулҳои пешқадам ин соҳаро рушд ва талаботи рӯзафзуни истеъмолкунандагонро бо ин маҳсулоти пурқимат таъмин намоем. Ин

маънои онро дорад, ки ҳангоми таҳлил мо бояд ҳамаи унсурҳои асосии бозор, таъсири ҳамаи омилҳоро оид ба рушди истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти занбӯри асал ба назар гирифта бошем. Дар ин робита, рушди занбӯрпарварӣ афзоиши ҳаҷми маҳсулоти занбӯри асал дар бозор маънои ҳадди аққал истифода бурдани тамоми имкониятҳоро дар назар дорад. Дар баробари ин, муайян намудан ва ба эътибор гирифтани майдони заминҳои растаниҳои асалдеҳ аҳамияти назаррас дорад, зеро онҳо барои баланд бардоштани сифати маҳсулоти занбӯри асал нақши муҳим мебозанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки барои ба талаботи истеъмолӣ мутобиқ гардонидани маҳсулоти занбӯри асал, истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони шабакаҳои тақсимоти маҳсулотро зарур аст, ки бо тарзу усулҳои гуногун самаранокии ин соҳаро таъмин намоянд:

- баланд бардоштани сифати маҳсулот;
- баланд бардоштани сатҳи технологияи истеҳсолӣ;
- такмил додани раванди технологии истеҳсолот;
- васеъ намудани намудҳои маҳсулоти занбӯри асал;
- такмили сиёсати фурӯши маҳсулот тавассути коркарди навъҳои гуногуни маҳсулоти занбӯри асал дар бастабандиҳои иловагӣ ва бозбандӣ;
- ҷойгиркунии маҳсулоти занбӯри асал дар бозори истеъмолӣ.

Вобаста ба ин, рушди ҳамкории ширкатҳои коркарди маҳсулоти занбӯри асал дар кишвар, ҷиҳати ташаккули соҳаи занбӯрпарварӣ, аз ҷумла кооперативҳои хурду миёна, барои коркард, ташкили истеҳсол ва фурӯши он бе миёнаравон, бо мақсади рушди минбаъдаи соҳа ва дар ин замина зиёд кардани ҳиссаи соҳаи саноат бояд ҷоннок карда шавад. Самтҳои пешниҳодшуда ба баланд гардидани самаранокии иқтисодии истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти занбӯри асал ва афзоиши рақобатпазирии маҳсулот оварда мерасонад.

**АДАБИЁТ:**


1. Кривцов, Н.И. Прошлое, настоящее и будущее пчеловодства / Н.И. Кривцов, Я.Л. Шагун // Зоотехния, 2008. – №1. – С. 38.
2. Малаю, А. Интенсификация производства меда [Электронный ресурс] / А. Малаю; пер. с рум. Л.Х. Левентуля; под ред. и с предисл. Г.Д. Билаш. – Режим доступа: http://www.beelife.org/med/proizvodstvomeda.
3. Пчеловодство: учеб. / Н.И. Кривцов [и др.]. – СПБ: Лань, 2010. – С. 327.
4. Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2014. – С. 262-285; Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С. 260-287.
5. Холиков М.Г. Вопросы формирования и развития рынка продукции пчеловодства в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук, 2015. – №2-5(172). – С. 131-136.


## РУШДИ СОҲАИ ЗАНБӮРПАРВАРИИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*(дар мисоли минтақаи Кӯлоб)*


Дар ин мақола баъзе масъалаҳои ташаккул ва рушди занбӯрпарварӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб, мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Нуқтаи назари олимон ва мутахассисони соҳа оид ба ташаккул ва зарурати ташкил кардани оилаҳои занбӯри асал аз ҷониби муаллиф мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар таҳқиқоти худ баъзе мушкилоти асосии ташкил ва рушди занбӯрпарвариро дар истеҳсоли асал нишон додааст. Хулосаҳои муаллиф ва пешниҳодҳои ӯ барои равнақу ривоҷи соҳаи занбӯрпарварӣ ва баланд гардонидани сифати маҳсулот мусоидат менамояд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** занбӯри асал, оилаҳои занбӯри асал, истеҳсоли асал, навъҳои гуногуни оилаҳои занбӯри асал, сифати маҳсулот.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Нозимов Орзӯ, унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.


## РАЗВИТИЕ ПЧЕЛОВОДЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*(на примере Кулябской области)*


В статье рассматриваются некоторые вопросы становления и развития пчеловодства в регионах Республики Таджикистан. Мнения ученых и специалистов о формировании и необходимости формирования пчелиных семей изучены и рассмотрены авторами. В своих исследованиях автор анализирует формирование пчелиных семей и производство меда в регионах страны. Автор обозначил несколько основных проблем в организации и развитии пчеловодства и производства меда. Выводы и рекомендации автора способствуют улучшению пчеловодства и формированию пчелиных семей.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** пчелы, пчелиные семьи, производство меда, разные виды пчелиных семей, качество продукции.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Нозимов Орзу Курбоналиевич, соискатель кафедры экономики предприятия и предпринимательства Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. Тел.: (+992) 987-50-95-01.

## DEVELOPMENT OF REGIONS OF THE BEEKEEPING INDUSTRY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN *(on the example of the Kulob region)*

The article discusses some issues of the formation and development of beekeeping in the regions of the Republic of Tajikistan. The opinions of scientists and specialists on the formation and necessity of forming bee colonies have been studied and considered by the authors. In his research, the author analyzes the formation of bee colonies and honey production in the regions of the country. The author outlined several major problems in the organization and development of beekeeping and honey production. The conclusions and recommendations of the author contribute to the improvement of beekeeping and the formation of bee colonies.

**KEY WORDS:** bees, bee colonies, honey production, different types of bee colonies, product quality.

**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Nozimov Orzu Qurbonalievich, post-graduate student of the department of enterprise economics and entrepreneurship of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Phone: (+992) 987-50-95-01.

## РЕАЛИЗАЦИИ ГОСПРОГРАММЫ ПО РАЗВИТИЮ ИННОВАЦИЙ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

Ашурзода С.Х.
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава

За последние десять лет был предпринят ряд конкретных шагов по развитию сельскохозяйственных инноваций в стране. В основном механизм достижения целей в этой сфере реализуется через разработку государственных программ. Одна из таких программ - «Государственная программа развития Академии сельскохозяйственных наук Таджикистана на 2016-2020 годы» (от 30.12.2015 №790) [1, с. 126-145].

В соответствии с Планом действий по реализации данной Программы проделана определенная работа.

Научно-исследовательские институты ТАСХН проводят исследования по 60 заказным темам, 6 проектам, относящимся к Программе инновационного развития Республики Таджикистан на 2011-2020 годы, 4 международным программам и 4 проектам, относящимся к Президентскому фонду фундаментальные исследования на 2021-2025 годы.

В целях популяризации и внедрения достижений аграрной науки и инновационных методов и технологий в производство учеными выполнено 382 научных трудов. Проведено 44 международных, республиканских, региональных конференции и семинара, выездных дней и круглых столов.

В целях популяризации научных достижений и рекомендаций по развитию сельского хозяйства было проведено 345 дискуссий по видео и 76 раз по аудио, а также опубликовано 30 научных статей в периодических изданиях.

Ученые научных учреждений ТАСХН имеют 9 патентов, 6 авторских свидетельств, 6 отчетов о положительных результатах государственной экспертизы изобретения. Среди них первые патенты на «Состав пестицидов для садов и виноградников», «Профилактика и лечение аскоспороза и аспергиллеза пчел», «Комплексные методы иммунизации мелкого рогатого скота против болезней овец и коз» и др.

Учеными ТАСХН создано 6 видов сельскохозяйственных культур, в том числе мягкая пшеница «Академия-2016» и «Анвари», тритикале. «Зарафшон», Наски типа «Файзи Гиссар» и Среднезернистый хлопок быстрорастущей группы «ВД-75» и 21 вид сельскохозяйственных культур, в том числе среднезернистый хлопок среднезернистых сортов «Дангара-30», «Кубодиён-30», «Канибадам-2020», «Бахт-21», рис «Истиклол», комар «Хисории пешпазак», подсолнечник «Самаранок-40» и кукуруза «Басири», кукуруза «Файз», 4 сорта винограда - «Ватан», «Ёкути Сурх», «Президент», «Немат», 2 сорта фиников - «Восточный» и «Шохона», 2 сорта лимонов «Таджикский» и «Балхи»; 2 вида баклажанов - «Дусти-1», «Дусти-2».

Государственная комиссия по экспериментальным сортам сельскохозяйственных культур и охране сортов Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан испытывает 51 сорт сельскохозяйственных культур, овощей и плодовых деревьев [2].

Сотрудничество по фундаментальным и прикладным исследованиям с отечественными научными и образовательными учреждениями 14 зарубежных исследовательских центров и стран Содружества Независимых Государств.

Программой реформирования сельского хозяйства Республики Таджикистан на 2012-2020 годы», от 1 августа 2012 года №383, предусмотрены дальнейшего развития высокоурожайных культур (экспортных и импортозамещающих), увеличения площадь садов на экспорт, как в свежем, так и в сухом виде [3].

Для увеличения объемов экспорта сельскохозяйственной продукции на этапе устойчивого развития различных секторов страны необходимо наращивать производство высокодоходной,

экспортно-ориентированной и импортозамещающей продукции с использованием современных технологий.

С целью увеличения площади садов и виноградников учеными с современными технологиями (интенсивные) в подведомственных учреждениях Академии создан питомник на площади 3,8 га. В то же время ученые Института садоводства и овощеводства посредством регулярных семинаров, консультаций и СМИ дают садоводам и виноградарям страны научно обоснованные рекомендации и оказывают научную и практическую помощь в создании современных садов.

В Национальном центре генетических ресурсов были посажены 24 вида косточковых деревьев (слива и абрикос) для создания коллекционного материнского сада.

Люцерна является основной экспортной культурой и имеет большое значение для развития животноводства, плодородия почв и предотвращения деградации почв.

В целях повышения урожайности сельскохозяйственных культур и хранения кормов, а также для налаживания выращивания этой культуры в обычном и севообороте.

Цена реализации семян люцерны на рынках страны составляет от 35 до 40 сомони. В то же время важно начать производство высококачественных семян люцерны, чтобы поддержать фермерские хозяйства страны и экспортировать их за границу.

По развитию селекции в области создания новых сортов люцерны в филиале Института растениеводства Хатлонской области ведутся научно-исследовательские работы.

В ближайшие годы поставлена цель увеличить производство зерна до 1,5 миллиона тонн. Для выполнения этой важной задачи ключевую роль играет производство зерна, особенно бобовых. Цена гороха на рынках страны стоит от 10 до 16 сомони и считается экспортной культурой. Увеличение посевов гороха на богарных землях поможет обеспечить снабжение долин, гор и предгорий страны и увеличить его производство, чтобы обеспечить внутренний рынок и его экспорт в зарубежные страны [4, с. 136].

Для этого учеными АИКТ созданы высокоурожайные сорта гороха «Яшни Гиссар», «Сино», «Гиссар-32» и «Муктадир», адаптированные к условиям изменения климата и широко используемые в производстве.

Еще одним вопросом, характеризующим оценку инновационного развития сельского хозяйства, является проведение общенациональных информационно-просветительских мероприятий.

Ученые-аграрии опубликовали рекомендации и руководства по актуальным вопросам развития сельского хозяйства. В целях пропаганды научных достижений и рекомендаций по развитию сельского хозяйства проводились 345 раз дискуссии, опубликовано 30 научных статей в периодических изданиях.

В то же время ученые участвуют в региональных, национальных и международных конференциях и семинарах. Также научные учреждения страны приняли участие в республиканских мероприятиях, посвященных празднованию Сада и Навруза,

Ученые Академии приняли активное участие в проведении тренингов для специалистов сельского хозяйства, председателей джамоатов и руководителей дехканских хозяйств в городах и районах республиканского подчинения, а также в Согдийской и Хатлонской областях.

Еще один вопрос, решаемый в рамках программы, - «Замена посевных площадей под хлопок масличными и зерновыми культурами».

Созданные учеными сорта, в том числе Анвари, Академия-2016, Ячмень Нодир и Зарафшон тритикале, «Файзи Хисис», Истиклол; рис Комар «Исторический пешпазак» официально принят Госкомиссией.

Подсолнечник - одна из самых полезных масличных культур и содержит 45-50% полусухого масла, которое является экологически чистым и важным для питания и здоровья человека. При полном соблюдении технологии его возделывания урожай зерна на орошаемых землях (основной и повторный посев) составляет 25-30 ц / га, а на богарных - 10-15 ц / га.

Результаты научных исследований ученых Института растениеводства показали, что выращивание подсолнечника не только на орошаемых, но и на богарных землях, при условии атмосферных осадков и полунатурального хозяйства страны дает желаемый урожай.

В результате селекционной работы учеными института растениеводства создан новый сорт подсолнечника «Нурафшон».

Министерство сельского хозяйства Республики Таджикистан было регионализировано, и в этом году сорт подсолнечника «Самаранок-40» передан в комиссию для официальной проверки. В то же время ученые давали советы фермерам на семинарах, полевых днях и в средствах массовой информации по выращиванию других масличных культур, таких как лен, маниока, кунжут, на богарных землях.

Один из ключевых пунктов этой программы - «Улучшение доступа к кормам». В целях развития животноводства и роста посевных площадей кормовых культур рекомендованы широкое использование орошаемых земель для выращивания свеклы, кукурузы на зерно и силос, люцерны, промежуточных культур (рапс, сорго, перко, комары, оптовые и смешанные культуры). На богарных землях рекомендуется выращивать люцерну, суданскую траву, эспарцет, сафлор и подсолнечник.

Другой важный вопрос - «Создание благоприятных эпизоотических условий и обеспечение продовольственной безопасности».

На базе лаборатории ветеринарной биотехнологии разработана серия тестовых вакцин на основе защитного антигена для профилактики бруцеллеза с целью определения эффективности Провита-2 против личинок пчел и болезней пчел. Также в животноводческих хозяйствах страны проведены исследования по дифференциальной диагностике туберкулеза крупного рогатого скота от эхинококкоза и предотвращен ненужный убой высокопродуктивного скота.

С целью своевременной диагностики инфекционных болезней птиц иммуноферментным методом получены 5 комплектов праймеров для диагностики пастереллеза, микоплазмоза, инфекционного бронхита у птиц, болезни Гамбора и пневмовируса.

Институт биобезопасности и биотехнологии много сделал для развития ветеринарии. Исследователи, используя штаммы местных микроорганизмов, произвели 133 600 доз вакцины, в том числе 16 000 доз от инфекционной плевропневмонии у коз и 94 600 доз вакцины против пастереллеза и сальмонеллеза. Они произвели 5 000 доз вакцины против клостридиоза и 18 000 доз вакцины против сенуроза. Также на 198300 доз вакцины против кори, эпидемического паротита и сальмонеллеза и пастереллеза домашнего скота. Получен сертификат соответствия Комитета по безопасности пищевых продуктов при Правительстве Республики Таджикистан.

Одна из современных проблем - «Разработка технологий адаптации сельского хозяйства к изменению климата (засухоустойчивые зерновые)».

В результате селекционной работы учеными ТАСХН были отобраны устойчивые к изменению климата сорта пшеницы «Файзбахш», «Шокири», «Фарходи-60», «Фалгар» и ИЗ-80. В настоящее время в области технологии выращивания зерна изучены сорта пшеницы «Шокири», «Лалмикор-1», «Фарходи-60» и др., Изучены нормы водопользования, минеральных удобрений и сроков сева развито современное выращивание этих сортов.

По пункту «Развитие семеноводства» Институт земледелие и его подразделения провели осенний посев зерновых культур на площади 524,93 га, в результате чего было произведено 1299,7 кг высококачественных семян.

Для развития системы семеноводства овощных культур ученые Института садоводства и овощеводства предоставили Государственную комиссию по экспериментальному сортоиспытанию и охране сортов Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан для официального осмотра саженцев и семян овощных сортов [5].

Один из самых инновационных пунктов программы - «Разработка методик быстрого внедрения научных достижений впроизводство».

С целью внедрения научных достижений в производство ученые Института сельского хозяйства внедрили двухсторонние селекционные сорта в нескольких районах, в том числе в Панджентском, Бободжон Гафурском районах, путем заключения двусторонних договоров с дехканскими хозяйствами и производственными кооперативами страны. В Дангаринский, раона Дж. Руми Хатлонской области, города Турсунзоде, Вахдат и Гиссар районах имеются демонстрационные участки для выращивания средне- и тонковолокнистого хлопка, пшеницы (ячмень) и бобовых (горох, чечевица, комары), масличных культур (лен), кормов (люцерна, кукуруза) (табл. 1).

Таблица 1

*Новые сорта растений, созданных научными учреждениями Республики Таджикистан в рамках программы*

| | |
|---|---|
| *Зерновые и зернобобовые* | ***Пшеница:*** *Файзбахш, Шокири, Фарходи-60, Фалгар, Ормон, Алекс, Лалмикор-1, Ориён, Шумон, Файзбахш, ИЗ-80, Файзбахш, Шокири, Кахрабо, Анвари, Академия-2016.* ***Ячмень:*** *Пулоди, Баракат, Ченад-345, Нодир.* ***Кукуруза:*** *Хосилот.* ***Горох:*** *Чашни Хисор, Сино, Хисор-32, Муктадир, Шифо, Басири, Файз.* ***Рис:*** *Истиклол.* ***Чечевица:*** *Хисории пешпазак.* |
| *Технические культуры* | ***Подсольнечник:*** *Нурафшон, Самаранок-40:* ***Тутовни****к Сугдиён-1, Сугдиён-2* ***Тритикали:*** *Зарафшон.* ***Чечевица:*** *Файзи Хисор.* |
| *Хлопчатник* | *Фаровон-20, Точикистон, Хатлон-2011, Хисор, Мехргон, Зарнигор, Дусти-ИЗ, Шарора-1020, ИЗ-80, Авесто, 20-солагии Истиклолият, ВД-75, Дангара-30, Кубодиён-30, Конибодом-2020, Бахт-21.* |
| *Картофель* | *Нуриниссо, Шукрона, Жуковский-раний, Гончи, Удача, Радео, Мондиал, Овчи, Сомон, Азизи, Палас, Биг-роза, Импала, Точикистон, Ред скарлет.* |

| | |
|---|---|
| *Овощи* | ***Томаты:*** *Файзободии сурх, Хубчам, Северное сияние, Намунаи-1, ТМК-22, Восток, Джейн, Бичые Сердца, ТМК.* ***Лук:*** *Махаллии сурх.* ***Чечевицы:*** *Марворид, Муаттар.* ***Петрушки:*** *Дусти-1, Дусти-2.* ***Перец:*** *Рарз,* ***Мята*** *Зирарайхон.* ***Дины:*** *Аробакаш, Харбузаи сафед, Нонгушт, Холанди, Окнабот, Кукча, Интихоби №1, Интихоби №2.* ***Тиква:*** *Химчамиёни Хучанди, Атласкаду.* ***Марковь:*** *Тиллоранг, Мушаки сурх, Нантская - 4, Нурли (Зард),* |
| *Плодовые деревья* | ***Яблони:*** *Стар Кримсон, Голден делишес, Чонатан, Эмоми - 1, Эмоми - 2, Хурсанди, Зардсеб хурмо: Шарки, Шохона.* ***Лимоны:*** *Точики , Балхи, Мейер, Люнария.* ***Мандарины:*** *Нагхисин-Васе , Мягаво-Васе.* ***Апельсин:*** *Гамлин.* ***Грейпфрут:*** *Юбилейный.* ***Абрикос:*** *Обильный, Эльберта, Чемпион, Зарнигор, Лаъл, Сунбула, Шалах, Субхони, Точибои, Равшан, Элберта , Зарнигор, 27-1-3-150, Нишони.* ***Вышня:*** *Южная красавица, Комета навъхои мандарини Ковано-Васе, Нагахасин - Васе, Мягаво –Васе, Уншиу, Итолёви.* |
| *Виноград* | *Кишмиш Сиёх, Хусаини Сиёх, Галаба, Ватан, Ёкути сурх, Президент, Неъмат, Сатени сиёх, Дили кафтар, Миёна, Д 19-5-2, Д-19-8-5, Д-28-2-2, Д-36-5-5* |

Институт биобезопасности и биотехнологии развивал свои научные достижения в соответствии с соглашениями с животноводческими хозяйствами страны. В настоящее время в ветеринарной практике используются 4 вида вакцин и 1 вид химиотерапевтических препаратов, произведенные в институте, которые показали хорошие результаты. Еще один инновационный подход к развитию сельского хозяйства в этой программе - «Разработка предложений по масштабной коммерциализации приоритетных экологически чистых и ресурсосберегающих технологий».

Ученые института садоводства и овощеводства разрабатывали. новыетехнология сушки винограда по методикам; солнечные, под полиэтиленовую пленку и тент (китайский метод).

Еще одним инновационным направлением развития сельского хозяйства является «Программа развития шелководства и коконопереработки в Республике Таджикистан на 2012-2020 годы», от 30.08.2011, №409 [6].

Ученые Республиканского научного центра селекции тутового шелкопряда для обеспечения кормов тутового шелкопряда подготовлены и переданы в хозяйства шелкопряда страны семена шелковицы гибридов «Согдийский-1» и «Согдийский-2», а также о соблюдении агротехника, выращивание тутовых деревьев и защита их листьев от вредителей [6].

В рамках «Программы развития семеноводческой отрасли в Республике Таджикистан на 2016-2020 годы», от 20.10.2016 г., №438 [7] усилена материально-техническая база научных учреждений и специализированных семеноводческих хозяйств.

В рамках данной программы учеными научных учреждений создано 6 видов культур, в том числе пшеница «Анвари», «Академия-2016», ячмень «Нодир», тритикале «Зарафшон», чечевица «Файзи Гиссар» и средневолокнистая хлопок «ВД-75» решением Государственной комиссии по испытанию сортов сельскохозяйственных культур и защите сортов Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан.

В лаборатории биотехнологии растений картофель выращивали из апикальных меристем, черенков и семян растений in vitro, разработали и адаптировали для посадки более 150 клубней в третьем цехе Лахшской базы. Оттуда было взято определенное количество минисредств.

На начальном этапе производства семян, только в 2020 году научными учреждениями и их подразделениями произведено 1300 тонн высококачественных сертифицированных семян зерна и 1200 тонн семян картофеля, которые были выставлены на продажу дехканским хозяйствам страны.

Другой вопрос, который должен был быть рассмотрен в рамках этой программы, - «Переподготовка персонала, связанная со специализацией в области селекции и производства семян, испытаний сортов, карантина растений и контроля семян в стране и за рубежом».

В данной направлении, в республике защищены 1 докторская и 1 кандидатская диссертации по селекции и семеноводству сельскохозяйственных культур и готовы к защите 2 кандидатские диссертации. 1 аспирант и 1 кандидат ведут научно-исследовательскую работу.

Согласно «Программе развития садоводства и виноградарства в Республике Таджикистан на 2016-2020 годы», от 30.12.2015, №793, необходимо создать 17,5 тыс. га новых садов и виноградников на холмистых землях, обеспеченных естественным увлажнением [8].

По статистике, площадь садов по всем видам хозяйств составляет 160,5 тысячи. га и виноградников 38,6 тыс. га.

По оперативным данным Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан о реализации данной программы по всем формам ведения сельского хозяйства в 2016 году - 4731 га, в 2017 году - 3702,1 га, в 2018 году - 2493 га, в 2019 году - 3035,2 га и на 01.11.2020 г. - всего 3309,4 га - создано 17270,7 га садов и виноградников, что составляет 98,3% от плана реализации данной программы.

С помощью ученых в подведомственных учреждениях института на базе старых садов создано 52,9 га садов, из них в филиале института в Согдийской области - 25,4 га (абрикосы - 8,28 га, персики - 10,86 га, вишня - 3,2 га,яблоки - 2,2 га и миндаль - 0,84 га), опытное хозяйство «Санбула» в Гиссаре 24,0 га (сливы - 13 га, яблоки - 3 га, финики - 6 га, груши - 1 га, персики - 1,0 га), база Ашт в г. Аштский район - 2,5 га (абрикосы - 2 га, виноград - 0,50 га) и Исфаринская база в Исфаре - 1 га (абрикосы - 1 га).

В подведомственных учреждениях института имеются питомники на площади 3,8 га, по состоянию на 01.11.2020 количество саженцев плодовых деревьев и виноградных лоз составляет 39750 кустов, из них к продаже готовы 23 040 кустов, из них 3,0 тыс. лозы готовы к продаже.

Ученые института занимаются агротехническими работами - обрезкой, обрезкой, мерами против болезней и вредителей, а также восстановлением садов.

В целях увеличения количества местных сортов было посажено более 5000 клонов клонов винограда «Кишмиш Сиёх», «Хусаини Сиёх» и «Галаба» кооператива Баракат в Душанбе. Гиссар и дехканское хозяйство «Ватан-2008».

В соответствии с Программой инновационного развития Республики Таджикистан на 2011-2020 годы, утвержденной Правительством Республики Таджикистан 30.04.2011, №227 проделана значительная работа (табл. 2).

Таблица 2

*Проведение исследований в НИИ ТАСХН «Программе развития инноваций Республики Таджикистан на 2011-2020 годы*

| *№* | *Название проекта* | *Разработчик проекта* | *Результат и экономический эффект* |
|---|---|---|---|
| *1.* | *Изобретение новых видов тонковолокнистого и средневолокнистого хлопка с гуляшем (с клейстогамией).* | *Институт земледелие* | *На основе исследований по созданию новых сортов хлопкоочистительного хлопка «Авесто» и «20 лет Независимости» на опытном участке филиала Института сельского хозяйства в Согдийской области Бободжон Гафуровского района в районе г. 1 га, закрыта селекционная работа по созданию новых сортов гуляша среднего хлопка и ведется работа.* |
| *2.* | *Селекция пшеницы с устойчивостью к желтой и черной ржавчине* | *Институт земледелие* | *В результате селекционно-изыскательских работ по созданию зерновых сортов мягкой пшеницы сортов «Ормон», «Алекс, Лалмикор-1», «Фарходи-60», «ИЗ-80», «Файзбахш», «Шокири» и вкрутую «Ка». «Создана и районирована Государственной Комиссией. Эти сорта устойчивы к желтой и черной ржавчине. Результаты анализа в 2020 году показали, что сорта пшеницы «Лалмикор-1», «Ормон», «Алекс» и «Фарходи-60» заражены желтой ржавчиной с высокой устойчивостью от 10 до 15%.* |
| *3* | *Разработка и внедрение технологии создания интенсивных садов яблок, груш и вишен с использованием семенных коробочек, и коротких стеблей.* | *Институт садоводства ТАСХН* | *За счет саженцев, выращенных методом промежуточной прививки, в Опытном хозяйстве «Санбула» в Гиссаре создан 1 га сада.*<br>*На опытном участке «Навбахор» Рудакинского района и Файзабадской опытной станции для размножения выращивают проростки плодовых деревьев (с целью получения саженцев низкоплодных деревьев для интенсивных садов).*<br>*Кроме того, по имеющимся материалам на опытном участке «Навбахор» Рудакинского района и опытной станции Файзабад налажено выращивание рассады яблони, сливы и абрикоса, и увеличено путем дифференциации, обрезки и прививки.*<br>*Сотрудники отдела отделили эти побеги от боковых, боковых и центральных ветвей и посадили их отдельно для создания материнского сада.*<br>*В опытном хозяйстве «Санбула» г. Гиссар из среднеинтенсивных сеянцев высажено 7 сортов яблок: «Стар Кримсон», «Голден Делишес», «Джонатан», с условными названиями «Эмомали-1», «Эмомали-2», «Хурсанди» и «Зардсеб »площадью 4х4 метра на площади 3 га.* |
| *4* | *Разработка технологии выращивания* | *Институти садоводства и* | *В лаборатории биотехнологии растений выращивание картофеля из апикальных меристем и ботанических семян осуществляется методом in vitro. За отчетный* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | *здорового семенного картофеля новыми биотехнологическими методами.* | *овощеводства ТАСХН* | *период в лаборатории было выращено 275 микродоземов и более 145 микроскопических растений, которые были посажены в третьем цехе Лахшской опытной станции для адаптации, а в отчетном году собрано 20 кг микродоземов.* *При этом за счет посева мини-тысячелетия 2019 года собрано более 130 кг суперэлитных семян сортов картофеля «Красно-алый» и «Жуковский ранний».* |
| 5 | *Технология производства вакцин из защитных антигенов для профилактики бруцеллеза* | *Институт ветеринарии* | *На базе лаборатории биотехнологии ветеринарных материалов вакцина была произведена из защитного антигена, а в 2 хозяйствах Шахринавского района использовано 50 голов крупного рогатого скота и 37 голов мелкого рогатого скота. Вакцинация была проведена также 42 головам скота Файзабадского района дехканского хозяйства «Дошманди».* |
| 6 | *Использование популяций местных микроорганизмов в производстве биологических материалов.* | *Институт биобезопасности* | *а этот период с использованием местных микроорганизмов было произведено 16 000 доз вакцины против плевропневмонии коз, 94 600 доз вакцины от пастереллеза и сальмонеллеза, 5000 доз вакцины от клостридиоза и 18 000 доз вакцины против сенуроза.* |

Согласно этой программе на опытном участке Бободжон-Гафуровского района на площади 1 га в семенных питомниках высажены новые сорта хлопчатника Авесто и «20-летие Истиклолият».

Созданы и районированы сорта зерновых: мягкая пшеница «Ормон», «Алекс», «Лалмикор-1», «Фарходи-60», «ИЗ-80», «Файзбахш», «Шокири» и твердый «Кахрабо». Эти сорта устойчивы к желтой и черной ржавчине. Результаты анализа показали, что пшеница «Лалмикор-1», «Ормон», «Алекс» и «Фарходи-60» устойчивы к желтой ржавчине.

За счет саженцев, выращенных методом промежуточной прививки, в опытном хозяйстве «Санбула» в Гиссаре создан 1 га сада.

На опытном участке «Навбахор» Рудакинского района и Файзабадской опытной станции для размножения выращивают проростки плодовых деревьев (с целью получения саженцев низкоплодных деревьев для интенсивных садов).

Кроме того, по имеющимся материалам на опытном участке «Навбахор» Рудакинского района и опытной станции Файзабад налажено выращивание рассады яблони, сливы и абрикоса, и увеличено путем дифференциации, обрезки и прививки.

В опытном хозяйстве «Санбула» г. Гиссар из среднеинтенсивных сеянцев высажено 7 сортов яблок: «Стар Кримсон», «Голден Делишес», «Джонатан», с условными названиями «Эмоми-1», «Эмоми- 2», «Хурсанди» и «Зардсеб» на площади 3 га.

В лаборатории биотехнологии растений выращивание картофеля из апикальных меристем и ботанических семян осуществляется методом in vitro. За отчетный период в лаборатории было выращено 275 микродоземов и более 145 микроскопических растений, которые были посажены в третьем цехе Лахшской опытной станции для адаптации, а в отчетном году собрано 20 кг микродоземов.

На базе лаборатории биотехнологии ветеринарных материалов вакцина из защитного антигена изготовлена и использована в 2 хозяйствах Шахринавского района 50 голов КРС и 37 голов мелкого рогатого скота. Вакцина также доступна в Файзабаде, вакцинировано 42 голов крупного рогатого скота.

За этот период с использованием местных микроорганизмов было произведено 16 000 доз вакцины против плевропневмонии коз, 94 600 доз вакцины от пастереллеза и сальмонеллеза, 5000 доз вакцины от клостридиоза и 18 000 доз вакцины против сенуроза.

Таким образом, анализ текущего состояния реализации государственных программ инновационного развития сельского хозяйства позволил резюмировать его следующим образом:

1. Несмотря на то, что эти программы финансируются не полностью, ученые в этой области смогли добиться некоторые результаты в этих условиях.

2. Срок реализации «Программы инновационного развития Республики Таджикистан на 2011-2020 годы» истек, но его необходимо продлить, так как не все цели были достигнуты.

3. Следует иметь в виду, что ни одна программа не может быть реализована полностью, если для нее нет достаточного финансирования. К сожалению, в разработанных программах инновационного развития Таджикистана его источники финансирования не соответствуют системе его деятельности и, следовательно, они не полностью реализованы.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Стратегия инновационного развития Республики Таджикистан на период до 2020 года. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 мая 2015 года, №354.
2. Закон Республики Таджикистан «Об охране сортов растений» (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2010 год, №12, ч-1, ст. 831).
3. Программа реформы сельского хозяйства Республики Таджикистан на 2012-2020, от 1-августи с. 2012, №383.
4. Нечаев В.И. Организационно-экономические основы сортосмены при производстве зерна. – М.: АгриПресс, 2000.
5. Нечаев В.И., Бершинцкий К.И. Основные факторы науно-технического прогресса в растениеводстве // Тр. Кабанского государственного аграрного университета. Выпуск №1. – Краснодар: Экоинвест, 2006.
6. Программа развития шелководства и переработки коконов тутового шелкопряда в Республике Таджикистан на 2012-2020 годы, от 30 августа 2011 года №409.
7. Программа развития отрасли семеноводства в Республике Таджикистан на 2016-2020 годы» от 28 октября 2016 года, №438.
8. Программа развития садоводства и виноградарства в Республике Таджикистан на 2016-2020 гг., от 30.12 2015 г. №793.
9. Инновационная деятельность в сельском хозяйстве Республики Таджикистан / С.Х. Ашурзода, Д.Р. Фархудинов, А. Шарифи, М.Б. Холназаров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – Т. 2. – №1-4(57). – С. 79-85.
10. Управление рынком банковских услуг в условиях переходной экономики / Д.Н. Рахимов, Я. Ван, С.Х. Ашурзода [и др.] // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – Т. 2. – №1-4(57). – С. 118-125.
11. Оценивание качества жизни жителей сельской местности / С.Д. Кабиров, К.К. Баходурова, И.Х. Гулов, Б.Т. Тохирджонов, С.Х. Ашурзодда // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – Т. 2. – №1-4(57). – С. 169-175.
12. Ашурзода, С.Х. Организация малых форм предприятий в научно-технической сфере сельского хозяйства / С.Х. Ашурзода // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – №1-2(74). – С. 187-191.


## ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ ОИД БА РУШДИ ФАНОВАРӢ ДАР ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ


Дар ин мақола қайд шудааст, ки оид ба рушди фановарӣ дар хоҷагии қишлоқи мамлакат қадамҳои устувор гузошта шуда, як қатор корҳои мушаххас ба анҷом расонида шудааст. Чунончи, олимони муассисаи илмии АИКТ дар хусуси натиҷаҳои мусбати таҳқиқоти хеш аз ҷониби ташхиси давлатӣ соҳиби 9 патент, 6 шаҳодатномаи муаллифӣ гардиданд. Олимони АИКТ 6 намуди зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла гандуми мулоим, тритикале, наск, пахта ва 21 намудани зироатҳои гуногун, 4 намуди ангур, 2 намуди боимҷон ва ғайраро ихтироъ намуда, аз тарафи Комиссияи давлатии ташхиси навъҳои экспериментал баҳои мусбат гирифтанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили вазъи кунунии амалисозии барномаи давлатии рушди фановарии хоҷагии қишлоқ нишон медиҳад, ки ҳарчанд ин барнома ба таври кофӣ маблағгузорӣ нашавад ҳама, мақсадҳои пешгузошташуда ба таври кофӣ амалӣ гардида истодаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** барномаи давлатӣ, рушди фановарӣ, зироатҳои кишоварзӣ, мақолаҳои илмӣ, юнучқа, гандум, шолӣ, нахуд, наск, офтобпараст.



**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ:** Ашӯрзода Сухроб Хуршедович, докторанти PhD-и кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 918-61-00-44; e-mail: s.ashurzoda@mail.ru


## РЕАЛИЗАЦИИ ГОСПРОГРАММЫ ПО РАЗВИТИЮ ИННОВАЦИЙ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ


В этой статье отмечается, что в последние годы проделаны ряд конкретных шагов по развитию сельскохозяйственных инноваций в стране. В том числе учеными научных учреждений ТАСХН получены 9 патентов, 6 авторских свидетельств о положительных результатах научных исследований. Учеными ТАСХН создано 6 видов сельскохозяйственных культур, в том числе мягкая пшеница, тритикале, чечевица, хлопок и 21 вид различных культурных сортов, 2 вида баклажанов, 4 сорта винограда, которые получили положительную оценку со стороны Государственной комиссии по экспериментальным сортам сельскохозяйственных культур.

Таким образом, анализ текущего состояния реализации государственных программ инновационного развития сельского хозяйства позволили заключить, что несмотря на недостаточное финансирование, определённым образом были реализованы намеченные цели.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** государственная программа, развитие инновации, сельскохозяйственные культуры, научные статьи, моцерка, пшеница, рис, нут, чечевица, подсолнечник.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** Ашурзода Сухроб Хуршедович, докторант PhD кафедры теории экономики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 918-61-00-44; e-mail: s.ashurzoda@mail.ru

## IMPLEMENTATION OF THE STATE PROGRAM FOR THE DEVELOPMENT OF INNOVATIONS IN AGRICULTURE


This article notes that in recent years, a number of concrete steps have been taken to develop agricultural innovation in the country. Including scientists of scientific institutions of TAAS received 9 patents, 6 copyright certificates on positive results of scientific research. Scientists of TAAS created 6 types of agricultural crops, including soft wheat, triticale, lentils, cotton and 21 types of various cultivars, 2 types of eggplant, 4 varieties of grapes, which received a positive assessment from the State Commission on Experimental Crop Varieties.

Thus, the analysis of the current state of implementation of state programs for the innovative development of agriculture made it possible to conclude that, despite insufficient funding, the intended goals were achieved in a certain way.



**KEY WORDS:** government program, development of innovation, crops, scientific articles, mozerka, wheat, rice, chickpeas, lentils, sunflower.



**INFORMATION ABOUT THE AUTHOR:** Ashurzoda Suhrob Khurshedovich, PhD candidate of the department of theory of economics of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 918-61-00-44; e-mail: s.ashurzoda@mail.ru

## БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳисоб меравад.

Маҷалла тибқи «Қонун дар бораи матбуот ва воситаҳои ахбори умум» интишор мегардад.

Дар силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодии маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии профессорону омӯзгорони донишгоҳ ва уламои ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои илм шомиланд, бо фармони ректори донишгоҳ тасдиқ карда шудааст.

Маҷалла мақолаҳои илмию назариявӣ ва методиро бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар бар гирифта, соле 4 маротиба нашр мешавад. Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра қабул менамояд.

Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ирсол карда мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.

Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, график ва матни аннотатсия (0,5 саҳ.) набояд аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд бошад.

Мақолаҳо бояд дар компютер тибқи барномаи Microsoft Word бо шрифти Times New Roman 14, андозаи А4 ҳуруфчинӣ ва дар дискета сабт карда шаванд.

Фосилаи байни сатрҳо 1 см, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 2 см, аз боло 3 см ва поёни саҳифа 2,5 см-ро ташкил намуда, матни мақола аз тарафи рост саҳифабандӣ карда шавад.

Дар саҳифаи аввал номи мақола, дар сатри дуюм ному насаби муаллиф ва муассисаи корӣ навишта мешавад.

Дар дохили матн адабиёти иқтибосшуда тибқи муқаррарот нишон дода мешавад, масалан [4, с. 18]. Дар поёни матн рӯйхати адабиёти истифодашуда оварда мешавад. Пас аз рӯйхати адабиёт мазмуни мухтасари мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, ҳамчунин калидвожаҳо ба ин забонҳо (то 10 калима) илова мегардад.

Мақолаҳои илмие, ки ба идораи маҷалла ирсол мешаванд, бояд варақаи экспертӣ ва тақризи мутахассисони соҳаро дошта бошанд.

Дар охири мақола ному насаб, ҷои кор, дараҷаву унвони илмӣ, суроға, рақами телефон, e-mail ва имзои муаллиф ҷой дода мешавад.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисору ислоҳ намояд ва ё мустақилона барои тақризи иловагӣ фиристонад.

Мақолаҳое, ки сатҳи илмии онҳо ҷавобгӯи талабот нест, ба нашр расонида намешаванд.

Дастхати мақолаҳо баргардонида намешаванд.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В серии гуманитарных и экономических наук научного журнала «Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по гуманитарным и экономическим наукам.

При отправлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Объем статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее-3 см, нижнее-2,5 см, левое-3 см, правое-2 см), все страницы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Далее через строку следует основной текст.

Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте в квадратных скобках, например, [1, с. 23]. Список литературы приводится общим списком после основного текста (под заголовком «литература») в порядке упоминания в тексте.

К статье прилагается резюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в конце статьи после списка использованной литературы. В конце резюме приводятся ключевые слова (до 10 слов) на таджикском, русском и английском языках.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение и отзыв специалистов о возможности опубликования.

В конце статьи приводятся сведения об авторе (авторах) с указанием ученой степени, ученого звания, должность, название организации, адрес, телефон, e-mail.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим требованиям, редколлегией не принимаются.

Рукописи не возвращаются.

## МУНДАРИҶА


*ФИЛОЛОГИЯ* *ФИЛОЛОГИЯ*

**Тағоймуродов Р.Ҳ., Маҳмадалиева М.Р.**
БОБО АФЗАЛИ КОШОНӢ ВА ВАЗЪИ ИЛМИЮ АДАБИИ ЗАМОНУ ЗОДГОҲИ Ӯ....................................5

**Маҳкамова Д.Ю.**
БОЗТОБИ МУШКИЛОТИ ОБ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ СИЁСИИ
ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН........................................................................................10

**Похаленков О.Е.**
ОСОБЕННОСТИ ПОЭТИКИ ЭМИГРАНТСКИХ РОМАНОВ
ЭРИХА МАРИИ РЕМАРКА *(на примере романа «Возлюби ближнего своего»)* ...........................................15

**Аҳмадов С.Г.**
ВИЖАГИҲОИ ТАСВИРОТИ ШОИРОНА ДАР ШЕЪРИ ҒАФФОР МИРЗО................................................19

**Нозимова С.**
ТАШАККУЛИ РОМАНҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ
*(дар мисоли романи «Куруши Кабир»-и Б. Абдураҳмон)*………...………………………………………..22

**Ризобоева Н.М.**
ТАСВИРҲОИ ПАРАДОКСӢ ДАР ТАРҶУМАҲОИ ФАРЗОНА ...……………………………………..……26

**Қӯрғонов З.Д.**
АНДЕШАҲО ОИД БА ВАЗИФАҲОИ ПАЙВАНДАКИ «ВА» ДАР «ГУЛИСТОН»-И САЪДӢ……….......29

**Мамаджанова Х.К.**
ХАРАКТЕРИСТИКА ФУНКЦИЙ СИНОНИМОВ В ЯЗЫКЕ........................................................................32

**Толибов И.М., Назриев М.Ш.**
ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ФЕЪЛҲОИ СОДА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ....................36

**Раҳмонова Д.И.**
МУАЙЯНКУНАНДАИ ИЗОФӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ *(дар асоси маводи осори тарҷумавии устод С. Айнӣ)* ..........................................................................................................38

**Нурова М.Б., Рахмонова Н.Ш.**
ГРАММАТИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА НОМИНАТИВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ ТАДЖИКСКОГО
ЯЗЫКА И ИХ ВАРИАНТЫ В РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ....................................................42

*ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ* *ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ*

**Қурбонов Ф.Х., Абдураҳимзода Қ.С.**
МАСЪАЛАҲОИ ПЕДАГОГИЮ ИҶТИМОӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ.........48

**Ишматова Ш.А.**
ФОРМИРОВАНИЕ НАВЫКОВ И УМЕНИЙ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ УЧЕБНОЙ
ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ КАК ФАКТОР ЛИЧНОСТНОГО РАЗВИТИЯ
БУДУЩЕГО СПЕЦИАЛИСТА………………………………………………………………………………51

**Гулаев И.Х., Гулаев Б.И.**
ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ ДУХОВНОГО ВОСПИТАНИЯ СТУДЕНТОВ
В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ.......................................................................................................... 54

**Қурбонов Ф.А., Нуралиев М.И.**
АКМЕОЛОГИЯИ ОМӮЗГОРӢ ДАР ТАКМИЛИ МУТТАСИЛИ КАСБИ ОМӮЗГОРӢ...............................58

**Сафаров Ш.М.**
ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ПЕДАГОГИИ ТАЙЁР КАРДАНИ ОМӮЗГОРОН............................................61

**Тӯрахонова С.Ҷ., Пирова Ҷ.Ф.**
ИНКИШОФИ КӮДАК ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА........................................................65

**Шарифзода Ш.М.**
БА ВУҶУД ОМАДАНИ ҒОЯҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС........................................................69

**Пайшанбиева Х.**
НАҚШИ КАЛИДИИ КОРИ ГУРУҲӢ ДАР ТАЪЛИМ........................................................73

**Абдухалилова Н.Р.**
ТАКМИЛИ СИФАТҲОИ ШАХСӢ ВА КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ........................................................76

**Гулов Р.Б.**
РОҲҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ МАҲОРАТ, ҚОБИЛИЯТ, САНЪАТ ВА СИФАТҲОИ МУҲИММИ КАСБИ ПЕДАГОГӢ........................................................79

**Раҷабов В.Д.**
РУШДИ ШАКЛҲО ЧУН ШАРТҲОИ ҲАМКОРИҲОИ КОЛЛЕКТИВӢ-ПЕДАГОГӢ БО ВОЛИДАЙНИ ТАРБИЯГИРАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ......................84

*НАЗАРИЯ ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ* *ТЕОРИЯ И МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ*

**Бобизода Ғ.М., Исмоилова М.**
НАҚШ ВА МАҚОМИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ОЗМОИШӢ – ТАҶРИБАВИИ КИМИЁВӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ – МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН...................................88

**Азимов Р., Холназаров С., Латифов З.**
ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ХИМИЯВӢ........................................................93

**Исломов О.А., Ҳошимов А.А.**
МОҲИЯТ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ЭЛЕКТРОТЕХНИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТЕХНИКӢ……………………………………………………98

**Файзализода Б.Ф.**
ОСНОВНЫЕ ЭТАПЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ..............100

**Алиева Г.С.**
ДИДАКТИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ПОВЫШЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА........................................................104

**Ҳасанов Ш.Р., Изатуллоева Х.И.**
ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТҲОИ МУСТАҚИЛОНА – ОМИЛИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ДОНИШҶӮЁН........................................................108

**Филатова Е.А.**
ПРОЕКТИРОВАНИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ПРОЦЕССА ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ В УСЛОВИЯХ АУДИТОРНОГО БИЛИНГВИЗМА (*на примере традиционных и интерактивных методов обучения фонетике в ВУЗах)* ........................................................111

**Бабанова А.Т., Ашекенова А.А., Ермухамбетова Ф.А.**
МЕТОДИЧЕСКАЯ СИСТЕМА ОБУЧЕНИЯ ЭЛЕМЕНТАМ МАТЕМАТИЧЕСКОГО АНАЛИЗА В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛАХ И ПЕДВУЗАХ..................................................114

**Шарипов С.И., Ваххобов А.Э.**
РУШДИ СОҲАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ............116

**Аҳмадиён Ш.Р., Мардонзода Қ.М., Гулов Р.А., Холиқов С.У.**
ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ БЕҲДОШТИИ АҲОЛӢ........................................................119

**Қодирзода Р.С.**
ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР СИНФИ 5
ВА ТАРЗҲОИ ТАШАККУЛДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ............................124

**Абдуллоев С.Р.**
НАҚШИ ФАННИ «ФИЗИКА» ДАР РАВАНДИ НОИЛШАВӢ БА НАТИҶАҲОИ МЕТАФАННӢ...........132

**Абдуллоев И.К.**
НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ
ХОНАНДА ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО..........................................................................................136

**Мусавирова Р.Ш.**
НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ОМӮЗИШИ БУЗУРГИҲОИ
МАТЕМАТИКӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ..................................................................................141

**Лутфияи Ҷӯрахон**
КОРИ МУСТАҚИЛОНА–ҲАМЧУН ШАРТИ САМАРАБАХШИ АЗХУДКУНИИ
ДОНИШҲОИ НАВ...........................................................................................................................143

**Ҳафизов Ҳ.С.**
МУШКИЛОТИ ОМОДАСОЗИИ ВАРЗИШГАРОН-БАСКЕТБОЛБОЗОН
ДАР ШАРОИТИ МАКОТИБИ ОЛӢ....................................................................................................146

**Раҳмонов Ҳ.Ш., Ҷалилова М.П.**
НАҚШИ ЭКСКУРСИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИ ТАБИАТДӮСТИИ
МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ V-IX.............................................................................149

**Шарофиддини Ю., Сатторов А.Э.**
РОҲҲОИ БАЛАНДБАРДОРИИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИ МАТЕМАТИКИИ
ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ................................................................................................153

**Ализода Н.У.**
РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН
ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ГЕОГРАФИЯ..........................................................................................157

**Нурматова Ғ.Р.**
ОМӮХТАНИ МЕТОДҲОИ МАЪРИФАТИ ИЛМӢ – ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ
ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ФИЗИКА....................................................................160

*ИҚТИСОДИЁТ* *ЭКОНОМИКА*

**Садриддинов Н. Т., Раҳимов Ш. Ҳ., Садриддинова М. Н.**
БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, РУШДИ КЛАСТЕРҲОИ МИНТАҚАВӢ
ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО ДАР ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТ..........................................................................165

**Зубайдов С.**
РОЛЬ МАЛОГО ПРЕПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ПОВЫШЕНИЯ РЕСУРСНОГО
ПОТЕНЦИАЛА ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО РЫНКА...................................................................................174

**Маъмуров А.М.**
ДУРНАМО ВА САМТҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ
БО МАҚСАДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ АНДОЗИИ МИНТАҚА...............................................................178

**Ҳакимова М.С.**
СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ
САНОАТКУНОНИИ МАМЛАКАТ......................................................................................................186

**Истамова С.А.**
ТАҲҚИҚИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ КЛАСТЕРИ САНОАТӢ
ВА АЛОМАТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ОН...........................................................................................192

**Гулов И.Ҳ.**
МОҲИЯТИ ИЛМИИ СИЁСАТИ ИҶТИМОИЮ МЕҲНАТӢ.........................................................................195

**Ашӯров Н.А.**
САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ
НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКИИ МИНТАҚА...........................................................................................200

**Нозимов О.Қ.**
РУШДИ СОҲАИ ЗАНБӮРПАРВАРИИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
*(дар мисоли минтақаи Кӯлоб)* ..........................................................................................................208

**Ашурзода С.Х.**
РЕАЛИЗАЦИИ ГОСПРОГРАММЫ ПО РАЗВИТИЮ ИННОВАЦИЙ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ......211

БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН.............................................................................................................219

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ.......................................................................................................................219

*МУАССИСИ МАҶАЛЛА:*

МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Суроға: 735140, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, бинои асосии донишгоҳ.

*НОШИР:*

Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи МДТ «Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Суроға: 735140, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, бинои асосии донишгоҳ, ошёнаи дуюм.

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» тарҳрезии компютерӣ ва саҳифабандӣ шуда, дар ҶДММ «Матбаа», бо суроғаи ш. Бохтар, кӯчаи Осимӣ, 22, нашр мегардад.

Ба чоп 30.06.2021 таҳвил шуд. Чопи офсетӣ.

Андозаи 60х84/16. Ҷузъи чопӣ 21,5

Индекс 77737. Адади нашр 500 нусха.

Журнал отпечатан в ООО «Матбаа», г. Бохтар.
Индекс 77737. Тираж 500 экз.

The magazine was printed in LLC «Matbaa», Bokhtar.
Index 77737. Circulation 500 copies.